ХУДОЙНАЗАР АСОЗОДА

Ба рӯҳи пеки қиблагоҳам Асо Содиқ ва модарам Иқлимоҳи Тоҷирова мебахшам.

ДОСТОНИ ЗИНДАГӢ

(Ҷилди 1)

Душанбе – 2006

ББК 84 точик 7-4
А-83

187180 Точик 2

Х. Асозода. ***Достони зиндагӣ.*** Душанбе, Деваштич, 2006, 460 сах.

Мухаррир: И.Раҳимӣ

Доктори илмҳои филология, профессор Х. Асозода дар ҷилди якуми китоби хотироти худ ҳаёти тифливу наврасӣ, солҳои донишҷӯӣ,аввалин қадамҳои дар ҷодаи илму маориф гузоштаи хешро бо забони шево ба риштаи тасвир кашидааст. Мутолиаи китоб барои доираи васеи хонандагон, алалхусус барои онҳое, ки омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти чеҳраҳои шинохтаи фарҳангиро пешаи худ қарор доданд, судманд хоҳад буд.

ISBN 99947-36-18-3

© Х. Асозода, 2006

МУҚАДДИМА

Ба таваҷҷуҳи хонандаи гиромӣ расониданиам, ки банда синни шастро паси сар кардам. Акнун метавонам вокеоти дар ин умри шастсола аз сар гузаронидаамро муфассал рӯи коғаз оварам. Бисёр метарсидам, ки то шаст намерасам. Аммо Худои муттаол лутф намуду маро ба ин син расонд, то ки ба миллатам хидмати бештаре анҷом дода бошам. Камина ду китоб аз рӯзгори дар хорича гузаронидаи худ рӯйи чоп овардам.

Онҳо ҳаводису саргузашти маро дар солҳои 1971-1973 ва 1978-1981 фаро гирифтаанд, ки дар кишвари Афғонистон сипарӣ шудаанд. Гузашта аз ин, саҳифаҳое аз рӯзгорам дар пастуфтори китоби «Чеҳраҳои фарҳангӣ» (1996) ва рисолаҳои «Зиёрати Каъбатуллоҳ» (1998), «Ёде аз дӯсти ҷавонмардам» (2002) дарҷ ёфтаанд. Вале кайҳо мехостам, ки аз айёми кӯдакиву наврасӣ ва солҳои ҷавониам бинависам. Ба ин восита андаке худамро дар пайвастагӣ ба авлодони падариву модариам муаррифӣ кардан мехоҳам. Барои амалӣ сохтани чунин ният ба мисли китобҳои дигар дафтарҳои хотира надорам. Манбаи асосии ман хотироту ёддоштҳо ва дидаву шунидаҳоям мебошанд. Шояд сарнавишти банда барои ҳар хонандае ҷолибу дилчасп набошад. Чунин ҳам шуданаш мумкин аст. Аслан, ман бо навиштани китобҳои ёддоштиам дарди сари хонандаву донишҷӯ ва зиёне шудан нестам, балки мақсад аз ин гуна навиштаҳо он аст, ки хешу ақрабо, бародарон, фарзандон ва баъдомадагони авлодам маро аз рӯйи қалами худам шиносанд ва аз ин роҳ дар фаъолияти хеш ҳар кадом масъулият эҳсос намояд. Бо ин таъкид гуфтанӣ нестам, ки онҳо бо номи банда ифтихор кунанд ва онро дастак намоянд, зеро гирди номи авлоду падар гаштану ифтихор кардан кори шоиста нест. Аммо номбардори падар шудан бадӣ надорад. Ман ҳамеша ба хотири зинда гардондани номи қиблагоҳ заҳмат кашидам. Ин заҳмат на ба воситаи дар бораи падар мақолаву рисолаҳои ташвиқиву тарғибӣ навиштан, балки ба воситаи

номвар гардиданам чун «писари Асо Содиқ» амалӣ шудааст
Яъне онҳое, ки бо падарам солҳо ҳамкорӣ доштанд, мегӯянд
«фалонӣ фарзанди Асо Содиқ аст». Чунин сухан дар айни
замон эътирофест аз падар. Эътирофест, ки бештар б
бегонагон тааллуқ мегирад, маънии рамзиву зоҳирӣ дорад
Барои фарзандону наберагону аберагон аз падару бобои хеш
шиноҳти дигаре пеш меояд. Яъне, касро ба воситаи кито
шиноҳтан як шиноҳт аст, вале вақте ки аз ин авлод шахс
ӯро ҳамчун саробони хонавода ва қавм муаррифӣ менамояд
шиноҳти дигаре пеш меояд, ки ба чунин шиноҳт бешта
авлодон эҳтиёҷманд мебошанд. Дар ин ҷода «Ёддоштҳо»
и устод Айнӣ, «Субҳи ҷавонии мо»-и С.Улуғзода, «Устод
ман, мактаби ман, худи ман»-и Ҷ.Икромӣ ва даҳҳо асарҳо
тарҷумаиҳолиро номбар карда метавонем, ки муаллифо
аз падару модарон ва авлоду қабилаи хеш сӯҳбат ба миё
овардаанд. Китобҳои ёддоштӣ дар баробари замина
тарҷумаиҳолӣ касб намудан, ҷанбаҳои ҷуғрофиёӣ, иктисод
таърихӣ ва фарҳангиву тарбиявӣ пайдо менамоянд. Аз и
рӯ, ин навъи осор муҳити як давраи муайяни зиндаги
инсонҳоро дар бар мегиранд. Воқеан, вақте ки як чеҳра
фарҳангӣ сарнавишти хешро рӯйи коғаз меорад, баро
наслҳои баъдӣ фоидаи маънавӣ мебахшад ва дониш
инсоншиносиашонро боло мебардорад. Мутаассифона, бисё
шахсиятҳо аз пайи навиштани саҳифаҳои рӯзгори хе
намешаванд ва ин амалро як навъ фаъолияти дуюмдараҷ
меҳисобанд. Ҳол он ки чеҳраҳои фарҳангиро маҳз б
воситаи ҳамин навъ навиштаҳояшон хубтар мешиносанд

Хотироту ёддоштнависӣ дар фаъолияти эҷодии ҳа
равшанфикру зиёӣ ҷойи алоҳидаеро бояд ишғол намояд
Аз ин ҷост, ки банда хаёлотамро дар шастсолагӣ сӯйи солҳо
кӯдакиву наврасӣ ва ҷавониву донишҷӯӣ, солҳои омӯзгорӣ
дар ҷодаи илми адабиётшиносӣ қарор гирифтан равон
намуда, ба қадре, ки аз ӯҳдааш баромадам, ба қалам додам
Хоҳу нохоҳ рӯзе умри инсон ба поён мерасад. Ин ҳола
гӯё инсон қадр пайдо мекунаду ӯро аз наздик шиноҳтанӣ
мешаванд. Албатта, дар ҷодаи шиноҳт, рӯзгори на ҳам
касон метавонад маводи ҷолиб диҳад. Аз ин рӯ, моҳият

асари ёддошт дар фаъолияти эҷодии адибону донишмандон аз повесту румон ва достонҳои калонҳаҷми эпикӣ поёнтар нахоҳад буд. Масъулияти ёддоштнависӣ аз румоннависӣ ва ё асари тадқиқотие на камтар, балки баландтар аст. Зеро асари ёддошт ҳиштоне аз сарнавишт ва рӯзгору фаъолияти насле мебошад. Дар қарни бист наслҳои С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, С. Улуғзода, М. Турсунзода, Мӯъмин Қаноат ёдоварӣ мешаванд. Ба ин наслҳо даҳҳо чеҳрахои адабиву илмиро шомил сохтан мумкин аст, ки рӯзгори онон баёнгари панҷох солу ҳафтод сол ва сад соли таърих ва фарҳанги миллати тоҷик хоҳад буд.

Банда худро ба насле тааллуқ медонам, ки солҳои ҷанги Олмону Шӯравӣ ва панҷ-шаш сол баъдтар таваллуд ёфта, фаъолияти эҷодиву илмиашон солҳои ҳафтодум сурат гирифтааст. Ҳамсолони эҷодкорам метавонанд аз рохи ҳаётии банда лаҳзаву саҳифаҳоеро бихонанд, ки айнан ҳам набошад, дар рӯзгори онон низ ба вуқӯъ пайвастааст, лекин дар қарияву шаҳри дигаре, дар шароити дигареву муҳити дигаре. Дар маҷмӯъ, дар ин ёддошт дар мавриди падару модар, бародарону наздиконам, ҳамдарсонам, муаллимонам ҳарфҳое мезанам, ки онҳоро сирф барои авлодам мебахшам. Бо эҷоди ин китоб чизе тамаъ надорам. Фақат худамро бо назари худам дидан мехоҳаму бас.

Ногуфта намонад, ки банда дар навиштани ин китоб калимаву истилоххоеро, ки солҳои шаст дар забони тоҷикӣ роиҷ буданд, монанди: университет, факултет, курс, ташкилоти партиявӣ, комсомолӣ, кафедра, колхоз, совхоз, бригада ва ғайра истифода менамоям. Зеро аз нигоҳи имрӯз калимаву таъбирҳои он солҳоро таҳрир қардан ва ё тарҷума намудан, воқеияти солҳои марбутаро таҳриф сохтан хоҳад буд. Пайваста ба ҳамин мавзӯъ, агар мутаваҷҷеҳ шавед, ман ҷое калимаи «устод»-ро истифода набурда, балки «муаллим» ва баъд аз соли 1968 истилоҳи «домулло»-ро ба кор мебарам. Чунин тарзи ифода дар он асос аст, ки солҳои 1963-1968 донишҷӯ фақат «муаллим» гӯён мурочиат менамуд. Калимаи «устод»-ро дар мавриди шахси «муаллим» касе ба забон намеовард. Ҳамчунин донишҷӯ муаллимеро «домулло»

ном намегирифт. Истилохи «домулло» миёни муаллимон
мованди Ш. Ҳусейнзода, Д. Тоҷиев, С. Табаров, В. Асрорӣ
Ҳилол Каримов дар истифода буд. Яъне, ин даста б
ҳамдигар «домулло» гӯён мурочиат мекарданд. Масалан
агар С. Табаров Ш. Ҳусейнзодаро ном гирад, «домулло
Ҳусейнзода» мегуфт. Вале Д.Тоҷиевро «Додоҷон» ном
мебурд ва Д. Тоҷиев бошад, С.Табаровро «Соҳибҷон» гуфт
мурочиат мекард. Муаллимони чавонтар ин чаҳор касро
«домулло» мегуфтанд. Хуб ба ёдам ҳаст, ки дар ҳамон солҳо
ҳеч кадом аз аввалшахсҳои факултетро «устод»
наменомиданд. Аз калимаи «устод» фақат дар мавриди
Рӯдакӣ, С. Айнӣ ва М. Турсунзода истифода мебурданд.

Вақте банда лаборанти калон шудам, Ш. Ҳусейнзода, С
Табаров, Д. Тоҷиев, Ҳилол Каримов ва В. Асрорир
«домулло» гуфта ном мегирифтам. Мурочиат дар шакли
«устод» солҳои ҳаштод маъмул гардид. Имрӯз ба ҳар я
муаллими оддӣ "устод" гӯён мурочиат мекунанд. Махсусан
донишчӯе, ки аз муаллим баҳо гирифтан мехоҳад... Дар
Эрон шахсеро «устод» меноманд, ки ба дарачаи профессорӣ
расида бошад. Ҳандаовар аст, ки имрӯз ҳар шахсе, ки
исмашро беғалат менависад «устод» аст. Дар миёни шоирон
ҳама якдигарро устод меноманд. Калимаи устод тамоми
табақаи ҷомеаро фаро гирифтааст. Ронандагон ҳам аз ин
истилоҳ истифода мебаранд. Ҳоло ҳам барои банда
Рӯдакиву Айнӣ ва М.Турсунзода устод ҳисоб меёбанд
Албатта, С.Табаров, Ш.Ҳусейнзода, Д.Тоҷиевро метавон
дар баробари домулло устод ҳам номид. Бидуни шубҳа
эшон ба сатҳи устодӣ расида буданд. Бо ин ҳам
мулоҳизаҳои фавқ гуфтаниам, ки калимаи мӯътабари
«устод»-ро хеле бекадр сохтаем. Шояд ба рӯзе расем, ки
дузди хурд дузди калонро «устод» номад...

Китобе, ки дар даст доред, аз чор фаслу панҷоҳу ҳашт
ҳикояти хурду калон тартиб ёфтааст. Ин ҷо бо ному
насабҳое вомехӯред, ки ҳамаашон воқеиянд. Дар ҳар фасли
китоб бандаро дар иҳотаи хешу акрабо ва ҳамдарсону
муаллимон хоҳед дид. Ҷо-ҷо ба ручӯъҳои лирикӣ ва
лаҳзаҳои ҳузнангез дучор меоед, ки ба эҳсосмандии камина

ртибот доранд. Ман кӯшиш намудаам, ки суханбозй накунам, балки фақат вокеиятро аз рӯзгори хеш ба қалам диҳам. Бинобар ин, хини мутолиаи китоб ҳарфи дурӯғиро нахоҳед дид. Он чи то августи соли 1968 мехонед, дар заминаи хотирот ба вуҷуд омадааст. Аз ҳикояти «Лаборанти калон» сар карда, банда дафтари рӯзномаамро варақгардон менамоям, ки дар асари таъсир бардоштан аз рӯзноманависии устод С.Табаров падид омадааст. Рӯзноманависй минбаъд идома меёбад, ки бахшҳое аз онро дар китобҳои «Афғонистони шоҳй» (2002), «Афғонистони инқилобй» (2003) мутолиа намудед ва давомашро дар ҷилди дуюми ин китоб хоҳед хонд, ки оғозаш ба июли соли 1981 ва баъд рост меояд. Дафтарҳои хотираҳои солҳои мавриди назар давронеанд, ки ман дар ҷодаи навиштани рисолаи докторй қарор гирифтаам. Ба ин мақсад се соли умрамро дар Маскав сипарй намудам. Сипас фаъолияти педагогиамро дар Донишгоҳи давлатй идома додам, шоҳиди рӯзу моҳҳои ҷангии миллат гаштам, мудири кафедра шудам, сарварии факултети филологияро ба уҳда доштам ва ниҳоят бар асари фишори чанд тан ҳамкорону роҳбарони нодидагири Донишгоҳи давлатй фаъолиятамро дар мактаби олии дигаре идома бахшидам. Тавре ки мебинед, ҷилди баъдй хеле сермоҷаро хоҳад шуд. Худо кунад, ки умр бевафой нанамояд ва ин қадар ҳарфҳои хонданбобу омӯзанда дар дохили дафтарҳои хотира пинҳон намонанд. Бо умеди орзуҳои нек метавонед китоби дар дастдоштаатонро варақгардон кунед. Ба ҳар хонанда тавфиқ мехоҳам...

Муаллиф

ФАСЛИ АВВАЛ

Деҳа. Овони тифливу бачагӣ

МОМАЙӢ

Нахустҳикояти банда аз боби деҳаи Момайӣ хоҳад бу, зеро решаи авлоди падариам ба ин деҳа пайванд ногусастанӣ дорад. Момайӣ 40-50 километр дуртар аз шаҳр Кӯлоб ба самти Балҷувону Ховалинг дар теппаи хокие ҷо гирифта, аз ду ҷонибаш бо чашмасорони табиӣ иҳот гардидааст. Агар шахс ба воситаи мошин аз Кӯлоб сӯй Балҷувон ё Ховалинг сафар кунад, дар ҳиссае аз шоҳро ба чинори бузурге рӯ ба рӯ меояд, ки бо номи «Чинор Киблайӣ» машҳур аст. Мусофирони аз ҳарду самт меома чанд лаҳза зераш нафас рост мекунанд ва табиат зебоманзари қаторкӯҳҳои Ёхсуро тамошо менамоянд. Ҳин тамошо назарашон байни талу теппаҳо ба хонаҳои деҳа Момайӣ бармехӯрад. Табиист, ки фақат барои касо минтақа Момайӣ будани он деҳа маълум аст, на барои ҳа раҳгузар. Рости гап, то ҳол бароям маълум нест, ки Момай ҷӣ маънии луғавие дорад. Ҳамин қадар медонам, ки и ном таърихӣ аст ва садсолаҳо вуҷуд доштааст. Дар гирд атрофи он деҳаҳои Тушангсанглох, Шағмон (ҳол Садбарғҳо), Ҳалқаёр, Буғдояк, Канаб, Бағлисой воқе гардидаанд, ки дар масофаи ду-се ва панҷ-шаш километ дуртар аз якдигар қарор доранд. Мардуми ин деҳот чи да гузашта ва чи имрӯз ғаллакору молдоранд. Агар ба собиқа Момайӣ мутаваҷҷеҳ шавем, ин деҳа бештар донишмандон косибонро дар худ ҷой додааст. То ба минтақа омадан русҳо дар Момайӣ мадраса амал мекардааст ва аз тамом гӯшаву канори он толибилмон ба таҳсил фаро гирифт мешудаанд. Баъдан баъзе аз онон барои идомаи таҳсил роҳ Бухороро пеш мегирифтаанд.

Аҷдодони падари ман замоне аз минтақаи Ёхсу, ки макон

сайидзодаҳо будаанд, ба ҷонибӣ Момайӣ кӯч баста, даҳҳо гектар заминҳои корамро аз бойҳои ӯзбек харидорӣ намуда, деҳаи номбурдаро макони доимии хеш қарор додаанд. Чун аҳли ин авлод аз сайидон будаанд, ба зудӣ миёни мардуми таҳҷоӣ обрӯву манзалат пайдо карда, кадршиносӣ мешудаанд. Азбаски сайидон фақат бо косибиву ғаллакорӣ ва меҳнати ҳалоли худ рӯз мегузаронидаанд, деҳқононро дар атрофи хеш ҷамъ оварда, соҳаи ғаллакориву чорводориро инкишоф доданд. Ин авлод тарафи дар минтақа нуфуз пайдо карда, заминкушоиишонро васеъ намуда, то сарҳади рӯди Ёхсу, ки аз рӯ ба рӯи деҳаи Хонобод мегузарад, расониданд. Дар натиҷа заминҳои Сангигӯр, Чинисой, Канаб ва Ҳалқаёрро аз худ кардаанд. Ба ин хотир дар Сангигӯр мадрасае сохта, даҳҳо донишандӯзонро барои таҳсил ҷалб намудаанд. Дар ҷанд қарни гузашта Сангигӯр ба яке аз марказҳои фарҳангӣ табдил меёбад. Бесабаб нест, ки гӯристони Сангигӯр чандин гектар заминро ишғол кардааст. То солҳои наздик мақбараҳои бузургони ин авлод монанди Ҳазрати Хоҷа Акрами валӣ, Ҳазрати Хоҷа Ёрмуҳаммади валӣ мавҷуд буданд.

Аҷдоди падариам ба ғайр аз ғаллакориву чорводорӣ ба косибӣ машғул буда, бахусус соҳаи чармгариро дар Момайӣ хеле ривоҷ додаанд. Ҳоло ҳам нишонаҳое аз дастоҳҳои чармгарии ононро дар дараи Момайӣ дидан мумкин аст. Баҳши чорводориву ғаллакории ононро мурдаҷашон ба ӯҳда доштаанд. Фаъолияти мадрасаҳои Момайӣ ва Сангигӯр ва то ҷое Ҳалқаёр бештар ба мударрисони ҳамин авлод иртибот доштааст. Сад афсӯс, ки таърихи дуртари ин авлодро дуруст намедонам. Ҳамин қадар маълумам аст, ки падарам мегуфт: «Авлоди мо аз сайидзодаҳои Чорхонаҳои Ёхсу мебошад». Дар ҳамин замина қиссаҳое ҳам мекард, вале ман, ки хурд будам, ба дарки муҳимии онҳо расида наметавонистам. Аз ин рӯ, ба сад-дусад соли наздики деҳаи Момайӣ менигарам ва мебинам, ки дар сари ин аҷдод Мулло Барот менистодааст, ки таҳсилдидаи мадрасаҳои Бухоро буда, девони ашъор ҳам доштааст. Солҳои 90-уми асри XX

девони ашъори Мулло Баротро яке аз писарамакхоям бо номи Абдулхамид, ки холо дар Момайи икомат дорад, ба даст оварда, барои муайян кардани мундаричаи китоб роҳи Ховалингро пеш мегирад. Ӯ чо рӯзноманигоре, ки ба хати арабӣ балад будааст, китобро мегирад ва то имрӯз онро ба ворисони муаллифаш бармегардонад. Боре ӯ дар радиои чумхурӣ хабаре оид ба девони Мулло Барот пахш хам кардааст. Бо талаби банда чанд дафъа, ки Абдулхамид ба Ховалинг рафт, он рӯзноманигорро пайдо накард. Мулло Барот бо номхои Набот, Ҳаёт, Начот, Давлат, Содик фарзандон доштааст.

Набот, Ҳаёт ва Начот хамчун мулло машхур будаанд. Давлатро чун сӯфӣ мешинохтаанд. Бобои маро усто Содик меномидаанд. Яке аз фарзандони Мулло Набот Мулло Шариф ном дошта, миёни мардум хамчун охуни Мулло Шариф шӯхрат ёфта будааст. Чигарбандони Мулло Шариф Абдулхай, Абдулкаюм, Абдулхаким, Абдулхамид, Абдусаттор ва Бибигул будаанд. Абдулхай дар Чанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) нобуд гардид. Ҳар кадом аз эшон чандфарзандӣ доранд, ки барои исми оионро овардан кудрат надорам.

Аз Мулло Ҳаёти хочӣ, ки мударриси мадрасаи Момайӣ буду баъди фавт дар сахни он дафн гардидааст, писару духтароне бо номхои Бобохон, Чиёнгул ва Латифамоҳ боқӣ монданд. Фарзандони Бобохон Ойчонбиву Ҳикматуллох ном доштанд. Чиёнгул баъд аз худ Тӯраву Чӯра, Ойқизу Бибиқиз ва Майрамбиву Фотима ва Гулистонро боқӣ гузошт.

Мулло Начот Мухаммадназар ном писар дошт, ки ӯ писаронашро Қарахон, Тӯрахон, Чӯрахон ва Кенча номида буд. Авлодони Сӯфӣ Давлат – Мухаммадсаиду Сӯфӣ Талбак ва Бибича мебошанд. Усто Содик Гулбуттаву Мохсира (Моҳсират), Гулчехра ва Асову Ғалатиро ёдгор монд. Дар бораи Гулбуттаву Моҳсира маълумоте надорам, аммо исмҳои фарзандони аммаи Гулчехра – Марворид, Нуралӣ, Шералӣ, Абдуғаффор, Гулхоним, Гулбону мебошанд. Аз аммаи

Ғалатӣ – Сафару Ҷӯраҳон ва Гулбӣ нишона мондаанд. Фарзандони Асо инҳо мебошанд: Холиназар, Худойназар, Шоҳиназар, Соҳибиназар, Ҷумъахон, Аюргул ва Мӯсо. Модарашонро Иқлимоҳ мегуфтанд. Асо баъд аз фавти Иқлимоҳ ҳамсари нав гирифт, ки аз 9 се духтар – Майдагул, Файзигул ва Саодат ба ёдгор гузошт.

Ба ҳамин тариқ, деҳаи Момайӣ эодгоҳи банда ҳам будааст, ки аз он ифтихор мекунам. Бойси хурсандист, ки баъд аз муҳоҷиршавиҳо ин деҳа боз обод шуда, ҳамон номи собиқааш – Момайиро нигоҳ доштааст. Ҳол он ки деҳаи Шағмон акнун Садбаргҳо унвон гирифтааст.

Ногуфта намонад, ки ман дар бораи Момайӣ хотироти торик дорам. Тақрибан се-чорсола будам, ки падар аз он ҷо ба деҳаи Чинисой кӯч бастааст. Фақат дар гӯшае аз хотиротам мондааст, ки мо ду хонаҷаи хурдакак доштем. Аз ин хона дар ёдам мондааст, ки пагоҳие аз падар шаштотие ба рӯй хӯрдам. Сабабаш он буд, ки маҳсии падарро ба дасташ надода, балки ҷонибаш партофтам, ки ба рӯяш зад. Баъд аз ҷазои қиблагоҳро чашидан худро ба оғӯши модар андохтам. Модар ба ҳоли падар пинҳонӣ механдид. Ин амалам чунин маънӣ дошт, ки хеле бачаи шӯхтабиат будаам. Модарам баъдҳо нақл мекард, ки маро дар пояҳои кати чӯбине бо банд баста, сипас корҳои хонаро ба сомон мерасондааст. Махсусан ҳангоми ба говчӯшӣ шурӯъ кардан ин амалро анҷом медодааст. Боре модар маро ба гаҳвора баста, худ барои пухтани нон овора мешавад. Ҳамин вақт замин мечунбаду як похсаи калони хона болои гаҳвора ҷаппа шуда, ба дастаи он бармехӯрад. Он похса ба дастаи гаҳвора бархӯрда, ба ду қисм ҷудо шуда меистад. Ҳамин буд, ки ман аз марг раҳо ёфтам. Ачиб он будааст, ки бо ҳамин қадар зарба ман акнун аз хоб бедор шуда, парвое надоштаам, ки болои чашмону сару рӯямро хок пахш кардааст. Ҳине ки модарам бо тарсу харос «вой, бачам зери хок монд»- гӯён маро аз гаҳвора халос карданӣ шудааст, ман ширин механдидаам.

Лаҳзаи кӯчбандӣ ва ба кӯтали Момайӣ боло шудану ба

самти Чинисой роҳ пеш гирифтанамон ҳам андаке дар хотирам мондааст. Албатта вақте ки ба воя расидам, зодгоҳамро дурусттар шинохтам. Ҳарчанд ки аз таърихи зодгоҳам нишонае намондааст ва ҳатто хонаи падариам ҳам ба хок яксон аст, ҳар сари вақт ба хотири гузаштагонам онро зиёрат менамоям... Махсусан мавзеи Садаҳои Момайӣ, ки макони хомӯшон аст, хеле дилрабо ба назар мерасад. Дар ин мазори бузург гӯшае гирдаш девор дорад, ки оромгоҳи авлоди мо мебошад. Ҳам Набот, ҳам Охуни Мулло Шариф ва бобои Содиқ ва садҳо гузаштагони ин авлод дар ҳамин оромгоҳи Садаҳои Момайӣ мадфунанд. Садаҳои Момайӣ аз тамоми гӯшаву канори Кӯлоб намоёнанд. Ногуфта намонад, ки бобокалонамон Мулло Барот низ дар гӯристони Сангигӯр мадфун аст.

АСО – ФАРЗАНДИ СОДИҚ

Бобои падариам Содиқ чил сол умр дидааст. Ӯ касби чармгарӣ доштааст ва табиист, ки рӯзгораш ҳам чандон хуб нагузаштааст. Момаи падариам Биби Хатича духтари Охуни Муллои қарияи Нури Ҳазрати Султон духтарзо будааст. Аз ин рӯ усто Содиқ орзу мекардааст, ки писардор бошад. Тақдир ба рӯяш механдаду баъд аз Гулбуттаву Моҳсира ва Гулчехра дар хонадони ӯ писар ба дунё меояд, ки исмашро Асо мегузоранд. Усто Содиқ умед доштааст, ки ин писар дар пириаш ҳамчун асо такягоҳаш мешавад. Мутаассифона, ханӯз Асо се-чорсола буд, ки бобои Содиқ ин ҷаҳонро падруд мегӯяд. Баъдҳо падарам лаҳзаи дар дами марг қарор доштани бобоямро ба хотир оварда мегуфт: намедонам, се-чор сола будам, ки падар бетоб шуд. Бача ки будам, болои шикамаш баромадам. Падари беморам бо як дилсардӣ ба атрофиёнаш нигариста, «Гиред Асоро, роҳати вайро кимкии дигар хоҳад дид», – гуфт. Ҳамеша падарам ҳамон лаҳзаҳоро ба ёд оварда, аз умри кам дидани бобоям афсӯс мехӯрд.

Ба ҳамин тариқ, Асо дар се ё чорсолагӣ аз падар маҳрум

мемонад. Модараш низ умри зиёде намебинад. Аз ин ҷост ки ӯ дар ҳавлии язнаҳояш калон мешавад. Шавҳари Гулбутта Мулло Довуд ном дошта, солҳои сӣ ба Афғонистон кӯчида беному нишон гардидааст. Як апаи дигараш шавҳари тоҷир карда, ба тарафҳои Русия рафтааст. Тоҷир бошандаи минтақаи Бойсун буда, бо писари Мулло Ҳаёт – Бобохон дӯстиву ҳамкорӣ доштааст. Ин дӯстӣ боис шудааст, ки Бобохони тоҷир духтари амакашро ба тоҷири бойсунӣ диҳад. Ба ин маънӣ, ин духтар ҳам назди авлод беному нишон мемонад. Асоро дар шаш-ҳафтсолагӣ ба мактаб медиҳанд. Саводи арабӣ мебарорад.

Оғози солҳои бистум русҳо минтақаро таҳти тасарруф қарор медиҳанд. Дар Момайӣ ҳам сохти Шӯрой барқарор мешавад. Азбаски як барномаи давлати нав босавод сохтани мардуми таҳчоӣ буд, мисли Асо мадрасахонҳоро ба курсҳои семоҳаи омӯзгорӣ, ки дар Балҷувон, Кангурт ва Ховалинг амал мекарданд, мефиристанд. Дар натича ӯ муаллим мешавад. Соли таваллудашро духтурони шӯрой аз рӯйи дандонҳояш 1912 муайян мекунанд. Бо ин таъинот падарам розӣ набуд, зеро ӯ барвақттар солҳои 1909-1910 таваллуд ёфта будааст. Ба ҳар ҳол мехоҳам тарҷумаи ҳоли падарро, ки бо қалами худаш 1.06.1955 навишта шудааст, бо андак таҳрир пешкаш намоям.

Асо Содиқ соли 1912 дар қарияи Момайии совети қишлоқи Буғдояк, хоҷагии «Коммунист»-и ноҳияи Қизилмазор, баъдтар Советский, дар оилаи деҳқони камбағал таваллуд шудааст. Дар синни панҷсолагӣ аз падар ятим монда, аз синни ҳабдаҳсолагӣ то бистсолагӣ дар хонаи язнааш хидмат кардааст. Соли 1930 дар деҳа мактаби советӣ таъсис мегардад ва ӯ ба бахши шабхонҳо дохил мешавад. Соли 1934 мактаби деҳаро хатм менамояд. Оғози соли 1936 дар маркази ноҳияи Қизилмазор курсҳои семоҳаи муаллимтайёркунӣ ташкил гардиданд. Асо Содиқ дар он таҳсил мекунад. 27 апрели ҳамон сол бо фармони мудири маорифи ноҳия ба сифати муаллими калонсолон-бесаводон ба совети қишлоқи Қафлондара, деҳаи Тандурсойи Боло

таъин мегардад. Фаъолияти ӯ дар мактаби нобурда то якуми июн идома ёфта, сипас курси семоҳаи муаллимтайёркуниро дар Кӯлоб ба поён мерасонад. Дуввумбора ба совети қишлоқи Қафлондара баргашта, ҳамчун мудири мактаби ибтидоӣ ва калонсолон дар деҳаи Чимулдуқ ифои вазифа мекунад. Дар таътили тобистонаи соли 1937 курси семоҳаи муаллимтайёркуниро дар Кӯлоб мехонад. Якуми сентябри ҳамон сол шӯъбаи маориф вайро ба совети қишлоқи Буғдояк, колхози Тоҷикдивизияи деҳаи Чинисой ба вазифаи муаллим ва мудири мактаб таъин менамояд. Тобистони соли 1938 бори сеюм дар курси семоҳаи муаллимтайёркунии Кӯлоб таҳсил мекунад. Якуми сентябри соли 1938 дар совети қишлоқи Чолтош, қишлоқи Вотунқалъа (Утунқалъа ҳам мегӯянд) ба сифати мудири мактаб ва муаллими синфҳои 1-2 ва калонсолон ба фаъолият мепардозад. Дар мактаби нобурда то соли хониши 1941 ифои вазифа менамояд. Дар таътили тобистонаи соли нобурда дар шаҳрчаи Кангурт се моҳ ихтисосашро такмил медиҳад. Аз якуми сентябри соли 1941 бо фармони нави мудири маорифи Қизилмазор дуввумбора ба совети қишлоқи Буғдояк, колхози «Коммунист» ҳамчун муаллим ва мудири мактаб таъин мегардад. Дар ин мактаб то соли 1945 кор мекунад. Якуми сентябри ҳамон сол бори дуввум ба мактаби қарияи Чинисойи колхози Тоҷикдивизия фиристода мешавад. Соли хониши 1945 дар маркази Ховалинг курси семоҳаи такрории муаллимони таъсис мегардад, ки он чо асосан 10-умро ба поён мерасонад ва аттестати синфи даҳумро соҳиб мешавад. Ҳамин тавр, фаъолияти муаллимиаш дар мактаби деҳаи Чинисой то августи соли 1949 идома меёбад. Отозон соли хониши 1949 дуввумбора ба чамоати Чолтош, ба мактаби деҳаи Вотунқалъа, колхози «Намуна» меояд. Дар таътили соли 1950 курси такрории муаллимонро дар Кӯлоб хатм мекунад. Соли хониши 1951 аз Вотунқалъа ба деҳаи Сангигӯри чамоати Гулисой, колхози Микоян фиристонида мешавад. Ин чо то моҳи марти соли 1954 ба сифати мудири

мактаб ва муаллими синфҳои 1-4 фаъолият менамояд. Аз 27 марти соли 1954 касби муаллимиашро дар мактаби ба номи Чкалови деҳаи Хонободи ҷамоати Даҳанаи ноҳияи Кӯлоб идома медиҳад. Дар ин муддат ба ҷазое гирифтор нашудааст. Ду маротиба ба медалҳои давлатӣ қадр гардидааст. Бояд гуфт, ки ин тарҷумаи ҳол нопурра аст, ба ин маънӣ, ки на ҳамаи солҳои фаъолияти Асо Содикро дар бар мегирад. Дар мачмӯъ Асо Содик, чунон ки борҳо қисса менамуд, дар пахлуи синфҳои ибтидоӣ дар гурӯҳҳои маҳви бесавдоӣ, ки аз ҷумлаи занону мардони ҳам ҷавону ҳам калонсол ташкил гардида буданд, дарс мегуфтааст. Дар яке аз чунин гурӯҳҳо духтаре бо номи Иқлимоҳ хушаш меояд ва ӯро ба ҳамсарӣ мепазирад. Аммо ин кор бо осонӣ ба Асо муяссар нагаштааст, чунки Иқлимоҳ аз табақаи бойҳои номии Балҷувон буд, Асо бошад, як муаллимбачаи пойлуче беш набуд. Ба гумонам, муаллим будани Асо бойхоро метарсонад, ки дили нохоҳам духтарашонро ба ӯ медиҳанд. Қиссаи модараму аҷдодонаш алоҳида хоҳад буд... Поёни солҳои сӣ падарам бо номи Асомуаллим боз ба зодгоҳаш Момайӣ пас мегардад. Дар ин миён, вақте ки Асомуаллим дар деҳаи Чилча, тахминан соли 1936-37 дарс мегуфт, духтарчае аз Иқлимоҳ таваллуд мешавад, вале ба зудӣ нобуд мегардад.

Дар ҳамин замина бояд гуфт, ки поёни солҳои ҳаштодум дар Донишгоҳи омӯзгории Кӯлоб вазифаи раиси имтиҳоноти давлатиро дар факултети забон ва адабиёт анҷом медодам. Рӯзе Мирзоев Ғоиб ном дотсенти забоншинос моро ба Чилча меҳмонӣ бурд. Он чо бародари калони ӯ, ки синнаш ба чое расида буд, таъкид кард, ки Асомуаллим солҳои мавриди назар дар Чилча муаллим буд ва дар хонаи шоири халқӣ Бобоюнус Худойдодзода ичора менишаст. «Ҳамон айём духтарчае таваллуд шуду гузашт» – гуфт ӯ. Ҳамзамон эшон, ки талабаи Асомуаллим будааст, муаллимашро таърифҳо кард. Ҳатто хонаи Бобоюнусро нишон дод, ки дар *октябрӣя* қарор доштааст.

Сипас Асомуаллимро ба деҳаи Вотунқалъаи ноҳияи

Қизилмазор мефиристанд. Он чо соли 1939 бародараш калонаш Ҳолиназор таваллуд меёбад. Чунон ки гуфтем, соли 1941 боз ба зодгоҳаш Момайи бартошта, касби муаллимиро то поёни чанг идома медиҳад. Банда 25-уми декабри соли 1941 дар зодгоҳи падарӣ таваллуд ёфтаам. Баъд аз ду соли додарам Шоҳназар ҳам дар Момайи ба дунё омад. Яъне соле, ки падарамро маорифи ноҳияи Қизилмазор аз зодгоҳ ба деҳаи Чинисой мефиристад, оилаи ӯ аз панҷ нафар иборат будааст.

ИқЛИМОҲ–ДУХТАРИ ТОҲИРБОЙ

Модарам Иқлимоҳ ном дошта, тақрибан солҳои 1918-1920 дар деҳаи Лойсойи Балҷувон таваллуд ёфтааст. Модараш ӯро ба дунё меоваду худ вафот мекунад. Ба иборати дигар, сари фарзанд меравад. Вақте ки Иқлимоҳ бемодар мемонад, холааш барои ӯ ҳаққи модарӣ пайдо карда, ба вояш мерасонад. Падараш Тоҳирбой баъд аз чанд вақт ба бонуи дигаре издивоҷ мебандад, ки исмаш Карашма буд. Аз ин зан ӯ соҳиби чор фарзанд мегардад: Меҳтар, Шарифамоҳ, Чӯрахон ва...

Модарам нақл мекард, ки ӯ соли «урус омад» таваллуд ёфтааст. Вай борҳо аз холаҳояш шунида будааст, ки вақте аскарони рус Балҷувонро забт менамоянд, бойҳо бо хонаводаҳошон горҳои бетагро иқоматгоҳ интихоб намуда, моҳҳо ба берун намебаромаданд. Дар ин миён амаку тағоҳои модарам бо номҳои Мулло Зуҳур (Зуҳурбой ҳам мегуфтандаш), Сайдалибой, Саъдуллобой, Тоҳирбой, Ашӯрбой ҳам будаанд. Назар ба нақли авлодони модарам, ин бойҳо омад-омади русҳоро шунида, чорвои худро ба чӯпоҳошон тақсим мекунанд. Баъдҳо, ки онҳоро ҳамчун бой ба тафтиш мебаранд, ба сабаби чунин амали некашон бечизо мемонанд. Иқлимоҳ руси, ки худ иқлимоҳ коргару деҳқон буд ва барномаҳояшон ҳам ба манфиати табақаи поёни равона гардида буд, табиист ки аз амали хайрхоҳонаи Зуҳурбою Тоҳирбой ва дигарон хушҳол мешаванд ва исми

онҳоро аз рӯйхати душманони сохти нав хат мезаданд. То солҳои ҳаштодум ду нафар аз чӯпонҳои бобоям Тоҳирбой дар Фарҳор зиндагӣ мекарданд. Чӯпонҳои бобоям нақл намуданд, ки онҳо чанд сол аз ҳисоби чорвои бадастовардаашон рӯзгори «соҳибашон»-ро метузаронданд. Ин чӯпонҳо то поёни умр аз Тоҳирбой розӣ буданд. Вақте ки Иқлимоҳ 16-сола мешавад, ӯро марди сарватманде ба сифати зани дуюм ба никоҳаш медарорад. Азбаски ин никоҳ гайри хоҳиши Иқлимоҳ сурат мегирад, ӯ як шаб ҳам пеши он сарватпеша намоида, балки ба хонаи холаву тағоҳояш пас мегардад. Чунонки гуфтам, ҳамин айём будааст, ки Асомуаллим Иқлимоҳро таги чашм намуда, аввалан розигии ӯро гирифта, сипас ба хонаи собиқ бойҳо хостгор мефиристад. Мулло Зухур, ки дар сари ин авлод қарор доштааст, чанд муддат хостгорҳои «муаллими сурх»-ро намепазирад ва мегӯяд: «Ман ба ин сағераи пойлуч духтар намедиҳам. Гузашта аз ин, ӯ муаллими сурх аст ва ҳам аз дигар қавму авлод...» Азбаски он даврон ҳукумати расмӣ муаллимонро дифоъ мекард, Зухурбой аз тарси он, ки барои чиянашро ба муаллими сурх надоданаш имкон дошт, ки зиндонӣ гардад, Иқлимоҳро ба Асомуаллим медиҳад. Аммо чунин мешавад, ки пас аз як сол Мулло Зухурро ба маҳбаси шаҳри Кӯлоб мекашанд. Авлодони модарам ин ҳодисаи нохушро ба фаъолияти падарам нисбат дода, солҳо бо ӯ бетаваҷҷӯҳӣ зоҳир менамоянд. Ҳарчанд ки Асомуллим дар ин хиёнат даст надоштанашро мефаҳмонад, вале хешу акрабои Иқлимоҳ бовар намекунанд ва умуман рафтуомадро ба хонаи чиянашон қатъ менамоянд. Бадбахтона Мулло Зухур дар зиндони Кӯлоб вафот кард. Табиист, ки ӯро кушта буданд, то дар авҷ як шахси босавод кам гардад. Пӯшида нест, ки солҳои сӣ сиёсати муллокушӣ буд. Садҳо чеҳраҳои шиноҳтаро бо номи мулло ба қатл расониданд. Дар ин хиёнаткориҳо, пеш аз ҳама, худи точикҳо даст доштанд. Вагарна як шахси рус аз кучо медонист, ки фалонӣ мулло аст, ё бой. Ба ҳар навъе ки буд, марги Мулло Зухур, ки барои Иқлимоҳ ҳам хукми падариро дошту ҳам

ҳукми тағоро, дар муносибати хешу таборӣ миёи
Асомуаллиму қавми модарӣ сардиро ба вуҷуд овард. Солҳо
баъд борҳо аз забони холаи Сафаргулам, ки ба модар
ҳам хола буду ва ҳам апа, шунидам, ки мегуфт: «Ака
отаи буқаи ту кушт». Аз ин гуфтугузорҳо модарам са
меранҷид ва ба холааш фаҳмонданӣ мешуд, ки Асомуалл
дар қатли тағояш Мулло Зуҳур ҳеҷ гуноҳе надорад.
вуҷуди ин, холаи Сафаргул то поёни умр дар сино
Асомуаллим душмани ҷониашро медид, аммо Иқлимоҳ
сидқан дӯст медошт ва соле ду-се бор ба аёдаташ мерас
Қисса кӯтоҳ, Асомуаллим духтари балҷувониро ба дех
Момайӣ меорад ва баъдҳо дар ҳама кӯчбандихо, ки
фаъолияти омӯзгории «муаллими сурх» сурат мегириф
дар паҳлуи шавҳари дӯстдоштааш буда, ӯро бо эҳтиро
«муаллим» гӯён ном мебурд.

Ногуфта намонад, ки Иқлимоҳ бар асари дарсхо
Асомуаллим хату саводи хуби лотинӣ бароварда, чанд мудда
дар Балҷувону Момайӣ ҳамроҳи ҳамсараш муаллимат
мекунад. Аммо, вақте ки фарзанддор мешавад, Асомуалл
ӯро дигар ба ин касб иҷозат намедиҳад.

ДЕҲАИ ҶИНИСОЙ

Ҷинисой деҳаи начандон калоне буд, ки аз Момайӣ б
самти Хонободу Кӯлоб мавқеъ дошт. Барои он, ки аз Момай
ба тарафи ин деҳа роҳ пеш гирифта шавад, деҳаҳои Бугдов
ва Канабро пушти сар гузоштан лозим меояд. Ҷинисой да
баландие ҷой гирифта аз он ба хубӣ деҳаҳои Хонобод
Файзобод, Даҳана ва шаҳри Кӯлобро дидан мумкин буд. Ин
деҳа назар ба мушоҳидаи даврони бачагиам дорои 20-30 хоҷаг
буда, маркази хоҷагии «Тоҷикдивизия»-ро ташкил медод
Маълум аст, ки дар оғози ҷанги ҷаҳонии дуюм ин унво
ба хотири дивизияи тоҷикӣ дода шудааст. Дурусттараш, да
соли дуюми ҷанги Олмону Шӯравӣ хоҷагии Ҷинисойро б
ин ном ба расмият даровардаанд.

Хонаи мо дар сари қишлоқ буд. Як хонаи калон доштему

бас. Падарам барои аспаш оғиле сохта, нисфашро каҳдон кард. Ҳавличае буд, ки дар ғӯшае аз он суфа чой мегирифт. Шабҳои тобистонро ҳамон чо рӯз мекардем. Фасли зимистон танӯри нонпазии модар дар байни хона қарор мегирифт. Дар байни шифти хона дудбаро вучуд дошт. Баъди ин, ки нон пухта мешуд, болои танӯр сандалӣ мемондем ва болояшро бо кӯрпа мепӯшондем. Рӯзҳои зимистон пойҳо ба таги сандалӣ менишастем. Болои сандалӣ ҳамчун мизи хӯрокхӯрӣ ва барои падарам чун чойи дарстайёркунӣ хизмат мекард. Рафта-рафта зиндагиамон хуб шуд. Соҳиби гови ҷӯшой, бузу гӯсфанд ва мурғи зиёде гардидем. Камбудии ҷиддӣ он буд, ки падарам пул дошт, аммо гандуму орд харидорӣ карда наметавонист. Ҳафтае як бор аз Кӯлоб барои мо ба сабаби муаллим будани падарам нони хлеб меоварданд. Хлебаш хеле туруш ва обдор буд.

Чинисой нахустин деҳаест, ки давраи кӯдакиям то ҳаштсолагӣ он чо сипарӣ шудааст ва банда аз рӯзгору зиндагии хонавода дар ин давра хотироти бештаре дорам. Шиноҳтам аз падару модар маҳз дар ҳамин қария оғоз мегирад.

Хочагии «Точикдивизия» асосан ба кишти галладона – гандум, чав, наск, зағир, нахӯд ва парвариши чорвои шохдор машғул буд. Садҳо гектар замини кишти лалмӣ дошт. Раиси колхоз Раҳмон Каримов ном шахс буд. Марди дигаре бригадирӣ мекард. Дар дохили деҳа оби нӯшокӣ вучуд надошт, ба масофаи дусад метр ба дараи Чинисой пойин фаромада, аз чашма об овардан лозим мешуд. Чашма хеле сероб ва хунук буд. Гирду атрофи онро чаманзору майсазор иҳота мекард. Мавсими тобистон аксари мусофироне, ки аз ҷониби Кӯлоб сӯйи Ховалинг ва дигар деҳаҳои минтақа сафар мекарданд, соате дар чаманзори соҳили сойча, ки аз оби чашма чорӣ мешуд, роҳат мекарданд, нони хушке, ки доштанд, ба оби чашмаи Чинисой тар карда мехӯрданд ва ҳаловат мебурданд. Мо як гурӯҳ бачаҳои шӯхи бегам борҳо ин лаҳзаҳоро аз дур назора мекардем. Болотар ҳавзи обе аз чашма ва боронҳои баҳорӣ чамъ мешуд, ки чӯкуриаш ба

зӯр то зону мерасид. Он чойи оббозии мо буд. Ҳоло ҳам
ҳавзи ғилину бӯйнок ва дар обӣ он ғел заданӣ ба сару рӯ
якдигар обпошӣ намуданҳоямон ба пеши назарам меоя
Инчунин дар лаби ҳавз оббозӣ гӯштин мегирифтем. Д
миёни мо Ғунги Алам ном бача – додарарӯси раиси колх
моро ҳамеша азият медод. Ғунги Алам ба сол аз мо калонта
ҳеле зӯъм ва якрав буд. Бачаҳоро мачбур мекард, ки бо в
гӯштин гиранд. Агар касе рад мекард, ӯро ба дарунӣ ҳав
гилин кашола карда, сарашро даҳ-дувоздаҳ бор ба об
бӯйзада мехалонд, то даме ки шиками он бечора аз об
гилин пур шавад. Бо Ғунги Алам гоҳе бародарам Холиназар
ки сарсахтиҳо дошт, ба мусобика мебаромад, вале ғалаб
ба даст намеовард. Ҷолиб он буд, ки дар гӯшае аз ин ҳа
духтаракони ҳамсинни мо бараҳна мешуданд ва ноаён
бачаҳо худро ба ҳавз меандохтанд. Ба ҳар ҳол барои он, к
онҳо шарм накунанд, онҳоро азият намедодем, вале го
дуздона бадани сафеду нозукашонро тамошо менамуде
Бехтарин лаҳзаҳои ҳаёти бачагиамро ҳамин навъ бози
ташкил медоданд.

Чинисой дорои масчид ва мактаб буд, ки зери чинор
калоне карор доштанд. Албатта масчид амал намекар
Онро ба анбори ғаллаи хочагӣ табдил дода буданд. Кам
дуртар аз мактаб идораи колхоз вуҷуд дошт, ки дар ҳамо
даврон вазифаи ҳукуматро ичро менамуд. Хочагии
«Точикдивизия» дорои ферман бузурге ҳам буд, ки дар о
сад-дусад гови чӯшо нигоҳубин карда мешуданд. Ҳар навъ
ғалладона анбори алоҳида дошт. Анборҳо дар қисми поёни
деҳа, наздик ба чарӣ, дар шакли дарозрӯя карор гирифт
буданд. Ёдам ҳаст, ки мудири анбор Дод Шарифов хел
шахси боинсоф ва содиқ ба хочагӣ буд. Ягон кило ғаллар
бе ичозати расмии раиси хочагӣ ба касе намедод.

Мавсими ғандумдараниву хирманкӯбӣ дар чанд хирман
ғаллакӯбии деҳа ба нимаи дуюми июл ва аввалҳои авгус
рост меомад. Махсусан, аз тарафи шаб «мандоғ»-гӯӣ сура
мегирифт, ки баъзе мисраъҳояш дар хотирам мондаанд:

Гандум лола, миёни гандум лола,
Ошик шудаам ба духтари кишгола...

Он лаҳзаҳо ман рӯйи рахти хоб карор гирифта, то дер аз хондаиҳои мандоттӯён ҳаловат мебурдам. Деҳқон бо мандогҳояш гӯё душвориҳои галлакӯбиро осон метардонд. Барои хирманҳо чойҳои шамолрав интихоб мешуданд. Галларо баъди даравидан ба хирманҳо тавассути чиғира – як навъи нақлиёти боркаш мекашонданд. Сипас, панч-шаш барзаговро ба якдигар аз гарданҳошон ба шакли занчир баста, ба гарами галла медаровардаанд. Деҳқоне шопаи шулашӣ дар даст бо садои махсусе, ки барзаговҳо ба он одат карда буданд, онҳоро гирдогирди гарами галладона давр мезанонд. Чанги галла то дарачае ҳаворо пахш мекард, ки деҳқони говронабадастро шиноҳтан душвор мешуд. Ин ҳолатҳо мо бачаҳо чое нишаста, хирманкӯбии он деҳқонро мушоҳида менамудем. Баъд аз он, ки галла дар зери пойҳои барзаговҳо ба замин ҳамвор мегардид, марҳаллаи дуюми хирманкӯбӣ сар мешуд. Ба гардани ду барзагов чапарро ба юге, ки дар гардани барзаговҳо баста шуда буд, пайваст намуда, чапар мекарданд. Ин амал соатҳо идома ёфта, донаро аз пӯсту коҳаш ҷудо менамуд. Дар марҳаллаи сеюм, вақте ки шаббода ба вазидан медаромад, галларо бо шохину курчакҳои чӯбини махсус бод медоданд. Хирманкӯбҳо вақти вазидани шаббодаро хуб медонистанд. Назар ба мушоҳидаи бачаи ҳафт-ҳаштсола, бод додани галла яке аз тарафи саҳар, дигаре дар чошт ва сеюм баъд аз шом сурат мегирифт. Вақте ки галладона ба пуррагӣ шакли худро мегирифт, раиси хоҷагӣ, бригадир, котиби ҷамоат, мудири анбор ва боз дусе деҳқони дигар онро ба халта-ҷуволҳои панҷоҳ-садкилоӣ андохта, дар тарозу баркашида ба анборчӣ месупориданд. Сипас, роҳбарони хоҷагӣ аз рӯйи рӯзи меҳнат ба аъзоёни хоҷагӣ чандхалтаӣ гандум, ҷав, наск, нахӯд ва ғайра ҳамчун хаққи заҳмат тақсим менамуданд, ки то ҳосили оянда зиндагиашонро ба сар баранд. Баъд хаққи давлатро ба ҷуволҳо андохта, ба воситаи маркабу говҳои боркаш ҷониби

Хонобод ё Дахана мефиристоданд. Ин амалро корвон ғаллабарҳо меномиданд, ки то маркази қабули ғалла он интиқол медоданд. Марҳалаи ниҳоии интиқоли ғал заготзерно (заказерно)-и Кӯлоб буд, он чо, ки осиёб заводи нонбарорӣ фаъолият менамуд.

Ёдам ҳаст, соле, ки хушксолӣ меомад, деҳқонон орз омадани боронро аз Худо талаб мекарданд. Ба ин хот маъракаи «Ашагулон» ташкил медоданд. Марду зани зи дар майдоне ҷамъ омада, бо сатилҳо ба сару рӯйи якдиг об мепошиданд ва суруди машҳури «Ашагулон»-р мехонданд. Дар чунин чорабиниҳо мо бачаҳо ҳам иштир мекардем ва аз он сару садову хушиҳо, ки мардумро фа мегирифт, ҳаловат мебурдем. Борҳо шоҳид будам, ки ба аз анҷоми «Ашагулон» борон меомад ва боиси ҳосил ғалладонаи деҳқон мегардид.

Мо бачаҳои деҳа рӯзҳои идро хеле базавқ мегузаронде Понздаҳ-бист кас ҷамъ шуда, аввалан деҳаи худамонро да мезадем ва халтаҳомонро аз тухми рангаву орзуку чалпа кулчаҳои идона пур карда, ба хона меовардем. Сипас ч ҷамъ шуда тухмчанг мекардем. Ҳатман ҳини тухмчанг б якдигар дастгиребон мешудем. Тухмчанг ба бачачанг табди меёфт. Сабабаш дар он буд, ки баъзе бачаҳои ҳаромкор б ҷойи ба нӯги тухм задан ба бари он мезаданд ва тухм зерро мешикастанд. Соҳиби тухми аз поён буда, табиис ки ба соҳиби тухми боло дармеафтод. Занозанӣ то он ч мерасид, ки калонсолтаре пайдо мешуду моро аз мушт задан рӯй харошидан наҷот медод. Ин ҳолат ба ёрии ман Холназа ки бакувваттар буд, мерасид. Лаҳзае баъд тухмҳо шикастаро нӯши ҷон карда, нияти ба деҳаҳои гирду атроф ки ҳар кадом на кам аз 5-6 километр масофа дошта идгардак рафтанро мекардем. Баъзан аз Ҷинисой т Ҳалқаёру Канаб ва Сангигӯр ҳам мерафтем. Ҷолиб он бу ки агар соҳибзани хона тухм намедод, каме дуртар рафт ӯро дашноми қабеҳ медодему мегурехтем. Соҳибзан а пушти сарамон дод мезад: «Тухмакотон дур шава сағераҳои аҳмак, аз кучо тухмтон бтум, ки мурғ надорум

худум тухм када натонум, ҳа пайтон канда шавае...».

Мо бошем ҳандакунон дари хонаи дигаре «Иди шариф муборак, тухмҳо ба кали ёрак», гуфта овоз сар медодем. Бонуи хона бо як дилхушӣ пешвозамон мегирифт ва агар тухми ранга медод, ӯро таъриф мекардем: «Холам зурай, ҳа, тухм мета...» Ҳамин тариқ, тамоми рӯз деҳаҳоро давр зада, тухмпӯсткунон, бо дандону лабҳои пур аз зардии тухм шом боз ба Чинисой бармегаштем. Ҳар ид ҳоли мо бачаҳои деҳа ҳамин буд. Ин лаҳзаҳо кайфияти хоссаи бачагона мебахшиданд. Чанд рӯзи баъди ид худро дигар хел медидем, гӯё хеле хуб истироҳат карда бошем.

Дар Чинисой бачаҳо бозиҳои ҷолибе доштанд. Бозиҳои мо: тоқичилинкес, чиликдангал, бачошавакон, саворшавакон, буҷулбозӣ, чормағзбозӣ ва ғайра буданд. Ҳар кадом аз ин бозиҳо мавсимҳои худро дошт. Тоқичилинкесу чиликдангал дар фасли баҳор сурат мегирифт. Бачошавакону саворшавакон бештар дар фаслҳои тобистону тирамоҳ иҷро мешуданд. Чиликдангал аз ду асбоби бозӣ иборат буд: чилик ва дангал. Ҳарду асбоби бозӣ аз чӯбҳои сахт, масалан, ҳурғай, қарағоч сохта мешуданд. Ин навъи чӯб сахт ва вазнин мебошад. Чилик шакли ангушти дарозро дошт. Дангал бошад, шакли дастро. Яъне, яке борику кӯтоҳ, дигаре дарозу ғафс. Чиликро рӯйи замин гузошта, ба сари он бо дангал мерасӣ. Вақте ки чилик ба ҳаво баланд шуд, онро бо дангал мезанӣ. Агар дангал ба чилик бархӯрд, он ба масофаи 20-30 метр дур дар ҳаво парвозкунон рафта меафтад. Дар ин бозӣ чиликро бо дангал задан ва масофаи дурии парвози чилик меъёри асосӣ ҳисоб меёфт. Агар ҳариф чиликро бо дангал аз замин мебардошт, вале онро задан наметавонист, вай бойдода ҳисоб мешуд. Ҳарифи бойдода бояд ба масофаи рафтаи чилики ҳарифаш «зу» мегуфт. Яъне «зу» гӯён бидуни нафас гирифтан он масофаро медавид. Агар амали ҷарима сурат намегирифт, бозӣ моҳияташро гум мекард. Ногуфта намонад, ки ин бозиҳо хоси бачаҳо буданд.Тоқичилинкес ҳам ҷолиб буд. Тоқии зардӯзии сахтро болои замин мегузоштем ва аз дур бо суръат давида, тоқиро бо пой мезадем. Ҳар бачае,

ки токиро ба масофаи дуртар мезад, ӯ ғалаба ба даст меовард. Ба иборaи дигар, токичилинкес маънии тӯббозии имрӯза дошт. Дар ин навъи бозӣ низ бачахо ба ду даста такси мешуданд. Токиро чунон шатакорӣ мекардем, ки баъзе медарид. Маънии луғавии токичилинкес аз чилинг-чилинг ё парида-парида ба ҷониби дигар ҷар шудани токии б шата зада гирифта шудааст.

Дар бозии «бачошавакон» ду даста иштирок мекард Маҳорати бозингар он буд, ки барои бачошавӣ чоер интихоб менамуд, ки ҳариф пайдояш намекард. Пайд кардани ҳариф бой додан буд. Ин бозӣ одатан бегоҳӣ ё ша сурат мегирифт, ки баъзан хатарро ҳам пеш меовард. Чуни ҳам мешуд, ки худро ба мурғхонаву оғили ҳамсояҳо пинҳо мекардем, ки боиси калтакхӯриамон мегардид.

Бучулбозиву чормағзбозӣ низ ҷолиб ба назар мерасид Бучулҳои говӣ ва бузиву гӯсфандӣ доштем. Барои он к бучул вазнин шавад, онро бо сими сӯзон сӯрох намуда сурб мерехтем. Вазни бучул имкон медод, ки бучули ҳариф ё чормағзи ӯро ба масофаи чанд метр ҷар кунад. Ҷарима ин бозӣ чормағзу қурут буд. Ҳар боре, ки ҳариф бучулаш ба бучули ҳариф нарасонд, як чормағз ё қурут ба ҳарифаш медод. Саворшавакон бо ду санги гирд ичро мешуд. Бача сангашро ба масофаи панч-шаш метр болои замин мегузошт Бачаи дуюм санги ҳарифро нишон гирифта, сангашро меандохт. Агар сангаш ба санги ҳарифаш мерасид, ҳариф ба ҳамон масофа бачаи ғолибомадаро ба пушти худ савор карда мебурд. Ё баръакс. Агар санг нарасад ҳам, амали саворшавӣ сурат мегирифт. Саворшавакон барои он мегӯянд ки бачахо якдигарро савор шуда, ба масофаи муайян якдигарро ба пушти худ мебаранд.

Ҳарчанд ки солҳои баъдичангӣ хеле даҳшатбор буданд мо бачахо парвое надоштем. Бозиамонро медонистему халос Ҳоло ки ба айёми бачагиам дар Ҷинисой назар меафканам мебинам, ки падар бо маоши муаллимӣ ойларо мехӯронду мепӯшонд. Модар бошад, ҳамеша кӯшиш менамуд, ки мо гуруснагӣ накашем. Аз ин рӯ, ҳамеша дар дегаш чиз

мечӯшид. Агар дар хона маводи хӯрока намебуд, аз алафи токисарак отала мепухт, то ки мо гурусна намонем. Он ғизоҳо хеле бомазза буданд. Муҳимаш он буд, ки мо бачаҳо озодона нафас мегирифтем. Мехостем, бозӣ мекардем, мехостем, барои ҳезум мерафтем, мехостем, чорво мечаронидем, хулоса ҳарчи мехостем, ихтиёр доштем. Албатта, ҳама фаъолияти мо бо ҳидояти падару модар сурат мегирифт, на дар шакли фишороварӣ. Гӯё мо вазифаамонро хуб мефаҳмидем...

НАХУСТМАКТАБ

Деҳаи Чинисой боз ба он чиҳаташ бароям хотирмон аст, ки сентябри соли 1947 ё 1948 бори аввал ба мактаби ин деҳа рафтам. Соли 1947 ё 1948 гуфтанам, ба ин маънӣ аст, ки таваллуди ман то соли 1957 – 25 декабри соли 1942 буд, на 1941. Гап дар ин аст, ки дар соли аввали ҷанг ба дунё омаданам, падарамро водор сохтааст, ки таваллуди маро як сол пеш барад. Бо вучуди ин ки падари ман қонунро бисёр хуб риоя менамуд, ба хотири ин ки як сол баъдтар фарзандашро ба аскарӣ бубаранд, дар шаҳодатномаам болои рақами як рақами ду менависад. Ин чунин маънӣ дошт, ки ман як сол хурд шудам. Бо ин далел, агар маро аз шашсолагӣ ба мактаб дода бошанд, аз рӯйи воқеияти таваллуд сентябри 1947 мешавад ва агар аз рӯйи ислоҳи падар мактабрав шуда бошам, ба сентябри соли 1948 рост меояд. Ба назарам, маро сентябри 1947 ба мактаб додаанд, ки чор моҳи дигар то шашсолагиам монда будааст. Ба ҳар ҳол мешунидам, ки падарам мегуфт: «Ту ҳоло шашсола нашуда будӣ, ки ба мактаб рафтӣ...»

Рӯзи нахусти мактабравӣ ҳоло ҳам пеши назарам намудор аст. Омодагӣ ба мактаб як рӯз қабл аз он оғоз гирифт. Модарам аз матои тринко бароям халтае дӯхт. Он чо китоби «Алифбо», чӯбчаҳои килкии ҳисобкунӣ то панҷоҳ адад чо ба чо шуд. Тамоми шаб дар фикри мактаб будам. Хурсандиам пагоҳии рӯзи якуми сентябр ҳадду канор

надошт. Хонаи мо аз мактаб ба масофаи сад метр вокеъ буд. Он пагоҳӣ падарам ҳам омодагӣ мегирифт. Ба ҳар ҳол *соли хониши нав буд.* Вай дар хочагии «Точикдивизия» *яке аз нахустин муаллимон буд.* Он пагоҳӣ модарам гардсӯзи *ширдор тахия намуд. Хуши ношто* ҳам надоштам. Маълум *он будам, ки кай падар мегӯяд:* «Худойназар, рафтем». Ин амр ҳам сурат гирифт. Дасти падар-муаллимро доштам. Халтаамро падарам гирифт. Саҳни мактаб пур аз бачаҳо буд. Ҳама хурсандӣ мекарданд. Он даврон синфи яку се якчоя мехонданд. Синфхона ба ду қатори нишаст тақсим шуда буд. Падарам талабагони синфҳои якро ба як қатор шинонд. Дарс оғоз шуд. Асомуаллим дақиқаҳои аввалро ба мавзӯи интизомнокӣ бахшид. Баъд дар бораи моҳияти мактаб ва хондан сӯҳбат намуд. Ман гоҳе пинҳонӣ аз муаллим ахли синфро аз назар гузаронда, бо нигоҳҳоям ба чӯраҳоям гуфтанӣ мешудам, ки «дидед, падари маро, муаллим аст, ӯ яктост, канӣ минбаъд бо ман дастбагиребон шаведу бинам...» Ҳамин навъ гаҳо дар андешаам чарх мезаданду бо муаллим будани қиблагоҳам ифтихор менамудам. Албатта, шароити онвақтаи синфхонаҳои нахустмактаби ман мисли имрӯз набуд, балки вазъи ноҳинҷоре доштем. Бо бури аз сафедхок сохташуда менавиштем. Мизу партаҳо ҳам хеле фарсуда буданд. Маълум, ки он партаҳоро аз марказ меоварданд. Дар хотирам ҳаст, ки партаҳои мо ранги сиёҳ дошта, болояш чойи рангмониву қаламмонӣ доштанд. Барои китоб мондан зери парта рафчаҳо сохта буданд. Шунидам, ки муаллим барои дах дақиқа танаффус эълон кард. Ҳамагӣ додгӯёни рӯйи хавлии мактаб баромадем. Ман бо чанд нафар ҳамсинфонам, ки ҳамарӯза якчо мегаштем, дар бораи дарси нахустин сӯҳбат мекардем. Медидам, ки онҳо бо ман ҳамчун ба бачаи муаллимашон муносибат мекунанд. Ман ҳам худамро дигар хел нишон доданӣ мешудам. Ҳамаро мушоҳида менамудам ва таги чашм дидан мехостам, ки талабагони синфи се чӣ навъ маро мебинанд, зеро онҳо калонтар буданд, баъзан мо хурдтараконро азоб медоданд.

Рӯйи ҳавлии мактаб се-севу чор-чор гурӯҳи бачаҳову духтарҳо ба назар мехӯрданд, ки сари ҳарчи гап мезаданд. Медидам, ки ҳама гап мезад, вале якдигарро гӯш намедоданд. Вақти танаффус, ки даҳ дақиқа буд, онҳо мехостанд, ки ҳарчи дар дил доранд, гӯянд. Ҳама саросема ба назар мерасиданд. Чеҳраи ҳама талабагон мисле ки механдид... Мушоҳидаҳоям ба поён нарасида буд, ки муаллим бо зангӯлае рӯйи ҳавлӣ баромаду онро ба ин тарафу он тараф алвонҷ дод. Чунин зангӯлаҳоро, одатан, ба гардани шутурҳои боркаш мебастанд, то ки аз роҳгардии корвони уштурҳо дарак бидиҳанд. Бо баланд шудани садои зангӯла ҳамагӣ худро ба синфхона задем. Боз дастҳоро болои парта гузоштаму ба суханронии муаллим мутаваҷҷеҳ гардидам. Он рӯзи аввал синфи якро аз ду соат беш дар мактаб маътал накарданд, то ки мо кӯдакон монда нашавему рӯзи дигар сари вақт ба мактаб ҳозир гардем. Моро баъд аз таъкидҳои зиёд муаллим ҷавоб дод. Халтаамро бардошта роҳ сӯйи хона пеш гирифтам. Чунон роҳ мегаштам, ки гӯё қаҳрамоне нишон дода бошам. Аз нахустин рӯзи мактабравӣ як навъ ҷиддияту масъулият дар ман падид омад. Рӯйи ҳавлӣ модарам, «ҳа, Худойназарҷон омадӣ, отат наомад»,– гӯён бо чеҳраи чун ҳамеша хандонаш пешвозам гирифт. Модар аввалан аз ду бари рӯям бӯсид ва баъд халтаи мактабравиамро аз дастам гирифта, барои ғизое хӯрдан даъватам кард. Аммо ман ба даъвати модар гӯш надода, як тикка нони хушкро аз дастархон кандаму тозон аз ҳавлӣ берун шудам. Чанде аз ҷӯраҳоям низ бо пораи нони хушк ба сӯйи ман меомаданд. Таассуроти рӯзи аввали таҳсилро ҳар кадом ба таври худ қисса менамуд. Мо ҳам ҳини нақл якдигарро намешунидем, фақат гап мезадаму гап мезадем...

Баъд аз як ҳафтаи мактабхонӣ, дарс шакли ҷиддиро ба худ гирифт. Муаллим супоришҳо медод ва рӯзи дигар натиҷаи онро талаб менамуд. Дар ин ҳолатҳо падарро ҳамчун муаллим дарёфтам. Ӯ низ дар баробари писараш ҷиддият нишон дода, аз ҳама беш ҷавоби дарсҳоро аз фарзандаш

мепурсид. Барои муаллим ҳама як буд. Чи писари худаш ва чи фарзанди деҳконро дар як сатҳ мегузошт ва як хел муносибат менамуд. Падарам сахтгир буд. То мактабрави медонистам, ки падар одами сахтгиру назму низомро дӯст медоштагӣ аст. Аммо ҳеҷ гумон надоштам, ки ин чиҳатҳоро сари фарзандони дигар ҳам бор мекунад. Ҳамеша чи дар дарсхона ва чи дар хона таъкид медошт, ки «Худойназар! Ту бояд барои фарзандони дигар намунаи ибрат бошӣ. Барои ин бояд ҳамеша дарс тайёр кунӣ ва ҳеҷ гоҳ беҳудагардӣ накунӣ. Андак, ки бозӣ кардӣ, боз ба дарстайёркунӣ дода шавӣ...». Ҳамарӯза баъди фориғ шудан аз дарс бо модарам соатҳо дарс тайёр мекардам. Ҳарчанд ки модар бо алифбои русӣ балад набуд, аммо дарсҳои дигарашро мефаҳмид ва дасти ёрӣ дароз мекард. Оре, модарам бо алифбои лотинӣ савод бароварда буд, оне ки аз соли 1928 то соли 1940 алифбои арабиасоси форсиро иваз намуд. Чи шуду соли 1940 алифбои лотиниро ҳам аз байн бурданд ва алифбои кириллӣ-русиро дар мактабҳои шӯрой ба расмият даровардaнд.

Акнун падарамро Асомуаллим не, балки Асо Содиқуф ном мебурданд. Дуруст аст, ки дар навишт Содиков истифода менамуданд, вале дар талаффуз Содиқуф мегуфтанд. Дар хочагии «Точикдивизия» ҳамон солҳо ду «уф» буд. Яке раиси хочагӣ Раҳмон Каримуф ва дигаре мудири мактаб Содиқуф. Истилоҳи «уф» маъниш калоншавандаро медод. Аз ин чост, ки дар Чинисой баъд аз раис шахси дуюм падари маро мешинохтанд. Агар аз нигоҳи саводу фарҳанг баҳо дода мешуд, фақат Содиқуф мемонду бас. Раиси колхоз шахсе буд, ки андак савод бароварда, ба ҳуччатҳо имзо гузошта метавонисту халос. Ӯро каси китобхон номидан душвор буд. Ба ин хотир раиси Каримуф ҳамеша бо мудири мактаб машварат мекард ва маслиҳатҳо мегирифт.

Ба ҳамин тариқ, соли аввали мактабхониам ба поён расид. Синфи дуюм шудам. Алифборо ёд гирифтам. Хондану навиштанро ҳам омӯхтам. Ҳисоби чорамалро ба зудӣ аз худ намудам. Талабаи пешкадам шудам. Дар ин роҳ ман ду муаллим доштам. Яке падарам, ки дар мактаб таълимам

медод, ва дуюм модарам, ки шабона то дер назди чароғи сиёҳи пилтаӣ ба ман дарс ёд медод ва мачбурам месохт, ки ба бештар сари китоб нишастан одат намоям. Намедонам, чаро ба Холназар камтар таваччӯҳ зоҳир мешуд. Ба назарам ӯ гарданшахӣ нишон дода, ба дарсомӯзӣ чандон рағбат надошт. Ҳарчанд ки ӯ як синф боло мехонд, ҳисобро мисли ман намедонист. Баъзан кӯшиш мекард, ки маро бо баҳонаи алафдараviву молчарони аз дарсхонӣ маҳрум созад. Аммо ман ба ӯ гардан надода, кори худамро мекардам. Ҳатто ҳини оббозии тобистона болои реги тафсон ва хоки чигина масъалаҳои тарҳу чамъро ҳал менамудам. Дуруст навиштани харфҳоро машқ мекардам. Ба хондан шавки зиёд доштам. Баъзан ба хондани рӯзномаи «Точикистони сурх», ки падарам аз Кӯлоб меовард, дода мешудам. Дар хондани он душворӣ мекашидам, вале худро мачбур мекардам.

Соли 1947 дар хонадони мо писарчае ба дунё омад, ки исмашро ба равиши номҳои писарони дигар – Соҳибназар гузоштанд. Ачобат дар он буд, ки ин кӯдак ба фарзандони аввалаи Асомуаллим чандон монандӣ надошт. Рӯзе як амакбачаи падарам, ки Абдулқаюм ном дошт, ба хонаи мо ба меҳмонӣ омад. Ӯ рӯйи ҳавлӣ гаҳвораро диду болои оиро кушода бо чиянаш ошно шудан хост. Баъд шӯхикунон чониби модарам назар андохта гуфт: «Янгаи Иқлимоҳ, ин бачаат дигаргуна, ким-чӣ хел, ҳам зардиямӯю ҳам сиёҳчехра, тақрибан ба баҳтур монанд аст...». Модарам андаке ранчишнамо чунин чавоб дод: «Ҳеч гап не, оли бачаи хушрӯ мешава...». То ин чо ки расидем, сафи оилаи Содикуф ба шаш нафар расид.

МУАЛЛИМИ СОЛҲОИ ЧАНГ ВА БАЪДИ ОН ЧӢ КАСЕ БУД

Бо гузоштани чунин савол чавобашро ба асоси фаъолияти ондавраинаи қиблагоҳам иртибот доданиам. Умуман, муаллими солҳои сиву чил ва чанд соли баъдичангӣ шахсе

буд, ки ба сохтори шӯрой, ба идеологияи он содиқона хизмат мекард. Пеш аз ҳама, масъулиятмандиро дар назди ҷомеа аз ҳама падидаи муҳим мешуморид. Падарамро ба сифати муаллим маҳз дар деҳаи Чинисой шинохтам. Поёни ҷанги оилаи мо дар ҳамин деҳа пешвоз гирифт. Падарам аз ҷумлаи он омӯзгороне буд, ки давлати шӯравӣ ӯро ба ҷанги зидди Олмон даъват накард, балки ба ӯ «брон» дод, то ки дар ақибгоҳи ҷанг бахши маънавии ҷомеаро инкишоф бахшад. Дар давраи ҷанг падарам мардуми деҳро бо муваффақиятҳои ҷанговарони шӯравӣ ошно месохт. Саҳифаҳои ҷанги рӯзномаҳои ҷумҳуриявиро миёни марду занони деҳқон қироат менамуд, онҳоро дар рӯҳи умедбандӣ ба ғалаба тарбия менамуд. Дар деҳоти кӯҳистони солҳои ҷанг муаллим ягона такягоҳи давлат маҳсуб мегардид. Аз ин ҷост, ки ҳукумат муаллимро эътироф мекард, ӯро мепазируфт, имтиёзҳои бароямедод. Масалан, бо ҳезуму дигар сӯзишворӣ таъмин мекард, аз хонапулӣ озод менамуд, соле бароям либоси гарм, ки аз фуфайкаи пахтагӣ бо шалвораш иборат буд, таъмин месохт, ҳафтае як бор аз Кӯлоб даҳ-дувоздаҳ бухонка хлеб меовардандаш ва ғайра. Дар чанд қарияҳои наздики хочагии «Тоҷикдивизия» мактаби ибтидоӣ амал менамуд, ки дар ихтиёри Асо Содиқуф қарор доштанд. Мавсуф аз ким-кучохо он мактабҳоро бо муаллим таъмин мекард. Масалан, писарамакаш Абдулқаюмро, ки маълумоти синфи ҳафт дошт, дар мактаби деҳаи Сангигӯр муаллим таъин намуда буд. Он айём як мактаби чорсола аз як муаллим беш надошт. Барои ҳамин Содиқуфро ҳамчун мудири мактаб мешинохтанд.

Саволе ба миён меояд, ки Асомуаллим чӣ маълумоте дошт? Тавре пештар ишора кардам, ӯ дар оғоз саводи мадрасавӣ гирифта, дар давраи нав курси семоҳаи муаллимиро аввал дар Қизилмазору сипас дар Балҷувону Кангурт ва баъд дар Ховалингу Кӯлоб тамом карда буд. Илова ба ин соле як маротиба дар Кӯлоб курсҳои такмили ихтисос мегузашт. Соли 1946 ба Институти дусолаи муаллимтайёркунии шаҳри Кӯлоб дохил шуда, ҳуччати

онро низ гирифта буд. Медидам, ки ҳар тобистон падарам чил рӯз дар Кӯлоб ба таҳсил мепардохт ва ба назарам дар бахши таърих мехонд. Дар илми таърих дониши хуб дошт. Махсусан, таърихи ҳизби коммунистро аъло медонист. Асарҳои Ленину Сталин ҳамеша болои мизаш қарор доштанд.Ҳар чоро, ки аз ин китобҳо мехонду лозим буд, бо қалами сурх зераш хат мекашид. Муаллимони он солҳо, ҳарчанд ки маълумоти донишгоҳӣ надоштанд, донишашон аз баъзе номзадҳои илми имрӯза боло буд. Инро ман бидуни муҳобот мегӯям. Ҳусни хати зебое, ки падарам дошт, кам касон доштанд. Ӯ ҳар ҳарфро аз рӯйи қоидаҳояш менавишт. Яъне, дар курсҳои тақмили ихтисос ба онҳо дарси ҳусни хат мехонданд, то ки талабагонро ба ҳамон шарту шароит навиштан ёд диҳанд.

Падарам сталинпараст буд. Сохти сотсиалистиро бисёр мепазируфт. Гоҳе ба мо насиҳат мекард, ки чунин сохтро таърих ёд надорад. Кадом давлатро метавон ёдовар шуд, ки ятимхонаҳо кушода, кӯдакону наврасони бепарастории хӯронаду пӯшонаду хононад. Ин хел давлатро таърих дар саҳифаи худ то омадани шӯроҳо сабт накардааст. Ӯ худашро мисоли меовард, ки дар ҳавлии язнаҳо мардикорӣ мекард. Аммо ин давлат вайро дар мактаби нав хононд ва ба дарачаи муаллимӣ расонд. Аз ин чост, ки дар суханрониҳояш миёни кишоварзони хочагии «Точикдивизия» таъбири партия ва ҳукумати шӯравиро бо эҳтироми хоса истифода менамуд. Суханрониҳои ӯро гӯш карда, мардум ба ифтихори Сталин қарсак мезаданд. Ҳоло ки он лаҳзаҳоро пеши назар меорам, мебинам, ки Асо Содиқуф нотиқи тавоное буд. Ӯ бо истифода аз ҳунари нотиқиаш соатҳо тавоччӯхи аъзои хочагиро сӯйи қарорҳои партия ва ҳукумат чалб менамуд. Ба хусус митинге, ки ба муносибати ғалаба бар фашизм сурат гирифт, хеле хотирмон буд. Ёдам хаст, ки намояндаи обкоми Кӯлоб дасти падарамро сахтакак фишурда, «офарин, рафиқ Содиқуф» гуфт. Эътибори ӯ миёни мардуми деҳоти минтақа ва рохбарони вилояту маориф бисёр баланд ба назар мерасид. Дар аксари конфронсҳои ноҳиявиву

вилоятӣ, ки охирҳои август сурат мегирифтанд, падара
гузориш дода, нуқсонҳои соҳаи маорифро ошкор месо
Албатта, ин чиҳати фаъолияти эшон на ба ҳама рохбаро
давр хуш меомад. Аммо ӯ нотарсона, сталинв
андешаҳояшро ба хотири беҳбуди соҳаи маориф ибр
медошт.

Дар деҳаи Чинисой падарам дар се баст — смена да
мегуфт. Басти сеюмаш, ки баъд аз шом оғоз меёфт, курсҳ
маҳвӣ бесаводӣ буданд. Дар он мӯйсафедон, занон ва касо
ки аз таҳсили мактаби ибтидоӣ бебаҳра монда будан
иштирок мекарданд. Талаботи маориф он буд, ки ҳама аъз
ҷамъият бояд ҳарфҳоро шиносанд, хондаву навиш
тавонанд. Дигар имзоҳои сари ангуштӣ, ки ба ҳуччат
чун собиқ гузошта мешуд, ба дард намехӯрд, балки ҳ
шахс ҳатман худаш имзову номашро бояд навиш
метавонист. Баъзе мӯйсафедон рӯзнома ҳам мехонданд.

Дар оила, ки панҷ-шаш нонхӯр буд, маоши муаллим
кифоя намекард. Ба ин хотир, Асомуаллим баъд аз соатҳ
даҳи шаб ба «басти чорум» худро мезад, ки он ҷувозкаш
ном дошт. Бале, муаллими сурх ҷувозхона рост карда
зағири халқро ба ҷувоз андохта, бо аспи худ то субҳ равғ
мекашид. Равғанро ба соҳибаш дода, фақат кунҷораи он
ҳамчун ҳаққи заҳмат барои худ мегирифт. Кунҷораро б
говҳои чӯшой хӯронда, боқимондаашро ба деҳаҳои дига
бурда, ба гандум ё чав иваз мекард. Ману Холназар ноо
гарми модарро гирифта, пагоҳии барвақт ба ҷувозхон
мерафтем, то ки ба равғани хафдори гарм тар карда ҳалов
барем. Падар бо чеҳраи кушод пешвозамон мегирифт к
баъд нонҳомонро бо дастони то оринҷ равғанолудаш б
дохили кундаи ҷувоз андохта, сипас ба дастамон медод. Н
лаҳза медидам, ки қиблагоҳ хеле хаста менамуд. Са
рӯяшро арақ пахш карда буд. Гӯё мехост каме дам гирад, к
ба Холназар мефармуд: «Бачам, оҳистакак думи аспро до
давр гардон, то ки равған пухтатар шавад...» Ин амал
падар то соатҳои ҳафти пагоҳӣ идома дода, баъд хо
меомад, дасту рӯй мешуст, либосҳои муаллимиро мепӯш

ва як пиёла чой ё ширчойи модарро иҷуши чои карда, сӯйи мактаб мешитобид. Субҳе то омадани падар аз ҷувозхона модарам ноштои ману Холиазарро бо ордбирён (гардсӯз) таъмин карда, як коса гардсӯзро барои падар дар дег нигоҳ дошт. Мо ҳоло аз сари дастрахон нахеста будем, ки падар аз басти чорумаш пас гашт. Сару рӯяшро шусту назди мо нишаст. Модар он гардсӯзи бокимондаро ба табақчаи чубине андохта назди падар гузошт. Падар як пора нонро ба гардсӯз майда карда, ду-се қошуқ хӯрда буд, ки назараш ба ду фарзандаш афтид, ки ба меҳр хӯрдани падарро мушоҳида мекарданд. Гумон бурд, ки бачаҳош гуруснаанд, ба мо мурочиаткунон гуфт: «Бачаҳом, ман сер хастам, гиред ин гардсӯзро хӯред» ва табақчаро назди мо гузошт. Модарам ба гӯшае худро зада, ноаён оби чашм бароварда, ки падари бачаҳош гурусна ба мактабаш рафт. Мо, ки парвое аз зиндагӣ надоштем, гуфта натавонистем, ки «ота, ота, мо навакак гардсӯз хӯрдем, сер ҳастем, ин ҳақи шумо аст, иҷуши чои кунед», балки ба косаи ордбирён дарафтодем ва садои қошуқу табақро ба осмон баровардем. Офарин ба ин хел падар, мегуфтам баъдҳо. Ду соли аввали баъди ҷанг рӯзгори мо даҳшатбор буд. Сару либоси дуруст надоштем. Зимистон чоруқи хомакӣ, ки аз пӯсти гову хар сохта мешуд, мепӯшидем. Он хомакҳо то имрӯз дар ёдам ҳаст, ки чӣ навъ аввал хаси хушкро ба пойҳои лучамон печонда, сипас ба хомак меандохтем. Воқеан, хомак дар зимистони қаҳратун аз беҳтарин пойпӯши гарм ҳисоб меёфт. Модарам ғайр аз як пироҳану лозимӣ либоси дигаре надошт. Он ҳам аз ҷанд чой дарбеҳ буд. Ман он айём акнун панҷ сол доштам, вале мушоҳидакор будам. Яке аз рӯзҳои тобистон дидам, ки модарам ба тағорае оби гарм ва собун гирифту пушти хона гузашт. Ҳайрон шудам, ки чаро модар рӯйи ҳавлӣ сар намешӯяду пушти хона меравад. Хостам фаҳмам, ки модар чӣ амалеро анҷом хоҳад дод. Модар пироҳани карбосии сафедашро аз бадан кашид ва онро ба ташт андохта собун зад, хуб шуст, сипас болои хаси хушк партофту ба ин сӯву он сӯ назаркунон ним соат нишаст, то ки пироҳанаш хушк

шиканду онро ларзонад. Бовар кунед, ки модари ман дар ҳам
ваъзу шарҳҳои нодиҷвор рӯзгор медид. Бо вуҷуди ин
пул, ҷанҷолҳам, ки аксари падар аз белибосӣ шикоятеро
онарда бошад. Тасаввур кунед, ки бойдухтар ба чунин ҳол
гирифтор омада бошад ҳам, мефаҳмид, ки завҷаи муаллим
сурх аст ва ҳам дарк менамуд, ки кишвар акнун аз ҷа
бадар шудааст. Модар ба ҳама мушкилиҳои рӯзгор то
мекард, зеро Асомуаллимро худаш хоста буд, вагарна ӯ
моли шахсии сарватманде гардонданӣ буданд. Он вақт
ба чунин нодириҳо рӯ ба рӯ намеомад. Модари ман аз ҷумл
«занони озод» буд, ки худхостаро ба ҳамсарӣ пазируф
Мешунидам, ки модарамро аз берун «зани Асо Содиқ,
зани муаллим» ва агар худиҳо мебуданд, «янга
Иклиммоҳ» гуфта, садо мекарданд. Модарам аз зан
муаллим буданаш ифтихор дошт. Ҳамин даврон буд, к
чеҳраи зебои модарро шинохтам. Ӯ бонуе буд, ба таъбир
М.Турсунзода кулчарӯй, сафедпӯст ва хушандом. Рӯ
модарам доғҳои чечакӣ дошт. Ин нишонӣ аз бемори
чечакгул монда буд. Аммо он доғҳо ӯро мезебиданд, қиёф
зоҳириашро дилкаштар мегардонданд. Чеҳраи модар ҳамеш
ханда дошт. Гӯё ӯ дардеро эҳсос намекард, ҳол он ки дара
нодорӣ фишораш меовард. Модари ман, воқеан зани намуна
буд. Ӯ пироҳани гардандори балчувонӣ дарбар мекар
Тӯшии наҳшдори балчувонӣ бо ҳалқаи хоссаву гарданбанд
занчирдор чеҳраи модарро боз ҳам зеботар пеши назара
ҷилвагар месохт. Модар пироҳани сафед ва рӯймол
доканро хуш дошт. Як гӯшаи рӯймоли сар ҳамеша рӯи
модарро аз дигарон пинҳон мекард. Рӯйи модарро фақ
мо ва падар пурра дида метавонистем. Эҳсос мекардам, к
падару модар якдигарро хеле дӯст медоранд. Агар пад
ба кучое барои таъмини оила сафар мекард, то омадана
модар чойи нишаст надошт. Ҳар лаҳза ба роҳи шавҳа
чашм медӯхту такрор ба такрор мегуфт: «Муаллим ку
шуд, чаро отатон дер карда истодааст, магар ягон ҳодис
шуд, аспаш боз нагурехта бошад...». Ман ин суханҳор
мешунидаму парво намекардам, ки падар меояд ё н

Баръакс, агар падар дертар мерасид, ман озодтар бозиамро вдома медодам. Асомуаллим ҳамин навъ завча дошт, завчаи меҳрубон, қадррас ва содиқ. Ин завча ҳамсарашро хуб медонист, ки ба ҳар кучо ки равад, нимашаб бошад ҳам, худро ба манзил мерасонад. Фақат модар то лаҳзаҳои аз дур шунидани шиҳаи аспи падар ором набуд ва чашм ба интизорӣ рӯйи ҳавлӣ сари по менишаст. Модари ман зане буд, ки ба чор басти корию падар мусоидат мекард. Падарро бо суханҳои умедбахшу ширин навозиш менамуд, бо ғизои болаззат ҳаловаташ мебахшид. Афсӯс ки чунин завҷаҳое мисли модари ман торафт кам ба назар мехӯранд... Модарам барои падари муаллим ҳамчун чароғи хонадон маҳсуб мешуд. Чароғе, ки ба ҳама рӯзҳои тори зиндагӣ равшанӣ меандохт, ба фаъолияти падар гармӣ меовард.

Падари ман муаллиме буд, ки ҳама аҳли минтақа ҳурматаш мекарданд. Шахси ҳалолкор буд. Нони муаллимиро аз ҳама беш ҳалол медонист. Бо ҳаромхӯрӣ муросо карда наметавонист. Ба ибораи дигар, нони муаллимиашро ҳалол мехӯрд. Шояд бовар накунед, аммо медидам, ки падар баъди хуфтан чароғи керосиндоре, ки фанар номида мешуд, ба даст мегирифту хонаи ҳама талабаҳояшро хабар мегирифт. Бо ин амал мехост фаҳмад, ки онҳо дарс тайёр мекунанд ё не. Чунин тафтиши шабонаи Асо Содиқ ба ҳукми анъана даромада буд ва то талабае аз назорати 9 нагузарад, падару модар ба фарзанд иҷозати истироҳат намедод. Кадрҳои чомеасозе, ки имрӯзҳо мебинед, маҳсули заҳмати ҳамин навъ муаллимони замони чангу баъдичангӣ мебошанд. Дигар он хел муаллимонро пайдо кардан кори душворе хоҳад буд. Асомуаллим ҳафтае як бор мачлиси падару модаронро мегузаронид. Падарони талабаҳои дарсгурезу танбал ва бадхонро рост мононда муҳокима мекард. Дарсгурезиро хиёнат ба давлат эълон медошт, то ки чашми тарсашон кушода шавад. Асо Содиқ ҳеч гоҳ талабаҳояшро бе китобу дафтар ва қалам намемонд. Эътибор, ки дошт аз маорифи нохия бо чанчолу фишор ҳаққи шогирдонашро мерӯёнд. Ҳеч гоҳ нашудааст, ки

сухани Асомуаллим назди мудири маориф ё раиси хоҷа
беэътибор дониста шавад. Он даврон то ҷое раиси колх
мутеи муаллим буд. Муаллим дар айни замон чашму гӯш
давлат ҳисоб меёфт. Дар хоҷагӣ ягон амалро бе маслиҳа
Асо Содиқ пиёда намесохтанд. Ҳатто мавзӯи ба шавҳ
баровардани духтаронро котиби ҷамоат ҳатман бо падар
якҷоя ҳал мекард... Оре, он айём қонуни давлат д
дурдасттарин маҳал риоя мегардид. Қонуншиканӣ, умум
ба мушоҳида намерасид. Назорати қонун д
«Тоҷикдивизия» ба ӯҳдаи Асо Содиқ гузошта шуда бу
зеро қонунро на ҳар узви ҷомеа медонист.

Падарам марди қоматбаланди қоқинарӯ буд, чех
сабзина дошт. Устухонаш бақувват ва вазнин. Касе буд,
аз хурдӣ дар меҳнати ҷисмонӣ обутоб ёфта; дасту бозу
мустаҳкам, мушташ сахт ва марговар буд. Дар миёни чор
шохдорамон буқае парвариш меёфт, ки на кам аз 200 кг
гӯшт мекард. Он буқа гарданшаху шохзан шуд ва на мода
на ману Холназар ба ҷонибаш рафта наметавонистем. Чу
шуд, ки ҳамин буқа бегоҳие вақти омади пода тохта
ҳавлӣ даромад ва хавфи кӯдакҳоро сари шохаш бардошт
пайдо гардид. Падарам, ки рӯйи ҳавлӣ ба кадом коре маш
буд, якбора сӯйи буқа давиду як мушт ба гарданаш з
Буқа болои замин чапа шуда, чашмонаш аз косахонаи сар
баромада, ало-ало ба мо, ки дар гирдаш ҷамъ омада буде
менигарист. Падар ба зудӣ ресмони ғафсеро оварда,
шохҳои буқа баст ва гуфт: «Муштам ба раги гарданаш хӯр
вагарна ин ҳавлиро чашаву роста мекард...». Ҳамон в
зӯрии дасти падарро фаҳмидам. Баъдтар маълумам гард
ки Асо дар 18-19 солагияш дар майдон бо паҳлавон
гӯштингирӣ мекардааст. Боре дар майдоне гӯштингирон
Балҷувону Ховалинг, Дектуру Ҳалқаёру дигар деҳоти гир
атрофи Момайӣ ҷамъ меоянд. Шахсе аз мансабдорони қав
ӯзбек дар Тушангсанглох тӯй медиҳад ва барои паҳлавон
гилему гӯсолаву аспу уштур мукофот мемонад. Бояд гуф
ки дар ин минтақа ӯзбекҳо низ иқомат доштаанд. Табиӣ
ки миёни онҳо гӯштингирони боқувват ҳам будаан

Гузашта аз ин паҳлавонон аз рӯйи қавму маҳал ба чанд даста тақсим мешаванд. Дар дастаи тоҷикҳо Асо ҳам шомил буд. Гӯштин оғоз мегардад. Назар ба нақли падарам, ӯро бо навбат бо ҳафт нафар паҳлавон ба гӯштин мебароранд, ки дар натиҷа Асо ғолиб мебарояд. Он замон гӯштин аз рӯйи вазн набуда, балки касеро, ки талаб намуданд, хоҳу нохоҳ ба хотири даста шуда, гӯштин мегирифтааст. Асо баъди ҳафт паҳлавонро ба пушт хобондан хаставу беҳол менишастааст, ки аз дастаи ӯзбекҳо паҳлавоне, ки назар ба Асо даҳ-бист кило бештар вазн доштааст, ӯро талаб мекунад. Асо ба калони дастааш мефаҳмонад, ки дигар қуввати мусобиқа надорад ва ҳам як сари зонуяш захмин гаштааст. Аммо он ӯзбекпаҳлавон пофишорӣ намуда, маҳз Асопаҳлавонро бароред, мегӯяд. Дигар илоҷе наменомад, Асоро боз ба майдон мебароранд. Чанд дафъа паҳлавони ӯзбек вайро ба ин сӯву он сӯ кашола мекунад ва як маротиба ба шикам меафтонад. Асопаҳлавон эҳсос мекунад, ки мағлуб мешавад. Вале ҳини давр задан назараш ба дастаашу мухлисони шиҳохтаи Момайи меафтад, ки нигоҳашон мегуфт: «Асо, ту қавму маҳалро шарманда насоз. Агар ту мағлуб шавӣ, дигар дар ин гирду гӯша мо чӣ навъ миёни ӯзбекҳо сар боло карда мегардем? Нангу номус мебояд. Ҳатман паҳлавони ӯзбекро афтон ва бо сари баланд аз майдон берун баро...». Андешаҳои ботинӣ гӯё Асопаҳлавонро нерӯи тоза мебахшанд, ки ба ҳариф бадқаҳрона мечаспад ва ӯро тори сар карда ба замин пуштнокӣ меандозад. Паҳлавони ӯзбек, ки худ вазнин будааст, бо вазни худаш чанд қабурғааш мешиканад ва ӯро қавмаш ба гилеме андохта аз майдон мебароранд. Асопаҳлавон бошад дар гӯшае рафта чанд қатра хунро аз даҳон меандозад. Вақте ки ӯ ҳарифро ба ҳаво мебардорад, аз қафаси сина чизе гӯё канда мешавад. Ба ҳамин тариқ, Асо дар гӯштин ғалаба ба даст оварду ҳафтае аз бистар нахест. Табибон ӯро бо гиёҳу ким-чиҳои дигар ба пой хезонданд. Ин охирин гӯштини Асопаҳлавон буд.

Падар нақл мекард, ки ҳамон вақт кадом узве аз бадан канда шуда будааст, ки чанд рӯз хун мепартояд. Асомуаллим

солҳои баъд ҳам он дардро эҳсос менамуд ва мегуфт: «Ҳам гӯштини нангакӣ саломатиамро як умр вайрон сохт. Ҳамеш эҳсос мекунам, ки дар қафаси сина узве дард дорад...» О Асо то он гӯштини охирин дар минтаҳа бо паҳлавони часурӣ ном бароварда буд. Мегуфтанд, ки аз понздаҳсола гӯштин гирифтаасту ягон маротиба пушташ замин надидааст. Баъд аз он гӯштин ҳама ӯзбекҳои минтаҳа худ ҳамчун муридони Асопаҳлавон медонистаанд. Ҳамон давр будааст, ки Авлиёқул ном чавони ӯзбек бо Асо дӯсти чо мешавад ва ин рафоқат то поёни умри ҳарду боқӣ мемонад Баъзан мешунидам, ки сокинони Момайӣ ва деҳаҳои ди мегуфтанд: "Парӣ дар пушти Асомуаллим панча задааст. парӣ дора". Ва гӯё борҳо дидаанд, ки шабона ҳини аз чое чое ҳаракат доштан Асоро париаш ба гӯштин даъв мекардааст. Баъд аз он гӯштин сару либоси Асоро дари медидаанд...

Воқеан, падарам қавиҷусса буд. Вақте ки болои ас бузиаш мебаромад, миёни асп хам мехӯрд. Бузкаширо д медошт, аммо худаш ба «қура» намедаромад, балки го аспашро ба бузкаше бовар мекард. Борҳо мушоҳи менамудам, ки халтаи садкилогиро як худаш бардошт болои хар мегузошт. Ҳеч гоҳ барои халтаи орд ё ча гандумро аз чое ба чое бурдан касеро ба ёрӣ даъват намекар Ин лаҳзаҳо дили модарам месӯхт, ки мегуфт: «Малим, о ягон каса чеғ зан. Ин линча хеле вазнин аст, ё ки биё аз гӯшааш ман бигирам». Падар ба қаҳр меомад ва дасти ёр модарро ба дигар сӯ тела медод ва худаш кори саркардаашр ба поён мерасонд.

Падар ба ғайр аз муаллимӣ касби кишоварзӣ ҳам дош Хочагӣ барояш замин чудо карда буд, ки дар он ғалладо тарбузу харбузаи лалмӣ мекошт. Вақти дарави гандум яг деҳҳонро ба ёрӣ даъват намекард. Раис Каримуф бор мехост ба муаллим ёрӣ диҳад, аммо ӯ рад мекард. Аг ягон кас аз хешовандонаш пайдо мешуд, падар аз ӯ хоҳи мекард, ки кореро барояш анчом диҳад. Дар Асомуалли кишонаҳои сайидзодагӣ хеле бисёр буд: аз меҳнати х рӯзгор дидан, ҳаққи ҳалол хӯрдан, касеро ба манфиа

хеш кор нафармудан, аз ҳама пеш салом арз доштан, дурӯя набудан, муллову масчидро эҳтиром кардан, қадри китобро донистан, ба рӯйи зани бегона нанигаристан ва ғайра.

Падар рӯзе дар ҳавлӣ машғули кадом коре будааст, ки маркабе бо чуволи даҳанбаста шитобон дарвозаи ҳавлиро, ки аз чапаршоҳҳо сохта шуда буд, шикаста, худро ба гӯшае мезанад. Табиист, ки маркаби бордорро пашшаҳои газанда, ки қатала мегуфтанд, азоб медоданд ва аз ин чост, ки роҳи халосӣ мечуст. Асомуаллим аввал ҳайрон мешавад, ки ин хари бордорро кӣ сӯйи ҳавлии ӯ рондааст. Баъди андешае, то ки маркаб зери бор намонад, чуволи пурбори даҳанбастаро аз болои хар фароварда, ба девори хона такя медиҳаду боз аз паси кораш мешавад. Ҳамин лаҳза марди ришсафеде, банди шалвораш дар даст, саросемавор ба ҳавлӣ медарояд ва мегӯяд: «Хар чӣ шуд, хар чӣ шуд?». Асомуаллим соҳиби борро дидан замон салом арз мекунад ва маркабу борашро нишон медиҳад. Соҳиби хар тозон назди чувол меравад ва бошитоб ресмони даҳони онро кушода, даст ба дохили он меандозад ва баъд қоматашро рост карда, аз соҳибхона, ки амали ӯро назора менамуд, мепурсад: «Бародар, шумо чикорае?». Соҳиби хона чавоб медиҳад: «Муаллим». Сипас боз соҳиби хар савол мекунад: «Рафиқ муаллим, медонед, ки дар ин линча чӣ борест?» Муаллим бидуни андешае мегӯяд: «Не, намедонам. Маро ба линча чӣ кор. Ман маркаби гурехта омадаро фақат аз зери бораш халос кардан хостаму бас. Шумо ҳоло меҳмони ман ҳастед, меҳмонро Худо равон мекунад, шинед, ана ин чо болои пӯстак, гӯён модарро чеғ мезанад, то ки чою нон омода созад. Соҳиби хар гӯё суханҳои соҳибхонаро намешунавад, ки ҳайрон-ҳайрон сӯяш менигарад ва мегӯяд: «Малим, як табақи чӯбӣ биёр. Як панча аз ин тиллои Шутнов бароят диҳам». Асомуаллим номи тиллоро шунидан замон «не, не, меҳмон, тилло ба худат насиб кунад. Ман тиллоро хӯрда наметавонам»,гӯён пешниҳоди марди шугновиро рад мекунад. Баъд меҳмонро мисли як хешованд аш, мурғеро сар зада, зиёфат медиҳад ва баъд гусел мекунад. Вақти

гусел Асомуаллим ба меҳмон мегӯяд: «Мо сайидзода Хасти
Ҳеҷ гоҳ аз ҳаққи касеву моли шахсе ба манфиати х
истифода намебарем. Бинобар он, як панча тилло, ки
ман додан хостед, ҳаромам хоҳад буд. Худо нигоҳбо
бошад, бародар. Аммо фахмида бош, ки тилло моли дав
аст. Эҳтиёт шав, вагарна қонунан тиллоро бо худ ниго
доштан ва аз чое ба чое интиқол додан манъ аст». Мар
тиллодор бо тааҷҷуб сӯйи соҳибхона менигарад ва «их,
чонвар, рафтем, ки дер шуд»,- мегӯяду ба сағрии маркаб
халаҷӯб якто мезанад. Ҳине, ки марди тиллодор аз ҳав
баромада, рӯ ба нишебӣ меорад, чанд дафъа чониби хо
муаллим менигарад ва шояд дар дил мегӯяд: «Х
муаллими сода будааст. Охир як панча тиллоро мегира
намешуд. Дидам ҳолашро. Ба ғайр аз як пӯстак чизи диг
надорад...». Асомуаллим ҳам меҳмонашро бо назари анд
нафратдор то сари ҷарӣ гусел мекунад. Маълум мешав
ки марди тиллодор дар наздикиҳои Чинисой даст ба з
заданӣ мешавад, ки ин лаҳза маркабро пашшаҳои газан
иҳота менамоянд. Маркаби хасташуда бандро аз даст
соҳибаш канда, чониби деҳа рӯ ба гурез меорад ва аввал
ҳавлие, ки аз пешорӯяш мебарояд, хонаи муаллим будаас
Соҳиби хар баъди адои даст ба хок фурсати банди шалвор
бастан наёфта, масофаеро ба ҳамин ҳол тай мекунад. Ап
маркабу борашро пайдо намекард, шояд дилкаф мешуд. Б
гузашти солҳо падарам гоҳ-гоҳе киссаи мар
тиллогумкардаро бароямон нақл менамуд ва аз таҳти д
механдид ва баъд шӯхиомез мегуфт: «Мани беақл, охир
панча тиллоро ҳоло медоштам, шояд рӯзгорам бехтар ш
мерафт». Вале зуд аз ин шӯхиаш даст мекашид ва ба
насиҳат медод: «Ҳеҷ гоҳ ҳаққи мардумхӯр нашавед. Но
ҳалол карда хӯред. Гумон намекунам, ки он марди шугно
бой шуда бошад, балки касе ӯро барои тиллоҳоя
куштагист...». Он чи хондед, шингиле аз сифатҳои А
Содиқ буд. Шингилҳо аз сарнавишти падар ҳамеша д
ин ёддошт бо ман хоҳанд буд. Ҳикоятҳои Асомуаллим ид
доранд...

БА ШОҲНАЗАР ЧӢ ШУД?

Дар хонадони Асомуаллим Шоҳназар сеюмин писар буд. Агар ман рӯзҳои охири соли 1941 таваллуд ёфта бошам, Шоҳназар 1944 зода шудааст, зеро модарам одатан баъд аз ҳар ду сол кӯдак мезоидааст. Аз ин ки ман панҷ рӯз пеш аз даромадани соли 1942 ба дунё омадаам, пас соли таваллуди Шоҳназар бояд 1944 бошад. Афсӯс ки доир ба рӯзу моҳи ӯ мавод дар даст надорам. Зодгоҳи Шоҳназар ҳам Момайӣ буд. Чеҳраи ин додар дар Чинисой ба хотирам накш баст. Ӯ писараки кулчарӯю сафедпӯст менамуд. Серғӯштаку вале дардманд буд. Шояд аз яксолагӣ моякҳояш варам оварда буданд, то ҳаде ки дар роҳгардӣ душворӣ мекашид. Медидам, ки даба-даба ба ин сӯву он сӯ медавид. Вокеан, кӯдаки хушрӯяке буд. Он даврон, ки деҳоти точик табобатгоҳу шифохона надошт ва Чинисой ҳам аз маркази вилоят 30-40 км дур буд, падарам имконии Шоҳназарро ба духтурҳо нишон додан надошт. Табибон орди тухми сангпушту дигар давоҳои маҳаллиро барояш мехӯронданд, аммо дарди ӯ рӯ ба беҳбудӣ намеовард. Падару модар ба тақдир тан дода буданду якчоя бо фарзанди беморашон ранҷ мекашиданд. Шоҳназар мудом гиря мекард. Ба хусус, аз тарафи шаб соатҳо нолиш дошт ва садои гиряашро дар деҳа ҳама мешуниданд. Модарам баъзан асабӣ мешуд ва кӯдакро дуо мекард. Ба ёд меорам, ки бегоҳие падарам дар хона набуд. Намедонам ба кадом деҳи ҳамсояе барои пайдо кардани гандум рафта буд. Модар омадани ҳамсарашро аз сафаре интизорӣ мекашид, Шоҳназар дар оғӯшаш болои суфа менишаст ва гӯш ба самти роҳи омади падар ва шиҳаи аспи ӯ дошт. Шоҳназар гиряи чонкоҳе сар дода буд. Ҳарчанд ки модар бо суханҳои навозишомез ин сӯву он сӯ алвонҷ медод, вай ҳамоно мегирист. Ману Холназар дар як гӯшаи суфа гоҳ хоб будему гоҳ бедор. Мо низ омадани падарро интизор будем. Азбаски Шоҳназар ҳеҷ аз гиря намемонд, модар гоҳе сарзанишаш мекард, масалан, мегуфт: «Чигаракома хӯрдӣ, устухонама хушк кардӣ, охи ин чӣ

гиряест, ё Худо ба дарди бачам даво бахш...». Ҳамин лаҳз буд, ки аспи падар шиҳа кашид ва аз омадани падар навид дод. Дар масофаи сад-дусад метр, ки падар ба ҳавлӣ наздик шудааст, садои гиряи талхи Шоҳназарро шунидааст. Ӯ ҳайрон мондааст, ки шаб нима шудаасту ҳоло ҳам писари бемораш мегиряд, чӣ магар Иқлиммоҳро хоб бурдааст, ки ӯро навозиш намекунад. Бо ҳамин андеша аспи бордори падар ба шаст рӯйи ҳавлӣ қарор гирифт. Ману Холназар саросемавор аз ҷойҳомон хестем, то ки падарро пешвоз гирем. Модарам ҳам Шоҳназари гирён дар даст ҷониби падар ҳаракат кард. Вале падар модарамро сарзаниш кард, ки чаро кӯдакро азоб медиҳад, чаро коре намекунад, ки ӯро хоб барад. Падар ин суханҳоро гуфта, якбора ба сари модарам қамчин кашид. Чанд қамчин ба миёни модар зада буд, ки ману Холназар худро болои модар партофтем. Падар дид, ки қамчинаш ба бадани мо мехӯрад, аз амали нохубаш даст кашида, худу аспро ба сарой зад. Вақте ки доду фарёди мову модарамон дар ҳавлӣ баланд шуд, Шоҳназар ҳам гӯё тарсид, ки аз гиря монд. Падар назди модар омаду Шоҳназарро болои дастони худ бардошта, ба навозиш даромад. Модар ҳанӯз меларзиду аммо аз пайи барои падар чою нон таҳия намудан буд.

Нахустин бор дидам, ки падарам ба модарам суханҳои носазо гуфт ва ӯро қамчинкӯб кард. Табиист, ки ману Холназар, агар модарро ҳимоя намекардем, падар, ки хеле қаҳролуд буд, модарро бештар азият доданаш аз имкон дур набуд. Модар дастархон густурд, нону чойро болояш гузошт ва бо навозиш падарамро барои мондагиашро баровардан ба сари дастархон даъват намуд. Мо ҳам аз ҷойҳоямон хеста, ҳарду аз ду паҳлуи падар қарор гирифтем. Шоҳназар ҳанӯз дар оғӯши падар буд ва ба модарам бо нигоҳҳои дуздона менигарист. Яъне, ӯ аз модар узр хостанӣ буд, ки модарҷон бубахш, ман дар қамчин хӯрданат гунаҳгор ҳастам, охир чӣ кунам. Баданам дард дорад. Шоҳназар ин андешаҳоро карду ҳарду даст ҷониби модар дароз намуда, худро ба оғӯши ӯ андохт. Падар маънидорона сӯи мо назар карда

«Иқлиммоҳ мебахшӣ, охир дар сари қишлоқ будам, ки гиряи Шоҳназарро шунидам. Гумон кардам, ки туро хоб бурдааст ӯ бенавозиш мондааст...». Дар назарам падар аз амали кардааш шарм медошт, аммо ғурури мардӣ ва ба истилоҳи худаш «ёҳсучӣ» буданаш ба ӯ имкон намедод, ки аз гуноҳи содиркардааш равшантар пушаймонӣ кашад...

Шоҳназар, ки дардманд буд, бештар болои пӯстакчае менишаст. Баъзан аз ҷой хеста, бо мо каме бозӣ мекард, вале беморӣ дабба халалаш мерасонд ва маҷбур мешуд, ки дубора биншинад. Баъзе калимаҳоро ба забон меовард, дастак мезад, моро ба ҷонибе кашола кардани мешуд. Бо ҳамин минвол то тирамоҳи соли 1947-1948 умр диду бас. Лаҳзаи марги ӯро ҳеҷ аз хотир бароварда наметавонам. Шаб буд. Мо ҳамагӣ дар гӯшае аз хонаи калон сари дастархон менишастем. Хӯроки шомро хӯрда шудем. Падару модар рӯ ба рӯи якдигар менишастанд. Ман дар паҳлуи модар қарор доштаму он тарафтар Холназар, Шоҳназар хеле шодӣ мекард. Дар саҳни хона гоҳе чорғов мегашт ва гоҳе ба пой рост шуда ким-чиҳо гуфтанӣ мешуд. Ду-се дафъа модарам ба ӯ ишора карда гуфт: «Шоҳназарҷон, як дам қарор бишин, охир болои дастархон баромада истодай, уболай...». Падарам ҳам чунин хурсандии Шоҳназарро ба мушоҳида гирифта, шод аз он буд, ки дар ин бозиҳои фарзанд бех шудани дарди ӯро медид. Ман ҳам ҳайрон мондам, ки чаро Шоҳназар имшаб ин қадар шодӣ мекунад. Холназари бепарво якпаҳлу зада давиданҳои Шоҳназарро тамошо дошт. Лаҳзае баъд Шоҳназар омаду дар оғӯши модар нишаст. Боз хост, ки падар ӯро ба оғӯш бигирад. Ҳамин тавр чанд бор давида худро гоҳ ба оғӯши модар ва гоҳ ба оғӯши падар задан гирифт. Яъне, агар масофаи байни падару модар як-якуним метр бошад, Шоҳназар ин масофаро чанд маротиба тай карда, якбора ба оғӯши модар худро гирифту пойҳояшро дароз карда чашмонашро сӯйи шифти хона қарор дод.Модар, ки ин ҳолро дид, дод зад ва гуфт: «Малим, малим, Шоҳназар тамом кард, ӯ пиҳилӣ металбидааст, мо вайро нафаҳмидем», гӯён дасту пойи

Шоҳназарро рост кардан гирифт. Падарам парешонҳол шуд
саросемавор худро ба ҷониби модар андохт ва даст б
пешонии Шоҳназар монду гуфт: «Рост мегӯй Иқлиммох,
пиҳилӣ металбидааст. Ин ба оғушандохтанҳо лаҳза
ҷонканиаш будааст...». Падар ин суханҳоро гуфт
Шоҳназари мурдаро бо эҳтиёт аз оғуши модар бардошт
болои кӯрпачае гузошт. Ману Холназар «Шоҳназар
Шоҳназар, бихез, чаро дигар намехандӣ, чаро аз гиря монд
бихез охир бозӣ кунем...»– гӯён гиря мекардем. Модар б
сару рӯи хуншор дастҳоро болову пойин карда чеҳра
Шоҳназарро навозиш менамуд. Аз ду параи рӯи модар ху
ҷорӣ буд. Шоҳназар намечунбид, ором хоб буд. Ин шаб
буд, ки ман садои гиряи додарро дигар нашунидам. Хонар
оромӣ фаро гирифт, зеро хонаи мо он шаб ба мурдахон
табдил ёфт. Оре, дар рӯи хона ҷасади додари сесолаву акну
гапзанакшудаам мехобид. Садои нолаи ҷонкоҳ
Иқлиммохро ҳамсоязанҳо шуниданд, ки яко як сар ба хона
мо заданд ва модарро бо гиряи хеш тасалло бахшидан
шуданд. Дар байни як соат хонаи калони мо пур а
ҳамдеҳагон шуд. Раиси хоҷагӣ – Каримуф ҳам омад. Дар
гӯшае аз ҳавлӣ бо падар чӣ маслиҳате мекард. Аввалин шаб
буд, ки Шоҳназар ором хобидаву падару модар в
бародаронаш бедор буданд. Шоҳназар дигар дард надошт
Мо оби чашм мерехтему вай бо чашмони пӯшида ва лабон
хандон бо мо хайрухуш дошт. Оре, ӯ се соли тамом гириста
ҳама обҳои чашмонашро резонда буд. Акнун модару пада
бояд чеҳраи сап-сафеди ӯро бо оби дидаи хеш мешустанд
Бале, то субҳи он шаб Иқлиммоҳ ҳарчи ки тавонист мурда
писарашро бо оби шаффофи чашмонаш тоза нигоҳ дошт
Албатта, падар оби дидаашро аз доғи фарзанд ба ботинаш
мерехт. Дарунакӣ мегирист. Фавти Шоҳназар баро
Асомуаллиму Иқлиммоҳ аввалин доғро гузошт, ки онр
доғи фарзанд мегӯянд. Он шаби даҳшатзо чояшро ба суб
дод, субҳе, ки рӯзаш офтоби буд. Мӯйсафедони деҳа рӯй
ҳавлӣ ҷамъ омаданд. Хешу ақраборо шабона хабар карда
будаанд, ки аз Момайӣ ва дигар деҳаҳо худро расонанд

Он рӯз хонаи Асо Содиқ ба мотамсаро табдил ёфт. Раиси хоҷагӣ супоришҳо медод. Падар дар гӯшае даст ба пешонӣ монда, ба андеша рафта буд. Модар ҳанӯз ҳам менолид ва охирин бор аз рӯю пешонии Шоҳназарҷонаш мебӯсид. Медонист, ки баъди соате фарзанди нокомашро мешӯянду ба кафан мегиранд. Он вақт Шоҳназари се сол дар оғӯшаш бударо аз ӯ мегиранду мебаранд. Оре, бурданд ба баландие, ки аз хонаи мо дар масофаи сад метр қарор дошт. Он баландӣ оромгоҳи гузаштагони бошандагони деҳаи Чинисой буд. Рӯз ба чошт расида буд, ки Шоҳназари сафедпӯшро падар болои дастонаш аз хона берун бароварда. Модари рӯйканда дудаста ба пушти падарам мезад ва мегуфт: «Малим, бачама кучо мебарӣ, набар, мон ки ду-се рӯзи дигар бо гиряҳоям навозишаш кунам. Оҳ, Шоҳназарҷон, бубахш, бубахш, ки ҳамчун модар ба дардат даво шуда натавонистам, чӣ кунам, ки дасти Худо зӯртар баромад ва туро нагузошт, аз ин беш азоб бикашӣ, вой, вой, афсӯс ки дигар бачама намебинам...». Модар то назди дарвоза Шоҳназарро гусел кард ва баъд болои замин нишаст ва сафари Шоҳназарро сӯйи манзили охират назора кард. Ӯ дид, ки чӣ навъ Шоҳназарро ба дохили гӯр гузоштанд ва болояш хок андохтанд. Лаҳзаи дафни додарро ман ҳам аз наздик дидам. Акнун гӯраки хӯрдакаке дар сари теппачае пайдо гардид, ки дар он Шоҳназари хонадони Асомуаллим мехобид. Гӯё ин хонадон ҳам решае дар гӯристони Чинисой гузошт. Модар соатҳо болои суфа менишаст ва чашм аз он гӯраки сари баландӣ намеканд. Он гӯрак аз фарзандаш Шоҳназарҷон шаҳодат медод. (Ин сатрҳоро менавиштаму гӯё бори дувум сари гӯри бародар оби дида мерехтам).

МОҶАРОҲОЕ АЗ РӮЗҲОИ БАЧАГӢ

Чунон ки гуфтам, солҳои бачагии ман асосан дар деҳаи Чинисой гузаштаанд. Баъзе аз лаҳзаҳои давраи бачагиам чанбаи моҷарописандӣ доранд, ки дар рӯзгори ману бародари калонам Холназар рух додаанд. Холназар бачае буд, ки

худро ҳамеша дар хонадон шахси аввал медонист. Зуъмиҳо
бисёр дошт. Ҷангара буд. Дар ҳама кор бояд ӯ пирӯзӣ ба
даст меовард. Фармонфармоиро хуш дошт. Ман, ки аз вай
хурд будам, бояд бо гуфтаи ӯ амал намуда, ба вай итоат
мекардам. Ҳарчанд ки Холназар ду сол аз ман калон буд,
аз нигоҳи ҷусса ӯ бо ман баробар шуда наметавонист. Агар
гӯштин мегирифтем, мағлуб мешуд. Бо вуҷуди ин факат
худашро медиду халос.

Рӯзе модарам хоҳиш кард, ки аз саҳро барои говон алафи
тоза дарав намоем. Вақти рафтан ӯ ба ман доси калонро
доду барои худ досчаро гирифт. Ҳарчанд фаҳмондам, ки
охир ман хурдтар ҳастам, досча бояд аз ман бошад, вале ӯ
зуъмӣ нишон дода, досчаро надод. Дар масофаи сад метр
дуртар аз хона хамие буд, ки алафи ачириқу рушқа дошт.
Пеш аз он ки ба алафдаравӣ шурӯъ кунем, Холназарро
фармондеҳ замини алафро ба ду қисм ҷудо карда, «ана аз
ин ҷо ман медаравам, аз он ҷо ту», - гуфт. Мо дар рӯ ба
рӯи якдигар, дар масофаи 10-12 метр ба алафзанӣ сар
кардем. Азбаски доси ман калон буд, барои алафдаравӣ
душворӣ мекашидам. Ман ҳам якравӣ карда, бори дигар
гуфтам: «Эй Холназар, досчаро те мегум». Ӯ бошад, «не,
наметм, худм медаравм». Ман чандин бор такрор ба такрор
ба ӯ дарафтида, талаб кардам, ки «досчаро те мегум».
Холназар як хафи даҳонашро пок карду «ма бигир», гӯё
досчаро чониби ман ҳаво дод. Ман бошам, парвози досчаро
нигоҳ мекардам, ки он рост омада дар байни пешониам
дармонд. Нафаҳмидам, ки досча ба чӣ дармондааст, аммо
медидам, ки дастаи досча назди чашмонам меларзид.
Маълум шуд, ки нӯги тези досча ба пешониам халидааст ва
аз ин рӯ дастаашро мебинаму худи досчаро не. Рост истода,
аз дастаи досча чашм намекандам. Холназар ин ҳолатро
дида, тарс фарояш гирифт, ки тарафи ман ҳаракат намуда
гуфт: «Худойназар, начнб, ҳозир ма досчаро аз сарат халос
мекунм». Ӯ наздам расид ва бо як кашидан досчаро аз
сарам гирифт. Аммо хун найча барин аз пешониам мешорид.
Акнун ба чойи дастаи досча найчаи хунро медидам, ки болои

замин мепарид. Холназар саросемавор досчаро ба як сӯ ҳаво дода, аз замин як панча хокро гирифту ба чойи сурох зер кард. Дарҳол хун аз паридан монд. Сару рӯям, ки пур аз хун шуда буд, Холназарро тарсонд. Бо вучуди ин, ӯ бо алафи тар рӯйи пур аз хунро тоза кард ва баъд таҳдидкунон гуфт: «Агар ба отам ё очам гӯй, мекушмт». Ман акнун аз бисёр рафтани хун эҳсоси беҳолй мекардам ва баданам ба ларза даромада буд. Аз ин чост, ки болои алафҳои даравидаам чанд лаҳза нишастам, то ки ба худ биоям. Алафдаравй тамом шуд. Холназар токиамро якнима ба сарам гузошта чойи чароҳатро пӯшонд. Ман ваъда додам, ки ба отаму очам чизе намегӯям. Аз ин рӯз ба баъд токии ман яктарафа дар сарам қарор дошт. Бачаҳо инро дида мегуфтанд: «Ҳа, Худойназар «уф» шудааст-ку. Токиша бин. Дар сарш якнима истодай...». Гӯш медодаму сир бой намедодам. Модарам ҳам ду-се бор эрод гирифт, ки «боз, ин чи муқумай Худойназарчон! Токита чаро якнима мемонй?». Ман бошам, як сӯйи Холназар менигаристаму мегуфтам, «Ҳеч гап не оча, ҳамин хелуш маъқулмай». Аз ин ҳодиса як ҳафта гузашту пагоҳие модарам зӯран хост, ки рӯямро шӯяд. Ман дигар илоче наёфтам, зеро аллакай сарам дар дасти модар монда ва оби офтоба ҳам наздаш гузошта шуда буд. Вақте ки модар бо оби гарм рӯямро шустан гирифт, якбора панчаҳояш ба он чароҳати бо хок сементшуда бархӯрд. Модарам сарзанишам мекард, ки «ин чй беадабй аст, ки дар сарат лойи хушкшударо гирифта мегардй, отат бина медонй бо ту чй мекуна?» Холназар аз дур ин лаҳзаро тамошо менамуду ба ман ишора дошт, ки ҳо, нагӯй ҳа, медонй ҳа, чй корат мекунам». Модар бошад кӯшиш дорад, ки он лойи шахшударо канда гирад. Дидам, ки чойи чароҳат дардманд асту агар модар «кофтуков»-ро идома диҳад, имкон дорад, ки боз хунравй сар шавад, бе хотир аз дасти модар халос шудаму амали ношоями Холназарро қисса кардам. Баъд аз шунидан модарам ҳам ба хулосае омад, ки ин сирро аз падар пинҳон доштан беҳтар хоҳад буд. Мо-ҳар се қавл додем, ки падар нафаҳмад.

Вагарна ҳам Холназар ҳатман шалоқ мехӯрд ва ҳам модарам сарзаниш мешунид, ки чаро бачаҳоро беназорат мондааст.

Тирамоҳ буд. Бо Холназар ҳезумчинӣ рафтем. Дар баландие аз Чинисой ғармаш хеле зиёд мерӯид. Боз ҳамон досҳо дар дастҳо ғармаш даравидем. Ҳар кадом барои худ дарза бастем, бандҳоро ба зери дарзаҳо андохтем. Ин ҷо низ Холназар якравӣ карда, бори маро аз ҳисоби дарзаҳои ғарами худ вазнин сохт. Дарзаро барои пуштора кардам, омода кардам ва баъд дастонамро то китф ҷо ба ҷо намудам, бо як силтав задан хестанӣ шудам, ки дарзаи ғармаш вазнин карду ман пешорӯ ба даҳон афтодам. Ғармаши вазнин аз болоям чунон фишор овард, ки дамам гирифт. Холназар пуштораашро ба як сӯ андохта бо хеле душворӣ бори ғармашро аз болоям халос кард. Ман гиря доштам ва намехостам, ки дигар дарзаи ғармашро ба пуштораам бигирам. Холназар бошад маҷбур менамуд, то ки ман дарзачаи хурди ғармашро пуштора карда хона бубарам. Ҳамин тавр ҳам кардам. Модарам аз вазъият бохабар шуда, Холназарро ҷанг кард. Аммо ӯ парвое надошт, баръакс хандида мегуфт: «Хуб шуд, ки таги ғармаш монд, агар халосаш намекардам, мемурд».

Ҳар таътили тобистона падарам чилрӯза Кӯлоб хондан мерафт. Табиист, ки мо дар ихтиёри модар мемондем ва ҳар кучо ки ӯ мерафт, ба хотири ин ки ба якдигар ҷанг ҷанҷол накунем, бо худаш ҳамроҳ мегирифт. Чоште модар хонаи ҳамсоя рафт ва ману Холназарро ҳам бо худ гирифт. Ҳавлии ҳамсоя аз хонаи мо дар масофаи наздик қарор дошт. Занҳои ҳамсоя модарамро бисёр эҳтиром мекарданд ва гузашта аз ин, вақте ки падар дар хона мебуд, модар ба ҳеч кучо рафта наметавонист. Гӯё падар ҳамсоягардии модарро намепазируфт ва умуман иҷозат намедод, ки завҷааш ба хонаи ҳамсояе қадам гузорад. Аз ин рӯ, набудани падар то ҷое барои модар озодӣ медод. Албатта, озодии модар озодии ману Холназар ҳам буд. Соҳибхона модарро ба хушӣ қабул намуда, болои кати чӯбин шинонд. Холназар аз бари боло гузашта чорзону зад. Ман ҳам паҳлуи модар

нишастам ва гирду атрофи хонаро як аз назар гузарондам. Чашмам ба дуторчае афтод, ки дар мехи девор овезон буд. Аз чо хеста, дуторчаро гирифтаму ба навохтан шурӯъ намудам. Модару соҳибхоназан сари кадом мавзӯе сӯҳбати ширин доштанду гоҳе механдиданд. Тунг-тунги дуторчаро шунида Холназар маро як сӯ тела доду дуторчаро аз дастам зӯран кашида гирифта, ба тунг-тунг даровард. Ман ба газаб омаду аз Холназар қассос гирифтанӣ шуда, як мушт ба сандуқи дилаш задам, ки ӯ оҳ гуфту якпаҳлу афтид ва дигар садо набароварад. Модари бечора, ки акнун чанд дақиқа дами беғам заданӣ буд, ҳоли Холназарро дида, «ах, чувонимарг аката куштӣ, вой, ба малим чӣ мегуме...» гуфта, ба гиря даромад. Дидам, ки кампири соҳибхона куртаи Холназарро боло намуда, болои қабурғаҳояшро даст-даст кардан гирифт. Оҳиста ба модарам фаҳмонд, ки «Иклиммоҳ бисёр ташвиш нашав, мушт ба қабурғаҳояш хӯрда, дутои онро болои дилаш шинондааст. Барои ҳамин нафастирии бача душвор шуда истодааст...». Суханҳои кампирро шунидан замон худро ба беруни хона зада, сӯйи ҳавлии худамон гурехтам. Бояд чое пайдо карда пинҳон мешудам. Ин тарафу он тараф давидам ва ниҳоят байни тутакалукзор чойи истироҳати сагамон – Холдорро интихоб намудам. Хоначаи хубе сохта будааст Холдори пир. Ҳаво гарм, ки буд, Холдор истироҳат дошт. Ҳарчанд «Холдор, Холдор, мах,мах» гуфта, аз хонааш баровардани шудам, намебаромад. Мачбур шудам, ки аз гӯшҳояш кашак карда берунаш созаму худам чояшро ишғол намоям. Холдори норизо ба дигар сӯ барои хонаи нав пайдо кардан рафт. Як вакт садои омадани модарамро бо Холназар шунидам, ки чанд занаки ҳамсоя дилбардорикунон онҳоро чониби ҳавлиамон гусел доштанд. Холназарро кадом мардаке болои дастонаш бардошта буд. Рӯз ҳам бегоҳ мешуд. Шунидам, ки подаи қишлокро оварданд. Гову моли майдаро чо ба чо карданд. Модарам бошад, Худойназар, Худойназар гӯён маро мекофт. Ҳол он ки ман назди ҳавлӣ дар хонаи сагамон якпаҳлу зада, ҳама гапҳоро мешунидам. Шом шуда буд, ки дӯсти бачагии

падарам Авлиёкул чӣтон ба хонамон меҳмон шу
Мушоҳида намудам, ки меҳмонро дар кати нахди пол
харбузаи, ки ҳаме болотар аз хавлӣ қарор дошт, шинонда
Модар ба ихтиёри Авлиёкул қиссаи ҳикӯяро нақл мекар
Дар як гӯшаи кат Холназар, ки кабурғаҳояшро бардошта
чиниш монда буданд, ба болишт такя зада, ҳолиш дод
Чанд нафар аз ҳамдеҳагон бо супориши раиси хоҷагӣ дару
сариёнову огоҳкоро тафтиш карда, Худойназар мекофтан
Аз ҳама беш модарам дар ташвиш буд. Зораву тавал
мекард, ки ҳар кучо ки бачоям бароям, чангам намекун
Ман ҳамаро медидаму мешунидам, вале сад
намебаровардам. Хуфтан ҳам гузашт. Аз поёни қишло
сулфа кардани падарро шунидам. Ҳанӯз ҳам чуръати
хонаи саг баромадан намекардам. Торафт падар ба хаво
нахдик меомад. Модар аз тарс меларзид, зеро медонист, к
бачаи дӯстдори Асомуаллим ман будам. Падар ба хаво
даромаду аз модар савол кард: «Чӣ гап аст. Чаро ҳам
Худойназар мекобанд. Магар бо ӯ ҳодисае рӯй додааст?
Модар ҳодисаи шудагиро ба падарам нақл дошт, ки «от
ма ана инчостам», гӯён аз хонаи Холдор садо бароварда
Падару модар сӯям давида, «баро, баро бачам, Холназ
нағз шуд, ҳечит намегем». Падар сӯи хонаи саг сарашр
хам карда маро бароварда бӯсид ва навозишкунон тараф
кати меҳмон бурд. Дӯсташ ҳам, ки аз гум шудани ма
хунчигар менишаст, ба истиқболи чӯраш аз ҷой хест
«хайрияте, Худойназар пайдо шуд», гуфта ба падарам оғӯ
кушод. Падар дар як гӯшаи кат маро шинонда, сар
Холназарро дастмол кардан гирифт. Ба Холназар Худо дод
Ба шикоят даромад, ки ман ӯро бесабаб задаам. Ҳамин вақт
акаи Авлиёкул чанд суми сталиниӣ ба Холназару ман ҳад
кард. Дигар Холназар гап намезад, балки пулро сахт б
мушташ нигоҳ медошт, то ки ман зада нагирам. Назар
ба модарам афтод, ки сӯйи ман нигоҳҳои дуздонаи ҳандал
мекард. Ман бошам дар ботини хурсандӣ доштам, ки бар
Холназар шуда на модару на падар сарзаниашам нанамудан
Баръакс аз онҳо ҳарфҳои навозишомез мешунидам

Хурсандии ботинии ман боз аз он буд, ки то чое аз Холназар кассамро ситонда будам. Вокеан, Холназар сахт зарба хӯрда буд ва дигар гӯё аз мушти ман метарсид, ки аз дур истода тахдид мекарду наздик намешуд.

Ҳамон шаб буд киблагоҳ аз Кӯлоб барои ману Холназар тагпӯшхои русӣ (трусиву майка) оварда буд. Мо рӯзи дигараш трусиву майкаро пӯшида бузбонӣ рафтем. Труси то зонухоямон мерасид. Харчанд хору хас ба поямон мехалид, мо боифтихор пушти бузхо мегаштем. Бачахои деха ба сару либоси нави мо нигоҳ мекарданду ҳасад мебурданд. Бегоҳӣ бояд бузу бузголаҳоро ба хона меовардем. Вақте ки ба чарогоҳшон рафтем, онҳо ба қабати кӯҳ даромада, аз хӯрдани баргу шохи буттаҳо ҳаловат мебурданд. Мо аз баландӣ сари бузҳо амр мекардем, то ки боло бароянд. Аммо бузхо парвое накарда, боз поёнтар мефаромаданд. Холназар зарбаи муштамро фаромӯш карда буд, магар ки «Худойназар, фаро бузичаҳоро ба боло ҳай кун» гуфт. Ман гуфтам: «Ҳо, дигар ҳечит намефора. Ту калонтарӣ, фаро, ман фаромада наметавонам...». Холназар дигар якравӣ накарда, оҳиста-оҳиста худро ба байни чарӣ гирифта, бузҳоро чониби боло ҳай кард. Дар ботин гуфтам: «Хайрият, Холназар баъди қабурғаҳояшро шинондан мусулмон шудааст, вагарна имкон дошт, ки аз чарӣ маро тела дода кушад».

Боре модарам барои дидани дутонааш Бибиёи Чақон, ки Бибӣ Аноргул ном дошт, рафту маро ҳам бо худ бурд. Аз Чинисой то Чақон, тақрибан 5-6 километр рох буд. Вақте ки ба ҳавлии Бибиёи Чақон ворид гардидем, занону мардои ва кӯдакони зиёде дар таги дари ӯ нишаста, маътали он буданд, ки Бибӣ кай даъваташон мекунад. Модарам, ки бо Бибӣ Аноргул дутонаи чонӣ буданд, хост, ки бидуни навбат ӯро бубинад. Ба ин хотир, модар ба ман гуфт, ки «Худойназар, ту дар берун бозӣ кардан гир, ман бибиатро мебинаму зуд мебароям». Ҳамин вақт, ки аз дохили хонаи Аноргул чуиин садо баромад: «Иқлиммоҳ, холо бачат ба гуноҳа нашудай, ӯро бо худ гирифта даро». Ман садоро

мешунидаму соҳиби онро намедидам. Модар дарҳол ас
дастам гирифту ба қабули Биби Аноргул даромадем. Да
гӯшаи аз ҳама болои хона зани сафедпӯше чорзону
менишаст. Модар дасти маро сар доду худаш назди он зан
ба зону зада, дастони пахта барин сафеди ӯро бӯсида
гирифт. Ба чунин амали модар гӯё Аноргул норозӣ шуд
гуфт: «Иклиммоҳ ин корат хуб нест, охир ту аз авлоди
мой, чаро наздам зону мезанӣ, хез, хез, маро назди Худо
гунаҳгор насоз. Ту медонӣ, ки ман ин корҳоро бад
мебинам». Инро гуфт ва сари модарро бо ду дасташ дошта
пешаш оварду аз чеҳраи модар бӯсидан гирифт. Модар
ҳам чанд маротиба рӯйи Аноргулро бӯсид. Сипас, Аноргул
ба чониби ман нигариста гуфт: «Худойназарчон, пешам бия
ту бачаи дӯстдорӣ очатӣ, ки бо худ овардааст». Ман оҳиста-
оҳиста, тарсҳӯрда барин ба Биби Аноргул наздик шудам. Ӯ
ду дастамро гирифту сари зонуяш шинонда, аз пешонии
сару рӯям бӯсида, каме нигоҳам карду баъд гуфт: «Акнун
ту берун баро, бо бачаҳо бозӣ кун, ман бо очат гапҳои
худмона дорем». Ман тозон рӯйи ҳавлӣ баромада ба бозӣ
машғул шудам. Ҳини бозӣ медидам, ки бузу гӯсфанд сар
мезананд ва чанд дег пур аз гӯшт мечӯшид ва занону мардон
чандкасӣ сари дастархонҳо қарор доранд. Ҳама ба умеди
чизе буданд. Лаҳзае нагузашт, ки чавонмарде садо зад:
«Худойназар, бачаи Иклиммоҳ кадомат ҳастӣ?» Ман зуд
ба назди он шахс давида, бо ифтихор гуфтам: «Худойназар
манам. Чӣ мегӯӣ?» Чавон аз дастам гирифт ва он тарафтар
болои курпачае шинонду дар табақчае хомшӯрбову нони
чапотӣ оварда наздам гузошт. Фаҳмидам, ки ин амрро Биби
Аноргул додааст. Табиист, ки модарам бо дугонааш нони
чошт мехӯрданд. Чанд вақте ки модар дар назди Аноргул
буд, қабули ихлосмандон маътал монд. Нохост модарам
маро наздаш даъват кард. Тохта ба хонаи Биби Аноргул
даромадам. Модар дар пеши Аноргул бо табъи болида
менишаст. Вай гуфт: «Худойназарчон! Дер шуд, ба хона
бармегардем, ки отат ташвиш мешава. Пеши бибит бия
Бибит мехоҳад дуоят диҳад». Ман боз назди Биби Аноргул

нишастам. Ӯ дасти росташро тори сарам гузошт ва ба модарам назари маънидоре дӯхта гуфт: «Иқлиммоҳ ин бачат ба худат хеле монанд аст. Дуо мекунам, ки хушбахт шавад». Модар ҳарду дасташро пеши бар гирифту гуфт: «Бибӣ, иншооллоҳ. Шумо, ки чунин мехоҳед, шояд писари хубе шавад». Бибӣ аз пешониам бори охир бӯсид, бо модарам оғӯш кушод ва иҷозати рафтан дод. Ин дафъа хуб ба Аноргул зеҳн мондам. Зани зебое буд. Пахта барин сафед. Дар як параи биниаш холи хурдакаки сиёҳ дошт. Дастам дар дасти модар пуштнокӣ баромадем. Вақте ки мо паси парда шудем, дидам, ки Бибиёи Чақон пешгираки болои сарашро ба рӯяш сар дод. Маълум шуд, ки ӯ ба ҳар кас рӯй нишон намедодааст, балки аз пушти саргир ва парда бо мизоҷонаш сӯҳбат мекардааст. Муридони Бибиё ба зудӣ аспи модарро аз гулмех кушода, бандашро ба дасти ман доданд. Ва ҳам бастаеро ба почаи хӯрчини аспи мо андохтанд. Ману модарамро то аз деҳа баромадан гусел карданд. Онҳо ҳамагӣ эшонзодаҳои тарбиятдида буданд.

Бояд гуфт, ки Авлиёи Чақон дар минтақа хеле бонуфуз буд. Авлодони онҳо давроне аз Пағулаи Тавилдара ба деҳаи Чақон кӯч бастаанд. Падари Бибӣ Аноргул шахси овозадоре буда, пеш аз марг васият кардааст, ки вақте ӯро дар тобут мегузоранду тобутро мебардоранд, тобути ӯ аз дасти одамон халос хӯрда дар кӯчое, ки рафта шинад, ҳамон ҷо барояш гӯр бикананд. Гӯё ҳамин тавр ҳам шудааст. Тобути падари Аноргул аз Чақон рӯ ба боло дохили дара шуда, баъд ба сари баландие, ки аз он ҷо роҳ аз самти Кӯлоб ба тарафи Балҷувону Ховалинг меравад, поён мешавад. Мардум аз пушти тобути дар парвозбуда медаванд ва баъди нишастан ба он мерасанд. Ҳоло агар кас аз тарафи хоҳ Хонободу хоҳ Девонахучаҳо ба ҷониби ноҳияҳои номбурда гузар кунад, ҳатман ба зиёрати марқади Авлиёи Чақон мерасад. Он ҷо муттавалие нишаста, ба мусофирон оби хунук медиҳад. Ҳамон солҳо, ки ману модарам ба дидори духтари он бузургвор роҳи Чақонро пеш гирифтем, аз назди марқади падари он бону гузашта будем...

Боз пас мегардам ба мавзӯи Авлиёи Чақон. Солҳои 1947-49 ҳафтае як бор падарам ба бачаҳо мефармуд, ки ба Бибиёни Чақон чӯби сӯхтанӣ--бия баранд. Ин корро мудири мактаби Чинисой ба он хотир мекард, ки ба онҳо эътиқод дошт ва ҳам завчааш дугонаи Аноргул буд. Дар ин кори ҳезумкашонӣ ман ҳам иштирок мекардам. Рӯзе, тақрибан моҳҳои март-апрел, ман пинҳонӣ аз падару модар як дарза бияро пушторо карда, роҳи деҳаи Чақонро пеш гирифтам. Тақрибан бароб ба он деҳа расидан чанд теппаву хамиҳоро гузаштан лозим меомад. Ҳамон рӯзе, ки ман нияти ҳезумбарӣ кардам, хаво ноором буд. Андаке ёдам ҳаст, ки дар пушторааам бия ба роҳе, ки бо модарам рафта будем, даромадам ва шояд ду-се километр роҳро тай кардам. Ҳамин вақт хамиҳоро туман фаро гирифту ман роҳгум задам. Туман ҳам ҳеч гап не, жола борид. Он чунон бо шиддат буд, ки ба як дастам як гӯшамро аз задани жола дифоъ менамудам, ки ба гӯши дигарам зарбаҳои шикофандаи жола мехӯрд. Ҳам туман ва ҳам жола маро фишор меовард. Ман ба ин сӯву он сӯ давида, аз роҳи асосӣ баромада, гирякунон кучо рафтанамро намедонистам. Садои гиряам роҳгузареро, ки аз самти Чақон ба Чинисой мерафтааст, мутаваҷҷеҳ месозаду аз кучо баромадани садои кӯдакро таъқибкунон ба ҳар тараф назар андӯхта, ниҳоят дар даруни туман бачаеро мебинад, ки дар пушторааш як дарза бия, гӯшхову сару гардан аз задани жола каб-кабуд гирякунон ба чор тараф медавад. Ӯ тозон «бачачон натарс, ман амакат, нагурез, ҳозир ман туро гарм мекунам», гуфта маро ба оғӯш мегирад, ки мешиносад. «О, ту Худойназар ҳастӣ-ку, писари Асо Содиқ. Кучо меравӣ? Бо кӣ омадӣ?"- гӯён чанд савол медиҳад. Ман бо овози гиряолуд гуфтам: «Ма барои Бибии Аноргул бия мебарам, ҳама бачаҳои мактаб мебаранд-ку». Он чавонмард хандиду, «Э, кӯдаки сода, деҳаи Чақон кучову ту кучо. Охир ин чоҳо гургони гурусна дорад. Хайрият, ки садоятро шунидам, набошад дар ин хел ҳавои туман ҳатман лукмаи ҳайвони ваҳшие мешудӣ...».

Дид, ки ман аз хунукӣ меларзам ва оби биниамро базӯр бо остинчаҳоям пок дорам, маро ҳамчун ҳезум пушторо

кард ва рохи Чинисойро пеш гирифт. Вақте ки ба деҳа расидем, аввалин касе ки ба пешвозам баромад, модари боз Худойназаргумкарда буд, ки оби дидаҳояшро поккунон мепурсид: «Ту кучо рафтӣ. Охи, Бибии Аноргулро дидан мехостӣ, худам мебурдамат. Ба ту кӣ гуфт, ки ҳезум бубар. Отат ҳар ҳафта бо бачаҳои мактаб мефиристад-ку...». Маълум шуд, ки он чавонмард бародари мудири анбори хочагӣ – бобои Дод Шариф будааст, ки тасодуфан ба ман вохӯрдааст. Бо вучуди он рохгумкарданҳо, ман ба Бибии Аноргул гӯё «ошиқ» шуда будам. Кӯдак будаму аз он чеҳраи зебо, аз он холи сиёҳи бари рӯ ҳеч дил канда наметавонистам. Дар бобҳои баъдӣ боз ба мавзӯи «Бибиёи Чақон» бармегардам.

Ҳодисаи хандаовари дигаре ҳам ба муносибати байни Холназару банда иртибот дорад. Дар хонадони Асомуаллим моҳе як бору ду бор гӯсфандеро сар заданӣ гӯшти онро дар равғанаш пухта, ҳамчун қайла нигоҳ доштани модар ба ҳукми анъана даромада буд. Тартиб чунин буд: модар ҳама гӯшти гӯсфандро ба деги калоне андохта мепухт. Баъд гӯшти сӯзонро ба табақи калоне бардошта ба назди ману Холназар мегузошту мегуфт: «То сер шуданатон хӯред, ки дигар чунин фурсат бароятон муҳайё намегардад». Мо чанд буридагӣ мехӯрдему сер мешудем. Сипас модар гӯштро ба сатиле бо равғанаш якчоя андохта, дар болочӯби байни хона меовехт. Табиист, ки рӯзи дигар, аллакай иштиҳои гӯшт хӯрдан пайдо мешуд, вале сатил дар баландӣ қарор дошт. На қади Холназар мерасид ва на қади ман, то ки онро болои замин фурорем. Рӯзе модарам ба хонаи ҳамсоя рафт. Холназар ба ман амр кард, ки рост истаму ӯ болои китфони ман баромада сатили қайларо гирад. Ман ба ӯ фаҳмондам, ки қуввати бардоштани вайро намекунам, хуб мешавад агар ман болои китфони ӯ бароям. Аммо Холназар розӣ нашуду болои китфони ман баромада сатилро акнун аз чангак озод менамуд, ки ман қувват накардаму афтидам. Ҳамин буд, ки Холназар бо сатили қайла ба замин афтид. Порчаҳои гӯшт ба чор гӯшаи хона пош хӯрданд. Ин лаҳзае

буд, ки модар ба ҳоли мо механдиду намедонист, ки ч
навъ моро ҷазо диҳад. Ҳоло ин чанд лаҳзаи саргузашти
аз ҳаёти хеш ва Холназар ба поён расонда, меравем пушт
рӯзҳои дигари Чинисой.

ҚИССАИ ОХИРИНИ ЧИНИСОЙ

Сад афсӯс, ки дар бораи таърихи пайдоиши ин дех
маълумоте дар даст надорам. Намедонам номи ин деҳа чӣ
маънӣ дорад ва аз кадом калима гирифта шудааст. Факат
медонам, ки дар ин минтақа деҳаи дигаре бо номи Бағлисой
дар Балҷувон Лойсой ва ғайра ҳастанд. Калимаи «сой»
равшан аст, «лой» ҳам. Аммо ба фаҳми «чин»-у «бағлӣ»
нарасидам. Ин ҷиҳати мавзӯъро ба забоншиносон
вогузошта, гуфтаниам, ки Чинисой бояд деҳаи куҳансол
бошад, зеро дар он, чунонки гуфтам, чиноре буд, ки умри
дусад-сесадсола дошт. Масҷиди бузурге ҳам мавҷуд буд. Ал
ҳама муҳим, гӯристонаш ба масофаи 100-150 метр тӯл
мекашид. Ба ҳар ҳол ин деҳа бароям хеле азиз буд. Дар
ҳамсоягии мо пиразани 80-90– солае бо набераш, ки зани
кӯдакдоре буд, мезист. Ин пиразан мо, бачаҳои Чинисойро,
бо афсонаҳои сеҳрнокаш дар тааҷҷуб мемонд. Баъзе шабҳое,
ки падарам дар сафар буд, модарам он кампирро ба хона
меовард, то ки ба мо ҳамроҳӣ кунад. Чунин шабҳо маро
худо медонд. Дар паҳлӯяш дароз мекашидаму ӯ афсонаҳои
деву ҷиндорро дар якҷоягӣ бо қиссаҳо аз достони Рустам
ва Сӯҳроб нақл менамуд. Ба хусус набарди Деви Сафедро
бо Деви Сиёҳ чунон ҳикоят менамуд, ки гӯё худаш дар он
иштирок карда бошад. Аз қиссаи ҷангии пиразан ба тарс
афтода бошем ҳам, ӯро намегузоштем, ки ҳикоятро ба поён
расонад. Баъзан кампир ҷавониашро ба хотир меовард
қиссаи «Кали Айёр»-ро сар мекард. Чӣ навъ он кал духтари
бойро ба доми худ медарорад. Махсусан, лаҳзаи духтари
бойро чакахӯроniаш хеле диққатҷалбкунанда буд. Албатта,

ҳанӯз мо ба моҳияти ин навъ қиссаҳои ишкӣ намерасидем. Вале поёни қисса барои худи пиразан хандаовар буд, ки дақиқаҳо механдиду хулоса мекард: «Оҳ кали балое, диден чӣ хел духтарро фиреб дод ва чӣ хел ӯро чака хӯронд. Чакахӯрӣ ба духтар хуш омад, ки кали Айёр ба дом андохташ». Бегоҳие рӯйи ҳавлии кампир аз ин қиссаҳо мешунидем, ки чуғзе ба лаби бом хона нишасту садо баровардан гирифт. Пиразан якбора парешон шуду гуфт: «Оҳ, овозут дар гӯре, сархӯре. Чӣ, ин қишлоқро ҳам муҳоҷир мекунанд?" Ман аз ӯ пурсидам, ки «мома, муҳоҷираш чӣ аст. Магар қишлоқро об мебарад, чӣ?». «Не, не, бачам. Муҳоҷираш ин аст, ки моҳонро аз ин ҷо ба тарафи таҳдашт мекӯчонанд...».

То ин ҷо, ки сӯҳбат оростем, тобистони соли 1949 оғоз ёфт. Ин тобистон серташвиш барои он буд, ки заминларзаҳои пай дар пай мардумро безобита месохт. Дуруст аст, ки соли 1948 низ чунин заминларзаҳо эҳсос мешуданд. Аммо ин тобистон ба он дарача даҳшатбор буд, ки мардум рӯйи ҳавлӣ хоб мекард. Дар хонаҳо будан ва хоб рафтан хатар дошт. Бегоҳие модарам деги пур аз ширро баъди пухтан болои замин гузошта буд, ки заминларза шурӯъ шуд. Он чунон ларзид, ки дар ҷоямон ба ин тарафу он тараф алвонҷ мехӯрдем. Чашми ман ба деги шири модар афтод, ки ду-се дафъа такон хӯрду болои замин чаппа шуд. Ҳамон сол якуми июн сафи аъзои хонаи мо аз ҳисоби боз писарчадор шудани модарам афзоиш ёфт. Шаш нафар шудем. Ин кӯдак, ки дар рӯзи ҷумъа таваллуд шуд, номаш бо худаш гуфта, исмашро Ҷумъа гузоштанд. Соҳибназар, ки то ин дам аз гаҳвора берун намеомад, хоҳу нохоҳ оиро барои Ҷумъа холӣ кард. Пиразани афсонагӯй заминларзаро ба овози шуми он чуғз иртибот медод. Аллакай деҳаҳои Момайӣ, Бағлисойро муҳоҷир карданд. Аммаи Ҷиён, ки дар Момайӣ менишаст, барои падарам шуда, ба Фархор нарафта, балки ба Ҷинисой омаданд. Хонаеро дар поёни деҳа ишғол намуданд. Амакбачаҳои падарам Абдулқаюм, Абдулҳамид ва дигарон низ ба Ҷинисой кӯч бастанд. Онҳо

гумон доштанд, ки Чинисойро мухочир намекунанд. Вокеан, хеч овозае ба гӯш намерасид. Одатан мухочиршавиро пешакӣ эълон надошта, балки нохост хайати босалоҳияте дар деҳа пайдо мешуду ба кадом минтақа таҳдошт мухочир шудани деҳаро байни мардум ба расмият медаровард. Яке аз рӯзҳои тобистон ман бо чӯраҳоям наздик мактаб бозӣ доштем, ки аз поёни қишлоқ марди баландқомати кулоҳи сталинӣ дар сар бо папкаи сурхчаи дар бағал пайдо гардид. Дар назарамон он мард ба точики монандӣ надошт. Ман бозиро бас карда, омадани он марди ношиносро ба мушоҳида гирифтанӣ шудам. Ӯ аз дур мо дида, чонибамон меомад. Ин лаҳза мо чанги кӯчаро ба осмо мебаровардем. Нихоят мард наздамон қарор гирифт пурсид: «Хонаи муаллим Содиқуф дар кучост?» Бача пешдастӣ карда сӯйи ман ишора намуда, «ана бачаш» гуфт. Ман хайрон аз он будам, ки марди рус точикӣ савол дод. Ӯ дасти маро гирифту пурсид: «Падарат дар хона аст?» Ман сар чунбондам, ки «ҳова». Падар бо модарам болои суф менишастанд. Вакте ки меҳмон вориди хавлӣ шуд, падар ба зудӣ аз чояш хеста, номи шахси русро гирифта, «ассалом алейкум» гуфт. Меҳмон самимона бо падарам даст фишурд тарзи шӯхиомез аз Ӯ савол кард: - «Рафиқ Содиқуф! Имкон хаст, ки як пиёла чойи шуморо бинӯшем?». Падарам хандида, «чаро не, марҳамат...» гуфт. Падару меҳмон дар гуфтугӯ буданд, ки модарам болои суфаро барои нишаст омода сохт. Фурсате нагузашт, ки аз кучое раиси хочагӣ Раҳмон Каримуф аспсавор пайдо шуд. Ӯ саросемавор аз асп фаромада, чониби меҳмон омаду салом дод. Марди рус даст дода, гуфт: «Ҳа, рафиқ Каримуф аз кучо фаҳмидед, ки ман ин чоям?». Раис, ки назди он кас каме худро нороҳат эҳсос менамуд, гуфт: «Бубахшед, ки пешвоз гирифта натавонистам, зеро шумо бехабар омадед». Сипас суханашро идома дода, хост, ки марди русро ба хонааш даъват намояд. Ман бошам аз онҳо дуртар истода, бо марок суханронии меҳмони русро гӯш медодам. Гузашта аз ин, то ин дам русро надида будам ва табиист, ки бароям чолиб менамуд

Маълумам гашт, ки ин шахс аз обкоми Кӯлоб омада буд. Сару либоси галифей (сталинӣ) дошт. Он даврон ҳама «уф»-ҳо ба либоси Сталин тақлид мекарданд... Сипас меҳмон даъвати раисро рад карда, гуфт: «не, рафиқ Каримуф! Ман як пиёла чойи муаллимро меӯшаму халос. Шумо ташвиш накашед. Соати се маро бо муаллим дар идораатон интизор шавед. Ман ҳуҷҷатҳои хоҷагиро санҷиданам лозим аст». Раис таъзим намуда, аспашро этал карда, аз ҳавлӣ баромад. Ачаб ин ки падарам ҳам раисро барои нишастан даъват накард. Мавзӯъ фаҳмо. Он мард каси оддӣ не, балки фиристодаи обком будааст. Падарам ману Холназарро ба наздаш хонда супориш дод: «Тез як хурӯсро аз байни тӯтакалукҳо қапед...». Лаҳзае нагузашту мо доду фиғони хурӯси сурхеро баровардем. Падар онро сар заду ба модарам фармуд, ки тезтар фатир кунаду шӯрбои мурғӣ пазад. Падар, ки аз ин тараддуд халос шуд, марди рус аз дасти падар гирифту чониби хонаи нишаст ҳаракат намуд. Ӯ мехост утоқи кории муаллимро бубинад. Дар гӯшаи он ягона хона токчае буд, ки ду китоб дошт. Намояндаи обком китобҳоро аз токча гирифту бо дастонаш такид, чанг ба осмон хест. «Муаллим, - гуфт ӯ. – китоби рафиқ Сталинро хор кардед». Падар бо андак норохатӣ чавоб дод: «Рафиқ... Ҷӣ кор кунам, ки шароит надорам. Ҳамин як хона ҳам чойи дарстайёркуниам ҳасту ҳам рахти хобу чойи пухту паз». Он ду китоб якеаш «Тарҷумаи ҳоли мутасари И.В.Сталин» ва дигаре «Таърихи Партияи Коммунистӣ» ном дошт. Баъд, хеле боэҳтиёт сари кадом масъалае бо падар сӯҳбат оғоз намуд, ки чеҳраи падар тағйир ёфт. Ҳамин қадар ба гӯшам расид, ки гуфт: «Рафиқ Содиқуф, партия ба хулосае омадааст, ки шумо бо хоҷагӣ муҳоҷир нашуда, балки ба дигар деҳаи кӯҳие, ки ҳоло то муҳоҷиршавиаш вақт ҳаст, фиристода мешавед». Падар, «майлаш рафиқ фалонӣ» гуфт, вале изҳори хушӣ нишон надод. Сӯҳбати намоянда бо падар ба поён расиду мурғшӯрбои модар тайёр шуд. Дастҳои меҳмонро об гирифтем. Падар бо меҳмон фатири гармро дар табақи чӯбӣ майда реза карда, ғизоро бо завқ нӯши чон

карданд. Ҳини хайрухуш меҳмон чониби модар нигарис
«Раҳмат янга, хеле шӯрбои болаззат пухтаед. Раҳмат» гуф
Модар, ки ба шунидани чунин суханҳо одат надошт, рӯяш
печонда худро ба дохили хона зад. Намоянда сари маро
сила карду «офарин, офарин" гӯён пурсид: «Ҳа, писа
наҳз, синфи чандум шудӣ?». «Сеюм» гуфтам. Падара
меҳмон сӯҳбаткунон чониби идораи раис рафтанд. Пагох
маълумамон гашт, ки Чинисойро ҳамин тобистон муҳоҷ
мекардаанду падарамро ба Вотунқалъа ном деҳа бар
идомаи муаллимӣ мефиристодаанд. Ин хабар ба модар ҳу
наомад ва ба падар эрод гирифт, ки «малим, охи и чӣ гапа
Боз ба ҳамон Вотунқалъа меравен? Чаро ба намоянд
нагуфтен, ки ба таҳдашт фиристанд?»

Падарам ҳам, ки ғайри хоҳиш ин амрро пазируф
буд, гуфт: - «Иқлиммоҳ, кори худата дон. Партия ба куҷо
ки фиристад, рафтанам ҳатмист». Модар дигар баҳсро идо
додан нахоста, аз пайи корҳои хона шуд. Ман хурсанд буда
ки ба деҳаи дигар меравем ва он ҷо ҷӯраҳои нав пай
мекунам. Омодагӣ ба муҳоҷиршавӣ ду моҳ идома ёфт. Мо
август буд, ки мошинҳои муҳоҷиркашӣ дар қишлоқ
Чинисой пайдо гардиданд. Гуфтанд, ки Чинисойро б
ноҳияи Москва муҳоҷир мекардаанд. Мавзӯи муҳоҷиршав
ва меҳмон шудани намояндаи вилоят ва ин масъаларо ма
бо муаллим ҳаллу фасл кардан бори дигар исбот месоҳ
ки он солҳо чӣ навъ муаллим назди партия эътибор
манзалат дошт. Намоянда нони раисро нахӯрд, балки но
муаллимро пазируфт. Он вақт падар боз ҳам дар назд
бузургтар намудор гардид.

Ба ҳамин тариқ, нимаи дуюми августи соли 19
мардуми Чинисойро бо мошинҳо бор карда, ба таҳдаш
интиқол доданду хонаводаи Асо Содиқ ба самти Вотунқал
кӯч баст. Оре, Чинисойро ҳамон сол батамом хароб сохта
ва он дигар мисли баъзе деҳаҳои кӯҳистон умри дубо
надид, балки ҳамвори ҳамвор шуду аз он чинор
сесадсолаву масҷиду мактаб ва саройҳои чорпои шохдор
нишонае намонд. Фақат нишонаеву решаҳое аз инсон

дар гӯристони Чинисой боқӣ мондану бас. Шоҳиназари мо ҳам он чо монд. Акнун чойи Чинисойи солҳои мавриди назар чарогоҳеро мемонаду бас, ҳол он ки деҳоти дигар чун Момайй, Бугдояк, Канаб, Баглисой, Ҳалқаёр ва даҳҳо дигар деҳаҳо умри дубора ёфтанд...

Ёдам ҳаст, ки хонаамонро бо оғилу мурғхонаву дигару дигар чаппа карданд, ба ин далел, ки бо чӯбу тахтаи он дар деҳаи дигар падар хонаи нав бояд бунёд мекард. Ҳама доронии мо ба ду-се хар бор шуд. Модарам лулаки Чумъа дар бағал ба аспе савор шуд. Асо гуфтанй чавони дарвозй, ки аз хурдй дар тарбияи авлодони мо буду духтари амакиаш падарро ба ҳамсарй гирифта буд, дар кӯчкашии муаллими Чинисой ёрй расонд. Вақте ки бо Чинисойи бароям азиз хайрухуш намудам, офтоб баромада буд, он офтобе ки 5-6 соли ҳаёти бачагиамро ҳаловат бахшид. Корвони кӯчи Асо Содиқ ба ҳаракат даромад. Охирин бор ба баландие, ки пушти он роҳи маҳаллаи нави мо оғоз мегардид, ба табиати Чинисой, роҳраву тӯтакалукзораш, нахустмактабам назар андӯхтаму нороҳатиеро барои хеш эҳсос кардам. Падару Асои домоду модари аспсавору се-чор маркаби бордор торафт аз Чинисой дур мешудем. Гоҳе қут-қути мурғхо, ки дохили сабаде дон мечустанд, хаёламро аз Чинисойи пушти сармонда канда мекард. Ҳамин чо қиссаи деҳаи Чинисойро ба поён расонда, меравем чониби Вотунқалъа, ки чанд сол қабл падар он чо муаллимй карда буд...

ВОТУНҚАЛЪА

Ҳамон рӯзи августи соли 1949 вақти аср буд, ки ба деҳаи Вотунқалъа ворид гардидем. Вотунқалъа аз чузъҳои «вотун» ва «қалъа» таркиб ёфтааст. «Вотун» калимаи туркй буда, маъниаш ҳезум мебошад. «Қалъа» ба шарҳу эзоҳ зарурат надорад. Шояд мардум онро барои беҳезумиаш қалъаи ҳезум унвон ниҳодааст. Азбаски Асо Содиқ ин чо муаллимй карда буд, бошандагони деҳа аз хонаҳошон баромада, моро истиқбол гирифтанд. Манзили мо пешакй

маълум будааст. Ин хонаҳомон аз хонаи дар Чинисо
доштаамон бехтару зеботар ба назар мерасид. Акнун ду хон
бо даҳлезаш доштем. Аз назди он роҳи асосӣ мегузашт, к
мусофиронро ба ин ҷонибу он ҷониб мебурд. Ду тараф
деҳаро теппаҳои дарозе иҳота мекарданд. Вотунқалъа шакл
дарозрӯя дошта, аз Чинисой чандон бузургӣ надошт. А
хонаи мо болотар шахсе зиндагӣ мекард, ки исмаш Ислом
буда, рӯзгори хубе дошт. Ӯ дар кадом идорае ифои вазиф
менамуд, ки либоси хоса дар бар мекард. Ким-чи хе
ситорачаҳо дар гӯшаи костюми сиёҳи Ислом ҷилва мезаданд
Аз хонаи мо поёнтар шахсе мезист, ки ӯро бо номи Камо
ҳинду мешинохтанд. Мегуфтанд, ки авлодони ӯ замоне а
кишвари Ҳинд омадаанд. Гӯё онҳо забони худро гум карда
тоҷик шудаанд. Воқеан қавораҳошон ба ҳиндуҳо шабоҳат
доштанд. Хонаи раиси хоҷагӣ низ дар паҳлуи манзили мо
буд. Поёнтар аз мо хонаи мудири мактаб Нурхонов қарор
мегирифт. Дар поёнтари деҳа мактаби он ҷойгир шуда,
шакли ҳарфи «г»-ро дошт. Ин мактаб ҳафтсола буд. Ма
аз он хурсанд шудам, ки метавонам синфи ҳафтро ин ҷо
хатм намоям. Таҳсили соли 1949 оғоз ёфт. Пагоҳии якум
сентябр якҷоя бо падар роҳи мактабро пеш гирифтам.
Синфи сеюм мехондам. Ҳарчанд ки дар ин мактаб дах-
дувоздаҳ муаллим дарс мегуфтанд, муаллимам падарам буд.
Холназар синфи чор мехонд. Баъди як моҳи зиндагӣ
Вотунқалъа аз чанд ҷиҳат маъқулам шуд. Аввал ин, ки
майдони бозиҳоямон васеъ буд. Дигар ин ки дар поёни
қишлоқ ҳавзи калоне мо бачаҳои шӯхро ба оббозӣ ҷалб
менамуд. Бадии ҳавз дар он буд, ки шуллуки бисёре дошт.
Баъзе занону мардони дардманд пойҳояшонро ба даруни
ҳавз нигоҳ медоштанд, то ки шулукҳо хуни касали онҳоро
бимаканд. Пойҳошон хуншор мешуд. Дардмандон хурсандӣ
мекарданд, ки дардашон андаке сабук гардидааст. Болотар
аз ҳавзи оббозӣ чашмае ҷорӣ мешуд, ки обаш хеле сард буд.
Ҳамарӯза баъд аз соати ёздаҳ бод ба вазидан шурӯъ менамуд
ва ин ҷиҳат барои шахси деҳқоне, ки ғалладона киш
мекард, мусоидат менамуд.

Дар Вотунқалъа ӯзбекҳо зиёд иқомат мекарданд, ҳол он ки дар Чинисой як-ду ӯзбек бо номҳои Қарахону Ғанӣ зиндагӣ менамуду бас. Ӯзбекҳо уштурҳо нигоҳ медоштанд. Мо, ки шӯх будем, уштурҳоро азият медодем. Дар натича онҳо як сар боло карда ба сару рӯйи мо туфи сафедашонро пош медоданд. Бо ин ҳам парвое накарда, пушти уштурҳо мегаштем, вақте ки рӯйи замин мехобиданд, болояшон савор мешудем. Махсусан, уштурбачаҳо бароямон хушии зиёд меоварданд. Болои гарданҳои дарозашон худро ҳалқа мезадем. Ин ҷо ҳам чӯраҳои нав пайдо кардам. Мо ҳамеша якчо мегаштем, ба оббозӣ мерафтем, якчо ба боғҳои мева сар мезадем ва дар якчоягӣ ҳакорати бонувони хонашинро мешунидем. Хулоса, Вотунқалъа марҳалаи дуюми бачагиамро фаро гирифт.

Вотунқалъа ҳам марбути ноҳияи Қизилмазор буд. Ин ҷо ҳам падарамро эҳтиром мекарданд. Баъзе аз муаллимоне, ки акнун дар ин мактаб кор мекарданд, талабагони падар будаанд, мисли муаллимон Шоҳфайз ва Давлат. Онҳо ҳамеша ба ман ҳамчун писари устодашон дӯстдорӣ зоҳир мекарданд. Мудири мактаб Нурхонов бо падарам маслиҳатҳо мекард ва ҳар меҳмоне, ки аз ноҳия ё вилоят ба хонааш меомад, падарамро ҳатман даъват менамуд. Як дафъа мудири маорифи Қизилмазор, ки як марди ӯзбек буд, хонаи мудир омад ва ман якчоя бо падар дар он ҷо оши палав бо гӯшти мурғ хӯрда будам. Падарам ба ҳар хонае, ки даъваташ мекарданд, маро бо худ мебурд ва сари дастархон мешинонд. Шояд мехост, ки одамҳои «уф»-ро шиносам ва тарзи муносибату нишасту хезро аз онон омӯзам. Албатта, ба ман чунин рафтори падар маъқул буд, чунки ақаллан ғизои дуруст мехӯрдам-ку! Аз ин ҷост, ки то ҷое дӯстдору нозпарварди падар будам. Шабона то дер бо падар дарс тайёр мекардам. Падар ҳар дарсашро ҳамашаба чанд саҳифаӣ конспект-ёддошт менамуд. Муаллим барои бе конспект ба дарс даромадан ҳақ надошт. Мудири қисми таълимӣ ҳар рӯз қабл аз оғози дарсҳо конспекти муаллимро месанчид, имзо мекард ва баъд ичозат медод ба дарс дарояд.

Яъне, муаллим бе тайёрӣ ба дарс ҳозир намешуд. Талаб
сахт буд. Падар ин ҷо низ лампа дар даст шабона ҳо
ҳама талабаҳояшро тафтиш мекард. Муаллимони дигар
ин методи Асо Содиқро пазируфта буданд. Эҳ
менамудам, ки аз падарам, бо вуҷуди муаллими кат
буданаш, муаллимони мактаби Вотунқалъа меҳаросида
Асо Содиқ ба дарс сари вақт медаромад ва баъд аз танаффу
ҳам ягон дақиқа дер намедаромад. Ба иборaи дигар, ӯ мӣ
муаллимон рамзи назму низом буд. Интизоми оҳан
меъёри асосии фаъолияти муаллимии падарамро таш
медод. Муаллимони дигар намехостанд, ки ба танбеҳи А
Содиқ дучор оянд. Падар сарфи назар аз мудир набудан
ҳама муаллимонро таҳти назорат қарор медод, дар шӯроҳ
педагогӣ сахтакак баъзе муаллимони танбалу бемасъулият
меафшонд. Мудир низ ба чунин амали Асо Содиқ зидд
нишон намедод ва ба назарам мудир мондану намонданаш
аз муносибати падарам медонист. Асо Содиқ дар ҳа
маърӯзаҳои мудири маориф ҳамчун муаллими намун
дохил мегардид. Аз гузоришҳои сталинвори ӯ аз мудир
маориф сар карда то мудири мактаб тарс доштанд. Ҳат
раиси хочагӣ аз иштироки Асо Содиқ дар маҷлисҳои сол
хочагӣ хазар мекард. Асо Содиқ норасоиҳои мактабро
беҳунарии раиси хочагӣ медонист. Агар як рӯз чӯби сӯхт
мактаб дер оварда мешуд, балоро ба сари раис меовард. Д
забони чи муаллим ва чи сардорони хочагии Вотунқал
исми Асо Содиқ чарх мезад. Бо ин сифатҳои қиблагоҳ
ифтихор мекардам ва ба дил мегуфтам: «Ин ҷо ҳам падар
каси асосӣ будааст-ку». Бо андешаи кӯдакона гумон
мекардам, ки ҳамагон аз ӯ метарсанд.

Лаҳзаи хотирмоне, ки аз ин деҳа бароям муҳим ба назар
мерасад, он буд, ки бегоҳие нахустин маротиба кинор
дидам. Аз пагоҳӣ овоза шуд, ки бегоҳӣ дар назди идора
раис, ки клубаш мегуфтанд, филми ҷангӣ намоиш медиҳанд.
Мо бачаҳо ду-се соат қабл аз оғози филм ҷамъ омадем,
ҷойҳои беҳтаринро болои хок интихоб намудем. Шом
гузашту осмон рӯ ба торикӣ овард, ки филмро шур

карданд. Мавзӯяш ҷанги Олмону Шӯравӣ буд. Он чӣй филм хотирмон буд, ки вақте танки калоне аз майдоне баромаду тарафи мо милашро гардонда ҳаракат намуд, хурду калон сахни тобистонаи клубро партофта гурехтанд. Марде, ки картахои филмро ҳар вақт иваз мекард, дод мезад, ки «ӣ мардум, кучо мегурезед, ин танк дар дохили қартахо аст, он берун намебарояд...». Бо шунидани ин таъкид аз гурехтан баргаштем, ки аллакай танк набуд. Боз дар чойхомон нишастем ва саҳнаҳои ҷангро то поён тамошо кардем. Яъне банда бори аввал кинофилмро тобистони соли 1950 дидаам, ки маконаш деҳаи Вотунқалъа буд. Сахнаи фаромӯшношудании дигар дар рӯзгори он даврони ман он буд, ки рӯзе хостам замини падарро, ки дар рӯ ба рӯи хонаамон қарор дошт, бо ҷуфти гов шудгор намоям. Кадом деҳконе ин корро анҷом медод, ки ман рафтаму дастаи испори ҷуфтро ба ихтиёр гирифта, аз рӯйи роҳнамоии он мард, як қатор ҷуфт карда, ногаҳон испори тезро каме бардошта будам, ки рост ба пушти пойи гов хӯрда, онро ба ҷанд сантиметр дарунтар бурид. Пойи гов хуншор шуд. Деҳқон саросемавор латаи ҷандаеро пайдо карду ба пойи мачрӯҳшудаи барзагов баст ва маро мачбур кард, ки аз болои он баста пешоб кунам. Шарм медоштам, неву нестон менамудам. Деҳқон тарсам медод, ки агар пешоб накунӣ пойи барзагов ҷудо мешавад, гузашта аз ин ӯ мегуфт: «Падарат фаҳмад, туро ҷанг хоҳад кард. Бехтар аст, ки пешоб кунӣ». Дигар илоҷе надоштаму пешоб кардам. Баъд аз ҷанд рӯз ҷойи ҷароҳати барзаговро кушодем, ки сиҳат шудааст. Ин ҳам як роҳи табобат будааст, ки аз он ҷӯраҳоям огоҳӣ ёфтанд. Воқеан, ман шӯх будам, на беадаб. Шабе ба хона се марди тануманд меҳмон шуданд. Рӯйи ҳавлӣ кати чӯбие доштем, ки модар рахти хоби онҳоро он ҷо тахт намуд. Пагоҳӣ аз хоб хеста тараддуди мактаб доштам, ки чашмам ба меҳмонҳо афтод, ки ҳанӯз ҳам хобанд. Офтоб шӯълаҳояшро болояшон паҳн карда буд. Ба назарам он се аз ҳамон «уфҳо» буданд. Ман ба он чиҳат қаҳрам омад, ки онҳо хобро хуш доштанд. Чӣ кор карданамро намедонистам.

Дидам, ки пойҳои якеаш аз кат берун баромадаанд. Хоста адоби меҳмонҳоро диҳам. Ба ҳезумхона даромада арра чӯббуриро гирифтаму назди пойҳои баромадаи меҳмон қарор гирифтам. Акнун арраро болои пойҳо монда будам, ки падарам дид ва пурсид, ки «Худойназар, бо арра чӣ мекунӣ?» Гуфтам: «Ота, пойи ин меҳмон аз кат берун баромадааст, мехоҳам онро арра кунам, вагарна аз чояш хеста наметавонад...». Падарам парешон шуда, зуд арраро аз дастам гирифту «Ин номаъқулиро накун. Онҳо меҳмон мебошанд». Ҳамин лаҳза буд, ки меҳмон бедор шуду пурсид: «Малим чӣ гапай?» Падарам хандакунон чавоб дод, ки «Аз хоб хезед, ки Худойназар пойҳои аз кат баромадаатонро арра мекунад». Меҳмон саросемавор пояшро аз кат кашид ва дид, ки арра дар дасти падар қарор дорад, бовар карду зуд анчомҳояшро пӯшид...

Даҳуми майи соли 1951 модарам нахустдухтарча зоида, ба эҳтироми дугонааш «Бибиёи Чақон» номашро Аноргул монд. Модарам ҳамеша орзуи духтар мекард, то ки исми дугонаашро дар хонадонаш дошта бошад. Модар мегуфт, ки «Ба орзуям расидам. Дугонаам акнун дар паҳлуям». Поёни ин сол расид, ки овозаи муҳочиршавии Вотунқалъа ҳам пайдо гардид. Ин дафъа падар гумон дошт, ки бо ҳамдеҳаҳояш ба таҳдашт мефарояд ва бачаҳояш дар мактабҳои нисбатан дорои шароит таҳсилашонро идома медиҳанд. Ҳайҳот, ин маротиба низ падар ба ихтиёри худ амал карда натавонист. Бошандагон тобистони соли 1951 Вотунқалъаро тарк намуда, ба ҷониби Фархор роҳ пеш гирифтанд. Фархорро ман дида будам. Таътили соли 1950 падар маро бо худ ба деҳаҳои Арча, Бобосафол ва маркази Фархор бурда буд. Душвории он сафар ҳеч аз ёдам намеравад. Яке аз рӯзҳо бо падар ба сари роҳи Ховалинг баромада, тамоми рӯз мошин интизор шудем. Он солҳо бо ин роҳ дар ду-се рӯз як мошин мегузашту бас. Шом шуда буд, ки мошини бордоре аз самти Ховалинг пайдо гардид. Бо падар ба он савор шудем. Кӯчи касеро мебурд. Ба душворие дар кунҷе аз он ҷой гирифтем. Роҳ чунон хароб

буд, ки болои мошин нишаста ракс мекардем. Шабона деҳаҳои Пушиёни Болову Пойин, Нонҷемас, Кадучиро гузашта, ба шоҳроҳи Кӯлоб - Фарҳор ворид гардидем. То Гулистони имрӯза расидему ба самти рост кӯталро рӯболо шудем. Махсусан, нишебие, ки ба тарафи Сомончӣ мефаромад, хеле серхоку чуқуридор буд. Чунон хок хӯрдем, ки гулӯҳо пур шуд, чашмон якдигарро дида наметавонистанд. То ки аскарҳои сарҳадчӣ набинанд, ману падар сарҳоро зери чӯбу тахта пинҳон намудем. Нимашаб ба деҳаи «Победа»-и хочагии «Коммунизм»-и хозира расидем. Он ҷо аммаи Ҷиёнгул баъди мухочиршавии Момайиву Ҷинисой зиндагӣ мекард. Аммаи Ҷиёнгул бародарашро хеле пазмон шуда буд, ки гарданашро оғуш намуду аз сарони китфаш бӯсид. Маро ҳам ба оғӯш гирифт. Дар ҳамон нимашаб шавҳараш Худойқул Карим, фарзандонаш Тӯра, Ҷӯра ва духтарҳояш Бибиқиз, Фотима, Майрамбӣ, Гулистон моро гирд карданд, гӯё чандин сол моро надидаанд, ҳол он ки ду сол пеш дар Ҷинисой якҷоя будем. Рӯзи дигараш хонаи аммаи Гулчеҳра, апаи падарам, ки дар Бобосафол навакак хона андохта буданд, рафтем. Инҳоро аз Заргари Балҷувон мухочир карда буданд. Як шаб меҳмон шудем, якмоҳа азобро кашидем. Ин қадар кӯрпашша сару рӯямонро канд, ки ба гуфтан осон аст. Ҳарчанд ки шабона дар гирди чойгаҳи мо кахдуд андохтанд, кӯрпашшаҳои ба хун ташна, хуни аз кӯҳистон фаромадагиҳо ширин гуфта то субҳ хуб макиданд. Язнаи падарам бобои Умар, фарзандонаш Нуралӣ, Шералӣ, Абдуғаффор, духтарҳояш Марворид, Гулхоним, Гулбону аллакай бо кӯрпашшаҳо одат карда буданд, ки парвое аз газидани онҳо надоштанд. Рӯзи дигар ба маркази Фарҳор рафтем. Он ҷо духтари амаки падарам – аммаи Ойчон зиндагӣ мекард. Ба ҳар ҳол марказ марказ аст. Хонаву дараш ба назму низом. Худаш ҳам зани зебопайкару ба «уфҳо» монанд ба назарам хӯрд. Маълум, ки ин аммаҳо Асоро хеле дӯст медоштаанд, зеро як писар будааст. Он чиз хотирмон аст, ки ҳамаи аммаҳоям бароям куртаву сару либос ҳадя намуданд. Аммаи Ойчон бародаре ҳам дошт, ки Ҳикматуллох

номаш гирифтанд. Ӯ як дафъа назди мо нишасту дигар ҳуҷ
нишон надод. Вай он даврон аз ҷавонмардони асосии шаҳр
Фархор маҳсуб мегардид. Сару либосаш ҳам аврупоиво
буд. Аз он сафар ҳамин қадар дар хотир мондааст, ки
кардам. Вақте ки гуфтанд Вотунқалъаро ба Фарҳ
мекӯчонанд, пеш аз ҳама ман шодӣ намудам, вале пад
фаҳмонд, ки «На, бачам, мо ба Сангиғӯр кӯч мебанде
Партия амр фармудааст, ки ман дар мактаби бемуаллим
Сангиғӯр чанд муддат фаъолият намоям». Ман гум
мекардам, ки ин партияаш ягон «уфи» аз падару рай
калонтар аст, ки ин қадар падарро ба худ мутеъ сохтааст.

Дар Вотунқалъа чандон зиндагии хуб надоштем. Он го
моле, ки дар Ҷинисой моро гӯшту шир ва аз ҳисо
фурӯхтан ба ғалладона таъмин менамуд, ин ҷо наб
Маълум, ки кас вақте дар маҳалли дигаре хонаву дар месо
чизҳои доштаи деҳаи пештараашро аз даст медиҳад. Албат
гови чӯшоиву маркабу асп доштем, аммо дар маҷмӯъ сат
рӯзгори иқтисодиамон дар Ҷинисой болотар буд. Як ҷу
доштани падар хеле рӯзгори хонаводаро хуб месоз
Тасаввур кунед, ки аз Вотунқалъа як халта гандумро ба х
бор карда ба масофаи сӣ-чил километр Боймуши Ховали
осиёб мерафтем. Бештари ин осиёбравиҳо ба ӯҳдаи м
гузошта мешуд. То Боймуш якрӯза роҳ буд. Боз он ҷо раф
навбат мепоидем. Ду-се рӯз дар осиёб хоб мерафтем. Я
ҳоли баде доштем. Баъзан дар роҳ бори хари ман якни
мешуд, зӯрам намерасид, ки онро рост кунам, ҳамроҳон
ки ҷавонмардони тануманде буданд, маро мезаданд, к
дуруст кардани халтаи маркаби ман ба зиммаи он
меафтид. Ба ҳама ин ноодамиҳо тоқат мекардам, вале х
ба падар аз дашномҳои онҳо хабаркашӣ наменамудам, зер
падар ҷазои онҳоро ҳатман медод. Зеро ҳар дафъа, к
мавзӯи осиёбравӣ пеш меомад, падарам маро бо борам б
корвони осиёбравон ҳамроҳ мекард ва таъкид менамуд, к
маро азият надиҳанд.

Вақте ки аз Ҷинисой ҷониби Вотунқалъа кӯч бастем
саги бовафоямон Холдорро низ овардем. Вай пир шуд

дандонхояш намонда буд. Рӯзе ӯро гум кардем. Ман ба кофтукобаш даромадам. Чанд рӯз саргардон дар талу теппаҳо Холдор кофтам. Гумон кардем, ки дуздидандаш. Рӯзе ба боғи болои қишлоқ гунчишкшикор рафтам, ки даруни чуқурие Холдорро мурда ёфтам. Болои сараш чанд лаҳза истода, белу каланд пайдо намуда, болояшро бо хок пӯшондам. Бегоҳӣ хона омада ба падарам ҳодисаро нақл намудам. Падарам гуфт: «зиқ нашав, Холдор пир шуда буд, саг, ки пир шуд, барои мурдан аз хавлии соҳибаш баромада меравад. Ҳоли сабр кун, бароят ягон кучуки чӯпонӣ пайдо мекунам».

Чунон ки гуфтам, маъракаи кӯчондани бошандагони Вотунқалъа оғоз шуду Асо Содиқ бо хонадонаш соли хониши 1951-ро дар Сангиғӯр пешвоз гирифт.

САНГИҒӮР

Чунонки дар оғози ёддоштҳо арз намудам, ин деҳа аз қадим ба авлодони падариам тааллуқ дошт. Хайрият, ин деҳа бо номаш тоҷикӣ буд. Ҳарчанд ки дар Сангиғӯр ӯзбекҳо ҳам иқомат мекарданд, асоси бошандагони онро мардуми Ёхсу ташкил медод. Гузашта аз ин, Сангиғӯр бо гузаштаву бузургворҳояш хеле машҳур буд... Марқади Ҳазрати Хоҷа Акрами валӣ дар сари қишлоқ ва мазори бузургвори дигараш, Ҳазрати Хоҷа Ёрмуҳаммади валӣ дар поёни деҳа ҷойгир буд, ки болои гӯри дуюмӣ дарахти пистае, ки чанд аср умр дида буд, месабзид. Як гӯшаи марқади хиштӣ фурӯрафта ба назар мерасид. Зиёратгоҳҳои Сангиғӯр чанд гектар заминро ишғол менамуданд. Қадимӣ будани Сангиғӯр ба он чиҳаташ исбот намехост, ки ҳамаи қабрҳо дар болояшон сангҳои калон доштанд. Ҷойгоҳи масҷид, ки ҳамон вақт ба мушоҳида гирифта будам, хеле калон буда, дарахтони туғ хавлии онро ишғол мекарданд. Чанд тана тутҳои ҳархела ҳам қомат рост мекарданд, ки дар гирди танаи онҳо чанд мард қулоч мекашид, то ки онро

печонда бошанд. Ба ғайр аз бинои масҷид дарсхонаҳои мадрасааш низ маълум мешуд, ки хиштҳояш ба хар сӯ парешон шуда буданд. Солҳои поёни қарни нуздаҳ бобокалони банда Мулло Барот мударисии онро ба ӯҳда доштааст. Табиист, ки бо омадани шӯрохо мардум мадрасаву масҷидҳоро хароб карда, хишташро дар сохтмонҳои худ истифода бурдаанд. Аз ин рӯ, Сангиғӯрро метавон ба ҷумлаи шаҳраки фарҳангии гузаштагони хеш дохил намуд. Сангиғӯр аз рӯйи мавқеи ҷуғрофиаш кӯҳистон набуд. Он дар соҳили дарёи пуроби Ёхсу ҷойгир буда, дар рӯ ба рӯяш деҳаи хеле ободи Хонобод, ки андактар онро хоҳед шинохт, намудор мешуд. Яъне, аз соҳили рости рӯди Ёхсу Сангиғӯр қарор дорад ва аз соҳили чап Хонобод. Ба Сангиғӯр кӯч бастанамон ба он ҷиҳат тасаллобахш менамуд, ки хонаводаи Асо Содиқ ба таҳдашт наздик мешуд, он ҷо ки ободиҳои фарҳангӣ бештар буд.

Деҳаи Сангиғӯр хам дар хотироти бачагиам нақши муҳиме гузоштааст. Дар Вотунқалъа, ки синфҳои сеюм ва чорумро хондам, дар Сангиғӯр боз ба синфи чор мерафтам, зеро ин ҷо мактаби ибтидоӣ амал менамуду бас. Мактаб як муаллим дошт, ки Асо Содиқ буд. Мактаб аз ду хоначаи похсагӣ сохта шуда, ба соҳили дарё наздик воқеъ гардида буд. Он солҳо бештари мактабҳои деҳоти кӯҳистон дар хамин шакл қарор доштанд. Синфҳои яку се ва дуву чор якҷо мехонданд. Мактаб дар ду баст фаъолият менамуд. Деҳаи Сангиғӯр ба ду қисм тақсим мешуд. Як қисми он қадимӣ ба назар мерасид. Аз ин ки дар ин қисм масҷиду мадраса ва дарахтони туғу тутҳои калоне месабзиданд, деҳаи Сангиғӯр дар оғоз махз ҳамин ҷо воқеъ гардида будааст. Ин қисмро аз мазори бузурги он як ҷӯйи обе ҷудо мекард, ки аз дарае сарчашма мегирифт. Қисми дуюми деҳа солҳои наздик сохта шуда буд, ки дар фосилаи андаке дуртар дар соҳили рӯд қарор дошт. Ҳавлии мо дар қисми нави деҳа воқеъ буд. Дар ин қисм оҳангархона ва осиёб ҷой мегирифт. Мактаб дар маҳали қадимии Сангиғӯр фаъолият мекард. Чамъан дар деҳа 30-40 хочагӣ икомат дошт. Хочагиро

бригадир идора менамуд. Ҷамоат, ки маконаш ҳукуматро дошт, дар Гулисой, ба масофаи чил километр дуртар аз Сангигӯр воқеъ буд. Асо Содиқ ин ҷо низ гӯё намояндаи асосии давлат маҳсуб мегардид. Ӯ моҳе як бор ба маҷлисҳои ноҳия мерафт. Чунин рафтанҳои муаллим ду-се рӯз вақтро мегирифт. Маоши Асо Содиқро моҳе як бор медоданд. Воситаи нақлиёти муаллим аспи ҷеранаш буд. Аспе, ки сурхчаранг буда, дар пешонӣ холи сафед медошт, ҷерааш ном мебурданд. Баъзан ин навъ аспро ҷерани қашқа ҳам меномиданд. Ин асп гоҳе дар маъракаҳои бузкашӣ бо номи аспи Асо Содиқ иштирок мекард. Фасли зимистону баҳор дар майдони калоне, ки дар маҳали мо мавҷуд буд, бузкашиҳо сурат мегирифт. Ин вақтҳо мо бачаҳо ба теппаҳо мебаромадем, то ки зери пойи аспҳои бузӣ намонем.

Ман дар басти аввал мехондам. Азбаски синфи чорро тамом карда будам аз маҷбурият боз он барномаро бо бачаҳои Сангигӯрӣ аз худ менамудам. Аз ин ҷост, ки муаллим гузаштани баъзе дарсҳоро ба ихтиёри ман мегузошту худаш назорат мекард. Дарсҳои ҳисоб ва забону адабиётро вақтҳое мешуд, ки ман мегузарондам. Ин рӯзҳо, агар падар ба кадом кори маъмурие банд мешуд, як адабҷӯбе дошт, ки онро дар як кунҷи синфхона рост мемонд ва ба талабаҳо он адабҷӯбро «муаллим» эълон менамуд. Мо дарсҳоро ичрокунон гоҳе сӯйи он ҷӯби хушк менигаристему итоат ба ҷо меовардем. Асо Содиқ барои талабаҳои мактаб ҷазои ба худ хосро дошт, ки на ҳамаи он аз рӯйи меъёрҳои низоми мактабӣ сурат мегирифтанд.Масалан, агар талаба ба дарс дер меомад, бори аввал ӯро гирди мактаб дах-дувоздаҳ маротиба медавонд. Баъд ӯро байни ҳамсинфонаш «суд» мекард. Ҷазои дигари муаллими мактаби Сангигӯр он буд, ки бачаи танбалу дарсгурезро дар гӯшае аз синф рост монда ба дастонаш санги се-чор килошро медод. Талаба сангро болои сар бардошта, дах-понздаҳ дақиқа пачунбида бо сари хам меистод. Ин ҳам як навъ «суд»-и Асо Содиқ шинохта мешуд. Аммо муаллим ҳеҷ гоҳ ба шогирд даст боло намекард. Низоми мактаби Сангигӯр ҳарбӣ буд. Муаллим ҳамон зангеро бо

худ дошт, ки дар Чинисой аз он истифода мебурд. Асо Содик
ин навъ чазохоро ба ману Холназар хам раво медид. Бор
худи ман 15 маротиба гирди мактаб, ки пур аз барф буд
давидам. Яъне, барои Асо Содик хама талабахо дар як сат
карор доштанд. Асо Содик хамеша таъкид мекард, ки
«талабагони ин мактаб фарзандони маънавии мананд. Бе
инхо ман зинда буда наметавонам». Аз ин чост, ки талабахо
ва падару модархошон Асо Содикро сидкан дӯст медоштанд.

Чунон ки гуфтам, баъзан дар нохияи Кизилмазор мачлисхо барпо мешуданд, ки дар онхо иштироки Асо Содик хатмӣ буд. Азбаски мактаб муаллими дигаре надошт, падар маро муаллим эълон медошт. Рӯзе акнун дарсро сар карда будам, ки як духтари синфи чорум, ки панч-шаш сол аз ман калон ва бузургчусса буд, аз чой хесту «худо бигира аку тувори малима» гуфту маро озод бардошта, рӯйи хавлии мактаб хаво дод. Ман аз тарс дигар ба синф даромадани нашуда, болои санге нишаста чараёни дарёи пурталотуми бахориро назора мекардам. Ғарқи андешахо будам, ки талабахои синфи чор наздам омада, узр хостанд ва илтичо карданд, ки ба Шамъигул дикқат надода, дарсро идома дихам. Худам хам ба ин навъ амали бачахо чашмдор будам ва пешниходи онхоро ба хотири ин ки ба муаллими асосӣ гап нарасад, дар иҳотаи талабахо ба синфхона дубора ворид шудам. Дар гӯшае Шамъигули гирён менишаст, зеро ӯро «харакамбор» карда будаанд. Харакамбор ин аст, ки касро рӯйи замин хобонда, хамагӣ болояш баромада сумбак мезананд. Дилам ба Шамъигул сӯхту гуфтам: «Хай, бихез рост бишин, ба муаллим шикоят намекунам...». Як бачаи шӯх садо баровард, ки «охӣ, и дхта чӣ бо мо мехона, занаки калон шудаст, шавхаруш бтан бехтарай...». Бачахо озодона хандиданд, ман харчанд ки «муаллим» будаму боид худро чиддӣ мегирифтам, ба харфи он бача шарик шуда сари хандан хамагонро гирифтам. Баъд аз се рӯз Асо Содик омад, аммо аз ходисаи Шамъигул харфе иброз надоштам ва бачахои дигар хам ба ваъдаашон вафо кардаанд. Вале талабахои синфхои яку ду маро хамчун муаллими

мепазируфтанд. Аз ин ҳунарам худам ифтихор мекардаму халос. Ҳатто Холназар рашк бурда «бо и малим шудай», гӯён маро дар хона мазоҳ мекард. Модарам ширин механдид ва мегуфт: «Охи, Худойназар малимзебай, аз отат монданӣ надора...». Модарам аз трикои сабз бароям шалвори галифеии сталинӣ дӯхта буд. Дар назарам мезебид, ки бачаҳои ҳамдарсам дуздона сӯям менигаристанд. Вақте ки бо падарам ба хонаи ҳамсояе мерафтем, паҳлуяш қарор гирифта, дастҳоро ба ҷейби шалвори галифей андохта, ифтихормандона роҳ мерафтам. Ҳамон лаҳзаҳо худамро хеле хушбахт ҳис мекардам.

Зимистони соли 1952 падарам якбора ба дарде гирифтор шуд, ки аз ҷой хеставу нишаста наметавонист. Мегуфтанд, ки домана аст, аммо модарам ба ин ақида буд, ки дар кучое тарсидааст. Тавре гуфтам, падар бисёре аз корҳои хочагиро баъд аз басти дуюм, соатҳои панч-шаши бегоҳӣ анҷом медод, то ки ба ҷараёни дарсҳояш нуқсе нарасад. Ба ин хотир, баъзан ба аспаш савор шуда ба деҳаҳои Ҳалқаёру Канаб барои гандум ё ҷав мерафт. Шабе аз чунин сафар баргашту якбора «Иқлиммоҳ, ман касал шудаам», гуфту болои кат дароз кашид. Модар рӯзи дигар бо ёрии Мулло Шарифи оҳангар ва мӯйсафедони дигар «чилёсинаш» кард. Чанд нафар аз мӯйсафедон дар атрофи падари беҳол нишаста, соате дуо хонданд. Ӯ зиёд арақ мекард ва худро беҳол медид. Модар оби мурғшӯрбо барояш медод. Гоҳе наскшиёба омода месохт. Тақрибан як моҳ падар ба ҳамин ҳолат гирифтор монд. Модарам Аноргули синамак дар даст, назди падар менишаст, гиряҳо мекард ва мегуфт: «О, малиме ту мурӣ, ма бо и бачаҳои ноболиғат чӣ мекунам». Падар беҳол ҳам бошад, модарро тасалло медод, ки «и хел нагӯ, иншоолоҳ ма нағз мешам, боз болои бачаҳом қарор мегирам». Дар вақтҳои банд будани модар ҳама хизмати падари бемор ба ӯҳдаи ман буд. Хӯрок мехӯрондамаш, пойҳояшро молиш медодам. Ва дигар ҳамаи кореро, ки барои бемори бистарӣ анҷом додан лозим буд, ба ҷо меовардам. Ин лаҳзаҳо, падар [illegible] нағз хонам, ҳеҷ гоҳ аз хондан даст

накашам. Боз дуо медод: бачам ҳеҷ гоҳ хориро набинӣ, зан нашав, ман ҳатман сиҳат меёбам. Лабони хушкидаву чашмони фурӯрафтаи падарро медидаму гиряям меомад. Падар «гиря накун, гиря накун, ки хуб нест» мегуфту об дидагони худро пок мекард. Ин ҳолати падарро Ҷумъахону Аноргул ҳис мекарданд, ки дарун-дарун соатҳо мегиристанд. Модарам асабӣ шуда сари онҳо овоз баланд мекард, ки «оҳи, чӣ балотон задаст, ки ин гиря дорен, чӣ сари ототова хӯрданиен». Онҳо боз баландтар сари овози якдигарро мегирифтанд. Ҳолназару Соҳибназар чандон ба ҳоли падар таваҷҷӯҳ зоҳир намекарданд. Соҳибназар панҷсола бошад ҳам, бемории падарро дарк наменамуд. Ҳолназар бештар ба корҳои хона, ҳезум овардан, гову молро каҳ додан ва ғайра машғул буд. Худо раҳми бачаҳои Асо Содиқро хӯрду ӯро баъди як моҳ боз ба пой хезонд. Модар фармуд, ки бузеро сар зананд, то ки сиҳат ёфтани падарро ба ду-се табақ нон додан ба мӯйсафедони деҳа, ба Худои мутаол миннатдории хешро иброз дорад. Аз бемориву сиҳатёбии падар чанд моҳ гузашту ҳодисаи ба сараш омада маълумамон гардид. Ҳамон шабе, ки падар ба бистари беморӣ гирифтор шуд, вақти аз самти Чанорак чониби Сангиғӯр омадан, болотар аз мазор таги дарахти туғи бузургчуссае ба ӯ «парӣ»-аш дармеафтад. Падар қисса карданд, ки дар масофаи сад метр то расидан ба дарахти туғ аспи ғӯшхояшро сих намуда, шиҳа мекашад ва ҷуръати ба пеш ҳаракат кардан намекунад. Падар аспро сарзаниш дода, «чу, чу чонвар, натарс, пеш рафтан гир...» мегӯяд. Асп зӯракӣ ҳаракаташро идома медиҳад. Назди туғ расидан замон «парӣ» дар шакли марди паҳлавончуссае аз пеши роҳи падар мебарояд ва амр мекунад, то ки падар аз асп фарояд. Падар мефарояд ва чанд соат онҳо гӯштин мегиранд. Чандин ҷойи пушти падарро бо панчаҳояш мехарошад ва бо пояш шатта зада афтонданӣ мешавад, вале наметавонад. Ниҳоят падар ҳарифи пириашро ба тахтаи пушт афтонда, буғиаш кардани мешавад, ки ӯ ба зориву тавалло даромада, хоҳиш мекунад, ки вайро накушад, парӣ худро мағлубшуда эълон дошта,

қавл медиҳад, ки дигар ба ҳафт пушташ кор надорад. Падар аз болои «парӣ» худро ба канор мегирад ва мебинад, ки парӣ як пояшро кашолакунон чониби мазор мегурезад. Асп ҳамоно шиҳа мекашад ва ду пой бар замин мезанад, аммо аз назди падар дур намеравад. Падар, ки беҳол шуда буду як пояш бечон менамуд, болои санге баромада ба душворӣ худро болои асп мегирад. Аз чойи ҳодиса то хона сесад-чорсад метр беш набуд. Падари беҳол чилави аспро сар медиҳад, зеро дигар тавоноиро аз даст дода буд. Худи асп ӯро то ҳавлӣ меорад. Падар аз болои асп худро ба поён ҳаво медиҳаду завчаашро аз бетоб будан огоҳ месозад. Бар асари он бетобӣ як моҳ бистарӣ шуд. Баъдан модар оҳистакак ба ман гуфт, ки намедонам пушти падарат чойи панчаҳои кадом ҳайвони ваҳширо дорад. Сипас, модар идома дод: «акнун фаҳмидам, ки отат ба чӣ касе гӯштин гирифтааст. Хуб шуд, ки чилёсинаш кадем. Охи, дуруст меган, ки и сайидзодаҳо парӣ доранд, онҳо бепарӣ гашту гузор када наметонанд». Ман кӣ будани париро нафаҳмидаму аз модар савол кардам: «И, париаш чӣ хела одам аст, ки бори дигар ҳам дар Чинисой сару рӯяшро хуншор карда буд?». Модар гуфт: «Париш, бачам, қувваи ғайр аст, ки Худои муттаол ба бандагони асилаш ҳамроҳ сохта, то ага парира таслим надиҳӣ ӯ қарор намегира ва баъди хуфтан агар ҳарифша дар роҳе бубина ба ӯ дармеафта, соатҳо гӯштин мегира ва метона, ки каса бикуша». "Оҳ, и париш одами хуб набудааст"- гуфтам ба модар. Модар бо виқор гуфт: «Ана ҳаму одама отат қасам дода, дига ӯ пеши роҳаша намегира, ба ҳафт пушти отат кор намегира...». Албатта, падар қиссаро ба модар нақл карда будааст. Ҳодисаи бо падар рухдода афсонаҳои кампири чинисойиро ба ёдам овард, ки соатҳо қисса менамуд. Боз худо медонад, ки «парӣ»-и Асо Содиқ чӣ мехост ва ӯ чӣ қуввае аз ғайб буд.

Баҳорон шикори гунчишкро хуш доштам. Назди осиёби қишлоқ боғи тут мавчуд буд, ки он чо гунчишкҳо бисёр чамъ мешуданд. Ман бо ғулак рӯзе панч-шаш гунчишк шикор мекардам. Осиёби Сангигӯр хеле сермуштарӣ буд.

Аз ҳама гирду атроф ба ҳамин осиёб гандуму ҷави худр
меоварданд. Навбат калон буд. Осиёбчиҳо болон ҷуволхо
худ-якпаҳлу зада, чанд рӯз маътал мемонданд. Ман
шикорчӣ боре назди осиёбчиҳо рафта, дуртар аз онон б
гунҷишкзанӣ машғул будам, ки ҷавонмарди 20-25 сола
омаду маро бо ин амалам маломат карда як шапотӣ ба рӯяш
зад. Ман гирёну нолон хона рафтам, ки падар он ҷо буд. Ӯ
савол кард, ки чӣ гап шуд. Воқеаи шударо нақлаш намудам.
Падар дарҳол аз дастам гирифту назди осиёбчиҳо овардам.
Сипас аз ман пурсид, ки кадоме аз инҳо маро задааст. Бо
ангушт он ҷавонмардро нишон додам. Падар сӯяш бақаҳр
қадам монда буд, ки гунаҳгор аз ҷояш хесту ба падарам
гуфт: «Малим ҳазор дафъа узр, ки надонистам ин бачаи
шумост». Падар ба гапи ҷавон гӯш надода аз гиребонаш
дошту баъд баланд бардошта ба даруни ҳавзи оби осиёб
ҳавояш дод. Он бечора дар байни оби равон почак задан
гирифт. Падар ӯро сарзаниш карда фаҳмонд: «Шарт нест,
ки ин бачаи ман аст, ё бачаи деҳқон. Ту аҳмақ ба он гунаҳгор
дониста мешавӣ, ки кӯдакро задай». Ҳама осиёбчиҳо аз
ҷойҳошон хеста, падарро доштанд, то ки боз он ҷавони
хатокардаро назанад. Албатта, падарам баъд аз ин кори
кардааш пушаймонӣ кашид, вале аз ин ки қаҳраш хеле
баланд ва аз ҳодиса дар гармогармиаш хабар ёфта буд, пеши
роҳи ӯро гирифтан душвор буд.

Бояд гуфт, ки оби осиёб аз назди ҳавлии мо мегузашт. Мо
дар он ҳар рӯз оббозӣ мекардем. Ҷумъа, ки ҳамон айём се-
чорсола буд, назди ҷӯйбори осиёб бозӣ мекард, ки ногаҳон ба
ҷӯй чапа шуд. Мо доду фиғон бардоштем, ки Ҷумъаро об
бурд. Об хеле тез ҷорӣ буд. Ман ва дигарон бо обу Ҷумъа
баробар медавидем, то ки ӯро аз об дошта гирем. Мардҳои
дигаре пайдо шуданду Ҷумъаро, ки об қариб ба сари новаи
осиёб расонда буд, аз почакҳош дошта кашида гирифтанд.
Ҷумъа, ки худ кӯдаки чандон сергӯште набуд, каб-кабуд шуда,
аз об шикамчааш ҳам пур гардида буд. Ӯро дарҳол болои
сабзаҳо сарнишеб хобонда шикамашро зер карданд, то ки
оби хӯрдааш барояд. Модарам сари зонувонаш дудаста мезад.

Тарс аз он дошт, ки бачааш мурдааст. Хайрият баъди ним соат Ҷумъа чашмҳояшро кушод, вале беҳол буд. Бетоқя падарам аз сафаре баргашту аз ҳодиса воқиф гардид. Модарамро сарзаниш намуду аммо назад, балки Ҷумъаро ба бағалаш гирифту навозиш кард. Холиназар бошад, мисле ки ба оташ рағбан андохтаӣ мешуд, такрор ба такрор мегуфт: «Кариб мурда буд». Бо ин амалаш мехост, ки падар модарамро ҷанг кунад. Вале маълум буд, ки падар дигар модарро сарзаниш кардан намехост. Махсусан, баъди фавти Шоҳназар кам мушоҳида мешуд, ки миёни падару модар муноқишае бармехест.

Сангиғур баҳори фораме дошт, ки мо бачаҳо аз он ҳаловат мебурдем. Ин деҳа бо чукриву рошукашу хочаш айёми бачагии моро дилчасп мегардонд. Дар ин фасл ба баландиҳои кӯҳ мебаромадем ва дарза-дарза чукрӣ мечидем. Кӯҳҳои он ба самти Карбостанак хеле серкабк буд. Шикорчиён ҳам зиёд ба назар мерасид, ки аз Хонободу Даҳана ва Кӯлоб буданд. Баҳорон, вақте ки дарёи Ёхсу пуроб мегардид, аз болоҳо дарахтони арчаву заранғро канда болояш рақскунон меовард. Рӯди Ёхсу дар рӯ ба рӯйи Сангиғур то андозае ором ҷараён мегирифт. Аксари бачаҳои Сангиғур оббоз буданд. Холиназари мо то он дарача маҳорати дарёнавардӣ дошт, ки ба қаъри рӯди пурталотум худро андохта, болои дарахтони бо решаҳошон кандашуда савор шуда, онҳоро кашола карда ба соҳил мебароварду. Ин навъ чӯбҳоро «селова» мегуфтанд. Баҳорон маъракаи селовачамъкунӣ одамони деҳаҳои дигарро низ фаро мегирифт. Дар соҳилҳо хара-хара селова ҷамъ мешуд, ки баъдан бо хару аробаҳо бор карда мебурданд. Холиназари мо низ хеле селова ҷамъ менамуд ва дар ин амал худро қаҳрамон эҳсос мекард. Чанд дафъа ба мушоҳида расид, ки кариб ғарқ мешуд. Аммо якраву зӯъм, ки буд ба гапи касе гӯш намедод. Қиссаҳои Холиназар бисёр аст, аммо ин ҷо яке аз онро меорам, ки ҷолиб аст. Дар ҳамсоягии мо зане бо ду бачааш зиндагӣ мекард, ки аҳволи иқтисодиаш хеле бад буд. Асосан хӯрду хӯрокашон аз ҳисоби хонаи мо сурат

мегирифт. Тобистонҳо, ки дар соҳили регдори Ёхсу бо оббозӣ машғул мешудем, Холиназар бачаҳоро азият медод. Гоҳе баъзеҳоро ба дарунӣ ҳавзи об андохта, хуб «об медод». Ин ҳолат медидам, ки сари бачаеро ба дарунӣ об метиконад, боз боло мебардошт. Аксари ҳамсолони ман аз Холиназар метарсиданд. Рӯзе яке аз бачаҳои ҳамон пиразанро ба наздаш хост, сарашро миёни пойҳояш чой карда, сипас ба теғи падар сари ӯро хушк тарошид. Дар сари он бача чойи обод намонд. Хун, ки мебаромад аз чайбаш пахтаро баровард ба чои буридааш мечаспонд. Он бача аз тарс намегирист, балки лабҳоро зери дандон нигоҳ дошта, тоқат мекард. Бо ин амалаш Холиназар гӯё истироҳат дошт...

Моҳи ноябри соли панҷоҳу дуюм модарам ичозат пурсид, то ки холаи Сафаргулашро, ки ширхора ҳам буданд, дар деҳаи Чаҳорчашмаи Балҷувон хабар гирад. Падарам ичозат нагуфта рухсаташ дод. Модар дар ин сафар маро ҳам гирифт. Падар аспро овард, модарро бо Аворгул ба он савор кард. Ман бошам пушти сари модар, қафои зин нишастам. Ҳаракат карда будем, ки саги чӯпониамон аз ақиб ба рох даромад. Падар рафтани сагро манъ накард. Модарам аспсавори хубе буд. Дар кӯталҳо маро мефаровард, то ки асп азоб накашад. Аз сарҳади Сангигӯр бадар шудему саги чупоний пеш-пеши асп қарор гирифт. Мутаассифона, рӯзи хуб набуд. Ҳаво чангу ғубор дошт. Ба деҳаи Ҳалқаӣ расидему ба нишебии рӯ ба рӯйи Момайӣ фаромадем. Аллакай деҳаи Момайӣ ба харобазор табдил ёфта, чангал шуда буд. Бо роҳи бузрави байни тутакалукзор ба душвори деҳаи Момайиро гузаштем. Чойи хонаҳои мо ва аммаи Чиёнгулу дигарон хористон буд. Саги чӯпоний панҷ-шаш *метр пеш рафта, аз сари роҳи мо кабкҳо ва хукҳои ёбоиро ба ҳар сӯ пеш мекард. Ин ҳолатҳо аспи модар гӯшҳоро сиз месохт ва лаҳзае истода боз ба роҳравӣ идома медод. Ҳаво торафт рӯ ба торикӣ меовард. Ба чинори Қиблайӣ расидем, ки чангу хок ва хасу хошок фаромон гирифт. Ман чашмҳоро бо остини чомаам пӯшонда, пушти аспи модар медавидам. Аз ин чо то Чаҳорчашма боз ду соат роҳ дар пеш буд. Сари*

роҳ ба деҳаи Охбулок (Оқбулоқ бояд бошад) расидем, ки он ҷо касе аз авлодони модар иқомат мекард. Пиразане модарро дар он ҳиссаи шаб дида, ҳайрон монд, ки дар ин навъ ҳавои нохуб аз кучо меоем. Модар фаҳмонд, ки «аз Сангигӯр омада истодаем, холаи Сафаргул чанд бор ба хобам даромад, аз малим ичозат гирифтаму ҳоло инҷоем». Он зан чою нон овард ва бисёр хоҳиш кард, ки шабро дар хонаи ӯ гузаронему пагоҳӣ ба Чаҳорчашма равем. Аммо модар розӣ нашуд, зеро ним соат роҳи дигар буду бас. Сипас аз шавҳараш хост, ки моро то Чаҳорчашма роҳбаладӣ намояд. Тахминан, соатҳои нӯҳи шаб ба хонаи холаи Сафаргул худро расондем. Холаам ҳам аз ин сафари мо ҳайрон монд ва изҳори ранҷиш кард, ки дар ин шаби чӣ зарурат буд, ки барои хабаргириаш омадаем. Модар бо холааш оғуш кушод. Ҳардуяшон хурсанд буданд. Духтари холаам Ойимгул Аноргулро ба бағали худ гирифт. Писараш Абдулқодир бо мо одоби салому алейкро ба ҷо овард. Иқлиммоҳ омадааст гуфта, дар як лаҳза ҳама хешони модарам рӯйи ҳавлии холаи Сафаргул ҷамъ шуданд. Модарам худро ба оғӯши ҳар кадом аз бонувон мезад. Ман дар дил мегуфтам: «Охир модари ман духтари Тоҳирбой аст-ку. Аз ин рӯ ӯро ин қадар ҳурмат мекунанд". Саги чӯпонии мо дар гӯшае сарашро болои дастҳояш монда ҳамагонро назора мекард. Чанд саги ҳамсоя хеле давраш гаштанду «аф, аф» заданд, аммо саги мо гӯё онҳоро писанд намекард ва тарафашон «аф»-и меҳмонӣ ҳам намезад. Абдулқодир аспи модарро, ки акнун хушк шуда буд, аз зин озод намуда, наздаш коҳу чав гузошт. Он марде, ки моро роҳбаладӣ карда буд, дарҳол ба деҳаи хеш пас гашт. Рӯзи дигар тамоми чойҳои дидании Чаҳорчашмаро давр задам. Бештар бо Ойимгул бозӣ мекардам. Ӯ низ ҳамсоли ман буд. Бегоҳӣ холаам аз Ойимгулу ман хоҳиш кард, ки зани раисро ба хона даъват намоем. Шом гузашта буд. Хонаи раис поёнтар қарор дошт. Бо Ойимгул назди дарвозаи раис рост шуда будем, ки саги чӯпонии ӯ чониби мо ҳучум овард. Ойимгул дод гӯён худро ба дарунӣ хона зад. Саг ба ман дарафтод. Вақте ки даҳонашро боз карда

сўям давид, дигар илоҷе наефта дасти ростамро ба дарун остини ҷома дарун кашидаму ба даҳони саг андохтам. Саг ки даҳонаш маҳкам монд, сахт дандонҳояшро шинонд. Ман аз тарс сахт дод задам. Аз садои ман саг зуд дастамро ба остин сар доду чиғосзанон ба ҷониби кӯча гурехт. Зани раис бо бачаҳояш давида омада диданд, ки дасти маро аз ду ҷо дандонҳои саг хуншор кардааст. Зани раис фармон дод, ки ба зудӣ сагро дошта биёранду аз пашмаш сӯзонда болои ҷароҳат бигзоранд. Бачаҳо аз пайи доштани саг шуданд. Лаҳзае нагузашту сагро оварданд. Саг ба ман ба рахм нигоҳ мекарду худ меларзид. Як вақт бинам, ки саги чӯпонии худам наздам истодааст. Хайрият, ки ба саги раис дарнаафтод. Ғурғур менамуду бас. Холаи Сафаргулу модарам ҳам тоҳ омаданд. Вақте ки ман дод гуфтаам, модар овозамро шинохтаасту ба холаам гуфтааст: «Оҳ, холаҷоне Худойназарро саги раис гирифт. Малим мехӯрад, и бачаи дӯстдоршай...» Ин суханҳоро гуфта бо холаам ҷониби хонаи раис медавад. То ин вақт пашми сагро сӯзонда болои ҷароҳати даст гузошта буданд. Ман нолиш мекардам, зеро дарди сахте дастамро азиат медод. Ним соат нагузашту баданам ба ларзиш даромад. Ҳарорат баланд шуда буд. Дилам ба модарам месӯхт, ки ба падар чӣ мегӯяд. Чӣ баҳона мебофад. Модар худ ба худ мегуфт, «и меҳмонӣ заҳри танам шуд». Модарро тасалло медодам, ки ташвиш нашавад, ҳеч гоҳ падар аз ин ҳодиса нахоҳад фаҳмид. Ба ҳар ҳол се рӯзе, ки модар меҳмони холаам буд, нони хӯрдааш аз гулӯяш намегузашт. Фақат дар забонаш «ба малим чӣ мегум» буд. Холаам ҳам таъбаш хира шуда мегуфт: «Оҳ, Иклиммоҳҷоне буқаи шут фаҳма азобат мета...». Чунон ки боре ишора карда будам, холаи Сафаргул падарамро хуш надошт, ҳоло ҳам ба ҳамон ақида буд, ки акаи мулло Зуҳурашро Асо Содиқ ҳабс кардааст... Боз ба Сангиғӯр баргаштему ҳеч гоҳ падар аз ҳодисаи саггазӣ иттилоъ наёфт. Рӯзҳои аввал модар бо нигоҳҳои махсус маро медид ва ишора менамуд, ки «боз отатда нагӯй». Ман ҳам бо имову ишора мефаҳмондам, ки «не, не ҳаргиз намегӯям...».

ХАРИ БУРИ ХАНГӢ

Дар Сангигӯр харе доштем, ки ҳамчун воситаи наклиёт барои хонаводаи Асо Содиқ хизмат мекард. Тамоми корҳои хочагиро бо ҳамин хар анчом медодем. Бо ин хар бештар Холиназар машғул мешуд. Бесабаб нест, ки дар байни бошандагони Сангигӯр онро бо номи «хари Холиназар» мешиносанд. Воқеан, он хари оддӣ набуд, рафторҳои ачибе дошт: ҳангӣ, чангара, шатакан, даванд, хулоса харе буд дорои хислатҳои харона.

Хари Холиназар моҳе як маротиба ба ихтиёри ман карор мегирифт. Ин рӯзе буд, ки ман барои овардани маоши падар ба ҷамоати Гулисой мерафтам. Ҳарчанд ки он хари гарданшаху масте буд, бо ман худро ором нигоҳ медошт ва ҳар фармудаамро ичро мекард. Аз Сангигӯр то Гулисой беш аз сӣ километр роҳ буд. Сифати аз ҳама хуби хари Холиназар барои ман он буд, ки даванд буд ва бо он метавонистам, ки пагоҳи ба роҳ барояму шаб ношуда боз худро ба хона расонам. Агар чунин хар намебуд, магар имкон дошт, ки рафту омади шаст километр роҳҳои пасту баланд дар як рӯз амалӣ шавад. Худатон қазоват кунед, агар боре роҳҳои кӯҳистонро дида бошед. Вақте ки аз Сангигӯр мебаромадам, маркабро то таги кӯтали дашти дӯлонаҳои Чинисой медавондам. Сипас кӯталро бо кадамҳои оддии худи хар тай намуда, ба дашти дулонаҳои боло, ки мебаромадам, боз ду-се километр харро чорхез мекунондам. Дашт ки ба поён расид, ба дара мефаромадам, сипас чӯйчаро убур карда ба деҳаи Девонахӯчаҳо боло мешудам ва то мазори Хучархӣ, ки дар сари шоҳроҳи Кӯлоб - Ховалинг қарор дошт, мерасидам. Мазор чангалзори бетагеро мемонд. То ин мазорро гузаштан маро тарс фаро мегирифт. Ҳар шир-шире, ки мешуд, мӯйҳои баданам вижакос зада рост мешуданд. Ин навъеи хомӯширо пеш сар менамудаму рӯ ба нишеби меовардам. Акнун хари кабуди ҳангӣ мисли бод парвоз мекард. Ачаб он буд, ки хар хати ҳаракаташро хеле хуб медонист. Ҳеч гуна амре лозим

намешуд. Чошти он рӯз таги дарвозаи чамоат хари ҳаш омадани хеш иттилоъ медод. Котиби чамоат аз пан дидан замон «ҳа, бачаи Асо Содиқ омадӣ, биё, маоши пад тайёр, гир ин чо даст мону ҳара хала кун», мегуфт. Ма хубе буд. Падарамро аз наздик медонист ва эҳтиром дар гайб ҳам ба чо меовард. Нони чоштро иборат аз пора нони гарми модар бо худ доштам. Сари роҳ ч чашмае ҳарамро дам медодам, ба оби чашмаи хунук нон тар карда мехӯрдам. Истироҳати сари роҳии ман аз д понздаҳ дақиқа беш набуд. Боз чонварро савор мешудам «их» мегуфтам. Ин тарафи роҳ то мазори Хучархӣ бешт кӯтал буд. Боз ба мазор, ки наздик меомадам, дахш фишорам меовард. Он соатҳо офтоб пушти теппа рафт мазорро сиёҳӣ пахш мекард ва оиро ваҳмноктар мегардон Чунин ба назар мехӯрд, ки ҳини аз байни мазор гузашт ҳар низ аз чизе меҳаросид, ки гоҳе гӯшҳояшро сих карда пих-пих бинӣ меафшонд ва ин амали нақлиёти ман бо ба ларза даромадани бадан, сих шудани мӯйҳо ва парида чашм мегардид. Худо гӯён то сарҳади ниҳоии мазор Хучархӣ мерасидам ва як оҳи сабук мекашидаму марка сӯйи нишебӣ, ки то дашти дӯлонаҳо идома меёфт, хал мезадам. Хар ҳам медонист, ки ба хона мераваду чаву ко фаровонаш медиҳам, суръаташро боз ҳам тезтар менамуд Дар назарам чонвари бадбахт мондашавиро намедонист Вақти подоомад худро ба Сангиғӯр мерасондам. Дигар д байни садои гову гӯсола, бузу бузғола ва харҳои ҳангӣ ч чанг хӯрдан чӣ навъ аз болои хар фаромаданамро намефаҳмидам. То омадани ман модар ду даст таги манах рӯ чониби роҳи омади ман интизорӣ мекашид. Падар бепарвотар худро вонамуд мекард, чунки ба кори писараш боварӣ дошт ва медонист, ки маошро бечуну чаро меорам. Пулро ба модар медодам ва худро болои кат мепартофтам. Он шаб бароям ба ғайр аз хоби бароҳат дигар чизе лозим набуд. Ҳамин навъ моҳе як бор бо хари кабуди ҳангӣ роҳеро ки рафтуомадаш аз 60 км кам набуд, тай мекардам.

Боядгуфт, ки рӯзҳои дигари моҳ ба харсаворӣ Холназар машғул мешуд. Холназар ба ҳамин навъ хари корӣ бисёр

муносибати дағалро раво медид. Овро бо калтак мезад, халачӯби мехдорашро сари сағрини хар чӯнон мехалонд, ки аз он ҷо хун мебаромад. Агар кореро ғайри хоҳиши хеш ба ӯ фармоиш медоданд, қасдашро аз хар меғирифт. Ба назарам ҳар боре, ки хар Холназарро медид, ба ларза даромада, шояд мегуфт: «Оҳ, бало зад. Азроил омад». Аз ин рӯ, борҳо вақти ба болои хар баромадани Холназар хар дар ҷояш ба ин сӯву он сӯ парида, наметузошт, ки «Азроил» савораш шавад. Баъзан ӯро ба замин афтонда, ҳангосзанон деҳаро як давр мезад, чанд хари сари роҳро меғавҷид, агар модахар мебуд, пешандоз карда то кучоҳо пайгирӣ менамуд. Холназар бошад, халачӯбу хӯрчин дар даст аз пушти маркаб медавид ва кафки даҳонашро бароварда: «Оли бест, падарлаънат, агар баданакота бо ин мех шикоф накунам, Холназар набошам, ҳа, очаи ту барин хара фалон кунам», мегуфт. Ман аз назди ҳавлӣ ба ҳоли Холназар механдидам ва дар ботин меандешидам, ки «охи, айби худи Холназар аст, хар ҳам бошад мефаҳмад, ки ӯ ночо сараш ҷабр мекунад, чаро бечора харро мезанад». Модарам фақат мегуфт: «Оҳ, и Холназар. Ба хар ҳам муросо карда наметавона. Ита фелуш гандаяе...». Холназар соатҳо ба таъқиби хари ҳангӣ аз ин гӯшаи қишлоқ ба гӯшаи дигар медавиду медавид. Боз дилам месӯхт ба ӯ. Арақшор мешуд, ба пойҳояш хор мехалид. Вақте медид, ки ман хартаъқибкунии ӯро назора дорам, «ҳа, чи чушмота ала када нигоҳ мекунӣ. Мемурӣ сур кунӣ...», гӯён таҳдидам менамуд. Ман бошам, хандида мегуфтам: «Худат сур кардан гир, хари туяй-ку». Ӯ дигар чизе намегуфту болои замин менишаст, то ки хар каме аҳл шаваду дар ягон ҷо ба чаридан машғул шавад. Воқеан, ин хар хеле бадхӯ буд. Ҳама харҳои қишлоқро чанд борӣ хоида мачрӯҳ месохт. Боре, хари Холназар ресмонро аз гулмех канду сӯйи модахари пиразани ӯзбеке, ки мечарид, ҳуҷум овард. Байни хонаи мо ва ҳавлин он пиразан сад метр роҳ буд. Хари Холназар аввал ҳангоси дуру дарозе сар дода, хари пиразанро аз бандаш каионда, ба сур кардан даромад. Ман бо чанд чӯраам назди мактаб

бучулбозй мекардам. Якбора овози кампир баромад, ки мегуфт: «Ҳо, Холназарчоне, харта бигй, ки гуштои харро мехура...». Пиразан чунон дод мезад, ки тамоми бошандагон мешуниданд. Холназар як чӯби дароз дар даст тарафи хонаи кампир медавид.

Оре, рӯзгори деҳот ачаб лаҳзаҳое дорад. Барои ҳамаи деҳоташ меноманд, касро деҳотй ном мебаранд ва гайра. Холназар вақтҳое ки барои ҳезум ё алаф берун аз деҳа мерафт, маро аз пушти худаш ба хараш савор мекард. Чунин рӯзҳо ман медидам, ки Холназар то чи андоза харро азиз медод. Дар болои хар ду кас бошем ҳам, онро мачбур мекард, ки тозад. Аз ин рӯ, халачӯбро ба сари шонаҳояш мехалид, бо калтаки дасташ дар гӯшу калаи хар мезад ва баъзан, то ки аз ман қассосашро гирад, халачӯбро чунон ба пушти сараш мебардошт, ки ба калаи ман мехӯрд. Ман дар қаҳр мешудам ва ҳодисаи Чинисойро пеши хотираш меовардам. «Хай чй», - мегуфт. «Боз мезанй чй.», «Албатта, зӯрат ба хар намераса, чаро халачӯба ба сари ман мезанй», - мегуфтам ба Холназари бадқаҳр.

Сангигӯр мағоза надошт. Бошандагонаш асосан дар Даҳана ва Хонобод бозорй мекарданд. Вақте ки падар маош мегирифт, ману Холназарро ба Хонобод мефиристод. Он чо магазини калоне буд. Хонаводаи мо бештар ба қанду қандалот, равған, намак эҳтиёч дошт. Ба хусус, ширинй дар оилаи мо зиёд сарф мешуд. Он вақтҳо наботи тахтай мефурӯхтанд. Он лаҳза хотирмон аст, ки аз наботи тахтай ба як харидан ду-се тахтаашро гирифта ба почаи хӯрчини хари бур меандохтему вақте ки назди рӯди Ёхсу мерасидем, дар соҳилаш нишаста аз он наботи тахтай чанд порча шикаста ба об тар карда мемакидем, ки бисёр бомазза буд.

Тобистони соли 1952 бегоҳие бо Холназар савораи хари хангй ба қисми болоии деҳа, ки баландии сералафе буд, роҳ пеш гирифтем. Чаманзорро соя пахш намуд. Чанд дарзай алафи рушқа (юнучқа) даравидем. Чун ҳарвақта Холназар сарҳади алафзаниашро чудо мекард. Ман поёнтар аз ӯ алаф медаравидам. Ногоҳ дидам, ки баррачаи

чигарирапге миёни алафҳо ҳоб аст. Оҳистакак ҳостам, ки ӯро дошта гирам, ки аз ҷояш пириду дуртар рафта сӯйи ман нигоҳ кардан гирифт. Аз ин сир Холиазарро огоҳ накарда худам пушти барраи ширмак медавидам. Ҳеле бо он саргардон шудам. Дидам, ки як худам баррачаро дошта наметавонам, Холиазарро ба ёрӣ даъват кардам. Ҳанӯз ҳам барра ба тарафи ман менигарист. Холиазар «ку, ку», гӯён давида наздам омад. Гуфтам: «Аиа, намебинӣ баррачаи чигарӣ истода сӯямон нигоҳ дорад». Холиазар ин тарафу он тараф нигоҳ кард, ки баррачаро надид, гуфт: «Чӣ рута сиёҳ мекунӣ. Ҳеҷ барра-марра нест-ку!» Ман бошам назди барра истода, худамро хам додам, ки аз пояш қапам. Боз баррача як пириду ду-се метр дуртар рафта, сӯям нигоҳ кардан гирифт. Хулоса, баррароман медидаму Холиазар не. Бо ҳамин барра сур карданҳо шаб шуд. Дигар дар торикӣ барраронадидаму ноумед шуда, бо чанд дарза алаф болои хари Холиазар хона омадем. Холиазар алафҳоро фаровардан гирифту ман болои суфа нишастам ва ба модар шикоят кардам, ки як баррачаи зебоеро дидаму афсӯс, ки дошта натавонистам. Холиазар ин сӯҳбатро шуниду «руша сиёҳ мекуна. Ҳеҷ барра-марра набуд», гуфт ба модар. Баъд аз як соат баданамро сардӣ фаро гирифт ва табларза пайдо шуд. Пагоҳӣ аз ҷой хеста натавонистам, зеро камар гапро намегирифт. Ба ибораи дигар, камардарду шалдард шудам. Модарам, ки шахси диндоре буд, ин бемориро ба ҳамон баррача нисбат дода, ба ин ақида омад, ки он баррача ягон чину парӣ буда, ки ба ман ёр шудааст. Бо шунидани чунин хулосаи модар ба худ андешидам, ки охир чӣ хел баррача буд, ки ман медидаму Холиазар не. Шояд модар дуруст гӯяд. Муллоеро оварданд, ҳодисаро барояш шарҳ додам. «Ҳа, бачам», -гуфт мулло. «Он чин буд, ки дар шакли барра бо ту бозӣ кардааст. Маълум мешавад, ки вакти суросур ту ягон пойи баррарозер намудай ва онро мачрӯҳ сохтай. То вақте ки пойи баррача сиҳат нашава, ту ҳам сиҳат намешавӣ». Сипас як марди паҳлавоне, ки Элназар ном дошт, пойҳояму камарамро молиш дод. Дастони вай

чунон сахт буданд, ки кариб пойхоямро мешикаст. Аз ҳа
рӯ, ӯро ҳакорати бачагона дода, пеш кардам. Хулоса, дар
понздах рӯз дар хамон ҳолати вазнин мондам. Оҳиста
оҳиста сиҳат шудан гирифтам. Боз ҳамон мулло омад ва
гуфт, ки «дидӣ бачам, он баррачаи зеркардаат ҳам сиҳат
шуда истодааст...». То ҳол нафахмидам, ки он баррача бу
ё чину парӣ. Ба ҳар навъ ки буд, ҳодисаи бо барра дар
гиру дор шуданам воқеият дошт. Зеро як рӯз қабл аз назди
хонахои мо сурук (рама)-и гӯсфанди кадом хочагии аз
тахдашт гузашта, ба тарафи Чинисой харакат намуд. Ҳатман
он баррача аз ҳамон рамаи гӯсфанд кафо монда буд. Аммо
чаро ба чашми Холназар маълум нашуд, ин савол бечавоб
монд.

МАРТИ СОЛИ 1953

То марти соли панчоху сеюм чанд воқеаи хотирмонанд
гузаштааст, ки ин чо зикрашон аз аҳамият холӣ нахоҳад
буд. Дар оғози сол ба беморие гирифтор шудам, ки дарди
эҳсос намекардам, балки якбора сарам чарх мезад ва
чашмонам калон кушода мешуду дар назарам ҳама анчома
хона калон метофт. Ҳамзамон лабонам чунон гафс менамуд,
ки гӯё худам медидам. Вақте ки ба ин ҳолат гирифтор
меомадам, падарам зуд ба бағалаш гирифта рӯ ба болои
мехобонд ва ким-чиҳо мехонду ба рӯям суф мекард. Он
дуоро чанд маротиба мехонду суфу куф менамуд. Лаҳзае
намегузашт, ки майда шудани лабҳоямро ҳис мекардам.
Баъди панч-дах дақиқа боз мисли пештара ба худ меомадам.
Ҳамон солҳо ба ин беморӣ моҳе як бор дучор меомадам ва
куфу суфи падар маро начот медод. Маълум буд, ки падар
аз саводи мадрасаи Момайӣ гузашта буд ва баъзе дуоҳоро
медонист, аммо то мачбур намешуд ифшо намесохт. Дар
мавридҳои дигар ҳам, агар фарзандҳо ба сардарде ё
нороҳатие гирифтор шаванд, падар дақиқаҳо болои саршон
нишаста, аз чунин методи табобатиаш истифода менамуд.

Дар ҳамсоягии мо махсуми нуроние зиндагӣ мекард, ки

аз қавми Авлиёи Чақон буда, ба Бибӣ Аноргул худро ошиқ медонист. Махсум мефаҳмид, ки Иқлиммоҳ ба Аноргул дугонаҳои ҷонӣ ҳастанд, ҳар рӯз соатҳо модарро гарант мекард, то ки дугонаашро барои ба вай ҳамсар шудан розӣ созад. Воқеан, баъди ба Сангигӯр омадан модарам гоҳ-гоҳе аспсавор ба дидори бибӣ Аноргул мерафт. Гап дар ин аст, ки Чақонро ҳам муҳочир карда буданд, вале Бибӣ Аноргулро ба кӯчидан маҷбур накарданд. Аз ин ҷост, ки дар деҳаи Чақон танҳо хонаводаи Авлиёи Чақон монда буду бас. Бо вуҷуди ин, деҳаи номбурда серодам буд, зеро мухлисонаш аз таҳдашт ба зиёраташ ҳозир мешуданд. Деҳаи Чақон мисли собиқ обод менамуд. Махсум, ки модарро ба ҳолаш намемонд, дар яке аз вохӯриҳо бо Бибӣ Аноргул ба 9 сари мавзӯи номбурда арз менамояд. Бибӣ Аноргул ширин механдаду мегӯяд: «Иқлиммоҳ, медонӣ, ки ман авлиёзода ҳастам ва ба шавҳар кардан ҳақ надорам. Ба Махсум бигӯ, ки «умедашро канад ва ба ту чаҳа нашавад, вагарна дуояш мекунам, девона мешавад». Баъди бозгашти модар Махсум саросемавор омаду чӣ гуфтани Бибӣ Аноргулро фаҳмиданӣ шуд. Вақте ки аз ҷавоби Аноргул огоҳӣ ёфт, рангу рӯяш канд ва ба модарам таҳдид кард, ки гӯё 9 айбдор бошад.

Модар, ки ҳомиладор буд, охири моҳи феврали соли панҷоҳу се писарчаи ширинрӯяке ба дунё овард. Намедонам ба 9 ном монда буданд ё не, ки бо гузашти ҳафт рӯз бемор шуд. Чунин ҳолате, ки дар ҳафтрӯзагӣ кӯдакҳои модар эҳсоси беморӣ намоянд, дар таҷрибаи хонадони Асо Содиқ бори аввал рух медод. Ёдам ҳаст, ки кӯдак аз гиря капкабуд мешуду сипас ҷойе поёнтар аз гулӯяш болову поён ҳаракат мекард. Модар баробари кӯдаки навзод гиря сар медод ва лӯлакро ба бағал гирифта ин сӯву он сӯ мегардонд, аллааш мегуфт, аммо ҳеҷ не ки аз гиря монад. Шаби чоруми март буд, падар бо хоҳиши модар муллои деҳаро овард, то ки дуояш хонад. Кӯдакро болои кӯрпача хобонданд. Модар аз як паҳлӯи кӯдак нишаст, мулло аз паҳлӯи дигар. Ман ҳам назди модар нишаста, гоҳе ба мулло назар меандӯхтаму гоҳе ба додарчаам. Мулло мехонду суф мекард, мехонду

суф мекард. Шаб нисф шуд. Мулло лабҳояш меҷунбид, худашро хоб фишор меовард. Якбора кӯдак гӯё ором гирифт. Модар ким-чиро ҳис карду даст ба пешонии писарчааш бурд ва дод зад, ки «Тақсир, тақсир, бачам мурдаст, баданаш ях шуда...». Мулло як оҳ, оҳ гуфту ба модар фаҳмонд: «Бачаи дарди ин кӯдак зӯрам овард, ман натавонистам ӯро начот диҳам...». Мулло дасту поҳои додарчаамро рост кард, чашмакои ҳанӯз ба умед бозашро пӯшид ва манаҳашро бо порчае аз сони сафед басту аз ҷой хест. Падарам ҳам даромад. Модарро тасалло дод, ки «чӣ илоҷ, умраш ҳафт рӯз будааст, худата зиёд азоб надех...». Пагоҳаш панҷуми март буд. Борони майдаву заҳрнок меборид. Ҳамсоязанҳо ҷамъ шуданд. Мӯйсафедони деҳа назди ҳавлӣ рост меистоданд. Дар ҳамин вазъият будем, ки аз Кӯлоб хабари марги доҳӣ – И.В.Сталинро ба падар расонданд. Падар якбора парешонҳол гардида, ба ҷамъомадагон мурочиат намуда гуфт: «Бародарон! Рафиқ Сталин вафот кардааст. Аз ҳамагон хоҳиш мекунам, ки баъди як соат дар назди мактаб ҷамъ шаванд. Зану мард, пиру ҷавони деҳаро хабардор кунед. Ба муносибати вафоти доҳии пролетариати ҷаҳон рафиқ Сталин митинги мотам барпо мешавад...». Ин амри муаллим Асо Содиқ буд, ки ба бригадир дода шуд. Чанд қатра ашки падар болои гунаҳояш намоён шуд. Нафаҳмидам, ки он ашки падар барои доҳӣ буд, ё ба хотири писарчаи нокомаш, ки болои кат мехобиду модар бо занҳои ҳамсоя нолаш мекарданд.

Сипас падар ману Соҳибназарро наздаш хост ва супориш дод, ки барои қабрканҳо чою нон барем. Мазор дар баромадгоҳи деҳа дар самти Ҷинисой воқеъ буд. Бо Соҳибназар чою нонро гирифта ба сари қабри додарчаамон, ки дар бари болои гӯристон кофта мешуд, расидем. Акнун гӯркобҳо ба чойнӯшӣ пардохтанд, ки аз сари теппа чӯпоне асо дар даст саросемавор ҷониби мо поён фаромад. Ҳини поён шудан чунон шитоб дошт, ки гӯё ӯро кадом аждаре пеш карда истодааст. Ҷавон дар рӯ ба рӯи мо қарор гирифту намедонист чӣ гӯяд. Баданаш меларзид, забонаш гапашро

наметирифт. Гӯркобе пурсид, «Чӣ гап шуд, гап зан охӣ. Касе тура сур мекуна?». Ҷавон, ки чӯпон будааст, батарс-батарс изҳор кард: «Дар сари ин кӯҳ бехи хафи кох мардеро куштаанд». Гӯркоб пурсид, ки «худат дидӣ. Чӣ навъ куштаа шудааст?». «Оре, дидам, гарданаш буридагӣ аст». Гӯё кайфи гӯркобҳо париду сӯйи мо назар андӯхта ишора намудаанд, ки ин ҷавонро бо худ бигирему зуд назди муаллими деҳа ҳозир шавем. Ману Соҳибназар ва он чӯпон то деҳа давидем. Падар аз дур моро ба ин ҳолат дида, чониби мо тез-тез ҳаракат карда, «Чӣ гап шудааст. Тинчӣ аст.», гуфта савол дод. Ман ки чунин вақтҳо фаъолтар мешудам, «ота, ота, и мардак мега, ки дар сари он кух каллаи мардеро буридаанд...» гуфтам. Чӯпон гапҳои маро такрор карду ба қиссаи чӣ навъ кашф намудани шахси сарбурида оғоз кард. Асо Содиқ дарҳол бригадирро наздаш хонд, ба гӯши ӯ чизе гуфт ва ду ҷавони деҳаро бо чӯпон вазифадор кард, ки таъчилан ба ҷойи ҳодиса раванд ва то омадани кормандони ҳуқуқ касеро нагузоранд, ки тарафи часад равад. Дидем, ки бригадир ба аспе савор шуду ба дарёи Ёхсу худро зад. Маълум буд, ки ӯ ба Даҳана рафта, аз он ҷо ба милисаи Кӯлоб хабар медиҳад, то ки биёянду ҳодисаи кушторро таҳқиқ намоянд.

Асо Содиқ бо сари хам, аз ин ки рӯйи ҳавлиаш тани бечони тозафарзандаш хоб аст ва ҳам ба он хотир ки Давлати Шӯравӣ талафоти калон додааст, роҳ чониби мактаби деҳа пеш гирифт, ки он ҷо аллакай даҳҳо бошандагон ҷамъ омада буданд. Муаллим аз пагоҳӣ дарсҳоро дар мактаб қатъ карда бошад ҳам, талабагонро ба хонаҳошон рухсат надода, балки дар саҳни мактаб маъталсохта буд. Ман дар ақиби падар қарор гирифтам. Ӯ чанд нафар аз иштирокчиёни ҷанги Олмонро сӯйи хеш даъват намуда, тахминан ним соат дар бораи тарҷумаи ҳоли Сталин ва хизматҳояш дар сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ ва бахусус дар ғалаба бар фашизм гап зада, бо ҳамин митингро оғоз намуд. Шахсе дар пахлӯи сарвари митинг қарор гирифт, ки сари синааш ким-чи хел оҳанҳои ранга овезон буданд. Эшон оби дида рехту чӣ навъ

бо номи Сталин ифтихор доштану барои ӯ шуда хун рехтани ҳазорон чанговаронро дар чабҳа хотиришон сохт. Модаре, ки дар чанги Олмон фарзанд гум карда буд, чанд қадам ба пеш гузошту хизматҳои Сталинро нотакрор эълон кард. Асо Содик дар поёни митинг чанд дафъа «Алвидоъ, алвидоъ, рафик Сталин» гуфту митинги мотамро пӯшида эълон намуд. Мардум сӯҳбаткунон чониби ҳавлии муаллим ҳаракат карданд. Соатҳои дувоздаҳ падарам часади додаракам болои дастонаш чониби гӯристон рох пеш гирифт. Модар гирёну нолон сари зону нишаст. Мардҳо бо мурда мерафтанду садои модар ба гӯшам мерасид, ки аз дидори бачааш сер нашуда буд. Додаракамро эҳтиёткорона ба гӯраш монданд ва чанд бел хоки нармро болояш гардонданд. Мулло охирин дуояшро хонду боз ба деха баргаштем. Соат сеи рӯз шуд, ки як даста аспсаворон аз чониби Хонобод намудор гардида, аспҳоро қамчинзанон ба рӯди пуроби Ёхсу андохтанд. Ҳини убури дарё факат каллаи аспҳо ва аз нисф болои саворон намоён мешуд. Баъди аз об баромадан, аспҳо обҳои баданро як афшонданду боз чониби Сангигӯр ҳаракатро идома доданд. Онҳо рост ҳавлии муаллимро нишонӣ гирифта меомаданд. Рохбаладашон бригадир буд. Бори аввал касонеро медидам, ки либоси ғайриоддӣ доштанд, дар сарҳошон кулоҳҳои ситорадор пӯшида, дар миёнҳошон тасмаҳои пахни сурхча баста буданд. Боз ким-чи хел аслиҳа ҳам дар пахлӯяшон намудор буд. Онҳо аз аспҳо фаромада, якеаш, ки сардорашон будааст, Асо Содикро онсӯтар бурда, сӯҳбатеро анчом доду сипас ба хамроҳонаш ишора намуд, ки ба аспҳо савор шаванд. Онҳо чониби маҳаллаи қадимаи Сангигӯр ҳаракат намуда, назди ҳавлии бобои Сурхак карор гирифтанд. Падар бо онҳо нарафт, балки рӯйи ҳавлии хеш монда, фаъолияти кормандони қонунро назора намуд. Аммо ман ва чанде аз бачаҳои дигар аз акиби милисаҳо рафтем. Зани бобои Сурхак навакак либосҳои шавҳарашро шуста овехта буд. Сардори гурӯҳ ҳавлиро як аз назар гузаронду баъд либосҳои шустаро, ки аз пироҳан, шалвор ва хильяти

соҳиби хона иборат буд, ба мушоҳида гирифт. Сардор аз ҷайбаш асбоби хурдакаки шишадореро баровард ба воситаи он ҷое аз пироҳани бобои Сурхакро дақиқкорона санҷид. Баъд ба милисае ишора кард, ки пироҳанро бо худ гирад. Бобои Сурхак амали «меҳмонҳояш»-ро назора дошт. Сардор беихтиёр амр дод, ки дастони бобои Сурхакро банданд. Бародараш он ҷо меистод, ӯро низ ба ҳабс гирифтанд. Сипас ҳарду бародаронро пешандоз карда, роҳи ҷойи ҳодисаро пеш гирифтанд. Албатта, ман дигар муфаттишҳоро дунбола нагирифта, ба хона омадам. Хона мотамзада буд. Ба падару модар ҳеҷ гуна гап намефорид. Дар гӯшае нишастам ва ба андеша рафтам: падар аниқ медонистааст, ки он ҷавонро бобои Сурхак куштааст.

Бегоҳии ҳамон рӯз дастаи муфаттиш аз баландие, ки марди гарданбурида мехобид, баргаштанд. Шабона бобои Сурхакро бо бародарашу ду-се авлоди дигараш дар анборе маҳкам карда, назди дарвозааш ду милисаро гузоштанд. Сардор бо ду корманди дигар ба ҳавлии мо омада, ба падар ҳамдардӣ изҳор намуда, шабро дар деҳа рӯз кардани шуданд. Азбаски хонаи мо мотам дошт, падар онҳоро дар ҳуҷраи усто Шарифи оҳангар ҷо ба ҷо намуда, зиёфаташонро ба ӯҳдаи усто гузошт. Шаб то дер падарам бо онҳо буд. Маълум мешавад, ки он ҷавони қатлшуда бо як ҳамдеҳааш аз Ёхсу омада, дар Пушиёни болову пойин чанд моҳ боз ба шоликориву мардикорӣ машғул гардида, ба ивази пули ба даст овардаашон каме биринҷу пиёлаву чойнак ва дигар лавозимоти рӯзғор харидорӣ карда, сӯйи ватанашон – Ёхсу роҳ пеш гирифта, сари роҳ дар хонаи ҳамшаҳрашон шабро гузаронда, пагоҳӣ боз роҳашонро идома доданӣ шудаанд. Яке аз бародарони бобои Сурхак мутаваллии масҷид буд. Одатан, мӯйсафедони деҳа баъди шом дар масҷид ҷамъ меомаданд, намоз мегузоштанд ва то дер он ҷо сари мавзӯоти гуногун баҳс менамуданд. Он шаб бобои Сурхак ва бародаронаш ба ҳамшаҳриҳошон, ки меҳмон будаанд, сӯҳбат менамоянд ва дар халтаҳошон чӣ доштану надоштанро мефаҳманд. Аз ин ду якеаш ба бобои Сурхак авлодӣ

доштааст. Бобои Сурхак дар пинҳонӣ аз ҷавони дигар хешашро ба роҳи ғалат бурданӣ шуда, маслиҳат мекунанд, ки пагоҳ дар як ҳиссаи роҳ он ҳамшаҳриашонро ба қатл расонда, молу чизашро байни худ тақсим кунанд. Хешбачаи бобои Сурхак аввал розӣ намешавад. «Охӣ»,-мегӯяд ӯ,-«мо ҳамсоя ҳастем. Як вақт аз деҳа ба хотири мардикорӣ баромада будем, чӣ хел мешавад. Ман ба деҳа, ки расидам, мепурсанд фалонӣ кучо шуд». Аммо бобои Сурхак ба ҳар роҳ хешашро бовар мекунонад, ки «ҳеҷ кас намефаҳмад. Ту мегӯӣ, ки вай ду-се рӯз барвақттар ба роҳ баромада буд». Хулоса ин мешавад, ки пагоҳаш бобои Сурхаку бародараш меҳмонҳои ҳамшаҳрашонро то як ҳиссаи роҳ гусел карданӣ мешаванд. Борҳошонро ёрӣ мерасонанд. Вақте ки ба баландӣ баромаданд, роҳи рост ҷониби Ҳалқаёру баъд Ховалингу Ёхсу оғоз мегирад. Сари роҳашон хафи коҳи баланде мебарояд. Бобои Сурхак пешниҳод менамояд, ки монда шудаанд, бағали ин хафи коҳ аңдаке дамашонро рост кунанду баъд ба сафарашон идома диҳанд. Ҳарду меҳмон, ки дар пушторaашон 20-30 киллой бор доштаанд, дар бағали хафи коҳ, ки хонаи баландеро мемонд, менишинанд. Хешбачаи бобои Сурхак дастҳояшро аз бори пуштора халос намуда, нияти дастбахок мекунад. Ин амал, албатта, аз рӯйи маслиҳати пешакӣ сурат мегирад. Ҷавони дигар бор дар пушторааш бароҳат менишастааст, ки бехотир бобои Сурхак ва бародараш дасту поҳои ӯро сахтакак дошта, кордро ба хешбачаашон дода, амр мекунанд, ки гулӯи ҷавонро бурад. Он ҷавон хеле неву нестон мекунад ва ҳатто гирён мешавад, аммо бобои Сурхак тарсаш медиҳад, ки ӯро низ мекушанд, агар ҳоли ҳозир амри онҳоро ичро накунад. Ноилоҷ ҷавон гулӯи ҳамдеҳаашро бо корд мезанад. Хун фашшос зада, ба сару рӯйи онҳо пош мехӯрад. Сипас, бобои Сурхак гардани буридаро ба ҷояш шинонда, бори ӯро байни якдигар тақсим мекунанд. Бобои Сурхаку бародараш чизу моли ба осонӣ ба дастомадаро гирифта, роҳи хонаро пеш мегиранд. Он ҷавони ҳотил ҷониби Ёхсу роҳ пеш мегирад. Ин амали мудҳиш субҳи ҳамон рӯзи панҷум сурат гирифта будааст. Ҳамон

рӯзе, ки чӯпон ба мо ин хабарро овард. Чӯпон нақл кардааст, ки ӯ раҳои гӯсфандро пешандоз меовардааст, ки аз сари рох хафи кох мебарояду гӯсфандон ба он ҳучум карданӣ мешаванд. Вале якбора гӯсфандон тур мегиранду худро ба чариҳо меандозанд. Чӯпон ҳайрон мемонаду чониби хафи кох меравад ва мебинад, ки марде сар ба поён, гӯё хоб рафта бошад. Чӯпони наздиктари «марди хоб» рафта садо медиҳад, вале ӯ намечунбад. Чӯпон боз наздиктар ҳаракат карда, хоб будан ё набудани мардро таҳқиқ менамояд. Ин лаҳза мебинад, ки гардани ӯ бурида асту сару либосаш дар хун оғушта. Чӯпон метарсаду чӣ кор карданашро намедонад. Ниҳоят, ба хулосае меояд, ки ба деҳаи наздике давида раваду ҳодисаро маълум намояд. Ба ҳамин мақсад, вай теппаву чарии болои мазори Сангигӯрро саросемавор тайкунон поён мефурояду ба гӯркобҳо дучор мешавад, ки зикрашро кардем.

Шашуми марти соли панҷоҳу сеюм аз деҳаи Сангигӯр чаҳор каси дастҳо ба пуштбастаро аз рӯди Ёхсу гузаронда, чониби Кӯлоб бурданд, ки бобои Сурхаку бародараш, он чавони ёхсучӣ ва боз як хеши бобои Сурхак буданд. Оре, ҳамон панҷуми март қотилро таъқиб карда, аз наздикихои Ховалинг ба даст оварда, пас гардонданд, ки ҳама воқеиятро маҳз ӯ ба кормандони қонун нақл карда буд. Ҳини хайрухуш сардори даста ба падар рӯ оварда гуфт: «Рафиқ Содиқов, ба шумо раҳмат, ки кори моро осон кардед». Баъдҳо суди қотилон дар Кӯлоб се моҳ давом мекунад. Маълум шудааст, ки бобои Сурхак то ин куштор чанд каси дигарро дар Ёхсу ба қатл расонда худро ба чониби Сангигӯр бенишон сохтааст. Бобои Сурхак поиздаҳ сол маҳкум гардид. Дигаронро ба муддати ҳашт соливу шашсолӣ зиндонӣ сохтанд. Мегӯянд, ки бобои Сурхак дар ҳабсхона вафот кардааст. Ӯро барои он бобои Сурхак меномидаанд, ки чашмонаш сурх будаанд. То ин куштор мо ҳам ба ин сурхии чашмҳои ӯ ошно будем, вале намедонистем, ки он сурхӣ аз хуни мақтулон ба чашмони вай кӯчидааст.

Ҳамон панҷуми марти соли панҷоҳу сеюм деҳаи

Сангиғӯр се мотам дошт. Яке фавти доҳӣ, дигаре ноком рафтани додараки ҳафтрӯзаи ман ва сеюм катли ночавонмардонаи як марди мусофире, ки дар Ёхсу падару модару зану тифлаконаш интизориашро мекашиданд. Оре, панҷуми марти он сол барои тамоми халқи Шӯравӣ мотам буд. Дар шаҳри Кӯлоб тобути рамзии доҳиро ба майдон бароварданд. Раиси вилояту дигарон суханронӣ ва гиряҳо карданд. Марти соли панҷоҳу сеюм бо ин чанд мочарову воқеаҳояш бароям хотирмон буд.

Модарам баъд аз фавти бемаҳали писарчааш рӯзе ба хотири аёдати дугонаи Аноргулаш роҳи Чақонро пеш гирифт. Бибии Аноргул бо шунидани ҳодиса мутаассир мешавад ва бемориву нобудшавии кӯдаки навзодро ба ҳамон Махсуми ҳамсояамон иртибот медиҳад. Ба ақидаи Аноргул ӯ ба модарам дарди ғайб гузарондааст. Зимнан, Бибии Аноргул ба модар тавсия медиҳад, ки аз назди муллои Лавова гузарад. Баъзе дардҳои ғайбро ӯ хуб мефаҳмидааст. Ба ин мақсад, модар падарро розӣ кунонд, ки вайро ба зиёрати махсуми Лавова бубарад. Падар илоҷе наёфта модарро мебарад ва мулло аз наздик чӣ навъ дард будан ва нишонаҳои онро мепурсад. Яъне кӯдак дар рӯзи ҳафтум ба гиря дода шуда, кап-кабуд мешавад ва гӯё роҳи нафаскашиаш банд мегардад. Мулло ҳам ба ин хулоса меояд, ки касе дард гузарондааст. Сипас, ӯ радномае навишта ба модар медиҳад ва таъкид мекунад, ки ин касал дар фарзанди навзоди дигаратон ҳам пайдо мешавад. Бинобар ин, вақте ки рӯзи ҳафтум даромаду гиряи кӯдак сар шуд, ба зудӣ ба ман хабар диҳед, роҳи начоташро ёфтанам мумкин мешавад. Модар ба хотири ин, ки ба Лавова наздиктар шавем, падарро мачбур сохт, ки ба вилоят рафта, масъалаи чойи корашро машварат кунад ва агар дар Хонобод барояш чой диҳанд, хуб мебуд. Гузашта аз ин, баъд аз фавти Сталин дар падарам як навъ чуръате пайдо шуду дигар дар деҳоти кӯҳистон муаллимӣ кардаиро қабул накард. Аз тарафи дигар, падар хуб дарк менамуд, ки Холиазар дар синфи чор ду сол ва ман як сол хондем. Падар, бештар ба хотири ин ки

мо бесавод намонем, роҳи Кӯлобро пеш гирифт ва ба мактаби ҳафтсолаи ба номи Чкалов, ки дар Хонобод воқеъ буд, роҳхат гирифт. Ба ҳамин тариқ, 27-уми апрели соли 1954 хонаводаи Асо Содиқ бо мактаби Сангигӯр хайрухуш карда, чониби Хонобод кӯч баст.

ХОНОБОД

Дар лаҳчаи мардум ва ҳуҷҷатҳои расмӣ номи ин деҳа Хонабод рафтааст, ки ба назарам дуруст нест. Таъсири талаффузи русӣ шояд сабаб шудааст. Ба ибораи дигар, маънии луғавии ин деҳа бояд он бошад, ки онро хоне ё хонҳое обод сохтаанд. Муҳим он аст, ки Асо Содиқ баъд аз ҳабдаҳ соли муаллимӣ дар деҳоти кӯҳистон имкон ёфт, ки ба таҳдошт фарояд. Ин ҷо мо метавонистем синфи ҳафтро ба поён расонда, таҳсилро дар синфҳои болоӣ ё дар Даҳана ва ё шаҳри Кӯлоб идома бидиҳем.

Хонобод аз нигоҳи нуфуси аҳолӣ дар минтақаи Кӯлоб яке аз калонтарин деҳаҳо ба шумор мерафт. Назар ба тахмини банда ҳамон солҳо ин деҳа 50-60 хонагӣ дошт, ки дар ҳар яке панҷ-даҳ фарзандӣ ба воя мерасид. Хонобод деҳаи серобу сарсабзе буд. Дар он асосан пахта кишт менамуданд. Заминҳои ғаллаи он дар теппаҳои самти Пахндара ва Шахбача воқеъ буданд. Дарахтони тут, ангур, себ, олучаву гелос ва зардолуву шафтолу дар ҳавлии ҳар бошанда ба назар мерасиданд. Чорвои майдаву шохдор низ зиёд дошт. Аз ин ҷост, ки подаи он дар ду ғӯшаи деҳа ҷамъ оварда мешуд. Дар Хонобод шоликорӣ ҳам сурат мегирифт.Мегӯянд, ки то омадани сохти нав он дорои мадрасаи калоне будааст. Бошандагонаш ҳам бештар сайидзодаҳои Ёхсу буданд. Мусулмонӣ бо ҳама меъёрҳояш риоя мегардид. Соли 1954 Хонобод ба ғайр аз як бинои мактаби похсагӣ ва анбору мағоза дигар иморати даврони навро надошт.

Хонобод ба ҷамоати Даҳана итоат мекард, ки дар масофаи ҳашт километр ба самти Кӯлоб қарор гирифта буд. Даҳана

бозори калон ва мактаби дахсола дошт. Дар гирду атроф он ба гайр аз Хонобод деҳахои Мирапок, Гулзор, Файзобод ва Лавова вучуд доштанд. Дар ҳамаи ин деҳаҳо мактабҳои ибтидоиву ҳафтсола фаъолият мекарданд.

Барои мо хавличаеро аз байни деха доданд. Ба ёдам аст, ки соҳиби хона мӯйсафеди бефарзанде буд. Он ҳавлӣ назди ба замини пахта қарор мегирифт. Чанд моҳе он ҷо ихомат намудему дар хирмани пахтахушккунии хочагӣ як хонаи калони баландҳаворо насиби оилаи Асо Содиқ гардониданд. Вақтҳои зимистон дар ин хонае, ки анборро мемонд, пахтаи тарро хушк мекардаанд. Мавзее, ки мо хонаи нав гирифтем, шушулка (сушылка) ном дошт. Рӯйи ҳавлии моро хирмани бузурге ташкил медод, ки дар онсӯтараш худи директори мактаб Фозил Салимов зиндагӣ менамуд. Аз ҳавлии мо то мактаб 20-30 метр роҳ буд. Роҳи асосии мошингарди хочагӣ аз пушти хонаи мо мегузашт.

Дар Хонобод Асо Содиқро лозим буд, ки бори дигар оиларо бо ширу равғану орду нон таъмин намояд. Дар деҳаҳои Ҷинисойю Сангигӯр мо заминҳои кишти ғалла доштем, ки ҳамасола панҷ-шаш сентнер (100 кило-як сентнер) гандуму чав мегирифтем ва то соли дигар аз маводи ғизой таъмин мешудем. Дар таҳдашт ба Асо Содиқ замине ҷудо накарданд, балки Холназару маро ба аъзогии хочагӣ номнавис намуданд. Ин чунин маънӣ дошт, ки мо бояд дар заминҳои пахтаи хочагӣ кор мекардем. Аз ин ҷост, ки чобук менамудем, алафи байни буттаҳои пахтаро мечидем, чекавка, яъне гулҳои наринаи пахтаро канда мепартофтем. Бо ин заҳмат ба мо ҳаққи муайяне медоданд, ки дар шакли пули нақд ва ғалладона сурат мегирифт. Моро ба дарави чав гандум ба теппаҳо мебурданд. Дар назарам ҳамон айём ҳавои тобистони Хонобод хеле гарм буд. Хӯрокамонро нони хушку оби чашма ташкил медод. Обро дар кадуҳо ва кӯзачахои сафолин бо худ мегирифтем. Дар ҳамон гармои рӯз мардум рӯза медошт. Боре пиҳонӣ аз падар рӯза гирифтам. Вақти дарав буд. Хеле «қаҳрамонӣ» нишон дода, то соати дувоздаҳ тоқат кардаму сипас, ҳарчи бодобод гуфта,

рӯзаро хӯрдам. Дар оилаи Асо Собик фақат модар рӯза медошт. Пагоҳиҳо як худаш мехест ва шом як худаш рӯза мекушод. Падар ба ин амали модар розӣ набуд, зеро дар шӯроҳои педагогӣ гап мекарданд, ки «завчаи Асо Содик рӯза медорад. Ин чӣ хел муаллими советӣ аст, ки занашро аз ин урфу одати зараррасон барканор карда наметавонад». Аммо модар мегуфт: «Маллим, ма зани хонашинум. Агар дар хочагӣ кор мекадум, гапи дигар буд. Корашон чист, ки ҳамсарат чӣ кор мекунад. Занҳои худшона донанд. Оҳи, онҳо низ рӯзадоранд-ку». Ҳар сол як бор мавзӯи рӯзагирии модар дар хонадони мо боиси муноқиша мегардид. Дар моҳи Рамазон ҳама талабаҳо таҳти назорати муаллимон қарор мегирифтанд, то ки рӯза надоранд. Бо вучуди ин, бахусус духтарҳо, рӯзадор буданд, аммо ба якдигар сир бой намедоданд.

Бояд гуфт, ки падарам баъд аз ҳамон касалӣ дигар чун вештара бакуввату саломат набуд. Мешунидам, ки ба модар аз нороҳатиҳояш шикоят менамуд. Дар Хонобод ҳам кори хочагӣ, чамъоварии коху хошок барои чорво ба зимман падар буд, зеро Холназару ман ҳоло ҳам чунин амалро таври бояду шояд ичро карда наметавонистем. Аз ин чост, ки падар захираи кохро барои зимистон аз дашти дулонаҳо, ки байни Чинисойю Сангигӯр қарор дошт, чамъоварӣ менамуд. Вақте ки комбайн ғаллаи ин даштро медараваид мекӯбид, падар ва Холназару ман таҳмондаи комбайнро чое чамъ намуда, тавассути халтаву хари бӯри ҳангоманон ба Хонобод мекашондем. Тобистон гарм буд. Он дашт чашмае надошт. Падар зуд-зуд об мехост, зеро гулӯяш хушк мешуд. Рӯзе обамон тамом шуд. Падар ба ман фармуд, ки кадуро гираму аз чашмаи Лавова оби хунук биёрам. То ин деҳаи сохили рӯди Ёхсу хеле роҳ буд. Нишебиеро, ки мо онро Газа мегуфтем, фаромада то чашма расида ва боз об гирифтаву то дашти дулонаҳо омадан ду-се соат вактро мегирифт. Падарам дар интизории об хеле маътал мемонад. Гулӯяш чунон хушк мешавад, ки токат накарда, нишебиро то нисф мефарояду дигар қуввати то лаби рӯд худро

расондан накарда, дар сояе омадани маро интизор мешавад. Ниҳоят, ман ҳам бо оби каду назди падар расидам, ки з зуд-зуд бо даҳон нафас мегирифт. Тарсидам, ки ба падарам чӣ ҳодисае рух додааст, саросемавор даҳони кадуро кушодам ва ба даҳони ӯ оби чашмаро рехтам. Лаҳзае баъд падар ба ҳуш омаду аввалин бор ба ман суханони қабеҳ гуфт. Мефаҳмидам, ки падар азоби беобӣ кашида буд ва агар ин соати дигар дер мекардам, мурданаш мумкин буд. Дашномҳои падар таъсирам карду ба гӯшае худро зада, гирякунон назди падар ҳисобот доданӣ шудам: «Охи, отаҷон, роҳ дур буд. Хеле давидам, то ки барвақттар обро бароятон биёрам, вале нашуд...». Падар дигар гӯш кардан нахост, боз кӯталро рӯболо шуд. Ман ҳам аз пушти ӯ равон гардидам. Ба ҳар ҳол муносибати онрӯзаи падар то дергоҳ дар гӯшам аз қалбам нақш баст. Гӯё дилам аз ҳама чиз монд. Модарам хуб гӯшам кард ва гуфт: «Бачам, хай ҳеҷ гап не, отатай. Медонӣ, ки ӯ саломатиашро аз даст додааст. дашномҳои ӯро ҳамчун насиҳат қабул кун. Наранҷ аз отат, ки гунаҳгор мешавӣ». Сӯҳбати модар андаке тасаллоям бахшид, ки падар падар аст, ӯро бояд эҳтиром кард. Бо вуҷуди ин ки падар ҳам ранҷиши маро фаҳмида буд, боз ҳар кучо ки мерафт, бо худ мебурд ва кӯшиш мекард, ки бо ин роҳ аз фарзандаш узр хоҳад. Чунин амали падар боис шуд, ки боз меҳри ӯро дар дил парвараму он дашномҳоро фаромӯш намоям.

Тобистони соли панҷоҳу чор падар тасмим гирифт, ки дар майдони назди маҳозаву анборҳои ғалла хонае рост кунад. Воқеан, дар «сушылка», ки бӯйи дору медод, зиндагӣ кардан номумкин буд. То омадани мо он хона ҳамчун анбори дорухои минералӣ барои майдонҳои пахта истифода мешудааст. Он чо, ки падар мехост хона созад, чордевор буд. Яъне ҳочагӣ кадом иморате обод карданӣ будаасту бо сабабе нотамом монда буд. Яъне, пойдевори хонаи ояндаи мо тайёр ҳисоб меёфт. Фақат болояшро пӯшондану дару тиреза часпондану ақдова кардан лозим меомад. Падар ба шакли ҳашари умумӣ дар ду моҳ хонаҳоро тамом кард. Акнун ҳавлии мо дар марказии деҳаи Хонобод, он чо ки тӯю тамошоҳо баргузор

мегардид, қарор гирифт. Консертҳои ҳунармандону мақомҳои дорбозон низ дар ҳамон майдон сурат мегирифтанд. Роҳи асосие, ки ба деҳа меомад, аз пушти хонаи мо ба чор самти деҳа тақсим мегардид. Муҳимаш он буд, ки ба масофаи сӣ метр зери дарахти туте чашмаи мусаффо вуҷуд дошт. Яъне модар барои обкашӣ камтар заҳмат мекашид. Мо ҳамсояи хубе доштем. Ӯро Карим-паҳлавон мегуфтанд. Завҷааш аз худаш 20-30 сол хурдтар буд. Паҳлавон бо зани ҷавон доштанаш ифтихор мекард. Бонуи хушандому сиёҳҳоше буд. Мӯйсафед ҳамеша пушт-пушти завҷааш мегашт. Ӯро ба ҳеҷ куҷое танҳо рафтан намемонд. Он бону бо модари ман, дугона шуда буд, ҳамеша дар хонаи мо менишаст. Ин ҳолатҳо бобои Карим-паҳлавон гирди бонуи ҷавонаш чархак мезад ва суханҳои ширинаш мегуфт. Ҳавлии Хонободиамон маъқулам буд. Ду хона бо даҳлезаш дошт. Кати чӯбини падар ҳамеша бо мо буд. Ба иловаи хари бӯри Холназар падар тойчаи асперо харидорӣ кард, ки нигоҳубинаш ба ӯҳдаи ман буд. Маътали он будам, ки кай он тойча ба саворӣ мерасад. Ин ҷо низ гови чӯшоиву чорвои майда нигоҳ медоштем.

Дар Хонобод модар то андозае бегонагӣ мекашид. Ҳарчанд ки ин ҷо аз Момайӣ чанд хонавода иқомат менамуд, вале модарам ҳамсоягӣ намекард. Гоҳе ба хонаи Худойназаров – ҳисобчии хоҷагӣ мерафт. Вай аз ӯзбекҳои Момайӣ, завҷааш тоҷик буд. Аз хешовандони шавҳари аммаи Ҷиёнгул – Худойқул Каримов ҳам хонаводае иқомат мекард. Боз зане дар майдони сушилка бо модарам унс гирифта буд. Ин бону як по надошт ва бо асобағал мегашт. Модар бо ӯ дугонагӣ дошт. Соатҳо менишастанду сари мавзӯъҳои рӯзгор сӯҳбат мекарданд.

Боре рӯйи ҳавлӣ даву тоз доштам, ки марди қоматбаланде савори аспе пайдо шуд. Модарам дидан замон, «ай, тағойи Наврӯзайе», гуфту сӯйи меҳмон шитобида, сарони китфи ӯро бӯсид. Ман бошам, аспи тағойии модарро дар гулмех бастам. Падарам ҳам ин хабарро шуниду аз хона берун баромада, бо тағойии Наврӯз ба одоби кӯҳистониён салом кард, яъне ҳарду ҷониб се маротиба китфонро ба якдигар

заданд. Қади тағойии Наврӯз ба назарам аз падар чанд кам баландтар буд. Модар аз дидани хешаш, ки як умр онҳоро интизорӣ мекашид, шод гардид. Чою нон болои дастархон омад, чурғоту маскан тарак ҳам назди меҳмон гузоштанд. Фаҳмидам, ки тағойии Наврӯз аз касе огоҳӣ ёфтааст, ки духтари Тоҳирбой – Иқлиммоҳ ба Хонобод кӯчида омадааст. Ба ин баҳона духтари тағояшро хабар гирифтанӣ шудааст. Баъди ин тағойии Наврӯз ҳафтае як бор хонаи мо меомад, каме дам мегирифту оби заминҳоро санчида (вай мироб буд), боз роҳи Даҳанаро пеш мегирифт. Мо ҳам, ки ба Даҳана бозорӣ мерафтем, ҳатман ба хонаи тағо медаромадем. Падарам бештар меҳмони тағойии Наврӯз мешуд. Модар дар яке аз сӯҳбатҳо бо тағойии Наврӯз мефаҳмад, ки духтари аммааш –Рӯзигул Солеҳова, бародарони ӯ Маҳмадаливу Маҳматалӣ дар шаҳри Кӯлоб иқомат доштаанд. Маҳматалиаш роканда будааст аз Даҳана тарафи Кӯлоб пахта мекашондааст. Рӯзигул муаллима ва депутати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон будааст. Маҳмадалӣ касбаи деҳқонӣ дошта, дар хоҷагии Шаталови Кӯлоб мезистааст. Ҳамзамон ба модар иттилоъ додааст, ки хоҳараш Шарифамоҳ дар Душанбе ба шавҳар баромадааст. Бародараш - Ҷӯрахон ҳоло дар хизмати аскарӣ будааст. Модар бо шунидани хабари тоза оид ба фарзандони падараш, ки аз зани баъди вафоти модари ӯ гирифтааш буданд, хурсанд мешавад. Гап дар ин аст, ки Тоҳирбой замони ҷанг боре ба Момайӣ омада будааст. Он вакт ман дар гаҳвора будаам. Модар пас аз ин дигар падарашро надид. Гӯё Тоҳирбой барои хайрухуш бо духтараш омада будааст, ки баъди бозгашт ба Лойисойи Балҷувон ногаҳон вафот мекунад. Завҷааш Карашмабону низ ҳамон сол дармегузарад. Хешон маслиҳат карда, чор кӯдаки бесоҳибмондаи Тоҳирбойро байни худ тақсим менамоянд. Ҳамон вакт яке аз писаронаш – Ҷӯрахонро модари ман ба тарбия мегирад. Шарифамоху Меҳтарро баъдтар ба ятимхонаи Кангурт медиҳанд. Ҷӯрахон чанд моҳе назди апааш монда, рӯзе бо бахонаи чорӯбдорӣ роҳи Балҷувонро

пеш мегирад. Модар чанд рӯз бародари гумкардааш - Ҷӯрахонро мечӯяд. Баъдтар мефаҳмад, ки ӯ низ худро бо апаи Шарифамоҳашу бародаронаш пайвастааст. Дигар, модар дар асари кӯчо-кӯчиву аз деҳа ба деҳа гаштани Асо Содиқ, ба ёди фарзандони падар зиндагӣ мекунад, аммо ҳеҷ хабари тозае ба даст намеорад. Дар ин миён бисёре аз деҳаҳои Балчувонро низ ба таҳдашт мекӯчонанд ва модар суроғаи ҳама хешу ақрабояшро то дидор бо тағойии Наврӯз гум карда будааст. Аз ин ҷост, ки ҷуръат намуда, падарро нарм месохт, то ки аз пайи ҷустучӯи хоҳару бародаронаш шавад. Маҳмадалии ронанда аз тағойии Наврӯз дар Хонобод иқомат доштани духтари калони Тоҳирбойро барояш мегӯяд. Рӯзе ӯ ба хонаи мо омад. Ҷавони зебову хандонрӯе ба модар менигаристу чӣ гуфтанашро намедонист. Фақат хандаи нозукашро нишон медоду бас. Модар, ки рӯяшро ба бегонагон нишон намедод, аз дур он ҷавонро ба мушоҳида гирифту якбора сӯйи ҷавон тохта худро ба гардани ӯ овехт. Сари китфони бачаи аммаи падарашро бӯсиду гуфт: «Ту Маҳмадалии ё Маҳматалӣ». Ҷавон, ки дандонҳои хӯлагӣ дошт, ширин ҷавоб дод: «Ма, Маҳматалӣ ҳастам, бачаи дуюми аммаи падарат...». Сари дастархон то дер сӯҳбат оростанд. Ҳарчанд онҳо якдигарро бори аввал медиданд, хунҳошон, ки як буд, сӯҳбаташон самимӣ мегузашт. Маҳматалӣ қисса кард, ки ба қарибӣ аз Олмон баргаштааст, ҳоло хонадор нашудааст. Баъд аз апааш Рӯзигул сухан кушод, ки зани номдори вилоят аст. Шавҳараш ҳам одами баобрӯй мебошад. Баъзан ба назарам мерасид, ки модарам пинҳонӣ аз падар ба гиря дода мешуд. Маълум буд, ки ӯ мехост фарзандони падарро бубинад. Падар инро эҳсос карда, ба модар ваъда дод, ки ҳатман ба аёдати хоҳараш Шарифамоҳ хоҳад рафт...

Бегоҳие ба Хонобод дорбозҳо омаданд. Дар майдони назди хонаи мо як рӯзи дароз чӯбҳои дорбозиашонро рост карданд, аз як чӯби дор ба дигараш бандҳои ғафсе кашиданд. Майдонро обпошӣ карданд, ҷорӯб заданд. Мо бачаҳо бетоқатона шабро интизорӣ мекашидем. Шаб ҳам расид.

Марду зани деҳа гирди майдонро печонданд. Бозӣ шурӯъ шуд. Ҷавоне як чӯби рости дароз дар даст, аз як тарафи чӯби дор ба дигар тарафаш болои банд роҳ мерафт. Мо дар тарси он будем, ки он дорбоз чаппа мешаваду болои замини хушк зада маъюб мегардад. Сипас, марде оташдастаеро ба даҳон меандохту мебаровард. Дигараш тухмҳоро аз беҳи гӯши тамошобинон кашида мегирифт. Байни майдон оташ афрӯхта буданд, ки ба масофаи 20-30 метр шӯълапошӣ менамуд. Ҳунари дорбозон бароям дунёеро мекушод, ки ҳоло маълумоте аз он дар даст надоштам. Дар ботин меандешидам, ки ба ҳар ҳол таҳдашт аз кӯҳистон беҳтар будааст. Мо бачаҳо он шаб то дер дорбозиро тамошо намуда, боз чанд рӯзи дигар онро байни худ муҳокима кардем.

Фасли тирамоҳ омад. Пахтачинӣ дар авҷ буд. Хабаррасонҳо гуфтанд, ки дар деҳаи Файзобод консерти Шарифи Муш баргузор мешудааст. Ҳамон солҳо ин ҳофиз дар минтақаи Кӯлоб бисёр шӯҳрат пайдо карда буд. Мо як гурӯҳ бачаҳо маслиҳат намудем, ки бегоҳӣ ба тамошо меравем. Ба ҳамин мақсад, як порай нонро дар бағалҳо зада, Хонободро паси сар гузошта, бо роҳи серхок то Файзобод расидем. Консерт дар хирмани калоне, ки дар як гӯшааш пахтаҳои чидаи деҳқононро хара карда буданд, сурат гирифт. Ин ҷо низ дар гӯшае чӯби хушкро болои ҳам тал чида оташ гиронданд. Он солҳо ба минтақа ҳоло барқ наомада буд. Майдон ба мисли рӯз равшан шуд. Ҷавони зебое консертро бо суханрониҳои зебо шурӯъ карда, ҳофизи шинохта Ака Шариф Ҷӯраевро ба ҳозирин шинос намуд. Марди қоқинаи зардинанамо дутори дарозе дар даст рӯйи саҳна омад. Аз ҳама беш бароям либоси ҳунармандон ҷолиби диққат буд. Шарифи Муш ҳам ҷомаи зарбофи дарозе дар тан дошт. Бонувоне ҳам ба чашмам хӯрданд, ки куртаҳои сафеди чакан дар танашон буд. Аз ин ки пираҳану остинҳошон кӯтоҳтар буд, баъзе занҳои деҳа рӯй метофтанд. Зане ба оҳанги чорзарби Шарифи Муш рақс кард. Рақси зани ҳунармандро бори аввал медидам. Рақси ӯ ба рақсҳои духтарону заноне, ки дар деҳот рӯзҳои арӯсбариву

шахбаророн бо оҳанги доираву чанг ва най сурат мегирифт, фарқ менамуд. Ин чо дастаи калоне асбобҳои гуногун менавохтанд. Мо бачаҳои шӯх баъзан ба пушти пардаи сафед мутаваччеҳ мешудем, ки чи навъ бонувон либос иваз мекарданд. Дехотӣ, ки будем, чунин рафтор менамудем. Сахнаи оишаба ҳам чаҳони дигареро пеши назарам меовард. Одамони шаҳриро бори нахуст медидам. Овози Ака Шариф Чураевро шунидам, рақси зебои занонро тамошо кардам. Ин ҳам донишҳое буданд, ки баъди аз кӯҳ ба таҳдашт воёи шудан насибам гардиданд. Бинобар ин, Хонободро дӯст медоштам, табиати зебояшро мепазируфтам, оббозиҳои канали болои қишлоқро хуш доштам. Дар чунин оббозиҳо якдигарро обпошӣ менамудем, баъзе хурдонро «об медодем» ва аз ин ҳаловат мебурдем. Ҳодисаеро ҳам ҳеч фаромӯш намекунам, ки ҳини хасдаравӣ духтари қадрасе оташ гирифту аз сари теппа то қишлоқ бо оташи баданаш якчо давид. Вақте ки назди хонаашон расиду болои замин афтид, аллакай пироҳану либосаш дар баданаш баъди сӯхтан часпида буд. Гӯшти одами сӯхта ачаб бӯйе медод. Дехаро бӯйи гӯшти сӯхтаи одамӣ пахш намуд. Мӯйсафеде пайдо шуду ба зудӣ духтари сӯхтаро дохили гилем печонд. Дер шуда буд. Он духтари зеборо дигар надидем. Ҳамон рӯз ба хок супоридандаш. Фалокат чунин сар зада буд: Ӯ бо ду-се дугонааш барои хасдаравӣ меравад. Азбаски охирҳои ноябр буду ҳаво рӯ ба сардӣ оварда буд, онҳо дарзахасеро оташ сар медиҳанду мехоҳанд, ки гарм шаванд. Ин духтарак рӯ ба чараёни бод менишастааст, ки лаби доманаш оташ мегирад. Вай ба чойи ин ки дар чояш истода бо ёрии дугонаҳояш оташро хомӯш кунад, метарсаду роҳи халосӣ аз оташро дар гурехтан чониби деҳа мечӯяд. Азбаски масофа то қишлоқ аз сад-дусад метр зиёд буд, Ӯ то ба хонаашон расидан пурра месӯзад. Моҳу солҳо бӯйи гӯшти сӯхтаи он духтари ноком аз машомам дур намерафт. Лаҳзаи бо оташ баробар давидани духтар шабҳо ба хобам медаромад.

Аз мавзеи Паҳндараи Хонобод тобистон кох, тирамоҳ себу ангур, писта ва хочу чукрӣ мегирифтем. Баҳорон

соҳибони чорвои хурду калон рушқа медаравиданд. Ману Холиназар низ ба хар савор шуда алафдаравй мерафтем. Тобистон ба чангалзораш даромада хӯшаҳои ангурро, ки ба дарахтони туту зардолу ва бед печида буданд, дар сабадаи мечидем. Навдаҳои ангур бо хӯшаҳояш дарахтонро печонда буданд. Баъзан хавфи бо морҳои печон вохӯрдан хам доштем. Чангалҳои Паҳндара хуки ёбой дошт. Кабк дар ҳар сари қадам вомехӯрд. Агар кас аз Паҳндара рӯ ба бола рафтанй мешуд, ба деҳаи Шахбача дучор меомад, ки он чо чукрии мушкихокй зиёд мерӯяд. Он деҳаи замон хушманзару зебо муҳочир шуда, ба харобазору макони хукҳои ёбой табдил ёфта буд. Чаро «Шаҳбача» мегуфтанд, намефаҳмидам. Ногуфта намонад, ки Паҳндара фасли баҳор селҳоро бо сангу селоваш чониби Хонобод сарозер карда, хатари чонй пеш меовард. Барои он Паҳндара мегуфтанд, ки поёни он сербар буд. Он чо деҳқонон гандуму чав кишт мекарданд ва бузкашиҳои Хонободу Даҳана низ бештар дар ҳамин мавзеъ барпо мегардиданд. Паҳндара макони хӯшачиниву саргинчамъкунии мо бачаҳо буд.

Чунон ки гуфтам, хонаи мо сари чорраҳа карор дошт ва баъзан мусофирон, хоҳ зан бошанд ва хоҳ мард, андаке он чо истироҳат мекарданд. Рӯзе аз самти поёни қишлоқ марде аспсаворе аз назди ҳавлии мо гузаштанй шуда дид, ки модарам бо коре машгул аст, як коса об хоҳиш намуд. Модар як тарафи рӯяшро бо рӯймоли сараш печонда, баъд коса обро ба он мусофир дароз кард. Ҳине ки мард аз болои асп истода обро менӯшид, ду чашм аз модар намеканд. Модар сараш ба поён буд ва ин рафтори мусофирро намедид. Ҳамин лаҳза буд, ки падар аз мактаб баргашт ва дид, ки ба марди бегонае завҷааш об медиҳад. Мусофир бо падар салом доду раҳмат гуфта аспашро қамчин заду рафт. Падар об додани модар ва нигоҳҳои марди мусофирро ба маънии дигар фаҳмида, ҳамсарашро гӯё рашк намуду ба муноқиша пардохт. Модар ҳарчанд мегуфт, ки он мард ба чойи бародараш бошад, падар якравй зоҳир карда, «не, ту ба он мард чӣ ваъда дода будй, ки ин қадар аз болои асп сӯзт

нигоҳ менамуд» гуфт. Аз ҳамин сабаб муносибати падар бо модар рӯ ба сардӣ овард. Чанд рӯз падар бо модар гап намезад, ҳарчиро баҳона карда фарзандҳояшро сарзаниш менамуд. Модарам хеле азоби рӯҳӣ мекашид, вале барои шавҳарашро бовар кунондан ҷуръат намекард. Он рӯзҳо фақат ман ба корҳояш ёрӣ мерасондам. Холназар то ҷое ҷонибдори падар буд. Соҳибназару Ҷумъа ва Аноргул ҳоло ба чунин мавзӯъҳои оилавӣ сарфаҳм намерафтанд. Як ҳафта аз думболи модар мегаштам, дилбардориаш менамудам, аз чашма обашро меовардам, гардсӯзу ширбиринчҳояшро мепухтам, хонаро рӯбучин менамудам. Модар гоҳе сарамро дастмол мекарду оби дида мерехт, вале изҳор намедошт. Ниҳоят, пагоҳие баъди ношто падар дар даҳлези хона ҳамаи моро ҷамъ карда пурсид, кадомат бо ман мехоҳӣ бимонӣ. Модар ба чеҳраи ҳамаи фарзандонаш нигаристу гумон дошт, ки ҳоло ҳамааш мегӯянд, ки «ота, мо бо шумо мехоҳем бошем». Ман чеҳраи модарро маҳзун дидам ва бидуни тарсу ҳаросе худро ба гардани модар овехтам ва гуфтам, «ман бо модарам мехоҳам бимонам». Холназар тарафи падар рафт. Падар ин лаҳза ба чеҳраи модар ва моён як назари маънидор карду аз ҷой баланд шуд ва гуфт: «Майлаш бо модаратон бошед». Ман гумон доштам, ки падар аз хона баромада меравад, аммо чунин нашуд, балки ба корҳои хона машғул шуд ва ду-се соат баъд бо модар оштӣ кард. Ман ба ин хулоса омадам, ки падар модарамро рашк мекард. Аз ҳамин сабаб буд, ки рӯйи модарро ягон марди бегона дида наметавонист. Воқеан, барои ман модарам зани зебое буд. Рӯяш гирду пахта барин сафед ва гардани пурраву қомати сарвмонанд дошт. Ҳар мард бо як дидан ба ӯ дар дил ошиқ мешуд. Ёдам ҳаст, ки боре дар Чинисой фасли тобистон буду махсуми Абдураҳмон, ки бо номи падари бузургвораш ифтихор менамуду аз он истифода мебурд, вақти чошт хонаи мо меҳмон шуд. Модар, ки чунин шахсиятҳои исломиро эҳтиром менамуд, фармуд, ки аспи махсумро ба гулмех бандем. Махсум фаромадан замон, «Ҳа, Иқлиммоҳ, малим нестанд, чӣ?» гуфт. Модар бо рӯйи

маҳкам «Хо, акаи Махсум, малим дар Кӯлобай, мехона... Хай худуш нест, хонаш хаст-ку»,-гуфту махсумро бароя нишастан ва як пиёла чой гирифтан даъват кард. Махсум болои кӯрпача гузашта нишасту бо овози баланд дуо намуду баъд ману Холназарро наздаш хоста, хоҳиш кард, ки аз кишлоки Ӯзбекҳо, ки дар даруни дара воқеъ буд, рафта гаштичу пиёзи сабз биёрем, то ки модар барояш аз фатири гарм шакароб омода созад. Мо барои ичрои амри Махсум акнун рафтанй шудем, ки модар хардуямонро пушти хона бурда, насиҳат дод, ки ба ҳеч кучо намеравем, чашми махсум бад аст. Ман он вакт нафаҳмидам, ки чй хел чашми меҳмон бад мешудааст. Насиҳати модарро ба чо оварда, ба махсум гуфтем: «Бобои махсум, хаво гарм аст, мо рафта наметавонем. «Хай, майлаш, -гуфт ва боз фармуд, ки «набошад рафта назди масчид бозй кунед». Мо ба ҳеч кучо нарафтем, балки назди махсум то хеста рафтанаш нишастем. Падар, ки аз Кӯлоб омад, модар аз «ташриф»-и махсум ӯро иттилоъ дод ва ҳодисаро накл кард. Падар хуб хандид ва ба мо офарин гуфту баъд чунин изҳор дошт: «Падари махсум шахси мӯътабар буданд. Боре дар деҳаи Девонахӯҷаҳо дар як хона бо он бузургвор мехмон будам. Нимашаб дидам, ки аз даҳони ӯ оташ аланга мезад. Аммо худи махсум ҳаромй дорад. Ба ӯ диккат надех, ба хотири падараш эҳтиромашро доштед, хуб кардед...».

Ба ҳамин тариқ, дар хонадони Асо Содиқ оштй амалй шуд ва ман низ худро хушбахт ҳис мекардам, ки падару модар боз ба мехру муҳаббат рӯзгори хонаводагиашонро идома медиҳанд.

САФАРИ СТАЛИНОБОД

Таътили соли хониши панҷоҳу панҷум ҳам расид. Синфи панҷро тамом кардаму ба синфи шаш гузаштам. Пешакй медонистам, ки падар ба хотири пайдо кардани хоҳарарӯсаш —Шарифамоҳ сафари Сталинобод карданист. Модар барои амалй сохтани чунин сафари падар омодагй мегирифт.

Кулчаҳои ширӣ, орзуку чалпак пухт, то ки падар дар роҳи дуру дароз азоб накашад. Ду-се рӯз то сафар монда буд, ки падар гуфт: «Худойназар, тайёр шав, бо ман ба чустучӯйи ҳолаат Сталинобод меравӣ». Бо шунидани ин хабар дар чоям баланд-баланд паридам. Хурсандиам ҳадду канор надошт. Ифтихор аз он доштам, ки падар ба ин сафар маҳз маро интихоб намуд. Холназар қаҳр карда мегуфт: «Фақат ба ҳар кучо равад, Худойназарро мебараду маро не». Ман кӯшиш менамудам, ки ба нигоҳҳои ҳасадбаронаи Холназар барнахӯрам. Медидам, маро мепесонду изҳори норизой мекард: «Ҳа, думраваки ота, хурсандӣ дорӣ-ҳа, и кори хонара кӣ мекуна? Чӣ як ман бояд ин қадар кора анчом диҳам?» Падар ин рафтори Холназарро ба мушоҳида гирифту гуфт: «Худойназар синфи панчро бо баҳои «аъло» чамъбаст кард, ту чӣ. Базӯр бо баҳои севу чор мехонӣ. Ба ин хотир, Худойназарро ба тамошо мебарам...». Холназар чизе муқобили падар изҳор надошту хари бӯрашро савор шуда барои алафдараві роҳи Паҳндараро пеш гирифт. Хайр ҳам нагуфт ва роҳи сафед ҳам наталабид. Албатта, аламовар буд, ки падар бачаи калонашро бо худ нагирифт. Модар халтаеро, ки тӯшаи сафар дошт, ба дастам дод ва аз сару рӯям бӯсида, роҳи сафед орзуямон кард. Падару писар пойи шёда ҳашт километрро тай кардем ва ба Даҳана расидем. Аз он чо бо мошини пахтакашие то шаҳри Кӯлоб омадем. Шабро дар хонаи кадоме аз дӯстони падар гузаронидем, ки назди мактаби ба номи Ворошилов қарор дошт. Пагоҳии дигар ба «Вокзал»-и Кӯлоб рафтем. Ба мошини боркаше, ки аз он таксӣ сохта буданду ронандааш мусофир шикор мекард, мо ҳам савор шудем. Дар он аз тахтаҳо чойи нишаст омода карда буданд. Он даврон шоҳроҳи Кӯлоб –Сталинобод на асфалтпӯш, балки сангфарш буд. Мошин аз рӯйи 30-40 километр дар як соат ҳаракат менамуд. Ба ҳамин тариқ, баъди Кӯлобро пушти сар кардан, деҳаҳои сари роҳамон: Лӯликӯталу Тӯгарак, маркази ноҳияи Арал (ҳозира Восеъ), Файзободу Қурбоншаҳид ва Гулистонро низ тай намуда, чошт худро ба ошхонаи сари кӯтали Олимтой расондем. Аз

дасти чап ошхонае фаъолият менамуд, ки ба гуфти ронандаи таксй шӯрбои сергӯшт медод. Дар таксии боркаш 20-30 мусофир менишаст. Ҳамагй поён шуда, аз он шӯрбои сергӯшт нӯши чой кардаид. Солҳои баъд гуфтанд, ки гӯшти шӯрбо барои он бисёр будааст, ки он чо хар мекуштаанд. Гуё ошпазу мудирашро ба чавобгарй кашидаанд...

Баъди таъмири хӯрдан, таксй ба ҳаракат даромад. Дашти Олимтойро бо деҳаҳояш паси сар намуда, дар чойхонаи Данғара ним соат дам гирифтем. Сипас, кӯтали Данғараро то Себистон тай намуда, чониби деҳаи Тӯтқавул поён шудем. Ин деҳа дар сохили дарёи Вахш чойгир буд. Мағозаи калоне ва аз роҳ ба самти чап чойхонае ҳам амал менамуд. Дах-поиздах дақиқа чараёни рӯди Вахшро тамошо карда, аз самти чапи дарё ҳаракатамонро идома додем. Роҳи самти чапи дарё поён ёфту ба воситаи пуле, ки болои тангнои дарё буд, ба самти рости дарё гузаштем. Чое, ки пул карор дошт, хеле чукур менамуд. Оби паҳне, ки дар тамоми чараёнаш озод меомад, чунон бо фишори тангно дучор мешуд, ки садои дахшатборе дода, сипас боз оромона ҳаракаташро идома медод. Кадоме аз мусофирон накл кард, ки то солҳои наздик он чо пуле вучуд надоштааст. Корафтодагон сар-сари кӯҳҳо то Норак худро мерасондаанд. Чӯпоне раман гусфандашро ба самти рост гузаронда, баъд худаш ҳам бо як чаҳиш аз болои тангно паридааст. Шоянд ин чаҳиши чупонро бофта бошанд, зеро чаҳидан он тараф истад, садои тангно ба он дарача даҳшат дошт, ки гумон аст, ки инсон барои аз болои он паридан ҷуръат карда метавонист. Самти рости дара ҳам поён ёфту аз пешорӯямон деҳаи начандон бузурге баромад, ки Норак будааст. Дар маркази деҳа ронандаи таксй ба мусофирон як соат истироҳат эълон кард. Дар харду тарафи роҳ чойхонаву ошхонаҳо кор мекардаид. Бо падар хостем, ки чой нӯшем. Даҳони борхалтаи модарро кушода, аз кулчаҳои ширии ӯ ва канду орзуқ ҳаловат бурдем. Сафари Сталинободамон идома кард. Аз Норак то зери кӯтале, ки касро чониби баландии Чормағзак мебурд, се-чор километрро бо ҳамворй

тай намуда, баъд роҳи качмокачакро боло шудем.Таксии мо хеле ба душворӣ роҳ мерафт. Роҳ камбар ҳам буд. Баъзан, ки аз пешорӯ мошини дигаре мебаромад, аз руйи ҳоидаи роҳравӣ, ба як тарафи роҳ худро нигоҳ медошт, то ки мошини ба кӯтал мебаромада гузарад. Як-якуним соат гузашт, ки сари баландии Чормагзак баромадем. Ронанда ин чо низ чанд дақиқае мошинашро санчид, ба балонҳояш ба пояш зад, ба он об рехт, гӯё андаке маторашро хунук карду «савор шаветон» гуфт. Падар аввал худаш боло шуд ва дасти ёрӣ ба ман дод, ки боло шавам. Боз задаву хеста чониби пойтахти чумҳурӣ пеш рафтем. Нуқтаи дигари дамгирӣ баландие буд, ки аз он чо тамоми водии Ҳисор пеши мо намоён шуд. Ин баландӣ, ки баъди як километр рӯ ба нишебӣ меовард, «Хаси сафед» ном доштааст. Акнун мошини таксӣ нишебиро бо ёрии тормоз мефаромад, ки бӯйи резини сӯхта медод. Хаси сафедро фаромадем. Ҳамворӣ сар шуд. Боз даҳ-понздаҳ километри дигар пеш рафтему ба шаҳре ворид шудем, ки Янгибозораш гуфтанд. Дар назарам ин шаҳр хеле обод ва серодам намуд. Чойхонаҳои калон дошт. Ошхонаҳояш ҳам серодам буданд. Мағозаҳои ҳархела бисёр ба назар мехӯрд. Ним соат дар ин шаҳр мондем. Бо падар ба чанд мағозааш даромадем. Бошандагонаш ба одамони тарафи Кӯлоб кам монандӣ доштанд. Бонувонаш ким-чӣ хел либосҳои бароям ноошно дар бар доштанд. Духтаронаш тоқиҳои гулдор ба сару гирди он мӯйҳои хешро давр дода буданд. Мардонаш дар гарданҳо рӯймоли ранга партофта, халатҳои ранги сабзу осмонӣ доштанд.Гузашта аз ин, аксари занҳошон дар кӯчаҳо бепочома мегаштанд. Барои мани бачаи деҳотӣ ин навъ сару либос пӯшидани бошандагони шаҳраки Янгибозор ҳайратовар буд Шоҳроҳи Янгибозор-Сталинобод сангфарш бошад ҳам, андаке басифаттар маълум гардид.Ҳини ҳаракат чониби марказ чанд деҳро аз чапу рост тамошокунон соатҳои панчи бегоҳӣ ба Сталинобод ворид шудем. Таксии боркаш мусофиронашро дар мавзее фаровард, ки он чоро меҳмонхонаи «Вахш» мегуфтаанд. Яъне, мусофирони самти

Кӯлоб аз ҳамин ҷо ба мошинҳо менишастаанд. Назди меҳмонхона чанд лаҳза маътал мондем. Падар суроғаи холаамро аз ман пурсид, ки Маҳматалии таго бароям нависонда буд. Суроға чунин буд: шаҳри Сталинобод, кӯчаи Нагорнийи дуюм, хонаи 34. Коғазчаи суроғаро падар ба ронандаи таксие нишон дод. Ӯ коғазчаро хеле бодиққат хонд ва қавораашро чунон нишон дод, ки гӯё ёфтани ин суроға хеле мушкил аст. Мошини таксӣ намедонам «Победа» буд ё навъи дигар, ки бо дили нохоҳам моро шинонд ва ҳаракат кард. Падар ҳам, ки бори аввал Сталинободро медид, оромона менишаст ва бо ман манзилҳои сеқабатаи шаҳрро тамошо менамуд. Тақрибан ним соат моро ин сӯву он сӯ «саёҳат» дода, баъд ба қабати теппашаҳре мошинро ронд. Теппашаҳр Нагорний буд, ки роҳи хома дошт. Ронанда то ки мушкилии суроғаро мо эҳсос намоем, сари роҳ ину онро мепурсид, ки хонаи рақами 34 ба кадом самт аст. Баъди пурсиданҳои бисёре пушти хонае таксиашро манъ кард. Соат ҳафти бегоҳ шуда буд. Падар аз ронанда пурсид, ки ҳаққи хизматашон чанд сӯм мешавад. Ӯ миқдори калонеро ном бурд. Падар гуфт: «О, бародар, ин қадар қимат мегирӣ». Ронанда ҳам худро набохта фаҳмонданӣ шуд, ки баъд аз як соати ҷустуҷӯҳо суроғаро ёфтам. Магар ин кори осон аст?». Падар дигар баҳсро раво надида, пули гуфтаашро дод ва дарвозаи хонаро тақ-тақ кӯфт. Зане, ки дар сар докаи сафед дошту хеле нуронӣ буд, «кӣ?» – гӯён дарвозаи ҳавлиро ба рӯямон кушод. Он бону гоҳе ба чеҳраи падар менигаристу гоҳе ба ман мутаваччеҳ мешуд, аммо "дароед" намегуфт. Падарам гуфт: «Ман язнаи Шарифамоҳ мешавам, ана ин бача ҷиянаш... Аз Кӯлоб омадам, то ки қайсингиламро бубинам ва ба апааш хабари зинда буданашро расонам». Соҳибхоназан бо дили нохоҳам «биёен, биёен, Шарифамоҳ ҳамин ҷо зиндагонӣ мекунад, аммо ҳоло аз кор наомадааст. Соатҳои яки шаб меояд....» гуфт. Аз муносибати он бону хушам наомад. Дар аввал гумон кардам, ки ӯ хоҳари модарам ҳасту ҳоло ба оғӯшаш мегираду ҷиянашро мебӯсад. Маълумамон гардид, ки он

бону хушдомани холаам буда, домод дар аскарӣ хизмат менамудааст. Холаам дар фабрикаи чӯроббофӣ кор мекардааст. Он рӯз ӯ дар басти дуюм будааст, ба ин хотир баъди соати яки шаб хона меомадааст. Андактар чавонмарде омад, ки ӯ писари калони соҳибхоназан буд. Ин лаҳза марди калонсолтаре пайдо шуд, ки ба мардуми Фарғона монандӣ дошт. Ин кас шавҳари он бону будааст. Дастархон оростанд. Падарам гӯё бо соҳибхона унс гирифт, ки сӯҳбаташон чониби Балҷувону Ховалинг ва Ёхсу мерафт. Бону каме чехрааш кушода шуд. Он шаб то омадани холаам хоб нарафтем. Он чавонмард, ки бародари язнамулломон буд, соатҳои 12-и шаб аз чой бархосту барои пешвозгирии янгааш рафт. Дере нагузашта холаам омад. Духтари сафедпӯшу дар сар тӯпии нақшин бо мӯйҳои дароз пайдо гардид. Чашмам аввалан ба он афтод, ки хоҳари модарам почома надошт. Ӯ даромадан замон салом дод ва як дасташро ба тарафе аз дахонаш медошт. Вай шармгинона ба падарам даст дароз кард. Ҳамзамон маро хам шуда бӯсид ва пурсид, ки чӣ ном дорам. Худойназар гуфтам. «Ҳа, ҳа»,-гуфт холаам. Номи маро додарам Ҷӯрахон барояш гуфта будааст. Сипас ӯ ба хона даромада, либосҳояшро бо либосҳои точикӣ иваз намуду боз ба наздамон баромад. Хеле камгап буд. Намедонам аз холи апааш пурсид ё не. Аммо язнааш бо ӯ сӯҳбат мекард ва боре хам дар мавзӯи либоси русӣ пӯшиданаш эрод гирифт, ки ба холаам маъқул нашуд. Хушдоманаш барояш хӯрок овард. Ҳини хӯрокхӯрӣ хам хеч дасташро аз дахонаш намегирифт. Чӣ хел шуду назарам ба он чойи дасти холаам расид. Як тарафи лаби болояш чароҳат бардошта, аммо баъди сиҳатёбӣ пурра гӯшт нагирифта буд. Мисле, ки дасташ барои он чоро пинҳон доштан одат карда буд. Лекин хоҳари модарам дар назарам хеле хушрӯй, монанди духтаракони синфҳои хафт-хашт менамуд. Лоғарандому нозук буд. Ду даста мӯйи мушкини сараш, ки рӯйи замин мефаромад, дикқатчалбкунанда метофт. Рӯзи дигараш холаам маро ба тамошои Сталинобод бурданӣ шуд. Падарам дар хона монд. Дар назарам бо соҳибхоназан гапҳои гуфтании зиёде дошт.

Фақат ҳарду сӯҳбат мекарданд. Холаам либосҳои шаҳрравнашро пӯшид. Тӯпии нақшинро ба сар гузошт, мӯйҳоро сар дод. Ҳамон сол ба сездаҳ медаромадам. Дастамро гирифту «рафтем» гуфт холаам. Пиёда дар кӯчаҳои шаҳр равон будем. Дар бораи баъзе бинохо ба ман ҳикоят мекард. Дар чое яхмос харидорӣ кард. Хӯрданаш хунар талаб мекард. Ёдам дод. Маро ба тамошои Кӯли комсомол овард. Ин буд нахустин дидор бо Сталинобод ва ошной бо холаам, ки чандон меҳр нишон намедод. «Ман дар детдом калон шудаам, ҳеҷ касро намедонам, апама надидаам. Падару модарамон мурданд, моро касе аз хешу табор саробонӣ накард» ва ғайра гуфта ранҷишҳояшро ба падар иброз дошт. Падар ҳама эродҳои хоҳарарӯсашро қабул намуда, гуноҳро сари замона ва мушкилиҳои он ҳавола мекард. Албатта, ранҷидахотирии холаам ҷой дошт, аммо ба худ саволе медодам, ки тағойии Ҷӯрахонро падару модарам ба тарбияи хеш гирифтаанд-ку. Чаро гурехт? Чаро ин хизматро нодида мегираду «мо дар детдом калон шудем» мегӯяд. Дигар ёдам нест, ки падар бо хоҳарарӯсаш чиҳо гуфту ба кадом хулоса омаданд.

Дар Сталинобод аз се-чор рӯз беш намондем. Чунин ба назар расид, ки дар он хонадон ҳама чиз таҳти мушоҳидаи соҳибхоназан қарор дошт. Холаи Шарифамоҳ озодии мутлақ надошт. Назорат ба хоҳари модарам ҳам аз ҷониби хушдоманаш ва ҳам аз тарафи бародари шавҳараш сурат мегирифт. Дигар ин, ки муҳити хонавода ба ман хуш наомад. Як навъ фишор вуҷуд дошт. Он мӯйсафеди шавҳари соҳибхоназан низ вақти чойнӯшӣ ё хӯрокхӯрӣ ба кас нигоҳ менамуд. Мо деҳотиҳо, ки дар ҳавои кушод гашта будем, ҳавои танги шаҳр дилгирамон кард. Аз ин рӯ, ба зудӣ роҳи Кӯлобро пеш гирифтем ва баъд то Хонобод худро расондем. Модарам бисёр мехост, ки дар бораи хоҳари гумкардааш қиссаҳо шунавад. Афсӯс, ки чунин қиссаро на падар ва на ман карда натавонистем, зеро ҳеҷ лаҳзаи хотирмоне дар бораи меҳрубониҳои хоҳар ба апа ба даст наовардем.

Бинобар ин, ҳамин қадар ба гӯшам расид, ки «хоҳарат урус шудай» гуфт падарам ба модар. Аз шунидани ин гап модарам худро нороҳат эҳсос намуд. «Хай, майлаш ҳар кучо бошад, зинда бошад»,-гуфт модар ва дигар сари ин мавзӯъ барнагашт. Акнун модар мехост, ки бародараш Ҷӯрахонро бубинад. Суроғаи аскариашро бо худ оварда будам ва аз вомн апаву чиянҳояш номае ҳам барояш сохтем. Як моҳ вагузашт, ки чавоби мактуб расид. Табиист, ки қироати номаи тағойи дар ҳузури модар аз чониби ман сурат баст. Мактуб душворхон буд. Баъзе калимаҳо истифода карда буд, ки точикй набуданд. Матни нома ба ду забон омезиш меёфт. Ҳамин қадар фаҳмидам, ки тағоиям дар рухсатиаш апаашро хабар мегирифтааст. Дохили покети хат акси бародари модарам чой дошт. Нома бешубҳа боиси хурсандии модар гардид, ки онро аз дасти ман гирифту кучое пинҳон кард. Ба назарам, вақтҳое ки мо дар хона набудем, модар мактуби додарро мегирифту молиш медоду гиря менамуд. Модар дар симои ягона бародараш нишоние аз Тоҳирбойро мечуст, падаре, ки фарзандонашро он тавр ки мехост, ба воя расонда натавонист, зеро умраш бако накард. Сарфи назар аз ин ки Тоҳирбой духтараш Иқлиммоҳро калон накарда, балки дар тарбияи холаву тағоҳояш монда буд, эҳсос мекардам, ки падарашро бисёр дӯст медошт. Аз ин ки маро дӯстдорй менамуд, ба ин хотир буд, ки ба Тоҳирбой шабеҳ менамудам. «Худойназарчон, ранги боботй», – мегуфт борҳо модар.

Яке аз рӯзҳои зимистони соли панчоҳу панҷум шояд барои модарам рӯзи хуштарин буд. Тағоям Ҷӯрахон, ки дар номааш ваъда карда буд, рухсатй омад. Мо аз омадани ӯ хабар надоштем. Нохост чавонмарде дар либоси аскарй рӯйи ҳавлй пайдо шуд, ки модар ба чонибаш тохт ва худро ба гардани аскар овехту «Оҳ, додаракамае, Ҷӯрахонае»,– мегуфту шодй менамуд. Падар чорвоеро ба ин муносибат сар зад. Додару апа соатҳо сӯйи якдигар менигаристанду қиссахо мекарданд. Пагоҳии рӯзи дуюми меҳмонии тағоям

заминро барф пӯшонид. Чашмам ба ӯ афтод, ки болои барф нимбараҳна рӯй мешуст. Дурустгар назар андӯхтам ва дар бадани тағоям суратҳои ҳархеларо ба мушоҳида гирифтам. Сари китфаш чеҳраи духтари зебое «кандакорӣ» шуда буд. Дар як дасташ море ба шамшер худро мепечонд. Модар, ки ба кадом коре дар ошхона машғул буд, ин ҳоли додарашро диду «Оҳӣ, Ҷӯрахончон, ба баданат кӣ ин доғҳоро гузошт»,- гуфта рӯяшро ба дигар сӯ тобонд. Ман наздиктар рафта хуб аксҳои бадани тағоро назора намудам. Ҳамон рӯзҳои рухсатӣ тағоям чӣ навъ аз Момайӣ фирор кардану тақдири баъдиашро ба ятимхонаҳо бастанашро барои апаш нақл карда буд. Баъд аз ду-се рӯзи меҳмонӣ сӯйи Кӯлоб роҳ пеш гирифт, ки он чо холаи Рӯзигулу бародаронаш Маҳматаливу Маҳмадалӣ интизориашро мекашиданд... Ба ҳамин тариқ, модарам бо хоҳараш ғоибона ошно шуд ва додарашро аз наздик дид. Табиист, ки доғҳое аз гӯшаи қалби духтари Тохирбой шуста шуданд...

ХАЗОНИ СОЛИ ПАНҶОҲУ ПАНҶУМ

Панҷуми ноябри ҳамон сол барои хонадони Асо Содиқ фаромӯшношуданий буд. Дар ин рӯз бо Холназар нияти дулоначиний кардем. Осмон каме абр дошта бошад ҳам офтоби буд. Холназар хари ҳангиашро полон кард ва мо савори он чониби дашти дӯлонаҳо роҳ пеш гирифтем. Ин дашт барои ман хеле ошно буд. Айёми дар Сангиғӯр иқомат доштанамон, замини гандуми падар дар қисми болои ин дашт мавҷуд буд, ки гинчишкбониашро ман анҷом медодам. Фасли баҳор, ба хусус моҳи май, ки гандум рӯ ба пухтан меовард, гунчишк ба ҳуҷум мегузашт ва зарур буд, ки касе тамоми рӯз ба муқобили селаи гунчишкон мубориза барад. Ман аз шоху хасу биях барои худ капача – хоначае сохта будам, ки вақтҳои истироҳати гунчишкон ман ҳам ба он чо даромада чою нон меҳӯрдам ва соате ба хоб дода мешудам. Силоҳи ман фалахмои ном дошт. Тирҳояшро аз гилу лой

худам месохтам. Лойро кулӯла мекардам ва дар офтоб хушк менамудам. Вақте гунҷишк дар ҳаво пайдо мешуду болои гандумзор нишастанӣ мешуд, ман шитобон он кулӯх – кулӯлаи лойро ба фалахмон, ки иборат буд аз ду ресмони сахтбофта ва хоначаи тикаӣ барои ҷой кардани кулӯхи худсохт, ҷо ба ҷо карда, сипас фалахмонро гирди сар давр дода, ҷониби гунҷишкҳо сар медодам. Тири фалахмон ба баъзе аз гунҷишкон бармехӯрд, ки онҳо боз баланд парвоз мекарданду омодагӣ мегирифтанд, то ки дуюмбора ҳуҷум оваранд. То сахт шудани донаи гандум, ки дигар ба дарди гунҷишк намехӯрд, ҳоли ман ҳамин буд. Вале дар ин мавридҳо ҳам дафтару китобамро бо худ доштам. Имкон ёфта дарсҳоямро такрор мекардам...

Ҳамон рӯзи панҷум ду почаи хӯрҷинро пур аз дӯлона кардем. Дӯлона, ки як-ду борон хӯрд, хеле ширин мешуд. Дӯлонахӯрон савори хари ҳангӣ ҷониби Хонобод ҳаракат кардем. Вақте ки ба ҳавлӣ даромадем, завчаи Карим-паҳлавон шитобзада буд, гоҳе ба берун мебаромад, об гарм мекарду обро гирифта хона медаромад, аммо намегузошт, ки мо хона дароем. Лаҳзае баъд садои кӯдаки навзод баланд шуд ва дарк кардам, ки модарам, ки ҳомила буд, кӯдак зоидааст. Падарам бо Карим-паҳлавон рӯйи ҳавлӣ ин тарафу он тараф қадам мезаданд. Вақте, ки мо аз дӯлоначинӣ омадему ҳамсари ҳамсоя таку дав дошт, модар дард мекашидааст. «Хайрият, сабук шуд»,-гуфт Карим-паҳлавон. Кӯдакро лӯлакпеч карданду баъд моро садо доданд, то ки додарчаамонро бубинем. Модарам беҳол буду сӯйи бачаи наваш нигариста, изҳори хурсандӣ мекард. Лӯлак дар дасти зани доя буд. Ман аз наздик ба рӯйи кӯдак нигаристам. Суп-сурх буду ҳоло чашмонашро намекушод ва лабонашро меҷунбонд. Доя ин ҳолати кӯдакро диду «Иқлиммоҳ, бачат сина мехоҳа»,-гуфт. Модар як тараф худро гирифт ва шинҳонӣ аз мо синаашро ба даҳони навзод гузошт. Ман хурсандона худро ба кӯча задам, то ки аз чанд кас шодиёна гирам. Кӯдак ду-серӯза шуду мавзӯи ба ӯ чӣ исмеро додан ба миён омад. Болои кати хона модар, падар, доя, Карим-

пахлавон менишастем. Падар аз модар савол пурсид, ки «ба бача чӣ ном мениҳем?». Карим-пахлавон пешдастӣ карда гуфт: «Малим ин кӯдак номаш бо худаш аст. Асо Мӯсо...». Яъне пахлавон ба равиши номи падар исми навзодро Мӯсо гузошт ва дуое ҳам хонд. Акнун мо додараке доштем бо номи Мӯсо, ки панҷуми ноябри соли панҷоҳу панҷум зода шуд. Ман ҳамарӯза аз мактаб, ки фориғ мешудам, назди модару тифли навзод менишастам ва ӯро соатҳо тамошо менамудам. Кӯдак рӯз то рӯз ранги чеҳраашро тағйир медод ва дар назарам зебо мешуд. Рӯзи ҳафтуми навзод расид, ки ҳамон дарде, ки додараки сангинӯриамро кушта буд, ба чони Мӯсо ҳам падид омад. Ӯ мегиристу кабуд шудан мегирифт. Ҳеҷ аз ёдам намеравад лаҳзае, ки кӯдак ба ҳамон дард дучор омад, Мӯсо дар лӯлак печида бағали модар қарор дошт. Мо дар хонаи калонамон ду кати чӯбӣ доштем, ки байнашон фосила дошт. Ҳамон пагоҳӣ падару дояву Карим-пахлавон ва ман шоҳиди оғози гиряи Мӯсо будем. Модар лӯлакро гирифту «Э, ишам ба ҳамон дард гирифтор шуд, ишам бача намешава, мемира»,-гуфту ба кати рӯ ба рӯ ҳавояш дод ва ба гиря пардохт. Падар аз ин амали модар дар қаҳр шуд ва изҳор дошт: «Иклиммоҳ, номаъкулӣ накун, ношукрӣ накун, убол мешавад, чаро кӯдаки ҳоло зиндаро мепартой?». Ҳамин лаҳза модар сухани муллои Лавоваро ба ёд оварду гуфт: «Малим, малим, тез бош. Муллои Лавова гуфта буд, ки ба кӯдаки дигарам ҳам он дард такрор мешава ва ҳарчи зудтар маро хабардор кунед». Падар парешон шуд, гӯё даступо хӯрда буд, ки ин тарафу он тараф медавид, аммо чӣ кор карданро намедонист». Ман, ки аз ин сӯҳбат огоҳ будам, «ота, ота, ман аспа савор шуда назди мулло равам-чӣ. Наздик-ку!» гуфтам. Падар пешниҳодамро шунидан замон гӯё хушаш ба сараш заду «ҳа, ҳа, рост мегӯй, гир аспа, гир, тез савор шав. То ҳамончо аспа бидавон ва ба мулло гӯй, ки писари Асо Содиқ ҳастӣ ва додарат ба ҳамон дард гирифтор шудааст...». Инро мегуфту аспро аз сарой бароварда зин мезад. Ман ба тезӣ худро болои аспе, ки ҳоло ёсов (яъне акнун савораш мешудаид) буд гирифтам

ва чониби Лавова давондам. Аз хонаи мо то Лавова се-чор километр беш набуд. Аспро аз байни қишлоқ қамчинзанон давондам. Ҳавлии муллои Лавова дар як гӯшаи деҳа қарор дошт. Назди ҳавлии ӯ аспу харҳои корафтодагону дуогирони зиёде баста буд. Сохибонашон қабули муллоро интизорӣ доштанд. Ман аз асп саросемавор фаромада, тарафи дарвозаи мулло расида будам, ки чавоне берун баромаду гуфт: «Писари Асо Содиқ ҳастӣ?» Гуфтам: «Оре». «Даро»,-гуфт он чавон. Ба хона даромада зону зада будам, ки мулло сӯйи ман нигариста «додарчаат бемор шудай?»-гӯён савол кард. Ман тасдиқ намудаму дигар чизе нагуфтам. Мулло чизе ба арабӣ болои коғазе ба навиштан оғоз намуд. Ман дар андешаи он будам, ки ин мулло маро ҳеҷ гоҳ надидааст, чӣ хел фаҳмиду ба он чавон гуфт, ки тез писари Асо Содиқро ба наздам дарор». Дуруст аст, ки бо шитоб омадани аспи маро аз панҷараи хонааш дидааст, вале писари Асо Содиқ будани маро аз кучо медонистааст. Андешаҳоям ба поён нарасида буданд, ки мулло коғази навиштаашро чоркат намуда ба дастам доду гуфт: «Тез аспро то хона давон ва ин коғазро ба модарат деҳ ва гӯй, ки дар пиёла бо андак об молиш диҳад ва бо қошуқчае ба ҳалқи додарат резад. Иншооллоҳ, нағз мешавад». Раҳмат гуфта, коғазро ба чейбам зада, рӯйи ҳавлӣ баромадам, ки ҳамон чавон аллакай аспи маро аз гулмех кушода, интизори ман аст. Чавон аз як поям гирифту бардошт, то ки зудтар худро болои асп гирам. Мисле ки аз Хонобод шитоб доштам, ҳамон навъ аз Лавова то дари хона аспро тозондам. Падару Карим-паҳлавон маро интизорӣ доштанду аз даруни хона садои «бачамой»-и модар шунида мешуд. Падар коғазчаро аз дастам гирифту модар гуфтаи муллоро бо дастони ларзон амалӣ намуд. Дидам, ки додаракам охирин нафасҳоро мекашид. Кабуд шуда буду нойчаи гулӯяш поёну боло мерафт. Ин лаҳза чонканиии додараки сангигӯриамро пеши хотир овардаму ба гиря дода шудам. Модар оби бо коғаз молишдодаро ба қошуқчае андохту доя даҳони Мӯсоро зӯран боз кард. Обро рехтанд. Чанд қурт гӯё фурӯ рафт ва лаҳзае гузашту кӯдак чашм

кушод ва нафаскашиаш мӯътадил гардид. Ман ҳайрон ҳайрон ба чеҳраи додарчаам менигаристаму бовариам намеомад, ки дуои муллои Лавова ӯро аз марг начот дод. Модар кӯдакашро ба оғӯш кашиду бӯсаҳо зад ва аз муллои Лавова ташаккур мекард. Падараму Карим-паҳлавон ҳам аз ин ҳодисаи ғайричашмдошт ба якдигар менигаристанду ангушти тааҷҷуб мегазиданд. Мӯсо то бегоҳ батамом сиҳат ёфт ва он азоби чандсоатаи ҷонканиашро паси сар намуда, даҳон аз синаи модар намеканд, метарсид, ки шири модарашро кӯдаки дигаре аз худ нанамояд. Зинда мондани Мӯсои ҳафтрӯза бароям мӯъҷизаеро мемонд.

Мӯсо чиҳилрӯза шуд. Модару падар машварат доштанд, ки чӣ навъ ба муллои Лавова арзи сипос кунанд. Маслиҳаташон шуҳт. Сару по омода сохтанд. Мӯсояк ҳам зеботар шуда буд. Пагоҳии панҷшанбе падар аспашро хуб шона зад, зинашро болояш гузошт ва модарро бо Мӯсо ба он савор кард ва худаш аз ҷилави асп гирифту роҳи хонаи начотдиҳандаи фарзанди навзодашонро пеш гирифтанд. Мулло дар ҳузури падар ба модар гуфтааст: «Бачам, чунон ки бори аввал ҳам гуфтам, ба ту нохалафе дарди ҷонкоҳ гузарондааст. Ман сиреро аз шумо пинҳон карданӣ нестам. Бинобар ин, агар боз кӯдак зоидан хоҳӣ, рӯзи ҳафтум ҳамин дард ба вай мечаспад. Худо кунад, ки ман зинда бошаму ба кӯдаки ту дуо бифиристам...». Модар миннатдорӣ баён мекунад ва ваъда медиҳад, ки агар Худо боз кӯдаке барояш ато кунад, ҳатман шуморо ёдрас менамоем». Бо ҳамин, ҳавлии муллоро бо ҳазорҳо шукргӯиҳо падару модар паси сар мегузоранд... Қариб буд, ки ин моҳи хазонрез дар хонадони Асо Содиқ мусибатеро тавлид намояд. Аммо дасти худо ва бандагони воқеияш ба ёрии ӯ расиданду фарзанди ҳафтрӯзаашонро аз мурдан начот доданд. Ман бошам, баъдҳо муллои Лавоваро ҳамчун пайғамбар мешинохтам. Амали савобе, ки вай анҷом дод, дар шоҳидии ман сурат гирифт. Чаро бовар накунам. Офарин ба муллои Лавова гуфта, ҳикояти тозаи дигареро аз рӯзгори овони бачагиам пешкаш мекунам.

МАКТАБИ ХОНОБОД

Мактаб ҳафтсола буда, дар ду баст фаъолият менамуд. Баъзе синфҳо ду гурӯҳӣ буданд. Ману Холназарро, ки синфи чорумро тамом карда будем, ба синфи панҷ гирифтанд. Акнун ин мактаб чун мактабҳои собиқаи Асо Содиқ як муаллим не, балки 15-20 муаллим дошт. Сарвари мактаб Салимов Фозил ном дошта, аз фанни забон ва адабиёт дарс мегуфт. Муаллимони дигаре ҳам монанди Қаландаров, Носиров, Гурезов Саид, Акбар ва Қамиш Маҳмудовҳо, ки ду бародарон буданд, Давлатов Абулқосим ва дигарон фаъолият менамуданд. Мактаб тобеи шӯъбаи маорифи Кӯлоб буд. Ба иборае дигар, мактаби Хонобод барои Асо Содиқ муҳити дигареро тавлид мекард. Дар айни замон ӯ низ барои муаллимони ин мактаб шахси дигархелтар маълум мегардид. Метавон гуфт, ки Асо Содиқ эҳсоси бегонагӣ менамуд ва аз фаъолияти дастаи муаллимони мактаби Хонобод чандон розӣ набуд. Ҳайҳот, ки ӯ худ як муаллими синфҳои ибтидоӣ буду бас. Аммо дар маҷмӯъ бошандагони деҳаи Хонобод ва бисёре аз муаллимон ба Асо Содиқ арзи эҳтиром мегузоштанд. Миёни ӯ ва муаллимони дигар тафовут дар он буд, ки баъзеи онҳо баъд аз хатми синфи даҳум дар шӯъбаҳои ғоибонаи Институти педагогии Кӯлоб таҳсил менамуданд. Масалан, Салимов Фозил дар курси дуюми шӯъбаи ғоибонаи факултети забон ва адабиёт мехонд. Қаландарову Акбар Маҳмудов ҳам. Аммо Асо Содиқ то курси сеюми шӯъбаи ғоибонаи таърих хонда, ба сабабҳои маълум дигар таҳсилро идома надода буд. Албатта, рӯзгор ӯро нагузошт, ки курси пурраи институтро ба поён расонад. Аз ин ҷиҳат низ Асо Содиқ худро ноҳинҷор эҳсос менамуд.

Дар синфе, ки ману Холназар мехондем, талабаҳое мисли Исо Гурезов, Афғон Саидов, Зокир Ҳамидов, Абдулло Худоиев таҳсил доштанд, ки аз ҷумлаи беҳтаринҳо шинохта мешуданд. Баъд аз ду-се моҳи хониш, хушбахтона, маро ҳам ба ин даста шомил сохтанд. Ба хусус, Исо ва Зокир

«аъло» мехонданд. Зокир фанни математикаро хуш дошт. Муаллими забон ва адабиётамон худи сарвари мактаб буд. Биологияро Қаландаров дарс медод. Акбар Маҳмудов математикаро мегузошт. Давлатов, ки тоза аз сафҳои Армияи Советӣ омада буд, дарси варзишро ба ӯҳда дошт. Аз география Саид Гурезов дарс мегуфт. Муаллимаи забони русиамон бонуи чавоне аз Украина буд. Ӯ хеле зани хушандом ва зебо буд. Маълумоти омӯзишгоҳи педагогиро дошт. Онҳо ду бону буданд, ки якчо омада буданд. Нахустин бор калимаҳои русиро аз эшон омӯхтам. Вақтҳои пахтачинӣ дар паҳлӯи ман қарор мегирифт ва ба тарс, то ки дастҳояшро буттаи пахта нахарошад, даста-даста пахта чида медод. Ӯ ба русӣ сӯҳбат мекард. Ман фаҳмидаву нафаҳмида сарамро мечунбондам ё бо ҳарфҳои шикастаи русӣ чавоб мегардондам. Рости гап, дар синфи хафтум андаке ба он муаллима эҳсоси ошиқӣ пайдо намудам. Афсӯс ки ному насабаш дар хотирам намондааст. Баъди аз Хонобод рафтан дигар он «ишқи аввалин»-ро надидам. Муаллими варзишамон хам хуб дарс мегуфт. Бозиҳои волейбол, баскетбол ва футболро махз Давлатов бароямон омӯхт. Махсусан, тарзи рохравии ба низом ва пой кӯфтанро бо махорати баланд ичро мекард. Чунон пой мекӯфт, ки майдони варзишро чанг зер менамуд.

Аз се соли тахсил дар мактаби Хонобод лаҳзаҳои хотирмоверо аз баъзе дарсҳои муаллимонам ин чо овардан мехохам. Дарси география доштем. Муаллим Саид Гурезов чузвдони географӣ дар даст ворид синфхона шуда, бо овози баланд, салом дод. Мо, ки пайча барин рост меистодем, баробари ӯ «салом» гуфтем. Амр кард, ки нишинем. Пурсиши вазифаи хонагӣ «чудо кардани китъаи Осиё аз Европа» буд. «Кӣ тайёр?»,-гуфт муаллим. Ҳама хомӯш мондем. «Ҳа, ахмаклар, бетайёри омадед-чӣ?», -гуён ба дафтари номҳои талабаон як назар дӯхту «каний, Исо Гурезов, нақши харита бикаш»,-гуфт. Исо бародари хурдии муаллим буд. Исо тарому ларзон нақши харита қарор гирифту бо чубча як чиз ин чиз нишон дода, дигар

мавзеъҳо ва номҳоро ёфта натавонист. Муаллим аз ҷояш баланд шуду «ҳа, додари муаллим, барои чӣ дарсро тайёр накардӣ?»,-гуфта як шаппотӣ ба рӯяш зад. Садои дасти Саид Гурезов чунон баланд буд, ки муаллимону талабаҳои дар даҳлез будагӣ онро шуниданд. Исои бечора, як параи рӯяшро бо даст дошта, ба ҷояш нишасту оби дида сар дод. Муаллим аз надонистани додараш чунон асабӣ буд, ки мо ҳама меларзидем ва дар андешаи он будем, ки навбати кӣ мешуда бошад. Нохост садои муаллим баланд шуд: «Худойназар, ба тахта баро, канӣ бубинем, писари муаллим ҳам мисли додари муаллим дарс тайёр кардааст». Оҳиста аз ҷоям баланд шуда, назди харита рост истода, амри муаллимро интизорӣ кашидам. Саид Гурезов «канӣ бачаи Асо Содиқ, гир чӯбчарову ба саволе, ки Исо ҷавобашро надод, ҷавоб деҳ». Ман ба ин савол тайёр будам, вале тарс чунон фишорам оварда буд, ки то хеле аз боло ба пойин бо чӯбча нишонаҳоро гуфта-гуфта фаромадаму он ҷо ки гулӯгоҳи Босфор аст, дармондам. Муаллим, ки дар дасташ аз ручкаҳои навбаромаде, ки агар думчаашро дар мӯйи сар соиш медодед, коғазпораро аз болои миз мебардошт, ба сарам бо иӯги тези он чунон зад, ки гӯё шикофт. «Шин, аҳмақ, ту ҳам чӯраи Исо ҳастӣ, мемурен бихонен, фақат кортои хартозиву оббозӣ аст». Ман ҳам бо як даст ҷойи хуншудаи сарамро дошта ва ба ҷоям нишастам, вале оби дида сар надодам. Баъди он ки дуи мо ба савол ҷавоб надодем, муаллим аз қаҳр дигаронро напурсида, ба дарси нав сар кард. Ин ҳодиса ба зудӣ ба гӯши Асо Содиқ мерасад, ки ӯ дар ҳузури директор бо Саид Гурезов чилдӣ сӯҳбат менамояд.

Дарси дигари хотирмон ба фаъолияти Салимов Фозил таалуқ дорад. Аввалан бояд гӯям, ки барои ман бештар тарзи либоспӯшии ӯ маъқул буд. Вай шалвори сафед ва пироҳани гардану остинҳояш нақшин мепӯшид. Пойпӯшаш ҳам тоза ва ялаққоси буд. Ҳар нагоҳӣ, ки ба дарс ҳозир мешуд, ба назар чунин менамуд, ки гӯё либоси нав пӯшидааст. Муҳимаш он буд, ки шалвораш бо уту тавре

дарзмол дошт, ки хатҳояш аз ду ҷониб маълум мешуд. Ў тарзи роҳгардии махсус дошт. Бо виқор роҳ мерафт ва тарзи гуфтораш ҳам нотакрор буд. Худаш шеър мебофт. Худтаърифкуниро хуш дошт. Аз ин ки дар институт мехонд, ифтихор дошт. Ғоибона хонданашро чунон медонист, ки дигар аз он дида қуллаи баланди донишгирӣ набошад. Муаллими математикаамон дарси хуб мегуфт ва бисёр боадабона сӯҳбат менамуд. Ба ҳар навъе ки буд, ҳамон айём Фозил Салимов тавонист, ки меҳру завқи маро ба забону адабиёт бедор намояд. Бисёр орзу доштам, ки замоне расаду ман ҳам мисли ӯ либоси озода дарбар кунам...

Ҳодисаи хотирмони дигар дар мактаби Хонобод бароям он буд, ки мо як даста талабагони синфи ҳафтумро баҳори соли панҷоҳу шашум ба шаҳри Кӯлоб овардand ва ба комсомол қабул карданд. Аз ҳар қадом ба саволҳои алоҳида ҷавоб гирифтанд ва сипас дастҳомонро фишурданду табрик гуфтанд. Котиби комсомоли шаҳр ҷавонмарди хандонрӯе, ки исмашро Мирзошоев Султон муаррифӣ намуданд, аз ман кӣ будани сардори Партияи коммунистии Хитойро пурсид. Ҷавоб додам: Маотсезедун. Офарин гӯён ба комсомол қабул шуданамро самимона табрик кард. Сипас ба қадом ҷойхонае бурданду «зиёфатамон» доданд. Он рӯз шояд яке аз рӯзҳое буд, ки мо комсомолони мактаби Хонобод дар ҷодаи ҳаёти пешрав қарор гирифтем. Падидаи ҷолиби дигар он буд, ки мактаби Хонобод бо кӯшиши муаллими варзишамон — Давлатов дастаи волейбол ташкил дод, ки он дар спартакиадаи баҳории ҳамон соли Кӯлоб иштирок намуд. Банда низ дар он ҳайат будам. Бозии мо бо дастаи мактаби Чкалов сурат гирифт, ки ғолиб омадем. Ин ҷиҳатҳо аз нахустин пешравиҳо дар рӯзгори Хонободии ман махсуб мешуданд.

Асо Содик, ки назму низомро дар таълим мепазируфт, методи дар қишлоқҳои кӯҳистон ҷорикардаашро, ки иборат буд аз шабона ба хонаи ҳар талаба сар задан, дар деҳаи Хонобод ҳам амалӣ сохт. Дар миёни бошандагону талабаҳо ва муаллимон тарзи дарссанҷии ӯ овоза пайдо кард.

Талабаҳои Асо Содиқ дар як муддати муайян «хубу аъло» мехондагӣ шуданд, ки ин чиҳат боиси шӯҳрат пайдо намудани эшон дар Хонобод гардид. Овозаи методи Асо Содиқро ба маорифи Кӯлоб расонданд ва дар яке аз конфронсҳои августии муаллимони вилоят онро аз беҳтарин заҳмати муаллим донистанд. Табиист, ки шӯҳратёр шудани Асо Содиқ ба сарвари мактаб ва баъзе муаллимони дигар, ки ҳамеша ба Фозил Салимов тамаллуқ мекарданд, хуш наомад ва онҳо роҳи халосиро аз Асо Содиқ чустучӯ карданӣ шуданд. Гузашта аз ин, ӯ ҳеҷ гоҳ ба ҷамъомадҳои саридастархонии Салимову дастааш, ки бо майнӯшӣ оғоз меёфту ба поён мерасид, шарик намешуд, балки дар шӯроҳои педагогии мактаб чунин рафтори онҳоро танқид мекард. Асо Содиқ ба чанд идораи расмии давлатӣ аз камбудиҳои сарвари мактаб шикоятномаҳо навишт, вале чора дида нашуд. Фозил Салимов дар ҳама идораҳо такягоҳҳои худро дошт. Онҳо, баръакс, Асо Содиқро гунаҳгор меҳисобиданд. Ҳатто чунин шуд, ки Асо Содиқро аз мактаби Хонобод ба мактаби Гулзор гузаронданд. Ҳамоно ӯ ба идораҳои дахлдор аз болои Фозил Салимов навиштанро идома дод. Мо, фарзандони Асо Содиқ эҳсос мекардем, ки муаллимони мактаб сӯйи мо ба назари манфӣ менигаристанд. Бо табассумҳои ғайриоддиашон гуфтанӣ мешуданд: «Дидед, чӣ навъ падаратонро аз мактаб рондем, акнун шаш километр шиёда мераваду меояд». Дар ҳамин навъ вазъияти барои оилаи Асо Содиқ ҳузнангез соли 1956 синфи ҳафтумро бо баҳои хубу аъло хатм намудам. Падар мехост, ки минбаъд касби ӯро идома диҳам. Бинобар ин, мақсад гузоштам, ки ҳуҷҷатҳоямро барои супоридан ба омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб омода намоям. Бо хоҳиши падар баъзе омодагиҳо ҳам гирифтам. Аэбаски дар оила як падар маош мегирифту сафи аъзоёни он ба ҳашт кас мерасид, тарзи каме пул кор карданро бароям ёд доданӣ шуд. Ӯ мехост, ки ақаллан пули дафтар, қаламро бо ягон роҳе пайдо намоям. Дар ҳамин замина, хост, ки ба деҳаи Ҳалқаёр рафта, чанд сатил олучабандак чида, Кӯлоб бурда фурӯшам. Рӯзе бо

падар роҳи Халкӣрро пеш гирифтем. Он чо чӯраи падарам бобои Авлиёқул зиндагӣ мекард. Дар даромадгоҳи ин деҳа мазори калоне мавҷуд аст, ки дар он олучабандак хеле зиёд мерӯяд. Бо падар як рӯзи тамом аз он чиндем, ки ду сатили даккилой шуд. Опро бо худ ба Кӯлоб бурдем. Он рӯзҳо падар он чо коре дошт. Як сатилашро ба холаи Рӯзигул додем, то ки мураббои олучагӣ пазад ва як сатили дигарашро ман ба дуроҳаи пазди Универмаг гузошта, стаканашро яксӯмӣ фурӯхтанӣ шудам. Аз чунин амал шарм медоштам, вале илоҷ набуд, зеро падар инро мехост ва ҳудам ҳам завқманди он будам, ки барои дар Кӯлоб хонданам андаке пул пайдо кунам. Ману сатил ва стакон маътали харидорон будем. Ду-се стакон фурӯхта будам, ки бачаҳои шаҳрӣ ҳучум овардаанду дар сатил ягон дона олуча намонд. Дертар падар омада дид, ки ман болои сатили холӣ нишастааму стаконро аз ин даст ба он дастам бозӣ медорам. Падар наздик омаду хурсандӣ карда гуфт: «Худойназарчон, ин қадар зуд олучаҳоро фурӯхтӣ. Чанд сум кардӣ бачам?». Аз чайбам се сӯм баровардаму ба дасти падар додам. Ӯ ҳайрон шуда пурсид: «Чӣ, магар як сатил олуча се сӯм шуд?». Гиря гулӯгирам карду бо душворӣ ҳодисаи шударо нақл намудам. Гумон доштам, ки падар сарзанишам мекунад ва рохгузарҳо тамошо. Аммо чунин накард, балки гуфт: «Ҳеч гап не, олучаҳоро аз мазор чинда будӣ, барои сағераҳои Кӯлоб хайр кардӣ, савоби чанд бачаи бечараро гирифтӣ». Ҷуръат намуда гуфтам: «Ҳова, аз дасти сағераҳои Кӯлоб магар пул кор карда мешавад? Онҳо дар як дам талаам намуданд, сатил чапа шуд, аз болои замин ҳам олучаҳоро чида ба чайдошон андохтанд». Падар табассуме намуда, аз дастам дошту гуфт: «Рафтем бачам, аз се сӯми ба ҳалолӣ ба даст овардаат шӯрбо мехӯрем». Бо ин рафтор падар мехост, ки алами каро аз дил барорад. Ба ошхонаи боғи Сталин даромада, як косаи шӯрбо нӯша чон кардему боз роҳи Хоҷободро пеш гирифтем. Ҳамон шабу рӯзҳо муборизаи падар ба муқобили Фозил Салимов авч мегирифт. Гап-гап буд, ки ҳардуяшонро аз Хоҷобод ба дигар ҷойҳо

мефиристанд, то ки дар як мактаб кор накунанд. Охирхои моҳи июл ҳуччатҳоямро ба омӯзишгоҳ супорида, хонаи хоҷаам мондаму ба имтиҳонҳои дохилшавӣ омодагӣ гирифтам... Ин чунин маънӣ дошт, ки рӯзгори дар деҳот доштаам дар синни 14-солагӣ поён ёфт. Акнун сарнавиштам марбути шаҳрҳо шуд, ки фасли дуюми китоби ёддоштҳоро ташкил хоҳад дод.



ФАСЛИ ДУЮМ

Шаҳр. Даврони навчавонӣ.

КӮЛОБ

Тобистони соли панҷоҳу шашум дар Кӯлоб - ягона шаҳр дар минтақа муқимӣ гардидам. Он маркази вилояти Кӯлоб буд, ки дар итоаташ ноҳияҳои Ховалинг, Балҷувон, Қизилмазор, Кангурт, Арал, Шӯробод, Даштиҷум, Чӯбак, Фархор ва Данғара қарор доштанд. Дар чанд соли баъдинигӣ ноҳияҳои Ховалингу Балҷувон ва Шӯроободу Даштиҷум ва Чӯбак дар асари муҳоҷиршавӣ ба ҷониби тахдашт Арал, Москва, Фархор ва Кӯлоб чун ноҳия аз байн рафтанд. Вилояти Кӯлобро ҳам барҳам доданд. Бо вуҷуди ин, ки ноҳияҳои Аралу Фархор ва Москва аз ҳисоби муҳоҷирини кӯҳистони ҷанубӣ Тоҷикистон сернуфус гардиданд, боз ҳам Кӯлоб чун маркази фарҳангиву сиёсӣ боқӣ монд.

Солҳое, ки банда дар Кӯлоб сокин гардидам, аз гузарҳои Чармгарони Поёну Боло, Гузари Завод, Гузари Лаби чар, Гузари Қаволҳо иборат буда, ду кӯчаи асосӣ дошт: Карл Маркс ва Ленин. Ду сол баъд, яъне солҳои 1958-1959, кӯчаҳои Якуми Май (собиқ Қаволҳо), Сталинобод пайдо шуданд. Дар кӯчаи Ленин идораҳои давлативу сиёсӣ – Горком, Исполком, идорахои бехатарӣ, милиса ҷой гирифта буданд. Ин кӯча аз назди бозори шаҳрӣ оғоз ёфта то Полк – қароргоҳи низомиён идома меёфт. Дар ин кӯча кинотеатри «Комсомол» ва мактабҳои миёнаи ба номи Ленин ва Чкалов ҷойгир буданд. Мазори Ҳазрати Амирҷон ва боғҳои истироҳатии Ленину Сталин низ дар ҳамин кӯча буданд. Нахустин иморатҳои дукабата се-чор бино дар кӯчаи Ленин қомат рост мекарданд. Ошхонаи пархезӣ низ дар ҳамин кӯча воқеъ шуда буд. Кӯчаи Карл Маркс аз дуруҳаи Гузари Завод шурӯъ шуда, то қароргоҳи низомиён тӯл мекашид.

Дар ин кӯча низ марказҳои таълимиву фарҳангие чун мактаби даҳсолаи ба номи Сталин, толори фарҳангӣ – Театри ба номи Сталин, Институти педагогӣ, омӯзишгоҳҳои педагогӣ ва тиббӣ, Универмаги марказӣ, поликлиника (маркази ташхиси беморҳо), бонки давлатӣ қарор доштанд. Ҳамчунин дарвозаи ҷанубии Боғи истироҳатии Сталин дар ҳамин кӯча буд. Ҳарду кӯчаи асосӣ ва дигар роҳҳои шаҳр сангфарш буданд. Дар боғҳои истироҳатӣ ҳайкалҳои баркади Ленин ва Сталин меистоданд. Боғи Ленин нисбат ба Боғи Сталин ободтар ба назар мерасид. Дар дохили он хонаи пионерон, ҷойи махсуси гуштингирӣ, теннис ва биллиард фаъолият мекарданд. Атрофи боғро девори якунимметраи похсай иҳота менамуд. Боғи Сталин то андозае мақоми стадионро адо мекард. Масалан, бозиҳои футбол, волейбол ва баскетбол бештар дар ин боғ сурат мегирифтанд. Мазори Амирҷон дар гӯшае аз ин боғ ҷойгир буд. Шаҳр як ҳаммом дошт, ки дар сари роҳи Сиёҳоб ба ҷонибӣ хочагии Шаталов қарор мегирифт. Марқади Ҳазрати Амирҷон ягона нуқтаи таърихиву фарҳангӣ маҳсуб мешуд, ки он ҳам обод набуд. Қисми поёнии боғи Сталин, майдонҳои назди Институт ва Омӯзишгоҳи педагогӣ гӯристонро мемонд. Аз ин рӯ, дар он ҷоҳо сохтмоне сурат нагирифта, балки тутакалуку буттаҳои хор мерӯиду бас. Фақат охири солҳои панҷоҳум, аниқтараш солҳои 1958-59 алафу хору тутакалукро даравида, як-якуним метр бо трактор он ҷойҳоро канда, бо кувваи донишҷӯён ҳама устухонҳои одамонро ҷо-ҷо тӯп намуда, ба мошинҳои самосвал бор карда ба самти Тебалай бурда кучое гӯр намуданд. Ман шахсан дар тоза кардани майдони қисми поёнии боғи Сталин иштирок доштам. Бачаҳои шӯхе ҳам буданд, ки устухони каллаи одамонро футбол мекарданд. Тахмин меравад, ки ҷойи ҳозираи Кӯлоб батамом аз гӯристон иборат будааст. Охири солҳои бистум, вақте ки сохтмони шаҳри Кӯлоб оғоз мегирад, ҳама мазорҳоро ҳамвор намуда, иморатҳои навъи барак ва дукабата месозанд. Қадимиву таърихӣ будани мавзеъҳои шаҳри

Кӯлобро аз чиноркҳояш муайян кардан душвор набуд. Дар байни кӯчаҳои Ленину Карл Маркс чинорҳое барчо буданд, ки умри сесадсолаву чорсадсола доштанд. Дар кӯчаи Ленин чинори боҳашамате меистод, ки кундаи он дар тӯли асрҳо шӯсида, шакли хонаро гирифта, яхудие он чоро ба устохонаи кӯхнадӯзии хеш табдил дода буд. Гузашта аз ин, сохтмони марказии Амири Ҳамадонӣ худ шоҳиди шаҳри қадимӣ будани Кӯлоб шуда метавонист. Афсӯс ки бисёре аз нуқтаҳои таърихиро ба хотири шаҳри нави Кӯлобро сохтан хароб карда буданд. Шаҳри Кӯлоб як меҳмонхона дошт, ки дар «Стрелка» ё чорраҳаи Кӯлоб чойгир буд. Меҳмонхонаи ҳукуматӣ ҳам дошт, ки пушти кинотеатри «Комсомол» қарор мегирифт. Дар сари ҳар гузар ё маҳаллаи шаҳр мағозае фаъолият менамуд. Аввалин ресторани «Кӯлоб» яккабата буда, он ҳам дар «Стрелка» қарор дошт. Ҳамон солҳо бозори Кӯлоб хеле обод буд. Чойхонаҳояш бо нону кулчаҳои ширину қаймоқӣ ва асалу ширинии тут ба кас ҳаловат мебахшид. Дар самти шимоли шаҳр аз солҳои бист сар карда, қароргоҳи Армияи советӣ мавқеъ дошт. Ҳама ҳайати офитсерон ва аскарҳо аз ҳисоби халқиятҳои ғайриосиёӣ ташкил ёфта буд. Яъне, туркману қирғиз ва қазоқу ӯзбекро дар ин қароргоҳи низомӣ дидан мумкин набуд. Аммо аз халқиятҳои Қафқоз хизмат менамуданд, ки яке аз онҳо бо номи Шаҳназаряни дар командаи яккачини футболи Кӯлоб бозӣ мекард.

Бошандагони шаҳри Кӯлобро тоҷикҳо, ӯзбекҳо, тоторҳо, осетинҳо, яҳудиҳои Бухорову Самарқанд ташкил медоданд. Тотору осетинҳоро солҳои сӣ аз мулкҳошон ба ин диёр бадарға карда буданд. Қавми рус ду-се фоизи аҳолии шаҳрро ташкил медод. Тоторҳо зиёд набуданд. Осетинҳо ба пуррагӣ дар Гузари Зовуд иқомат намуда, бонуҳошон бо дӯхтани шалвору пироҳанҳои хоси худ шӯҳрат доштанд. Мардҳояшон ба касбҳои ронандагӣ, буддозерчигӣ ва баъзе корҳои чисмонӣ машғул мешуданд. Албатта, ӯзбекҳои Кӯлоб аз ҷое наомада, балки қавми муқимии минтақа буданд. Бошандагони тоҷики шаҳр аз ҷумлаи намояндагони ҳама

иҳиятҳои кӯҳӣ буданд. Ҳатто аз минтақаи Вахиё ва Дарвоз ва Ғарм хеле зиёд дар шаҳри Кӯлоб зиндагӣ мекарданд. Метавон гуфт, ки аксари коргарони фабрику заводҳои шаҳрро мардуми Дарвоз ташкил медоданд. Муллоҳояш бештар аз Вахиё омада буданд. Яҳудиён кӯҳнадӯзиву сартарошхона ва дӯконҳои обфурӯшиву яхмосфуруширо ӯҳда мекарданд. Бадахшониҳо – помириҳо чанд оила буданд, ки дар Институти педагогӣ ва дигар муассисаҳои шаҳр ифои вазифа менамуданд. Ванҷиҳо низ ҳамчунин.

Шаҳрро котиби якуми партия – Абдулин Загит Михайлович ва Исполкомро – Бобохонов Қиниш идора менамуданд. Абдулин аз қавми тотор буда, Қиниш Бобохонов ба фарҳангиёни Балҷувон маҳсуб гардида, бо қиблагоҳи ман чанд соле якҷоя касби муаллимӣ доштааст. Дар ҳама вазифаҳои аввалдарачаи шаҳр намояндагони минтақаи шимол кор мекарданд. Маҳаллиҳо дар вазифаҳои дуюмдарачаву сеюмдарача ифои вазифа менамуданд. Ногуфта намонад, ки аксари муаллимони мактабҳои ҳамагонӣ аз шимоли ҷумҳурӣ ва Бухорову Самарқанд буданд. Шаҳр як мактаби русӣ ба номи Чкалов дошт ва рақамаш як буд.

СОЛИ АВВАЛИ ТАҲСИЛ ДАР ОМӮЗИШГОҲИ ПЕДАГОГӢ

Рӯзҳои омодагӣ ба имтиҳоноти қабул ба поён расид. Якуми августи соли панҷоҳу шашум имтиҳони нахустро, ки аз забон ва адабиёти тоҷик буд, бо баҳои «хуб» супоридам. Имтиҳонҳои баъдӣ аз фанҳои математика, таърих ва забони русӣ буданд. Тарзи сурат гирифтани имтиҳони таъриху математика чандон дар хотирам намондааст, аммо диктантнависам аз забони русӣ равшан дар ёдам мондааст. Ин имтиҳон, ки охирин маҳсуб мешуд, дар толори варзишӣ, ки дар рӯйи ҳавлии дарунии бинои омӯзишгоҳ қарор дошт, сурат гирифт. Муаллиме ворид шуд, ки рус буду фақат русӣ сӯҳбат мекард. Исмашро Пашков

гуфт. Руси хеле зебочехраи малламуе буд. Сару либосаш ҳам шинам менамуд.Мавзӯи диктантро дар тахта нависонд. Порчае аз ҷанги «Бородино» буд. Бисёр равшану бурро дикта кард. Баъзе калиҳаҳои ноошноро рӯйи тахта нависонд. Дар поён боз як бори дигар матнро бо овози баланд хонд, то ки мо охирин маротиба навиштаамонро бисанҷем. Сипас диктантҳоро ҷамъ карду баромада рафт. Рӯзи дигараш натиҷаи имтиҳонро дар тахтаи эълонҳо овехтанд ва ҳам номҳои довталабоне, ки ба омӯзишгоҳ қабул шуда буданд. Исми ман аз рӯйи алифбо дар сари рӯйхат омада буд. Баъд аз номи худро дидан дигар хондани рӯйхатро лозим надониста, бо сари баланд, роҳи хонаи холаи Рӯзигулро пеш гирифтам, ки дар хиёбони Ленин қарор дошт. Бо шунидани ин хабар холаам хушӣ изҳор намуд. Язнаам Ҳусейн Ғафуров низ шод шуд. Мефаҳмидам, ки дар дохилшавии ман саҳми холаам, ки депутати Шӯрои Олии Тоҷикистон буд, калон аст. Худи ӯ низ ҳамин омӯзишгоҳро хатм карда буд. Рӯзигул ва бародаронаш дар Балҷувон аз падару модар ятим мондаанд. Онҳоро ба ятимхона медиҳанд. Даврони ҷанг духтарони ятимхонаро ба қисматҳои ҷумҳурӣ тақсим мекунанд. Рӯзигул ба омӯзишгоҳи Кӯлоб фиристонда мешавад. Он солҳо навакак аз Марҳами Конибодом ҷавоне бо номи Ҳусейн Ғафуров омада, дар омӯзишгоҳ аз фанҳои математика ва физика дарс мегуфтааст. Тақдир чунин мешавад, ки ӯ Рӯзигулро, ки духтараки камгапу хандонрӯе будааст, маъқул дониста, ҳарду издивоҷ мебанданд. Шавҳараш бисёр инсони хушмуомила ва муаддаб буд. Шогирдони омӯзишгоҳияш хеле эҳтиромаш мекарданд. Зеро рӯзе сарвари омӯзишгоҳ Неъматов Нусратулло вақти аз консултатсияи таърих баромаданам, маро нигоҳ дошту пурсид: «Рост аст, ки ту чияни депутат Рӯзигул Солеҳова ҳастӣ?». Ман ноилоҷ тасдиқ намудам, ки «оре». Ин пурсиш худ чунин маънӣ дошт, ки холаам ишора карда будааст. Шояд дар ин амали савоб язнаам ҳам даст дошт. Хулоса, донишҷӯйи омӯзишгоҳи педагогӣ шудам. То дарсҳо як ҳафта вақт

доштем, аммо сарвари омӯзишгоҳ касеро намегузошт, ки ба хонаашон равад баъд биёяд. Вазифаи мо синфхонаҳоро ба низом даровардан, рӯйи ҳавлиро обпошӣ намудан ва анҷом додани баъзе корҳои майда-чуйдае буд, ки чандон зарурат надоштанд. Рӯзе назди чойхона ҷамъ шудем. Неъматов ба бачае сатилро доду фармуд, ки назди чойхонаро об пошад. Исми он донишҷӯ Мадаминов буд. Ӯ сатилро пури об намуда пош дод, ки як ҷоро ҳавз карду чанги хокро ба осмон хезонд. Ҳамон лаҳза сарвар гӯё фармони рақами якашро баровардаӣ шуда, ӯро рост мононд ва гуфт: «Ту обпоширо намедонӣ, чӣ навъ дар омӯзишгоҳи ман мехонӣ. Ту искулучит шудӣ». Он бача, ки нисбат ба мо калонтар буд, «Э, чихели мешава?»,- гуфту табас-сумкунон сафи моро тарк гуфт. Албатта, фармони сарвар чиддӣ набуд, зеро он бача бародари ронандаи исполком Қиниш Бобохонов буд. Фақат ду-се рӯз то дарс мондан ҷавобамон доданд. Хонобод рафтам. Падару модар хурсанд буданд, ки фарзандашон донишҷӯ шудааст. Он ду-се рӯз охирин рӯзҳои ҳаёти ман дар деҳаи Хонобод буд.

Якуми сентябр ба синфхонаҳо даромадем. Дар гурӯҳ сӣ кас менишастанд. Ҳамаашон бо сари баланд ба муаллим нигоҳ мекарданд. Аввалин муаллиме, ки моро соати аввал масруф сохт, Турсунов ном дошта, аз забон ва адабиёт дарс мегуфт. Табиист, ки дарси аввал ҷанбаи насиҳатгӯиву тарбиявӣ дорад. Тақрибан ҳафтаи аввал ба ҳамаи муаллимонам шинос шудам: Неъматов Н. – сарвари омӯзишгоҳ, Каримов Ҳасан – муовини сарвар оид ба таълим, Ирфон – муаллими математика, Пашков – муаллими варзиш, Муллоҷонов – муаллими химия ва дигарон... Муаллимаи русиамон Кабина Мария Василевна роҳбарии гурӯҳро низ ба ӯхда дошт. Албатта, сатҳи дарсгӯии муаллимон нисбат ба мактаби Хонобод баланд буд. Муаллимонамон шахсоне маҳсуб мешуданд, ки институтҳои педагогии Хуҷанд ва Сталинобод, институтҳои дусолаи муаллимтайёркунӣ, донишкадаҳои Самарқанд (Каримовҳо), Бухоро(Н. Неъматов) хатм карда буданд. Табиист, ки он айём Кӯлоб кадрҳои педагогии

худро кам дошт. Акнун баъзе чавонони ин шаҳр дар Сталинобод ва дигар шаҳрҳо меҳонанд.

Дар тӯли як моҳи таҳсил бо бачаҳову духтарони синфи ошной пайдо намудам. Инҳо: Абдукибор Гадоев, Файзали Ҳомидов, Азиз Ҳафизов, Ҳасан Валиев, Ҳасан Ватанов, Эмом Қурбонов, Насим Муқимов, Бикамоҳ Мӯъминова, Ганҷимоҳ, Точигул Муҳиддинова, Моҳтобби Рустамова ва дигарон буданд. Абдукибору Файзали аз Фарҳор, Ҳасан Валиев аз Кадучӣ, Ҳасан Ватанов аз Восеъ, Азиз аз шаҳр, Эмом аз Мӯъминобод, Насим аз шаҳр, Бикамоҳ аз Ховалинг, Ганҷимоҳ аз Шаталов, Точигул аз Қурбоншаҳид мешуданд.

Ҳоло як моҳи таҳсил тамом нашуда буд, ки омӯзишгоҳро ба пахтачиний даъват карданд. Ба ин муносибат як рӯз вақт додаид, то ки сару либоси пахтачиниро омода намоем. Ногуфта намоиад, ки омӯзишгоҳ ба хобгоҳ таъминамоӣ карда буд ва ҳамарӯза се маротиба хӯроки гарм медод. Хобгоҳамон аз он тарафи кӯча дар рӯ ба рӯи бинои таълимӣ қарор дошт. Шароитамон олӣ буд. Ба мо фаҳмоиданд, ки аз хобгоҳ матрасу болишту кӯрпаҳоямонро мегирем. Фақат баъзе либосҳои дуюмдарача ва гарм монанди ботинкаву мӯза, чома гирифтан лозим мешавад. Ҳамчунин косаи хӯрокхӯрӣ, қошуқ, стакан ҳам бо худ доштан ҳатмӣ буд. Ба ин хотир, ман ҳам роҳи хонаи падариро чониби Хонобод пеш гирифтам. Ба истиқболи назди Ҳазрати Амирҷон баромадам, он ҷо ки мошинҳо ба самти Даҳанаву Ховалинг ва Мӯъминобод гоҳ-гоҳе ҳаракат мекарданд. Чанд соат интизорӣ кашида будем, ки мошини боркаше пайдо гардид. Ба мошини мусофирон ҳуҷум оварданд. Нопурсида ҳама ба он ҷаспидаид, ки роиаида сарашро аз кабина бароварда гуфт: «Ҳар кас ки Даҳана меравад, марҳамат». Ман ба зудӣ ба болои мошин баромадам. Болои мошин аз мусофирон пур шуд; ҳама ба якдигар чафс шуда рост меистоданд. Он вақт мошинҳои боркаши «газик» дар фаъолият буданд, ки дар филмҳои ҷангӣ онҳоро дида будам. Мошин аз рӯйи дах-поиздах километр дар соате ҳаракат менамуд.

панч ё шаш ба Даҳана расидам. Сипас ҳашт километр то Хонобод пиёда рафтам. Соат ҳафти бегоҳ шуд, ки ба деҳаи Хонобод расидам. Хушҳол будам, ки баъд аз як моҳ боз падару модар ва бародаронамро мебинам. Бо ин андешаҳо ба ҳавлӣ дохил шудам, вале он ҷо касе набуд. Рӯйи ҳавлӣ на сатил буду на деги ширпазии модар. Оғилҳо ҳам холӣ намуд. Хари ҳангии Холназар ҳам ба назар нарасиду аспи тозии падар ҳам. Дарвозаи хонаҳо ба пушт боз будаид. Ҳайрон мондам, ки ба оила чӣ воқеа рӯй додааст, ки нишоне аз зиндагӣ ба мушоҳида намерасад. Ба кӯча баромадам ва аз байни қишлоқ гузашта то хонаи муаллимам Саид Гурезов рафтам, ки модараш рӯйи ҳавлӣ будааст. Маро дидан замон савол кард, ки чӣ магар намедонистӣ, ки шумо аз ин ҷо кӯчидед. Ман гуфтам: «Не, аз кучо. Омадам, ки либосҳои пахтачиниамро гирам, дар хона ҳеч кас нест. Сӯҳбати рӯйи ҳавлиро муаллимам шунида аз хона берун баромада, салому алейк карду баъд гуфт: «Худойназар! Ту аз муноқишаи падарат бо Фозил Салимов огоҳӣ доштӣ. Идораҳои болоӣ ба ин хулоса омаданд, ки ҳам падарату ҳам сарвари мактабро аз итоати маорифи Кӯлоб ба итоати маорифи ноҳияи Восеъ диҳад. Ба назарам падарат ба мактаби Тосқалъаи хоҷагии Миралӣ Махмадалӣ рафтаасту Фозил Салимов назди хешовандони завчааш ба ангурбоғи Восеъ...». Як ноумедие фароям гирифту чӣ кор карданамро надониста ҳайрон мондам. Модари муаллим бисёр хоҳиш намуд, то ки шабро дар хонаи онҳо гузаронда, пагоҳӣ равам. Аммо розӣ нашудам. «Не мома», гуфтам. Ба Кӯлоб бармегардам. Муаллимам ҷанг кард, ки «ту чиҳо мегӯӣ. Шаб торик шудааст. Дар ин шабӣ кучо меравӣ. То Даҳана медонӣ чӣ қадар роҳ ҳаст?». Пофишории модару писар бефоида буд, зеро ман аллакай дар дил аҳд карда будам, ки шабро дар Даҳана рӯз мекунам. Муаллим то сари роҳи калон гуселам намуд...

Роҳи хокаи ҳашткилометраро дар як соат тай карда, худро ба хонаи тағоии Наврӯз расондам. Соат даҳи шаб шуда буд. Тағом маро дида дар тааччуб монд, ки дар ин нимашаб аз

кучо пайдо шудам. У аз он тарс дошт, ки ба хонавода ягон ходисае рӯй додааст. «Ха, Худойназар тинчӣ аст. Очат хуб аст. Дар ин шабӣ аз кучо омадӣ?»,- гӯён чанд саволро рӯиҳам кард. Дар чавоб ходисаи шударо накл намудам. Сипас, «Охи, хамин отат тинч шинад намешавад. Ҷӣ лозим буд навис-навис.. Ана акнун боз сарсону саргардон, боз хона сохтан лозим»,- гуфт. Бо андешахоям шабро дар хонаи тағойии Наврӯз гузаронда, пагохӣ ба рох баромада, мошинро ёфтаму ба Кӯлоб омадам. Холаам ҳам изҳори ташвиш кард. «Хай, ҳеҷ гап не, аз ҳамин хона ягон сару либоси пахтачинӣ пайдо мешудагист»,- гуфта бо назари маънидоре ба шавҳараш нигарист. Язнаам дархол сӯйи саройшон рафт, то ки ягон пойпушии кӯҳнаву шалвору пироҳане бароям пайдо кунад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Ӯ сару либосҳои худро бароям омода сохт. Онҳоро печондаму ба хобгоҳамон рафтам. Ҳамдарсонам ҳам омодагии сафари пахта доштанд.

Пагохии дигар ҳар кадом бо анҷоми хобу пахтачинӣ назди хобгоҳ чамъ омадем. Ду чавоне, ки ҳар сари вакт ба мо амрхо медоданд, якеаш раиси профсоюзи донишҷӯён буду дигаре сарвари чавонони омӯзишгоҳ. Онҳо дар курси сеюм тахсил мекардаанд. Исми якеаш Сайвалӣ Рахмонов ва дигараш Барот Латифов буд. Ҳардуяшон бештар назди духтархои мо рафта, онҳоро тасалло медоданд, ки ҳеҷ гап не, пахтачинӣ маъракаи хубест, якдигарро мешиносед, меҳнатдӯст мешавед. Духтархои мо шармгинона зери чашм ба он ду менигаристанд. Ҳамин вакт буд, ки сарвари омӯзишгоҳ, ки марди сиёҳчехраву чок буд ва шиками баромада дошт, пайдо шуд. Ӯ бо чашмони калон-калони бозаш моро аз назар мегузаронид. Чашмҳояш кариб буд, ки моро мешикофт. Рӯяш доғҳои чечак дошт. Дар назарам хеле бадвохима намуд. Сардори гурӯҳи мо Сайвалӣ Сафаровро наздаш хонд ва аз омодагиҳо савол кард. Сарвар ҳарчи, ки метавонист, худашро бо хайбаташ ба донишҷӯёни соли аввал ошно месохт. Донишҷӯёни солҳои дуюму сеюм, ки ин ҳолатро аз сар гузаронда будаид, бо табассумҳои пинҳонӣ, лахзаи сӯҳбати Неъматовро бо мо мушохида

менамуданд. Сарвар таъкид мекард: «Шумоҳо ҳоло донишҷӯ нашудаед. Маъракаи пахтачинӣ маълум мекунад, ки кадоме аз шуморо қабул намоем». Ман бо сари андаке хам сарварро гӯш медодам. Ӯ гоҳ-гоҳе сӯйи ман менигариста табассум мекард. Ба гумонам гуфтанӣ буд, ки «дидӣ, ман чӣ хел сарвар. Ба холаат гӯй, ки ман одами қадррас ҳастам». Ҳасан Ватанов ном донишҷӯямон, ки як кулоҳи долондори монанд ба кулоҳи Радж Капур дар сар дошт, ин тарафу он тараф меҷунбид ва худро намоиш доданӣ мешуд. Сарвар ба ғайр аз худ намехост, ки каси дигаре боиси таваҷҷӯҳи моён шавад. Аз ин рӯ, рафтори Ҳасанро напазируфт ва танбеҳаш дод: «Ҳа, артист. Чӣ вақти гапзании ман ин сӯву он сӯ меҷунбӣ. Он бинии пуҷуқи ту ба кӣ даркор. Кулоҳаша бинед. Ин педичулиши Неъматов аст. Ин чо ҳар хасу хошок хонданаш мумкин нест. Дар педучилиш назму низоми ҳарбӣ чорӣ аст. Канӣ Пашков?»- гуфту ба ҳар тараф парешонҳолона назар дӯхт. Пашков аз куҷое пайдо шуду «ана ман, ин чо, рафиқ Неъматов»,- гӯён даст ба чакаи сар бурд. Ба Пашков, ки муаллими варзишу ҳарбиамон буд, фармон дод, ки донишҷӯёнро мисли аскарҳо қатор кунад. Сарвар чониби духтарҳо як назар андӯхту тасмаи шалворашро росткунон тарафи синфҳои болоӣ рафт. Он чо ҳам хеле садо баланд кард. Мошинҳои боркаш ҳам аз ноҳияи Восеъ қатор шуданд. Саворшавӣ оғоз ёфт. Ба ҳар мошин 20-25 нафарӣ бор карданд. Духтарҳоро ба мошини алоҳида шинонданд. Ҳамон рӯз кӯчаи Карл Маркс пур аз мошинҳои хочагиҳои минтақа шуд. Донишҷӯёни Институти педагогӣ, Омӯзишгоҳи тиббӣ ҳам ба мошинҳо мечаспиданд. Ҳар хоҷагиву ноҳия донишҷӯёнашонро чудо мекарданд. Сарвари омӯзишгоҳи мо дар кӯчаи сангфарши Карл Маркс болову поён мерафт ва кӯшиш мекард, ки дар сари корвони мошинҳо маҳз «педучилиш»-и Ӯ қарор бигирад. Абдулину Бобохонову дигар роҳбарони ноҳияҳо чое чамъ омада, фақат гӯшҳо ба даҳони Абдулин мезаданд, ки бо дастпарониҳо боиси таваҷҷӯҳи ҳамагон мегардид. Гӯё он рӯз дар Кӯлоб ҳеч кори дигаре сурат намегирифт. Баъд аз як соат шаҳр аз

донишчӯён холӣ шуд. Корвони мошинҳо аз шаҳр берун шуда, ба шоҳроҳи Кӯлоб– Арал ва баъд Фархору нохияи Москва ворид гардид. Корвони омӯзишгоҳи педагогӣ маркази нохияи Аралро гузашта, ба дасти рост ҳаракат намуд. Баъди тай намудани ду-се километр ба дасти чап гашта, ба аввалин деҳаи хоҷагии «Коммунизм» ворид гардид. Мошинҳоро назди мактаби деҳа қарор доданд. Барои гурӯҳи мо ду синфхона ҷудо шуд. Ману Абдукибор, Файзалӣ, Азиз, Эмом, Салим ва ду-се каси дигар хонаеро интихоб намудем. Деҳа пур аз донишчӯ шуд. Бачаҳои қишлоқ моро аз дур тамошо мекарданд. Духтарҳоро ба хонаи кадом бригадире ҷо ба ҷо намуданд. Роҳбари гурӯҳи мо Турсунов Т. муқаррар гардид. Азбаски рӯз дар пеш буд, моро баъди чошт ба майдони пахта сафарбар карданд. Пахтазор ба деҳа часпидагӣ буд. Ҳоло на ҳама халта – фартук доштанд. Барои ду-се кас як фартук доданд.

Пагоҳии дигар субҳи содиқ муаллим Турсунов ҳамагонро бедор кард. Як пиёлаӣ чой гирифтему фартукҳо сари гардан майдони пахтаеро ба масофаи 100-200 метр дар ихтиёр қарор додем. Мо бо донишчӯёни соли дуюм дар як майдон ба пахтачинӣ оғоз намудем. Байни ҷӯяки пахта қарор гирифта, ба андеша дода шудам. Дар фикри он будам, ки чӣ навъ шавад, ки аз муаллим ҷавоб гираму ба деҳаи Тосқалъа равам. То ҳол намедонистам, ки он деҳа ва хоҷагии Миралӣ Маҳмадалӣ дар кадом самт қарор дорад. Рӯзе вақти чошт, баъди шӯрбои макарониро хӯрдан аз бригадир пурсидам, ки Тосқалъа дар куҷост? Ӯ бидуни мулоҳизае гуфт: «Э, бачаи содае. Ҳо, ана ҳамон деҳае, ки дар он тарафи дарёи Сурхоб чой гирифтааст, Тосқалъа мебошад. Он марбути хоҷагии овозадори Ленин аст». Дастро ба пешонӣ пешдолон намудаму ба он сӯ нигоҳ кардам. Агар аз он майдони пахтаи мо кас миёнабур карда дарёро мегузашт, деҳаи Тосқалъа дур воқеъ набуд. Вале чӣ тавр ҷавоб пурсидан бароям мавзӯи мураккабе маҳсуб мешуд. Даҳ рӯзи пахтачинӣ паси сар шуду бегоҳие ҷуръат намуда, ба муаллими роҳбарамон Турсунов мавзӯъро арз доштам. Эшон инсони бамулоҳизае

буда, ба қадри донишҷӯ мерасиданд. Баъди шунидани қиссаи хоноводаву падар ва махсусан бо донистани ин ки ман чияни Рӯзигул Солеҳова ҳастам, Турсунов чанде ба андеша рафту барои ду рӯз рухсатам дод. Пагоҳӣ ҳамдарсон ҷониби пахтазор шитофтанду ман тарафи маркази ноҳия ҳаракат намудам. Дар «вокзал»-и ноҳия аз чанд мусофир савол кардам, ки чӣ навъ худро ба деҳаи Тоскалъа расонам. Маълум шуд, ки он ҷо пункти пахта будааст мошинҳо барои овардани пахта ба заводи Кӯлоб аз ин роҳ зуд-зуд мегузаранд. Ҳамин тавр мошини боркашеро нигоҳ доштам. Ронанда ба хушӣ дар паҳлуяш ҷоям доду пурсид, ки бачаи кӣ мешавам. Ман бо ифтихор гуфтам, ки писари Асо Содиқ мешавам. Ронанда хеле фикр карду баъд гуфт, ки дар Тоскалъа бо ин ном муаллиме кор намекунад. «Амак», - гуфтам ба ронанда. «Падари ман як моҳ шуд, ки аз Хонобод ба он ҷо кӯчидааст. Аз ин рӯ, ҳоло шумо ӯро намешиносед». «Ҳа, ҳа, ин хел гӯй», гӯён сари мавзӯъҳои дигар сӯҳбаткунон вақти чошт маро ба назди пункти пахта фаровард. Акнун аз мошин фаромада, аз касе пурсиданӣ будам, ки хонаи Асо Содиқ дар кучо бошад, садои модарам ба гӯшам расид, ки «Худойназарчон, Худойназарчон, ана хонаи мо. Ба ин тараф биё, ман пушти девор ҳастам». Тарафи садо нигаристам, ки сари модар бо докаи сафедаш аз пушти девор намоён буд. Бечора модар ҳар рӯз соатҳо пушти девори ҳавлӣ, ки сари роҳ буд, қарор гирифта роҳи бачааш – Худойназарро мепойидааст. Модар даст мегардонду худ пушт-пушти девор ҷониби дарвозаи ҳавлӣ медавид. Ман ҳам садои модарро таъқибкунон назди дарвоза расидам. Модар чунон хурсанд буд, ки гӯё дахсолаҳо бачаашро надидааст. Маро ба оғуш гирифту узр хост, ки хабар карда натавонистаанд, ки ба ин ҷо кӯч бастаанд. Модар маро болои кат шинонду қиссаи кучбандиамонро идома дод. «Бисёр таъчилӣ кӯч бастем», - метуфт модар. «Отата бо Фозил Салим аз он ҷо мисле ки пеш кардаанд. Отат хак буд, Фозил Салимро маглуб кард, аммо ӯ, ки одаиҳояш дар идораҳои болой кор мекарданд, хостанд, ки

ҳардуяшонро ҷазо диҳанд. Аз ин ҷост, ки отат ҳамин мактабро интихоб карду баъди як ҳафтаи оғози дарсҳо ба ин ҷо кӯч бастем. Бишин бачам, холи хозир отат аз мактаб меояду боз худаш равшантар мавзӯъро мефаҳмонад»,- гӯён чониби хона рафта дастархон орост. Дар оташдон чойчӯш монд ва боз наздам нишасту сару рӯямро навозиш кардан гирифт. Додарчахоям бо хохарчаам гирдамро печонда буданду тамошоям мекарданд. Холназарро надидам. Ӯ дар мактаби даҳсолаи Арал мехондааст, ки дар масофаи панҷ километр дуртар аз Тоскалъа қарор доштааст. Баъди дарс дар хочагӣ кор мекардааст. Ман ҳам чӣ навъ ба Хонобод рафтанаму хонаро холӣ диданамро барои модар нақл намудам. «Хайрият,- гуфтам,- Саид Гурезов ба мактаби Тоскалъа роҳхат гирифтани падарро медонистааст, вагарна саргардон мешудам, то ки сурогаатонро пайдо намоям». Модар хеле афсӯсхӯрӣ кард ва падарро то ҷое гунаҳгор шуморид, ки «қарор намешина, нобудашон, охи кӣ чӣ хел дарс мета. Мехоҳа, ки ҳама мисли ӯ дарс бтан. Навишт-навишт, худша бечо кадан...»,- давом медод сӯҳбаташро модар. Бақ-бақи чӯши чойнак ӯро аз шикоят карданхош боздошт. Падарам ҳам аз мактаб омад. Оғӯшам карду сарамро дастмол намуд. Сӯҳбати мо соате давом дошт, ки падар ба басти дувуми дарсаш боз мактаб рафт. Модарам ҳар чӣ ки аз шириниву мағзу чағз барои ман пинхон карда буд, болои дастархон гузошт. Ин холат худро мисли шох эҳсос менамудам.

Ҳавлии мо дар байни деха буда, замини кишти пиёзу картошка дошт. Рӯйи ҳавлӣ тути бузурге мавҷуд буда, зери он кати чӯбии падар, ки ба ҳама чо, ки мекӯчид аввал онро ҷамъ намуда ба харҳо бор мекард, гузошта шуда буд. Он тарафтар суфаи гилӣ воқеъ буд. Таҳӯри ноннозӣ ҳам бар чой буд. Иморати зист аз ду хона- яке калону дигаре хӯрд иборат буд. Яъне падарро ба хонаи обод чо ба чо карда буданд. Ду рӯз меҳмони хонаи падарӣ шуда, вакти муайянгардида худро ба гурӯҳамон пайвастам. Ҳамдарсонамро бо кулчахои ширии модар ва гӯшти бирён

меҳмондорӣ намудам. Хушҳол будам, ки хонаи нави падарро дида тавонистам. Падару модар ҳам ором шуданд, ки фарзанди донишҷӯяшонро диданд. Рӯзҳои дигар пахтачиниам босамар сурат гирифт. Таҷрибаи пахтачинӣ, ки аз пахтазорҳои Хонобод дар тӯли се сол бардошта будам, ин ҷо натиҷаи дилхоҳ медод. Кӯшиш бар он доштам, ки зиёдтар пахта бичинаму аз ҳисоби пули бадастомада барои худ сару либос бихарам, зеро ба умеди маоши падар шуданро айб медонистам. Бо 60-80 рубл чӣ тавр метавонист ҳафт касро нон диҳаду пӯшонад. Дар муддати пахтачинӣ як бегоҳии якшанбе падар омаду аз муаллим иҷозат пурсида, маро ба хонаи рафиқи солҳои ҷавониаш Абирови Ӯзбек, ки дар наздики ноҳия иқомат дошт, меҳмонӣ бурд. Рафиқаш иштирокчии ҷанг буда, аз як пой маҳрум шуда будааст. Онҳо аз солҳои дар Момайӣ иқомат доштан бо якдигар дӯст буданд. Зани Ӯ аз тоҷикони Момайӣ буда, хеле бонуи меҳмоннавоз маълумам шуд. Рӯзгорашон ҳам бад набуд. Ба ҳар ҳол падар боис шуд, ки як шаб ҳам бошад, дар шароити хубтар истироҳат кунам.

Маъракаи пахтачинӣ то панҷуми ноябр идома ёфт. Шаҳр рафтему боз ба хобгоҳ ҷо ба ҷо шудем. Дар ҷашни ноябрӣ иштироки донишҷӯён ҳатмӣ буд. Моро дастаҷамъӣ ба ҳаммом бурданд. Пеш аз ҳаммом мӯйи сарро ба тартиб овардем. Дар пеши сар мӯй мондам. Соате ҳам харидам, зеро дар ҷамъомаде сарварамон Неъматов чунин изҳор дошт: «Ҳар донишҷӯи педучилиш бояд соати дастӣ дошта бошад. Мӯйи сар монад ва ба низом либос пӯшад». Мӯйи сар мондаму аммо як гӯшаи дилам меларзид, ки як шарти падарро вайрон кардам. Яъне дар Хонобод қабл аз ин ки маро барои хондан ба Кӯлоб бифиристад, дар ҳузури модар се шартро наздам гузошт: якум – шароб наменӯшам, дуюм – мӯйи сар намемонам ва сеюм сигор намекашам. Ман ҳам ваъда дода будам, ки ҳатман аз гуфтаи падар берун намебароям. Вале ман ба ҳамдарсонам таклид намуда, дар соли аввали донишҷӯӣ як шарти падарро вайрон намудам. Рӯзи ҳафтум пойзанон аз назди роҳбарони шаҳр гузаштаму

баъд ният дидор тоза кардан бо падару модар ва бародарон намудам. Сару либоси нав дар бар, соат дар даст, мӯйи сар равғаку шона задаги ба ҳавлии падар салом гуён даромадам. Падар болои кат менишаст. Нав бо модар оғӯш кушода будам, ки падар аз кат фаромаду «Ҳа, тармарг ваъдаро ичро накардӣ ҳа, аллакай ту саркаш шудӣ ҳа»,- гӯён аз тут як навдаи борикашро бо кордчааш буриду дар почакҳоям шалпидан гирифт, ки модар маро ба оғӯш кашида, зарбаи навдаи тутро ба худ қабул кардан гирифту ҳамзамон ба падар гуфт: «Малим чаро бечорара мезанӣ, охи, Муҳаммадшайғамбар ҳам мӯйи сар дошт-ку!». Ин ҳарфи модар ба падар таъсир карду навдаи тутро ба як тараф партофт. Маро модар навозишкунон ба хона даровард. Баъди чанд лаҳза садои падар баромад: «Худойназар, ин чо бинӣ. Шин. Шартҳои дигарро вайрон накунӣ шуд. Майлаш мӯйи саратро натарош, зебидаст». Сипас наздаш шинонду дакикаҳо насиҳатам хонд. Додарчаҳоям бошанд, ба соати ман чака мешуданд. Ҳайрон монда буданд, ки дар дохили шиша чизе ҳаракат мекунад. Сару либос ва соату мӯйи сарам аз ҳама беш ба модарам маъқул афтода буд. Холиназар аз дидани ман чандон шод набуд. Ҳасад мебурд, рашк дошт. Аз падар малол буд, ки ӯро барои дар шаҳр хондан сафарбар накард. Борҳо ба падар эрод гирифта, чуръат нишон дода мегуфт: «Чӣ ма бачаи угай ҳастм, ки ба чое намебарӣ, дар шаҳр намехононӣ». Падар чиддиёна чавоб медод: «Ту дар шаҳр хонда наметавонӣ. Ба ман хондани ту маълум аст. Аммо Худойназар дигар аст. Саводи ӯ аз бисёре муаллимони мактаби Тоскалъа баланд аст. Ман аз ин бача умедҳои калон дорам. Ту синфи даҳумро тамом кун, баъд мебинам ба ягон мактаб рухсатат медиҳам, то ки маълумоти олӣ гирӣ».

Баъд аз чашни ноябр акнун дарсҳомон ба назму низом даромада, андаке ба донишҳои нав ошно мешудем, ки барфи бисёр шуду пахтаи ношукуфта зери барф монд. Аз ҳамин сабаб моёнро дар толори варзишӣ катор карданд. Сарварамон донишчӯёнро сар то по аз назар гузаронда, сипас амр намуд, ки мӯзадорон ду қадам ба пеш бароянд.

Бадабахтона, ҳамон рӯз мӯза пӯшида дарс рафта будам. Неъматов фармон дод, ки худи ҳозир мӯзадоронро ба саҳрои хоҷагии Жданов мебаранд. Донишҷӯёне, ки он рӯз бемӯза омада буданд, амр гирифтанд, ки пагоҳ соати нӯҳ бо мӯза ва либоси гарм ҳозир шаванд. Дар натича донишҷӯёни солиаввалу дуюму сеюму чорумро дуюмбора барои «то кӯраки охирин чидани пахта» сафарбар карданд. Дар мактаби деҳаи Дӯлиқӯтал чо ба чо шудем. Дар гурӯҳи мо Иззат гуфтани донишҷӯ аз ҳамон деҳа буд. Ӯ баъзе ҳамдарсонашро дар хонаашон чой дод, ки ман ҳам будам. Нисбат ба шароити мактаби деҳ хонаи бригадири хоҷагӣ бехтар буд, албатта. Сардори умумии пахтачинҳо Саймиддин Шамсов ном муаллим, ки аз фанни биология ва химия дарс мегуфту хатмкардаи Институти ба номи Кирови Ленинобод буд, таъин гардид. Ӯ шахси сахтгиру принсипнок ва то чое дағал буд. Тартиби кӯракчинӣ чунин буд: ду донишҷӯи мӯзадор банди арғамчини ғафсро аз ду тараф дошта, ба масофаи сечор чӯяк қарор гирифта, баробар ба пеш ҳаракат мекарданд, то ки барфи буттаҳои пахтаро резонанд. Сипас аз пушти онҳо донишҷӯёни дигар бо дасткашакҳои латтагӣ кӯракро чида ба халтаву фартукҳо меандохтанд. Барои ҳар донишҷӯ норма муқаррар гардида буд, ки 500 кило кӯракро ташкил медод. Трактори телешка бо тарозуву шахси мутасаддӣ кӯракро баркашида мегирифтанду муаллим ба дафтараш ёддошт менамуд. Хеле душвор буд ин тарзи пахтачинӣ. Донишҷӯёни синфҳои болоӣ ба хулосаи дигар омаданд. Чанд нафаре аз онҳо шабона ба анбори кӯрак, ки он чо чандсад тонна чамъ шуда буд, даромада кӯраки чидашударо ба линчаҳо андохта, баъд ба байни замин бурда, чо-чо мерехтанд. Рӯзи дигар онҳо маҳз ҳамон чӯякҳоро интихоб карда, то соати даҳи пагоҳӣ 500 килоӣ кӯрак чида ба хирмани хоҷагӣ мерехтанд. Соатҳои боқимондаи рӯз истироҳат мекарданд. Рӯзе сардори хоҷагӣ мебинад, ки ҳеч не ки кӯрак зиёд чамъ шавад. Аз ин чост, ки сирри синфҳои болоӣ, асосан чорумҳо, фош гардид. Ба ҳамин тартиб, понздаҳ рӯз азоб кашида, маъракаи дуюми пахтачиниро ҳам

ба поён расондем. Боз андаки дигар хондему сессияи зимистонӣ оғоз ёфт. Имтихону санчишхоро супоридем. Як хафта таътил эълон шуд. Табиист, ки ин рӯзхоро дар назди падару модар гузаронидам. Чошти ба хонаи мо чанд тан аз хамкорони падар меҳмон шуданд. Падар маро бо онҳо шинос кард. Муаллимон ба хушӣ маро қабул намуданд, аз барномаҳои таълимӣ саволҳо доданд. Нимсолаи дуюми таҳсил чиддитар сурат гирифт. Хис намудам, ки талабот ин чо сахттар аст.

Маҳз аз нимсолаи дуюми таҳсил ба шиносхти омӯзишгоҳ ва сохтори он мутаваччеҳ гардидам. Омӯзишгоҳ чорсола буд. Он сирф муаллими мактаби ибтидоӣ тайёр менамуд. Соле ду дафъа санчишу имтихонхояш сурат мегирифт. Агар дар мактаби даҳсола дар сол чор чоряк расмият дошта бошад, ин чо ду чоряк буд. Тамоми фанҳое, ки дар мактаби даҳсола тадрис мешаванд, дар омӯзишгоҳ низ онҳоро мехондем, ба ин тафовут, ки баъзе фанҳои хос ба барномаҳои таълимии омӯзишгоҳ, монанди дарсҳои методикаи таълими фанҳои забон, адабиёт, таърих ва дарсҳои хушнависӣ, наччорӣ, таърихи хизби коммунист ва ғайра низ ин чо хонда мешуданд. Дар соли сеюму чоруми таҳсил таҷрибаи омӯзгорӣ сурат мегирифт. Аз ин чост, ки дар омӯзишгоҳ дарси педагогика аз асоситарин фан маҳсуб мегардид. Гузашта аз ин, метавон гуфт, ки дар омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб бехтарин муаллимон кор мекарданд. Баъзехоро аз мактабҳои шаҳр даъват менамуданд. Масалан, Ризоев ном муаллим аз мактаби Ленин барои мо дарси география медод. Бисёр муаллими чиддӣ ва донишманд, аз мардуми шимоли чумхурӣ буд. Географияи иқтисодии советиро хеле олӣ дарс мегуфт. Дар соли аввали таҳсил муаллими математикаамон, ки дар оғоз Ирфон буд, дигар шуд. Намедонам чаро Ирфон рӯзи аввали сентябр дарс гуфту баъд ба кучое рафт. Шунидам, ки ӯ ба Сталинобод рафтааст. Ба ивази эшон чавони зебое бо номи Раҳмонов Шариф дарс дод, ки хеле бо донишчӯён наздик буд. Бо мо волейбол бозӣ мекард, шабҳо дар синфхонаҳо дарс тайёр мекард. Ба ӯ дар рӯйи

ҳавлии омӯзишгоҳ хоначае дода буданд, зеро муҷаррад буд. Мегуфтанд, ки ба қарибӣ мактаби олиро дар Сталинобод хатм намудааст.

Дарсҳои сарвари омӯзишгоҳ – Неъматов, ки таърихи СССР буд, ҷолиб мегузаштанд. Дарси ӯ чандон душворӣ надошт, худамон аз китоб хонда маълумоти даркориро бардошта метавонистем. Аммо тарзи дарсгӯияш хастакунанда набуд, балки тамоми 45 дақиқа мо ба рафторҳои ғайричашмдошти вай назора мекардему даруни дил механдидем. Вай ҳамаи донишҷӯёнро бо «тағоҳошон» мешинохт. Масалан, Абдукибор бародари корманди прокуратура, Валӣ Ҳасан писари бригадири пешқадами хоҷагии «Коммунизм», Ҳасан Ватанов писари қаҳрамонмодар, Насим фарзанди Муқимов, ки дар исполкоми шаҳр кор мекард ва ғайра. Назар ба мушоҳидаи сарвари омӯзишгоҳ дар гурӯҳи мо ягон донишҷӯи бесоҳиб намехонд. Яъне, вақти дарс сари мавзӯи марбута бештар сӯҳбат менамуд ва баъд омӯзишгоҳро дар Кӯлоб ягона муассисаи таълимиву илмӣ мешуморид. Ректори Институтро, ки исмаш Хоҷаев буду шиками бузурге дошт, бисёр бад медид. Вақте ки Хоҷаев аз бинои кӯҳнаи Институт баромада, ба ҷониби бинои нав мерафт, Неъматов тамоми ҷараёни роҳгардии ӯро зери назар қарор дода, ба мо мегуфт: «Бинед, бинед, он шикамбаро. Ана ҳамон ректор аст, вая калаш нест». Мо ҳайрон мемондем, ки ректор ба дарси таърихи СССР чӣ муносибате дошта бошад... Дарсҳои адабиёту забон, математика, география, биология, химия ва физика донишдиҳанда буданд. Соли аввали таҳсил мо як даста донишҷӯёни ташнаи илм бо ҳам муттаҳид шуда, аз рӯйи ҷадвали хосаи худ дарс мехондем. Моҳҳои май ва июни соли панҷоҳу ҳафтум - ҷамъбасти соли аввал- дар чаманзори боғи истироҳатии Сталин гузашт. Абдукибор, Азиз, Ҳасан Валӣ, Эмом ва ман кампалҳоро гирифта таги тана мекардему болои чаманзор то торик шудани рӯз ба имтиҳонҳо тайёрӣ медидем. Агар аз хонаҳомон ёрии пулие мерасид, гоҳе пирошкии гӯштӣ, ки дар боғ мепухтанд,

мехаридем, агар не ба хӯроки омӯзишгоҳ қаноат менамудем. Моҳи июн, ки шабҳояш гарм буд, ҳар кадом ҳоло торик нашуда зери симчӯбҳои кӯчаи Карл Марксро то универмаг банд мекардем. Лампочка дар сари симчӯб набошад ҳам, бо чашмони чавонӣ китоб хондан мумкин буд. Фақат донишчӯе аз соли дуюм, ки номаш Сандаҳмад буд, пешдастӣ карда, симчӯби назди хобгоҳро аввалтар ӯ банд месохт. Он солҳо, ки кӯчаҳои Кӯлоб бемошин буданд, хавфи чоние эҳсос намешуд. Дар мачмӯъ маъракаи тайёрӣ ба имтиҳоноти тобистона, асосан, дар синфхонаҳо мегузашт. То дер бо муаллимони навбатчӣ дарс тайёр мекардем. Ба ғайр аз китобҳои дарсӣ аз китобхонаи омӯзишгоҳ асарҳои бадеӣ гирифта, дар мӯҳлати муайян хонда, бармегардондем. Ба ҳамин минвол, соли аввали таҳсилро бомуваффақият чамъбаст намудам. Ин соле буд, ки ба муҳити шаҳр ва донишандӯзӣ худро мутобиқ сохтам. Баъзе сирру асрори дарсомӯзиро ёд гирифтам ва ба моҳияти хондан сарфаҳм рафтам.

ТОСҚАЛЪА

Дуруст аст, ки дар тӯли як соли таҳсил дар Омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб чанд маротиба ба хонаи падарӣ рафтам. Аммо он аёдатҳо аз ду-се рӯз зиёд идома намеёфт ва аз ин рӯ чӣ навъ деҳа будани Тосқалъаро намедонистам. Акнун, ки таътили тобистона огоз ёфт, чанд китоби бадене аз китобхонаи омӯзишгоҳ гирифтаму ба Тосқалъа рафтам.

Тақрибан ду моҳ он ҷо мондам. Вақтамро бештар дар хона бо китобхонӣ мегузарондам. Дар ин деҳ худамро тамоман бегона медидам. Касеро на аз чавонҳо ва на аз калонсолон намешинохтам. Баъзе мӯйсафедону ҳамсоязанҳо, ки ба хонаи мо меомаданду маро болои китоб медиданд, аз модарам савол мекарданд, ки ин бача кист. Модар шӯхӣ карда мегуфт: «Ин бачаи малим аз зани аввалааш аст». Модари ман ба он дарача чавон менамуд, ки ҳамсояҳо бовар намекарданд, ки Холназар ҳам писари

ўст. Аз ин чост, ки модар маро ҳам писари ўгай эълон кард, то ки чашми бад ба хонадон нарасад. Дар ҳамин замина аз модар савол кардам, ки чаро ў маро аз зани аввалаш падар эълон кард. Модар хандиду гуфт: «Охи, гўям ҳам бовар намекунанд. Барои ҳамин Холиназарро ўгай гуфтам. Туро-ку надида буданд, ба саволи онҳо чӣ чавоб додан мумкин аст?» Воқеан, вақте ки падар аз Хонобод ба Тоскалъа кўчид, бошандагони деҳа маро надида буданд. Аз ин рў, барои ҳамсояҳо ман аз меҳмон беш набудам.

Тоскалъа деҳаи охирини хочагии Миралӣ Маҳмадалӣ буд. Он дар сарҳади ноҳияи Қизилмазор – Совет карор дошт. Дарёи Сурхоб, ки саргаҳаш дар Сари Хосору Балҷувон мебошад, аз самти рости Тоскалъа гузашта, дар Гулистон ба рўди Ёхсу, ки аз тарафи Сангигўру Хонободу Пўшёни Болову Пойин, Ноҷемас, Кафтархона ва маркази ноҳияи Восеъ меомад, якчо шуда, сипас аз самти рости деҳаи Сомончии хочагии «Чилсолагӣ»-и Фархор гузашта ба дарёи Панҷ якчоя мегардид. Намедонам, ки Сурхобу Ёхсу, ки як дарё мешавад, чӣ ном мегирад. Шояд Сурхоб, зеро дар поёни ноҳияи Фархор хочагие, ки шолишарвар аст, номи «Сурхоб»-ро дорад. Воқеан, ин рўдро барои сурхоба буданаш, Сурхоб номидаанд.

Тавре ки дида шуд, Тоскалъа аз оби Сурхоб истифода менамуд. Чашмаи табиӣ надошт, агар обҳои тагшинии Сурхобро сарфи назар кунем. Тоскалъа деҳаи калонеро мемонд. Бошандагонаш аз Сари Хосор, Балҷувон ва Кули Сафёни мебошанд, ки дар баландии Балҷувон карор дошта, аз Шар-шари шохроҳи Кўлоб – Сталинобод намудор аст. Ин деҳа ба ҳеч сурат мавқеи фарҳангии гузашта надошт. Дар оғоз пойгоҳи деҳа дар баландӣ, ки ҳоло заминаш кишти гандуму чав аст, қарор доштааст. Шояд он даврон молдорони ўзбек дар ҳамон баландӣ рўз мегузаронидаанд. Калъа маънии баландиро хам медиҳад. Аз ин рў, деҳахое, ки бо номи калъа пайвастагӣ пайдо кардаанд, чунон нест, ки он ба калъа иртибот дорад. Ба ин маънӣ мардум, ки солҳои сӣ ва баъди чанг ба тахдашт кўч бастанд, майдони

обрави Сурхобро ба хотири кишт ба деха табдил додаанд. Тоскалъа дехест, ки таърихи сӣ-чил сола дорад, на бештар. Тоскалъа дорои мактаби ҳаштсола, нуқтаи қабули шаҳа ва магозае буду бас. Мардумаш, асосан ба пахтакорӣ машғул буд. Заминҳои кишти ғалладонааш дар баландиҳо ба самти Чорубқул карор доштанд. Ғуристони Тоскалъа дар дашти болои деха буд. Дар ин деха аз қавми ӯзбек кам набуд. Ҳатто сарвари мактабаш ва яке аз бригадиронаш ба ҳамин қавм иртибот мегирифт.

Дар таътили тобистона ба ғайр аз мутолиаи китобҳои бадеӣ машғулияти дигарам моҳигирӣ буд, ки рӯзе ду маротиба сурат мегирифт. Дар поёни қишлоқ байни пахтазор чапкандӣ - ҷойи истироҳати пахтакорон қарор дошт, ки аз назди он ҷӯйбори калоне ҷорӣ мешуд. Ҷумъахон аз пагоҳӣ кирми замин пайдо мекард. Якчоя бо ӯ чапканда мерафтем. Ман кирмро ба иҷли чангак андохта, ба об мепартофтам. Ин амал соатҳо идома меёфт. Се-чор моҳии саргумкарда ба чангакам дармемонд. Ҷумъахон чое ишшаста тамошо менамуд. Чошт хона рафта, ғизо мехӯрдам, каме дароз мекашидам ва соатҳои панҷи бегоҳӣ боз Ҷумъахон қуттии кирмҳои қандаашро мегирифту якчоя ба он ҷойи мукаррарӣ мерафтем. Он ҷо об аз баландӣ ба поён фаромада, шаршараро ташкил медод. Ҳам аз тарафи субҳ ва ҳам аз қисми бегоҳ моҳиҳо аз поён ба боло парида мехостанд, ки худро аз хавзи обе, ки чандон ҳаракати шиддатнок надорад халос намуда, ба мукобили чараёни оби ҷӯй худро қарор дода, ба ин восита ба рӯди Сурхоб бипайванданд. Парак-параки моҳиҳо тамошои ачибу дилкаше дошт. Баъзе бачахо майкаҳошонро сари ҷӯбе баста ба шаршара медоштанд, ки дар натича чанд моҳии гаранг ба тури онҳо дармемонд. Баъд майкаро мекашиданду ҳамакаса аз пайи бо даст доштани моҳии ба турафтода мешуданд. Аммо барои ман бо чангак бештар халоват мебахшид. Вакте ки моҳӣ ба чангак дармемонаду онро аз об беруи мекашед, лаҳзаи аз об рақскунон баромадани ширмоҳӣ кайфияти хосае мебахшид. Баъзе рӯзҳои дигар ба масофаи ду-се километр ба самти

Чайрали рафта, аз рӯи Сурхоб моҳӣ мегирифтам. Ин рӯзҳо низ Чумъахон бо ман ҳамроҳӣ менамуд. Хислати хуби ӯ он буд, ки вақти моҳигирии ман саволе намедод ва боиси тарсондани моҳиҳо намегардид.

Дар ҳамин таътил бо як чавони ба худ ҳамсол ошно шудам, ки худро аз авлоди Мирзошоев Султон медонист. Ӯ гоҳ-гоҳ ба назди ман меомад ва ҳам маро ба хонаашон даъват мекард. Вақтҳое, ки ба хонаи вай мерафтам, ҳамеша ба чашмам духтараки баландқомату гандумгун ва зебошайкаре мехӯрд, ки бо нигоҳҳои дуздонааш маро ба худ мафтун месохт. Аз ин ҷост, ки ҳар дафъа, ки он дӯст каро хонашон бурданӣ мешуд, ман шарм аз он доштам, ки он духтарак чӣ фикр хоҳад кард. Як маротиба ҷуръат намуда пурсидам, ки он духтараки шармгин кист? Он дӯст чавоб дод, ки «хоҳарам мешавад». Метавон гуфт, ки он таътил ба хотири чанд маротиба чашм ба чашм хӯрданам ба он духтарак халоватбахш гузашт. Чӣ шуд, ки дигар он духтарро надидам. Шояд он дуздона чашм ба чашм заданҳои мо аз нахустин ошкоршавии нишонаҳои ишқи чавонӣ буд. Он нишонаҳоро хеле лаззатбахш медидам ва гоҳе ҳангоми хутолиаи «Духтари капитан»-и А.С.Пушкин он нигоҳҳои дуздонаву маъюндор ба сарам мезаду саҳифаҳоро варақгардон мекардаму чизе ба магзам намедаромад. Оре, он нигоҳҳо вақти дар мизи дарсӣ нишастанам ҳушу хаёлямро мебурданд ва лаҳзае худро болои кати чӯбии он чавон, ки зери чойлоби ангур қарор дошт, медидам. Бале, чӣ шуд, ки дигар он нигоҳҳоро надидам, балки он чашмони зебои фатон насиби чавони дигаре гардид. Гоҳе, ки он дӯстро медидам, шарм медоштам, ки пурсам: «Хоҳарат чӣ шуд». Он дӯстам ҳам аз нигоҳҳои чашмони мо огоҳӣ дошт, вале ошкор намесохт. Шивосозе, ки дар Тоскалъа воқеъ шуд, соли аввали таътил дар заминаи ҳамон нигоҳҳо хотима ёфт. Қиссаҳои Тоскалъа ҳоло ба поён нарасидаанд, балки шивосозҳои дигареро дар пеш хоҳед ёфт...

СОЛИ ДУЮМИ ТАҲСИЛ ДАР ОМӮЗИШГОҲ

Биступанҷуми августи соли панҷоҳу ҳафтум Тоскальяро тарк гуфта, ҷониби Кӯлоб рох пеш гирифтам. Тартиб ҳамин буд. То оғози дарсҳо бояд хобгох мегирифтем, китобҳои заруриро пайдо менамудем ва дафтару қалам тахия мекардем. Яъне он даврон таҳсили ҳарсола талаботи хоси худро дошт. Ҷадвали дарсҳоро пешакӣ навишта мегирифтем. Сари дарсҳои наву муаллимони ношинос ба андеша мерафтем. Муҳимаш ин ки бо писарону духтарони соли аввал ошно мешудем ва ҳар кас барои худ «қаплон» интихоб менамуд, чунон ки синфҳои болоӣ бо духтарони мо як сол қабл ҳамин тавр муносибат карда буданд. Соли дуюми таҳсил акнун мо на он донишҷӯёне будем, ки як сол қабл шармгину бечуръат худро эҳсос менамудем, балки аз донишҷӯёни солҳои сеюму чорум мондаӣ надоштем. Ҳамин буд, ки дар миёни мо ҳам «қаплонгириву» «апахонгирӣ» шурӯъ шуд. «Қаплон» истилоҳи рамзӣ буда маънии маъшуқаро дошт. «Апагирӣ» маънии миёнравро мегирифт. Чавон барои духтари хостаашро «қаплон» кардан, аз апааш истифода мебурд. Ҳар хостае, ки харду ҷониб дошта бошанд, ба воситаи «апа» амалӣ мешуд. Апагириву қаплондорӣ ба ҳар кас муяссар намешуд. Ба ин чумла аз курсҳои болоӣ Самариддин, Сабза, Сафар, Бердӣ, Холмурод, Барот, Сайвалӣ ва чанд донишҷӯйи дигар дохил мешуданд, ки ҳам «апа» доштанд ва ҳам «қаплон». «Апа» метавонист аз ҳамкурсони худ бошад, аммо «қаплон» бештар аз ҳисоби духтарҳои курсҳои поёнӣ чустуҷӯ мегардид. Ин чиҳат дар омӯзишгоҳи педагогӣ ва ҳам институту омӯзишгоҳи тиббӣ ба ҳукми анъана даромада буд.

Албатта, соли дуюми таҳсил ман ба ин дарачаҳо нарасида будам, вале Абдукибор аллакай дар ҳамин чода қарор гирифт: Махтоббиро апахон гирифт, ки 9 Парчамоҳро барои «қаплон» шудан омода сохт. Ман ҳам апахон доштам, аммо

ва ба мақсади «қаплон» пайдо кардан. Апахони ман Точинисо ном ҳамкурсам буд, ки дар сол аз ман калон буд. Ӯ, ки дар Қурбоншаҳид ҳамсояи холаи Сафаргулам буд, худ мехост, ки сару либоси маро шӯяд ва мехрубонӣ кунад. Ин вазифаро барояш холаам фармуда буд. Табиист, ки баъзе ҳамдарсонам, мисли Ҳасан, Эмом, Сайвалӣ, Азиз ҳам барои ба ҷодаи апагириву қаплонгирӣ омодагӣ мегирифтанд. Вохӯрӣ бо «қаплон» дар оғоз ба воситаи фаъолияти «апахон» сурат мегирифт. Додар барои апаву қаплон билети кино меовард. Билетҳо се чой доштанд: апа, қаплон додар. Филм, ки шурӯъ шуд, нахустин сӯҳбатҳои дилдодагон низ оғоз меёфт. Агар додар шӯхтабиат бошаду қаплонро гоҳе «азият» доданӣ шавад, қаплон, «апа, и додарут чихелияй?», мегуфт. Апа оҳистакак ба гӯши қаплон мегуфт: «ҳеҷ гап не, ӯ дӯстат медорад...». Аммо ин нахустмулоқот аз назари ҳамдарсон берун наменмонд. Пагоҳии дигар медонистем, ки дар кинотеатри «Комсомол» кадоме аз апаву қаплон дар якчоягӣ бо додар «филм тамошо намудааст». Соате ба муҳокимаи ин мавзӯъ сарф мешуд. Апа табассум мекард, қаплон сар ба поён мефароварда, додар ифтихор менамуд. Ифтихор аз он, ки ба чунин «дард» додарҳои дигари ҳамдарсаш қабл аз ӯ расида нативонистаанд. Маънии дигари «қаплон» он буд, ки духтар банд эълон мешуд. Додаршавандаҳо ба ӯ чашм намедӯхтанд. То давраи муайян қаплон моли шахсии як додар мегардид. Вақте ки миёни додару қаплон дилсардӣ рух медод, ин ҳодиса низ назди дигарон ошкор мешуд ва имкон дошт, ки додари дигаре он духтарро қаплон интихоб менамуд. Агар додару қаплон якдигарро воқеан дӯст медоштанду дар оянда тақдирро бо ҳам диданӣ мешуданд, ҳеҷ гох аз ҳудуди одоби шарқӣ дур нарафта, балки бо гузашти ду-се сол тӯйи арӯсӣ баргузор менамуданд. Гузашта аз ин, қаплон дар ҳеҷ сурат ба маънии «духтари беҳудагард» фаҳмида намешуд. Боз такрор мекунам, ки на ҳар духтар ба мақоми қаплонӣ мерасид. Масалан, дар курси чорум духтаре меҳонд, ки номаш Зебо буд. Ӯ ҳамеша бо ҳамдарсаш Зебинисо, ки хоҳари Низорамо Зарифова буд, якчо

гаштугузор мекард. Мо мешунидем, ки мегуфтанд: «Зеб
каплони писари Низорамо Зарифова – Асламшох аст, ки
дар Университет мехонад». Ба ибораи дигар, Асламшох,
ки соли 1956 омӯзишгохро хатм карда буд, вакти хондани
он духтарро банд карда, ё ба сифати «каплони» пазируфта
буд. Лахзахоеро шохид мешудем, ки Асламшох дар таътилҳо
ба Кӯлоб омада, каплонашро медид ва дар заминаи рашк
бо чавонхои бегунох хам мунокиша мекард. Вакте ки Зебо
омӯзишгохро хатм карду ба Институти педагогии
Сталинобод дохил шуд, бо Асламшох издивоч кард. Дар
айни замон хохари Низорамо – Зебинисоро каплони
Сайвалӣ Рахмонов мегуфтанд, ки раиси комитети махалли
омӯзишгох буд. Онхо низ бисёр муаддабона вазифаи
додариву каплониро ба чо меовардаанд. Баъдхо дар
Сталинобод такдирро бо хам дидаанд. Барот Латифов низ
дар хамин замина духтареро, ки хамдарсаш буд, ба зани
гирифт. Вобаста ба ин мавзӯъ даххо мисолхо овардан
мумкин аст.

Баъзе донишчӯёни дурандешу оянда бин анахошонро
барои муаллиме каплон месохтанд. Олим Сафар Асалмох
ном анахон дошт, ки ӯро бо муаллими математикаву
физикаамон Шариф Рахмонов каплон сохт. Вазифаи Олим
он буд, ки хар вакт, бештар аз тарафи шаб, апаашро ба
хонаи муаллимаш меҳмонӣ мебурд ва аз ин хисоб гизои
бехтарини шомро бо муаллимашу апааш якчо медид. Хамин
буд, ки дар курси севомӣ Асалмох хамсари муаллимаш шуд.
Ё ин ки Бердӣ бо номи Хафиза анахоне дошт, ки вайро бо
муаллими биологиямон – Шамсов ошно сохт, ки дар натича
инхо низ бо хам никох бастанду хонаводаи намунавие барпо
намуданд. Чунон ки аз шарҳи мухтасари мавзӯи каплону
апа ва додар вокиф гардидед, ин падидаи мусбате дар
рӯзгорсозии чавонони омӯзишгохи педагогии Кӯлоб ба
назар мерасид. Дар хавои хамин падидаи хотирмон соли
дуюми тахсилам ҷдома гирифт. Аз нахустин рӯзхои тахсил
ба фанхои математика ва адабиёт дил бастам. Аз як сӯ,
муаллими чавон Шариф Рахмонов дарси хуб мегуфт ва аз

дигар сӯ, язнаам Ҳусейн Ғафуров, ки устоди муаллимам ҳам буд, шабҳо бароям дарси иловагӣ медод. Дар оғоз физикаро ҳам Шариф Раҳмонов дарс медод, ки ин фанро низ бо ёрии шавҳари холаи Рӯзигулам Нурсамар аз худ менамудам. Афсӯс, ки соле нагузашту физикаро бонуе аз яҳудиёни Самарқанд ба ӯҳда гирифт ва физикадонии ман ҳам торафт заиф гардид. Адабиётро ҳам дӯст медоштам; заминааш, чунон ки ишора карда будам, мактаби Хонобод буд. Маводи дарсии адабиётамон соли аввал китоби Шарифҷон Ҳусейнзода, ки барои синфи ҳашт пешниҳод шуда буд, ҳисоб меёфт. Соли дуюм муаллим Турсунов аз адабиёти советӣ, фаслҳои Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакар, Мирзо Турсунзода ва дигаронро хуб мефаҳмонд. Китобҳои дарсӣ набошанд ҳам, муаллим аз ҳар кучо мавод ба даст меовард. Дар дарсҳои забон ва адабиёти рус душворӣ мекашидам. Одатан, дар дарси адабиёти рус мазмунҳоро аз сужаи асарҳои бадеӣ ба русӣ накл мекардем, ё шеъреро азёд карда, қироат менамудем. Ба русидониам худам гоҳе механдидам. Аммо дар гурӯҳи мо буданд касоне, ки бо русӣ хуб сӯҳбат мекарданд. Аввалан, Ҳасан Ватанро бояд ном бурд. Баъдан Ҳасан Валӣ, Насим Муқим ва Абдукибор Гадоев ҳам бад набуданд. Аз духтарон Парчамо русидон ҳисоб меёфт, чунки ӯ асосан дар шаҳр калон шуда буд ва модараш назоратчӣ дар кинотеатри «Комсомол» буд. Парчамо ҳам бегоҳиҳо ба модараш ёрӣ мерасонд. Бадии кор дар он буд, ки дар шаҳри Кӯлоб сӯҳбат бештар тоҷикӣ сурат мегирифт. Мехостам бо русбачаҳо, ки теъдодашон зиёд набуд, ба русӣ гап занам, то ки русдониам қавӣ шавад, аммо онҳо тоҷикӣ ҷавоб медоданд. Яъне муҳити иҷтимоии Кӯлоб русзабонҳоро тоҷикзабон гардонда буд. Фақат, ҷо-ҷо яҳудиҳо ба русӣ гап мезаданду бас. Тоторҳо, осетинҳо, ки зиёдтар дар кӯчаву бозор ба назар мерасиданд, тоҷикӣ ҳарф мезаданд. Ҳамон солҳо Ватаеви осетин, ки баъдҳо актёри машҳур шуд, мактаби тоҷикӣ мехонд. Аз ин сабаб, дар шаҳри Кӯлоб русии ман пеш намерафт. Баръакс, баъзе оилаҳои тоҷик, монанди

холаи ман фарзандхошонро ба мактаби Чкаловск медода
Гохе, ки ба хонаи холаам мерафтам, бо писарча
Музаффару Саъдӣ ва Моҳира русиҳои шикастаамро ре
мекардам. Саъдӣ ба русии ман механдид ва ба модар
падараш мегуфт: «Дядя Худойназар что говорит? Непонят
что он хочет». Язнаам русиро олӣ медонист, зеро аҳол
шимоли ҷумҳурӣ, ба ҳар ҳол барвақттар бо русзабон
иртибот гирифта буданд. Холаам русии бақувват надо
Аълохонҳои ягона мактаби русии Кӯлоб, ки сарвараш оила
Вайсов Мирзоалӣ буд, фарзандони точик шинохт
мешуданд. Чиянҳои банда Музаффар, Саъдӣ, Моҳир
Маҳбуба ҳамон мактабро бо шаҳодатномаҳои аъло хат
карданд. Панч-шаш фоиз русе, ки он ҷо мехонд, сафи духов
сехонҳоро афзоиш медоданд. Ба ҳамин хотир, рӯзҳое, ки
дарси русӣ доштем, бо дили нохоҳам ба дарсҳои Кабир
М.В. медаромадам. Баъзан, то ки назди ҳамдарсон рост
истода порчаеро аз ёд нахонам, гурехта боғ биллиардбоз
мерафтам. Боре аз мавзӯи "нидо" дарс доштем. Муаллим
аз Абдукибор хоҳиш кард, ки доир ба нидо ҷумлае гӯяд. Ў
аз чой баланд шуда бо қаноатмандӣ чунин ҷумла овард:
«Ах, ты дурак!» Пеш аз ҳама, Ҳасан Ватан ва баъд мо баланд
хандидем. Муаллима сурх-сурх шуду ба Абдукибор эрод
гирифт, ки магар бо дурак гуфтанаш ӯро дар назар дорад.
Ҳоло ҳам Абдукибор гумон доштааст, ки мисоли нидоро
дуруст овардааст. Баъде ки фаҳмид, аз муаллима узр хосту
нишаст. Мисоли дигар ин аст, ки боре Эмом ба чойи он ки
гӯяд: «Собака кусает человека» сарбаландона гуфт:
«Человек кусает собаку». Ин ҳолатҳо русидони мо Ҳасан
Ватан ҳаловат мебурд ва худро дар русидонӣ якто медонист.
Дар маҷмӯъ дарсҳои русии мо хандаовар мегузаштанд.
Ҳудамон бо русигӯйиҳои хеш механдидему илочи дурус
ёд гирифтани русиро ҷустуҷӯ менамудем. Махсусан,
русидонии Файзалӣ ва Салим ҳамеша боиси хандаи гурӯҳ
метардид.

Дар гурӯҳи мо қариб ҳамаи бачаҳо ба варзиш шавқи
зиёд доштанд. Мо гурӯҳи муттаҳидаи волейбол доштем, ки

байни дастаҳои дигар мусобиқа менамудем. Ман ба ин бозӣ ҳанӯз дар синфҳои панҷу ҳафт хонданам алоқаманд будам. Дар омӯзишгоҳ гурӯҳи волейболи моро Насим, Сайвалӣ, Аҳрор, Абдукибор, Ҳасан Ватану Ҳасан Валӣ ва банда ташкил медод. Дастаи мо ба он дарача сатҳи баланд дошт, ки дастаи яккачини институт бо мо бозиро мебохт. Дар дастаи институт писарони раиси Афзал – Азиз ва Наврӯз низ бозӣ мекарданд, ки падарамро хуб мешинохтанд. Боре вақти бозӣ Наврӯз андаке тарафи ман зӯрӣ кард, ки бародараш Азиз ба ӯ чизе гуфт. Дастаи яккачини омӯзишгоҳ асосан дар заминаи гурӯҳи мо ташкил ёфта буд. Чандин маротиба дар боғи истироҳатӣ бо дастаҳои мактабҳои Ворошилов, Ленин, Чкаловск ва раками панҷ мусобиқа карда, ғолибият ба даст овардем. Дар баскетбол ҳам бад бозӣ намекардем. Ба дастаи волейболи мо аз кумитаи варзиши шаҳр худи Муъминов дарачаҳо тақдим дошта буд. Машқҳои мо зимистон дар толори варзиш ва баҳорону тобистон ва тирамоҳ дар майдони варзишии омӯзишгоҳ сурат мегирифт. Дастаи мо дар ҳама маъракаҳои варзишии шаҳр иштирок мекард.

Ногуфта намонад, ки баҳори соли панҷоҳу ҳафтум падар ба бемории шуш гирифтор шуд. Ба модар чизе нагуфта, худаш то Кӯлоб меояд. Ба шифохонаи шаҳрӣ мурочиат менамояд, то ки дарди ӯро бисанҷанд ва чӣ буданашро муайян намоянд. Азбаски занҳои рус хизмат мекарданд, падарро намефаҳманд, бетавоҷҷӯҳӣ зоҳир мекунанд. Сипас, падар, ки сулфаи кунд доштанду мадори роҳравӣ намекарданд, болои сабзаҳои боғории шифохона, ки дар кӯчаи Карл Маркс қарор дошт, якпаҳлу мезанад. Вақте ки ҳолаш тангтар мешавад, чавонеро аз роҳаш гардонда ба наздаш мехонад ва ба ӯ суроғаи маро дода хоҳиш мекунад, ки аз ин ҳолат бохабарам созад. Дарси сеюмамон оғоз ёфта буд, ки он чавон аз муаллим иҷозати бандаро пурсид. Баромадам. Чавон гуфт: «Худойназар ту ҳастӣ?». Ман чавоб додам, ки «оре». Чавон суханашро идома дода, фаҳмонд, ки ҳарчи зудтар ба назди шифохона худро расонам, ки падар

беҳол болои замин хоб рафтааст. Дарҳол ба синфхона нас
гашта, аз муаллим ҷавоб пурсидам. Аз бинои омӯзишгоҳ то
шифохона дусад метр роҳ буд. Рафтам, ки аз самти рости
аст. «Ота, ота, чӣ шуд. Чаро ин чо хоб рафтеи?» - гӯён ӯро
аз хобаш бедор сохтам. Фаҳмонд, ки ин русаниҳо маро
намефаҳманд, коре кун ки таъчилан рентгент кунанд, ба
назарам шушхоям хунук гирифтагӣ. Ба бинои шифохона
дохил шуда, бо русиҳои шикаста бонуеро, ки хилъати сафед
ба бар дошт, фаҳмондам, ки падарам муаллим аст, бехол
шуда рӯйи ҳавлӣ хоб аст, хоҳиш ӯро бубинед. Он бону ба
хонае даромаду бо як марди қавораи туркидошта баромад.
Он мард ба точикӣ пурсид, ки писари нағз, чӣ гап шудааст?
Вақте ки аз мавзӯъ огоҳӣ ёфт, ба назди падар баромад. Ба
падар муаддабона салом дода, «Ҳа, муаллим чӣ шуд?» гуфт.
Падар ҳам ӯро шинохт ва гуфт: « Шинохтам, шумо писари
фалонӣ ҳастен. Писар ба ман мадад кунед, ки мадоре
надорам. Сулфа дорам ва пешҳои синаам хала мезананд».
Он мард, ки духтури соҳаи шуш будааст, бо ёрии ман
падарро аз чояш баланд кард ва оҳиста-оҳиста ба даруни
бино дароварда, дар хоначае сурати шушҳои ӯро гирифт.
Баъд аз натичагирӣ гуфт: «Муаллим шушҳотон сахт хунук
гирифтаанд. Шуморо худи хозир мехобонем». Падар,
«майлаш, писар», гуфт. Роҳхатро ба шифохонаи касалиҳои
шуш, ки дар назди пули Гузари Завод қарор дошт, навишт.
Мошини таъчилӣ омаду падарро бо ман савор карда ба он
чо бурд. Русдухтаре имзои он духтурро диду дар байни се-
чор дақиқа рахти хоби падарро омода сохт. Табобати падар
огоз гирифт. Духтураш ҳамон марди шиносаш буд, ки ҳар
сари вақт падарро муоина мекард. Ман ҳамарӯза аз пагоҳӣ
то шурӯи дарс ба аёдати падар мерафтам ва боз баъди дарс
бо ду-се ҳамдарсонам ӯро хабар мегирифтем. Се-чор рӯз
гузашта буд, ки аз хонаи холаи Рӯзигулам хабар омад, ки
ба зудӣ он чо равам. Вақти чошт буд. Рафтам, ки модар он
чо болои кӯрпача менишаст. «Ҳа, оча чӣ омадӣ? Падарам
бехтар шудааст. Чаро дар ин гармии рӯз хеста омадӣ?»

Модар аввояшро чиддй гирифту гуфт: «Чувонимарг, чаро отат як ҳафта боз дар шифохона асту ту ба ман хабар нарасонди? Охи, ў ба ман чизе нагуфта баромада омадааст. Дар ягон роҳ зада мемурд ма бо и шаш бача чй мекадум?»,- гуфту гиря сар дод. Холаам модарро дилбардорй мекард: «Хай, аша гиря накун, малим нағз мешава. Дирўз язнат ба аёдаташ рафта буд. Худойназар гуноҳ надора, ў гумон кардааст, ки шумо медонед». Гапҳои холаам ба ман таъсир намуду обн дида кардам, ки чаро маро модар надониста ҷанг мекунад. Модар дастархонро омин гуфту «хез пеши отат брем. Дар кучо хобай, мардуми қишлоқ чй меган, шуш дар болнисаяй ў боша дар хона роҳат дора. Механданд, мефаҳмй, бачам...». Бо модар оҳиста-оҳиста сўҳбаткунон то шифохона омадем. Дар роҳ модар кўшиш намуд, ки ҷанги кардаашро аз дилам барорад. Модар, ки фақат чашмонаш маълум мешуданд, вориди палатаи падар шуд. Ман аз пушти модар даромадам. Падар андаке бо як паҳлу гашт ва гуфт: «Иқлиммоҳ, чаро саргардон шудй? Бачаҳоро ба кй мондй? Ман барои он бехабар омадам, ки туро бо бачаҳот ташвиш надиҳам, нағз шуда истодам, шушҳо хунук гирифта будаанд. Ин чо бисёр нағз табобат мекунанд»,- гўёи ба сулфа даромад. Модар фақат мегирист, аммо барои одоби шарқй шуда наметавонист, ки падарро навозиш кунад. Гузашта аз ин, дар палата боз ду бемори дигар ҳам хоб мерафт. Падар андак аз сулфа худро боздошту модарро тасалло доданй шуда гуфт: «Ту Иқлиммоҳ гиря накун, Худойназар ҳар рўз ду маротиба ба пешам меояд. Медонам, ки ба дарсаш халал мерасонам, аммо худаш чунин мехоҳад. Ҳафтае як бор ҳам биёяд кифоя аст. Ба наздикй имтиҳонҳош сар мешавад. Ман аз Худойназар розй ҳастам. Агар ҳамй намешуд, ма дар назди шифохона имкон дошт, ки мурум...». Ман ҳам тоқат накарда, дар кунҷе аз палата мегиристам. Модар ҳамоно ҳиқ-ҳиққунон обн дида мерехт. Модар барои дилбардории падар шуда ҷуръат намуда мегуфт: «Малим, ма бе ту чико мекунум. Бачаҳот майдаянд. Худо тура накуша, ки ҳоли ма бад мешава...». Баъд модар

аз халтае, ки бо худ аз Тоскалъа бардошта оварда буд, гӯшти мурғи обпаз ва чанд дона тухму кулчаро болои тумбучкаи падар гузошт. Сипас, «хай малим, ма мерам, ки кӯдакҳо токаанд, Мӯсора ба ҳамсоя супорида будам» гуфту бо обшдида пуштиқӣ аз палата баромад. Падарам, ки модарро бисёр эҳтиёт мекард, сӯйи ман нигаристу «бачам, очата аз вокзал ба ягон мошини пахтабар шинону худат аз пайи дарсҳот шав, ма нағз ҳастм», гуфта супориш дод. Модарро ба мошине шинондаму худ роҳи хобгоҳро пеш гирифтам. Роҳравон дар андешаи он будам, ки модар бори аввал маро сарзаниш кард. Маълум ки саломатии падар барояш хеле гарон буд. Албатта, модарро мефаҳмидам. Аммо аз ин ки ман ба хона дар шифохона хоб рафтани падарро хабар надодам, намедонистам, ки модар ва дигарон иттилоъ надоранд. Падар ҳам дар ин мавзӯъ ба ман чизе нагуфт. Ҳатто дар мактабаш ҳам аз ин хусус чизе намедонистаанд. Чаро падар чунин рафтор кардааст, бароям номаълум буд. Шояд касали сил доштанашро хостааст пинҳон бидорад. Зеро ба модар таъкид кард, ки «кӯдакҳоро наёр, ки мегаи касали гузаранда аст». Шояд ба ҳамин андеша падар бехабар роҳи Кӯлобро пеш мегирад. Шояд...

Ба ҳамин тариқ, се моҳ гӯё дар паҳлуи падар будам. Дар ин муддат, пагоҳиҳо, ки ба аёдаташ мерафтам, ба стакани чудогонае чор дона қанди рафинадро андохта, маро маҷбур менамуд, ки нонушта карда баъд ба мактабам равам. Рӯз то рӯз бемории падар рӯ ба беҳбудӣ меовард, сулфааш ҳам тақрибан кам мешуд, дар чеҳрааш сурхӣ пайдо мегардид ва вазнаш ҳам зиёд мегашт. Ин нишонаи сиҳатёбии падар буд. Боз падар аз он худро хушбахт медид, ки духтари калони бобои Ҳамиди Момайичӣ дар ҳамсоягии шифохона манзил дошт ва ҳамарӯза ба нигоҳубини падар машғул буд. Он бону апаи Файзалии ҳамдарсам ҳисоб меёфт. Ҳатто гоҳе падарро, ки саломатиаш рӯ ба беҳбудӣ дошт, ба хонааш даъват менамуд ва соате муҳити палатаро ба муҳити хонавода табдил доданӣ мешуд. Чунин рӯзҳо Файзалӣ ва дигар ҳамдарсонам бо падар якчо нишаста сӯҳбат мекарданд.

Падар ба мо фақат як насиҳат медод: «Хондан ва боз ҳам хондан». Дигар насиҳате барои мо надошт. Падар, падар аст, мегӯянд. Ӯ дар бистари беморӣ буду ғами маро мехӯрд. Барои ман қанд ва дигар маводи ғизоиро ҷамъ мекард ва ҷачбур месохт, ки ба хобгоҳ бурда бо ҳамдарсонам хӯрам. Ҳол он ки омӯзишгоҳ се вақт ғизои гарм медод ва ҷанд сӯми дигар стипендия ҳам мегирифтем, ки он барои қаламу дафтар мерасид. Дигар аз ҳеҷ кучо ёрдам намегирифтам. Ҳамдарсони дигарам вазъи хуби иқтисодиву молӣ доштанд. Боре падар ба хобгоҳ омаду ҳини хайру хуш як даҳсӯмаро бароям дод. Ин соли аввали таҳсилам буд. Ман даҳсӯмиро болои катам партофта, гиря кардам, ки падар наход ба ман дах сӯм медиҳад. Ҳамон рӯз падар гуфт: «Бачам! Ту як чизро фаҳм, ки дар хона боз ҳафт нонхӯри дигар бар зиммаи мананд. Маоши ман бошад 60 сӯм аст. Чӣ кор кунам?» Ҳамин буд, ки дигар ҳеҷ вақт сари мавзӯи пул сӯҳбат намекардам ва ранчишеро аз падар ва хонадон раво намедидам. Сӯм барои ман чизи ноёб буд. Рӯзе дар бозори Қӯлоб мегаштам, ки як хешамон, ки Саид ном дошт, маро диду як сӯм бароям ҳадя намуд. Як сӯм маро як ҳафта мехӯронд. Дар назарам он хеши модариам мисли кӯҳи Ҳӯҷамӯъмин маълумам шуд. Охир, он бечора ҳам як деҳкони хокпош буду бас. Он қадрраси ҳеҷ гоҳ аз хотирам намеравад. Модарам ин қиссаро шунида қабат-қабат гӯшт гирифт, ки хешаш чунин илтифотро нисбати фаразанди донишҷӯи ӯ раво дидааст. Бо чунин ҳолу аҳвол соли дуюми таҳсил низ ба охир расид. Донишу таҷрибаи шаҳршиносиам торафт боло мерафт. Мехостам, ки ин дониш, ки бештар аз мутолиаву соатҳо дар чаманзорҳои боғҳои истироҳатӣ болои китоб нишастан сарчашма мегирифт, солҳои баъдӣ инкишоф ёбад.

ҶАНГҲОИ ДАСТАӢ ВА ТАН БА ТАН ...

Солҳои панҷоҳум як нишонаи шаҳрӣ шудан, ҷанги тан ба тан ва муштзаниро донистан ҳисоб меёфт. Соли панҷоҳу

шашум, ки акнун понздах сол доштам, ба чандин чангхои гурўхй шохид будам, ки дар боғхои истирохатии Ленину Сталин баргузор мешуданд. Он солхо хар гузару махаллаи шахр дастаи чангии хешро дошт. Аз хама дастахои бақувват дар Чармгарони Поён ва Гузари Зовуд «тарбият» меёфтанд. Пешакй мо мефахмидем, ки рўзи якшанбе дар кадом гўшаи шахр байни дастахо чанг мешавад. Чангхои дастаи миёни тотору рус ва осетину точик сурат мегирифт.

Дар боғи истирохатии шахр ба номи Сталин бозии футбол байни дастаи шахр ва аскарони полк дар авч буд. Ман хамрохи чиянчаам Саъдй ва язнаам Х.Гафуров дар гўшае истода бозиро тамошо мекардем. Мухлисон хеле зиёд чамъ омада буданд ва хар кадом дастаи дўстдоштаи худро тарафдорй мекарданд. Ногахон тўби футболро аскари русе чунон сахт зад, ки омада ба рўйи Саъдй бархўрд. Саъдй афтид ва аз биниаш хун чорй шуд. Дар пахлўи мо чанд тан аз талабагони собики язнаам меистоданд. Онхо рафтори ношоями аскари русро нодуруст дониста, ўро аз байни бозй кашида, берун бароварда заданд. Ин вақт тоторхои шахр дар якчоягй бо русхо тарафи аскари русро гирифта бо точикхо дастабагиребон шуданд. Ман Саъдиро бардошта ба гўшае бурдам. Язнаам, ки бисёр шахси баандеша ва муаллими воқей буд, «бачахо назанен, бачахо назанен»,- гўён мехост шогирдонашро аз чанг халос кунад. Вале гап дар чойи дигар буд. Чанги дастай бояд сурат мегирифт, зеро Сангаку Казбеку Ҳасанчаву дигар саркардаи дастахо аз дур ин лахзаро ба мушохида мегирифтанд. Дар чанд дақиқа русу тоторхо бо аскарони полк чамъ омаданд, то ки адаби точикхоро бидиханд. Хамин дақиқахо осетинхову чавонони Гузари Қаволову Махаллаи Завод дар маркази шахр чамъ омаданд ва ба якдигар даст ба гиребон шуданд. Бозии футбол вайрон шуд. Чанг дар дохили боғ оғоз ёфта, сипас хиёбону тангкучахои шахрро фаро гирифт. Точикхову осетинхо торхову аскарони зиёдеро заданд. Милисахо даҳолат карда чангро хомўш намуданд. Мо чанд тан аз ҳамларсон барои тамошои филме ба кинотеатри

«Комсомол» даромадем. Филмҳои ин кинотеатр барои бачаҳои гурӯҳи мо қариб ки бепул буд, зеро модари Парчамоҳ он ҷо назоратчӣ шуда кор мекард. Он бегоҳ соатҳои нӯҳи шаб аз тамошо баромадем. Бачаҳо сӯйи хобгоҳ рафтанду ману Абдукибор хостем бо хиёбони Ленин, тарафи меҳмонхона равем. Сӯҳбаткунон мерафтем, ки назди почтаи шаҳрӣ (ҳозира бинои ҳукумат) се-чор аскари рус тани майка ва дар дастҳо тасмаҳои чармии ғафси сагаки оҳанидор аз рӯ ба рӯямон пайдо шуданду якеаш ба чеҳраи Абдукибор аз наздик назар карду гуфт: «Нет, это не тот». Аз сару рӯйи якеаш хун ҷорӣ буд. Моро тарс фаро гирифт. Ман рукояткаро, ки резиндор буд, аз таги кашам ба кафи дастам ҷо ба ҷо кардаму ба он тарафи кӯча гузаштем, ки идораи милиса қарор дошт. Дарвозаи он боз буд ва дар дохили он чандто аскарони рус бо офитсерҳошон милисаи тоҷикро рост мононда, ба сӯяш дод мезаданд. Командири полк Шахназарян бошад бо телефон чунин амр мекард: «Давайте, вес полк мобилизируйте, ато нас эти звери перебют». Ҳамин ҳолат буд, ки сардори милисаи шаҳрӣ капитан Абдураҳимов пайдо шуда, ҳарду пагони Шахназарянро канда гирифт ва бо онҳо расман ҷанг эълон кард. Дах дақиқа нагузашт, ки дар кӯчаҳои шаҳр аскарҳои тасма ба даст аз мошинҳо пиёда шуда, «оборона» гирифтанд. Аммо бачаҳои шаҳр дар дастҳо калтаку оҳан бо аскарон чунон рӯ ба рӯ заданд, ки дар ҳар ду-се қадам аскаре мехобид. Дар хиёбони Карл Маркс панчараҳои роҳро канда, ҷангро ба тамоми шаҳр пахн намуданд. Ману Абдукибор ба бачаҳои Гузари Қаволо худро пайвастем, вагарна аз ҳарду ҷониб мушт мехӯрдем. Якбора дар наздам Подабон ва Иноят ном бачаҳои шаҳр пайдо шуданду хостанд, ки ба сари моён бо чӯбдастҳошон зананд, ки ман гуфтам: «Кӯр шудед, ки моро нашинохтед, мо бачаҳои педучилиш ҳастем». Онҳо моро дигар гӯш накарданду зада-зада ба самте рафтанд. Мо пушт-пушти дарахтон худро то хобгоҳ расондем, ки ин ҷо низ бачаҳои омӯзишгоҳ чунон аскарзанӣ доштанд, ки ҳисобаш гум. Фаъолияти Сафар Гурезу Ҳасан Сабза, Бердиву Холмурод

ва дигарон дар ҷанги дастаи назаррас буд. Рӯзи дигар шифохонаҳои шаҳр пур аз маҷрӯҳон гардид. Ба садорати омӯзишгоҳ ҳам дастури идораҳои болоӣ расида буд. Бинобар ин, Неъматов аз курси як то чорро дар толори варзишӣ ҷамъ кард ва аз як сар ҳамаро дид. Дар сафи охири қатор чанд донишҷӯро ба пеш даъват кард, ки пагоҳӣ чойҳои чароҳатро баста ба дарс омада буданд.

Шаҳназаряни низомиро ҳам аз системаи ҳарбӣ рондаанд. Чандин мансабдор аз вазифаҳои давлатӣ сабукдӯш гашт. Ҳамон шаби даҳшат шахси аввали ҳизби шаҳр Абдулинро дар мошинаш дошта, аммо намезананд. Неъматови мо ки аз назди бонки давлатӣ мегузаштааст, дар иҳота мемонад. Хайрият, ки шогирдонаш начоташ медиҳанд. Ҳамон солҳо гап-гап буд, ки миёни точикҳову тоторҳо муносибат вайрон шудааст. Бачаҳои шаҳр пинҳонӣ онҳоро дошта мезадаанд. Ба гумонам тоторҳо ба умеди Абдулини ватандорашон мешуданд, ки фоида надошт. Сад-дусад тотор ё рус ба муқобили як шаҳри садҳазора ҳеҷ қасосеро амалӣ сохта наметавонистанд.

Зимистони соли панҷоҳу шашум шоҳиди ҷанги тан ба тан ҳам гардидам, ки ба муштзании Сангак ва Ҳасанча дахл дорад. Дар байни бачаҳои шаҳр, аз ҷумла мо—донишҷӯён номи Сангак хеле машҳур буд. Ҳасанча намояндаи маҳаллаи Чармгарҳо буду Сангак аз Гузари Завод. Инҳо ҳар кадом дар шаҳр сарҳади ҳокимият доштанд. Сангак ба минтақаи бозори шаҳрӣ ва Чармгарҳо бояд дахолат намекард. Ҳасанча бошад аз сарҳади «Стрелка» (ҳозира макони Томин) боло рафтан хак надошт. Чӣ ходисае мешавад, ки Ҳасанча Сангакро дар сарҳади хеш ба ҷанг даъват менамояд. Ин эълон ду-се рӯз пештар ба тамошочиён расонда шуда буд. Соатҳои нӯҳи пагоҳӣ чавонони бисёре майдони чорраҳаи Кӯлобро печондаанд. Харчанд ки ман худам бо касе ҷанг кардanro хуш надоштам, аммо агар ду кас ҷанг мекард, ҳаловат мебурдам. Ба ин хотир баръакттар рафта дар баландие чой гирифтам. Соат нӯҳ шуда буд, ки Сангак аз тарафи завод охиста-охиста омадан гирифт. Ҳасанча ҳам аз

бозор баромада рӯ ба боло овард. Ӯ низ шитоб надошт. Мухлисони Ҳасанча аз бозор сар карда то чорраҳа ду самти роҳро пахш карда буданд. Мухлисони Сангак гирду атрофи чорраҳа қарор гирифтанд. Байни чорраҳа барои ду муштзан хзод карда шуд. Қаду басти Сангак ва Ҳасанча, тақрибан як хел буд. Ҳарду миёнақад, мӯйҳои ҷингила, дастони кӯтоҳу аммо бақувват доштанд. Ман дар бораи ин ду ҷавонмарди кӯлоби бисёр шунида бошам ҳам, онҳоро аз наздик надида будам. Ҳарду вақте ки аз байни издиҳом мегузаштанд, зери чашм ҳамагонро медиданд. Табиист, ки тамошобинҳои чунин вохӯриҳо ҷавонон ва табақаи шаҳрие, ки хунашон мечӯшиду даъвои муштзанӣ мекарданд, буданд. Ниҳоят, Сангак ва Ҳасанча дар байни чорраҳа дар масофаи панч-шаш метр дуртар аз ҳамдигар қарор гирифтанд. Аввал онҳо байни худ чанд ҳарфе гуфтанду сипас ба муштзанӣ шурӯъ намуданд. Ҳарду хеле чолокона давр мехӯрданд ва бо мушту лагад якдигарро мекӯфтанд. Набарди ду паҳлавони кӯлоби ним соат давом кард. Дар натича Сангак муштҳои сахттар доштааст, ки Ҳасанчаро рӯйи сангфарш афтонду чанд шаттаи дигар ба сару қабурғаҳояш зад. Мухлисони Сангак «офарин, офарин», гӯён қарсак мезаданд. Ҳасанча ҳамоно болои роҳи сангфарш хоб буду сару рӯяшро аз хун пок мекард. Сангак як дафъаи дигар Ҳасанчаро дид ва бо як даста ҳамтабақҳояш бо роҳи омадааш баргашт. Ҳасанчаро низ рафиконаш аз зери бағалаш бардошта бурданд. Ман бо ду-се дӯстонам аз хиёбони Ленин мерафтему набарди он дуро таҳлил мекардем. Чӣ навъ Сангак моҳирона мечангид, чӣ тарз бехотир Ҳасанча ба баногӯши Сангак заданро аз нуқтаи назари худ ба таҳқиқ мегирифтем. «Ба ҳар ҳол каллаи Сангак сахттар будааст»,- мегуфтам ман. «Дидед, баъди бо калла задани Ҳасанча сарчархак шуда афтид»,- идома додам таҳлиламро. Ҳамроҳонам дар ин маврид ақидаи худро доштанд. Якеаш мегуфт, ки Сангак дар кафи дасташ рукоятка дошт, вагарна сару рӯйи Ҳасанча хуншор намегашт. Ин нахустошӣ бо Сангак боис шуд, ки дар ҳар кучо ки ӯро медидам, мутаваҷҷеҳаш мешудам ва бо

ҳасрат сӯяш менигаристам. Дафъаи дигар чанги Сангакро дар дохили ресторани ҳамон чорраҳа бо Казбеки таксист тамошо кардам.

Рӯзе падар ба аёдатам омад. Пеш аз он ки ӯ тарафи Тосқалъа ҳаракат кунад, сари роҳ хост, ки якчоя борши украинӣ тановул кунем. Ба мизе нишастему хидматгори ресторан бароямон боршу хлеби сиёҳ овард. Акнун ба хӯрдани хӯрокамон сар карда будем, ки марди қоматбаланду бинидарозе дар сар кулоҳи лапардори хоси халқҳои кафкоз ба толор ворид шуду аз пушташ дарвозаи ресторанро маҳкам кард. Дар ресторан муштариён зиёд набуданд. Он марди қоқинаву дароз муштҳо сахт намуда, тарафи буфет - қаҳвахонаи ресторан, ки дар ихтиёри Сангак буд, рафт. Ману падар дидем, ки пушти буфет Сангак қарор дорад. Оҳистакак ба падар фаҳмондам, ки соҳиби буфет Сангак аст, ҳамон ёсҳучии муштзан, ки тоза аз ҳабсхона баромадааст. Падар пурсид: «Ӯ чӣ ҳунар дорад?». Гуфтам: «Ҳеч ҳунареву ихтисосе надорад. Ӯ муштзан аст. Аз раисон пулҳошонро зада мегираду ба камбағалон тақсим менамояд». Падар боз сӯйи Сангак нигариста гуфт: «Чавони тануманд менамояд». Лаҳзаи шиноҳт бо Сангак буд, ки он марди қафкозӣ аз дур даст андохта ба сари Сангак мушти обдоре зада, чанд бокали пивои ӯро шикаст. Хидматгорҳо дарвозаи ресторанро кушоданду ҳудро ба кӯча заданд. Атрофи ресторан нури тамошобин шуд. Ману падар ба кунҷаке мизамонро кашола карда, максади боршро то поёни коса хӯрдан намудем. Сангак аз пушти буфет ба саҳни толор баромад, то ки бо ҳарифаш дурусттар бичангад. Ҳарду мизу стулҳоро шарақ-шарақ ба ҳар сӯ андохта ба муштзанӣ сар карданд. Ин лаҳза аз кӯча гурӯҳе аз тамошобинон ба дарунӣ толор даромаданд. Сангак давр мехӯрду аз ҳариф савол мекард: «Что ти хочеш от меня. Зачем пришел?» Марди дароз чизе наметуфту лаҳзаи мувофиқро барои зада афтодани Сангак чустучӯ мекард. Онҳо чанд дақиқа ба таъқиби якдигар давр хӯрданд. Мо боршро саросемавор хӯрдему аз толор баромаданӣ шудем, аммо дигар имкони берун рафтан надоштем, зеро издиҳом

калон шуда буд. Бинобар ин, мо ҳам дар қатори дигарон ба тамошои набарди ду марде, ки маълум набуд барои чӣ мечанганд, истодем. Чавонмарде ба ҳамроҳаш мегуфт: «Казбек ҳам бақувват аст». Дигараш чавоб дод: «Не, Сангак мушти сахт дорад, агар мушташ бар пешонии Казбек хӯрад, тамом, ӯ меафтад». Аз ин сӯҳбат фаҳмидам, ки ҳарифи имрӯзаи Сангак Казбек ном дошта, таксии боркаш мерондааст. Даъвои Казбек сари Сангак он будааст, ки Фотимаро ба ҳоли худ гузорад. Яъне, Сангак духтари осетинеро бо номи Фотима зӯран зан карда будааст ба ин амал осетинҳои Кӯлоб розӣ набудаанд. Казбек – яке аз зӯрони он қавм – кайҳо мехостааст, ки Сангакро ба қатл расонад, аммо муяссараш намегаштааст. Мавзӯъ барои ман ҳам равшан гардид. Якбора чашмам афтод, ки Казбек дасти дарозашро чониби Сангак ҳаво дода хост, ки бар каллаи ӯ муште занад. Аммо Сангак зиракӣ нишон дода, аз таги манаҳи Казбек чунон зад, ки ҳамон одами дароз як болой шуда рӯи фарш пешорӯ хоб рафт. Сангак оромона ҳам шуда аз мӯйи сари Казбек дошта боло карду бо зону ба фуки Казбек задан гирифт. Аллакай аз биниву даҳони Казбек хун мешорид. Сангак харифро ба ихтиёри худ гузошту ифтихормандона ҳарду дастро боло намуда, аз ғалабааш тамошочиёнро хабар медод. Казбек хунҳоро саросема бо пачаҳояш пок карду боз ба сари Сангак ҳучум оварданӣ шуд. Аммо Сангак ин ҳолатро ҳис карда буд, ки якбора ба қафо баргашту як шатта ба байни поҳои Казбек зад. Ӯ доди чонкоҳе бароварду дигар худро рост карда натавонист. Сангак харифашро кашолакунон сари кӯча бароварда, боз ду-се шаттаи дигар ба думбааш заду худаш паси буфеташ қарор гирифт. Казбекро ҳамшаҳриҳояш бардошта бурданд. Ғалабаи навбатии Сангак бар Казбек обрӯйи ӯро боз ҳам миёни бошандагони чавони шаҳр баланд кард. Мегуфтанд, ки дар шаҳр дигар шахси муштзане нест, ки Сангакро мағлуб карда тавонад. Баъд аз ин чанд бори дигар дидам, ки Сангак бо завчааш Фотима ба тамошои филмҳо меомад. Толорро ҳайбати Сангак пахш менамуд.

Шоҳиди ҷанги сеюми Сангак ҳам шудам. Тартиб чунин буд, ки моҳе як бор аз «дружинаи халқӣ» барои назорати тартибу низом байни шаҳрвандони гузарҳои шаҳр истифода мебурданд. Яке аз рӯзҳои шанбе дастаи омӯзишгоҳро ба Гузари Завод равон карданд. Мо дар банди дастҳо латтаи сурх баста, танс—рақсро назорат мекардем. Он солҳо дар майдонҳои истироҳатии шаҳр рақсҳои аврупоӣ сурат мегирифт. Марде бо зане аз камари якдигар дошта, тахти садои мусиқии оркестрӣ рақс мекарданд. Соатҳои ёздаҳуми шаб рақси аврупоӣ поён ёфту мардум ба ҳар ҷониб парешон шуд. Вақте ки кас аз шифохонаи касалиҳои шуш ба самти Гузари Завод равад, аз пули ларзони оҳание, ки болояш бо тахта пушонда шуда буд, бояд мегузашт. Ин пул болои дарае қарор дошт, ки баҳорон обаш аз тарафи Тебалай сарозер шуда, то сарҳади хоҷагии Шаталов ҷараён мегирифт. Аз ду самти ин дарёча манзилҳои бошандагон ҳомат рост мекард. Аммо пул на барои гузаштани мошинҳо, балки ба хотири рафтуои одамон сохта шуда буд. Онро "пули ларзонак" ҳам ном мебурданд. Роҳи мошингард аз зери пул мегузашт. Дастаи мо иборат аз понздаҳ кас то пул расида, дидем, ки ҳарду ҷониби пулро ҷавононе банд кардаанд. Дар мобайни пул Сангак бо завҷааш ҳайрон монда ба ин сӯву он сӯи пул назар меандӯхтанд. Мо фаҳмидем, ки осетинҳо бозгашти Сангакро, ки ба маркази шаҳр рафта будааст, дар зери пул интизорӣ кашида, вақте ки Сангаку Фотима аз зери баҳали якдигар гирифта сӯҳбаткунон то мобайни пул мерасанд, якбора ҳамшаҳриҳои занаш аз таги пул боло шуда, роҳи онҳоро мебанданд. Дар чунин вазъият Сангак дигар илоҷе надошт, ба ғайр аз ин ки ҷони худу хонумашро аз зарбаи ҳарифонаш дифоъ намояд. Дастаи «муҳофизони халқӣ» нишониҳои сурхро аз дастҳо кашида ба чайбҳо задему омодаи набарди фавқулоддае шудем. Сангак завҷааш Фотимаро ба тарафи Гузари Завод равон кард. Медонист, ки осетинҳо ба занаш даст намерасонанд, зеро одати қавмии онон чунин амалро тақозо менамуд. Фотима тарсида-тарсида ҷониби ҳамшаҳ-

риёнаш омада, ҳини аз байни онҳо гузаштан ба забони осетинӣ чизе гуфту он тарафтар рафта Сангакро маъпал шуд. Акнун Сангакро лозим буд, ки як худаш ба 40-50 кас муқобилият нишон диҳад. Азбаски пул ларзон буду камбар, аз ду ҷониб дукасӣ шуда ҷониби Сангак омадан гирифтанд. Вақте ки чор кас ҳостанд одоби домодро бидиҳанд, ӯ бо як чолокӣ ҳарчорашро аз болои пул ба зер ҳаво дод. Табиист, ки ба зерафтодагон дуюмбора ба набард худро пайваста наметавонистанд, чунки онҳо ҳатман чароҳат мебардоштанд, ё дасташон мешикаст, ё пойҳояшон. Гурӯҳи чорнафарии дуюмро ба якдигар сарҷанг андохта, болои пул афтонду шаттакорӣ кард. Дастаи сеюм ҳам ба ҳамин ҳолат гирифтор шуд. Сипас Сангак ба забони русӣ ба ҳарду ҷониб назар андӯхта даъват намуд, ки агар хоҳед, ки бедасту пою қабурға монед, марҳамат биёед. Баъзе ҳарифонаш самти шаҳр рӯ ба гурез оварданд. Он вақт Сангак оҳиста-оҳиста ҷониби ҳарифони тарафи росташ омадан гирифт. Даҳ қадам монда буд, ки инҳо ҳам байни худ чизе гуфтанду пареш хӯрданд. Сангаки бадқаҳр назди дастаи мо омада моро дид ва «ҳа, шумо бачаҳои шаҳр ҳастен, медонам донишчӯ мебошен, роҳ кушода, марҳамат карда равед. Сангакро мағлуб намудан осон нест...». Фотима тез-тез роҳ гашта, даст ба зери бағали шавҳараш гузошту роҳи хонаашонро пеш гирифтанд. Гап дар ин буд, ки Фотима Сангакро дӯст медошт ва аз қавмаш то чое рӯй гардонда буд. Онҳо дӯстона зиндагӣ мекарданд ва писари ширинрӯяке ҳам ба дунё оварда буданд, ки гоҳе Сангак дар мотосикли сечархааш Фотимаро ба нишастгоҳи пушт мешинонду писарчаашро дар бағал гирифта, кӯчаҳои шаҳрро тамошо мекарданд. Якуми майи соли 1958 буд. Мо як даста варзишгарони омӯзишгоҳ таги майкаву трусӣ дар хиёбони Карл Маркс барои иштирок кардан дар парад ҷониби майдон мерафтем. Мо аз тарафи омӯзишгоҳ ба самти рости роҳ байракҳо дар даст меомадем. Соат ҳоло ҳашт нашуда буд. Мо дар рӯ ба рӯйи мактаби Сталин, ҳоло Шоҳин менистодем, ки Сангак савори мотосикли сечархааш аз тарафи Гузари завод омаду ба

тарафи кӯчаи Карл Маркс гардонд, зеро хиёбони Ленин баста буд. Ҳамин вақт русдухтаре, ки тахминан 6-8 сола буду дар дасташ гул дошт, якбора давиду хост аз пеши мотосикли Сангак гузарад, ки ногаҳон ба мотосикл бархӯрду болои замин афтид. Мо ду-се кас саросемавор болои сараш қарор гирифтему ба мотосикл назар андӯхтем, ки Сангак манъ накарда ҳаракаташро идома дод. Ман духтарчаро бардоштам, ки аз як сурохии биниаш андак хун баромада буд. Ҳайрон мондем, ки бо ин духтар чӣ кунем. Шифохона дусад метр боло аст. Духтар нолиш менамуду чашм боз намекард. Духтар болои дастам буд, ки якбора Сангак наздам пайдо шуда, «Сағера кӯдакро ба люлка гузор»,- гуфт. Ман ҳайрон-ҳайрон ба Сангак нигаристаму батарс духтарчаро ба люлкаи мотосиклаш оҳистакак гузоштам. Сангак «он тараф истед»,- гуфт, ба издиҳом, ки ҳодисаро тамошо доштанд ва бо суръати тез ҷониби шифохонаи шаҳр ҳаракат намуд. Муаллимони мактаби Сталин шарҳи ҳодисаро аз мо шуниданд. Ҳамин вақт буд, ки русзане доду фиғон бардошта, худро болои сангфарш задан гирифт. Мо ба ӯ фаҳмондем, ки духтарча зинда аст ва соҳиби мотосиклро Сангак мегӯянд. Ҳозир ба шифохона равед, духтаратонро мебинед, гуфтем ба модари духтар. Он зан бо мӯйҳои парешону чеҳраи гирён рӯболо рафту мо боз байрақҳомонро бардошта тарафи чорраҳаи шаҳр, ки он ҷо донишчӯёну муаллимони омӯзишгоҳ ҷамъ мешуданд, ҳаракат намудем. Баъд аз се моҳ муҳокимаи Сангак дар суди шаҳрӣ сурат гирифт, ки ҳашт сол аз озодӣ маҳрумаш карданд. Сангак ҳама гуноҳро ба зимма гирифт. Афсӯс хӯрд, ки духтарча нобуд шуд. То хатми омӯзишгоҳ дигар Сангакро надидам. Ӯ дар кадом гӯшае аз шаҳрҳои Русия «истироҳат мекард».

ЯК МОҲИ КӮҲНАВАРДӢ

Таъгили тобистонаи соли панҷоҳу ҳаштум фаро расид. Аз кумитаи варзиши шаҳрӣ се роҳхат барои курси кӯҳнавардӣ доданд, ки насиби банда, Абдукибор Гадоев ва Ҳасан Ватанов гардиданд. Раиси кумита Мӯъминов наздаш даъват

намуд ва вақти сафарро ба Сталинобод якуми июл таъин кард. Ба ин хотир, ба Тоскалъа рафтам ва ду-се рӯз назди аҳли хонавода монда, сипас бо ҳамроҳонам роҳи Сталинободро пеш гирифтам. Сараввал хонаи холаам – Шарифамоҳ даромадем. Шабро он ҷо рӯз намуда, пагоҳӣ ба суроғаи маълум худро расондем. Моро дар идорае, ки назди бозори колхозӣ (ҳозира Баракат) дар шакли баракҳои солҳои сӣ қарор дошт, ҷамъ оварданд. Гурӯҳ аз сӣ кас иборат шуд. Муаллимону роҳбаладони гурӯҳ аз Ленинград муаррифӣ гардиданд. Ин даста бо номи кӯҳнавардони тоҷик шиносҳта шуд. Дар ин гурӯҳ духтарон ҳам буданд. Дастаи кӯҳнавардонро асосан русзабонҳо ташкил медод. Тоҷикон панҷ нафар будем: ба ғайр аз сеи мо боз марде бо завҷааш ҳам шомил буд. Ниҳоят соати ҳаракат расид. Мошинҳо сафо буданд. Сафар чониби дараи Варзоб сурат гирифт. Роҳ дар ҳиссаи Чорбед аз самти чапи дарё ҷараён гирифт. Роҳаш камбар ва хатарнок буд. Маркази ноҳияро бо чандин деҳаҳои кӯҳияш паси сар намуда, ба самти рости рӯди Варзоб гузаштем, он ҷо ки қароргоҳ-лагери кӯҳнавардон ҷойгир шуд. Ҳар кадоми мо рюкзак-борхалта, ледоруб, ресмон ва дигар лавозимоти кӯҳнавардиро бо худ доштем. Ашёмҳоро якҷоя бо маводи хӯрокворӣ, ки асосан аз гӯшти қутӣ –консерва иборат буд, дар рюкзак нигоҳ медоштем, ки 15-20 кило борро ташкил медод. Хаймаамонро рост кардем, ки секаса буд. Ҳамин навъ хаймаҳо 15-20 адад рост гардид, ки шаҳрчаи хаймаиро мемонд. Шаҳрчаи кӯҳнавардон дар мавзеи хушманзаре воқеъ гардид. Дарсҳомон хеле ҷиддӣ сурат мегирифт. Муаллимон-инструкторони ленинградӣ худ кӯҳнавардони ботаҷриба буданд. Кӯҳнавардиро бо тамоми қоидаҳояш ёд медоданд. Тарзи аз ледоруб (олати кӯҳнавардие, ки дастаи чӯбӣ дошта, нӯги он дорои ду сар буд: яке зоғнӯл дигаре болға) истифода кардан, ресмонро ба навъ ба камар бастану гирех андохтан ва дигар фаъолияти кӯҳнавардиро меомӯхтанд. Ледоруб барои шахси кӯҳнавард чандин вазифаҳоро адо менамуд. Яке он буд, ки вақти ба кӯҳ боло шудан аз зоғнӯлу болғаи он истифода мегардид.

Вазифаи дуюмаш ҳини аз кӯҳ ё теппаҳои регӣ пойин фаромадан, истифодаи дурусти он кӯҳнавардиро аз афтидану ҷар шудан наҷот медод. Масалан, агар ногаҳон пой лағжаду шахс ба афтидан дучор ояд, дарҳол ледоруб ӯро ҳамчун поя намегузорад, ки афтад. Дар пойин фуромадан ледоруб чун асо хидмат мекард. Ба ибораи дигар, муаллимон шогирдонро аз нигоҳи психологӣ, пешакӣ хатари кӯҳиро эҳсос намудан ва ҷуръатмандиву нотарсӣ омода месохтанд. Дарси дигарамон гузаштан аз болои дарёи бепул буд. Ин амал бо ёрии бандҳои тросмонанди ғафсу бақувват сурат мегирифт. Як сари банд чангаки оҳанӣ дошт, ки вақти онро ба он тарафи дарё партофтан, бояд ба харсанге дармемонд. Тарафи дигари онро ба харсанг ё дарахте баста, сипас кӯҳнавард бо қувваи даст, дар шакли муаллақ, ба он тарафи рӯд мегузарад. Ҳафтаи аввал фақат дарсҳои назарӣ хондем. Баъд аз ин бояд дар амал нишон медодем, ки назарияи илми кӯҳнавардиро омӯхтаем ё не. Ба ин хотир, чанд рӯз омодагиҳо барои ба сафари кӯҳ рафтан оғоз ёфт. Дар чанд рӯзи омодагӣ мо – панҷ точик аз наздик ошно шудем. Чунон ки гуфтам, ба гурӯҳи мо ду нафар душанбегӣ, зану шавҳар шомил буданд. Одатан, ману Абдукибор ва Ҳасан бегоҳиҳо ба сари теппа баромада, кӯҳу даманро тамошо карда, аз хушгапиҳои Ҳасан ҳаловат мебурдем. Дар яке аз чунин бегоҳиҳо он марди душанбегӣ наздамон ҳозир шуда, худро шиносонд. Маълум гардид, ки эшон аз кормандони илмии Академияи улум буда, ҳавчаш касби духтурӣ дошт аст. Мо низ худро шиносондем. Акаи Салоҳиддин, вақте фаҳмид ки ин се чавони кӯлобӣ донишҷӯянд, хушҳол гардид.

Ҳамсараш бисёр бонуи шармгин буд. Тақрибан бо касе сӯҳбат намекард. Ба назар чунин расид, ки онҳо ба тозагӣ издивоҷ карда буданд. Бо ҳамдигар хеле навозишкорона муносибат мекарданд. Лаҳзаҳое, ки зиқ мешуданд, бо мо сӯҳбат меоростанд. Ҳар бегоҳӣ дар майдончаи шаҳрчаамон рақсу бозиҳои точикиву русӣ ташкил мегардид, ки акои Солеҳ бо хонумаш иштирок мекарданд. Аз сеи мо Ҳасан фаъол буд. Ин чо ҳам аз либосҳои хоссааш истифода карда,

боиси таваччӯҳи дигарон мегардид. Яъне, вақтамон хуш мегузашт. Тақрибан ҳама чавонон буданду ташнаи дилхушиву чавонӣ кардан.

Пагоҳие борхалтаҳо дар китф ба дараи кӯҳиву серобе бало шуда, аз болои Хочаобигарм фаромадем. Дар ин сафар муаллимон хуб фаъолияти шогирдонро ба мушоҳида гирифта, дар чойҳое, ки лозим шуд, гурӯҳро маътал сохта, бори дигар чиҳатҳои ноошнои кӯҳнавардиро ёд медоданд. Гуё бо ин нахустсафар тайёр будани гурӯҳ ба сафари дарозмуддату мушкилгузар равшан гардид. То поёни мӯҳлати кӯҳнавардӣ дах рӯз монда буд, ки пагоҳие мошинҳо аз Сталинобод пайдо шуданду моро савор карда, ба воситаи ағбаи Анзобу Шодмондараву деҳоти минтақаи Айнӣ ба мавзеъи Фондарё бурда, аз мошинҳо фаровардану мошинҳоро рухсат карданд, то ки баъд аз як ҳафта гурӯҳро дар Қаратоғ интизор шаванд. Муаллимон амр доданд, ки акнун ин тарафи роҳ ба воситаи роҳҳои кӯҳии бузрав амалӣ мешавад. Гурӯҳ бояд то бегоҳ ба мавзеи Искандаркӯл бирасад.

Дастаи кӯҳнавардони мо шакли корвонро гирифт. Дар сар ё пеши гурӯҳ «направляющий» ва дар қафои корвон «замикающий» қарор гирифт, ки аз муаллимон иборат буданд. Байни ҳар кӯҳнавард фосила муайян буд. Мо либосҳои махсуси кӯҳнавардӣ пӯшида будем – кулоҳи сабадмонанди офтобногузар дар сар, ботинкаҳои тагаш дандонадору соқболо дар пой, ледорубҳо дар дасту борхалтаи бисткилой дар пушт самти Искандаркӯлро пеш гирифтем. Тамоми ғизои даҳрӯза байни даста тақсим шуда буд. Масалан, ширҳои қуттӣ дар борхалтаи мо – се кӯлобӣ буд. Гӯшти консерва дар борхалтаи кӯҳнавардии дигаре чой дошт. Баъд аз ҳар як соат барои даҳ-понздаҳ дақиқа дам гирифтан, «перевал» эълон мешуд. Ҳар кас бо борхалтааш болои замин, ё харсанге менишаст. Боз ҳаракат идома меёфт. Аз соати 12 то 13 нони чоштро мехӯрдем, ки дар чойи мувофиқе сурат мегирифт. Одатан, мавзеи майсазору чашмазореро интихоб менамудем. Ин ҳолат ҳама даҳони

борхалтаҳоро кушода, шахси масъул ғизоро баробар таксим менамуд. Ҳама навъи ғизо ҳисоб дошт, то ки дар даҳ рӯз бехӯрок намонем. Вақти боло баромадан аз пешорӯямон шаршараи обе пайдо шуд, ки 40-50 метр ба дарё поён мешуд ва барои кас даҳшатро пеш меовард. Садои афтидани об аз дуриҳо шунида мешуд. Шиддати об хеле баланд буд. Ҳубобчаҳо-заррачаҳои он чун санги хоб боло мешуданд. Роҳи бузрав аз паҳлӯи ҳамин обшор мегузашт. Мо эҳтиёткорона роҳ мерафтем ва кӯшиш мекардем, ки ба поёни обшор камтар нигоҳ намоем, зеро касро ваҳм фаро мегирифт ва имкони чарх задани сар ҳам вуҷуд дошт. Садои воҳиманоки обшорро паси сар намуда, ба баландии он баромадем. Дида шуд, ки он обшор аз кӯли Искандар сарчашма мегирифтааст. Роҳи кӯҳнавардон ба самти рости Искандаркӯл ҷараён гирифт. Се тарафи кӯлро кӯҳҳо иҳота намуда буданд. Табиист, ки дар оғоз ду кӯҳи баланд мавҷуд будаасту дар асари нооромиҳои табиат аз ду ҷониб қисме аз кӯҳҳо канда шуда сари роҳи дарёчаро банд сохта, бо мурури замон кӯли обро ташкил додаанд. Вақте об зиёд ҷамъ мешавад, роҳи баромадашро бо фишори худ пайдо намуда, кӯҳи афтодаро бурида мегузарад, ки дар натича он обшори ваҳмангези панҷоҳметра ба миён меояд. Сипас, обӣ кӯл баъди обшор чанд километр сарозер рафта ба рӯди Зарафшон омезиш меёбад. Вақти аср буд, ки ба қисмати болоии Искандаркӯл, ки ҷангалзореро мемонд, расидем. Дарёчае, ки аз самти дара меомад, аз байни он ҷангалзор гузашта, кӯлро ташкил медод. Ба мо фаҳмонданд, ки дар он оббозӣ кардан манъ аст. Гуё 200 метр чуқурӣ доштааст. Бо вуҷуди ин як гурӯҳ духтарону чавонони рус худро ба кӯл партофта, сӣ-чил метр ба дарунтари он шиновариӣ карданд. Мо низ ба онҳо пайравӣ намуда, аз пушташон шино кардем, вале ба онҳо расида натавониста, пас гаштем. Сипас фармон шуд, ки шабро ин ҷо мегузаронем, бинобар ин хаймаҳоро рост кардан лозим мешавад. Шаҳрчаи муваққатии кӯҳнавардон шабе соҳили Искандаркӯлро обод намуд. Самти рости Искандаркӯл кӯҳи касногузарро мемонд.

Дар тарафи чапи он, ки роҳ барқарор аст, қабати кӯҳ ба чанд метр дарунтар кофта шуда, оташу дудзада менамуд. Ривоят будааст, ки он ҷоҳоро аскарони Искандар шикофтаанд ва макони зист сохтаанд. Албатта, дудзадагиҳо ба амали искандариҳо тааллуқ надошта, балки дуди оташи молдорон буд, ки ҳини минтақаро гузаштан, чанд рӯзеву шабе дар қабатҳои кӯҳ сарпаноҳ чустаанд. Чанде аз кӯҳнавардони мо низ ҳамчун лаҳзаи рамзӣ дегҳошонро ба он хонаҳои табиӣ гузошта, оташ сар доданд. Ҳарчанд ки бистумҳои июл буд, шоми Искандаркул сард ба назар расид. Гузашта аз ин кӯрпаша чунон сари кӯҳнавардон фишор овард, ки на коҳ монду на саргини мол, ҳамаро дуд додем. Лекин дар ин дохили хаймаҳо он «душманони меҳмоннавоз» камтар буданд. Субҳ аз хаймаҳо берун шуда, дар оби мусафои Искандаркул шустушӯ намуда, нонушта кардему роҳамонро ҷониби Арчамайдону баъд қаторкӯҳҳои Ҳисор идома додем. Дар хиссае аз роҳ дам гирифтем. Қуттиҳои шир дар борхалтаи Ҳасан буданд. Ба хотири ин ки вазнаш кам шавад, ба соҳили сой фаромада пиняҳоӣ аз дигарон чанд қуттӣ ширро кушода бо оби яхи кӯҳӣ омезиш дода нӯшидем. Бори Ҳасан як-ду кило сабук гардид. Роҳ душворгузар буд. Роҳбарамон ҳар сари вақт таъкид мекард, ки эҳтиёт кунем. Баъди даҳ километрро тай намудан ба Арчамайдон расидем. Он ҷо роҳе ҳам буд, ки касро ба тарафи рост бурда то Ҳафткӯл мерасонд. Ба мо самти чап лозим буд. Вақте ки минтақаро аз назар гузаронидам, дидам, ки воқеан талу теппаҳо ва ҳамвориҳоро дарахтони арча зебу зиннати хосса мебахшанд. Сарварамон майдони майсазореро интихоб кард, то ки шабро он ҷо гузаронем. Қонда чунин буд, ки як соат қабл аз ғуруби офтоб, даста бояд ҷойи мувофиқи истироҳати шабонаашро муайян менамуд. Ҳар гурӯҳча барои худу хаймааш ҷой гирифт. Абдукибору Ҳасан хайма рост карданду ман пушти чӯби сӯхт ба камари теппа рафтам. Шоҳҳои хушки арчаҳоро ҷамъ менамудам, ки дар рӯ ба рӯям, ба масофаи бист метр, дар бағали арчаи бузурге хирсе дастҳояш боло сӯям тамошо мекард. Бағал пури

шохмайдаҳои арча шах шудам. Ба баданам мурғак давид. Хирсу ман аз якдигар чашм намекандем. Дуртар аз ман як руси ленинградӣ ин ҳолатро дида, пуштнокӣ ҷониби бошишгоҳ медавад, аммо гап зада наметавонад, балки бо дасташ ишора мекунад, ки ба тарафи ман нигаранд. Кучое хонда будам, ки дар чунин ҳолатҳо шахс бояд сари хирс таҳдиде накунад ва агар туфанг дошта бошад, милашро тарафи он нагардонад, вагарна ҷонаш дар хатар мемонад. Баръакс ба чеҳраи хирс бояд нигарист, то он лаҳза, ки дастҳояшро болои замин гузошта, ба сӯйе роҳ пеш нагирад. Ман ҳам ин амалро анҷом дода, аз ҷоям наҷунбидам. Хирс ҳам гӯё аз тамошои ҳарифи нотавонаш монда шуд, ки як сари ғафси пашминашро афшонду пушти арча гузашта, боз як бори дигар калаашро хам карда аз зери поҳояш маро дид ва сипас ба теппа боло шуд. Ман ҳанӯз ҳам рост меистодам, зеро тарс ҳоло аз ҷонам бадар нашуда буд. Вакте ки ба ҳуш омадам, ҳамроҳонам дар масофаи дуртар қарор дошта, монанди ман аз гап монда буданд. Бо рафъи хатари хирс рӯямро ҷониби шариконам гардонда, оҳиста-оҳиста наздашон рафтам. Роҳбарамон сахт тарсида буд. Ӯ гумон доштааст, ки хирс маро бояд бо панҷаҳои паҳну вазнинаш ба замин пахш месохт. Бо вуҷуди ин, ман худамро тарзе нишон медодам, ки гӯё ҳодисае рух надодааст. Ҳасан, пеш аз ҳама ба наздам ҳозир шуда, ба ҷойи ин ки ба точикӣ пурсад, русӣ гап мезад, ки чӣ шуд? Духтарҳои гурӯх ҳар кадом навозишам мекарданд. Яктоаш гуфт: «Ну, Назар тӣ герой». Ба даруни дил мегуфтам: «Хок герой, қариб дар ҷоям тар кунам». Ба ҳар ҳол сахт тарсида будаам, ки шаб нороҳат хоб рафтам ва ларзиши бадан то хеле сарам надод. Пагоҳӣ чанд доначае болои лабонам пайдо шуд, ки онро табхол меномем. Ҳасан мегуфт: «Ты по настоящему испугался». Абдукибор дилбардорӣ мекард: «Хайрият шуд. Хирс метавонист туро пачақ кунад». Ҳасан, ки аслан воҳимаандозиро дӯст медошт, тарафи Абдукибор нигоҳ карда мегуфт: «Слушай Абдукибор! Ладно, пускай, но если с ним что-нибудь случилось, что мы сказали-бы в Кулябе?»

Он рӯз Ҳасан мавзӯи сӯҳбати дигаре надошт. Акои Салоҳ бо завқаш ба ташвиш афтода буданд ва ҳамагонро ҳушдор мекарданд, ки аз ин минтақа ҳарчи зудтар баромадан лозим. Он рӯз, ки мо бояд ба сари баландӣ мебаромадем, ду-се соат вақт лозим шуд. Дар тӯли ин роҳи вазнин мочарои Назар бо хирс вирди забони кӯҳнавардон буд. Гӯё онҳо хушёр шуда, ин тарафу он тарафро медиданд, то ки хирсе дучорашон наояд. Русдухтаре бо дигараш мегуфт: «Ой, он такой молодой, а не испугался, он стоял прямо и смотрел на медведя». Дуюмаш ҷавоб медод: «Я бы тут-же упала и умерла бы наверное и всё». Он рӯз номи Назар байни кӯҳнавардон шӯҳрат дошт. Худам дар ботин ба хирс ташаккур мегуфтам, ки ақлаш баландӣ карду ба ман дарнаафтод, дар акси ҳол чархболе лозим мешуд, ки аз Арчамайдон ҷасади мачақшудаи маро интикол медоду дар гурӯҳ мотам эълон мешуд. Бо чунин андешаҳо оҳиста-оҳиста баландии дар пешбударо низ фатҳ намудем, ки яке аз қуллаҳои қаторкӯҳҳои Ҳисор дониста мешуд. Болои баландӣ барфи ғафсе хоб буд. Аз рӯи харита аз он ҷо ки кӯҳнавардон қарор доштанд, роҳи пиёдагард бояд идома меёфт. Аммо барфи ғафс онро зери худ пинҳон карда буд. Он баландӣ чунон шамолрав буд, ки барф каб-кабуд менамуд. Яке аз бахшҳои дарсҳои назариявии кӯҳнавардӣ тарзи аз болои яху пиряхҳо ва яхе, ки рӯйи сойю рӯдчахои кӯҳиро бастааст,роҳ рафтану бехатар фаромадан буд. Мавзее, ки мо сарозер мешудем, аз зераш дарёи калоне ҷорӣ буд, ки агар ин сирро намедонистем имкон дошт, ки дар ҷойи нарми яхоб ба даруни дарё фурӯ равем. Бинобар ин, ҳамаро огоҳ сохтанд, ки ба воситаи ледоруб фароем. Яъне, ба ледоруб тарзе бояд такя зада худро мелағжондем, ки осебе ба мо намерасид. Албатта, ин ҳунар барои ман душворие надошт, аммо дилам ба хонуми акои Салоҳ месӯхт, ки аз ледоруб истифода карда наметавонист. Аз ин ҷост, ки акои Салоҳ рюкзак-борхалтаи худро аз китфонаш озод карда, мисле ки ба аспу хар кас пушти ҳам савор мешаванд, онҳо болои он нишастанд. Мо се кӯлобии нимкишлоқӣ ба

ҳоли онҳо механдидем. Махсусан, Ҳасан роҳат мекард. Мо худро ба воситаи ледоруб аз ду тарафи акои Салоҳу хонумаш қарор дода, якчоя ҳаракат кардем. Медидам, ки чӣ навъ онҳо аз сардие, ки аз зер таъсир мегузошт, азият медиданд. Вале илочи дигаре набуд. Ман дар як дам чунон фаромадам, ки ленинградиҳо ҳайрон монданд. Худи муаллимамон, ки як марди қаддарози швединамо буд, дусе даъфа чаппа шуда, сарозер рафт. Вақте ки масофаи яхи болои дарёчаро ба охир расондем, бехотир дарё намоён шуд, ки касро фурӯ бурданаш аз имкон дур набуд. Аз ин рӯ, ман ки дар сафи пеш будам, ба ледоруб такя карда, аввал акои Салоҳро бо завчааш ба тезӣ доштам, то ки ҳаракаташон идома наёбад ва баъд Ҳасану Абдукиборро ҳам аз дасташон дошта аз хатари дарёи яхин дур кардам..

Дарёчае, ки аз зери барфи якметра берун мебаромад, сарчашмаи дарёи пуроби Қаратоғ буд. Ба ҳамин тариқ якуним километр рӯйи ях поён фаромадем; рӯз ҳам бегоҳ шуд ва дигар аз рушноии офтоб нишоне намонда буд. Соҳили дарё чаманзореро барои истироҳат пайдо намудем. Аммо ин шаб шахрчаи ҳаймаи насохтем, зеро ҳаво чандон сардӣ намекард. Ғизои шомамон боз гушти консерва ва чоямон шири қуттӣ буд. Ҳасан ба зудӣ дар як коса аз шири қуттиву барфи тоза яхмос сохт. Чавон, ки будем ба ҳамон сардӣ нигоҳ накарда, яхмос мехӯрдем. Натичаи яхмос он шуд, ки худи Ҳасан ба гулӯдард гирифтор шуд, чунки аз ҳама беш худаш яхмоси сохтаашро хӯрд. Рахти хоби мо аз кӯрпае иборат буд, ки ба дохилаш медаромадему бандҳояшро мебастем. Гӯё дар даруни халтаи пахтагӣ хоб бошем. Пагоҳӣ, вақте аз хоб бедор шудам, дидам, ки бо он рахти хобам ба лаби дарё ғелида рафтаам. Агар ба санге дарнамемонд, мани даруни кӯрпаи сарбаста ба дарё ғарқ мешудам. Ин ҳолро дида, кӯҳнавардон ҳайрон мемонданд, ки «ин Назар чӣ сир дорад, ки ин чо низ аз хатари чонӣ раҳо ёфт». Маълум мешавад, ки шаб даруни кӯрпаи пахтагӣ ба ин тарафу он тараф ғел хӯрдаам ва ин боис шудааст, ки то лаби дарё расидаам. Боз ҳам, Худо чони маро

шиноварӣ намекардам.. Аммо Ҳасан ҳеҷ бовар намекард, ки ман даруни кӯрпаи сарбаста ба масофаи даҳ -понздаҳ метр ғел хӯрдаам. Ӯ ба ин ақида буд, ки ин саҳнаро худам бофтам. «Шайтонӣ накун»,- мегуфт Ҳасан,- «худат пагоҳӣ хестиву кӯрпата ба соҳил бурда боз дарунаш даромадӣ, то ки мо тура қаҳрамон эълон кунем». Абдукибор шӯҳиомез ба Ҳасан мегуфт: «Ту ҳам агар мисли Худойназар ба ҷанги хирс дармемондӣ, имшаб бо кӯрпаат аз Қаратоғ мебаромадӣ». Ин сухани Абдукибор ҳамаро ба ханда овард. Ба ин ҳодиса сарварамон шубҳае надошт, зеро дар таҷрибаи кӯҳнавардии ӯ чунин шуда будааст.

Офтоб ҳам аз пушти кӯҳ сар боло мекард. Борхалтаҳоро ба пушт гирифтему ҷониби нуқтаи охирини кӯҳнавардиамон-Қаратоғ сарозер шудем. Ду самти дарёро боғоту ҷангалзор ва майсазорҳо иҳота менамуданд. Мавзеъҷои хеле зебо торафт паси сар мемонд. Деҳаҳое ҳам ба назар мехӯрданд, ки аз чорводор будани бошандагонашон шаҳодат медоданд. Соҳили рости дарёи Қаратоғ заминҳои коршоям зиёд дошт. Дарё то рафт сероб мегардид, зеро даҳҳо дарёчаҳои кӯҳиро ба худ фурӯ мебурд.Ба боғоте расидем, ки олучаву гелосзор буд. Он ҷо соате дам гирифтем ва аз туту мевачоташ ҳаловат бурдем. Ҷо-ҷо моҳигирӣ ҳам кардем, ки шуғли дӯстдоштаи ман буд. Нони ҷоштро ҳам ин ҷо тановул намудем. Акнун роҳ ҳам наздик мешуд ва ҳам душворие надошт, чунки аз боло ба поин мерафтем ва ҳам роҳ мошинрав буд. Рӯзи охир ҳам буд, ки боз нерӯямон мебахшиду тезтар ҳаракат менамудем. Борхалтаҳо тақрибан холӣ шуданд, фақат барои як дастурхони дигар оростан ғизои сафарӣ монда буду бас. Дар миёни кӯҳнавардон гоҳе назарам ба акои Салоҳ меафтид, ки роҳравии завҷаашро метезонд. Он зани шаҳрии нозуктабиат, ба чангу хок нигоҳ накарда, бо сари хам қадам мепартофт, то ки аз даста қафо намонад. Ҳасан ғусдухтареро мехост «ҷоду кунад» аммо дер шуда буд. Дӯз баъд духтарони ленинградӣ Сталинободро тар

мегуфтанд. Ҷавононе буданд, ки дар ин бист рӯз чавони ҳам доштанд ва боз кӣ медонад... Шояд чавоне зан пайдо карду духтаре шавҳар Он вақт ба чунин муаммоҳои зиндагӣ сарфаҳм намерафтам. Акнун ҳабдаҳ сол доштам. Соатҳои панҷи бегоҳӣ худро ба шаҳрчаи Қаратоғ расондем. Назди чойхонаи он аллакай ду мошини таксии боркаш моро интизор буданд. Даҳ-понздаҳ дақиқа сару рӯйро шуста, чангу хоки бистрӯзаро дур сохта, бо анҷомҳо болои мошинҳо чо ба чо шудем. Шом буд, ки ба назди идораи марбута расидем. Қабл аз ин ки моро чавоб диҳанд, фаҳмонданд, ки пагоҳ соати ҳашт ҳозир шавем, то ки имтиҳон кабул намоянд. Мо се кас роҳи Нагорнийро пеш гирифтем. Аз майдони Путовский то он чо пиёда роҳ рафтем. Вакте ки ба ҳавлии холаам даромадам, аввалин ҳарфе ки хушдомани холаам бароям арз дошт ин буд: «Хайрият омадӣ. Аз хона модарат таъин кардааст, ки ҳарчӣ зудтар худро ба хона расонӣ» «Тинчӣ бошад»,- савол кардам аз соҳибхоназан. «Намедонам»,- гуфт ӯ ва идома дод: «Модарат чунин хостааст. Ҳатто таъкид кардааст, ки суроғаатро ёфта аз кӯҳнавардият пас хоста , ба Кӯлоб фиристем». Ҳайрон шудам ва ба андеша рафтам, ки «чӣ гап шуда бошад. Модар ҳомила буд, магар ягон ҳодиса бо ӯ рух додаасту нагуфтаанд». Ҳамин буд, ки он шабро нороҳат рӯз кардам. Пагоҳӣ холаам ҳам, ки шаб дер аз кораш омада буд, суханҳои хушдоманашро такрор намуд ва хоҳиш намуд, ки тезтар роҳи хонаро пеш гирам. Субҳ як пиёла чой гирифтему ба идораи варзишӣ ҳозир шудем. Ба ҳар кӯҳнавард як савол доданд. Хайрият чанднафарӣ маро имтиҳон карданд. Саволи ман тарзҳои гиреҳбандӣ ва аз болои дарё гузаштан буд. Чандон душворӣ надошт. Баъд аз ду соат имтиҳон чамъбаст гардид. Ба мо шаҳодатномаи кӯҳнавардӣ ва нишони сарисинагӣ доданд. Илова ба ин ҳуччате ҳам доданд, ки мо се донишчӯи омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб ҳамчун «устодони кӯҳнавардӣ» метавонем курсҳои кӯҳнавардӣ ташкил бидиҳем. Нишони сари синагиамон акси кӯҳ ва ледорубро дошт. Ҳарчанд ки

рӯзи фаромӯшнашуданӣ буд, таҳти диламро ноором медидам ва чизе аз ғайб фишорам меовард. Ба ин хотир аз ҳамсафаронам хоҳиш намудам, ки барномаи шаҳргардиямонро ба як сӯ гузошта, баъди чошт ҷониби Кӯлоб рахти сафар мебандем. Абдукибору Ҳасан ҳам розӣ шуданд. Акнун се кӯҳнаварди кӯлобӣ дохили кабинаи мошини боркаше қарор дорему ман бо андешаҳоям аз воқеаи пешомаде омодагӣ мегирам...

Шоми он рӯз дар дуроҳаи Қурбоншаҳиди Кӯлоб аз мошин фуруд омадаму дуи дигар роҳашонро идома доданд. Нороҳатона то хонаи холаи Сафаргулам расидам. Ҳаво торик шуда буд. Холаам парешон гардид, ки дар ин бевақтӣ аз кучо меоям. Қиссаи кӯҳнавардиамро ба холаам нақл намудам ва ҳам илова намудам, ки аз хона одам фиристодаанд, то ки зудтар баргардам. Холаам ҳеч ташвишеро пайхас накарда, «намедонам», гуфт. Ӯ чизе аз хонаводаи мо намедонист. Фақат ишора кард, ки «ҳамин моҳи очат аст. Кӯдак интизорӣ дорад. Албатта ба ҳамин хотир хостааст, ки дар наздаш бошӣ...» Оре, тахмини холаам дуруст буд, бояд чанд рӯзе дар назди модар мемондаам, ки қиссаи дигарест ҳузнангез...

РӮЗУ МОҲЕ, КИ ДӮСТАШ НАМЕДОРАМ...

Бисту дуюми июл худро ба деҳаи Тосқалъа расонидам. Аввалин касе, ки бо табассуми ба худ хос истиқболам гирифт, модарам буд. Модар перохани сафеди васеъбар дар тан дошт, ки дучон будани ӯро аз назари ҳар дақиқбин пинҳон медошт. Саросемавор маро ба оғӯш гирифт ва ба сару рӯям бӯсаҳо заду болои кати зери тути бузургчуссаи ҳавлӣ шинондам ва навозишкорона гуфт: «Хайрият омадӣ. Хобҳои гандат дидум. Ба ту чӣ ҳодисае рӯй дод магар? Дигар ин ки худамро бад ҳис дорам. Намедонам ҳолам чӣ мешуда бошад. Ин дучонӣ чандон пештара барин не. Аз ин рӯ, таъин намудам, ки зудтар биёию дар наздам бошӣ. Охи, чанд сол аст, ки туро кам мебинам. Ақаллан дар

ҳамин таътилат бо ман бошӣ гуфта саросемагӣ намудам. Модар ҳарф мезаду ман ба чеҳраи ӯ менигаристам ва мехостам сиреро барои хеш кашф намоям. Модарро хомӯш будан мефорид. Фарбеҳ мешуд, чеҳрааш сафедтару сурхтар мегашт ва ҳандаҳояшро дандонҳои садафмонандаш зебу зинати дигар мебахшид. Назарам ба нарангушташ хӯрд, ки баста буд. «Чӣ шуд?»- пурсидам аз модар. Ба сари ангушташ як нигоҳ андохту «намедонам, меган, ки хол баромадааст, аммо ҳеҷ не ки сар барорад» гуфт ва аз ҷояш хеста барои чою нон омода сохтан тарафи хона рафт. Чӣ савғотие бурда будам, ки додарчаҳоям гирдам карданд ва ҳайрон-ҳайрон сӯям менигаристанд. Мӯсояки хурдакаку зардак аз бағалам намефаромад. Ҷумъахон барои Холназари деҳқон сари замин чою нон бурда буд, ки надидам. Соҳибназари бепарвою шӯхтабиат ва то ҷое беадаб дар ким - кучо пушти оббозиву хартозӣ мегашт. Аноргул ҷорӯбчае дар даст ҳавлӣ ҷорӯб мезад. Ин ҳамаро медидаму худро дар худ дидавӣ шуда, аз сарнавишти дар пешбудаи модар фикр менамудам. «Чаро ӯ мехоҳад , ки ман дар наздаш бошам. Отат хона сохта истодааст, ҳайронам, ки он ба ман насиб мекунад ё не?» Ба назарам мерасид, ки модар торафт дар ҷодаи ноумедиҳо худро мебинад. Магар ӯ ҳодисаи нохушеро пешгӯӣ мекунад, магар хобе дидаасту таъбираш барояш маълум аст? Чунин саволҳо ба сарам медаромаданду худ мехостам ҷавоб пайдо кунам, вале ҳеҷ сарфаҳм намерафтам. Боз он сари нарангушт ва он холе, ки ӯро нороҳат месохт ва модар ҳар гоҳ латтаи онро кушода ин сӯву он сӯяшро медид, боиси ташвишам мегардид. Падар ҳам омад. Маро дида шод шуд. «Модарат гӯшу майнаамро хӯрд, ҳар пагоҳӣ аз хоб мехесту зораву тавалло мекард, ки бачама рафта биёр. Ба ин хотир, ман аз ду-се сафаракӣ хоҳиш намуда будам, ки ба хонаи холаат даромада инро ба ту гӯянд». Баъд аз хӯроки чоштро якчо дидан, падар хоҳиш намуд, ки ба лойкориву хонаандозиаш ёрӣ расонам. Деворҳои хона боло шуданду чӯбдавониаш оғоз мегирифт. Модар бошад дар гӯшае нишаста барои бачаи холо ба

дунёнамадааш чӯробча мебофту такрор ба такрор мегуфт: «И бача сари мара мехӯра». Падар аз болои бом ин ҳарфро мешунид «Иқлиммоҳ ношукрӣ накун, гапҳои беҳуда нагӯ, дили бачата ганда накун»,- мегуфт. Модар нарангушти холдорашро эҳтиёт карда чӯроббофиашро идома медоду бо табассум «хай, мебинӣ, ки и бача сари мара чӣ навъ мехӯра. И бача не, балки бало аст. Дар шикамам мисле ки балое хоб асту кӯшиш дорад, ки чонама бигира...»,- гӯён сар мечунбонду ресмонро мекашид. Чоште вақти чойнӯшӣ гуфт: «Малим и хона чойи бузургворе бояд бошад. Гирди кати хобам шабҳо гови зарде омада маро бӯй мекашаду пушти ҳавлӣ меравад. Вақте ки ба таъқибаш меравам, он нопадид мешава. Шабе барои ичрои ҳочат пушти ана ин девор нишаста будам, ки садое аз ғоиб гуфт: духтарам он чо нашин, ки бузургворе хоб аст, худатро ғунаҳгор насоз. Биё аз и хонаҳо ба дигар чо бикӯчем. Ба гумонам ҳамон бузургвор таги пойи мо хоб аст...». Падар ҳарфи модарро афсона мегуфту боз болои бомаш мебаромад, то ки вассабандиашро ба поён расонад. Модар боз дар ҳамон чойи ҳамешагиаш менишасту «оли бисоз, бисоз, хонаи нав бисоз, зани навут хуш мешава. Ту нагз медонӣ, ки и бачат сари мара мехӯра» гуфтан мегирифт. Дар ин чанд рӯз хонасозии падар поён меёфту аммо кафи дасти чапам аз лойпартой чароҳат гирифту он рӯз то рӯз варам карда, мисли нарангушти модар сар намебаровард. Дарди чонкоҳе медод ва дигар он дасти корӣ набуд, балки ресмоне ба гардан онро эҳтиёткорона нигоҳ медошт. Дарди дасти чап шиддат мегирифт, вале чорае намеандешидам, балки маъгали он будам, ки худаш сиҳат мешавад. Дарди дасти ману модар муҳити нофорамеро дар хонавода эчод менамуд. Модар дарди нарангушти худро фаромӯш мекарду аз паи даво ёфтан барои дасти ман мешуд. Кулчапиёзи сафедро зери оташ мегузошту баъд онро ба кафи дастам мебаст ё ки хамиртуруш омода месохту шабона болои чароҳатам мегузошт, аммо ҳеч не ки варам, ки зери пӯст чирку зардобаш намоён мешуд, сар бароваду кафад ва берун

бароид. Ҳолатҳое, ки дард шадид мешуд, болои кати чӯбин зери тути ҳавлӣ менишастаму чашм ба он гӯшае равона месохтам, ки модар бо андешаҳояш менишасту гоҳе ба шикамаш, ки бачаи навбатиаш дар ҷунбиш буд, назари шубҳадоре дӯхта, ба андеша мерафт. Ин ҳолатҳо ба чеҳраи кулчамонанду нуронии модар, ба он доғҳои нағзакаш мутаваччеҳ мешудаму андешаҳоямро сӯйи тақдири модар равона месохтам ва медидам, ки ӯ то ин рӯз вақти хушро надидааст. Вай зане аст, ки ба хонаи хешу ҳамсоя озодона нарафтааст ва ҳамеша дар такопӯи хонавода худро дидааст. Модаре, ки як фарзандашро дар Чилчаву дуюмашро дар Ҷинисой ва сеюмашро дар Сангиғӯр ба хок супоридааст. Бонуе, ки ягон маротиба акс нагирифтааст, шиноснома надошт. Боре махсус фотоаппарат бурдам, то ки аксашро бигирам. Аммо розӣ нашуд. Сипас хостам, ки бо баҳонаи акси Мӯсоро бардоштан аз модарро низ бигирам. Вале ӯ зораву тавалло намуд, ки гунаҳгораш насозам. Аз ин рӯ, ҳарчанд ки модар ба як дасташ аз дастчаи Мӯсо медошт, то ки наафтаду ман аксашро бардорам, қавл ки дода будам, фақат дасти модарро бо Мӯсо гирифтаму бас. Ба ибораи дигар, модари ман фариштаеро мемонд. Бо вуҷуди ин, борҳо шунидаму дидам, ки вайро баъзе аз фарзандонаш азият медоданд. Холназар барои он ки чойи ба сари замин равонкардаи модар то расондан хунук мешудааст, баъди аз кор баргаштан бо модар дағалӣ мекард, чойнакро бардошта ба замин мезад. Ё ин ки барои ҳар майда чӯйдаи рӯзгор модарро маломат менамуд. Соҳибназар бо одоби бадаш хеле модарро дарди сар мешуд. Дар таътили тобистонае худ шоҳид будам, ки Соҳибназар модарро сахт ранҷонду сипас гурехт. Модар дар хоктӯдаи роҳи самти рости даҳаи Тосқалъа ӯро то як-ду километр таъқиб намуд, то ки ба даст афтонадаш. Дар ин таъқиб кардан ман бисёр мехостам, ки Соҳибназарро нигоҳ дорам, то ки модар азоб накашад, аммо ҳайҳот, ки натавонистам. Ӯ мисли бузи кӯҳӣ чунон метохт, ки ба даст овардаиаш ғайри муҳол буд. Он соат

модар ба хавлй даромаду Сохибназарро дуои баде кард. Дилам ба холи модарам сӯхт, вале чй хам мекардам? Тасаллояш додаму бас. Дар ботин мегуфтам: «Наход фарзанд падару модарро ранчонад. Охир, ин гуноҳи азим аст. Агар падару модар дуои бад кунанд чй? Он вакт гумон аст, ки оби он фарзанд дар рӯзгори шахсиаш ранг бигирад ва кораш пеш равад». Худро ба он тасалло медодам, ки хамеша дасти модарро мегирифтам ва дар корҳои хона ӯро ёрй медодам. Аз ин чост, ки мегуфт: «Худоё худовандо, чаро Худойназарро духтар накардй?» Оре, дуоям дода буд, дуое, ки хамеша сарбаландам нигоҳ медошт. Ёдам хаст. Дар Хонобод рӯзи бороние аз чашма як сатил обаш овардам. Модар шод шуду чунин дуоям дод: «Худойназарчон, як занет бта, ки мӯйҳош то замин брасаву факат дар хизматат боша...».

Он вакт сарфахм нарафтам, ки чаро зани мӯйдарозро бароям хост. Чй магар бонувони мӯй то замин хуб мешаванду қадррас. Вале аз ин тахлили ботинй модарро огоҳ сохтанй нашудам. Яъне, модар аз ман розй буд. Боре хам ёд надорам, ки бо кадом рафторам боиси ранчиши хотири ӯ шуда бошам. Албатта, ин чо ҳодисае дар Чинисой бо Холназар рухдода истисност. Гузашта аз ин, хамон рӯз низ модар медонист, ки гуноҳ аз Холназар сар зада буд...

Моҳи августи соли панҷоҳу хаштум хам расид. Сохтмони падар поён ёфт. Чӯбу хасашро андохтанд, андоваш карданд. Акнун ду хонаи дигар доштем. Модар торафт зебо мешуд. Рӯз то рӯз чеҳрааш мешукуфт. Одатан занони ҳомила чунин бояд шаванд, мегуфтанд ҳолдонҳо. Эҳсос намудам, ки модар гоҳе чуръат нишон дода, ба падар шӯхиҳо мекард. Падар шӯхии модарро чидди медиду мепурсид: «Иқлиммоҳ ба ту чй шуд? Чаро назди бачаҳот чунин шӯхиро раво мебинй?» Модар ширину баланд ханда сар медод ва мегуфт: «Ҳеч гап не, малим чанд рӯз баъд шӯхиҳои Иқлиммоҳро нахоҳй шунид». Падар сӯи ман менигаристу «очат шухй мекуна» мегуфт. Сарфи назар аз ширингуфториҳояш ҳис мешуд, ки ба чодаи дунёбезорй ворид мешавад ва дучонагй модарро

ба марг кашидани аст. Ман ҳам, ки аз кӯҳнаварда баргаштам, аз назди модар дур намерафтам. Ба китобхони майл надоштам. Моҳигириро низ фаромӯш намудам. Гӯ ҳис мекардам, ки охирин рӯзҳои модарро мебинам. Ҳамеша ба чеҳрааш зеҳн мемондам ва кӯшиш менамудам, ки чеҳраш ӯро дар мағзу хаёлотам нақш бандонам. Он тӯпии дӯхти балҷувонии баландгирда, пироҳани васеъбари сафеду яхани баланди мухпарзададор ва докаи сафеди дароз бар сару як пораи рӯйи бо латтаи сар пинҳоншударо мехостам дар гӯшае аз зеҳнам қарор бидиҳам, то ки битавонам акси қаламии модарро ба воситаи рассоме биофарам. Оре, модар соате, ки паҳлӯям менишасту навозишам мекард, ман дар фикри равшантар модарро шинохтан будам.

Ниҳоят он рӯзи сиёҳе, ки хонадонро пахш кард, омад. Он 13-уми августи соли панҷоҳу ҳаштум буд. Модар аз пагоҳии ин рӯз сертараддудтар шуд. Танӯр оташ дод. Фатири дӯстдоштаи падарро пухт. Зери деги сиёҳ оташ гиронд то ки шӯрбои наскӣ барои чошт омода шавад. Аз кучо медонистам, ки ӯ барои худ ғизои пеш аз сафари ҳамешагӣ мепухтааст. Чӣ донам, ки модар ин чоштро дар муҳити хонадоне, ки беш аз бист соли умраш бо он якчо гузашт, бори охир гузаронданӣ аст. Ҳайҳот дар ин маврид дониши инсонӣ камӣ мекунаду фарорасии қадррастарин шахсро пешгӯӣ карда наметавонад. Ачаб чоште буд, он рӯзи сенздаҳуми август. Ҳама аҳли оила, ҳатто Холназар, ки дар саҳро бояд мебуду Соҳибназар дар хартозӣ, сари дастурхони охирини модар чамъ омадем. Модар хеле саросема буд. Ҳадаҳа мекард, ки нони фатирии қоқакро зудтар ба табақи чӯбӣ майда кунем. Падару модар ин корро хубтар анҷом медоданд. Наскшӯрбо болои нони фатирро пӯшонд. Модар бо завқ хеле хӯрд, аммо якбора «басай» гуфту даст кашид. Наскшӯрбо хеле лаззатбахш буд. Табакро модар ба яксӯ монду падар тарбузеро майда кард. Додарчаҳо ба тарбуз ҳучум оварданд. Модар низ як бурда хӯрду «саросема нашавед, ба ҳаматон мераса» гӯён сӯйи падар нигоҳи маънидоре карду сипас гуфт: «Малим бачаҳоро ба

берун барор, ки вақтам омад». Мо пораҳои тарбузи бокимондаро бо дастурхон бардошта, болои кати зери тути хавлӣ нишастем. Мӯсову Аноргул ва Чумъахону Соҳибназар хамоно тарбузхӯриро идома медоданд. Падар саросемавор аз хона берун баромаду моро огоҳ сохт, ки «очатон касал шудаст, мағал накунед» ва худаш беруни хавлӣ шуда ҳамсояҳанеро бо худ овард. Ман фаҳмидам, ки модарро дарди кӯдак гирифтасту ин кампир бояд доягӣ кунад. Ман Мӯсоро ба бағал гирифта, сабукшавии модарро интизорӣ мекашидам. Холиназар аз пайи кори саҳрояш шуд. Соҳибназар ҳам баромада рафт. Болои кат паҳлӯи ману Мӯсо Аноргул ва Чумъахон нишастанд. Падар болои бом баромад, то ки баъзе корҳои нотамоми сохтмонашро ба поён расонад. Гӯш ба чониби хона ва чашмамон ба тирезаи он менишастем. Ҳамин ҳолат чашми ростам *се бор* париду бас кард. Дар дил гуфтам, иншооллоҳ модар ба осонӣ сабук хоҳад шуд. Бехотир садои кӯдаки навзод ҳавлиро пахш намуд. «Хайрият», гуфтам дар дил. Баъд аз лаҳзае овози кӯдак хомӯш шуду садои модар ба гӯшам зад, ки аз тиреза шунида шуд. Ман, ки бо андешаҳоям саргардон будам, як кад аз чой паридаму чониби тиреза назар андӯхтам, ки модар аз чашмаки тиреза сарашро нишон дода тарафи кати мо нишастагӣ нигоҳ карду гуфт: «Худойназарчон, ту як ба назди тиреза биё». Саросемавор *Мӯсоро болои кат* шинондаму худ назди тиреза ҳозир шудам. Модар такя бар девор дошту он сӯтар кӯдаки навзоди печондагӣ болои кӯрпачае гузошта шуда буду доязан латтапорахоро чамъ мекард.Модар ду чашм аз ман наканда нигоҳ мекард. Баъд аз модар пурсидам: «Оча, чӣ мегӯй? Чаро чеғ задӣ?» Модар аз сар то гунаҳояш бо арақ тар буд. Донаҳои ашк аз болои гунаҳояш ба пойин мефаромаданд. Боз аз модар савол кардам: «Оча, чи хелӣ. Ягон хоҳиш дорӣ? Чӣ кор кунам?» Модар бори охир хуб нигоҳам карду гуфт: «Акнун бирав, сер шудам, бирав бачам, бирав Худойназарчон». Ман дидам, ки модар рӯй ба бачаи навзодаш гардонду ӯро доя болои дастонаш гузошту гуфт: «Иклиммоҳ, бачат сина мега».

Дигар намедонам чӣ шуд. Омадам болои кат ва Мӯсоро ба
бағал доштаму аммо дилам бекарор шуд ва худ ба худ гуфтам,
чаро аз хона дигар садое намеояд? Оё он донаҳои ашк буд ё
донаҳои арақ, ки сару рӯйи модарро обшор сохта будаанд?
Чаро модар маҳз маро наздаш хонду ба ғайр аз нигоҳҳояшро
насибам гардондан дигар чизе нагуфту чизе хоҳиш ҳам
накард? Ҳамаи ин саволҳо дар сару мағзам печ мехӯрданд,
ки якбора доязан берун баромаду «Малим, малим,
Иқлиммоҳ аз ҳуш рафт, тез, зуд бошен, ягон муллоро
биёрен. Иқлиммоҳ, Иқлиммоҳ»,- гӯён боз худро ба дарун
хона зад. Дидам , ки падар «оҳ», гуфту аз болои бом
худро ба замин ҳаво дода хона даромаду боз баромад ва ба
кучое тохта рафт. Ман ҳам хостам ба хона даромада, аз
ҳоли модари беҳушам хабар гирам, аммо гумон кардам, ки
ӯ ба хунаш оғӯштаасту айб мешудагист. Дар чоям шах
шудам. Боз ҳамон чашми рост ба паридан сар кард, аммо
ин дафъа пириданаш доманадор буд. Мӯсо, ки чизеро
намефаҳмид, аз таги манаҳи ман нигоҳ мекарду бо
дастчаҳояш дасти маро задан гирифт. Ба гумонам кӯдак
даҳшати ба сари модар омадаро ҳис мекард. Аноргул ҳам
безобита шуда, мехост, ки назди модараш равад. Дарди
дастам афзоиш мекард, вале гӯшам ба даруни хона буд, то
ки ягон нолише ё садои чонкоҳеро аз модар бишнавам.
Падар бо бобои Асомиддин гуфтанӣ мӯйсафед, ки модарам
бисёр эҳтиромаш мекард, ба ҳавлӣ даромаданд. Дар дасти
бобои Асомиддин туфанги шикории думиллагӣ буд, ки бо
он ду маротиба ба осмон тир холӣ кард. «Ҳай, ҳай, Иқлимое,
хуб мешай, иншооллоҳ хуб мешай» мегуфту рӯйи ҳавлӣ ба
ин тарафу он тараф роҳ мегашт. Садои тир ҳамсоязанҳову
дигар ҳамдеҳагонро назди ҳавлӣ чамъ овард. Падар, ки дар
назди модар буд, берун баромад ва Мӯсоро аз бағалам
гирифту гуфт: «Худойназар, очат беҳол аст ва номи
холаатро ба забон оварда истодааст. Тез ба Қурбоншаҳид
рав ва холата гирифта биё». Ман бо шиддати дарди дастам
якчоя кӯтали Тоскалъаро боло шуда, сари роҳи Кӯлоб-Совет
қарор гирифтам. Мошини боркаше аз тарафи нохияи Совет

пайдо шуд. Нишастам. Аз Тосқалъа то Қурбоншаҳид 30-40 километр роҳ буд. Хонаи холаи Сафаргул сари роҳ қарор дошт. Мошин манъ карду худро ба поён ҳаво дода, ба ҳавлии холаам даромадам. Ӯ гӯё роҳи касеро мепойид, ки маро дидан замон пурсид: «Худойназарчон, ба очат кадом нохушие рух дод, магар?». Шитобзада гуфтам: «Хола, зуд бошед, ки очам беҳол аст ва фақат номи шуморо ба забон меораду бас». Ӯ саросемавор ба хона даромада ба рӯймоле чизеро печонду асочӯберо ба даст гирифту ба келинаш супориш дод: «Эшон, ки омад зуд худро ба Тосқалъа расонад, ки ҳоли Иқлиммоҳ бад шудааст». Бо холаам, ки шир ҳам шуда буд, сари роҳ баромадем. Соат ҳафти бегоҳӣ буд. Мошини боркаше манъ карду ронанда моро ба паҳлӯяш шинонд. Холаам меларзиду мегуфт: «Худоё, зинда медида бошам Иқлиммоҳро». Бадбахтона мошин моро то деҳаи Крупская оварду дигар майли болотар бурдан накард. Холаам хеле зораву тавалло кард, вазъияташро фаҳмонд: «Ма очаи эшони Абдуқодир мешам»,- гуфт. Аммо ронанда розӣ нашуду боз сари роҳ мондем, то ки мошини дигаре пайдо намоем. Мошине расиду моро то деҳаи Арал бурд. Ин ронанда ҳам ночавонмардона рафтор кард. Шом мешуд. «Чӣ илоҷ», гуфтам ба холаи пирам, «пиёда меравем, зеро очам беҳол буд». Холаам розӣ шуд. Се-чор километр то Тосқалъа бояд қадам мезадем. Пеш мерафтему гӯш ба садои мошине доштем. Холаам асозанон меомад ва мегуфт: «Худойназарчон, поҳом пеш намераван, мисле ки ба қафо рафта истодаанд. Афсӯс, ки очат ҳайф шуд. Хоби ганда дида будам. Оҳ, Иқлиммоҳе, ҳеҷ аз дидорат сер нашудам. Оҳ Иқлиммоҳе, ту ҳам аз хонаи хешу дӯст сер нашудӣ. Фақат малим мегуфтиву бачаҳоша намехостӣ танҳо гузорӣ. Ина чӣ дидӣ? Ҳичӣ. Худоё чаро поҳом гапма намегираи. Наход Иқлиммора зинда дайров пакунум, худоё ёрим деҳ, ки зудтар худро болои ягона хоҳарам партояму нола кунум. Худоё, раҳм кун ба Иқлиммоҳ,оҳӣ чавон аст, акнун сиқ ҳашт сол дора,худоё раҳмаша бихӯр, майлаш бачаша бигир худаша нигоҳ дор, боз бача меёва, худоё наздат илтиҷ

мекунум, ки Иклиммора зинда мон, то ки ягон бачаша зан бта...». Ман пеш-пеши холаам роҳ мерафтаму ҳама ҳарфҳом ӯро, бо худо сӯҳбат кардану ёрӣ хостанҳояшро мешунидаму дар ботин хулоса мебаровардам, ки аниқ модарам аз даст меравад. Ин кампир тачрибаи зиндагии бой дорад. Дар чанги Олмон бачаашро гум кардааст, аз шавҳар чавон бева мондааст, бо хотири як бачаву як духтар дигар шавҳар нагирифтааст. Оре, холаам ягон чизро фаҳмидааст, ки дар халтааш либосворӣ гирифт. Холаам садо дод, ки Худойназарчон боз чӣ қадар монд. Расидем хола, расидем, боз як километри дигар зӯр занед, мерасем. Шом гузашту худро ба ҳавлӣ расондем. Холаам дигар кувваи роҳгардӣ надошт. Аз дасташ кашола карда ба хона даровардам, ки модар дасти чапашро болои замин партофту «Хола омадӣ, биё»,- гуфт. Холаам шитобзада «Иклиммоҳ, Иклиммоҳ, чӣ шуд? Бигӯ»,- гӯён дасти дарозкардаи модарро дудаста дошт ва гуфт: «Ай малим, Иклиммоҳ тамом кардаст-ку!». Дидам, ки падар ва Холназару Соҳибназар, Чумъахону Аноргул ва Мӯсоҳак гирди модари сафедпӯш нишастаанду ҳамагӣ чашм ба чеҳраи модар доранд, ки дигар хун надошт, балки пахта барин сафед шуда буду хонаи нимторикро охирин бор рӯшной мебахшид. Дастам, ки бошиддат дард дошт, берун баромада назди оташдон рафтам, то ки дар гармии оташ каме нигоҳаш дорам. Ҳамсоязане, ки холаи Рокияаш мегуфтем, оталаи гардсӯз тайёр мекард. Ӯ як сӯям нигаристу бо оби дида гуфт: «Худойназарчон, очата маззаш нест». Ин суханро шунида будам, ки садои Холназар баромад: «Худойназар, очам файрод дора, тез биё». Давидаму болои сари модар қарор гирифтам. Холаам «Иклиммоҳ, Иклиммоҳ» мегуфт, то ки охирин ҳарфи хоҳарашро шунавад. Модар то ин вақт гоҳе ба ҳуш меомаду боз беҳуш мешуд. Тақрибан, панч-шаш соат ӯ ба ҳамин ҳол дучор омада буд. Дар атрофаш ҳамагӣ нишастем. Ду – се бор «малим, малим», гӯён ишора кард, ки падар дасти рости модарро дорад. Падар, ки аз пойини пойҳои модар менишаст, ба зудӣ аз тарафи рости сари модар гузашт ва

дасти нимчони вайро гирифту «Иқлиммоҳ, ина ман, Иқлиммоҳ чизе мехостӣ, бигӯй, ина ман» такрор ба такрор гуфта, дасти модарро молиш медод. Ман дида аз чеҳраи модар намекандам. Мӯсоҳак пеши модар буд ва барахм-барахм ба ӯ менигаристу ким чӣ ишораҳо мекард ва гоҳе бо дастчааш рӯйи модарро молиш медод. Оби дидаам шаш қатор шуд. Акнун хуб донистам, ки сағера мешавам. Соат, тахминан, нӯҳи шаб шуда буд, ки модар чашм боз карда, аввал холаамро дид, баъд назараш ба ман хӯрду гӯё табассуме сӯям фиристонд ва дигаронро ҳам диду Аноргули ягона духтарашро ба мушоҳида гирифт ва сипас хост Мӯсоякро навозиш кунад, ки натавонист, фақат лабонашро як чунбонду охирин нигоҳи рикқатборашро ба чеҳраи падар афканд ва як «уфи дароз» кашид. Он «уф» рӯҳи ӯ буд, ки аз бадан баромад ва дар шакли парвона гирди чароғи керосинии модар се-чор маротиба давр хӯрду аз дарвозаи хона берун шуд, то ки ба саволу ҷавоби қиёмат омодагӣ бигирад. Ба чеҳраи гулгуни модари бечонам менигаристаму ба худо изҳори норозигӣ мекардам, ки «охир, чаро ин қадар бераҳм аст. Охир ин чӣ худост, ки нагузошт ақаллан, охирин бачаашро аз шираш сер кунонад, худоё, мегуфтам, охир ҳоли ин Аноргулу Мӯсоча чӣ мешавад. Инҳо ҳоло намедонанд, ки модарашон зинда нест, барояшон шир намепазад, гардсӯзашон намедиҳад, навозишашон намекунад. Худовандо, чаро ин қадар нисбати бандагонат бераҳмӣ зоҳир менамоӣ? Бале, ман он лаҳза гиря надоштам, балки бо худое, ки меофариду бехотир мегирифт, ҷанчол доштам. Аммо Холназару дигарон «очамой» мегуфтанду холаам сар болои замини сахт мезад ва рӯйи худ мехарошиду бо панҷахояш меканд. Падар рӯйи ҳавлӣ намедонист чӣ кор кунад. Хайрият ҳамдеҳагон - марду зан ҷамъ омаданду падарро ба гӯшае бурда дилбардорӣ карданд. Ман ҳануз ҳам бо худо бахс доштам. «Худоё», гуфтам ба ӯ. «Охир, сию ҳашт сол қабл, Иқлиммоҳро офаридиву нагузоштӣ шири модар бубинад ва «сари фарзанд рафт» гӯён ҷони модарашро кашидӣ, акнун худи Иқлиммоҳро

«сари фарзанд» бурдиву он ятимакро хайрон мононд. Чи, ин магар берахмй нест? Садое аз гайб ба гўшам мегуфт: «Оре, Худойназар, ту, ки бачаи дўстдори Иклиммох хастй, бо чунин бахс оростанат аз гуноҳат мегузарам, зеро хуб медонй, ки бо офаридгор бахс нашояд, балки хар фармони ўро ичро бояд кард. Охир, Худойназар, ту сари кадом берахмй бахс менамой. Ман агар ба модарат рахм намекардам, мемондам, ки ту аз кўҳнавардиат баргардиву бист рўз наздаш бошй? Ҳеч гох. Ман як мох умри модаратро ба хотири ту дароз намудам. Ту чи хел мактабхондагй хасти, ки ман чанд бор аз забони модарат огоҳатон сохтам, ки «и, бача ўро мекуша». Чаро ба падарат аз чонибн Иклиммоҳ гуфтам, ки ин хавлй макони бузургворест, гўш надоден ва ту ба падарат нагуфтй, ки модарат дуруст мегўяд. Боз ту маро берахм меномй. Чи хел берахм будаам, ки лахзаи хунравй, ки рамзи чонравй аст, туро назди модарат бурдам. Шунидй ў ба ту чи гуфт? Нашунидам мегўй. Дурўғ. Ту хуб шунидй, ки модар ба чехраат диду гуфт: «Бирав, Худойназарчон, бирав, сер шудам». Гузашта аз ин, метавонистам Иклиммохро хамон лахзае, ки бо ту хайрухуш кард, бубарам, аммо ў ки бандаи дўстдорам буд, маъгал шудам, то ки ту холаи хаминраашро биёрй ва баъд чонашро бигирам. Худойназар, ту як сирро бояд фахмй. Ман хама хостахои модаратро амалй кардам. Духтар гуфт, додам, дигар зиндагй кардан намехохам гуфт, гирифтам. Модари ту дар ин дунё рўзи хуш надошт, зеро ў ба гуфтаи ман амал мекард. Акнун рўзгораш хуб хохад шуд. Бихиштро мехост, чун модараш, ки аллакай дар он чо гирифт. Модарат зани бихиштй буд. Ман чунин бандагонамро хор нахохам кард. Агар ту модаратро дўст дорй, ба ёдаш бизй ва гохе дар либоси бихиштй хохам нишонат дод. Дигар бахс накун. Худо чи кор кардаашро худаш медонад. Дигар хеч гох ба худо бахс наоро, ки гунахгор мешавй. Ҳоло хам, ки туро мебахшам, ба хотири модарат аст, ки гўшае аз бихиштамро обод мекунад. Фақат як насихат «Хар вакт, ки модаратро нишонат додам, ба ёдаш бишитоб, зеро ў бесабаб хеч гох

ташвишат нахоҳад дод...». То ин баҳс, ки сари зону даруни пали шиёз менишастам, аз чой баланд шудаму «Бубахш, худои муттаол, садҳо бор наздат сар фуруд меорам, ки туро ташвиш додам. Агар модари ман дар бихишти ту роҳат медида бошад, ман розӣ ҳастам ва дигар ҳеч гоҳ ба сурогаат ҳарфи ночоеву беандешонае намегӯям, ки ягона такягоҳам ту ҳастӣ. Аз гуноҳам гузар. Ташаккур ба ту офаридгори ҳама...». Гӯё хоб будаму бедор шудам. Моҳтоб байни осмон қарор гирифта, гӯё пеш намерафт, то ки ҳавлии Асо Содиқро, ки ҷасади модари фарзандонаш болои кати чӯбӣ, зери дарахти тут бароҳат мехобид, рӯшноӣ андозад.

Табиист, ки ҳамин шаб ба ноҳияҳои минтақа ҷанозахабарҳо фиристонда шудаанд. Қавмҳои модариам, асосан, дар Даҳанаву Кӯлоб ва деҳаҳои Файзободу Қурбоншаҳид менишастанд. Хешу табори падар дар ноҳияи Фархору деҳаи Гулистони хоҷагии Миралӣ Маҳмадалӣ сукунат доштанд. Рӯйи ҳавлӣ катҳои оҳанӣ гузошта буданд, ки бачаҳо мехобиданд. Боз суфаи гилине ҳам буд, ки падар, одатан, он ҷо мехобид. Он шаби сенздаҳум рамзан модар бо мо як ҷо буд. Гӯё ҳама мехобид. Ман аз дарди даст хоб надоштам. Болои кати оҳанӣ дароз кашида, сарро таги кӯрпа намуда, акнун нарм-нарм барои модари яктоям нола мекардам. Худам садои гиряамро мешунидам. Он шаби сенздаҳум, ки аллакай ҷониби чордаҳум ҳаракат дошт, як шахси дигаре, ки ба модар аз ҳама беш унс гирифта буд, шавҳари занмурдае бо номи Асо Содиқ низ мегирист. Вале ин гиряро фақат ман мешунидаму ҷасади бечони модар медид. Падар гумон кард, ки бачаҳош хобанд, аз болои суфа хест, рӯймолчаашро ба даст гирифт ва омад назди кати Иқлиммоҳ ва аз нӯги пой то сари Ӯро навозиш карду нола намуд. Бори аввал медидам, ки падар оби дидаашро сидқан сар медод. Ман кӯрпаро аз болои сарам яктарафа карда, хостам фаҳмам, ки гиряи шавҳар болои ҷасади завҷааш чӣ навъ сурат мегирад. Гиряи падар хосса буд, падар бо гиряи худ аз модар узр мехост, ки зиндагии пурнозу неъматаш насохт, баъзан азияташ дод ва ба қадраш дуруст нарасид.

Падар бо ҳарду даст сарашро дошта, такон медод ва обҳои дидаашро болои ҷасади модар борон мекард. Сипас аз болои сари модар хам шуд, пешонӣ ба пешонӣ гузошт ва доди ҷонкоҳе кашиду рафт тарафи ҷойи хобаш. На, ӯ хоб нарафт, балки то субҳ рӯйи ҳавлӣ гашт, танӯри модарро дид, гови ҷушоии модарро тамошо кард, назди ятимак рафт ва дид, ки дар бағали холаи Сафаргул ба роҳат хоб аст. Ҷониби хонаи сохтааш нигаристу сар такон дод ва шояд суханони модарро ба хотир оварда, ки «и хона ба ма насиб намекуна, зани навут хурсанд мешава»,- мегуфт борҳо. Қарибиҳои рӯз буд, ки хоби гароне фишорам оварду модар табассумкунон ба хобам даромад. Модарро хандон дидаму дар ботин гуфтам, хайрият модар зинда шудӣ. Ӯ пироҳани сафеди сербарашро як ҳаво доду рӯймоли сафедро аз бари рӯяш гирифту гуфт: "Худойназарчон, ман барои ту ҳамеша зиндаам, дидӣ, ки нарангуштам чӣ хел сиҳат ёфт. Ман акнун дарди сари ҳеҷ кас намешавам, ҷову поям хуб аст, бехтарин хона бо ҳама шароитҳояш дар ихтиёрам гузоштаанд. И хонаи нави отат барои ма тангӣ мекард". Баъд саросема шудаму аз модар пурсидам: «чӣ боз меравӣ, ба хонаи нават меравӣ, охир и ятимака кӣ шир мета, парав, парав модар». Модар аз роҳаш пас гашт ва гуфт: «Бачам, отата бгу, ки барояш наменонам ятимака, чанд рӯз баъд ба хонаи навам мебарам...». Ин ҳарфҳо гуфт ва боз рӯймолро ба сараш кашид ва шитобзада аз ҳавлӣ берун шуд, ман, оча, оча, оча гуфта аз пушташ тохтанӣ шудам, ки боз модар ба қафо баргашт. «Не, не, Худойназарчон ту аз қафои ман набиё, он хона фақат барои ману додаракат аст, набиё, набиё, агар мара дӯст дорӣ аз паси ман набиё». Модар бақувват қадам мемонду бод пероҳани ӯро ба ҳарсӯ мечунбонд. Дидам, ки аз чашмам пинҳон шуда истодааст, оча..а..а гуфта дод задам, ки падар болои сарам меистоду «Худойназар, Худойназар», гӯён маро мечунбонд. Хоб дидам, очама зинда дидам, гуфтам ба падар ва тез аз ҷоям ҳастаму назди ҷасади модар қарор гирифта нохост рӯяшро луч намудам. Дар назарам ҳамон тарзе, ки лаҳзаи ҷонододанаш табассум мекард, ҳоло хам

он табассум дар лабонаш ҳувайдо буд. Ба хобам бовар накардаму воқеан модарамро мурда дидам. Падар ҳарчанд ҳост хобамро нақлаш кунам, «ёдам намонд», гуфтам. Соат ҳафт нашуда буд, ки хешу табори модар ва падар омадан гирифтанд. Тағойи Файзуллоҳ хуб сарашро дар кати хоҳари бечонаш кӯфт. Эшони Адбуқодир ҳам хеле «холамой» гуфт. Садое аз сари кӯча шунида шуд, ки мегуфт: «Ох, Иқлиммое Асора кучо партофтиву рафтӣ, акнун ин сағера чӣ навъ зиндагӣ мекуна, Иқлиммое ма дигар пеши кӣ меояме?» Ин садои апаи падарам – аммаи Чиёнгул буд. Мо ки ҳамагӣ ӯро дӯст медоштем, ба пешвозаш беруни ҳавлӣ баромадем, падарам ҳам бо мо буд. Аммаи Чиёнгул, ки докаи сафеди дароз дар сар карда буд, чун рамзи азодорӣ худро ба гардани додараш овехт ва бо оби дидааш сару рӯйи падарро шуст. Сипас болои замин худро андохту панча ба хоки кӯча зада гуфт: «Хок ба сарам, Асое. Ҳолат бе Иқлиммох чӣ мешавае?» Падар аз китфони апааш бардошту оварда назди Иқлиммоҳи бечону аммо хандон. Аммаи Чиёнгул боэҳтиёт рӯймол аз рӯйи модар бардошту мӯйҳои сари худро ба кандан даромад. Сипас чангол зад ба бари рӯй, ки ду рахи хундор падид омад, «и хунест, ки ту рехтӣ, и хунест, ки ту рехтӣ Иқлиммоҳ». Ҳамин вақт буд, ки аммаҳои Гулчехрав Ғалатӣ омаданд. Аммаи Ғалатӣ чунон садо баровард, ки деҳаро пахш намуд. Аммаи Гулчехраам, «ох, додараки бетақдирам» мегуфту аммаи Ғалатӣ «ох, акаи бесоҳибам» гӯён нола мекарданд. Ин ҳолро Аноргулу Сохибназар Чумъахон диданду ба «очамойгӯйӣ» даромаданд. Холиназа дар гӯшае худ танҳо гиря дошт. Он пагоҳии чордаҳуми августи соли панҷоҳу ҳаштум ҳавлии Асо Содиқ мотамсар гардид. Ин даъфа аз сари кӯча садои нолае меомад, к мегуфт: «ох, Асочоне, дӯсти кӯдакие, акнун бе Иқлиммо чӣ мекунӣ. Ох, янгаи ширину мехрубонуме...». Он мар миёнро сахт баста буд ва асои чӯпонӣ дар даст дошт, к рафиқи бачагии падар – бобои Авлиёқули ӯзбек буд. Ӯ ҳавлӣ даромадан замон, ба касе мутаваҷҷеҳ нашуд, бал асоширо болои замини сахт задан гирифту «Асо, Асо,

шуд? Чаро Иклиммох мурд, чаро, чаро?..., гуфту бо харду даст гардани падарро халкапеч кард ва баъд гиряи мардона сар дод, ки акнун садо намедод, балки аз «хик-хик» иборат буд. Он рӯзи сиёх аз қавму қабоил хама буданд, фақат ду кас набуд. Яке хохари модарам – Шарифамох, ки дар Сталинобод рӯзгор дошт ва дуюм додари чигарбандаш - Ҷӯрахон, ки ӯ низ дар пойтахт пайи зиндагии хеш буд. Рӯзе, ки аз кӯхнавардӣ омадам, аввалин саволи модар дар бораи холаи Шарифамох буд. Чи хам мегуфтам? Агар мегуфтам, ки «оча, охи ӯ хохарут ба ту мехр надора, мега, ки детдомияй, апама надидам, бинам хам намешиносумуш...» дили модар ганда мешуд. Аз худ бофтам, ки саломи бисёр гуфт, агар фурсат шавад, хатман ба аёдат меояд. Модар бофтахои маро фахмид, ки гуфт: «Хай, бачам, чи кунум, ки дидор ба қиёмат мебарум...». Модар рост мегуфт, ӯ мурданашро медонист, ки «дидор ба қиёмат мебарам», гуфт. Холаи Рӯзигулам аз Кӯлоб бо бародаронаш омаданд ва рӯзе бо мо мотам гирифтанд. Модар бисёр хуш буд, ки ба холаи Рӯзигул дохилшавии маро бахона карда, як гови чӯшоиро бахшида буд. Он рӯзи сиёхи чордахум тагойи Махматалӣ, ки хафтае чанд бор ба аёдати хешдухтараш меомад, гиря кард ва афсӯс хурд, ки дигар Иклиммохи мехмонавозро намебинад. Хамсоязанхоямон – холаи Рокия, зани бобои Аслам ва дигарон он рӯз мехмонони ба чаноза хозиршударо хуб пазирой намуданд. Инхо бонувоне буданд, ки хамеша бо модар якчо менишастанду тиринтуфторихо мекарданд. Ора, он рӯзи сиёхи чордахум хама хамкорони падар – муаллимони мактаб дар пой рост буданд ва хизмат менамуданд. Аз болохонаи хочагӣ низ чанд тан хамсояхо бо супориши Мирали Махмалали ба падар хамдардӣ изхор медоштанд. Чанинки падарам: Нурали, Шералӣ, Абдуллафар, Ӯрокку Чӯра ва дахҳо фарохмандони хешу табори падару модар низ ин ҷо менишинанд. Онхо аниз Иклиммохро хамсояхои хеле сохибном буданд. Ягон хисе, ки сохиби ин ҷанинсифатҳо бошад, ба ӯ ҳаргиз ҳасад намебурданд. Шералиро Нурали медонист ва ӯ низ ягон Иклиммохонро ҳеҷ

намак мехӯрданд. Додарзодаҳои падар акаи Абдуқаюму Абдулҳаким ва Абдулҳамид ҳам дар паҳлӯи амакашон қарор доштанд ва барои нигаашон оби дида сар медоданд. Тағойни Ғулом Тоҳир низ худро пеш аз бардоштани тобут расонд. Ҳолаи тоскалъагӣ бо писаронаш низ дар дафни модар иштирок карданд.

Пешини он рӯзи сиёҳи чордаҳум фаро мерасид. Модарро барои хонаи охират омода сохтанд. Бо собуни мушк шустандаш. Сару либоси сафеди навашро дӯхтанду пӯшонданд. Аммо пеш аз рӯяшро пӯшонидан, бачаҳояшро назди ҷасад овардаиду гуфтанд: «Бубинед очатона, охирин бор бубинед, ки ҳозир рӯяшро мепӯшонем... ». Дидем, чеҳраи бехуни модарро. Ӯ ҳамоно табассум мекард. Боварам намеомад, ки он охирин дидор бо модар аст. Мӯсо, ки дуюнимсола буд, намефаҳмид, ки чаро ба рӯйи модар нигарад. Аноргул ҳайрон-ҳайрон менигаристу мегирист. Дигар бачаҳояш ҳам медиданду мегиристанд. Аз ҳама беш Соҳибназари шӯх гаранг буд, ӯ мехост пурсад, ки ин чӣ маънӣ дорад Чаро рӯйи модарамро маҳкам мекунед. Вале модар аз итоати фарзандону шавҳар ва хешу акрабо баромада буд. Ӯ бояд сафар мекард, то ки бо рӯҳаш, ки шабона рӯҳ пеш гирифта буд, вохӯрад, фақат рӯҳ метавонад дар хонаи наваш бо ӯ бошад... Рӯйи модарро бо пироҳани наваш пушонданду ресмонҳояшонро бастанд. Тартиб ҳаминро тақозо мекард. Мӯйсафеде беруни ҳавлӣ «Салоти ҷаноза, салоти ҷаноза» метуфту садояш чунон масҷиди пушти ҳавлӣ мерафт. Тобут бояд бардошта мешуд, ки касе гуфт: «Сабр, сабр, аввал бачаҳош, канӣ Холиназару Ҳудойназар. Пеш биёед, пештар, ана яктаат аз ин тӯша, яктаи дигарат аз ин тӯшаи тобут дореду бардореду». Ман ба дасти росташ, ки сиҳат буд, дастаи тобути модарро қапидаму бардоштам, «Бас аст», гуфт он шахси мутасаддӣ. Ин ҳолат дигарон ба тобути модар часпиданду бурданд дохили ҳавлии иҷтиё. Дар тӯша фарзандони Иклимоҳ дастҳо дар бар рӯ сари зону нишастанд. Мӯсо, намедонам, дар даст кадоме аз ишиҳои падарам буд, ки инҳо ин[illegible]

ҷанозагарон намедидамаш. Ҷанозаи модар бошукӯҳ шуд. Падар дар сафи пеш бо ҳарду дасташ тобутро сари кашф гузошт ва чанд қадаме пеш рафт, ки чиянҳо ва дигар хешу табор гӯшаи тобутро ба ихтиёри худ гирифтанд. Кӯтали Тосқалъаро боло шуданду боз сад метри дигар рафтанд ва назди гӯри тоза тобутро болои замин гузоштанд. Падар ба пешайвони гӯри модар пойин фаромад, ба даричаи гӯр сар халонду лаҳзае даруни хонаи нави модари бачаҳояшро диду сипас боло баромада «гӯраш кушоду хушрӯй аст», гуфт. Баъд таҷойии Файзуллоҳ, ки бо модар ширхора буданд, яъне аз як сина шир хӯрдаанд, ҷелаки тикиашро кашиду ба даруни гӯр даромад. Қавми модарӣ ба ин хулоса омада буданд, зеро ба гӯр гузоштани мурда ҳаққи онҳо буд. Тобути модарро оҳиста ба айвони гӯр фаровардаанд. Аз тарафи пойҳо ҷасади дар кафанро ба даҳони гӯр рост карданд. Таҷойии Файзуллоҳ оромона гӯшаи кафанро дошта сӯйи гӯр кашид. Гӯё модар худаш мефаромад, ки тобут холӣ монд.Таҷойии Файзуллоҳ ҷасадро мувофиқи қоидаҳои маъмулӣ рост кард, ресмонҳои тарафи сарро боз намуда, рӯйи модарро кушод ва андаке ба тарафи қибла гардонд. Баъд аз ин амал таҷойии Файзуллоҳ аз даричаи гӯри хоҳараш берун баромаду дар айвони он қарор гирифта гуфт: «Мӯсо ку?» Мӯсоро ин чо биёрен. Мӯсоро аз боло ба дасти таҷойим доданд. Таҷойии Файзуллоҳ ба Мӯсо нигариста «ана дидӣ Мӯсо, очат ана ин чо хоб аст, дидӣ не?..» гуфту сари Мӯсоро майл ба даричаи гӯр пойин кард. Мӯсо гӯё модарашро нечуст, ки сарашро ин сӯву он сӯ тоб медод, то ки модарашро бубинад, вале дидд наметавонист. Вакте ки Мӯсоро аз дасти таҷойии модарам ба боло баровардаанд, ў харду иштчахояшро ба даҳонаш молиш дода, табассум кард ва ба дигарон гуфтанӣ буд, ки «дидед, ин амал фақат ба ман муяссар шуд». Даричаи хонаи нави модарро бо чанд тахта чин-хишт маҳкам карданду хокро болояш гардонданд. Вакте ки чангу хок боло шуд, гӯшхояш садои дароз баровардаанду дигар чизеро намешунидагӣ шудам. Дигар чӣ кор карданд, гуё намедидам. Замоне тешаи

хоке пешам намоён шуд, ки аз ду гӯшаи он ду чӯби бедро рост монданд. Муллое тиловати «Қуръон» дошту ман бо тоза дидани чеҳраи модар саргардон. «Худоё», мегуфтам, чаро ин қадар зуд чеҳраи модар аз ман дур шуд. Зӯр мезадам, ки чанд лаҳза он чеҳраи табассумдори модари бечонамро пеши назар биёрам, зӯр мезадам, боз солҳо зӯр хоҳам зад...

Ҳафти модарро додем. Аз хешони падар аммаи Ғалатӣ барои муваққатан нону оби кӯдакони сағерашударо омода сохтан монду дигарон хона ба хонаҳояшон рафтанд. Оре, он тифли навзодро Ятим ном ниҳоданд. Нигоҳубини ӯро аммаи Ғалатӣ ба ӯҳда дошт. Пагоҳии сездаҳрӯзагиаш ҳамон дард, гирифтораш шуд. Гиряаш оғоз шуд, кабуд гашт. Аммаи Ғалатӣ намедонист, ки бо кадом роҳ ӯро ором кунад. Худ ба худ мегуфтам, омад, омад ҳамон дарде, ки муллои Лавова модарро баъд аз таваллуди Мӯсо огоҳ сохта буд. Ягона роҳи начоти Ятимро маҳз ҳамон муллои Лавова медонист. Аммаи Ғалатӣ, ки аз ин дард огоҳӣ надошт, ба падар гуфт: «Ака, Ятим бемор шудааст, ҳеҷ хап намекунад, ягон духтур чег задан даркор...». Падар дар ҷавоб гуфт: «Ғалатӣ ҳеҷ ташвиш накаш, имшаб Иқлиммоҳ дар хобам даромад ва илтичо намуд, ки Ятимро ба паҳлӯяш гузорем». Оре, хоби падар дуруст буд. Модар ин нияташро ҳанӯз худ ба хок нарафта, ба ман гуфта буд. Аз ин ҷост, ки назди Ятим нишастам ва гиряи ҷонкоҳашро то фурсате, ки ҷонаш баромад, гӯш додам. Соат дақи пагоҳӣ буд. Чанд тан аз ҳамсоягон омодагӣ гирифтанд. Ятимро ҳам либоси сафед пӯшонданду падар барои ичрои хоҳиши модар, ӯро болои дастонаш гирифту боз бо ҳамон роҳи модар боло баромадем. Ғураке аллакай паҳлӯи гӯри модар канда буданд. Ятимро паҳлӯи модараш гузоштем. Модар намехост, ки кӯдакаш ба дасти зани нави падар монад. Мисле ки бо Ятим он дардро ҳам гӯр кардем. Дар дил ба он эшони сангигӯрӣ, ки ба Биби- Аноргул ошиқ буду дасташ нарасид, лаънат хондам. «Хонааш сӯзад», - гуфтам дар ботин. Дардро ба модар ӯ гузаронд. «Пушташ зӯрай», - мегуфтанд. Худо гирад

пушташа, он пуште, ки ҷони ду кӯдаки навзоди модарро гирифт...

Аз ин ҷост, ки рӯзи сездаҳуми моҳи августро ҳеч гоҳ интизорӣ намекашам. Ин рӯзи наҳс ба таври ҳамеша модарро аз ман ҷудо сохт. Он нуре, ки хонаи Асо Содиқро рӯшнӣ мебахшид, барои ман дигар вуҷуд надошт, балки хомӯш гашта буд...

СОЛИ СЕЮМИ ТАҲСИЛ

Ду- се рӯз то оғози дарсҳо монда буд, ки роҳи Кӯлобро пеш гирифтам. Аз дарвозаи хонаи падарӣ берун шудаму бехотир ба қафоям нигоҳ кардам. Модар набуд, балки додаракони сағераамро дидам, ки даст меафшонданд. Дарк намудам, ки модарро аз даст додан даҳшат будааст. Ин дафъа кулчаву орзуқҳои модарро барои ҳамдарсонам намебурдам. Дасти чапам бо ресмоне бар гарданам буду дасти дигарам холии холӣ. Ба мошини пахтакаше нишастаму оҳи сарде кашидам.

Пагоҳии дигар ба шифохона мурочиат намудам, то ки аз варами кафи даст, ки бист рӯз боз азобам медод, раҳо ёбам. Чарроҳе диду ҷанчол бардошт, ки чаро ба ин ҳолат расидааму акнун мурочиат менамоям. Чӣ ҳам мегуфтам. Кай он духтур медонист, ки дар моҳи август чӣ ҳоле доштам. Ба ҳар ҳол чароҳатро буриданду дӯхтанд ва даво молиданд. Рӯзе як бор ба назди ҳамон духтур мерафтам, медид ва «хуб мешавад», мегуфт. Дарсҳо оғоз шуданд. Ҳамдарсон аз фавти модар хабар ёфтанду ҳамдардӣ баён карданд. Онҳо медиданд, ки Худойназар дигар на онест, ки дилхушиҳо мекард, балки ҳамдарсеро дар миёнашон ба мушоҳида мегирифтанд, ки ба фикру хаёлаш фурӯ рафтааст. Духтарҳои ҳамдарсам Точиниссо, Бикамоҳ, Маҳтобӣ, Ганчимоҳ, Парчамоҳ соатҳо наздам менишастанд ва бо суханҳои тасаллобахш андӯҳамро кам карданӣ мешуданд. Точиниссои апахонам, ки модарамро дар меҳмонии холаи Сафаргул дида буд, оби дида сар дод. Онҳое, ки ба чеҳраи модар ошно

набуданд, таассуф хӯрданд. Абдукибору харду Ҳасанҳо ва Азиз ҳам аз наздам дур нашуда, кӯшиш мекарданд, ки ман дар танҳой камтар қарор бигирам. Муаллимонам ҳини дарсгӯйй бисёр эҳтиёткорона бо ман муносибат менамуданд. Моҳи аввали дарс худ дохили синфхона будаму андешаҳоям сари тақдири модар ва шаҳид гаштанаш чарх мезаданд. Ман рӯзгори худ дар худ медидам. Пахта эълон карданд. Байни чуякҳои пахта мерафтаму чеҳраи модар пеши назар буд. Табассумҳояшу хандаҳои баланду навозишҳояшро ба ёд меовардам. Бе модар худро хеле бад ҳис мекардам. Танҳоиро бехтарин падида шинохтам. Эҳсос мекардам, ки фақат танҳой маро халоват мебахшад. Маҳз танҳой метавонист, ки нақшаҳоямро шиёда созад. Танҳой падидае буд, ки маро соатҳо бо модарам ҳамсӯҳбат месохт, имкон медод, ки чордаҳ соли дар оғӯши модар буданамро пеши назар биёрам ва он саҳифаҳои ширини рӯзгорро варақгардон кунам ва чиҳати хубтар шинохтани модар омодагй бигирам. Имтиҳонҳои шмсоларо супоридаму нияти зиёрати мазори модарро кардам. Рафтам. Шаш моҳ шуд, ки модар дар баландии Тоскалъа хоб буд. Бо Холиназар ба дидори модар рафтем. Як гӯри калон ва як гӯри хурдакак моро пешвоз гирифтанд.

Дуоро рӯ ба гӯр карда мехонанд. Рӯи мурда сӯи кибла аст. Яъне, шумо рӯ ба қибла намекунед. Агар рӯ ба кибла кунед, пуштатон ба қабр мешавад*. Ягон оят намедонистем. Қабристон хомӯш буду мо ҳам хомӯш менишастем. Сухане намегуфтем, то ки шаҳри хомӯшояро ороҳат насозем. Оромона аз чой баланд шудему омадем сари баландй. Аз ин чо Тоскалъа хуб маълум мешуд. Одамон дар ҳавлиҳояшон аз пайи рӯзгор буданд. Кӯдакон доду фиғон мебардоштанд. Ман рӯ ба қишлоқ менишастаму аз он ягон дилбаумедиеро интизорй надоштам. Мошини боркаше дар чорраҳаи деҳа қарор дод. Болои мошин падарро дидам, ки гаҳвораӯеро мефаровард. Аз пахлӯи ронанда зани кӯдакдоре пойин фаромад. Падар ва он зан якчо шуданд ва омаданд

*Агар дар назди маркад рӯ ба кибла шинед, гуё мурда рӯяшро мегардонад...

чониби хонаи мо. Ба Холиназар гуфтам: «Дидӣ, отам зани наваша оварда. Ӯ фақат «ҳова», гуфту тӯппиашро аз сараш гирифта гӯё, ки чангашро меафшонд, сахт-сахт бар зонувонаш задан гирифт. Фаҳмидам, ки асаби шуд. «Чӣ илоҷ?»,- гуфтам ба Холиназар, «хез равем», ки боз падар наранҷад»,- гӯён аз ҷоям баланд шудам. Ӯ низ хест. Баландиро фаромадем. Поям ҷониби хонаи падар рафтан намехост. Душвор буд, лаҳзае, ки дар мақоми модари хеш зани дигареро мебинӣ. Сахт аст барои фарзанд, вақте ки зани дигаре танӯри модарро, оташдони ӯро бо чорӯбе тоза мекунаду бо чӯбе мекобад. Ё синаҳои гови ҷӯшоии модарро медораду ба тарафи пойин мекашад, то ширашро бигирад...

Бо чунин андешаҳо вориди ҳавлӣ шудем. Падар, ки аз омадани ман хабар надошт, маро ба оғуш гирифт, бӯсид ва баъд хохиш намуд, ки бо «модари навамон» эҳтиром ба ҷо биёрем. Хонаи нави падар зани нави ӯро аз ҳама боло ҷо дода буд. Ин ҳолатро дидаму ба дил гуфтам: «Модари бечораам ҳар гоҳ мегуфт, ки ин хона барояш насиб намекунад. Ин хона барои зани нави падар хизмат хоҳад кард. Зани нави падарро ҳамсоязанҳо иҳота карда буданд. Сӯҳбаташон хеле ширин сурат мегирифт. Падар аз дасти ману Холиназар дошта то назди дарвоза бурд ва мурочиаткунон ба ӯ гуфт: «Гулбӣ ана Холиназару Худойназар ҳам бачаҳот мешаванд». Дар майнаам муште аз ғайб зад, ки як сарамро такон додаму ба худ гуфтам: «Худойназар худро ба даст гир, асабӣ нашав, фикри падарро намо. Охир ӯ ин амалро аз ноилоҷӣ кардааст. Худат дидӣ-ку Анораки ҳафтсола чӣ навъ нон мепухт. Ҳар даъфа, ки нонро мехост ба танӯр часпонад, дасташ, ки кӯтоҳӣ мекард нони хамир аз рафида ба даруни хокистари сӯзон меафтид. Дидӣ ке, чӣ тавр Аноргул гиря мекард. Ором, ором, наздик шав ба модарандарат ва дастатро дех, то ки падар аз ту ифтихор кунад ва назди зани наваш забонкӯтаҳ нашавад. Неш рав, шарм мадор, бубин зани зебоест охир, албатта мисли модарат ке, аммо ба ҳар ҳол ӯ зани падарат мешава...». Рафтам. Зани нави падар аз ҷояш хест. Қоматбаланд будааст. Дасти

ростамро сӯяш дароз кардам. Аммо вай сарамро бо даст дошту чониби худ бурд ва аз пешониам бӯсид. Гӯё хоре ба пешониам халид, ки бехотир сарамро раҳо сохтам ва ба қафо гаштаму рафтам тарафи боғчаи ҳавлӣ ва чанд дақиқа гирякунон аз модар узр хостам. «Очачон», гуфтам дар дил. «Чӣ илоч. Дигар чора надоштам. Оре, бӯсидам, аммо он на бӯсаи содиқонаи ту буд, балки бӯсае буд, сохтаву сард...». Падар инро дид, омад ба наздам ва гуфт: «Бачам, ман туро мефаҳмам. Ҳеҷ зани дигаре ҳам барои туву бародаронат ва ҳам барои ман чойи очата гирифта наметавонад. Очаи ту фаришта буд, аммо Худо ҳамин қадар умраш дод. Ман аз ноилочӣ бо ин зан издивоҷ бастам, ҳатто кӯдакдорашро гирифтам, то ки дар паҳлӯи бачаҳои худ хоҳару додарҳои туро низ навозиш кунад, онҳоро нигоҳубин намояд, нонашонро таҳия кунад. Охир, Аноргул ҳоло майда аст, нотавон аст, имкон дошт, ки ягон рӯз ба даруни танӯр афтад. Аз ин рӯ, ту маро бубахш, агар тавонӣ ин занро эҳтиром намо. Медонӣ дар ин шаш моҳ ман чӣ азобҳое кашидам. Боз дарди шуш хурӯҷ дорад, месулфам, гизои дуруст надорам. Ҳарчи бошад бо он зан муросо бояд кард». «Майлаш, ота»,-гуфтаму ҳамроҳаш ба ҳавлӣ баргаштам, аммо фақат як шаб тоқат кардам, ки дар хонаи нави падар бимонам. Рӯзи дигар баҳонае пеш овардаму чониби гӯшаи танҳой шитофтам. Оҳ, танҳой чӣ мӯъчизаест, касро озодии андеша мебахшад, ӯро бомасъулият месозад, бачуръаташ мекунад ва мудом сӯйи худ мекашад, то ки бегонагӣ эҳсос нанамояд.

Таътили зимистона ҳоло ба поён нарасида буд. Холаи Рӯзигулам савол кард, ки чаро барвақт омадам, чаро назди хонадон намеандам. Ҷавобро интизор нашуд ва худ гуфт: «Мефаҳмам. Ҳар кучо, ки давр хӯрдӣ, чеҳраи модарата чустӣ. Хай, ҳеҷ гап не. Бо тағойири Маҳматалит каме пул кор куни мешава. Ӯ хар рӯз ба тарафи Даҳана холӣ меравад аз он чониб пахта бор мекунад. Метонӣ бо ӯ ҳамкорӣ намоиву аз мусофирон пули роҳ ҷамъ намой». Холаам маслиҳати дурустам дода буд. Бегоҳи ба тағойим ҳам ин

маслиҳатро дод. Ҳамарӯза аз назди мазори Амирчон мусофиронро мегирифтему чониби Даҳана ҳаракат мекардем. Ман болои мошин бо мусофирон қарор гирифта, аз ҳар кадоме як сӯмӣ чамъ мекардам. Тағойии Маҳматалӣ аз пули чамъшуда ҳиссаи маро медод. Аз дигар сӯ, тағойим Даҳанаравиро аз он рӯ хуш дошт, ки он чо ба хоҳари зани як рафиқаш, ки номаш Самад буду ӯ низ ронандагӣ мекард, дил бохта буду мехост, ки вайро зан кунад. Фотеҳа ҳам доштанд. Бегоҳие ба хонаи бочааш маро бурд. Он шаб кадом тӯйе сурат мегирифт. Вақти хоб шуду рахти хоби маро дар хоначае омода сохтанд. Кати оҳание буд. Ман дар он чо истироҳат доштам, ки дар торикӣ касе пайдо шуду катро соп-сопкунон кӯрпаи болои маро бардошту ба чойи хоби ман даромад. Ман дод гуфта хеста будам, ки он шахс «оҳӣ», гӯён тохта ба берун баромад. Хандаи тағойим бо Самади чӯрааш дар ҳаво садо медод. Тағойим мегуфт, «Эй фалонӣ, чӣ чиянамро ҳам мехоҳед домод кунед, ки ба чойгаҳаш медарой?» Фаҳмидам, ки ин духтарак хоҳарарӯси тағойим будааст, ки дар торикӣ чойи хоби худро мекофтааст. Рӯзҳои дигар, ки бо тағойим мерафтам, ӯ шарм дошта худро ба даруни хона мезад. Тағойим бошад шӯхиҳои чолиберо раво медид. Ин овоза то Кӯлоб ҳам расид. Холаи Рӯзигул бошад, шӯхиомез мегуфт: «Ҳа, Худойназар, шунидам, ки бо тағойит боча мешудай?» Мачбур шуда, ҳодисаи оншабаро барояш нақл мекардам. Язнаам, ки хеле инсони начиб буд, «Хайр, ҳеч гап не, як тӯйи дигар мешавад, боз нағз»,- мегуфту коҳ- коҳ механдид. Албатта, ҳама ин шӯхиҳо ба хотири он сурат мегирифтанд, ки ба дилшикастагии ман андаке дармон бахшанд.

Баҳори соли панчоҳу нӯҳ ҳам омад. Рӯзе дар дарс менишастам, ки Маҳтоббии ҳамдарсам номаеро ба дастам доду хандид. Ҳайрон мондам, ки чӣ номаест. Ман ба касе хат равон накардаам, ки чавобашро интизор бошам. Нома бетоқатам сохту онро аз дохили покет берун бароварда ба хонданаш сар кардам. Мазмуни нома сарбаста буд. Ҳамин қадар фаҳмидам, ки духтаре аз синфи ҳаштуми мактаби

Сталин ба ман дил бохтааст ва мехоҳад, ки дар ҷойи муносибе бо ӯ мулоқот намоям. Истилоххои ачибе дошт он хати духтар. «Токии сарат бошам», «ба осмон барой аз похот капида ба пойин мефарорам» ва гайра ҳарфҳои бароям ноошно. «Боз чӣ хел мулоқот»,-гуфтам дар дил. Дар танаффус аз Маҳтобӣ пурсидам, ки ин чӣ мактубест, он духтар кист ва аз кучо маро мешиносад? Маҳтобӣ табассуме карду гуфт, ки «ин духтар ба акси дар назди бозор часпондаи суратгир ошиқ шудааст». Дар он акс ман бо Азизи ҳамдарсам будаам, ки Маҳтобӣ дида будааст. Дар ёдам зад, ки мо акс бардошта будем ва чандтои онро аз суратгирхона гирифта будем. Саволе ба сарам зад, ки кай он аксро ба тахтаи намунавии суратгирхона насб кардаанд. Баъд аз дарс ба он суратгирхона ҳозир шудам тахтаро дидам, ки бехтарин аксҳоро гузошта буданд, то ки муштариёнашон бештар гарданд. Сипас аз суратгир савол кардам, ки доир ба ин расм касе аз ӯ ягон чиз пурсид? Суратгир хандида гуфт, ки ду-се духтаракони мактабӣ расмҳоро тамошо намуданду баъд якеаш расми шуморо бо ангушт нишон дода, пурсид, ки ин бача аз кучост?.. Ман, ки суроғаи шуморо доштам, фаҳмондам, ки соҳиби ин расм дар омӯзишгоҳ мехонад. Духтарак пагохие назди омӯзишгоҳ омада аз Маҳтобӣ мепурсад, ки Худойназар ном бача бо ӯ мехонад ё не.. Маҳтобӣ мегӯяд, ки оре, ҳамдарси мо аст. Сипас, духтар сирашро ба Маҳтобӣ гуфта, хоҳиш менамояд, ки номаашро ба ман супорад. Ман дар оғоз ба номаи духтарак диққате надода, онро даронда партофтам. «Девонагӣ»,-гуфтам худ ба худ. Наход кас ба сурат ошиқ шавад. Чанд рӯз гузашту боз Маҳтобӣ мактуби тозаи духтараки беномро бароям овард. Ин дафъа мазмуни нома бесарончомам сохт. Чунон ширин сӯҳбат мекард, ки шахс ҳаловат мебурд. Мисле ки ҳарфҳои навиштаи ӯ ба қалбам кора карданду ба Маҳтобӣ гуфтам, ки ба он девона гӯй, ки дар сари роҳи самти гузари Қаволо, соати дуи рӯз маро маътал шавад. Дарсам тамом шуду рафтам ба чойи таъинкардаи хеш. Ӯ маро аз рӯйи расмам мешинохт. Назди омӯзишгоҳи тиббӣ

расидам, ки духтараки либосҳои зебо дар тану дар сар рӯймоли сафед зери дарахте меистоду ҷониби Институт нигоҳ мекард. Тахмин кардам, ки он ошиқи расм ҳамин аст, ки даст пеши бинӣ дораду бетоқат менамояд. «Салом», гуфтаму пурсидам: «Шумо маро интизор ҳастед ё каси дигареро?» Табассуми нозуке намуду гуфт: «Оре, шуморо маътал ҳастам, агар Худойназар бошен». Номашро гуфт. Шинос шудем. Сипас ба кӯчаи Қаволо рӯболо рафтем. Ӯ чанд саволе дод ва баъд қиссаи хешро оғоз кард. Духтар хеле зебо ва андаке зардина буд. Сӯҳбаташ ҳам шарқиёна ва ширин. Табиист, ки вай дар ин мулоқоти нахуст аз ман дида фаъол буд. Сӯҳбаткунон ду-се километр роҳро паси сар кардем. Мазмун як чиз. Ошиқ шудааст ва гӯё бе ман зиндагӣ барояш ҳеҷ аст. Гузари Қаволо ҳам ба поён расид. Боз мехост болотар равем, он ҷо ки майдони ҷуворимакка буд. Хоҳишашро рад накардам. Мақсадаш дили маро ба даст овардан буд. Ман ҳам кам-кам бедор мешудам. Аммо ин илми зиндагӣ ҳоло бароям торик буд. Чизе аз илми ошиқӣ намедонистам. Фаҳмидам, ки ӯ модар ва хоҳарчае доштааст. Падараш набудааст. Хонаашон дар кӯчаи Карл Маркс назди мағозаи хӯрокворӣ қарор доштааст. Вай борҳо дар он кӯча маро ба мушоҳида гирифта будааст. Маданияти духтар баланд буд. Аз ман илтиҷо кард, ки фақат ҳафтае як бор ӯро бубинам ва агар хуши мулоқот надошта бошам, аз назди хонаашон гузарам кифоя. Рӯзе Маҳтобби аз номи ӯ салом овард ва гуфт, ки дар шифохонаи касалиҳои дарунӣ, ки назди мактаби «Ворошилов» буд, табобат медидааст. Ба ҳамдарсам вақти рафтанамро гуфтам ва соати муайян ба аёдаташ расидам. Маро дидан замон ишора кард, ки ба даруни боғи шифохона равам, баъдтар меояд. Омад. Рӯ ба рӯйи якдигар нишастем. Сӯҳбатамон оддӣ буду ҳаловатбахш. Ним соат нагузашт, ки аз гӯшае марде пайдо гардид, ки ҷониби мо меомад. Исми духтарро гирифта пурсидам, ки он мард магар падарат аст ё тағоят, ки сӯйи мо меояд. Духтар «Оҳ, ин мардак шавҳаршавандаи ман аст»,- гуфт. Ба саволи ман: «Чӣ хел?» ҳоло чавоб наёфта

буд, ки он мард расиду «Ҳа, ана ту дар кучо будай. Ман туро дар палатаат мекобам, ту бошӣ ишкварзӣ дорӣ-ку», гӯён тахдид намуд чониби духтар. Ман бетағйир болои хиште менишастам. Он мард маро ишора карда, «Ин бача кист?»,- пурсид аз духтар. «И як бачаи шиносам»,-гуфт духтар бечуръатона Он мард тарафи ман нигаристу гуфт: «Ту бача медонӣ ман бо ин духтар фотеҳа шудаам, хатмкунандаи Институт ҳастам, ту чӣ?». Ман ҳам ягон эҳсоси тарс накарда чавоб додам: «Ман донишчӯи омӯзишгоҳи педагогӣ ҳастам. Ин духтарро мешиносам. Бинобар ин ба хабаргириаш омадам». Дидам, ки мард ба ҳучум гузашта маро заданӣ аст, хишти зери поямро бардоштаму гуфтам: «Ой, мардак! Ман гумон кардам, ки шумо падари ин духтар мешавед. Чи дӯғу пӯписа доред. Агар андак тарафам майл намоед, ин хишт ба теппаи саратон мехӯрад». Духтар тохту назди пойи он мард худро андохт ва хоҳиш намуд, ки ба ман кордор нашавад. Баъд илова кард: «Майлаш, майлаш ман розӣ, аммо ба ин бача нарас» мегуфт ба он мард. Дигар ман чизе нагуфта, «хай, ман рафтам» гӯён аз сари девори боғ худро ба сари кӯча партофтам. Он ду монданд. Баъд аз ин ҳодиса, духтар ҳарчи кадар, ки номаҳо навишту ба мулокот даъватам кард, на чавоб навиштам ва на рафтам. Бо ҳамин «ишкварзӣ»-и нахустини ман ба поён расид. Оре, борҳо медидамаш, аммо гӯё бароям вучуд надошт. Шунидам, ки ба ҳамон мардаки пир тӯй шудааст рафтааст, ба кучо– дақиқ накардам. Ин ду-се моҳи «ишкварзӣ» то чое боис шуд, ки камтар дар бораи бемодарӣ фикр кунам. Моҳи май буд. Мо як гурӯҳ доира истодему волейбол бозӣ кардем. Дар ин доира донишчӯёне аз курси дуюм низ бозӣ мекарданд. Ҳасан тӯбро баланд бардошту ман "тушит" задам. Тӯб ба сари донишчӯе хӯрд, ки Абдулфайз ном дошт. Ба назарам сараш дард кард, ки гуфт: «Ҳа, очата фалон кунам». Дигар худро нашинохтаму муште ба даҳонаш хӯрондам. Дидам, ки болои замин хоб буду аз дахону бинаш хун мешорид. Ҳамдарсонам сару рӯйи уро шустанду фахмондандаш, ки

ту ноҷо модари Худойназара ҳақорат додӣ, навакак модарашро ғӯрондааст. Абдулфайз бо рӯймолчае дахону биниашро дошта, наздам омаду узр хост, «мебахшӣ, ман нафаҳмидам ва нодуруст туро ҳақорат додам». Ҳамин буд, ки ману ӯ баъдҳо рафиқ шудему дигар ҳеҷ вақт боиси ранҷиши хотири якдигар нагардидем. Донишҷӯён байни худ мегуфтанд, ки ҳеҷ гоҳ нисбат ба модари Худойназар ҳарфе нагӯед, ки ӯ худро гум менамояду ба балое гирифтор мекунад. Ҳамин соли таҳсил буд, ки тағойни Ҷӯраҳонро аз Сталинобод ба Кӯлоб оварданд. Ин ташаббусро тағойни Маҳматалӣ нишон дода буд. Мехостанд, ки аз ӯ «мусулмон» тайёр кунанд, зеро рӯзгори ятимхона, хизмат дар аскарӣ ва кӯчагардиҳо дар Сталинобод ӯро ба як шахси бероҳа, майзада ва ҷангара табдил дода буд. Ӯ, ки ҳамчун мутахассиси варзидае дар соҳаи хонасозӣ шиноҳта мешуд, дар идораи сохтмонии рақами 15-и Кӯлоб ба сифати бригадири андовачиён таъин гардид. Идораи сохтмонӣ хонаи истиқоматие ҳам ба ӯ дода буд. Бо кӯшиши тағойни Маҳматалӣ эшоне, ки дар ҳамон бригада кор мекард, вазифадор гардид, ки гоҳ-гоҳе Ҷӯраҳонро аз одобу рафтори тоҷикӣ огоҳ сохта ва ба ҷодаи исломӣ раҳнамояш кунад. Чунон ки гуфтам, бадани ӯ пур аз суратҳои кашида буд. Моҳҳои аввал дар Кӯлоб ҳам ба майзадагӣ дода шуд. Рӯзе дар хобгоҳам машғули китобхонӣ будам, ки донишҷӯе тохта омаду гуфт: «Худойназар, зудтар рав, ки тағоият дар ҳолати мастӣ ба хонаи духтарҳо даромада, канӣ чияни ман гуфта, ҳамаро безобита кардааст. Хобгоҳи духтарон дар бинои асосӣ буд. Давида рафтам, ки дар даҳлези дароз садо мезад. «Ку чияни ман, ку Худойназар?» «Тағойӣ, тағойӣ»,-гӯён ӯро боздоштам ва гирифта ба ҷойи хоби худ овардам. Олим Сафар гуфтанӣ донишҷӯе чанд маротиба маро барои ба Ҳақназар Ғоиб одоб ёд доданам таҳдид мекард. Вақте ман бо тағойиям дохили хобгоҳ шудам, аввалин касе, ки аксҳои бадану тарзи суханронии тағоямро ба мушоҳида гирифт, Олим Сафар буд. Минбаъд ӯ мегуфтааст: «Ба Худойназар нарасен, ки тағойиш бо корд мегардад». Дигар ҳеҷ хуни

бинис бо ман сарбасар шуда наметавонист. Такягохи бузурги ман дар мукобили баъзе шахсони бемурувват тагоям буд. Охиста-охиста тагойин Чурахон ба мухити Кулоб ва талаботи хешу акрабо сари итоат фуруд овард ва ба як марди намозхон табдил ёфт. Ў хамеша дар мурокибати ман карор гирифта, ба хотири ангай гумкардааш маро аз нигохи иктисодиву молй дастгирй менамуд.

Шабе хонаи падариро дар хоб дидам. Падар аспи зебое харидааст. Аси дар гулмехи рўйи хавлй баста буд. Он чунон аспи маст менамуд, ки гирди гулмех давр хўрда, ягон касро ба наздаш рафтан наменомонад. Албатта, таъбири хобамро медонистам, вале барои каноат хосил намудан, бегохии якшанбее ба Тосказа рафтам. Аз мошин поён шудаму дар назарам тофт, ки пушти девори хавлй модар чун харвакта карор доради «Худойназарчон, омадй, биё, аз и сў биё», мегуфт. Хайхот, ки ин тавр нашуд. Дигар дар ин хонадон каси мехрубонаму навозишгарам вучуд надорад. Мухити хонаводаи Асо Содик бакуллй тагйир ёфта буд. Хамагй аз хурд то калон озодона нафас намегирифтанд, балки ба дифои хеш омодагй доштанд. Баъд аз ин ки чойи модарро зани бегонае ишгол намуд, чароги он хона дигар рўшной надошт ва баракаташ хам парида буд. Дигар он кадуи кандаки модар, ки порча-порча хушк мешуду то омадани ман дар болохона интизорй мекашид, набуд. Модар то хар таътилам хар канду кандалот ва магзу чагзе, ки ба даст меовард, чое пинхон менамуд. Ман, ки меомадам, дастурхони модар шакли дигареро ба худ мегирифт. Он лаҳза модар дар рў ба рўям менишасту мегуфт: «бихўр бачам, ма инора барои ту аз додарчахот пинхон менамоям, вагарна аз дасти онхо наменомонад...». Он вакт аз он ширинихо Чуъмахону Аноргул ва Сохибназар, ки гўшае менишастанду «мехмон»-ро тамошо менамуданд, бахравар мешуданд. Онхо ба модар менигаристанд ва чуръати аз дасти ман гирифтани кандалотро намекарданд. Модар онхоро ичозат дода «бигирен, бигирен, аз дасти акатон, бигирен»,-мегуфт. Он рўзхо соатхо модар маро тамошо

менамуд ва ба худ савол медод, ки «наход и бачаи ма боша?». Имрӯз, ки дарвозаи хонаи падарро кушодаму пеши рост ба даруни ҳавлӣ гузоштам, дидам, ки Мӯсоча сару рӯяш пури лой, либосҳояш чиркин ва гарданакаш кач дар гӯшае менишасту аз тарси «аспи шӯхи падар» барахм-барахм ба акааш менигарист. Садои модарро гӯё шунидам, ки мегуфт: «Худойиазарчон додарчата аз болои замини намдор бардор, ки хунукш мезана». Оре, рафтам назди Мӯсоча, оби биниҳояшро бо рӯймолчаам тоза намудаму ба бағал гирифта, аз савғоҳо ба кисачаҳош андохтам. Ӯ бо панчаҳои нозукаш мӯйи сари маро, ки барояш ачиб буд, молиш медод. «Ака, омадӣ»,- гуфт. Баъд илова намуд: «Ака, мара мезанан. Ба отам бугум?». «Аспи зебои падар», ки аз гӯшае ин сӯҳбатро гӯш мекард, гуфт: «дурӯғ мега и чувонмарг, ма ҳеч назадамуш...». Чашмам ба духтарчаи худи он зан афтид, ки либосҳояш тоза, сару рӯяш ҳам шустагӣ буд. Ҳамин лаҳза буд, ки падар омад. Маро бӯсиду назар ба Мӯсо кард, ки дар бағалам буд. Фаҳмид, ки таъбам хира аст, аз «аспи зебояш» савол кард: «Гулбӣ, чӣ шиштӣ? Барои бачат чой намоидӣ-ку!». Ӯ бо нозу карашма сӯйи оташдони модар рафт. Калимаи «бача» калбамро шикофт ва аз падар холу ахвол ва саломатиашро пурсидам: «Мазам нест, бисёр месулфам»,-гуфт ӯ. «Аспи зебо» дастурхон орост, чой овард ва як доза нони гулзадагиву пур аз хокистарро гузошт. Нонро дидаму аз фикрам гузашт: албатта бо ин навъ нонпазӣ падар худашро бад хис мекунад. Дигар нонҳои ширин модару чанноҳои хонаашро бо шӯрбоҳои наскиву тирбирингашро падар дар хобаш мелид. Аноргул ҳам аз кучое «акам омадаст, акам омадаст»,-гӯён тохта омаду дастхояшро бар гардании халка андохт. Сохибиазару Чумъахон низ ба атрофи нишастанд. Аммо ин нишасти дигарашкл ва он нишасте буд, ки модар онро нур мебахшид, балки ин нишасти дигаргунли хеле тавлатез буд. Чеҳраҳои фарзандони модарро нигоху тагйир ва сафедпор мекардан. Ғамгинӣ меомад. Онҳо ба ин навъ нон хӯрдан одат накарда буданд. Дилам ҳам тулу Мӯсоча бо бахлонаи берун

ҳавлӣ рафтан гирифтаму пинҳонӣ аз дигарон кӯталеро, ки модар ба таври ҳамеша болo шуда буд, баромадем. Мӯсо фаҳмид: «Ака, ака пеши очам мерем»,- гуфт. «Ҳова, Мӯсочон. Як очата хабар гирем-ку, чӣ ҳол дора»,-чавоб додам ба додарчаам, ки баробари ман роҳ мегашт ва гумон дошт, ки ҳоло модарашро мебинад. Вақте ки ба саҳни мазор дохил шудем, Мӯсоро ба бағал гирифтам, то ки хасу хор пойҳояшро нахарошад.

То назди модар ду-се метр монда буд, ки Мӯсоча «ака, ака, ана очам, ана очам, ана иш додарчаам ҳастай, ки бари очам ховай»,-гуфта баланд садо бароварда. «Ҳова, ҳова, Мӯсочон! Ана дидӣ очата, чӣ хел хобай, ана и гӯри майда аз Ятимакай, дида будиш ҳа, ҳо баъди очат ба ин ҷо омад...»,-гуфтам ба додарчаи сағераам. Мӯсояк давиду болои гӯри модар баромаду «оча, оча, ма омадум, бихез, ма омадум, акам қатимай, акаи Худойназарум аз Кӯлоб омадай, барои ма қанду печин овардай, оча, бихез охир. Оча, оча, мара Гулбӣ мезана, оча, биё хона брем»,-гӯён хоки гӯрро тап-тап бо дастчаҳояш задан гирифт. Ман ин ҳолро дида, дигар тоқат накардаму оби чашмонам шаш қатор ба рехтан даромад. Мӯсоро аз болои гӯр гирифтам, ки ӯ оби чашмони маро дида, савол кард: «Ака, чӣ гиря мекунӣ? Очама дӯст медоштӣ, хай бигӣ бихезонуш, хона баремаш, бигӣ, бигӣ хезонуш, чӣ дигар хона намерава?» ва якбора гиря сар дод «Мӯсочон, Мӯсочон гиря накун, ки очат мешнава, баъд аз ту меранча, ин ҷа хонаи навшай, мон ки ором бихоба, оли ӯ хобай бедор шава меёя»,-гуфта саҳни қабристонро тарк кардем. Мӯсо ҳанӯз ҳам чониби гӯри модар менигариста *обҳои дидаашро бо сари остинчаи курташ пок мекард. Дар рӯҳияи ноумедӣ ба ҳавлии падар даромада будам, ки Мӯсояк «Очама дидум, оли ҳам хобай, акам гиря кард, ма ҳам гиристи»,-гӯён ба падар ҳисобот дод. Медидам, ки ҳисоботи Мӯсо ба «аспи зебои падар» хуш наомаду пиёлаеро аз дасташ афтонда шикаст. Садои пиёлаи шикаста қалби падарро бедор кард, ки чанд ҳарфи носазо ба занаш гуфт. Бо душворие шабро гузаронидаму боз роҳи рӯзгори танҳоиро пеш*

гирифтам. Аз рӯзе, ки модарро гум карда будам, дунёи танҳоиро дӯст медоштам ва худро танҳои танҳо медидам. Мӯсочаву Аноргул аз пушти сарам менигаристанду «ака, боз кай меой. Қандамон биёр, зуд-зуд биё...»-мегуфтанд. Ин садо то хеле роҳ таъқибам мекард... Як рӯзу як шабе, ки дар хонаи Тосқалъагии падар будам, аз бародарон фаҳмидам, ки рӯзгорашон тоқатфарсост, аммо дигар илоҷеро намебинанд. Дилам ба падарам сӯхт, падаре ки ҳеҷ гоҳ сари пастиро надида буд, акнун худро назди фарзандони саҷерамондааш сарпаст эҳсос менамуд. Холиназар мегуфт, ки «и занак ба задан ҳам ислоҳ намешава. Отам ӯро чунон мезана, ки гов барин боҳас мекуна. Аммо боз кори худаша мекуна, боз Соҳибназару Аноргул ва Мӯсоро дар набудани отам мезана...». Таъбири хобамро дар амал дидам. Намехостам, ки «аспи бесари падар» сӯйи ман ҳам шатта партояд. Дигар роҳи хонаи падарро гум кардам. Падар ҳис мекард, ки Чумъахонро ҳафтае як бор ба Кӯлоб равон менамуд.

Вақтҳое ки модар зинда буд, Чумъахон кулчаву гӯшта қайла меовард. Боре ба хобгоҳ меравад, ки маро намеёбад. Ба ӯ мегӯянд, ки «акат дар боғ дарс тайёр мекуна» Ӯ гӯшту кулчахоро бардошта ба боғ омад, ки мо чанд нафар болои сабзазор таги тана шуда мутолиа доштем. Он чош нонамон бомазза буд, зеро дигар ба чое нарафта, дастархон оростем, аз чойхона чой овардем ва савғои овардаи Чумъахонро дастачамъӣ нӯши ҷон кардем. Акнун омаданҳои Чумъахон он лаззати даврони модариро надоштанд, балки ӯ амри падарро иҷро мекард. То ки аз аҳволи ман бохабар шавад.

Имтиҳонҳои соли сеюмро супоридему омӯзишгоҳи педагогии Кӯлобро барҳам доданд. Курсҳои моро, ки чорум мешудем ва курсҳои баъдиро ба филиал-шӯъбаи Институти педагогии шаҳри Кӯлоб табдил доданд. Як сол қабл омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Қӯрғонтеппаро низ барҳам дода, донишҷӯёни соли сеюму чорумашонро барои идомаи таҳсил ба омӯзишгоҳи мо муттаҳид карданд. Ду сол шуд, ки байни бачахои кӯрғониву кӯлобӣ барои духтарон шуда

чангу чанчол мерафт. Гап дар ин буд, ки гӯруҳҳое, ки аз Қӯрғонтеппа ба Кӯлоб интиқол ёфтанд,дар байнашон духтар надоштанд. Аз ин рӯ, онҳо кӯшиш мекарданд, ки ањанаи «қаплону апагирӣ»-и кӯлобиҳоро дар фаъолияти хеш амалӣ созанд. Бачаҳои Кӯлоб, ки қайсару чангара буданд, рафтори қӯрғониҳоро напазируфта, ба чангҳои дасти рӯй меовардand. Ҳарчанд ки бачаҳои кӯлобӣ ғолибият дар даст доштанд, қӯрғониҳо пинҳонӣ ду-се духтари кӯлобиро баъди хатм бо худ бурданд.

ЛАҲЗАҲО АЗ ДАРСҲОИ МУАЛЛИМОНИ ОМӮЗИШГОҲИЯМ

Табиист, ки даврони донишҷӯӣ лаҳзаҳои хотирмону ҷолибе ҳам дорад,ки баъзеашон бевосита ба тарзи дарсгӯии муаллимони омӯзишгоҳиям иртибот мегиранд. Дар мачмӯъ, чунон ки пештар ҳам ишора намудам, омӯзишгоҳи Кӯлоб беҳтарин муаллимонро дар системаи таълимии хеш ҷамъ оварда буд. Махсусан, забон ва адабиёти тоҷик, математика, физика, география, таърихи Тоҷикистон, химия дар сатҳи баланд дарс дода мешуданд. Дарсҳои мазкурро муаллимоне монанди Шариф Раҳмонов, Хоркаш Қодиров, Саймӯъмин Шамсов, Соня Акалаева, Турсунов, Муллочонов, Ризоев, Нусратуллоҳ Неъматов, Ҳусейн Каримов, Шаҳидӣ Каримов, Моёншоҳ Назаршоев, Ниёз Сафаров, Мирзо Султонов ва амсоли онон ба ӯҳда доштанд. Бесабаб нест, ки баъдҳо хатмкунандагони омӯзишгоҳи мазкур дар соҳаҳои марбута аз беҳтарин донишмандони Ҷумҳурӣ шинохта шудаанд...

Дар соли сеюми таҳсил муаллимаи забонамон Соня Акалаева таъин гардид. Аввали сентябр буд. Бонуи қоматбаланду хушандом ва пирохани шоҳӣ дар бару кафшҳои пошнабаланд дар пой бо мӯйҳои бофтаи дукокулаву дароз ва тӯшии нақшини фарғонидухт дар сар вориди синфхона шуд. Дар рӯ ба рӯямон гуё толибаи синфи даҳум қарор дошт. Салом дод, салом гуфтем, нишастем, аммо аз он бонуи зебо ҳеч чашм канда наметавонистем.

Бо зебоияш, бо қавораи чиддияш,бо тарзи харфгӯияш ва бо шарми шарқиёнааш моро мафтуни худ сохта буд. Ӯ низ ин чихатро эҳсос мекард ва аз ин ки шогирдонаш дар назди ҳашамати вай лол мондаанд, ифтихор менамуд. Ин бону он қадар маданияти баланди занона дошт, ки чанд бачаи шӯхамон, ки ба муаллимахои дигар «гап мепартофтанд» гуиг шуда буданд ва фақат бо чашмони зиракашон муаллимаро шинохтанӣ мешуданд, ки «чӣ бонуест». Дарси забонамон рӯзи аввали сентябр чӣ навъ гузашт, нафаҳмидам. Замоне чирингоси занги танаффус баланд шуду муаллима «хай» гуфта аз синфхона баромад. Аҳли синф ба муҳокимаи муаллимаи забон пардохт. Эмом мегуфт: «Оҳ, бачаҳо, чӣ зани зебост. Ман тов гаштам, аз гап мондам. Хостам чанд саволе оид ба фонетика диҳам, аммо зебоияш имконам надод, ки чунин кунам....». Касе аз бачаҳо таъкид кард: «Медонед, ин зани кист? Ин зани Мирзо Бегматов аст, ҳа, эҳтиёт бошед». Духтаре изҳор дошт: «Ай и чӣ хелӣ малӣмаи забони точикӣ аст, ки на номуш точикияю на фамилияаш. Соня Акалаева». Ман ба сӯҳбати ҳамдарсонам ҳамроҳ шуда гуфтам: «Чӣ фарқ дорад, ки исмаш Соня асту падараш Акалаев. Муҳим ин ки ӯ точикиро бенуқсон ва хеле ширин медонад. Зани раиси исполком бошад, ҳам сару либосашро дидед, ки чӣ хел буд. Пироҳани шоҳӣ чунон ӯро зебида буд, ки кас ҳайрон мемонд...». Баҳс поён наёфта буд, ки занги даромад шуд. Муаллими дигаре ҷойи Соня Акалаеваро ишғол кард. Ин муаллим роҳбари синфамон Кабина Мария Василевна – завҷаи Хоркаш Қодиров буд. Дар гурӯҳи мо Ҳасан Ватанов бо ин муаллима озодона сӯҳбат менамуд ва барои русидониаш Мария Василевна ҳам ӯро мепазируфт. Бинобар ин, Ҳасан аз аввалинҳо шуда дар мавриди муаллимаи забони точикиамон савол дод ва хост, ки дар бораи он бонуи зебо маълумоти кофие дар даст дошта бошад. Мо ҳам ба чунин маълумот эҳтиёҷ доштем ва саволи Ҳасанро такрор намудем. Мария Василевна, ки хеле муаллимаи чиддӣ буд, табассуме карду баъд тарҷумаи ҳоли Соня Акалаеваро бароямон қисса намуд.

Падараш аз миллати осетин буду модараш аз Балҷувон. Тақдир чунин шудааст, ки марди осетин ба духтари тоҷик издивоҷ мебандад. Падару модараш солҳо дар маркази ноҳияи Қизилмазор-Совет зиндагӣ доштанд. Оилаашон серфарзанд будааст. Соня баъди хатми синфи даҳ барои таҳсил ба Институти педагогии Кӯлоб дохил мешавад. Ин ҷо бо Мирзо Бегматов шиносоӣ пайдо карда, сипас зану шавҳар мегарданд. Соня хатмкардаи бахши забон ва адабиёти тоҷик будааст. Дар омӯзишгоҳ соли аввал аст, ки ба сифати муаллим фаъолият менамояд. Ба ҳар навъ ки буд, мо ин бонуи нозанинро бисёр эҳтиром мекардем ва гуфтору рафторашро ҳамчун омӯзгорони оянда намунаи ибрат медонистем. Ҷиҳати хуби ин зан он буд, ки кас гумон намекард, ки ӯ ҳамсари аввалшахси шаҳри Кӯлоб аст. Хеле оддӣ муносибат менамуд ва ягон хел мағруриву аз табақаи болои иҷтимоӣ буданашро эҳсос намекардем. Гузашта аз ин, бо шогирдон муомилаи хуб дошт. Вақти ҷамъбасти имтиҳон кӯшиш менамуд, ки боиси ранҷиши хотири донишҷӯе нагардад. Ҳамчун муаллим дониши хубе дошт ва тарзи дарсгузариаш ҳам диққатҷалбкунанда буд. Мо дар дарсҳои ӯ ҳеҷ гоҳ эҳсоси хастагӣ ҳис намекардем, балки мехостем, ки ҳар рӯз соатҳо дарс гӯяд. Бесабаб намегӯянд, ки омӯзгор ба ғайр аз дониши аъло боз симову чеҳраи зебо дошта бошад, то ки ба дарс ҷанбаи эстетикӣ бахшида тавонад. Соня Акалаева ба ҳама меъёрҳову нишонаҳои хуби омӯзгорӣ сазовор буд ва ман ҳеҷ гоҳ чеҳраи дилкашаш он муаллимаи азизамро фаромӯш карда наметавонам.

Муаллими дигари мо сарвари омӯзишгоҳ Нусратуллоҳ Неъматов аз яҳудиёни Бухоро буд. Ӯ бо рутбаи капитанӣ аз ҷанги Олмон баргашта, бо маълумоти дусолаи муаллим-тайёркунӣ ва ё ғоибонаи бахши таърихи Институти педагогии Сталинобод ба мо дарси таърих медод. Мавсуф на ба хотири муаллими таърих, балки ба сифати сарвари омӯзишгоҳ боиси сӯҳбати банда хоҳад гашт. Ӯ шахси мансабхоҳ ва богуруре буд, омӯзишгоҳро ҳамчун мактаби

шахсии худ мешинохт. Масалан, мегуфт: «педучилиши Неъматов, педучилиши ман...». Дар айни замон ӯ аз калонхои шахр сахт метарсид. Вакте ки назди онхо карор мегирифт, ба дарачае худро нороҳат медид, ки меларзид. Бояд гуфт, ки калонҳо хам ӯро намепазируфтанд. Аммо маълум буд, ки ӯ дар пойтахт такягоҳ дошт ва гохе аз номи баъзеи онхо ишорахо хам мекард. Неъматов дар як рӯз донишчӯро бо фармонаш хориҷ мекард ва баъд аз ду-се соат боз ба фармони наваш ӯро баркарор менамуд. Таърифро дӯст медошт. Аз донишчӯёни «сохибдор» хавф мебурд ва онҳоро сохтакорона эҳтиром менамуд. Лаҳзахое хам мешуд, ки аз чунин «сохибдорон» ба манфиати худ истифода менамуд. Хизматторхояш аз байни донишчӯён зиёд буданд. Бештар бозории хонаашро ҳамин навъ донишчӯён анҷом медоданд. Завҷаш олмонӣ буда, ду писарча ва як духтарча дошт. Бидуни муболиға метавон гуфт, ки занаш хеле зебо буд. Малламӯй, сиёҳабрӯ, хушандом ва қаду қомати расое дошт. Муаллими варзишгамон Пашков ҳамеша дар хизмати хонадони Неъматов буд. Баъзан донишчӯён шӯхӣ мекарданд, ки бачаҳои Неъматов ягон зарра ба ӯ монандӣ надоранд, бештар ба Пашков шабеҳ мебошанд. Рӯзҳои чашн ду писари Неъматов дар ихтиёри Пашков гузошта мешуд. Вакте ки кас он ду писари малламӯю зебочеҳраро дасти ба даст бо муаллими варзиш медид, гумон мекард, ки бачаҳои худи Пашков ҳастанд. Завҷаш хонашин ва хамчихата таъмин буд.

Соли сеюми таҳсил маъракаи пахтачинӣ оғоз ёфту омӯзишгоҳро ба хочагии Шаталов сафарбар карданд, ки аз шахри Кӯлоб чандон дурӣ надошт. Нархи як кило пахтаро се тин муайян карданд. Бо ин нарх донишчӯён розӣ нашуда, «бунт»- коршиканӣ намуданд. Ин чунин маънӣ дошт, ки мо пагоҳӣ ба сари замини пахта ҳозир шудему аммо ба он надаромада, фартук-халтаҳоро зерамон гузошта нишастем. Соате нагузашту котиби якуми ҳизбии шаҳр Абдулин З. М. бо мошини идораш, ки худаш меронд, пайдо шуд. Дар дохили он Неъматов ҳам буд. Абдулин чунон бо қаҳру газаб гап

мезад, ки агар туфанг медошт, чанд донишчӯро бечон мегардонд. Аз байни донишчӯён духтаре бо номи Назокат аз чой хест ва пироҳанашро боло бардошта ҷониби Абдулин рафтан гирифт. Мо ҳама дар пойҳо рост истода «ба се тин пахта намечинем, то панҷ тин накунед, ба замин намедароем», гуфта садо бардоштем. Неъматов сари мо дод мезад: «ой, медонед, ин шахс кӣ. Ин шахс котиби якуми горком. Ҳозир хоҳад ҳамаи шумоёнро ба ҳабс мегирад, педучилишро мебандад...». Абдулин гохе ба русӣ ва гохе ба тоҷикӣ моро тарсонданӣ шуда «Это саботаж. Я вам покажу бездельники и всё, пагоҳ педучилишро мебандам, кӯрнамакҳо» ва ба ҳамин монанд ҳарфҳои таҳдидомез гуфтан гирифт, ки Назокат почомаашро назди ҳамагон аз бадан кашида, гӯё байрақ сохту онро ба сари Абдулин кашиданӣ шуд. Ин ҳолатро Абдулину Неъматов дида, зуд ба мошин нишастанду ҷониби шаҳр гурехтанд. Ҳамон рӯз маҷлиси таъчилӣ дар Ҳукумати шаҳр доир гардида, мавзӯи корпартони донишчӯёни омӯзишгоҳро баррасӣ намуда, онро ба фоидаи мо ҳал карданд. Бегоҳӣ натиҷаи қарорро гуфтанд, ки аз пагоҳ нархи як кило пахта «панҷ тин» муқаррар гардад. Ба касе ҷазо надоданд. Назокат бошад ҳамчун қаҳрамон шинохта шуд. Ҳамин «бунт» буд, ки он сол хеле пул кор кардем. Муҳимаш он буд, ки коршиканиро мо ба фоидаи ҳамаи донишчӯёни минтақа ҳам буд. Яъне, дигар мактабҳо низ бо нархи панҷ тин пахта чиданд. Неъматов ҳеҷ гоҳ ба дарс сари вақт намеомад. Сардорамон аввал харитаҳои таърихро ба девор меовехт, дафтари синфро омода месохт, баъд Неъматов чӯбчаи ишорат дар даст бо шитоб вориди синфхона мегардид, гӯё ки аз кадом маҷлиси расмие ба хотири дарс тохта омада бошад. Дар оғоз ҳамаро аз як сар медид, ба баъзеҳо танбеҳ медод, метарсонд, ки «аз педучилиш пеш мекунад» ва ғайра. Хуши дарсгӯй надошт. Ӯ аз ҳама беш ба Ҳасан Ватан баҳс меорост. Ҳасан бачаи каме шӯхтабиат буда, ҳунари тақлидкорӣ дошт. Масалан, бо садои гову ҳар тақлид менамуд, дар чашнҳо сурудҳои русӣ мехонд. Ба хусус доираро бисёр хуб мезад.

Боре хини дойразанӣ чунин шуд, ки он кафид. Баъд аз ин номи «Ҳасани дойракафон» дар забони сарварамон пайдо гардид. Ӯро фақат бо ҳамин ном мешинохт. Яке аз рӯзҳо, Неъматов соати аввал дарс дошту дер омад. Мо аз Ҳасан, ки таги тиреза менишаст, хоҳиш кардем, ки як садои хурӯсро тақлид намояд. Вай дар аввал неву нестон карду баъд аз чояш хеста, тарафи тиреза назар намуда, ду-се бор дастҳоро ба баданаш зада, гӯё пар-пар задани хурӯсро нишон медода бошад, садои хурӯсро чунон зебову вокей ичро кард, ки рохгузарҳо ба чониби садо мутаваччех шуданд. Ҳамин лаҳза буд, ки Неъматов ба синф даромаду бо асабоният пурсид, «Канӣ гӯед, кӣ садои хурӯсро ичро кард? Каниӣ кӣ? Хезад аз чояш». Мо ҳамагӣ бо сарҳои хам менишастему ба дарунн дил механдидем. Неъматов, ҳарчанд ки ичрокунандаи садои хурӯсро хуб медонист,ҳар кадомро аз чояш хезонда, «Канӣ, ту буди - мӣ? Чаро хомӯш мондӣ? Гӯй охир...» Ба ҳамин минвол Абдукиборро хезонд, «ҳа, додари пракурор, ту будӣ-мӣ?» Ӯ сар чунбонд, ки не. Хайрият, маро мачбур насохту ба сардорамон Азиз дарафтод. Азиз «не, ман набудам»,- гуфта буд, ки Неъматов шишаи пур аз рангро аз назди ӯ бардошту «Ҳозир, ин рангдонро ба сарат мезанам, гӯй ту сардор ҳастӣ, ин корро кӣ кард?» Азиз меларзиду ором меистод. Сипас, Неъматов охиста-оҳиста ба назди Ҳасан омаду «Ҳа, манчук ин кори ту, ҳа?»- гуфта бо чӯбчаи дасташ ба мизи Ҳасан задан гирифт. Ҳасан аз чой хеста ба саволи Неъматов чунин чавоб дод: «Малим, бахудову бахудо ман ором нишаста будам, аз таги тиреза як бачаи хурӯсбадаст мегузашт, ки хурӯсаш садо дод. Ман набудам малим, бахудо, ки ман набудам». Неъматов номи дигари Ҳасанро «манчук» монда буд, зеро бинии ӯ паҳиу пачақ менамуд.Бинобар ин, Неъматов Ҳасанро гоҳе «дойракафон» ва гоҳе «Ҳасани манчук» ном мегирифт. Неъматов аз чавоби Ҳасан мисле ки қаноат хосил намуда, назди мизи худ рафт ва гуфт: «Ой, Ҳасани манчук! Ту чӣ шайтонӣ мекунӣ. Ман пушти дар ҳама маслиҳати ҳамдарсонатро гӯш мекардам. Худам дидам, ки ту чӣ хел дастҳоятро пар-пар задиву садои хурӯсро

ячро намудй, чаро дурӯг мегӯй. Ҳасан хандаи хосе карду «Хай, малим чй кор куим, бачаҳо хоҳиш намуданд». Неъматов ҳам як ханда сар дод ва занги баромад зада шуду дарси таърих ба поён расид.

Муаллиме доштем, ки исмаш Муллочонов буда, аз фанни химия дарс мегуфт. Йн муаллим аз мардуми шимол, қадпасту лоғарандом буд. Вақте ки ба дарс шӯрӯъ менамуд, баробари суханҳояш оби даҳонаш низ пареш мехӯрд. Ман, ки дар сафи аввал менишастам, рӯзҳои дарси химия рӯймолча дар даст фақат обҳои паридаи даҳони муаллимро аз сару рӯям пок мекардам. Муллочонов бисёр инсони хуб буд. Химияро аъло медонист. Дарсро ҳамеша ба воситаи асбобҳои лабораторй мегузаронд. Махсус, кабинети химия дошт ва маҳз он чо дарсҳои амалиашро пиёда месохт. Дар яке аз дарсҳо ду маводи химиявиро ба реаксия даровардани шуд, ки он бӯйи тухми вайроншударо медод. Аммо, вақти ба реаксия даровардан чй шуд, ки колбаи химиявй кафиду синфхонаро дуду ҳавои ғализи бӯйнок пахш намуд. То ки аз синфхона бӯйро берун бароранд, дарвозаро кушоданд. Дар натича тамоми бинои омӯзишгоҳро бӯйи тухми палағда фаро гирифт. Замоне Неъматов, мудири қисми таълимй Каримов ва дигар муаллимон аз утоқҳои кориашон ба кӯча баромаданд. Мо низ дамгир шудему аз тирезаву дарвоза ба берун баромадем. Худи Муллочоновро чанд донишчу бардошта берун бурданд, зеро саломатии хуб надошт ва беҳолона роҳ мерафт. Бӯйи хосса хафтае бинои омӯзишгоҳро пахш кард. Баъд аз як хафта боз дарси химия сурат гирифт. Муллочонов кадом мавзӯи химиявиро баррасй мекард, чи Файзалй Ҳомидов даст бардошт. Муаллим аз ӯ пурсид, ки чй гап, чй магар саволе дорад. Файзалй, «оре, муаллим як савол дорам». «Марҳамат» лутф намуд Муллочонов. Файзалй чидлиёна пурсид: «Муаллим, боз як редаксияи дигар намекунед.» Ҳама хандиданд. Муаллим табассуме карду гуфт: «Не, дигар аз он реаксия намешавад. Неъматов ба ман чазо эълон кард...». Яъне Файзалй ба чойи «реаксия» гӯяд «редаксия»- гуфт, ки боиси ханда

гардид. Минбаъд исми Файзалиро «редаксия» гузошт
Ӯ қимоб ҳам шуд. Баъзан ҳақорат медод, ки чаро номашр
чунин мегирем.

Тавре дар огози ин фасл арз кардам, муаллима
адабиётамон Турсунов ном дошт. Мавсуф ҳам аз нохияҳои
шимол барои касби муаллимӣ ба Кӯлоб омада буд. Ӯ бо
рафтору гуфтор ва баъзе одатҳояш бештар ба хотирам
мондааст. Эшон дарси хуб медоданд. Одаташон ин буд, ки
ҳар коре, ки дар рӯзгораш рух медод, барои шогирдон накл
менамуд. Рӯзи бороний буду муаллим чанд дақиқа ба дар
дер омад ва сабабашро худаш гуфт. Хонааш дар кӯчаи
Сталинобод, назди мағозаи хӯрокворӣ буд. Он вақт на ҳамаи
кӯчаҳову тангкӯчаҳои Кӯлоб сангфарш буданд. Муаллим
кафшро бо калӯш (галош) менӯшид. Аз хона баромада то
назди мағоза мерасад, ки дар назараш як нояш сабук
менамояд. Ба кафшҳояш нигоҳ мекунад, ки як калӯшаш
дар кучое ба лой дар мондааст. Ӯ ба қафо баргашта, чойи
қадамҳояшро ба мушоҳида гирифта, ниҳоят калӯшашро
пайдо мекунад. Лойҳои калӯшро тоза карда, сипас чанд
омӯзишгоҳ боэҳтиёт роҳ пеш мегирад. Одати дигараш
ба шогирд таънаву киноя задан буд. Агар донишҷӯе дар
дарсаш гап мезад ё мечунбид, Ӯ асабӣ шуда «Ҳа, медонам,
шумо барои чӣ механдед. Пироҳанам даридагӣ, мӯйи сарам
шона нозада, ришҳоям расидагӣ, ки ҳаст, албатта бояд
хандан шумохон мешавам. Бо ин гуфтораш аҳли синфро
мешармонд ва рости гап дилам ба муаллим месӯхту худро
вороҳат медидам. Ба ҳамин монанд, рӯзе ба сандалӣ
нишасту, когази обчинакро бо дастонаш бозикунон майда-
майда карда, ҳамзамон мавзӯи дарсро барои мо арз намуд.
Ҳамоно дасту панчаҳош бо майдапораҳои обқапак банд
буд. Яке бинишро хориду бо дасташ онро молиш дод, ки
майдапорае аз обчинак дар сӯрохии бинияш даромад. Вақте
ки нафас мекашид, он майдапора ба дохили бинӣ мерафт
ва боз, ки нафас мебаровард, он беруи мебаромад. Чанд
лаҳза ин ҳолат такрор ёфт. Ханда моро фишор меовард
аммо барои эҳтироми муаллим кӯшиш менамудем, ки Ӯ

хандаамонро нафаҳмад. Ҳатто хостем, ки сарҳоямонро хам гирем, то ки рафту омади майдаи обқапакро дар сӯрохии бинии муаллим набинем. Вале боз чашм меафтиду хандаро ба вучуд меоварад. Оҳиста- оҳиста хандаи аҳли синф дар шакли қит-қиту ошкор боиси таваччӯҳи муаллим гардиду ба танбеҳдиҳӣ дода шуд. «Оре, хандаатон чо дорад. Як пои ман меларзад, як дастам нест, сарам кал, як чашмам кӯр»,- метуфту дар чояш ин тарафу он тараф роҳ меташт. Ҳаракати дохилшавиву хоричшавии майдапораи обчинак боз тезтар шуд ва хандаи мо ҳам баландтар гардид. Баландшавии ханда боз аз он сабаб буд, ки воқеан як чашми муаллим кӯр буд. Дидам, ки аҳли синф аз назорат мебарояд, аз чой баланд шудаму гуфтам: Муаллим аз шумо узр мехоҳам, сабаби хандаи бачаҳо аз он аст, ки дар сӯрохии бинии шумо майдапораи обчинак руст мондааст ва вақти нафастириву нафасбарории шумо он медарояду мебарояд...». Муаллим наро шунияду бинишро молиш дода буд, ки он майдапора болои фарши синфхона афтид. Муаллим бисёр худро вороҳат дид ва хайрият ки занг садо доду он кас баромада рафтанд. Панч дақиқаи танаффус худро озод дида хуб хандидем... Дарси дигар Турсунов аз аҳли синф узр хост, ки ночо танбеҳамон додааст. Ҳамин муаллим дар чараёни дарс аз саломатияш шикоят кард, ки радикулит дораду аҳдак боронгарӣ шавад аз чой хеста наметавонад. Ду -се даъфа бо ҳамин иллат ба дарсаш сари вақт ҳозир нашуд. Рӯзе ҳаво борону намнок шуд. Дарси аввалаамон адабиёт буд. Аксаран ки дар хобгоҳ иқомат доштем, аз тиреза дидем, ки ҳаво меборад, ҳамагӣ маслиҳат кардем, ки ба дарс ҳозир шудан шарт нест, зеро муаллим Турсунов радикулит дораду омада наметавонад, бехтар аст, ки хобамонро идома диҳему ба дарси дуюм ҳозир шавем. Дах – понздах дақиқа аз ҳашт гузашта буд, ки сардори синфамон Азиз , ки дар шаҳр истиқомат мекард, ба хобгоҳи мо даромада «Эй, бачаҳо, чи хоб рафтен. Муаллими Турсунов худаш танҳо дар синф нишастааст Хезед, ки ҳозир Неъматов фаҳмад ҳаматона хорич мекунад»,- гуфта

монанди мо истироҳат карданӣ буданд, ки дар ин амал бачаҳоро гунаҳкор мешумориданд. Ҳар кадом ба синфхона медаромаду «салом, муаллим», мегуфт ва баъд ба ҷояш гузашта менишаст. Муаллим ҳам «салом, салом, салом», гӯён донишҷӯёнро истиқбол мегирифт.

Сабаби ба дарс ҳозир нашудани моро сардор аллакай барои муаллим гуфта будааст. Аз ин рӯ, ӯ дигар моро танбеҳ надода, фақат таъкид кард: «Муаллим меояду намеояд, донишҷӯ бояд ба дарс ҳозир шавад. Агар муаллим ҳафт дақиқа дер монд, метавонед ба роҳбарият арз кунед. Дар ин шакле ки шумо раво дидед, гунаҳгор дониста мешавед». Мо бо як овоз гуфтем: «Муаллим, дигар такрор намешавад, аммо мо ба касалии шумо бовар карда будем». Муаллим хеле ҳандиду баъд ба дарсаш огоз намуд. Он чи дар мавриди муаллимон арз кардам, ҳаргиз маънии манфӣ надошта, балки бузургии ононро таъкид кардан мехоҳам.

СОЛИ ЧОРУМИ ТАҲСИЛ

Соли таҳсили 1959-1960 омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб шомили Институти педагогӣ гардид. Неъматов Н. ба маорифи шаҳр гузашт. Аз барҳам додани омӯзишгоҳ розӣ набуд. Мешунидем, ки ӯ ба воситаи одамонаш дар Сталинобод дубора омӯзишгоҳро ба расмият медарорад... Акнун сарварамон Латифов– ректори Институт буд. Ӯ шахси миёнақаду зебочеҳрае буда, либосро хуб мепӯшид. Пироҳани чиноии дӯхти украинӣ дар бадан дошта, роҳбари маданӣ ва орому нарм буд. Суханро баланд намегуфт, балки бисёр муаддабонаву боандеша иброз медошт. Мудири қисми таълимиамон Қодиров Хоркаш таъин гардид. Чанде аз муаллимони мо ба мактабҳои шаҳр рафтанд. Муаллимони наве монанди: Моёншоҳ Назаршоев, Ниёз Сафаров, Рустам Қодиров, Мирзо Султонов, Исоев ва дигарон ба мо дарс мегуфтанд, ки онон ба кафедраҳои

мухталифи Институти педагогӣ иртибот мегирифтанд. М.Назаршоев ва Латифов аз фанни «Таърихи партияи комунистӣ», Н.Сафаров аз синтаксиси забони тоҷикӣ, М.Султонов аз математика ва Исоев аз педагогика, Р. Қодиров аз методикаи забон дарс медоданд. Дар назари аввал ин муаллимон нисбат ба муаллимони омӯзишгоҳиямон боҳашамат менамуданд. Вокеан, то ҷое ваҳмангез ҳам буданд. «Таърихи ҳизб»-ро аз рӯйи мачаллаи «Коммунист» дарс мегуфтанд. Ҳоло ба шакли китоби алоҳида нашр нагардида буд, балки баъд аз Анҷумани бистуми Ҳизби комунист, ки шахспарастии И. В. Сталинро фош кард, таърихи он таҳрири тоза дид ва барои муҳокима ба хонандагон ба воситаи мачаллаи «Коммунист» пешниҳод гардид.

Нимсолаи аввал Латифов ин фанро хонд, баъд М. Назаршоев, ки котиби ташкилоти партиявии Институти Кӯлоб буд, онро идома дод. Ин шахс хеле калонҷуссаву қоматбаланд ва марди чиддиву шӯхе ҳам буд. Мавсуф дар ҳамсоягии холаи Рӯзигул зиндагӣ мекард. Завчааш рус буд. Ду писарчаи ширинрӯяк дошт, ки ҳар субҳ онҳоро ба богча гусел мекард. Мавзӯъҳои таърихи ҳизбро бисёр возеҳу равшан мефаҳмонд, аммо эҳсос мешуд, ки ӯ сталинпараст аст. Латифов ором гап мезад, ки ин чиҳат дарсашро чандон чолиб намекард.

Ниёз Сафаровро то ба мо дарс гуфтанаш, ҳамарӯза медидам. Ҳар вақт ки мавсуф аз бинои асосӣ ба бинои собиқа меомад, мо аз дохили синфхонаҳои омӯзишгоҳ роҳгардии вайро, ки нотакрор буд ба мушоҳида мегирифтем. Миёни донишчӯён ӯ ҳамчун «Маяковскийи тоҷик» шинохта мешуд. Ба ин хотир , ки аз нигоҳи қаду қомат ва чеҳраи зоҳириву мӯйи сар ба Маяковский хеле шабеҳ менамуд. Чанд торе аз мӯйи Н.Сафаров ҳам монанди мӯйи сари Маяковский хини роҳгардӣ ё гапзанӣ ба тарафи рости сар поён мефаромад. Мавсуф монанди М.Назаршоеву Латифов озода мепӯшид ва аз ҳамон пироҳанҳои гулдӯзии украинӣ дар тан дошт. Мирзо Султонов, ки аз математика

дарс мегуфт, солҳо дар омӯзишгоҳ дарс медодааст, вале бар асари бо донишҷӯе дастбагиребон шудану ба ӯ зарбаи ҷисмонӣ расондан вайро ба маҳбас кашида буданд. Завчааш Зоя Николаевна, ки осетинка буду аз адабиёти рус ба мо дарс мегуфт, хеле мубориза бурда, ниҳоят шавҳарашро аз ҳабс халос мекунад. Бинобар ин М. Султонов, ки аз омӯзишгоҳ ранҷидагӣ буд, ба он ҷо барнагашта, балки ба Институт меравад ва аз фанни физика ва математика дарс мегӯяд. Хеле муаллими ҷиддӣ ва бадқаҳр буд. Кинои заданро дӯст медошт. Ба ҳар суханаш оҳанги ҳаҷву мутоиба медод. На ҳар касро эътироф менамуд. Ҳарчанд ки дағалу мағрурӣ дошт, аммо ҳамчун муаллими математикадон таърифаш мекарданд. Тавре ки дидед, ҳар чор фанни асосие, ки аз онҳо мо имтиҳони давлатӣ месупоридем, ба ӯҳдаи муаллимони Институт гузошта шуда буданд. Ба ин хотир, соли чоруми таҳсил барои мо душвориҳо бисёр овард. Ин чиҳатро ба назар гирифта ману Ҳасан Валиев ва Эмом Қурбонов хостем, ки аз хобгоҳ хориҷ шуда, хонаи ичора пайдо кунем, то ки ба дарсхониамон камтар халал расад. Дар тангкӯчаи Горкий, ки хонаи Неъматов ҳам он ҷо буд, хоначае ёфтем ва ду-се моҳ зиндагӣ ҳам кардем. Аммо чӣ шуд, ки хонаи дигар кофтем. Ин даъфа дар кӯчаи Сталинобод, ки акнун М. Калинин ном дошт, ҳавлиеро ба ичора гирифтем. Пухту пазаш ба дил заду боз ба хобгоҳ баргаштем. Бо вуҷуди ин, ман дар соли чоруми таҳсил бештар дар хонаи тағойии Ҷӯрахон мезистам. Ӯ ҳоло ҳамсар надошт ва рӯзгори муҷарраддӣ медид ва ҳолатҳое, ки барои ду-се моҳ ба иҳтиёҷоти атрофи Кӯлоб мерафт, хона дар ихтиёри ман буд ва ин ҷиҳат шароити хуберо бароям фароҳам месохт. Соли ҳалкунанда, ки маҳсуб мешуд, фақат ба мутолиа машғул мешудам. Гоҳе ба хонаи тағойии Маҳматалиам мерафтам, ки тоза тӯйи аруси карда буду дар ҳавлии нотамоми хонаи Рӯзигулам иқомат мекард. Дилам, ки аз «аспи зебои падар» монда буд, ба Тоскалъа сар намезадам, балки Чумъахону падар гоҳе аз ҳолам хабар мегирифтанд. Дӯстиам чун ҳамеша бо Ҳасан Валиев,

Абдукибор Гадоев, Эмом Қурбонов, Азиз Ҳафизов ва Ҳасан Ватанов сурат мегирифт. Ин дастае буд, ки якчоя дарс тайёр менамудем, саволу ҷавоб мекардем. Макони дарсхонӣ баъд аз синфхонаҳо пушти мазори Амирҷон ва боғи истироҳатии шаҳрӣ буд, ки ҳарду дар атрофи бинои омӯзишгоҳ қарор доштанд. Оре, соли охир , ки буд, баъзе ҳамдарсон аз пайи пайдо кардани «қаплону апа» мешуданд. Абдукибор ҳамоно бо Парчамоҳ дӯстиашро идома медод. Ба Ҳасан Валиев модараш маҷбуран духтареро аз деҳаашон дод. Ҳол он ки Ганҷимоҳ «қаплонаш» буд. Эмому Ҳасан Ватан дар ин ҷода принсип надоштанд. Ба ҳар духтаре, ки пеш меомад, изҳори ишқ менамуданд. Азиз ҳам духтареро дӯст медошт, аммо духтар ба дигар ҳамдарсаш майл дошт. Дар ҳамин замина, духтаре аз ҳамдарсонам, ки аз ман як сол бузург буд, бисёр мехост, ки «қаплон»-и банда шавад. Рости тап ҳарфҳои ширини ӯро гӯш медодаму ба моҳияти мавзӯъ сарфаҳм намерафтам. Ба истилоҳи дигар ҳарфҳои ишқомезаш маро бедор сохта наметавонист. Ӯ ҳамеша бо нигоҳҳояш сӯҳбат менамуд. Духтари боодоб ва хушгуфтор буда, нишонаҳои чинси латифро дар худ бисёр дошт. Рафта- рафта, андак майле ба вай пайдо намудам. Гоҳ-гоҳе шабона ба тамошои филме мерафтем. Дарк намудам, ки ӯ маро сидқан дӯст медорад. Ҳарчанд ки ман ҳам ба ӯ одат мекардам, вале аз масъулият доштани мавзӯъ метарсидам. Вобаста ба ин масъала вай фаъолтар худро нишон медод, аммо аз илми ишқ чизе бӯй намебурд ва банда низ дар ҳамон сатҳ худро медидам. Бегоҳие бехотир дарвозаи хона зада шуду ӯ даромад. То хеле нишастем, чой нӯшидем ва сипас бо велосипеди тағойим хостам, ки вайро то хонаашон, ки дар поёни шаҳр буд, барам. Кӯчаи Калинин нав таъмир медид ва дар ҳар 20-30 метр асфалтро ҷо-ҷо дар гӯшаҳои кӯча чамъ оварда буданд. Кӯча чарогон набуд. Духтар дар пушти ман менишаст ва аз камарам сахт медошт, то ки наафтад. Велосипеди ман чароғ дошт, аммо бо он чароғ роҳи пур аз сангу асфалти бора-бораро гузаштан душвор буд. Бехотир велосипед ба теппае боло шуд ва аз

болои он ҳо ба поён афтидем. Духтар ба дарунӣ ҷӯй афтид, ман зери велосипед мондам. Дар натича вай аз сари зонувонаш чароҳат бардошт. Ба душворие ӯро то назди хонаашон расондам. Чунин шуд, ки вохӯрии мо ҳафтае дуне бор сурат мегирифт. Боре дар хона менишастем, ки падарам дар даст зарфе пур аз гӯшти қайла омад. Духтар чой монд, дастурхон оросту худ сару рӯяшро печонда аз хона баромада рафт. Табиист, ки падар савол кард. Гуфтам, ки ҳамдарсам мебошад, фақат дӯстии холисона дорем. Падар табассум карду гуфт: «Духтари бападар менамояд». Ман чавоб надодам, зеро худро назди падар шармандаи медидам. Тағоям аз ноҳия баргашту велосипедро шикаста дид. Пурсид, ки « ба велосипед чӣ шуд?» «Намедонам», - гуфтам. Хандиду изҳори ранчиш накард. Дар гурӯҳи мо духтаре мехонд, ки аз вақти шавҳар карданаш панҷ-шаш сол гузашта буд. Духтаре, ки маро дӯст медошт, ба ӯ мегуфт, ки «тағойи Худойназар безан аст, хонаву дар дорад, ҷи мешавад, ки бо ӯ ошно шавӣ». Он духтар розӣ мешавад. Аз ин ҷост, ки бегоҳие якҷоя ба хона омаданд. Духтар тағоямро диду маъқулаш шуд. Аммо духтар чандон зебо набуд ва лоғарандом буд. Аз ин рӯ ба тағоям хуш наомад. Ба ҳар навъ ки буд, духтарон дар хона монданд. Кати оҳанӣ насиби соҳибхона гардиду болои фарш насиби ман. Дар чунин вазъият ҳам чияну тағо аз рӯйи адлу инсоф рафтор кардид ва ба духтарҳо даст нарасонданд, ҳол он ки онҳо ба ҳамин мақсад монда буданд. Пагоҳӣ онҳо рафтанд. Тағоям гуфт: «Дафъ шаваде, дар баданаш на гӯшт дораду на пӯст, ранги кампирай...». Бо ҳамин фаъолияти «ишқварзӣ»-и тағоям ба поён расиду аз мо гӯё идома дошт, вале фаъолияти мо якчониба сурат мегирифт. Торафт ман дурӣ ҷустанӣ мешудам. Дар пеш имтиҳонҳои давлатӣ интизорам буд. Махсусан, аз имтиҳони математика метарсидам, зеро Мирзо Султонов таҳдид менамуд, ки ба ягонтаи мо баҳои муосиб нахоҳад монд. Дар чараёни дарсҳояш, ки дар бинои асосии Институт мегузаштанд, гурӯҳи моро мазоҳу масхара менамуд. Ҳар кадомро ба тахта даъват мекард ва ҳарфҳои носазо

мегуфт. Дарси ӯ ба он дарача даҳшатовар буд, ки ӯ худ аз дур давида бо каллааш тахтаи синфро мезад, «сарамро зада хун мекунам»,- мегуфт ба мо. Агар рақаме нодуруст навишта мешуд, барои онро ба шогирд нишон додан, аз каллааш истифода мебурд. Гоҳе тахтаи синф, ки аз поядорҳо буд, аз зарби дасту пой ва пешонии муаллим ба рақс медаромад. Бачаҳо мегуфтанд, ки ӯ аз омӯзишгоҳ қасос гирифтанӣ аст. Донишчӯе, ки вайро ба маҳбас кашида буд, Абдулхайр дар Донишгоҳи давлатӣ мехонд. Дар кӯча агар кадоме аз моро медид, мегуфт: «Ҳа, шербачаҳои омӯзишгоҳ, гаштан гиред, шумо ҳамаатон академикен, олӣ мебинем чӣ навъ аз ман баҳо мегирен». Табиист, ки мо бовар мекардему «мурданак» математика мехондем, бо донишчӯёни бахши математикаи Институт нишаста, аз онҳо ба саволҳоямон ҷавоб омода месохтем.

Чунин шуд, ки як моҳ қабл аз имтиҳонҳои давлатӣ робитаро бо он духтар тамоман қатъ намудам. Абдукибор ки бо Парчамоҳ шартномаи «қаплонӣ» дошт, якбора муносибаташро канд. Ҳама ҳайрон буданд, ки чаро чунин шуд. Аммо он духтар умедашро наканда буд, балки гумон дошт, ки ин дилсардӣ ба оғози имтиҳонҳои давлатӣ иртибот дорад. Ӯ хато мекард. Зеро дар он синну сол ман нияти издивоҷ бо духтаре надоштам. Ҳоло тақдири хешро пешбинӣ карда наметавонистам. Гузашта аз ин, дар тақсимоти Вазорати маориф ба ноҳияи Колхозобод барои кор мерафтам, ки дар назарам ноҳияи дурдасте менамуд. Он солҳо хатмкардаи омӯзишгоҳи педагогӣ ҳатман се сол бояд дар истеҳсолот кор мекард ва баъд метавонист ба ягон мактаби олӣ дохил шавад. Вақти тақсимот ноҳияҳои Чумҳуриро қатор дар тахта нависонданд. Ҳар кас бояд интихоб менамуд: Колхозобод, Вахш,Комсомолобод, Ҷиргатол, Ғарм, Файзобод дигар ноҳияҳои ба муаллимон эҳтиёҷманд моро интизорӣ доштанд. Ман намедонистам, ки кадоме аз ин ноҳияҳоро интихоб намоям. Сипас муаллими географиямон Ризоев дар харита ноҳияи Колхозободро нишон доду гуфт: «Худойназар биё ба

Колхозобод рав. Ин ноҳия дар оянда ба яке аз ноҳияҳои саноатӣ табдил хоҳад ёфт, зеро маъдани газ дорад». Ба эҳтироми муаллим «майлаш, гуфтаи муаллимам шавад», гӯён ба варақаи тақсимот дар рӯ ба рӯи Колхозобод даст мондам.

Имтиҳоноти давлатӣ оғоз ёфт. Нахустимтиҳон аз забон ва адабиёти тоҷик буд. Иншо навиштем, ки ҷараёни онро намояндаи Ҳукумат Бердиева Бӯриниссо ном бону назорат кард. Чанд нафар баҳои «аъло» гирифтем. Табиист, ки иншоҳои моро Ниёз Сафаров ва Соня Акалаева тафтиш карда буданд. Навбати имтиҳони математика ҳам омад. Синфхонае дар қаноти чапи бино, паҳлӯи китобхона буд, ки М.Султонов он ҷоро интихоб намуд. Ассистент –ёвараш Хоркаш Қодиров бошад ҳам ӯ як омаду кадом кореро баҳона карда рафт. Мо ҳама меларзидем ва умеди баҳогирӣ дар ягон гӯшаи диламон ҷой надошт. Аз қавоқҳои муаллим гӯё барфу борон меборид. Саволҳо болои миз гузошта шуданд. Табиист, ки ӯ аз рӯйи алифбо шогирдонро даъват мекард. Аз ин рӯ, дар таги дарвоза аввал ман меистодам. Муаллим шаш касро даъват кард. Саволҳоро гирифтему нишастем. Сипас сардорамон Азизро паздаш хонду гуфт: «Рав дар як чойнаки қарабой чойи сиёҳ, сесад гиром қанди рафинад ва дах дона булочка биёр». Ӯ тозон ҷониби чойхонаи институт рафт. Ман саволҳоямро медонистам, вале пурсидану атиҷагирӣ ба табъи муаллим вобастагӣ дошт.Ба ин хотир ашмам буду чеҳраи М.Султонов. Медидам , ки торафт ехраи ӯ кушода мешуд, дигар ҳарфҳои таҳдидомезу утоибадорашро намегуфт, балки дилбардориамон мекард. Натарсед,шумо ба ин саволҳо омодаед, медонам». Ин канҳоро шунида аз нав умеди баҳогирӣ дар ман пайдо д. Сардор ҳам чою нони муаллимро овард. М.Султонов сардор амр кард, ки чою нонро болои печкаи хиштӣ зорад. Сардор саросемавор аз рӯзномаҳо дастархон ста, маводи ғизоии овардаашро ба он ҷо гузошт. ллим ба пиёла панҷ дона қанди рафинадро андохту бо порае аз булочка омезиш дода, ба хӯрдан даромад.

Сипас пурсишро аз ман сар кард. Ду-се дақиқа гуш дода, ба тахта ҳам даъват накарда «панҷ» монд. «Аъло»-ро дар варақаи имтиҳонӣ дида, худ бовар намекардам, ба дил мегуфтам «ин муаллим мазоҳ мекунад-чӣ?». Хулосаи имтиҳони математика он шуд, ки дар байни як соат ба ҳама чору панҷ гузошту коғазҳояшро бардошта рафт. Хурсандии мо ҳаду канор надошт. Хоркаш Қодиров моро дида «дидед муаллим чӣ навъ осон имтиҳон мегирад, боз шумо метарсидед» гуфт. Он рӯз барои бачаҳои гурӯҳ чашнеро мемонд, гӯё аз маҳбас озод шуда бошем. Ба ҳамин тариқ, имтиҳонҳои давлатӣ ба поён расиданду мувофиқи ниятӣ каблӣ, бачаҳо назди кинотеатри «Комсомол» рафта, як косаӣ яхмос хӯрдем. Дар ин амал ташаббускор Эмом Қурбонов буд.

Акнун мо худро дар дигар сатҳ медидем. Охир мо касбе, будем, ки омӯзишгоҳи педагогиро тамом намудем, аттестат не, балки диплом мегирифтем. Мудири шӯъбаамон Х. Қодиров гуфт, ки рӯзҳои аввали июл дипломҳомонро месупоранд. Ин рӯз ҳам омад. Дар даҳлез чониби идораи собиқаи Неъматов мерафтам, ки аз пушти сарам он духтар садо зад: «Худойназар, Худойназар, андак ист, як гапи муҳим дорам». Истодам. Ӯ наздам қарор гирифт ва гуфт: «Агар ту аз ман даст кашӣ, ҳозир назди Латифов, ки дипломҳоро месупорад, даромада арз менамоям, ана баъд мебинӣ». «Гуфтан гир, охир ту фаҳм маро. Ман дар ту ҳеч камбудиеро намебинам, вале наметавонам дар ин синну сол оиладор шавам. Лекин агар шикоят кардан хоҳӣ, марҳамат»,- изҳор доштам ба ӯ. «Майлаш», гуфту тарафи дари идораи ректор рафт. Ҳама чамъ омада буданд. Парчамоҳ низ дар гӯшае сари Абдукибор таҳдид дошт. Бехотир дарвозаи идораи ректор кушода шуду Х. Қодиров эълон кард: «Дар навбати аввал дипломҳо ба духтарон супорида мешавад». «Худо зад»,-гуфтам дар дил. Ҳол он ки аз рӯйи алифбо аввал ман бояд даъват мешудам. Таги дар бо сари ҳаму андешаҳоям меистодам, ки он духтар диплом дар дасташ аз таги бинниам даромаду «ана гуфтам, акнун мебинӣ

ҳолат чӣ мешавад...» гуфту ғамзакунон кафшҳояшро тақ-тақ зада рафт. Мӯйҳои баданам сих шуданд. «Ин шармандагӣ»,- мегуфтам худ ба худ. «Асоев дарояд», садое ба гӯшам зад. Гӯё аз хоб бедор шудаму саросемавор воряди идораи ректор гардидам. Латифов аз бари болои миз бо пироҳани дӯхти украинӣ менишасту дипломеро дар даст дошт. Маро, ки дар рӯ ба рӯяш дид, аз ҷой баланд шуд ва «рафиқ Асоев муборак бошад. Шумо аз беҳтарин донишҷӯёни омӯзишгоҳ будед, хубу аъло мехондед, имрӯз вақти он расидааст, ки ин дипломро ба шумо дар вазъияти тантанавӣ супорам ва умед кунам, ки шумо омӯзишгоҳро сарпараст намекунед, балки обрӯи онро дар ҳама ҷо мебардоред. Муборак шавад»,- гуфта дастамро фишурду дипломро тақдимам намуд. Чун пионерон рост истода, «раҳмат муаллим», гӯён пуштноқӣ то таги дар рафтаму аз он ҷо берун шудам. Сарам ба осмон расида буд, касе наздам наменамуд, кӯҳе аз болоям халос хӯрда буд. Якбора ин садо ба гӯшам зад: «Худойназар, ман туро сидқан дӯст медорам, шӯхӣ кардам, чӣ ман метавонам ба ишқам зарба занам. Ҳаргиз. Худойназар хоҳиш мекунам, биё ишқи маро зери пой накун, баъд пушаймон хоҳӣ шуд». Оби дида рехт. Аз дастам сахтакак дошту пеши поям нишаст.

Қалбам так-так ба задан даромад. Гуфтам: «Охир, ту чаро намефаҳмӣ. Ман ҳоло намедонам тақдирам чӣ мешавад. Дар пеш аскарӣ аст. Бубахш маро. Наметавонам. Хушбахт бош» - гуфтаму худро рӯйи ҳавлии омӯзишгоҳ зада, ба чонибе мисле ки аз касе мегурехта бошам, шитобон роҳ пеш гирифтам. Табиист, ки худро ворохат хис мекардам, дилам месӯхт ба он духтар. Рӯзе дар хонаи тағойим менишастам, ки падарам омад. Ҳарфи аввале ки изхор дошт: «Бачам, биё рохӣ шав. Ҳамон духтаракеро, ки дӯстат медорад, рафта хостгорӣ намоям». Ман кӯшиш ред намудам ва падарро ин тавр фахмондам: «Ore, ота он духтар маро шояд дӯст дорад, аммо худаш ин фикр кунад, ба кадом хунараш маро дар ин синну сол хостгор мекунед. Имкон дорад, ки маро ба аскарӣ гирифт. Духтар ин ки ман кисти хотираи нурӣ дорам

дорам ва дар дах соли наздик зан гирифтанй нестам». Падар «хайр, майлаш бачам» гуфту дигар сари ин масъала сўхбат накард.

Ногуфта намонад, ки бо ташаббуси мудири шўъбаамон чанд сўмй чамъ намудему қабл аз ин ки даргохи омўзишгохро тарк гўем, зиёфате оростем, ки дар хавлии Сиддиков сурат гирифт. Тақрибан ҳамаи муаллимонамон иштирок доштанд. Суханҳои умедбахше гуфтанд, бароямон роҳи сафед хостанд. Болои мизҳо ба ғайр аз ғизо шароб ҳам буд, ки «вино» ном дошт. Табиист, ки муаллимои «коняку арақ» нўшиданду барои мо «вино» пешниҳод карданд. Баъзе аз ҳамдарсонам, масалан, ҳарду Ҳасан, Абдукибор, Эмом бештар ба шароби муаллимон майл зоҳир намуданд. Аммо ман ба хотири шарти сеюми падар «ҳаргиз шароб нанўш»-ро вайрон накардан, оби маъданй нўшидам, вале Хоркаш Қодиров ва дигар муаллимонам хоҳиш карданд, то ки як пиёла аз шароби «вино» истифода кунам. Хеле пофишорй намудам, аммо эҳтироми муаллимонам боло гирифту чанд қулте аз винои «портвейн» фурў бурдам. Эҳсос кардам, ки нафасам гирифт ва «ух, ух», гўён даҳонамро пўшондам. Дар дил гуфтам: «Оре, шарти дуюми падар ҳам» шикаста шуд. Нахустин маротиба моҳи июли соли шастум маззаи шароби виноро чашидам, ки андак гарангам кард. Чунон ки ишки аввалам бо бўсаҳои хушк поён ёфт, шароб нўшиданам ҳам аз «маззаашро чашидан» иборат гардид. Албатта, ин сирро аз падар пинҳон доштам.

Тавре гуфтам, аз рўйи таксимот ман бояд ба Колхозобод мерафтам. Ба ғайр аз ман Сайвалй Сафарови ҳамдарсам, ки аз Кафтархона буд, ба он ноҳия мерафт. Бистумҳои август ба маорифи ноҳияи марбута журочиат карданамон хатмй буд. Дар роҳхати Вазорати маориф чунин амр сабт иёфт. Аммо падараш нехост, ки наздаш бимонам ва дар Тоскалъа, ё Арал муаллимй кунам. Сухани падарро рад накарда бо 9 роҳи Тоскалъаро пеш гирифтам. Рўзи дигараш бо падар дарвозаи директори мактаби миёнаи Аралро, ки Аюпов ном шахс буд, задем.

Падарам бо ӯзбекӣ ба Авезов мавзӯъро фаҳмонд. Фаҳмидам, ки барои маро ба мактабаш гирифтан розӣ шуд. Ҳатто хурсандӣ изҳор кард, ки як муттахассис дар мактабаш зиёд мешавад. Директор падарамро то рӯйи ҳавлӣ гусел кард. Ҳамин рӯз буд, ки Наврӯз Афзаловро, ки як сол қабл институтро тамом карда, ҳоло вазифаи муовинии директорро ба ӯҳда дошт, дидем. Падар ба ӯ низ мавзӯи дар ин мактаб кор кардани маро гуфт. Муовини директор хурсанд гардид. Наврӯз писари раиси Афзал буд, ки бо падарам ошноӣ дошт. Ӯ зуд-зуд ба Тоскалъа меомад ва падар ба хараш як халта гандумро бор мекарду бо эҳтиром мегуселонд. Аммо ризоияти Авезов ҳоло чунин маънӣ надошт, ки ман метавонам муаллими мактаби Арал бошам. Гап дар ин буд, ки роҳхати Вазорати маорифро аз ихтиёри маорифи ноҳияи Колхозобод бароварда, роҳхати нав аз Вазорат ба шӯъбаи маорифи ноҳияи Восеъ гирифтан лозим мешуд. Барои ин мудири шӯъбаи маорифи ноҳияи Восеъ бояд ба унвони Вазорати маориф нома менавишт, ки ба чунин муттахассис шӯъбаи маорифи ноҳияи Восеъ ниёз дорад ва метавонад Асоевро ба сифати муаллими мактабҳои ибтидоӣ қабул кунад. Сӯҳбати оиӯзаи падар ҳам бо Авезов дар ҳамин мавзӯъ сурат гирифта буд. Авезов падарро бовар кунонд, ки чунин иҷозатро аз мудири шӯъбаи маорифи ноҳия Умаров Фақир хоҳад гирифт. Иловатан, ӯ дар шакли хаттӣ ба унвони мудири маорифи ноҳия изҳор дошт, ки мактаби Арал ба Асоев зарурат дорад, ва хоҳиш мекунад, ки ӯро ба ихтиёри мактаби Арал фиристонад.

Моҳи август аз таърихи бист гузашта буд. Мактуби Авезовро гирифтему назди Умаров Фақир ҳозир шудем. Ӯ моро қабул карду гуфт: «Рафиқ Содиқов! Ҳамон бачаи дар «Хорпуштак» мақола навиштагӣ ҳамин аст?». Падар бидуни андешае гуфт: «Оре, рафиқ Умаров, ҳамин аст». «Ин хел бошад»,- идома дод суханашро Умаров,- «маорифи Восеъ ба чунин мутахассис зарурат надорад. Дар ҳамон Колхозобод кор кардан гирад». Дигар ба падар гӯш надод. Падар бо сабоният беруни шуду «хеч гап не, бачам. Ба Вазорат

меравем, ба Сталинобод меравем»,- гуфт. Қабл аз ин ки ба Сталинобод равем, хостам, ки рӯзе дар Кӯлоб бошаму бо ҳамдарсону шаҳри солҳои навчавониям хайрухуш кунам. Дар назарам бинои омӯзишгоҳи педагогӣ, ки чор соли умрамро дар ин даргоҳ гузаронида будам, ибодатгоҳеро мемонд. Ба хотири бори охир ин биноро зиёрат кардан, чунин он мерафтам, ки дар назди институт он духтар ба ҳаймкардае аз институт паҳлӯи ҳам меомаданд. Аввал ман салом додам, зеро он мардро хуб мешинохтам ва бештари вақтҳо дар боғ якчоя дарс тайёр мекардем. Эшон ҳам даст дод ва гуфт: «Муборак бошад, хатм кардӣ, акнун муаллим мешавӣ». «Бале»,- гуфтам ба ӯ ва рафтан хостам, ки духтар ба он мард ишорати рафтан карду худ чанд қадам ба сӯям гузошта, бо сари баланд гуфт: «Ана, дидӣ. Ту ки не гуфтӣ, ин ҳамшаҳрама гирифтам". Сипас ҳамон нигоҳу табассуми ҳамешагиашро, ки вақтҳои мулоқот тақдимам медошт, такрор намуд ва чанд қатра ашкашро бо нӯги докааш пок карду «хайр, Худойназар. Дар ҳар куҷо кӣ бошӣ, фаромӯш накун, ки ҳамеша ба ёдат хоҳам зист. Ин мардро аз ноилоҷӣ гирифтам, то ки шармсор нагардам». Ман ҳам, ки чеҳраам тағйир ёфта буд, ба ӯ рӯзгори хуш орзу намудам ва охирин ҳарфам, ки ба он духтар гуфтам чунин садо дод: «Аз тақдир гурехта намешавад. Тақдират ҳамин мард будааст. Ман ҳам хеҷ гоҳ лутфу навозишҳоятро фаромӯш намекунам. Бубахш, ки тақдири мо набудааст». Рафтам ва ӯ ҳам рафт. Он мард чизе аз вай савол кард, аммо дидам, ки духтар ба ӯ гуш надоду шитобон ба пеш ҳаракат намуд. Оре, шитобон. «Ҳайфи он рӯзҳои ширин» гуфтаму бо бинои омӯзишгоҳу шаҳри Кӯлоб хайру хуш намудам. Албатта, ба хонаи тағойии Ҷӯрахон, ки навакак духтареро барояш дода буданд, даромадам ва ҳамзамон ба хонаи холаи Рӯзигулам рафтам ва ба ҳама заҳматҳошон изҳори миннатдорӣ баён намудам ва ҳам тағойии Маҳматалиамро дидам ва ба оилааш низ ташаккур гуфтаму шаҳри Кӯлобро пушти сар гузоштам. Дар мошине чунин Тоскалъа дака хӯрда меомадаму дар мағзам гуфтаи он духтарро чарх мезанондам: «Дигар илоҷ надоштам,

нахостам, ки назди хещу акрабо шармсор бошам» Яъне чи. Бахри шавҳар кардан шитобзадагиаш магар ба ҳамин хотир буд? - савол медодам худ ба худ. Нафаҳмидам, чаро «шармсор нашавам», духтаре, ки ҳамеша мисли модарам як парай рӯяшро бо рӯймоли сар пинҳон нигоҳ медошт. Ба ҳар ҳол он нигоҳҳо цурмаъни буданд. Факат нигоҳ дошт он духтар, нигоҳи маънисоз, нигоҳи дарддор, нигоҳи умедбахш ва ниҳоят шояд ҳамон нигоҳаш тақдирашро ҳал кард.

Бисту ҳаштуми август ҳарчи бодобод гӯён бо падар Сталинобод рафтем. Шабро дар хонаи холаи Шарифамоҳ рӯз карда, бисту нӯҳум назди Вазорати маорифи Ҷумҳурӣ ҳозир шудем. Мудири шӯъбаи кадрҳо марди русе буд, ки тоҷикиро медонист. Ӯ қатъиян хоҳиши падарро рад намуд, зеро Умаров Факир, аллакай ӯро бохабар сохта буд, то ки барои роҳҳати маро ба Восеъ табдил додан розӣ нашавад. Саволе ба миён меояд, ки чаро Фақир Умаров хоҳиши падарро рад намуд ва ҳатто хоҳиши Аво Авезовро, ки шахси мӯътабаре буд, ба инобат нагирифт. То ки хонандаро боз ба қафо накашам, мавзӯи мазкурро андаке шарҳу эзоҳ додан лозим меояд.

Асо Содиқ вакте ки дар мактаби ҳаштсолаи Тосқалъа фаъолияти муаллимиашро оғоз кард, ӯро ба сифати касе мешинохтанд, ки аз мактаби Хонобод «пеш карда буданд». Гузашта аз ин, Асо Содиқ боз ҳамон тарзи дарсгӯиву дарссанҷиашро ин ҷо ҳам пиёда сохт. Шабона лампа дар даст хона ба хона мегашт. Ҳалол кор кардани Асо Содиқ ба ҳайати муаллимони ин даргоҳ хуш наомаду Камол Умар ном муаллими навъи Фозил Салимро дар муқобилаш қарор доданд. Падар, ки сталинпараст буду ҳеч гоҳ дар ғайри назму низоми оҳанин кор карда наметавонист, навишт, ба идораҳои болоӣ навишт, фаҳмоид, ки муаллимон майзадагӣ намуда, ба фарзандони халқ дарс намедиҳанд. Ман ҳам ба ёрии падар расидаму мудири маориф Фақир Умарро қаҳрамони маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» гардондам. Албатта, Камол Умар, ки дар шахси роҳбари комсомоли

Ҷумҳурӣ - Султон Мирзошоев ҳомии худро медид, ба муқобили Асо Содиқ ба муборизa пардохт. Дастаи Камол Умар аз нооромӣ дар оиладории Асо Содиқ истифода бурда, ҳатто дар рӯзномаи «Муборизa»-и ноҳия хабареро бо мазмуни ин, ки гӯё Асо Содиқ фарзандашро кушта бошад, ба чоп расониданд. Оре, як писари Асо Содиқ аз зани наваш фавтида буд. Ба ибораи дигар оилаи нави падар, дугоник таваллуд кард, ки ҳардуяш писар буд. Онҳо ба ҳуд ном доштанд: Ҳасан ва Ҳусейн. Аммо яке аз инҳо бемор шуда, дар ду-се моҳаги фавтид. Ба иллати ин ки бо зан ҳамеша муноқиша дошту баъзан зарбаи ҷисмонӣ ҳам ба ӯ мерасонд, мухолифонаш он мақоларо ба ҳамон мазмуни ба ҳуд лозим сохтанд, то ки падарро ба маҳбас кашанд.

Асо Содиқ, ки аз ҷавонӣ ва дар тамоми роҳи тайкардааш ба чунин ҳарифон дастбагиребон шуда буд, ба ҳдораҳои лозимӣ навишту худро сафед кунонд. Бинобар ин, ки падар ба Фақир Умару Камол Умар ва дигар ҳарифонаш ғалаба ба даст оварда буд, онҳо низ қасос гирифтанӣ шуда, будани писарашро дар паҳлӯяш нахостанду ба ҳар роҳ, ки буд, маро ба Колхозобод фиристоданд. Дар ин боб, албатта Асо Содиқро шикаст доданд. Ҳамин буд, ки сиюми августи соли шастум падар дар Сталинобод ба ман дуо дод, то ки дар ноҳияи дурдасту бароям ноошное ба муаллимӣ шурӯъ кунам. Падар ба таксии самти Кӯлоб нишасту ман ба таксии самти Қӯрғонтеппа, ки тақдири дигарест дар сарнавишти банда ва фасли тозае хоҳад буд пур аз ҳодисаву воқеаҳои хотирмон.

ФАСЛИ СЕЮМ

Вахшонзамин. Овони чавонӣ

САФАР БА ВАХШОНЗАМИН

Пагохии сиюми августи соли 1960 аз Сталинобод чониби Вахшонзамин нахустин маротиба рахти сафар бастам. Роҳи деҳоти ноошно пешвозам гирифт. Автобуси «Газик»-и мо аз назди дарвозаи калони хоҷагии Хрушев гузашта, ба самти ноҳияи Ленин ҳаракат кард. Маркази ноҳияи номбурдаро убур намуда, ба заминҳои пахтазоре дучор омадему сипас теппаи баландеро боло шудем, ки нуқтаи охиринашро Фахробод мегуфтанд. Аз ин баландӣ рӯ ба нишеб овардем ва дар майдоне чанд адад ҳавопаймоҳои АН-2-ро дидем. Гандумзорҳо пушти сар монданд. Ба маркази Даҳанакиик расидему автобус чанд дақиқа маътал шуд. Ноҳияи хурдакаку ноободро бо даштҳои беканори пахтазораш гузашта, вориди шахрчаи Уялӣ шудем, ки нисбатан обод менамуд. Мағозаҳо дошт, бозоре амал менамуд ва чойхонае пур аз мусофиронро ба мушоҳида гирифтам, ки одамонаш ба бошандагони Кӯлоб монандӣ надоштанд. Баъди чанд километр ба маҳаллае бо номи Қизилқалъа расидем. Руди Вахшро дидам, ки болояш пули камбаре ба пой буд. Автобуси мо назди он қарор дод, то ки мошинро муқобил гузашта тавонад. Сипас ду тарафи роҳро қамишзору ботлоқзор дидам. Бо вучуди ин заминҳои кишти пахта торафт зиёд ба назар мерасиданд. Ниҳоят ба шахри Қӯрғонтеппа ворид гардидем. Аз автобус пиёда шудаму мусофиреро пурсидам, ки чӣ навъ ба чониби Колхозобод рафтан мумкин. Ӯ фахмонд, ки поёнтар равам, аз он ҷо мошинҳо мераванд. Мошини боркаше истода буд, ки чанд кас ба он часпиданд. Ман ҳам худро болои мошин гирифтам. Акнун даштзорҳову деҳаҳо пушти сар мешуданд. Даштҳоро кишти ғалладонаву пахтазор ва шолизор пахш менамуд.

Деҳоте, ки рӯ ба рӯ мешудем, нисбат ба деҳоти минтақаи Кӯлоб сарсабзу обод буд. Чошт ба маркази Колхозобод омадам. Рӯ ба рӯи бозор ошхонаву чойхона кор мекард. Муштариёну мусофирон менишастанд. Ман ҳам ба кати чӯбие нишастаму чою нон бо шириниаш фармоиш додам. Одамони ин ҷо дигархелтар буданд. Мардон дар паҳлӯ-ҳояшон корд меовехтанд. Занҳо дар сарашон латтаҳои сурху сиёҳро чунон печонда буданд, ки сабади гирдаро мемонд. Одамон ба ғайр аз забони тоҷикӣ, ӯзбекиву русӣ ҳам сӯҳбат менамуданд. Аммо ӯзбекҳояшон ба ӯзбекҳои Кӯлоб монандӣ надошт. Ҳини гапзанӣ ким чи хел нӯги забонашонро меларзонданд. Андешидам, ки «ба кучо омадам? Охир ин ҷо ба Тоҷикистон кам шабеҳият дорад». Идораи маорифи ноҳияро пурсон шудам. Ба кӯчаи марказиаш, ки Ленин унвон дошт, тамошокунон худро ба идораи шӯъбаи маориф расонидам. Назди дари мудири маориф чанде аз корафтодагон интизорӣ мекашиданд. Чашмам ба навиштаи рӯйи дари мудир хӯрд, ки ин буд: Мудири шӯъбаи маорифи ноҳияи Колхозобод Ҳайдаров. Навбатам омаду ичозат гирифта вориди утоқи кории мудир шудам. Салом додам. Марди кулӯлаву сергӯште роҳхатамро аз дастам гирифта хонду сипас хушҳолона гуфт: «Рафиқ Асоев! Мо шуморо ким-кай интизор ҳастем. Ҷойи коратон мактаб-интернати Ворошиловобод муайян шудааст. Ҳамдарсатон рафиқ Сафаров як ҳафта боз он ҷо ба кор сар кардааст. Шумо ҳам бо он кас дар як ҷой кор мекунед. Директоратон Қаҳҳоров ном шахс аст, ки ордени Ленин дорад. Бисёр шахси мӯътабар мебошад. Дар мактаб-интернат барои мутахассисони ҷавон ҳамаи шароитҳо муҳайё шудааст. Ба шумо муваффақият. Худи ҳозир ба мошине нишинеду ба Ворошиловобод равед. Дур нест. Ним соат роҳ хоҳад буд...», «Раҳмат, муаллим»,- гуфтаму аз утоқаш баромадам. Ҳайдаров маъқулам шуд, на монанди Фақир Умарови худбин буд. Боз ба мошине часпидаму сӯйи Ворошиловобод роҳ пеш гирифтам. Мошин назди дарвозаи мактаб-интернат истод. «Ана ҳамин аст, ҷойи пурсидаги-тон»,-гуфта ронанд

ва ҳаракаташро идома дод. Дарбон фаҳмид, ки ман ба он ҷо ҳамчун муаллим аз Кӯлоб омадаам, хурсанд шуд. «Ин ҷо боз як кӯлобии дигар омадааст» гуфта, иттилоъ дод. Дар назари авввал мактаб-интернат шаҳрчаи навъи аврупоиро мемонд. Атрофаш девор гирифтаги. Аз дарвозааш ҳар кас даромада наметавонист. Хеле сарсабз. Биноҳояш сафеду рохравҳояш об задаги ба назар расид. Бо роҳбаладии посбон тарафи идораи директораш мерафтам, ки аз гӯшае Сайвалиро дидам, ки даҳонаш то баногӯш расида, ҷониби ман меомад. Оғӯш гирифтем. Ӯ гуфт, ки боз ман ин ҷо хабар додам, ки ту намеой -«Нашуд»,- гуфтам. Падарам хеле кӯшиш кард, ҳатто вазорат рафт, вале розй нашуданд. Дигар илоҷ, ки наёфтем, падар иҷозат дод, ки ба ҷойи тақсимшудаам биёям». Сайвалй хурсандй дошт, ки акнун аз Кӯлоб ду кас шудем. Ӯ маро ба назди Қаҳҳоров бурд. Сайвалй даромадан замон: «Малим, ана ҳамон ҷӯраи ман, Асоев омад»,-гуфт ба директор. Қаҳҳоров аз ҷой хеста, дастамро фишурд ва изҳори хушнудй кард, ки боз мутахассисе дорад. Он кас шахси миёнақад ва чингиламӯй буд. Чашмонаш андаке сурхча менамуд. Марди гандумгун ва чеҳрагарме буд. Сару либосаш ҳам ҷолиб буд. Марде буд, тақрибан 40-45 сола. Ҳамин тариқ, макони нави зистам таъин гардид.

МАКТАБ-ИНТЕРНАТИ ВОРОШИЛОВОБОД

Истилоҳи мактаб-интернат поёни солҳои панҷоҳ ва оғози шаст ривоҷ гирифт. Собиқ детдом – ятимхонаҳоро ба мактаб-интернатҳо табдил доданд. Дар чунин мактабҳо ҳам таълим дода мешуд ва ҳам хонандагон бо ҷойи хобу хӯрок ва сару либос таъмин карда мешуданд. Ҳамон сол, масалан, детдоми Файзободро барҳам дода, талабагони онро ба мактаб-интернати Ворошиловобод интиқол дода буданд. Гузашта аз ин, ба ин навъ мактаб бачаҳое, ки одобу рафтори бад доштанд ва ба падару модар итоат намекарданд, ҷалб мегардиданд. Мактаб-интернати Ворошиловобод солҳои шаст хеле

овозадор буд. Ба ин хотир директори онро бо ордени Ленин сазовор донистанд. Ин чо чор сол мехонданд.

Маркази Ворошиловобод сари роҳи Қумсангиру ноҳияи Панҷ карор мегирифт. Роҳе ҳам буд, ки аҳамияти стратегӣ дошт. Ба воситаи он ба кишвари Афғонистон мебаромаданд. Ворошилов исми маршале буд, ки дар ҷангҳои дохилӣ ва Олмону Шӯравӣ хизматҳои ҷангӣ нишон дода, чанд муддат раиси Шӯрои Олии Шӯравӣ ҳам буд. Дар ғузашта Ворошиловобод ҳамчун ноҳияи мустақил маҳсуб мегардид. Акнун он ба шаҳрча табдил ёфта, марбути ноҳияи Колхозобод буд. Ворошиловобод ба ду қисмат – маҳалла тақсим мегардид. Маҳаллае, ки дар он мактаб-интернат ва манзилҳои миллатҳои ғайри тоҷик қарор мегирифт ва қисмати дуюм дар самти рости шоҳроҳи Колхозобод-Қумсангир ҷойгир буд, ки бо номи хоҷагии Максим Горкий шиносхта мешуд. Ин чо асосан муҳоҷирони минтақаи кӯҳистони Ғарму Комсомолобод зиндагӣ мекарданд. Раиси хоҷагиаш Додобоев ном дошт. Ӯ иштирокчии ҷанг буда, як пояш набуд. Вай ба мардуми муҳоҷири самти шимоли ҷумхурӣ тааллуқ дошт. Маҳаллаи онҳоро «40-солагии Октябр» меномиданд. Дар ин шаҳрча немисҳо, тоторҳо, қазоқҳо ва русҳо ҳам иқомат мекарданд. Табиист, ки немису тотору қазоқҳо низ аз ҷумлаи ононе буданд, ки ба ин минтақа ҷабран оварда шудаанд. Дар ин шаҳрча мактаби даҳсола ҳам амал менамуд ва он чо Бобокул ном яке аз ҳамшаҳриёни ман, ки шӯъбаи таърихи Донишгоҳи давлатиро хатм намуда буд, ифои вазифа менамуд. Ӯ аз қалиғҳои Шӯрободи Кӯлоб буд. Дар ин чо вай дар як муддати кӯтоҳ ҳамчун муштаҳан ном баровард. Метавон шаҳрчаи Ворошиловободро шаҳрчаи навъи аврупой номид. Ҳафтае ду маротиба рақси авупой сурат мегирифт ва дар хатм ҷанги тоҷику миллатҳои ғайр шурӯъ мешуд. Махсусан, духтарҳои олмониву тотор ба ҷавонони тоҷик бисёр хуш меомаданд. Барои ба онҳо сохиб шудан зӯроварии шарқӣ лозим мешуд, ки Бобокул дар чунин набардҳои дастаиву тан ба тан ғолиб мебаромад.

Ворошиловобод дорои муассисаҳои фарҳангиву маиши ҳам буд. Ҳаммоми ҳубе дошт, ки ҳафтае як бор дар ихтиёри мактаб- интернат қарор мегирифт. Клуб-кинотеатр ҳам фаъолият менамуд. Бегоҳиҳои шанбеву якшанбе Ворошиловобод ба шаҳр табдил меёфт. Ин рӯзҳо чавонон ба истироҳати маданӣ дода мешуданд. Аз байни ин шаҳрча роҳи камбари поезд мегузашт.

Мактаб-интернати мо хеле бузург буд. Боғи ангури калоне дошт. Дохили он аз шаҳр ҳеҷ монанди надошт. Бинои таълимӣ, хобгоҳҳо, ошхона, майдончаҳои варзишӣ, айвончаҳои бозӣ барои доминову шоҳмот ва ғайра ҳама дар як мавзеъ қарор мегирифтанд. Ба беруни мактаб-интернат баромадани талабаҳо манъ буд. Онҳо фақат рӯзҳои шанбе бо иҷозатномаи махсуси директор аз дарвоза хориҷ шуда метавонистанд. Хешони наздик ва падару модарон ҳам бо иҷозатнома муваққатан фарзанд-хошонро мегирифтанд. Назму низом дар ин мактаб хеле сахт буд. Ҳар гурӯҳ мураббии худро дошт. Сармураббии мактаб-интернат Файзиев ном хатмкардаи Институти педагогии Кирови Ленинобод буд. Ӯ худро аз ноҳияи Ашт мегуфт. Шахси серҳаракат ва ташкилотчӣ буд. Қаворааш ба казаққои Дон шабеҳ менамуд. Ҳамеша чеҳрааш суп- сурх буд. Боре Бобоқули ҳамшаҳр ӯро рус гумон карда чанд мушт мезанад. Вақте ки ӯ ба тоҷикӣ ҳарф мезанад, Бобоқул мегӯяд: «О, бародар чаро баъд аз ду-се мушт якбора тоҷик шудӣ?» Баъдҳо ҳарду бо ҳам аҳди дӯстӣ бастанд.

Бегоҳии сиюми август Файзиев ҳини шинос шудан, мураббиягии синфи чорумро ба ман супорид. Синфи сеюм ба ӯҳдаи Сайвалӣ буд. Ин чунин маънӣ дошт, ки дарсҳои таълимии синфи чорум пурра ба ихтиёрам гузошта шуд. Яъне, якуним ставка кор кардан лозим меомад. Албатта, бахши мураббиягиаш масъулияти бештарро талаб менамуд. Пагоҳӣ ба варзиш бурдан, шустушӯйро ташкил додан, аз рӯйи низоми ҳарбӣ қатор карда ба ошхона овардан ва аз он ҷо ба синфхона даровардани талабахоро мураббӣ анҷом медод. Дарсҳо дар як баст сурат мегирифтанд. Баъд аз ҳар

ду соати дарс талабаҳоро ба чойнӯшӣ мебурдем, то ки чойю кулчаҳои ширин хӯранд. Ин амал дар танаффуси калон, ки понздаҳ дақиқа буд, анчом мегирифт. Соати яки рӯз дарсҳо, ки ба поён расид, талабагонро қатор карда то хобгоҳашон мебурдам. Онҳо сару либоси мактабиро ба либосҳои маъмулӣ иваз мекарданд. Сипас, ба ошхона мерафтем ва нони чошт мехӯрдем. То соати чор истироҳат сурат мегирифт. Ин соате буд, ки дар биноҳои истироҳатӣ «пашша пар намезад». Аз соати чор то ҳафт омодагӣ ба дарсҳо ва бозиҳои варзишӣ гузаронида мешуд. Соати ҳафт хӯроки шом медоданд. Истироҳати шабона соати нӯҳ сар мешуд. Тавре ки дида шуд, ман ягон соати бекор надоштам.

Баъди талабаҳоро хобондан то соати 11-12 дарсҳои таълимиамро барои рӯзи дигар тайёр менамудам. Ба гурӯҳи ман чанд бача аз ятимхонаи Файзобод дохил мешуданд, ки ба ҳеҷ кас сари итоат фуруд намеоварданд. Онҳо якгапа буда, талабагони дигарро мезаданд, дар дарсҳо беинтизомӣ менамуданд, муаллимаҳои забони русиро азият медоданд. Вобаста ба ин масъала ҳамарӯза маълумот дар даст доштам, ки маъниаш ба ин даста алоҳида машғул шуданам лозим меомад. Ба ин хотир, баъд аз соати нӯҳи шаб онҳоро ба хонаи махсуси тарбиятдиҳӣ даъват намуда, беадабиашонро исбот мекардам, мефаҳмондам, ки мактаб-интернат вазифадор аст онҳоро ба роҳи дуруст дарорад. Ду- се соат бо онон аз одобу рафтори ҳамидаи инсонӣ сӯҳбат мекардам. Чунин тарзи корбариам натичаи дилхоҳ медод, аммо ду-се нафаре буд, ки ҳеҷ сар намефаровардаанд. Ин ҳолат иҷозат доштам, ки аз методи Макаренко кор бигирам. Яъне, ба таври психологӣ ҳуҷум овардан ба чунин бетарбиятҳо. Соати ёздаҳи шаб бехотир ба хобгоҳашон даромада, ононро нимбараҳна ба хонаи тарбиятдиҳӣ меовардам ва муштро ба кор медаровардам. Дар ду-се рӯз онҳо мисли дигарон нарм мешуданд. Ман он серо вазифадор сохтам, ки ҳар пагоҳӣ гурӯҳро қатор карда, сурудхонон ба ошхона бурда, аз он чо то синфхонаашон гусел намоянд. Директор, сармураббӣ ва дигар муаллимон ҳар пагоҳӣ, вақте ин амалро аз ҷониби

ин се беадаб медиданд, дар таачҷуб мемонданд, ки гурӯҳ бемураббӣ ҳама корҳои ташкилиро худашон ичро мекунанд. Гурӯҳи чорум боиси таърифу тавсифҳо гардид. Директор офарин мегуфт. Файзиев бисёр хурсанд буд, ки бахши худаш пеш мерафт. Муаллимаҳои русӣ низ шикояте пеш намеовардaнд. Рӯзе Сайвалӣ аз гурӯҳаш шикоят кард, ки итоат намекунанд ва дар қатор истода ба сари ӯ бо сангча мезананд. Дар тӯли як моҳ ҷое нагуфтааст, зеро вазифаи худаш буд. Ба ҳар роҳ, ки метавонист гурӯҳро бояд ба назму низом меовард. Ба ӯ гуфтам, ки пагоҳӣ вақти қатор кардани гурӯҳаш меоям ва ҳамон ҷо ҳал мекунам. Пагоҳи дигар ба он ҷое ки Сайвалӣ гурӯҳашро қатор монда буд, рафтам. Назму низом ба мушоҳида намерасид, бачаҳо гап мезаданд, якдигарро ба ин сӯю он сӯ тела медоданд. Сайвалӣ ҳарчанд ки садо баланд менамуд, гӯшаш намедоданд, баръакс механдиданд ва аз пушти қатор сӯяш сангчаҳо ҳаво медоданд. Ба ҳоли ҳамдарсам, ки чанд сол сардори гурӯҳамон буд, раҳмам омаду ба бачаҳояш гуфтам: «Шумо маро мешиносед?» Ҳамон бачаҳои сарсахт ҷавоб доданд, ки « Ҳа, медонем. Шумо мураббии гурӯҳи чорум ҳастед. Хай, чӣ? Ин гурӯҳи шумо нест-ку!»,- мағал бардоштанд чандтои онҳо. Дигар худамро дошта натавонистаму сардори беадабҳоро, ки пешакӣ Сайвалӣ нишонам дода буд, аз қатор берун кашида, амр кардам, ки тасмаи миёнашро кашад. Итоат накард, ки мушти сахте ба гарданаш задам. Сипас, маҷбураш сохтам, ки брюкашро ҳам бадар намояд. Як сӯяш нигариста будам, ки мезанад гумон карда, саросемавор брюкашро кашид. Баъд беадаби дуюмашро даъват намудаму тасмаи рафиқашро, ки нимбараҳна меистод ба дасташ додаму «зан», гуфтам. Назад. Рафиқи сеюмашро ба пеш кашидаму ҳамон амрро додам. Вай ҳам ҷуръат ба задан накард. Ин хел бошад гуфтам, ана ин роҳбаратон ҳозир шуморо бояд занад. Дидам, ки боз итоат надорад. Бори дигар ба баногӯшаш хӯрда буд, ки тасмаро гирифту ҷӯраҳояшро задан гирифт. Он ду ҳайрон–ҳайрон ба «сардорашон» менигаристанду дод мезаданд, ки чаро мезанад, онҳо ӯро назаданд-ку! Акнун

гуфтам ба он се беадаб, агар аз имрӯз иборатан ислоҳ нашавед, шаб ба хонаи ҷазодиҳӣ бурда дигар хел сӯҳбат хоҳам кард. Ҳамзамон ба Сайвалӣ маслиҳат додам, ки гурӯҳро ба ҳамин се беадаб супорад, чӣ навъе ки ман кардам. Бегоҳӣ аз Сайвалӣ пурсидам, ки чӣ хел шуд методи тарбиятдиҳии ман. Ӯ хандиду гуфт: «Ба худо мисли барра мегарданд, дигар ягон хел кафрафториашонро ба мушоҳида намегирам». Ҳарчанд ки илми амалии педагогика чунин намефармуд, аммо баъзан аз зӯроварӣ истифода бурдан ба манфиати кор хоҳад буд. Овозаи тарбиятдиҳии мураббии синфи чорум мактаб-интернатро фаро гирифт. Гурӯҳҳои дигар, ки медидандам, «Салом, Худойназар Асоевич», гӯён аз наздам мегузаштанд. Баъзе мураббиҳо бо номи ман бачаҳои беадабро метарсондагӣ шуданд. Ҳатто Файзиев методи маро пазируфт, зеро рӯзе ба сари ӯ низ санг партофта буданд. Директори мактаб ба идорааш даъват намуда, «Офарин, рафиқ Асоев! Ман дар фикри он будам, ки ин беадабҳои Файзободро чӣ навъ ба тартиб медарорем. Онҳо батамом бачаҳои интернати моро таҳти таъсири худ қарор дода буданд. Хуб, шуд, ки шумо роҳашро ёфтед, раҳмат, раҳмат, рафиқ Асоев»,- гуфта маро бо новозиши роҳбарона то таги дараш гусел намуд. Ду муаллимаи чавони забони русӣ, ки монанди мо баъди хатми омӯзишгоҳи педагогӣ аз Русия ба ин ҷо бо роҳхат омада буданд, дар симои ман наҷотдиҳандаи хешро медиданд. Якеаш, ки Тамара ном дошт, бо мани 19-сола чунон унс гирифта буд, ки рӯзе чанд бор ба суроғам меомад, то ки бегоҳӣ ба шаҳрча равему рақси аврупоӣ кунем. Файзиев, ки марди 30-35 солае буд, ин ҳолатро дида андаке рашк мебурд, ки русдухтарҳо дар итоати ӯянду Худойназарро ба танс даъват менамоянд. Чунин муносибати Тамара оҳиста-оҳиста меҳрамро нисбати ӯ меафзоёнд, аммо се сол аз ман бузург буд. Яъне, вай дар ҷодаи ишқи чавонӣ фаъолтар худро нишон медод. Ҳар чинси латиф чизи муҳиме, ки дорад, нигоҳаш мебошад. Фақат нигоҳ метавонад нигоҳи дигареро дар муқобилаш қарор бидиҳад. Оре, аз чунин нигоҳ Тамарахон бархурдор буд, ки кас тоқат

намекарду бо он нигоҳ худро мепайваст. Ба ибораи дигар, овони ҷавонӣ дар ҷодаи ҷавонӣ қарор дошт ва соатҳои истироҳативу ҷавонӣ кардан ҳам пайдо менамудам. Муҳити мактаб-интернат торафт маъқулам мешуд ва дар дил мегуфтам: «Хуб шуд, ки даводавии падар дар мавриди дар Кӯлоб монданам натиҷа надод». Падидаи муҳим он буд, ки дар гурӯҳ ба русӣ кор мебурдам, зеро ин гурӯҳи русӣ маҳсуб мешуд. Имкон дошт, ки русиро ин ҷо бехтар аз худ намоям. Ниман дуюми октябр буд, ки рӯзе директори мактаб-интернат ба наздаш даъват намуда, арз дошт, ки талабае бенишон гум шудааст суроғаш ноҳияи Восеъ мебошад. Исмашро ба ман дод ва хоҳиш намуд, ки ба он ҷо рафта бачаро ба интернат пас биёрам. Роҳҳатро гирифтаму пай иҷрои фармони сарварамон шудам. Аввал то шаҳри Қурғонтеппа болои мошини боркаш омадам, сипас бо поезд то Данғара ва аз он ҷо боз бо мошин худро ба хочагии Томини ноҳияи Восеъ расондам. Деҳае, ки падару модари бачаи гуреза мезистанд, дар рӯ ба рӯи дарвозаи «Зулайхо» ба самти рости шоҳроҳ қарор дошт. Хонаи бачаро ёфтам. Падараш набуд. Модараш гуфт, ки «бачашона бозпас равон кардаанд». Вазифаамро иҷрошуда дониста ба аёдати падар Тоҷалъа рафтам. Аммо «аспи зебои падар» дар назарам нахӯрд. Вақте ки савол кардам, додарчаҳоям гуфтанд, ки ӯро падарам ба хонаи модараш гусел намудааст. Маълум, ки дар тӯли ду соли рӯзгори якҷоя байни Гулбиву падар яклангарфаҳмӣ сурат нагирифт. Бо вучуди ин ки аз падар соҳиби фарзанд ҳам шуд, аммо ӯ бо фарзандони падар муросо накард, балки оҳҳоро азият медод. Падар аз методҳои зӯроварӣ истифода намуд, то ки Гулбиро ба роҳи зиндагисоз дохил намояд. Бадии кор боз дар он буд, ки он зани бадбахт ному ғизои дуруст омода сохта наметавонист. Бонуе буд дар рӯзгори хонаводагӣ беназму низом. Нихоят, рӯзе падар аз ширингуфтори кор гирифта, ба завчааш мегӯяд: «Гулбӣ, кулчаву фатир паз, дастархон кун, то ки ба хонаи модарат нехмонӣ равем». Зан аз пешниходи шавхар хайрон немонад. Бовариаш намеояд, ки Асо Содик

худ ба худ чунин мекунаду ӯро ба хонаи модараш меҳмонӣ мебарад. Падар бори дигар такрор менамояд: «Бовар кун, занак, ки меҳмонӣ меравем, хез тезтар хамир кун». Ба ҳамин тариқ, падар занашро бо духтару писарчааш Ҳусейн, ки аз падар буд, ба деҳаи Қурбоншаҳид мебарад ва дар шоҳидии модару хешу табораш талоқашро медиҳад. Акнун «нону об», чӣ хеле ки мегӯянд, ба ӯҳдаи Аноргули нӯҳсола буд. Азоби хоҳарчаамро дидаму аз падар иҷозат гирифта, ӯро бо худ ба интернати Ворошиловобод овардам. Дар гурӯҳи чорум ҷо ба ҷо шуд. Сару либосаш доданд. Чор вақт хӯрок медоданд, хобгоҳ дошт ва муҳимаш он, ки «назди акааш» қарор гирифт. Вақте ки дар хона будам, гӯшам бод ёфт, ки падар дар ҷустуҷӯи зани нав аст. Ҳамон рӯз падар дар мавриди Аноргул гуфт: «Хай чӣ илоҷ. Ҳамин Аноргул нонамонро мепухт, ҳарчанд ки ӯҳда намекард, аммо майлаш бар, мо ягон илоҷ меёфтагистем». Албатта падар илоҷашро дар пайдо кардани зани нав медид. Дигар чорае надошт. Саломатии падарро ҳам нохуб эҳсос намудам. Ӯ кунд- кунд месулфид. «Ғизои нағз надорам»,- мегуфт. Бояд гуфт, ки ман ҳам баъди сафари ичбории Восеъ, ки болои мошин таги як курта нишаста будам, гоҳе месулфидам. Ва вақти бозии волейбол зуд монда шуда, нафаскашиам номӯътадил мегардид. «Мегузарад»,- гӯён чандон диққат намедодам ва ба духтур ҳам мурочиат накардам. Аноргул шод буд, дугонаҳо пайдо кард ва ба чеҳрааш андаке сурхӣ пайдо шуд. «Хайрият овардамаш»,- мегуфтам худ ба худ. Худро тасалло медодам, ки «чони сагерадухтарро харидам», вагарна ҳолаш дар муҳити хонаи падарӣ чӣ мешуд. Аз Ворошиловобод истода сари тақдири Соҳибназару Ҷумъахон ва аз ҳама беш Мӯсояк меандешидам, ки анкун панҷ сол дошту хеле барвақт аз навозиши модар маҳрум монда буд. Ҳарчанд чеҳраи модару табассумҳои нозуки модарро дар хотир надорад, вале мефаҳмид, ки модараш нест. Агар ӯ модар медошт, сару рӯяшу либосҳояш ношуста мемонд? Дастаконаш чирк мебасту кафи пойҳояш мекафиданд? Асло не. Модар ба чунин носозиҳо муросо намекард. Афсӯс

мехӯрдам, ки хонаводаи Асо Содиқ дигар аз парешониву саргардониҳо халосӣ наҳоҳад ёфт. Модар худ рафту ҳама нозу неъмати хонаро бурд. Баракати хонаи Асо Содиқ парида буд. Ҳар вақт ки Аноргулро миёни гурӯҳаш бо либосҳои шинаму махсуси интернат медидам ва пахлӯи дигарон қадамзаниву дастпартоиҳояшро ба мушоҳида мегирифтам, бехотир модар пеши рӯям меомаду гӯё ҳоли духтари ягонаашро дида нороҳат мешуд. Аноргул нишонае аз модари шаҳидам буд, ки ҳамарӯза медидамаш: дар синфхона, дар ошхона, дар хобгоҳ. Ин нишона ҳамеша андешаҳоямро дар мавриди модар тоза мекард.

Ману Сайвалӣ дар як хона истиқомат мекардем. Рӯзе баъди нони чошт дар истироҳат будам, ки Сайвалӣ конвертеро бароям овард. Ба суроғаи соҳиби нома нигаристам, то ки муайян кунам чӣ касе онро бароям навиштааст. Номаро духтари яке аз дӯстони падарам бо номи Абиров, ки дар Восеъ рӯзгор дошту чое аз он ишора намуда будам, менавишт. Сайвалӣ бошад бисёр мехост фаҳмад, ки ӯ чӣ духтарест. «Духтари дӯсти падарам аст»,- гуфтам ба Сайвалӣ ва ба мутолиа пардохтам. Мазмуни мактуб хеле самимиву навозишомез буд. Вай изҳори муҳаббат намуда, аз нахустин рӯзе ки дар хонаашон маро бо падарам дидааст, ёдовар шудааст. Вокеан он рӯз бо падар болои кӯрпачаҳои рангин менишастам, ки духтараки зебопайкаре дастурхон овард. Ҳамон вақт падар аз дӯсташ чӣ саволе кард, ки чунин ҷавоб гирифт: «Ҳамин духтар покопиҳил аз туст, ба хар бачает, ки метӣ бте, ма чизе намегум». Он лаҳза ман ҷавоби дӯсти падарро чандон нафаҳмида будам. Маълумам гардид, ки баъд аз он ки ман «он духтар»-ро рад кардам, падар сари роҳ ба хонаи дӯсташ медарояд ва мавзӯи духтарашро барои ба ман додан матраҳ месозад. Дӯсти падар боз ҳамон гапи чанд сол қабл баёндоштаашро такрор мекунад. Дӯсти падар гуфта будааст, ки ҳама масрафи тӯйро худаш ба зимма мегирад. Ҳар вақт ки хоста бошем фотеҳа кунед ва баъд тӯй. Духтар, ки аз мавзӯъ ба воситаи модараш бохабар будаасту ва ҳам маро дида буд, ин номаро менависад ва

муҳаббаташро сидқан баён медорад. Вақте ки хондани номаро тамом намудам, чеҳраи он духтари дастархоновардаро пеши назар овардам: сафедрӯяку сергӯштак, хушандому боназокат. Хулоса духтаре пеши назарам омад, ки гӯё «дар қолаб рехта бошандаш». Мактубро ба гӯшае аз катам мондаму рӯ ба боло ниҳода ба андеша дода шудам. Чи чавоб бояд дод ба ӯ. Ман ҳоло сари мавзӯи хонадоршавӣ фикр намекардам. Аскарӣ интизорам буд ва баъд идомаи таҳсил дар яғон мактаби олӣ оромам намегузошт. Меандешидам, ки агар рафту розигӣ додам, тӯй кардем, тақдири ваю ман чӣ мешавад. Кӯдак ва рӯзгори хонаводагӣ фишорам меовард, ки натичааш бо маълумоти омӯзишгоҳӣ қаноат кардан буд ва бас. Духтар чунин андешаҳои маро пешакӣ медонист, ки менавишт: «Дах сол гузарад ҳам маъқул мешавам. Фақат розигиатро деҳ, кифоя...». Сайвалӣ бошад ҳеч дилаш қарор намегирифт, мехост дар бораи духтар маълумот пайдо кунад. Ҳеч ки намонд, мазмуни номаро барояш нақл намудам. Гуфтам, ки падарам мехоҳад ҳамин духтари дӯсташро ба ман диҳад. Духтар хеле ҷолиб аст, аммо ҳоло наметавонам зан кардан. Сайвалӣ савол дод, ки чӣ маъқулат нест. «Албатта, маъқул аст, духтари паричеҳрае ҳам ҳаст, вале худат медонӣ-ку рӯзҳои наздик ба аскарӣ даъват шуданам аз имкон дур нест, баъд он духтари бечора дар интизории ман шиштан мегирад-чӣ?!»,- фахмондам ба Сайвалӣ. «Яъне ки намегириш?» боз савол дод ӯ. «Не», гуфтам. «Дар айни ҳол, менависам, ки интизор нашавад. Ба ҳар кас ки диҳанд розӣ шавад»,-гуфтам. Дидам, ки даҳони Сайвалӣ кушода шуда, кариб буд, ки гӯшхояшро хӯрад ва гуфт: «Хай, ту ки намегириш биё ма бигирумуш». Ман бидуни андешае изҳор доштам: «Ихтиёрат, ана суроғааш, раву гир». Вай хандида, «не, ин хел намешава. Ӯ духтар мара намегира, фақат отаи ту метона ӯра ба ма гирифта бта»,-гуфт. «Хай, майлаш. Ман ба падарам менависам, ки ӯра гирифта наметавонам, агар хоҳед ба ҳамдарсам Сайвалӣ дихедаш»,-идома додам фикрамро. Сайвалӣ беҳад шод шуд ва гуфт: «Хай, иҷозат метӣ, ки

номаи он духтарро бхонум?» «Марҳамат, гир хон, аммо суханҳои ошиқонаи ӯ ба ман тааллуқ доранд, на ба ту». «Медонам, медонам, хай ҳамин хел як хонам, ку чи гуфтааст», якравӣ кард Сайвалӣ. Номаро аз болои катам гирифту хонд «Оҳ, ин духтари босавод будааст-ку. Бехато менависад»,- тааҷҷуб намуд Сайвалӣ. «Хай, чӣ гумон карди? Ба Худойназар хар ачал-пачал номаи ишқӣ наменависад. Падараш замоне дар Момайӣ бо падарам муаллим буд. Ӯ духтари муаллим аст», гуфтам дар хотима ба Сайвалии ошуфтаҳол. Тақдир, ки бо ин духтар ҳам набуд, ба падар номае навиштам ва мавзӯи духтари дӯсташонро иброз дошта, зимнан хоҳиш намудам, ки метавонанд ӯро ба Сайвалӣ ҳамсар созанд. Сайвалӣ дар ҷояш қад-қад мепарид, ки акнун духтар аз ӯ шуданаш мумкин аст. Азбаски бо духтари дӯсти падар боре ҳамсӯҳбат нашуда будам, мазмуни номаи ошиқонаи ӯ чандон парешонҳолам насохт, зеро аз вай ҳеч нишоние барои худ надоштам. Вале аз «он духтари омӯзишгоҳӣ» ёдовариву лаҳзаҳои ширини хотирмони зиёде дар сарам чарх мезаданд. Ҳарчанд ки мо аз меъёр берун набаромадем, аммо борҳо дар як болин сар монда будем. Бӯйи ҷавониро чашида будем, ки фақат бӯй буду бас. Бо вучуди ин мақсади баъдӣ нагузошт, ки бо ӯ бошам. Аз ин рӯ, духтари дӯсти падарро ба ҳамдарсам Сайвалии хираву шилқин бахшидам ва дигар сари он фикр накардам. Сайвалӣ мақсад гузошт, ки дар таътили зимистонӣ меравад мавзӯи духтари дӯсти падарро ба манфиати хеш ҳал менамояд.

Сайвалӣ ҳам сода буду ҳам пухта. Пухтагиаш аз сағера калон шуданаш сарчашма мегирифт. Ӯ аз падар хеле хурд ятим монда, дар дасти модар бо тангдастиҳо зиндагӣ кардааст. Соле, ки ба омӯзишгоҳ омад, нисбат ба дигарон калонсолтар менамуд. Кафтархона, ки фақат бо рӯди Ёхсу аз шаҳр чудо буд, Сайвалиро рӯзгордида тарбия менамуд. То ба омӯзишгоҳ омадан аз ҳисоби бӯрёбофӣ ва фурӯши он дар бозори Кӯлоб рӯзгори худу модар ва хоҳару бародаронашро мегузаронд. Ҳунари бӯрёфурӯширо солҳои тахсил дар омӯзишгоҳ ҳам тарк накард, балки ҳар рӯзи

бозор дарзаи бӯрёро ба эҳтиёҷмандон мефурӯхт ва гоҳе моро бо чой зиёфат мекард. Аз ҳунари бӯрёфурӯшии Сайвалӣ директорамон бохабар шуда, ӯро «Сайвалии бӯрёфурӯш» ном мегирифт. Соли аввал бо ҳамин сабаб ӯро сардори синфи мо таъин намуда буд. Ба гумонам аз пули бӯрё сарварамон ҳам баҳра мебурд. Аммо ба иллати ин ки Сайвалӣ фурсати дарстайёркунӣ надошт, дониши қазоӣ нишон намедод. Ҳамарӯза ба қишлоқаш мерафту пагоҳиҳо боз ба дарс ҳудро мерасонд. Аз ин ҷост ки соли дуюми таҳсил ӯро аз сардорӣ ҷавоб доданд. Ба ибораи дигар, Сайвалӣ донишҷӯи камбизоати гурӯҳи мо буд. Ҳар қиронашро ҳисоб мекард ва ҳеҷ гоҳ бероҳа намегашт ва ба исрофкорӣ роҳ намедод. Ҳасани манҷуқ ӯро «Сайвалии кунуск» ном ниҳода буд. Ӯ ҷавони баландқомати сиёҳпӯст буда, устухонаш аз хурдӣ дар корхои чисмонӣ обутоб ёфта буд. Каси заҳматкаш ва сахтҷоне ба чашм мерасид. Ханда ҳамеша бо ӯ буд. Бамавқеву бемавқеъ механдид. Ҳоло ки дар Ворошиловобод якчоя будем, зиқ намешудам. Ӯ ҳатман ягон коре мекард, ки боиси ханда мешуд. Бегоҳие аз дарс омадам, ки дар дохили хона як занбӯри ало зинг-зинг гӯён аз ин кунҷ ба он кунҷи хона худро мезад. Рӯзномаеро силоҳ сохта ба занбӯр ҳучум овардам, ки болои фарш афтид. Нимчон буд, андаке ҳаракат дошт. Майли шӯхӣ карданам боло гирифту занбӯри нимчонро зери кӯрпаи Сайвалӣ андохтам. Болои кат дароз кашида, ба мутолиаи китобе машғул будам, ки Сайвалӣ даромад. Ӯ хело ширингуфториҳо карду «Хай, биё хоб равем. Пагоҳӣ барвакт хестан лозим мешавад»,-гӯён таги тана намуду дохили кӯрпа шуд. Ман, ки занбӯрро он ҷо андохта будам, кӯрпаро ба сарам кашида фаъолияти онро интизорӣ кашидам. Баъд аз чанд дақиқа Сайвалиро хоб фишор оварду ба хурроккашӣ даромад. Ман худ ба худ мегуфтам: «Занбӯр чӣ шуд. Магар Сайвалӣ бо баданаш онро бӯғӣ карда кушт.. Набошад чаро ба ӯ неш намезанад, як соат гузашт-ку! Ба мақсадам нарасидам, гуфта нияти хоб доштам, ки якбора Сайвалӣ додгӯён аз кат худро болои фарш ҳаво доду «газид, газид,

чизе газид, ба гумонам мор буд»,-гуфтан гирифт. Ман ҳам аз кат пойин шуда, дилбардориаш мекардам, ки «нее, аз кучо мор. Албатта хоб дидй»-гуфта будам, ки Сайвалй газандаашро пайдо кард, - занбӯри бечораро зер карда, кушта буд. Аз пари занбӯр бардошту гуфт: «Медонам, ин кори ту аст, оли бест ма тура чй кор мекунм». Худро сафед кардам: «Ба ман чй лозим. Ҳоло тирамоҳ аст, вақти ангур аст. Албатта аз ҳамин боғи ангури пушти хона ба ин чо зада даромадааст. Ту ки бо баданат зераш намудай, чонаш ширинй кардаасту ба ту неш задааст. Чй кор ҳам мекард, занбӯри бечора, вақте ки тамоман пачақаш кардай?!». «Не, не,- мегуфт Сайвалй»,- Ту онро аввал нимкушта карда баъд ба зери кӯрпаи ман гузоштай. Агар он ниммурда намебуд, чунон неш мезад, ки варам карданам мумкин буд». Дар дил меандешидам: «О, балое, тахминаш тамоман ба шӯхии ман сар мехӯраде». Ман ҳеч ба зимма нагирифтам шӯхиамро. Ниҳоят Сайвалй «хай» гуфту бо оби дахонаш чойи неши занбӯрро молиш додан гирифт. Ин ҳодисаро дигарон фахмиданду хуб хандиданд ва гӯё фаромӯш шуда буд, ки рӯзе чунин шӯхй ба сари худам зад.

Дар синфи чорум дарс доштам. Таърихи рӯз ва номи мавзӯъро дар тахта навиштам. Дастҳоям, ки бӯродуд шуданд, хостам, ки аз чайби ростам рӯймолчаамро бароварда, дастҳоямро пок кунам. Дастрӯймоламро аз чайб кашидам, ки муше дар он часпида буд. Саросемавор дастрӯймолро ба замин партофтам. Муш халос хӯрда, болои фариши синфхона медавиду ахли синф пушти он мегаштанд. Дар синф доду фигон баланд шуд. Вақте ки талабагон барои доштани муш овора буданд, назарам ба дари синфхона хӯрд, ки Сайвалй ба ҳоли ману талабаҳоям механдид. Бо ин амал ҳисобамон баробар шуд. Бачаи директор, ки дар синфи ман мехонд, ҳодисаро ба падараш накл мекунад. Қаҳҳоров хандиду «хай, шӯхй кардаанд -дия» гуфта аз пайи он нашуд ва маро ҳам даъват накард, ки чунин шӯхиҳо дар кори таълиму тарбия хуб наҳоҳад буд. Бо ин роҳ Сайвалй касосашро аз ман гирифт. Шӯхии дигари Сайвалй бо

ишкварзии директор робита дошт. Дар интернат бонуи малламӯю хушандоме кор мекард. Азбаски хонаи истиқоматии мо дар паҳлӯи дафтари кории Қаҳҳоров буд, мо медидем, ки он бону ҳафтае як соат қабл аз оғози кор ба утоқи директор медаромаду аз дохил дарро маҳкам намуда, сипас даҳ кам ҳашт баромада мерафт.

Сайвалӣ ин ҳодисаро ба мушоҳида гирифта, нақшаи чӣ навъ ба директору он бону зарба заданро кашид. Пагоҳие дар хонаамон менишастем, ки аввал садои кафшҳои бону ба гӯшамон заду баъд боз гардидани дари директор ва аз дохил маҳкам шудани он. Сайвалӣ оҳистакак аз хона баромаду аз беруни зулфаки дарвозаи директорро маҳкам кард. Ӯ зулфакро чунон эҳтиёткорона андохт, ки он ду нафаҳмиданд. Баъд аз соате онҳо хостанд, ки аз дафтар хориҷ шаванд, аммо дарро кушода наметавонистанд. Онҳо ҳарчанд аз дохил ба пою мушт дарро мезаданд, боз намешуд. Директор фаҳмид, ки дарашро Сафаров Сайвалӣ маҳкам кардааст, ба зораву тавалло даромад. «Сайваличон», шунида мешуд аз дохили идора, маро шарманда накунед, хуб нест, ҳозир муаллимон ҷамъ мешаванд, хоҳиш мекунам, дарро кушоед». Сайвалӣ бошад, дар даҳлез истода ба завқ механдиду «Малим, ма маҳкам накадам, намедонам, кӣ зулфаки дари шуморо андохтааст. Ба гумонам вақте ки шумо аз дарун дарро сахт кардед, зулфаки беруна аз ҷояш хато хӯрда ба сӯрохиаш даромадааст» мегуфт. Қаҳҳоров тавалло мекард: «Медонам, ки зулфак ба сӯрохӣ худаш даромадааст, аммо аз шумо хоҳиш мекунам, ки дар даҳлез ҳастед, ҳамон зулфакро аз сӯрохаш бароред, то ки мо хориҷ шавем». Сайвалӣ лаззат мебурду мегуфт: «Майлаш малим, ман даратона мекушом, лекин боз наген, ки и кора Сайвалӣ кардааст». Директор «не, не, Сайваличон ин корро ту накардӣ, медонам, вале илтичо мекунам, тезтар кушоед, соат ҳашт шуда истодааст, ҳозир муалимон ба қабули ман меоянд, хуб намешавад, ман шарманда мегардам, зудтар кушоед» гӯён идома медод суханашро. «Хай, ина малим, кушодам, лекин ма и кора накадам, ҳо боз мара айбдор

накунеи-ҳа...» таъкид менамуд Сайвалӣ. Ман аз хона берун намебаромадам, то ки ба директору он бону айб нашавад. Сайвалӣ саросема зулфакро хато карду худро ба хона зад. Он бону кафшҳояшро тақтақзанон чунон бо шитоб баромад, ки гӯё касе таъкибаш менамуд. Директор дари моро кушоду шармгинона гуфт: «Раҳмат писарам, раҳмат». Сайвалӣ дарро сахтар пӯшиду «хуб бобуш кадм, охи, падарлаънат ҳар пагоҳӣ меояву бо директор ишқварзӣ мекуна» гуфту аз таҳти дил хандид. Ҳарчанд ки мо ин ҳодисаро ба чое набаровардем, он бону аз интернат рафт. Шунидам, ки аз шарм роҳи Сталинободро пеш гирифтааст. Ҳар боре ки директор моро медид, бо нигоҳҳош таъкид менамуд, ки ин сирро пеши худ нигоҳ бидорем.

Акнун ба муҳити мактаб-интернат одат карда будам ва мехостам, ки дар роҳи таълим ва тарбияи навҷавонони душвортарбия ҷиддитар машғул шавам, ки аз идораи ҳарбии ноҳия даъватнома гирифтам. Моҳи ноябри соли шастум дар арафаи поёнёбӣ буд. Ба идораи марбута вақти муайяншуда худро расондам. Дар муоинаи тиббӣ ҳангоми аз рентген гузаронидан дар қисми болои шуши чап доғеро ба мушоҳида гирифта, онро аз нишонаҳои бемории сил дониста, маро ба шифохонаи касалиҳои сили шаҳрчаи Чилликӯл фиристонданд. Рентген хато накарда буд, зеро чунон ки гуфтам, вақтҳои охир сулфа пайдо шуда, мондаваш эҳсос менамудам. Нафаскашиам ҳам ҳангоми бозиҳои волейболу баскетбол ва футбол мӯътадил ба назар намерасид. Суратҳои шушамро бо навиштаҷоти мутасаддии рентген гирифтаму ба интернат омада, вазъро ба директору сармураббӣ арз намудам. Онҳо бовар намекарданд, ки банда ба чунин бемории гузаранда дучор омадаам. Пӯшида набуд, ки шахсоне, ки ба ин дард гирифтор мешуданд, дар муассисаҳои таълимиву тарбиявӣ ва ғайра ҷойҳои ҷамъияти-ву серодам кор карданашон мумкин набуд. Директорамон хеле афсӯс хӯрд ва тасаллоям дод, ки ҳеҷ гап не, баъд аз се моҳ боз ба корам идома медиҳам. Табобат кардан лозим аст. Мақсади идораи ҳарбӣ он буд, ки маро табобат кунонда,

сипас ба хизмати аскарӣ даъват намояд. Сайвалӣ ҳам зиқ шуд. Ӯ танҳо мемонд, дигар бо кӣ шӯхиҳои ноҷояшро амалӣ менамуд. Бо Қаххоров? Не, албатта. Бо ҳамкоронам хайру хуш намудам. Аноргулро ба Сайвалӣ супоридам, то ки аз нигоҳубинаш бехабар намонад. Фаъолияти омӯзгории ман ба поён ёфтани як чоряки таълимӣ дар мактаб- интернати Ворошиловобод ба охир расид. Бандаро сарнавишти дигаре интизор аст, ки дар ҳикояти Чилликӯл онро хоҳед хонд.

ЧИЛЛИКӮЛ

Чилликӯл ҳам пештар маркази ноҳия буд. Он дар соҳили рӯди Вахш ҷойгир аст. Шаҳрчаест навъи аврупоиву шарқӣ. Ин ҷо ду маданият омезиш меёфт. Бошандагонашро асосан, тоҷикҳо, русҳо, немисҳо, тоторҳо, қазоқҳо, туркманҳо, ӯзбекҳо ва чанд хонаводае аз халқҳои Қафқоз ташкил медод. Ин шаҳрча нисбат ба Ворошиловобод фарҳангитару бузургтар менамуд. Дар Чилликӯл гарнизони ҳарбӣ низ мавҷуд буд. Дар маркази он мактаби миёнаи ба номи Киров бо чор забон: тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ ва туркманӣ фаъолият дошт.

Дорои шифохонаҳо онд ба бемории чашм, касалиҳои даруни ва сил буд. Шӯъбаи чарроҳиаш хеле шӯҳрат дошт. Ба ибораи дигар, бо вуҷуди ин ки ноҳия барҳам хӯрда буд, ҳама сохторҳои иҷтимоиву фарҳангии он нигоҳ дошта шуда буданд. Метавон гуфт, ки дар Вахшонзамин баъд аз шаҳрҳои Қӯрғонтеппаву то чое Колхозобод, монанди Чилликӯл шаҳрчаи аврупоинамои сернуфус ба мушоҳида намерасид. Бозораш хеле обод, мағозаҳои калон дошт. Ресторану чойхонааш доимо серодам буд. Дар пиёдароҳҳои ду тарафи кӯчаи марказӣ одамони зиёде тамоми рӯз рафтуо мекарданд. Маркази шаҳрча бозори одамонро мемонд. Идораҳои низомиву ҳуқуқиаш ҳам фаъол буданд. Фурӯшандаҳои мағозаҳояш, асосан аз мардуми Фарғона худро муаррифӣ мекарданд. Дусе хонавода аз уйгурҳои Чин ҳам буданд, ки касби мантупазиву санбӯсапазӣ доштанд. Устои дандонсозаш худро лезгин мегуфт.

Нуҳтаҳои фурӯши шаробу вино ҳамеша серодам буданд. Аз ин чост, ки дар тангкӯчаву хиёбонҳои Чилликӯл ашхоси майзада зиёд ба мушоҳида мерасид. Гирду атрофи шаҳрчаро бошандагони хочагиҳои «Пахтакор», «Якуми Май» ва «Калинин» ишғол менамуданд. Шаҳрча мустақил бошад ҳам, ба ноҳияи Колхозобод итоат мекард.

Дар яке аз рӯзҳои декабри соли шастум аз мошине дар маркази ин шаҳрча пиёда шудаму аз роҳгузаре суроғаи шифохонаи касалиҳои силро пурсидам. Аз роҳи асосӣ то шифохона сад метр буд. Атрофи шифохона девори якунимметра дошт. Ба ҳавлии он ворид шуда, идораи сардухтурро ёфтам. Назди он хараке буду болояш се-чор марди миёнасол бо либосҳои беморӣ менишастанд. Ба онҳо савол додам, ки сардухтур ҳастанд. Якеаш, ки чавони лоғарандоме буд, дарҳол фаҳмид, ки бемори навбатӣ мурочиат дорад, ба пушти сараш ишора карда «ана ҳамин даре, ки боз аст, кабинети сардухтур Попова Татяна Николаевна мебошад. Он кас нишастаанд, марҳамат карда дароед» гуфт меҳрубонона. Ҳамин вақт ҳамшираи шафқате шитобзада ба дафтари сардухтур ворид шуд. Духтаре буд, тақрибан бистсола ва сергӯшту бо мӯйҳои сардодаи дароз. Чеҳрааш халқҳои Қафқозро мемонд. Ин духтар гӯё якбора боиси таваччӯҳам гардиду боз аз ҳамон чавони лоғарандом кӣ буданашро пурсидам. Ӯ чавоб дод, ки ин духтар ҳамшираи шафқат аст ва ҳатто исмашро ҳам гуфт. Ҳамин лаҳза буд, ки он ҳамшира саросемавор аз кабинети сардухтур берун баромада, як тарафи ман нигаристу тохта ба бинои касалхона даромад. Ман дари сардухтурро задам, ки «войдите, войдите», шунида шуд аз дохил. Даромада ба русӣ салом арз намудаму чанд қадам ба пеш гузошта, роҳхати идораи ҳарбиро бо ҳуччатҳои дигар ба дасти ӯ додам. Сардухтур хуччатҳоро гирифту «шинед» гуфт. Дар рӯ ба рӯяш нишастам. Вай бонуе буд аз шаст боло. Дар чашмонаш айнак ва бо кулоҳи духтурӣ хеле боҳайбат менамуд. Ман аз чеҳраи сардухтур чашм намекандам. Маълум буд, ки дар чавонӣ ани зебое будааст. Дар назарам фарбеҳ намуд. Чанд дақиқа

ба хуччатҳову хулосаи коғази рентген ошно шуда, сипас аз чӣ хесту найчаҳои асбоби гӯшкуниашро ба гӯшҳояш халонд ва хоҳиш намуд, ки аз миён боло бараҳна гардам. Сардухтур бисёр чиддӣ фаъолияти шушҳоямро гӯш мекард: «нафас кашед, нафас бароред, шикамро дам кунонед, акнун сар диҳед»,-мегуфт ӯ. Дар амали ташхиси сардухтур эҳсос мешуд, ки вай бештар шуши тарафи чапро ба мушоҳида мегирифт, он чо ки дар сурати рентген доғе маълум мешуд. Бо анчоми амали ташхисӣ сардухтур сари мизаш нишаст ва гуфт: «Шумо дар асари сардӣ ба касалии шуш гирифтор шудед. Қисми болоии шуши тарафи чапатон доғҳо дорад. Ҳеч ташвише нест, ҳоло чавон ҳастед. Дар тӯли се моҳ табобат мешаваед. Худи ҳозир мо шуморо мехобонем». Сипас ба воситаи касе ҳамон ҳамшираи шафқатеро, ки ба воситаи бемори лоғарандом андаке шинохта будам, даъват карда, маро бо ҳуччатҳояму хулосаи тиббии худаш ба ихтиёри ӯ супорид, то ки палатаамро муайян кунад. Ҳамшира ишора кард, ки бо ӯ равам. Ба даҳлези бинои асосӣ даромадем. Назди мизи навбатдор қарор гирифтам. Духтари хилъатпӯш ба курсиаш нишасту маро ҳам иҷозати нишастан дод. Ман дар рӯ ба рӯи ӯ қарор гирифтам. Саволҳо медоду чавобашро дар варақаи тиббӣ менависонд. Пурсишҳо мекард, ки берун аз талаботи варақа буданд. Масалан, падару модар, кучо хондаам, вақтҳои охир дар кучо кор мекардам, оиладор шудаам ё не ва дигар саволҳоро медоду барои худ чавоб мегирифт. Медидам, ки аз додани чунин саволҳо худаш шарм медошт. Вай бодиққат менавишту ман чиддиёна ба чеҳраву сару мӯю биниву лабу дандону гарданаш менигаристам. Аз ин нигоҳҳо ду чизи нав дар симои ӯ бароям маълум гардид: яке чашмонаш кабуд буданд ва дигаре лаби болояш андак пашмнок менамуд. Рӯйи гирду қошҳои гафс ва мӯйи сари дароз ӯро хеле зинат мебахшид. Аз болои хилъат ҳам муайян мешуд, ки андоми хушсохтеро дорост. Ҳамеша саросемаву шитобзада ва тезкор менамуд. Тақрибан ним соат шарҳи ҳоламро навишт ва баъд палатаеро бароям маълум кард, ки ду бемори

дигар ҳам мехобид. Маро бо онҳо шиносонда, катамро нишон доду боз ба ҳамон шитобзадагӣ берун шуд. Яке аз ҳампалатаам исмашро Рӯзиев гуфт. Марди калонсоле буд. Фарбеҳ менамуд, аммо касалиаш ҷиддӣ буд. Месулфид ва ҳар лаҳза бурутҳояшро тоб медод. Марди ҷаҳондида ва хушсалиқае буд. Фаҳмид, ки ман аз Кӯлоб ҳастаму ба ин сӯ бо роҳҳати вазорат омада, ба ин дард гирифтор шудаам, афсӯс хӯрд ва тасаллоям дод, ки ба зудӣ сиҳат хоҳам ёфт. «Нағз хӯрдан даркор ва хурсандона зиндагӣ кардан даркор»,- гуфт дар хотимаи сӯҳбати нахустинамон. Афсӯс аз он буд, ки дар нуздаҳсолагӣ гирифтори бемории шуш гардидаам. Албатта, ин беморӣ бароям ошно буд, зеро падар ҳам ин дардро мекашид. Оре, ин саволро сардухтур ба ман ҳам дод ва сарчашмаи касалии маро аз дарди падар донист. Ба дил мегуфтам: «Он қандҳои рафинаду ғизоҳое, ки падар вақти дар бемористони Кӯлоб хоб рафтанаш ба ман медод, беасар намондаанд».

Табобат оғоз ёфт. Ҳар рӯз се маротиба таблеткаи «Фтевазит» ва навъе аз витамин медоданд, то ки иштиҳоям кушода шавад ва печкорӣ ҳам мекарданд. Дар нонушта як дона нони гарми танӯрӣ, равғани маска ба андозаи муайян, чор донаӣ қанди рафинад медоданд. Чошт ғизои аввал ва дуюм мехӯрдем. Шом ҳам хӯрокҳои болаззат омода месохтанд. Ман, ки касе надоштам ва хабаргирҳо ҳам набуданд, ба ғизои додаи шифохона қаноат ҳосил менамудам ва метавон гуфт, ки эҳсоси гуруснагӣ намекардам. Дар шифохонаи номбурда ягона бемори «бесоҳиб» ман махсуб мешудам. Ин ҷиҳатро беморони дигар, ки аз ҷумлаи муаллимон ҳам буданд, дарк менамуданд ва гоҳе ба сари дастархонҳояшон, ки гӯшти қайлаву асал ва дигар навъ ғизоҳо доштанд, маро низ даъват мекарданд. Ба ҳар ҳол муҳити шифохона бароям маъқул буд, ҳарчанд ки худро бегона медидам. Ба шифохона рӯзномаву мачаллаҳоро ҳамарӯза меоварданд. Ман соатҳо ба мутолиа машғул будам. Муҳимаш он буд, ки дӯстони нав пайдо намудам, монанди Шамсиддинов, Қутбиддинов, ки муаллим буданд, ва

Аллоеву Рӯзиев, ки ба ман бо меҳрубонӣ муносибат мекарданд. Татяна Николаевна ҳамеша ба палатаам медаромад, шушхоямро гӯш мекард ва суханҳои тасаллобахш мегуфт. Фарроше буд бо номи тётя Мария, ки бисёр зани меҳрубон буд. Намедонам чаро фақат ба чеҳраам зеҳн мемонду ҳуд ба ҳуд чизе мегуфт. Ҳамшираи шафқати дигаре доштем, ки Надя ном дошту аз миллати олмон буд, ки ҳар сари вакт аз аҳволам пурсон мешуд ва нигоҳҳои маънидорашро сӯям равона месохт. Мария ном ҳамшираи малламӯй низ доштем, ки бо ҳамон духтараки қафқозӣ дугона буду ҳамеша бо ҳам мегаштанд. Ба назарам ман ба ӯ чандон маъқул набудам, ки бетаваччӯҳӣ мекард ва оҳанги сӯҳбатҳояш низ дағал менамуд. Аммо бонуи хушандоме буд. Аз зебоияш ифтихор дошт. Мегуфтанд, ки бо офитсерҳо шишту хез мекунад. Ҳафтае гузашту рӯйи ҳавлӣ он ҳамшираи қафқозиро дидам, ки бо марди зебои бурутдоре сӯҳбат мекард. Ба дилам гузарондам, ки марди мегаштагиаш будагист, зеро ӯ низ ба қафқозӣ шабоҳат дошт. Ҳамон чавони логарандоме, ки рӯзи аввал шинохтамаш ва исмаш Аллоев буд, дар бораи ин духтар маълумоти қазой дар даст дошт. Ман ки назди тиреза он сӯҳбатро ба мушохида мегирифтам, Аллоев гӯё мақсади маро пешакӣ фахмид, ки гуфт: «Он мард язнааш мешавад. Ӯ ҳам духтур аст». Ман савол додам, ки ӯ низ қафқозист? Аллоев чавоб дод, ки «не, тоҷик аст. Гап дар ин ки бародари калони ин духтар замоне аз Осетия ба Колхозобод омада, ин ҷо ба русдухтаре издивоҷ кардааст. Баъд аз чанд сол хоҳари калони ӯ ба наздаш меҳмонӣ омадааасту ба ин духтурбача ошно шуда тӯй кардаанд. Баъди чанд соли дигар ана ин духтарак, ки номаш Зоира аст, ба аёдати бародари калонашу апааш омада, ҳоло ин ҷо кор мекунад». То чое ҳамшираи шафқатеро, ки аз соатҳои аввали ба даргоҳи шифохонаи касалиҳои сил омаданам бойси таваччӯҳам гардида буд, шинохтам. Рӯзиеви ҳампалатаам ӯро Зоира Чекоевна гуфта ном мегирифт. Торафт рӯзҳои навбатдории духтари қафқозиро интизорӣ мекашидам ва тарзи роҳравиву овозашро дар дахлези

шифохона шунидан мехостам. Ҳис мекардам, ки вай низ таваччӯҳ дорад ва ҳар боре, ки аз назди дари палата мегузашт, ба катам назар меандохт, ки ҳастам ё не. Бо вуҷуди ин, вактҳое ки барои дорудиҳӣ ва печкорӣ бо ман машғул мешуд, аз расмияти касбӣ дур намерафт, балки ҷиддиёна муносибат менамуд ва худро тарзе намоиш медод, ки «дастнорас аст». Дар асл мо якдигарро шинохтан мехостем. Бегоҳие ӯ навбатдор буд. Баъд аз соати даҳи шаб, вакте ки ҳама беморон ба хоб рафтанд, дар назди мизи навбатдории ӯ қарор гирифта, то дер аз сарнавишти якдигар иттилоъ пайдо намудем. Ман дар бораи падар доштану аз модар маҳрум монданам ва бародарҳоям ба ӯ қиссаҳо намудам. Вай ҳам сарнавишташро ҳикоят намуд. Падару модар ва се бародараш дар Осетияи Шимолӣ зиндагӣ мекардаанд. Ҳудаш як сол қабл назди бародару апааш омадаасту ин ҷо мондааст. Бародари калонаш Мурод дар Колхозобод рӯзгор дошта, экскаваторчӣ будааст. Апааш ба точике ба шавҳар баромада дар шаҳрчаи Чапаев иқомат мекардааст. Ҳафтае як бор апаашро хабаргирӣ мерафтааст. Ҷиянча ҳам доштааст бо номи Света. Дар айни замон язнаашро мастчоҳӣ гуфта, шахси ҷиддиву бадқаҳр муаррифӣ кард. Аз макони зисташ пурсон шудам: «Ичоранишинам»,- гуфт. Зимнан илова намуд, ки «ягон сол кор мекунаму баъд ба ватан бармегардам». Мулоқоти мо маънии хос ба худ мегирифт. Гӯё якдигарро маъкул шуморидем. Дар шинохти вай ман шахси хондагӣ ва дорои маълумоти касбӣ будам. Табиист, ки ӯ ҳамин навъ ҷавоиро ёфтан мехост. Ман дурнамои худро аз сиҳат ёфтанам ҷустуҷӯ мекардам. Мегуфтанд, ки ин касалӣ ба зудӣ дармон намеёбад, балки солҳо лозим аст, ки онро табобат кунанду бемор бенуқс шавад. Ба ибораи дигар, шахси ба ин беморӣ дучоршуда бояд ҳамеша таҳти назорати духтурон бошад. Дар ҳар се моҳ ба истироҳатгоҳҳо рафтан даркор, аз кори ҷисмонӣ даст кашида, сари мушкилиҳои зиндагӣ камтар бояд фикр кард ва дигар шарту шароитро ҳамчун меъёри рӯзгори оиндан кас медонистанд. Чунин воҳимаҳоро аз ҷониби сардухтур

ва Зоира низ мешуниданд. Баъзан сари бемориам ба андеша мерафтаму худро дар дунёи ноумедй медидам. «Хондани бахдиам чй мешавад?»,- мегуфтам худ ба худ. Чй навъ имкон меёбам, ки худро тахти назорати духтур қарор диҳам? Ҷ авоб ёфтан ба ин савол соатҳо масруфам месохт. Ояндаи худро ҳеҷ дида наметавонистам. Аз худ мепурсидам: «Чй бояд кард?» Баъд аз андешаву таҳлилҳои зиёд ягона роҳи халосй аз ин бемориро дар он медидам, ки ҳамин ҳамшираи шафқати қафқозиро, ки дар ҳамин соҳа кор мекунаду аз ухдаи табобати баъдиам баромада метавонад, бо худ ҳамтакдир созам.

Табобатам идома меёфт. Рӯз то рӯз муносибатҳои ману духтари қафқозй рӯ ба инкишоф меовард. Ӯ дар пушти шифохона ичоранишин буд. Шабона гоҳе муяссарам мешуд, ки вайро то таги дараш гусел намоям. Рӯзе ба аёдатам бародари калонам Холназар омад.Табиист, ки хабари бистарй шуданам ба хонадон мерасад ва падар ба ӯ мефармояд, ки омада аз саломатии ман воқиф гардад. Вай аввал ба мактаб-интернат меравад ва аз он чо сурогаи шифохонаро гирифта, сипас роҳ сӯи Чилликӯл пеш мегирад. Рӯзи офтобй буд. Мо ду бародарон рӯйи ҳавлии шифохона нишаста, соате аз ҳолу ахволи якдигар сӯҳбат намудем. Ин лаҳзаро духтари қафқозй ба мушоҳида гирифта будааст, ки бегоҳй пурсид: «Он чавонмард кй буд?» Фахмондам.

Банда барои ҳамшираи шафқат бетафовут набудам, балки ӯ низ дар гӯшае аз қалбаш мехри маро мепарварид. Аз ин чост, ки муносибати мо рӯз то рӯз ба ҳамтакдириву пайвастшавии қалбҳо меовард ва гӯё мо бе якдигар наметавониста бошем. Албатта духтари қафқозй тарбияи падару модар гирифта буд ва ба сифати яке аз духтарони шахсиятҳои аввали Осетияи Шимолй шинохта мешуд. Бинобар ин розигии падару модар аз ҳарду чониб бароям мухим буд. Сипас навъи ба никоҳи якдигар даромаданро барраси кардан мумкин мешуд. Ба ин хотир,ӯ аз ман такозо намуд, ки дар ин маврид ба падарам номае фиристаму чавоби мусбати эшонро бигирам. Чунин мактуб ба сурогаи киблагоҳ

фиристода шуд ва дар чавоб ба номан дуюмам падарам розигиашро барои хонадор шудан ба духтари қафқозӣ фиристод. Ҳарчанд ки ман медонистам падар ҳеч гоҳ розӣ шуданаш мумкин набуд, аммо он сатрҳое, ки ба табобати баъди бемориам иртибот дошту дар ин роҳ фақат ҳамин духтар метавонист, маро табобат намояду таҳти назорати ҳамешагии ӯ бошам, падарро мачбур сохтааст, ки розигиашро диҳад. Чунон ки болотар ҳам гуфтам, воқеан он шабу рӯзҳо фикр доштам, ки сиҳат шуданам гумон аст ва шояд аз 30-40 сол беш умр набинам. Духтуре доштем, ки Шамсиддин Сайфиддинов ном дошту тоза аз курсии Институти тиббии Душанбе бархеста буд, боре ҳини гӯш кардани шушҳоям ба ман гуфт, ки ба чунин беморӣ дар мактаби олӣ хонданам гайри имкон аст, зеро ин дард фикру заҳматҳои донишандӯзиро намепазирад. Ҳатто як ишорааш чунин маънӣ дошт, ки шояд чил сол умр бубинаму бас. Хеле чавон, ки будаму бори аввал дар бистари бемории сил мехобам, ба гуфтаҳои духтур бовар мекардам. Ба ҳамин тариқ, дар тӯли се моҳи табобат як бачаи 19-солаи кӯлоба тақдирашро бо духтари 20 солаи қафқозӣ пайваст. Ин ҳарду намедонистанд, ки бо кадом роҳ чуфтшавиашонро ба расимият дароранд. Ҳатто намедонистанд, ки барои чунин амал никоҳи мусулмонӣ ва давлатӣ ба кор аст. Дар Чилликӯл на ӯ касе дошт ва на ман ёру дӯсте. Ҳама мувофиқан тарафайн аз муҳити шифохона ва манзили иҷораи духтари қафқозӣ берун намебаромад. Бидуни ба касе як пиёла чой додан, мо тақдирҳоро пайвастем. Моҳи марти соли 1961 баъд аз муоинаи духтурон бандаро аз шифохона чавоб доданд, вале таъкид карданд, ки боз як-ду моҳи дигар дар ягон осоишгоҳи касалиҳои сил табобат бигирам. Сипас мешавад, ки ба фаъолияти педагогиам идома диҳам. Чунин осоишгоҳ дар Мӯъминободи Кӯлоб фаъолият мекардааст. Бо ёрии сардухтурамон-Попова роҳҳате ҳам ба даст овардам. Азбаски кормандони шифохона аз муносибати мо иттилоъ доштанд, бо сардухтур маслиҳат кардаанд, ки ҳамширан шафқатро барои як моҳ ба Душанбе сафарбар намоянд, то

ки дар шифохонаи чумҳуриявии касалиҳои сил, доир ба касби лаборантӣ такмили ихтисос гузарад, зеро шифохонаи Чилликӯл ба чунин лаборант зарурат дошт. Дар ҳамин замина моҳи май ҳарду роҳи Душанберо пеш гирифтем. Сараввал ба меҳмонхонаи «Помир» омадем. Утоқеро барои духтари қафқозӣ гирифтаму худ хонаи холаам, ки дар Нагорний истиқомат дошт, рафтам. Мақсад ин буд, ки ман он чо чанд рӯзе бошаму сипас ба осоишгоҳи Мӯъминобод равам. Рӯз бегоҳ шуда буд. Бо холааму хушдоманашу язнаам сари дастурхон нишастем. Ҳини сӯҳбат онҳо фаҳмиданд, ки ман оиладор шудаам, ӯ алҳол дар меҳмонхонаи «Помир» иқомат менамояд. Язнаам –Маҳмадамин, вақте ин навигариро шунид, ба зудӣ аз чой хесту аз дасти ман гирифта кашола намуд, то ки ба меҳмонхона ҳамроҳияш кунам. Баъди даҳ-понздаҳ дақиқа ба назди арӯс худро расондем. Язнаам саросемавор салому алейкро ба чо оварду меҳмонро зӯран бо анчомҳояш аз меҳмонхона бароварда ба ҳавлиаш бурд. Ҳамагӣ арӯсро дида хушҳол шуданд. Ба хусус зебову мӯйдароз буданаш хешонамро мафтун сохта буд. Онҳо ҳам ба хушӣ ӯро пазируфтанд. Ҳол он ки ман акси ҳолро гумон доштам. Албатта, холаам, ки детдомӣ буду шавҳараш шахрӣ, духтари аврупоиро пазируфтанд ва изҳор карданд, ки ӯ то аз Кӯлоб баргаштанам назди онон мемонад. Нороҳатиам, яъне ба чинси латифи гайриточик издивоч карданам, ки фишорам медод, бартараф шуд ва дар калб меандешидам, ки ба ин амалам қиблагоҳ ва хешу ақрабои дар Кӯлоб будаам чӣ мегуфта бошанд? Аз ин рӯ, ҳоло чуръат намекардам, ки ҳамсарамро барои муаррифӣ хонаи қиблагоҳ бубарам. Ба фикрам, хешони душанбегиам ба духтари қафқозӣ маъқул шуданд, ки барои як моҳ дар ҳавлии онон мондан розигиашро дод. Рӯзи дигараш чониби Кӯлоб ҳаракат кардам. Шаберо дар Тосқалъа сипарӣ намудам. Падар сари мавзӯи хонадоршавиам сӯҳбат огоз карду «бачам, худат медонӣ, Худо кунад, ки пушаймон нашавӣ». Ин ҳолат сарам болои зонувонам қарор гирифт. Дарк намудам, ки падар ба издивочи банда чандон розӣ нест. Бале, хеле чавон,

ки будам, таъкиди падарро чиддй надидам, вале аз он духтари ҳамдини худ, ки даст кашида будам, хешро шарманда медидам ва эҳсос менамудам, ки падар ҳам дар ҳамон андеша буд, аммо аз бемориам, ки огоҳй дошт, намехост, ки чароҳатамро тоза намояд. Ҳамин рӯз фаҳмидам,ки падар оилаи нав гирифтааст. Ӯ зани миёнакалу зардина ва хеле камгап буд. Аз ин бону гӯё додарҳоям розй буданд. Ногуфта намонад, ки Аноргул дар мактаб-интернати Ворошиловобод ба бемории пӯсти сар гирифтор шуду ӯро ба Душанбе оварда, дар шифохона бистариаш кардам. Аз ҳолаш холааму духтари қафқозй бояд хабар мегирифтанд. Ин хабар падарро нороҳат сохт ва шояд пушаймонй аз он дошт, ки вайро дар ихтиёри ман гузошта буд.

Ба ҳамин тариқ, дар мӯҳлати муайяни ба осоишгоҳи Мӯъминобод расидам. 24 рӯз бояд он ҷо аз боду ҳавои кӯҳй, ки гӯё бемории силро даво мебахшид, нафас мегирифтам. Ду-се рӯз гузашту дигар тоқатам тоқ шуд. Аз ин рӯ осоишгоҳро тарк карда, ба ҷониби Душанбе рӯй овардам. Мӯҳлати такмили ихтисоси Зоира ҳам поён ёфту дуюмбора ба Чилликӯл рафтем. То ин вақт ки мо хонаи ичора доштем, акнун бо ёрии сардори шифохона на дуртар аз он барои хонумам хавличаеро бахшиданд. Ман барои идомаи касби муаллимй назди мудири маорифи Колхозобод даромада, ба мактаби миёнаи рақами 1 шаҳраки Чилликӯл Киров, ки дар марказ қарор дошт, роҳҳат гирифтам. Як сари қадам ба Ворошиловобод даромада, бо директору ҳамкорон ва Сайвалй хайру хуш намудам. Сайвалй, ки се моҳи бемориам мудом ба ёдатам меомад, иброз дошт, ки ӯ низ аз соли нави хониш фаъолияташро дар деҳаи худ—Кафтархона идома хоҳад дод. Барои Сайвалй муҳимаш он буд, ки духтари дӯсти падари марҳум хосторй намуда, тӯйро интизорй дошт. Ба хавли худаш ӯ кудро хушбахт медид, ки маҳбубтарин духтари дуртарро моли худ гардонда буд. Ба ҳар ҳол, ӯ дар ҳамдардиаш ҳисси ман сарҳисобй зоҳир накарда буд, балки ҳама рақсу русумн оилабардошавиро ичро мекард. Ҳам модараш розй шуда буду ва ҳам худаш. Маҳс, ки шунида

оиладоршавиро бо баҳонаи даъвати аскариву минбаъд хоидан рад мекардам, дар байни се моҳ ҳамболин ёфтам. Оре, аз тақдир гурехта намешудааст, мегуфтам дар дил. Тобистони соли шасту якум дар Ҷилликӯл мондам. Ба шарофати ин ки завҷаи ман духтур буд, бо ҳамкоронаш ошной пайдо намудам. Ҳамон сол як зумра хатмкунандагони Институти тиббии Душанбе барои кор ба шифохонаҳои Ҷилликӯл роҳхат оварда буданд. Аз ҷумла, ҳамон духтури худам Шамсидддин Сайфиддинов, чарроҳе бо номи Аъзамҷон Азизов, духтури дигаре, ки аз тарафҳои Ӯзбекистон буд - Отақул ва Раҳматуллоев ном табиби дигар аз шифохонаи касалиҳои шуш маро ба нишастҳои хеш даъват менамуданд. Гузашта аз ин, дар мактаби Ҷилликӯл яке аз хатмкардаҳои омӯзишгохи Кӯлоб – Нуралӣ кор мекард, ки боиси хушҳолии ман мешуд. Нуралӣ бо язнааш Бобо мезист, ки дар идораи савдо касби борбардорӣ дошт. Муҳити шаҳрча, ки аврупой буд, бегоҳиҳо ба майдончаи рақс рафта, чанд соате вақтамонро хуш мекардем. Баъзан байни аскарон ва чавонони шаҳрча барои духтарон шуда, муштзанӣ сурат мегирифт, ки бо дахолати кормандони милиса ором мегашт. Оғози рӯзгори заношӯйӣ чандон бад набуд. Аммо намедонам аз чӣ буд, ки соатҳои танҳоӣ духтари қафқозӣ харчиро баҳона мекарду ба муноқиша мепардохт. Дар назарам худ аз худ сабабҳои ноороми ро дар оила чустучӯ менамуд. Ман, ки каси эҳсосотӣ маҳсуб мешудаму аз хурдӣ касе маро чанг намекард ва оромӣ маромам буд, нимашабхо чомадонамро мебардоштаму ба кӯча мебаромадам. Лаҳзае намегузашт, ки ҳамсарам аз пасам медавиду ба зораву тавалло медаромад, то ки ба хона баргардам. Ба ҳамин минвол, таътили тобистона поён ёфту бистумҳои август ба мактаб ҳозир шудам.

Мактаби Ҷилликӯл чорзабона буд. Оиро туркмане бо номи Бекиев сарварӣ мекард. Вазифаи мудири кисми таълимиашро осеяизане адо менамуд. Мактаб беш аз ҳазор талабаро дар бар мегирифт. Талабатонаш аз маркази маҳаллаҳои гирду атроф, масалан, Пахтакор, Йкуми Май,

8-Март, гузари зовуди пахта меомаданд. Ба ибораи дигар, мактаби нобурда фарзандони миллатҳои тоҷик, рус, ӯзбек, туркманро бо таълиму тарбия фаро мегирифт. Илова ба ин, дар назди мактаби Чилликӯл мактаб-интернат фаъолият менамуд, ки писарону духтарони бепарастории бо таълиму хӯрду хӯрок ва ҷойи хоб таъмин менамуд. Бинои таълимии он мактаби Киров маҳсуб гардида, хобгоҳҳояш дар поёнтари шаҳрча назди вокзал қарор доштанд. Шогирдони мактаб-интернат баъд аз дарс ба ихтиёри мураббиён мегузаштанд, ки яке аз онон банда будам. Ман синфҳои яку сеи ибтидоӣ доштам ва ҳам дар синфи панҷуми русӣ аз забони тоҷикӣ дарс мегуфтам. Бегоҳиҳо ба касби мураббигӣ машғул будам. Аз рӯзҳои аввали фаъолияти педагогӣ бо чанд тан аз муаллимон ошной пайдо намудам. Дикқати маро фаъолияти Девлох Бердиев ном муаллими забони англисӣ бештар ҷалб мекард. Вай аз мардуми Вахё буда, хеле инсони одӣ менамуд. Тоза издивоҷ карда буд. Пагоҳиҳо маро маҷбуран ба ҳавлиаш даъват мекард ва бо ширчой меҳмондорӣ менамуд. Завчааш ҳам бисёр бонуи меҳмондӯст буд. Хонаи ин муаллим дар қисми поёни шаҳрчаи Чилликӯл, сари маҳаллаи 8-Март қарор дошт. Аз назди манзилаш канали серобе мегузашт. Воқеан, то ошной бо Бердиев ман тақрибан худро танҳои танҳо медидам. Баъдтар бо Муқимов ном муаллими забон ва адабиёт шинос шудам, ки хатмкардаи факултети забон ва адабиёти Институти педагогии Кӯлоб буда, бо роҳҳати Вазорати маориф дар он ҷо ифои вазифа мекард. Мавсуф зодаи ноҳияи Совети Кӯлоб буд. Ҳарчанд ки синнаш ба чое расида буд, рӯзгори муҷаррадӣ дошт. Дар мактаби нобурда мо се кас аз Кӯлоб будем – Нуралӣ, Муқимов ва камина. Вале ман бештар бо Бердиев гашту гузор мекардам. Ба воситаи ҳамин кас бо муаллимони хочагии Калинини ноҳияи Қумсангир шинос гардидам, ки аз Чилликӯл ба масофаи ду-се километр ба самти Бешаи Паланғон қарор мегирифт. Гап дар ин буд, ки раиси хочагии нобурда ягонаи Бердиев – Гардиев маҳсуб мегардид. Бинобар ин бисёрии мавридҳо аз тарафи бегоҳ як даста звёнёни Ч

иллиқӯл дар шахси Аъзамҷон Азизов, Шамсиддин Сайфиддинов, Отақул, банда ва Бердиев ба хоҷагии мазкур рафта, аввалан чанд соате дар майдончаи спортии он волейбол бозӣ карда, сипас дар ҳавлии раиси хоҷагӣ то дер истироҳат менамудем. Дар натича ба муаллимоне монанди Ҳукумат Раҳимов, Ҳайдар Қурбонов, Амон Низомов ва дигарон унс гирифтам. Гоҳе онон ба маркази Чиллиқӯл меомаданду дар чойхона нишастҳои дӯстона ташкил мекардем. Азбаски чунин нишастҳо бо шароб лаззатбахш буданд, сӯҳбатҳои пур аз ханда то соатҳои дахи шаб идома меёфтанд. Ҳамзамон саҳабозиамон хеле ҷолиб сурат мегирифт. Ба ин бозӣ ману Бердиев бештар сару кор доштем. Таътили ноябрӣ ҳам омаду бо ҳамсарам роҳи хонаи падариро пеш гирифтем. Моро ба хушӣ қабул карданд. Падар ҳама расму русуми исломиро дар мавриди издивоҷи мо ба ҷо овард.

Эҳсос намудам, ки саломатии падар чандон хуб нест. Мо панҷ-шаш рӯз дар Тоҷқалъа мондему бас. Ҳамсояҳо барои дидани арӯси аврупоӣ меомаданд ва ҳамагӣ аҳсант мегуфтанд, зеро вокеан духтари зебое буд монанди паридухтарони афсонаҳои қафқозӣ. Бурди ман дар ин издивоҷ он буд, ки духтари зебопайкару ботамкинеро барои хамсарӣ қабул намуда будам. Меҳмонӣ ба поён расиду боз ба Чиллиқӯл пас гаштем. Соли 1962 оғоз ёфт. Завчаам дучон бошад ҳам, ман парвое надоштам. Шояд чавон, ки будам ба ширинии фарзанди навзод чандон сарфаҳм намерафтам. Медидам, ки ҳамкорони завчаам ӯро нигоҳубин мекарданд ва суханҳои тасаллобахшаш мегуфтанд. Тасаввур намекардам, ки дар бистсолагӣ соҳиби фарзанд мешавам. Аз ин ҷост, ки бо дӯстонам баъди дарс маъраканишиниҳ менамудам. Табиист, ки завчаам дар ботин ин корамро намепазируфт, аммо изҳор намекард. Моҳи феврал омад. Гоҳе барфи лаклаки меборид. Табиати Чиллиқӯл бештар хушк буд. Тақрибан зимистони он эҳсос намегардид. Рӯзҳо торафт пеш мерафтанду завчаам худро ноороҳаттар медид. Оре, ин модару ин хешу акрабое ӯро рӯзҳои охири ҳомиладорӣ ҳарфҳои тасаллобахш

...фта наистанд. Мо харду бекас махсуб мешудем. Рӯзу соати дучоиагии ҳамсарам башумор монда буд, ки ҳамшираи шафкате, ки бо оилаам дугоиагӣ дошт, тасмим гирифт, то ки тавлиди кӯдак дар зоишгоҳи маркази ноҳия – Колхозобод сурат бигирад. Ба ҳамин ният ӯ бо мошини тиббӣ ҳамсарамро ба Колхозобод бурд. Ҳамроҳии бандаро лозим надонистанд. Бегоҳӣ он бону ба ман иттилоъ дод, ки завчаамро дар зоишгоҳ хобондааст, метавонам, ки баъд аз як-ду рӯз ба аёдаташ биравам.

НАХУСТФАРЗАНД

Бисту ҳаштуми феврал аз сарварони мактаб чавоб гирифтаму ба мошине нишаста маркази Колхозобод рафтам. Зоишгоҳ дар баромадгоҳи шаҳрак ба самти Ворошиловобод қарор дошт. Вақте ки ба бинои зоишгоҳ ворид шудам, навбатдор ба саволам чавоб дод, ки духтарчадор шудаам ва табрикам гуфт. Ин хабари хуш соати 11-и 28-уми феврали соли 1962 сурат гирифт. Рӯйи ҳавлӣ баромадаму ба қабати дуюм назар андохтам. Дидам, ки Зоира аз панчара чонибам даст меафшонд ва хушҳол буданашро изҳор медошт. Ман ҳам худро дигар навъ эҳсос намудам, харчанд ки ҳоло ҳам аз нахустфарзандам халовате намебурдам. Бале, худ бача будам, аз кучо лаззати онро мефахмидам. Дар чойи корам ҳама ҳамкоронам табрикам мекарданд. Ман фақат чехраамро хандон медидаму бас. Чор-панч рӯз сипарӣ шуду нахустфарзандро ба хона овардем. Ӯ нозукаку зардинаву аммо дар назарам хеле бенур маълум гардид. Ба чехраи тифли навзод менигаристаму дар ботин хавф мебурдам, ки ин кӯдак сихатманд нахохад буд. Хушбахтона, бонувони шифохонаи касалихои сил ҳамеша назди завчааму кӯдакаш қарор мегирифтанд ва гӯё вазифаи доягиро адо менамуданд. Дар ин чода ман чандон заҳмат намекашидам. Баъд аз як ҳафта оилаам мавзӯи номи духтарчаро матрах сохт. Мақсадаш он буд, ки номи кӯдакро ман гузорам. Оре, оре. Ба падари ман наздик буду на падару модари ӯ. Мо харду

бекалон будем. Ҳамин буд, ки мо номи тифлро худ бояд мегузоштем. Солҳои донишҷӯй дар Кӯлоб рӯзе ба тамошои филме рафтам, ки номаш «Фотима» буд. Дар нақш бонуе бозӣ мекард, ки Фотима ном дошт. Ӯ бисёр зани зебо буд ва гӯё ба вай ошиқ гардидаму дар ботин андешидам, ки агар фурсате расаду оиладор шавам ва агар духтаре дар хонавода тавлид ёбад, исмашро ҳатман Фотима хоҳам гузошт. Аз ин ҷост, ки ба саволи завҷаам «Фотима» гуфтам. Ин ном ба ӯ низ маъқул шуд, зеро дар миллати вай низ исми Фотима роиҷ буд. Фотима ном гузоштани нахустдухтар гӯё барои ҳардуи мо маъқул шуд. Албатта, Фотима боз дар паҳлӯяш бояд Зӯҳро ҳам медошт. Яъне, исми дугоникҳо чунин бояд сурат мегирифт. Шояд ман ба анъанаи номгузориҳо риоя накардам, вале касе ба ман эроде нагирифт, чунки эродгире ҳам надоштам. Барои он чанд тан бонувони аврупоие, ки ба хонаи мо рафту омад доштанд, чӣ ном гузоштани тифли навзод чандон аҳамият надошт.

Рӯзҳо паси сар мешуданду Фотимаи мо ҳам кам-кам чон мегирифт. Семоҳа шуду якбора ба беморӣ гирифтор гардид. Гӯё дар чеҳрааш хун надошт. То ҳаде лоғару беҳол буд, ки рагҳои сараш метофтанд. Шири макидаашро пас мегардонд. Шабу рӯзҳои дароз мегирист. Духтурҳо ҳамарӯза ӯро таҳти назорат қарор медоданд, аммо ҳеҷ беҳбудие ба назар намерасид. Ба хулосае омадем, ки ӯро бо модараш дар шифохонаи касалиҳои дарунӣ, ки дар масофаи 20-30 метр аз хонаамон қарор дошт, бистарӣ созем. Акнун кору бори хона, барои касалиҳо ғизо омода кардан ба уҳдаи ман гузашт. Албатта, аз шифохона барояшон ғизо таҳия мекарданд, аммо ман ҳам дар ин ҷода фаъолият нишон медодам. Ҳамарӯза чалпакҳои картошкаӣ мепухтаму ба шифохона мебурдам. Пирожкиҳои пухтаам, ҳатто ба духтурон хуш меомад, ки назди завҷаам таърифам мекарданд. Афсӯс ки табобати шифохона натича намедод, балки рӯз то рӯз Фотима беҳол мешуд, хун аз чеҳрааш мепарид. Натича он шуд, ки ӯро ба Душанбе бурдем. Дар кӯчаи Чапаев ба шифохонаи кӯдакон хобонданд. Ҳайрият, ки модарашро ҳам ичозат доданд, то ки бо Фотима

бошад. Ман чанд рӯз дар хонаи холаам мондаму сипас ба Чилликӯл баргаштам. Табиист, ки холаам аз ҳолу аҳволи беморон хабар мегирифт. Ҳафтае гузашту ба аёдати Фотима омадам. Иҷозат гирифта ба ҳавлии шифохона ворид гардидам, ки Зоира дар дасташ Фотима ҳаво мехӯрданд. Маълумам шуд, ки ҳоли Фотима рӯ ба беҳбудӣ овардааст. Сӯйи ман менигариста гоҳе гӯё хандидани мешуд. Оилаам қисса кард, ки аз рагҳои сараш хун гирифтанд, хулоса хеле азобаш додаанд, ки баъд натиҷаи дилхоҳ ба даст омадааст. Дарсҳои соли 1962 оғоз ёфтанд. Фотимаро ба ясля супоридем. Ҳоло ҳам бечонак менамуд, аммо серҳаракату шӯх буд. Вақтҳои фароғат якчоя ба кӯча мебаромадем. Бегоҳиҳо анҷомҳои хонаро ба ҳар сӯ пош медоду худаш бозавқ механдид.

МОҶАРОҲОИ СОҲИБНАЗАР

Чунон ки қаблан ҳам ишора кардам, дар хонадони Асо Содиқ бачаи аз ҳама шӯху душвортарбияи Соҳибназар маҳсуб мешуд. Қисса мекарданд, ки рӯзе набудааст, ки ҳамсояҳои Тоскалъагии мо аз болои рафторҳои ношоямии Соҳибназар назди падар шикоят накунанд. Ӯ фарзанди муаллим бошад ҳам, дарсхониро ҳеҷ қабул надошт, балки бо бачаҳои беадаби деҳа унс гирифта, муаллимону мансабдорони деҳаро азият медоданд. Вақтҳои дар мактаби Арал хонданаш боре маркаберо ба синфхона дароварда, муаллимро хандасор сохтааст. Ҳарчанд ки падар баъзан адабашро медод, вале ҳеҷ ие ки ба чодаи одамӣ дохил шавад.

Таътили соли 1962 ба поён расиду рӯзе ба аёдати қиблагоҳу бародарон ба Тоскалъа рафтам. Дар хонадони падар ҳам духтарчае ба дунё омадааст, ки исмашро Майдагул ниҳода буданд. Падар нахустсаволе, ки кард дар мавриди аз хона фирор намудани Соҳибназар буд. Ман гуфтам, ки то дирӯз Соҳибназар ба Чилликӯл нарафтааст. Ҳеҷ кас намедонист, ки ӯ кучо шудааст. Гӯё хонаи холаи Сафаргул рафтааасту велосипеди Абдулқодирро дуздида, бо

ҳамин нопадид гаштааст. Вақти бозгаштам ба Ҷилликӯл киблагоҳ хоҳиш намуд, ки агар Соҳибназар дар Ҷилликӯл пайдо шавад, дошта ба милиса супорамаш, то ки баста биёрандаш. Рӯзи дигар ба Ҷилликӯл расида будам, ки дар сари кӯча Соҳибназар ба чашмам хӯрд. Ӯ маро дидан замон ҷонибам омадан гирифт. Ҳамин лаҳза буд, ки сардори милисаи шаҳрча майор Шералиев наздам пайдо гардид. Бо эшон салому алейк намудаму сӯйи Соҳибназар нигариста гуфтам:

– Падар амр додааст, ки туро ба дасти милиса супорам. Ана майор ҳам омад.

Соҳибназар ба чор тараф як нигаристу «Хайр, агар фарзанди падар фарзанди падарашро ба милиса таслим диҳад, майлаш, ман тайёрам». Рости гап ин суханонро шунидаму дилам ба Соҳибназар сӯхт. Майор ҳайрон-ҳайрон ба дуи мо менигаристу чӣ пурсиданашро намедонист. Фақат аз банда савол кард, ки «муаллим тинчӣ аст?». Ман гуфтам: «Тинчӣ, тинчӣ, шинос шавед, ин чавон бародари ман аст, ки меҳмонӣ омадааст». Соҳибназар, вокеан тарсида буд, зеро чиддияти падарро хуб медонист. Меҳмонро хона овардам, чанд рӯз монд. Ба чунин хулоса омадам, ки ӯро барои хондан ба омӯзишгоҳи касбӣ-техникии Ҷилликӯл диҳам, то ки беҳудагардӣ накунаду ягон ихтисосеро соҳиб шавад. Худаш ҳам мехост, ки дар Ҷилликӯл бимонад, зеро аллакай шаҳрча маъқулаш шуда буд. Дар ҳамин мақсад назди директори омӯзишгоҳи номбурда Ҷумъаев рафтам. Ӯ маро ба хушӣ пазируфт ва Соҳибназарро ба шӯъбаи наҷҷорӣ қабул намуд. Омӯзишгоҳ бо хобгоҳ ва се вақт хӯрок таъминаш мекард, боз чанд сӯми дигар стипендия медод. Ман ҳам аз як нонхӯри зиёдатӣ раҳо меёфтам, зеро бо он маоши ночиз душвор буд рӯзгор дидан. Ба воситаи нома падарро огоҳ сохтам, ки Соҳибназар дар тарбияи ман мемонад ва баъд аз ду сол соҳибихтисос шуда ба деҳа бармегардад. Табиист, ки рӯзҳои шанбеву якшанбе ба хонаи мо меомад. Медидам, ки ӯ ба дастаи «Дружинаи халқӣ» ворид шуда, шабона ба назму низоми шаҳраки Ҷилликӯл назорат мекунад. Майор Шералиев аз Соҳибназар бисёр розӣ буд. Милисаҳои дигар

ҳам таърифаш менамуданд. Албатта, бо авбошҳо монанди Соҳибназар ҷавонони чолоку ҳушёр бехтар муборизa бурда метавонанд. Баъзан бегоҳиҳо, ки дар шаҳрча бо рафиқонам гашту гузор менамудам, Соҳибназарро дар сафи пеши дастаи мазкур медидам. Акнун дасти рости майор Шералиев ҳаракат меёфт. Дар шаҳраки Ҷилликӯл лӯлиҳои Молдавия ҳам рӯзгор доштанд, ки асосан ба корҳои сиёҳ машғул буданд. Ҷавоне аз ин қавм рӯзе шароб нӯшида, маст мешаваду туфанги думиллаи шикориро ба даст гирифта, дар кӯчаи маркази болои дарахте баромада, ба роҳгузарон таҳдид мекунад. Майор Шералиев бо чанд милисаи дигар, ҳарчанд хоҳиш мекунанд, ки лӯлии аслиҳабадаст поён фарояд муҳимтар ҳароб насозад, вай гӯш надода майли сӯйи одамон тир холӣ кардан мекунад. Ҳамин лаҳза Соҳибназар аз кӯчае пайдо мешаваду ҷуръатмандона ба зери он дарахт рафта ба лӯлӣ, ки якдигарро хуб мешинохтаанд, мегӯяд, ки ба нағзӣ туфангро партояд аз дарахт пойин шавад. Аммо лӯлӣ ҳамоно дӯғу нӯписа карда, аз таҳдид даст намекашад. Соҳибназар сангеро аз замин бардошта ба сари лӯлӣ ҳаво медиҳад. Тасодуфан санг ба пешонии лӯлӣ мехӯраду бо туфангаш болои пиёдарав меафтад. Хайрият, ки бо лӯлӣ ҳеҷ ҳодисае рӯй надода, балки баъд аз чанд дақиқаи бехуширо паси сар кардан ба идораи майор Шералиев барои тафтиш мебаранд. Роҳгузарон ҳайрон аз он буданд, ки майор бо милисаҳояш чора наёфтанду як шогирди омӯзишгоҳи техникӣ мочароро ҳал кардааст. Баъзе авбошони шаҳрак дар симои Соҳибназар қаҳрамонро мебинанд. Бо ин ҳодиса доираи фаъолияти Соҳибназар рӯз то рӯз васеъ мегардад. Дастаи 9 ба хулосае меоянд, ки бегоҳиҳо соҳилҳои рӯди Вахшро таҳти назорат қарор диҳанд, то ки духтарбозону майзадаҳоро ба дасти ҳомиёни қонун супоранд. Бо ин ният Соҳибназар бегоҳие баъд аз шом ба соҳили рӯди Вахш рафта, марди малламӯеро мебинад, ки бо русдухтаре ишқварзӣ дорад. Дастаро огоҳ месозад, ки ин малламӯйро худаш ҷазо медиҳад. Ба ин хотир санги бузургеро болои сар бардошта, ба сари марди ишқбоз задани мешавад, ки он мард ногаҳон мебинаду мегӯяд: «Э, бача чӣ кор мекунӣ, охӣ ма точик ҳастам».

Сохибназар ба чеҳраи мард зеҳн мемонад ва мебинад, ки сардухтури касалиҳои сил Шамсиддин Сайфиддинов аст. Дархол Сохибназар «Э, акаи Шамсиддин худутй»,- гуфта узр мехохад. Пагохии дигар Шамсиддин маро диду «Э, бача, додарут кариб ки зада кушта будум»,- гуфт. «Чи шавъ?» гуфта, аз ӯ савол кардам. Шамсиддин ҳикоя кард, ки баъди кор он чо бо бонуе нишаста ҳавои тоза мехӯрдем, ки Сохибназар пайдо гардида чунин балоро ба сарамон оварданй шуд. Сохибназарро аз хобгоҳаш хоста, хуб чанг кардам. «Корат чй аст, ҳатто соҳили дарёро назорат мекардагй шудай». Гуноҳ, ки дошт, гӯш доду гап нагардонд.

Пагохие дар хонаи муаллимон менишастам, ки ба назди телефон даъватам кардаид. Аз дастгоҳи директори омӯзишгоҳи касбй очилаи омадани бандаро мехостанд. Ин хабар парешонам сохт. Дар ботин меандешидам, ки шояд ба Сохибназар ходисаи нохуше рух додааст бо телефон гуфтан намехоҳанд. Саросемавор чониби бинои омӯзишгоҳ, ки аз мактаби мо ба масофаи 500 метр карор дошт, шитофтам. Дидам, ки дар саҳни омӯзишгоҳ директор шогирдонро қатор монда мачлис мегузаронад. Ман назди эшон ҳозир шудам. Маълум шуд, ки Сохибназар шабона, вақте ки ҳама шогирдон ба истироҳат дода шудаанд, байни пайчахои пойхои чанд тан аз ҳамдарсонаш коғазеро пилта карда, оташ сар додааст. Дар натича чанд кас чароҳат бардошта, рӯйчоиҳо сӯхтаанд. Ба ин хотир Чумъаев Сохибназарро чанд қадам ба пеш бароварда, назди ман шармсор сохт. Дархол ӯро гирифта хона оварда, мехостам чанд шаппотй ба сару рӯяш занам, аммо янгаш ба дифои ӯ баромада, нагузошт, ки чазояшро дурустар бидиҳам.

Боре дар Қурбоншаҳид холаи Сафаргуламро хабар мегирад. Сари дастархон холаам мепурсад, ки «Сохибназарчон дар кучо мехонй, тамом кардй чй мешавй?» Сохиб маскаи тозаро ба пои печонда ба даҳон меандозаду чунин чавоб медиҳад: «Холачон дар касби пайчорй мехонам, устои чӯбтарош мешавам». Холаи Сафаргулам шӯхй карда мепурсад: «Сохибназарчон, вақте ки мактабро тамом кардй, барои ман чй метарошй?» Сохибназар чоп ионро фурӯбарон

ба холааш чунин ҷавоб медиҳад: «Масалан, агар мурда тобутатро метарошам» ва зуд аз ҷояш хеста, ҷониби дарвоза мегурезад. Холаи Сафаргул аз пушти сари Соҳибназар садо мебарорад: «Ай, танобут бканае, боз бачаи хоҳармае». Ҳар вакт ки ба аёдати холаи Сафаргул мерафтам, гуфтан Соҳибназарро пеши рӯй меоварду механдид. Ба ҳамин минвол, Соҳибназар мактабашро тамом карду ҳеҷ ҳунари наҷҷориро ёд нагирифт, вале барои бошандагони шаҳраки Ҷилликӯл хотираҳои зиёдеро аз фаъолияти ҷавонмардонааш боқӣ гузошт. Қиссаҳои Соҳибназар ҳоло дар пешанд.

ЛАҲЗАҲОЕ АЗ РӮЗГОРИ ҶИЛЛИКӮЛӢ

Касби муаллимиам идома меёфт.Соли хониши 1961 ба поён расид. Ду моҳи тобистон дар Ҷилликӯл мондам. Намедонам чаро, поям ҷониби Тоскалъа намекашид. Ҳамон дастаи ҷавонони зиёй бегоҳиҳо дар чойхона ҷамъ меомадему то соатҳои ду-сеи шаб сақабозй мекардем. Нишастҳоямон хеле дилнишин мегузашт. Ман бештар бо Девлох Бердиев рӯз кӯр мекардам. Ҳамин сол буд, ки дӯсти дигаре бо номи акаи Тоҷмон пайдо намудам. Вайро ба ман Бердиев ошно кард. Ӯ аксони ачиб, бисёр шахси камгап буд. Дар хочагии «Пахтакор» вазифаи мудири анборро ба уҳда дошт. Борҳо ба манзилаш даъват мекард. Қиблагоҳаш марди солхӯрдаву дилдоре буд. Дар ин хонадон чанд бародарон зиндагй мекарданд, ки хамагй мисли падарашон бузургчусса буданд.Сафи дӯстонам афзоиш меёфт.

Ҳафтуми ноябри 1962-ро дар манзили ман гузарондем. Дӯстонам Шамсиддин,Девлох, Аъзамчон, акаи Тоҷмон, Хукумат, Амон Низомов сари мизи чашнй қарор гирифтанд ва мурғи марҷони ба сангчае зада бехушкардаамонро баъди ба кабоб табдил ёфтанаш иҷши чон кардем. Ҳодиса чунин шуд, ки ҳамсоязани мо, ки мурғи марҷони зиёде дошт. Гоҳе онҳо ба ҳавлй даромада, хоку чангро ба сарҳошон бод медоданд. Рӯзи шашум бо Шамсиддин хона омадем, ки як мурғи марҷон руйи ҳавлй хиромон-хиромон давр мезад. Тасодуфан Шамсиддин як сангчаро аз замин бардошту ба

сари вай зад. Мурғи марҷон ба замин дароз кашид. Дидем, ки ҷонканӣ дорад, ба зудӣ сарашро аз танаш ҷудо кардему пӯсту парҳояшро дар гӯшае аз ҳавлӣ таги хок намудем. Нишасти онрӯза миёни дӯстон ба қаҳрамонии Шамсиддин бахшида шуд. Ду – се рӯз баъд соҳиби мурғ фаҳмид, ки онро духтурону муаллимон хӯрдаанд. Сирри мо он вақт фош шуд, ки саги дайдуе пару каллаву пӯсти онро бо рӯдаҳояш ба ҳар сӯ кашола карду ба чашми пиразан бархӯрд. Азбаски дастаи мо ҳамагӣ саги аз шахсиятҳои шинохтаи Ҷилликӯл буд, пиразани рус ба кучое шикоят накард.

Дар маҷмӯъ се соли дар Ҷилликӯл буданам, таҷрибаи зиёдеро чи дар зиндагиву чи дар баҳрабарӣ аз он омӯхтам. Ин муддат худро ба муҳити дигаре пайвастам. Инсонҳои шарифу хуберо ёфтам.Ба қавму миллатҳои бисёре унс гирифтам. Махсусан, бо мардуме, ки солҳои қабл аз Ғарму Вахё ва Бадахшону Дарвоз ба Вахшонзамин муҳоҷир шуда буданд, рӯзгори пайваста доштам. Онҳо маро ба сифати як ҷавоне, ки ин ҷо дӯсту хешу ақрабо надорад ва метавон гуфт, ки меҳмон аст, меҳисобиданд ва дар сатҳи меҳмони олиқадр эҳтиромам мекарданд. Дар шахси Девлох Бердиев, Тоҷмон Сулаймонов, Ҳукумат Раҳимов, Амон Низомов, раиси овозадор Гардиев, Ҳайдар Қурбонов ва даҳҳо дигарон касонеро шинохтам, ки мудом ғамамро мехӯрданд ва рӯзгорамро аз ҳар ҷиҳат таъмин медоштанд. Боре оилаам хост, ки ба Мастчоҳи нав, хонаи апааш равем. Аммо роҳ аз Ҷилликӯл то Душанбеву баъд то Ленинободу Мастчоҳи нав масрафи зиёде мехост. Дар фикри он будам, ки аз кӣ миқдоре пул қарз бигирам. Бо ин андеша ҷониби мактаб-интернат мерафтам, ки аз пешорӯям Амон Низомов, ки дар мактаби хоҷагии Калинин вазифаи мудири қисми илмиро адо менамуд, баромад. Салому алейк кардему чуръат намуда аз эшон пурсидам: «Акаи Амон, Ленинобод рафтанам, аммо пули зарурироро дар ихтиёр надорам. Имкон дорад, ки шумо панд сӯме бароям қарз бидиҳед». Ӯ бо чеҳраи хандон гуфт: «Чаро не, марҳамат ин 25 сӯмаро бигиреду аз роҳатон ҳамонед». Бисту панҷ сӯм пули калон буд. Лутфи инсонгаронаи Амон Низомов боис гардид, ки бо ҳамсарам

ба Мастчоҳи нав сар задем ва як проблемаи оилавиро ҳал намуда пас гаштем. Воқеан, мардуми Вахё то он ҳад меҳмоннавоз буданд, ки ман дар умри 21- солаам вонаҳ ўрда будам. Бошандагони маҳаллаи 8-уми Март кўлобиҳо бошанд ҳам, ягон маротиба аз онон лутфе надидам. Албатта, он вақт ман ин чиҳатро чандон дарк намекардам ва гумон доштам, ки ҳама мардум як мебошанд. Инаш кўлобиву онаш ғарміву вахёчй ҳастандро намефаҳмидам. Вале, вақте ки ба сатҳи зиндагии ин мардум мутаваччеҳ шудам, дидам, ки маҳаллаи ғармиҳову вахёчиҳо нисбат ба маҳаллаи балчувониҳову кангуртиҳо ва данғарагиҳо хеле ободу боғ низом буд. Масалан, мардуми Ғарму Вахё дастархони меҳмонро хеле чиддй меоростанд. Ҳатман ба хотири меҳмон кулчаҳои ширй мепухтанд, болои дастурхон назди ҳар меҳмон косачаҳои чурғот мегузоштанд. Аз ҳама муҳимаш он буд, ки онҳо ҳавлии дарўну берун доштанд, монанди мардуми Бухорову Самарқанд ва дигар шаҳрҳои қадимаи тоҷикон. Меҳмон ҳеч гоҳ даводави кўдаку рафтуи бонувонро эҳсос намекард, балки озодона роҳат мекард. Ба ҳамин монанд ҳоҷатхонаи меҳмон алоҳида дар гўшае аз ҳавлй қарор дошт. Рўи ҳавлй дастшўяк ва дастпок меҳмонро интизор буд. Илова бар ин ин мардум меҳмонхонаҳои калону озода доштанд. Барои ҳар меҳмон ду болишт мегузоштанд, то ки бароҳат нишинад. Мутаассифона, мардуми аз минтақаи Кўлоб муҳоҷиршуда ҳоло чунин сатҳро дар меҳмонқабулкунй надошт. Эҳсос мекардам, ки дар ин самт аз бародарони Ғарму Вахё меомўхтанд ва бо гузашти солҳо фарҳанги меҳмондории ҳамшаҳриҳои банда низ рў ба инкишоф хоҳад овард. Чизи хуби мухочирони Ғарму Вахё боз дар он буд, ки меҳмонро бе тўшаи роҳ гусел намекарданд. Тўшаи роҳ иборат аз гўшти гову мурғ ва кулчаҳои қаймоқиву себу анор иборат буд. Ин ҳам чузъе аз фарҳанги мардумй буд, ки на дар ҳамаи қавму миллатҳо роич мебошад. Лаҳни гуфтору ҳарфзаниашонро ширинтар ба мушоҳида мегирифтам. Аз ин чост, ки ҳини сўҳбат аз лаҳчаи Вахё кор мегирифтам ва ин чиҳат эҳтиромн бандаро боз назди онҳо меафзоёнд. Махсусан, бонувонашон бисёр ширин ва лаззатбахш ҳарф мезаданд. Аз ҳар калимаву

ибораи онҳо оҳанги навозиш ба мушоҳида мерасид.

Дар минтақа хоҷагии «Пахтакор»-ро асосан муҳоҷирини ғарму Кангурту Балҷувон ташкил медоданд. Маҳаллаҳошон дар алоҳидагӣ қарор дошт. Аммо нуфуси ғармиҳо нисбат ба кӯлобиҳо зиёдтар ба назар мерасид. Аз ин ҷост, ки раиси хоҷагӣ аз намояндаи ғармиҳо интихоб мешуд. Кӯлобиҳо вазифаҳои поёнтарро ишғол мекарданд, масалан, бригадир, ёрдамчии бригадир ва дигар вазифаҳое, ки чандон мустақилият надоштанд. Дар роҳбарияти мактабҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ чунин нобарорӣ ба назар мерасид. Бо вуҷуди ин бошандагони хоҷагии «Пахтакор» дӯстона рӯзгор медиданд, тӯю нишастҳояшон муштарак буд, духтар медоданд, духтар мегирифтанд. Яъне, омезиши муҳоҷирони ғарминву кӯлобӣ ва дар ин замина хешу таборӣ рӯ ба инкишоф меовард. Лаҳзаҳое, ки бо сарварон менишастем, онҳо бо эҳтиром номҳои Маҳмадулло Холову Мирзо Раҳматовро ба забон меовардand. Агар дар хоҷагӣ проблемае пеш меомад, мӯйсафедони ғармӣ, ҳамчун намоянда роҳи пойтахтро пеш мегирифтанд. Чунин ба назар мерасид, ки хурдтарин проблемаро бо машварати мӯйсафедон ҳал менамуданд. Мутаассифона, гурӯҳбозиҳо ҳам мешуд. Масалан, барои аз вазифаи раисӣ дур андохтани Олимов моҷарои сахте сар зад, ки баъд аз дахолати Сталинобод ором гардид. Албатта, банда ягон маҳалро паст заданӣ нестам, аммо мани ҷавон эҳсос мекардам, ки мардуми Ғарм меҳост, ки дар ҳама вазифаҳо намояндагони худро чо ба чо намояд. Ҳол он ки дар хоҷагии номбурда ба ғайр аз ғармиҳову кӯлобиҳо бадахшониҳо, дарвозиҳо, то чое туркманиҳо ҳам зиндагӣ мекарданд. Пӯшида наменмонд, ки ғармиҳову кӯлобиҳо дар баъзе маврид вақти тақсими вазифа нороҳатӣ эҳсос менамуданд. Ба ибораи дигар, нишонаҳои маҳалгарой дар ҳолати оғозгирӣ қарор доштанд. Ё ин ки хоҷагии «Калинин» ба пуррагӣ таҳти тасарруфи мардуми Вахё қарор дошт. Ин падида воқеият ҳам дошт, зеро ҳафтод дар сади бошандагони онро муҳоҷирини Вахё - ноҳияи собиқ Сангвор ташкил медод. Дар ин хоҷагӣ як бригадаи ғармиҳо ва як бригадаи туркманиҳо ҳам фаъолият менамуд, аммо онҳо боиси

мочароҳои дохили хочагӣ намешуданд, зеро раиси он Гардиев Гулмурод хеле роҳбари бамулоҳиза ва фарҳангӣ буд ва ҳама аъзоёнашро «ба як чашм медид». Хочагии «Якуми Май»-ро асосан туркманҳо соҳибӣ мекарданд. Ин хочагӣ ба куллӣ ором ба назар мерасид. Чавононе аз ин қавм дар мактаби Чилликӯл мехонданд, ки хеле лаёқатманд буданд. Аксарашон ба мактабҳои олии Тоҷикистону Ашқобод дохил мешуданд. Аз ҷумлаи онҳо духтурони хубе тарбия ёфта, дуюмбора ба Чилликӯл меомаданд. Чӣ чойи шубҳа аст, ки директори калонтарин мактаби Чилликӯл туркман буд ва ба ин забон синфҳои алоҳида амал мекарданд. Такроран мегӯям, ки Чилликӯлро бо маҳаллаҳои гирду атрофаш метавон интернатсионалӣ номид.

Ривоятеро ҳам бофта буданд, ки кадоме аз душманони Давлати Советӣ дар ҷустуҷуи идораҳои ҳукукӣ қарор доштааст аз ҳеҷ кучои шӯравӣ пайдояш намекунанд. Барои машварат назди И.В.Сталин мераванд ва мавзӯъро барояш арз медоранд. Сарвари давлат чӯбчаи ишоратиашро гирифта, назди харитаи чуғрофии СССР меравад ва баъди чанд лаҳзаи ба харита назар андӯхтан бо нӯги чӯбча нуктаеро мезанад ва мегӯяд: «Ана, чосуси мекофтаи шумо инчост, ки Чилликӯл ном дорад. Ҳатман ӯро аз ин чо пайдо хоҳед кард». Ба асоси супориши И. Сталин дастаи ҷустуҷӯӣ ба Чилликӯл омада хоинро дастгир мекунанд. Истилоҳи дигареро ҳам дар мавриди Чилликӯл истифода мекарданд: «портовий город». Воқеан дар ин шаҳрак аз ҳама гӯшаву канори шӯравӣ намояндагонро дарёфт кардан мумкин буд. Дар кӯчаву бозораш сӯҳбатҳоро бо забонҳои ӯзбекӣ, туркманӣ, қазоқӣ, немисӣ, русӣ, осетинӣ, латишӣ, лезгинӣ ва ғайра ба мушоҳида мегирифтам. Дар ҳамин замина, хонаводаҳо ҳам ба қавму миллатҳои гуногун омезиш ёфта буданд. Барои оила ташкил додан миллат нақше надошт. Дар шаҳрак аз ҳама қавми озодаву ба назму низом немисҳо буданд. Боре немисдухтаре, ки дар шифохона касби духтурӣ дошт, маро ба меҳмонӣ хонд. Хонааш пастак сохта шуда буд, аммо дохили он хеле озода маълумам гардид. Модараш, ки бонуи хонашин буд, чунон сару либоси тоза

ва крахмалу утузада дар бадан дошт, ки дар ҳайрат мондам. Шояд бори аввал мизи аврупоиву тарзи ғизохӯрии онҳоро медидам. Бо ин духтар шабҳои навбатдориаш зиёд сӯҳбатҳо мекардем, ҳарчанд ки аз муносибати ман бо кафкозидухтар огоҳ буд. Барои он ки ман шабҳо танҳой накашам, дар кати паҳлӯи ман истироҳат мекард. Хеле зебо буд. Гардани баланду сафеде дошт. Андак биниаш кӯлула буду бас. Дигар париро мемонд. Ӯ мегуфт, ки ориёй аст ва бо мардуми точик пайванди решай дорад. Он рӯзи меҳмонй бароям ғизои махсуси тарзи олмонй омода сохт, ки аз гӯшти сирзадаву нарм иборат буд. Вакте ки он ғизои болаззатро нӯши ҷон мекардам, ӯ бодиққат сӯям менигарист ва шояд барои бо иштиҳои баланд хӯрданам, завқ мебурд. Баъд аз ин ки ғизоро поку покиза хӯрдам, пурсид: «Худойназар, фахмидй, ки гӯшти чй буд?», «Албатта, гӯшти барра буд»,- гуфтам. Духтар бозавқ ханда сар доду «не» гуфт «ин гӯшти хукбача буд, ки ту хӯрдан намехостй». Дид, ки чеҳраи ман тағйир ёфт, гуфт: «Ҳеч ташвиш нашав, гӯшти хук ба дардат даво хоҳад шуд. Бесабаб нест, ки ба силкасалҳо равғани рӯйдилии хук пешниҳод мекунанд». Аз ин баъд намепурсидам, ки ғизояш аз чй гӯштест? Бори аввал дар хонаи духтари олмонй гӯшти хук хӯрдам ва ҳеч тавофуте миёни ону гӯшти гӯсфанд надидам. Шояд он рӯз нахустин буд, ки худро дар муҳити фарҳангии аврупой медидам. Духтари олмонй, воқеан дилрабо буду меҳрубон ва навозишгар, аммо тақдир бандаро сӯйи дигар кашола кард. Баъд аз оиладор шуданам ҳам гоҳе ба хонаи он олмонидухтар меҳмонй мерафтам. Афсӯс, ки чанд соле баъд ба ватани бобояш кӯч баст. Соате чое нишастему баъд гуселаш намудам. Акнун пушаймонам, ки чаро суроғаи олмонишро нагирифтам. Боз ҳам тақдир гунаҳкор аст. Исмаш Мария буд, ки Майрамаш мегуфтам. Ҳамон даврон буд, ки одатҳои аврупоиву шаҳриро ёд гирифтам. Ин ҳам як тачрибаи рӯзгор ва дониши тозае буд, ки дар шаҳраки Чилликӯл аз бар намудам. Аз он духтари олмонй, аз чашмони сабзу гунаҳои сурху гардани сафеду андоми дилфиребаш хаёлоти ширини чавонй дар дилам бокй монд.

ҚИБЛАГОҲ БА ҶИЛЛИКӮЛ ОМАД

Ду сол сипарӣ шуд. Хостам, ки таътили тобистонаи соли хониши 1962-ро дар Ҷилликӯл гузаронам. Чоште ба сақабозӣ машғул будам, ки «падарат омадааст» гуфтанд. Зуд хона рафтам. Падар болои кӯрпача такя зада, бо Фотима чӣ сӯҳбате дошт. Завҷаам, ки ҳоло точикиро намедонист, машғули оростани дастархон буд. Падарро ба оғӯш гирифтаму хуш омадед гуфтам. Саломатиаш хуб набуд, кунд-кунд месулфид. Маълум, ки бемории силаш боз аз нав рӯ ба инкишоф овардааст. Мақсади омаданаш он буд, ки маро ба тамом хона барад, то ки наздаш касби муаллимиамро идома диҳам. Ба ин хотир якҷоя Колхозобод рафтем ва назди мудири маорифи ноҳия Ҳайдаров даромадем. Мавсуф падарро бисёр ба хушӣ қабул кард ва майлаш гуфт: «Ман писаратонро ҷавоб медиҳам, ҳарчанд ки ба муаллимҳои касбӣ ноҳия зарурат дорад». Дар хона ҳам бо ҳамсарам маслиҳат кардам. Барои ӯ низ ҷойи кор омода буд. Вай метавонист дар шӯъбаи тибби худи маҳаллаи Тосқалъа ба вазифааш идома бахшад. Албатта, розӣ шуд, аммо мефаҳмидам, ки таги дилаш ба ӯ чизи дигаре мегуфт: «Он чо деҳ аст. Ту духтари аврупой ҳастӣ, забонро намедонӣ. Хешу акрабо ва ҳамсоягон чӣ мегӯянд?» Ман дигар илоҷе надоштам. Наметавонистам, ки амри падарро ичро накунам. Натиҷа он шуд, ки соли хониши 1962 бо маорифи ноҳия ва мактаби Киров ҳисобҳоро баробар кардаму ҷониби хонаи падарӣ роҳ пеш гирифтам. Оилаам муваккатан дар Ҷилликӯл монд. Ман рафтаму падар дар шифохонаи маркази ноҳияи Восеъ бистарӣ гардид. Аз сабаби он ки дар мактаби 8-солаи Тосқалъа ҳам Асо Содиқро сарваронаш дӯст намедоштанд, дар маорифи ноҳия гуфтанд, ки «ҷой нест, фақат метавонем, ки муваккатан соатҳои падаратро дарс диҳӣ». Падар ҳам розӣ шуд, ки то сиҳат ёфтанаш дарсҳои ӯро дар синфи ду пеш барам. Ҷойи истиқоматиам ҳавлии падар шуд. Аз нахуст рӯзҳои фаъолияти муаллимиам эҳсос намудам, ки

директору чанд муаллими дигар маро хуш надоранд. Дар мактаби номбурда Умар Камолов ифои вазифа менамуд, ки аз навъи Фозил Салимов буд. Ӯ бо падар муносибати бад дошт ва дар ҳамин замина писарашро ҳам намепазируфт. Ҳамзамон муаллими дигаре бо номи Маҳмадалӣ Нурулоев кор мекард, ки аз дӯстони наздики падарам маҳсуб мешуд. Ӯ мудири қисми илмӣ ҳам буд. Вай мисли Асо Содиқ хислатҳои «инқилобгарой» дошт, дар маъракаҳои ташкилдодаи Умар Камолов наменишаст, шароб наменӯшид ва ба назму низоми педагогӣ чиддиёна муносибат менамуд. Рӯзҳои якшанбе ба аёдати падар мерафтам ва вазъи нохубамро дар мактаб барояш нақл мекардам. «Бачам, тоқат кун. Охир, дида истодай, ки ман бистарӣ ҳастам. Дар хона ягон калон нест. Ман мехоҳам, ки дар оянда саробони хона бошӣ» ва ба ҳамин мазмун насиҳатҳо медод. Вале ботини ман бароям чизи дигареро арз медошт: «Ин чо ту инкишоф нахоҳӣ ёфт. Зери таъсири гурӯҳбозиҳои мактаб монда, минбаъд ба мактаби олӣ рафта наметавонӣ. Муҳити кории ноорому чанчолӣ ҳатман касро аз нигоҳи маънавӣ маъюб месозад». Оре, андешаҳои ботиниам дуруст мегуфтанд. Тосқалъа бо мактабаш чойи банда набуд, вале боз ҳам сабру тоқат мекардаму дар ҳавлӣ худро ба баъзе ободкориҳо масруф месохтам. Масалан, дар сарам андешаи заргӯшпарварӣ пайдо шуд. Ҳамроҳи додарҳоям, махсусан, бо иштироки фаъ-олонаи Чумъахон хонаи заргӯш сохтем. Баъзан моҳигирӣ мерафтем. Бо вучуди ин, Тосқалъа бароям деҳаи бегонаеро мемонд. Гузашта аз ин, қабри модарро гум кардам. Раиси хочагии овозадори Ленин Миралӣ Маҳмадалӣ ба хотири кашфи заминҳои корам аз болои мазори Тосқалъа об овардани шуд. Экскаваторчиҳо, ки асосан русҳо буданд, хокро ба як гӯшаи мазор андохтанд, ки дар натича ба масофаи даҳ-понздаҳ метр гӯристонро ба хоки канал пӯшонданд. Аз ин чост, ки қабри модару додарчаям нопадид шуд ва дигар наметавонистам, ки гӯри модарро зиёрат намоям. Фақат, тахмин кардан мумкин мешуд, ки қабр дар кадом ҳиссаи мазор воқеъ аст.

Пагоҳие ба дарс рафтаму то оғози он дар хонаи муаллимон нишастам. Бехотир Умар Камолов даромаду ҳарфҳои носазое ба суроғаи Асо Содиқ гуфт. «Ман медонам чаро туро овардааст. Мехоҳад, ки баъди мурданаш писараш дар мактаби Тоскалъа ҷояшро иваз намояд. Намешавад. Ин мактаб ҷойи Асо Содиқҳо нест...». Ӯро гӯш додаму баъд дари утоқро аз дарун занҷирбанд карда, курсиеро бардошта ба сари Умар Камол задам. Акнун ба қисмати шаттакорӣ мегузаштам, ки вай доду фиғон бардошт: «Ой, мардум, ҳачат диҳед, ки ин авбош маро мекушад». Аз берун садои Маҳмадалӣ Нуруллоев баромад. Вай талаб мекард, ки дарро кушоям. Аммо ба садои мудири қисми илмӣ диққат надода, Умар Камолро ба девор зер карда, буғӣ намуда будам, ки Нуруллоев дарро шикаста дохили утоқ шуду дастони маро аз гулӯи тӯҳматгару ноҳалаф раҳо намуд. Ман берун баромадаму онҳо дар дохили утоқ монданд. Намедонам Нуруллоев ба ӯ чиҳо гуфт, аммо тасмим гирифтам, ки дигар ягон рӯз дар ин мактаб дарс нахоҳам гуфт. Аз ин баъд муаллимону шогирдони мактаб маро дигар хел медиданд. Ҳазар доштанд. Директорро тарсу ҳарос фаро гирифта буд, зеро ӯ низ аз дастаи Умар Камолов буд. Овоза паҳн карданд, ки ман авбош ҳастам ва солҳои таҳсил дар омӯзишгоҳ корам дар кӯчаҳои Кӯлоб муштзанӣ будааст. Ҳоло ҳам гӯё зери кашам рукоятка мегардонам. Сарфи назар аз чунин носазогӯиҳо худро сарбаланд медидам, зеро ҷазои як ноҳалафро дода будам. Умар Камол рӯзи дигараш ба идораҳои расмии ноҳия аз болои ману падарам шикоят навишт. Баъзе муаллимоне, ки бо падарам муносибати хуб доштанду ӯро эҳтиром мекарданд, ба ман суханҳои тасаллобахш мегуфтанд. Файзуллоев ном муаллим боре ба ман гапи ҳакро изҳор дошт. «Худойназар, ту ин чо обрӯ намегирӣ. Мухити мактаб хароб аст. Ин ҷо фақат гурӯҳбозӣ ҳаст. Агар ту ҳам ба ягон гурӯҳ худро бипайвандӣ, тасаввур кун, ки ҳолат ҳамчун як ҷавони умедбахш чӣ мешавад? Агар насиҳати маро қабул дорӣ, боз ба ҷойи пештараат баргард, зану бачаатро ҳам мачбуран ин ҷо наёр...».

Ин муаллим дуруст хулоса бароварда буд. Ман дар ботин чунин накшаро кашида будам. Фақат чашни ноябриро интизорӣ доштам, то ки бо баҳонаи дар рӯзҳои чашн ба зиёрати оила рафтан, дигар бармагардам, балки дар мактаби Киров боз фаъолиятамро идома диҳам. Албатта, чунин ниятро ба касе намегуфтам, вонамуд мекардам, ки таври доимӣ дар ҳавлии падарӣ мемонам. Оилаамро ҳам меораму ин ҷо ҳамшираи шафқат мешавад.

Чашни Ноябр ҳам омад. Барои як ҳафта таътил доштам. Пагоҳие ба хонадони падарӣ хайру хуш намудаму ба иёдати падар рафтам. Падар то сари роҳи калон гуселам кард ва таъкидам сохт, ки ҳар чӣ зудтар ҳамсару духтарчаамро гирифта пас гардам. «Майлаш»,- гуфтам ба падар ва чониби Чилликӯл шитофтам.

БОЗ ДАР МАКТАБИ ЧИЛЛИКӮЛ

Тақдир чунин шуд, ки хоҳиши падарро иҷро накардам. Шояд чунин амал аз чониби банда гуноҳи тозаеро пеш меовард, вале аз тақдир ҳам гурехта намешудааст. Авваллан бо дӯстам Девлох Бердиев маслиҳат кардам. Ӯ низ тавалло намуд, ки дигар ба Восеъ бармагардам, балки аз рӯзи дигар боз дар мактаби Киров ба фаъолият пардозам. Директори мактаб Бекиеви туркман ҳам хушҳол шуд, ки дуюмбора ба мактабаш пас мегардам. Ба ин муносибат номаи пурдарде ба сурогаи падар иншо карда, мавзӯъро ба оиндаи хеш иртибот додам. Узри бисёр хостам аз падар, то ки наранҷаду дуои баде накунад. Ба ҳамин тариқ, чоряки дуюми соли хониши 1962 дуюмбора дар Чилликӯл идома гирифт. Касбам маъқулам буд. Дар мактаб эҳтиромам мекарданд. Муҳимаш он буд, ки шогирдон меназируфтанд ва дар кӯчаву бозор ҳамеша эҳтиромона салом арз медоштанд. Талабаҳои синфҳои руси «Здравствуйте, Худойназар Асоевич» мегуфтанд. Баъзан аз чунин саломдиҳиҳои русбачаҳо шармам меомад. Дар синфи панчуми руси писарбачае мехонд, ки фамилияаш Саша Городетский буд ва дар

ҳамсоягии мо зиндагӣ мекард. Дарси аввал ҳини ошноӣ аз 9 фамилияашро пурсидам. Ба ҷойи ин ки исмашро Городетский гӯяд, «Юрий Гагарин» гуфт. Ҳаминро гуфта буд, ки як мушти обдор ба гарданаш фаровардам. «Ой мама», гӯён болои фарш афтид. Аз ҷой бардоштаму гуфтам: «Повтори, как твоя фамилия». «Городетский, Худойназар Асоевич»,– ҷавоб дод 9. «Вот это другое дело, можешь сесть», гуфтам ба вай. Ин ҳодиса боис гардид, ки аввошнамохои мактаб ба масофаи панҷ-шаш метр дидан замон эҳтиром ба ҷо меоварданд. Ҳарчанд ки ҳодисаро ба рохбарияти мактаб расонда буданд, бинобар ин ки гурӯҳи қайсару беадаб буд, рафтори маро нодида гирифтанд. Давлат Бердиевич ҳам бисёр вақтҳо аз чунин метод кор мегирифт. Муаллими забон ва адабиёт - Муқимов, ҳарчанд ки маъмулоти олӣ дошту нисбати ман дар сатҳи болотар қарор мегирифт, миёни шогирдон чандон манзалат надошт. Шогирдон бо вай мисли ин ки рафиқашон бошад, муносибат карда «ту ту» мегуфтанд. Директори мактаб ҳам муаллимони сахтгирро бештар мепазируфт.

Гузашта аз ин, дар тамоми корҳои ҷамъиятии мактаб иштирок менамудам. Гурӯҳҳое, ки дар пахтачиниӣ рохбарӣ мекардам, ҳамеша ҷойҳои намоёнро ишғол менамуданд. Дар бозиҳои спортии мактаб вомдор будам. Дастаи волейболи мактаби Киров дар Колхозобод миёни мактабҳои ноҳия мақоми аввалро ишғол намуд. Дар ин самт Давлат Бердиев ҳам хеле намоён буд.

Зимистони соли 1962 аз Вазорати маорифи ҷумҳурӣ комиссия омад. Дар ҳайати он Музаффаров Мирзобадал гуфтани шахс ҳам буд, ки ихтисосаш муаллими забон ва адабиёти точик будааст. Вай хеле бо воҳима с9ҳбат мекард. Салобаташ аз чуссаи бузургаш шаҳодат медод. Марде буд саркалон ва тақрибан ду метр қад дошт.

Аз нахустин с9ҳбаташ фаҳмидам, ки дағал аст ва саводи кофӣ надорад, балки воҳимаангезиаш 9ро назди дигарон «боманзалат» нигоҳ медорад. Пагоҳие мехостам ба дарси забони точикӣ дар синфи панҷи руси дароям, ки пайдо шуду

ба дарсам даромад. Пушти сари шогирдон нишаста, гуфтаҳои муаллимро чиддиёна ёддошт карду изҳор дошт, ки бегоҳӣ бахши мураббигиамро дар интернат санчиданӣ аст. «Ба чашм»,- гуфтам ба меҳмони душанбегӣ. Бегоҳӣ барвақттар сари вазифаи интернатиам омадам, ки Мирзобадал Музаффаров аллакай он чо ба фаъолият пардохтааст. Ба ҳучрае даромадем, ки бӯйи пешоб доду ӯ катҳоро чапаву роста карда, дар натича кати пешобдорро пайдо намуд. Дарҳол дафтари ёддошташро кушода чизе сабт кард. Ҳамин буд, ки пагоҳии дигар директори мактаб Бекиев ба наздаш даъватам намуда, фақат як саволро пеш меовард: «Почему так». Мавсуф калимаи «так»-ро «тақ» талаффуз мекард. Фаҳмондам, ки он бача бемор аст, чӣ вазифаи ман аст, ки то субҳ болои сараш нишинаму ӯро ҳар лаҳза бедор созам, то ки пешоб накунад? Бекиев хуб гӯш андохту «Вообще-то, Асоев прав...» -гуфту идомаи сӯҳбатро бо М.Музаффаров лозим надонист. Моҳе нагузашт, ки дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» мақолаи М.Музаффаров рӯйи чоп омад, ки мактаби Кировро сахтакак афшонда буд ва чое исми банда низ ба назар мерасид. Дар мақола тарзи дарсгӯии муаллими забон ва адабиёт Мукимов чиддӣ танкид мешуд. Мукимов рӯзномаро дар даст дошта мегуфт: «Ин тӯҳмат. Он нохалаф иншоҳоро нодуруст санчидааст. Ман ба ин сатҳ иншо надоштам» ва дигар худсафедкуниҳоро ба аҳли мактаб фаҳмонданӣ мешуд. Дар ботин меандешидам, ки «охир, худсафедкунӣ чӣ лозим. Музаффаров дуруст эродҳо гирифта буд-ку!». Албатта, Бекиеви мо, ки дар вазорат одам дошт, он мақола ӯро бадном сохта натавонист.

Дар рӯ ба рӯйи бинои мактаби асосии Киров боз як бинои дигар қарор дошт, ки он чо синфҳои ибтидоӣ - синфҳои яку се якчоя мехонданд. Ман ба онҳо дарс медодам. Дар синфи як бачае мехонд, ки исмаш Султон Ҳамадов буд. Ҳар пагоҳӣ ки меомад, дар назарам сару либос ва тозагиаш чандон мувофиқи талабот набуд. Пагоҳие ӯро танбех додам, ки минбаъд сару гарданашро бо собун шӯяд ва барои пок кардани оби биниаш дастрӯймолеро бо худ

бигирад. Гузашта аз ин танбалӣ дошт ва сари вақт дарсҳоро тайёр намекард.Ин танбеҳ боис шуд, ки пагоҳии дигар падараш ба мактаб омад. Ӯ марди баландқомату мӯйлабдоре буд. Султон аз муаллимаш шикоят кардааст, ки бесабаб ҷангаш менамудааст. Баъд аз сӯҳбат акаи Ҳамад фарзандашро рост ба пой нигоҳ дошт ва гуфт: «Муаллим, аз ин рӯз иборатан, Султон дар ихтиёри шумост, пӯсташа ки канӣ, чизе намегӯям, фақат хоҳиш, ки хонад, мачбур кунед, ки хонаду одам шавад...». Ин ҳарфҳо гуфту аз банда узр хоста рафт. Султон бо сари хам худро шарманда эҳсос мекард, ки бечо аз болои муаллимаш ба хонадон шикоят намудааст.

Акаи Ҳамад дар заводи пахтаи Чилликӯл касби тарозукашӣ дошт ва зиндагиаш ҳам ба назму низом буд. Марди фарҳангдӯст маълумам гардид. Ӯ ҳар кучо, ки медид, аз ҳоли писараш пурсон мешуд. Вокеан, аз он рӯз баъд Султон ба яке аз шогирдони аълохон табдил ёфт. Сару рӯяш ва либосҳояш ҳам дигар шуданд. Дар ҳамин синф бачаи дигаре мехонд, ки аз кангуртиҳо буду сари калони харбузамонанд дошт. Аз ҳама шогирди танбал ва чиркин буд. Рӯзе асабӣ шудаму як шаппотӣ ба сараш задам. Калааш чунон сахт буд, ки чанд ҳафта дастам дард кард. Бо вучуди ин, ӯ ба дарсҳо бетайёрӣ меомад ва дарсгурезӣ мекард. Дар назарам аз ӯ трактортчии хубе тарбия шуданаш мумкин буд. Ногуфта намонад, ки баъди он шаппотӣ хешонаш ба сарам ҳучум ҳам оварданд. Вакте ки вазъияти бачаашонро фаҳмиданд, дигар чизе нагуфтанду рафтанд. Яъне, ман ба касбам чиддӣ муносибат менамудам, то ки шогирдонам вакташонро бечо сарф нанамоянд. Дар ин чода мактаби Асо Содик таъсир гузошта буд. Аз ин чост, ки синфи ман дар мактаби Киров намунавӣ махсуб мегардид ва бисёре аз падару модарон кӯшиш мекарданд, ки фарзандҳояшонро ба синфи банда номнавис намоянд.

Таврe ки пештар аз вай ном бурдам, ӯ ҷавоне буд хатмкардаи Институти тиббӣ дар тахассуси касалии сил. Ҷаид муддат ин ҷо тачриба омӯхт ва баъд аз хатм вайро боз ба Ҷилликӯл фиристонданд. Банда таҳти назорати бевоситаи ин духтури ҷавон қарор доштам. Вақте ки ба духтари кафкозӣ издивоҷ кардам, дӯстиам бо Шамсиддин оғоз гирифт. Мавсуф аз мардуми Ванҷ буда, хонаводааш дар воҳияи Қумсангир зиндагӣ менамуд. Модараш ӯро хеле ҷавон ба духтаре аз ватандорхояш хонадор намуда, соҳиби духтарчае ҳам буд. Соли 1961 сардухтури бемористони сил Попова Т. Н. ба нафақа баромаду ба таври ҳамеша Тоҷикистонро тарк гуфт. Ба ивазаш духтури ҷавону мутахассиси соҳа Шамсиддинро таъин кардаанд. Дар шаҳраки Ҷилликӯл ва ноҳия обрӯ гирифт, ҳама фақат исми Шамсиддин Сайфиддиновичро ба забон меоварданд. Духтарони зебову бешавҳар аз атрофаш дур намешуданд, мехостанд ба доми хеш афтонандаш. Ҳавлиеро ҳам барояш доданд. Рӯзе завҷааш ба духтарчааш кӯчонда овард. Духтарчааш чингиламӯю ширинрӯяке буд. Бо як дидан кас гумон мекард, ки сари Шамсиддинро кандаанду ба духтарчааш часпондаанд. Ҳамсараш ҳам бонуи хушандому зебочеҳра ва монанди худи Шамсиддин малламӯй буд. Зани хеле маданӣ ва хушрафтор. Аз эшонзодаҳои Ванҷ буда, шаробнӯшиву маъракаороиҳои Шамсиддинро намепазируфт. Амали шавҳараш, ки шахси улфати буду нишастҳои дастачамъии мардону занонро меписандид, боиси муноқиша дар хонадон мегардид. Гохе, ки бо Шамсиддин танҳо мемондем, шикоят аз он мекард, ки модараш барои вай як духтари нохондаву бефарҳангеро ҳамсар сохтааст. Акнун ки дар вазифаи баланде қарор дорад, дӯстонашро дар хона ҷамъ карда наметавонад ва занаш онҳоро хушомадед намегӯяд. Яъне, дар дил орзӯи завҷаи ихтисосманду босаводро мепарварид. Ман тарафи занашро мегирифтам

ва гӯё насиҳаташ мекардам, ки аз чунин ҳамсари хушодил ношукрӣ накунаду эҳтиромашро ба ҷо орад. Ӯ мегуфт: «Худойназар, ту намефаҳмӣ. Ҷаро худат духтари кишлоқи нагирифтӣ?». Ин ҳолат он духтароне, ки дӯстам медоштанду тақдир набудааст пеши рӯям меомаданду хомӯш мемондам.

Соли 1962 бонуе аз миллати украин барои кори духтурӣ ба шифохонаи сили Ҷилликӯл омад. Он духтур ҳам акнун Институти тиббиро хатм карда, бо роҳхат ин ҷо омада буд. Ҳамкории ӯ бо сардухтур дар як муҳит оғоз гирифту Шамсиддин вайро ба ҳар кучо мебурд. Ман эҳсос менамудам, ки оқибат ин бону боиси вайронии оилаи Шамсиддин мешавад. Аз ин ҷост, ки акнун Шамсиддин зуд-зуд завчаву духтарчаашро назди модарашу бародараш Қумсангир мефиристонд. Навакак ба сардухтур мошини навъи «Шкода» дода буданд, ки он ҳамеша дар роҳи байни Ҷилликӯлу Қумсангир рафтуомад дошт. Табиист, ки дар набудани ҳамсараш он бонуро, ки исмаш Тамара буд, дар ихтиёри худ қарор медод. Ин ҳолатро дӯстонаш Аъзамҷон, Девлох ва дигарон медиданду Шамсиддинро насиҳат кардан мешуданд, ки хато хоҳад кард. Аммо Шамсиддин ба он дарача мафтуни украиндухтар шуда буд, ки гӯшҳояш ягон насиҳатро намешуниданд.

Шамсиддин ба муносибати зодрӯзаш маъракаи калоне орост. Раисон, сармуҳосибон, мудирони анбор, сардухтурон ва чанд тан аз дӯстони ҷилликӯлиаш бо ҳамсарҳошон иштирок карданд. Ошпазҳо оварда буд. Шароб фаровон, мусиқӣ дар ҳаво, рақсу бозӣ чангро ба осмон мехезонд. Нишасти воқеӣ шуд. Шамсиддин дар ҳузури завҷааш бо Тамара рақси аврупоӣ мекард. Ҳамкоронаш бошанд, аз рақси сардухтурашон ҳаловат бурда, "браво Шамсиддин Сайфиддинович"- мегуфтанд. Ин таърифҳо роҳбари ҷавонро боз ҳам бо чуръат месохту худро дошта натавониста дар шоҳидии меҳмонон ба лабони Тамара бӯсахо мезад. Табиист, ки дар ин рақси дастачамъӣ ману завҷаам ширкат надоштем, балки дар гӯшае нишаста, мардону занони мастро тамошо мекардем. Он бегоҳӣ муовини раиси ҳукумати ноҳияи

Колхозобод Бахриддинов ҳам дар базм иштирок дошт. Ў марди хушчехраву улфатӣ ва майзадае буд. Меҳмони ҳукумат маст шуду чашмаш ба завчаи Шамсиддин афтод ва чониби ў харфе парронд. Ин ҳолатро Шамсиддин ба мушоҳида гирифту меҳмонро ҳақорат дод. Бо ҳамин маърака вайрон шуд. Бахриддинов аввалтар аз ҳама хонаи Шамсидинро тарк карданӣ шуд, ки Шамсиддин пасаш баромада, ба таъкиби ў пардохт. Ману Аъзамҷон ва дигарон Шамсиддинро доштем ва нагузоштем, ки аз акиби меҳмон Колхозобод равад. Шароб корашро карда буд. Як-як меҳмонҳоро гусел намудем. Шамсиддин дар хонааш бо завчааш монд. Ман то як ҳиссаи роҳ рафтаму боз пас гаштам. Андешидам, ки Шамсиддин ба сари завчааш кадом балоеро наёрад. Пушти дарвоза расидам, ки аз даруни хона садои завчааш бо гиряи дилхароши духтарчааш, ки шояд се-чор-сола буд, ба гӯшам расид. Бадбахтона дарвозаи берунро занчир карда буд. Ҳарчанд ки «Шамсиддин, Шамсиддин, кушо ин ман, Худойназар»- гуфтам, вай ҳамоно завчаашро мушткорӣ дошт. Илочи дигар наёфтаму аз болои девор худро рӯйи ҳавлӣ андохтам. Дарвозаи меҳмонхонаро саросемавор кушода, дудаста Шамсиддинро ба оғӯш гирифтам, то ки дастону пойҳояшро дигар кор фармуда натавонад. Хона аз дуди сигарету болиштҳоро ба ҳамдигар задани Шамсиддину ҳамсараш торикистон менамуд. Духтаракаш дар як кунҷи хона ницаста буду мегирист ва аз модари бечорааш чашм намеканд. Фаҳмидам, ки ин муноқиша дар заминаи рашки Шамсиддин ба амали ноҷои Бахриддинов сар зада буд. Завчааш ба ман мурочиат карда мегуфт: «Охи, ака шумо шоҳид будед, ки ман гунохе надоштам. Он ширхар худаш гап партофт». Хайрият, Шамсиддин каме ором шуду гуфт: «Сағера, хайрият омадӣ, вагарна ин муллодухтара зада мекуштам». Афсӯс, ки дар оила дилсардӣ пайдо шуду рӯзи дигараш боз мошини «Шкода» завчаи Шамсиддинро бо духтарчаи чингиламӯяш чониби Қумсангир бурд.

Шамсиддин чавоне буд, ки ҳамеша хуваш меҷӯшид, ба зудӣ меранҷид ва ҳатто бо ҳарифаш даст ба гиребон мешуд.

Албатта, дар чунин ҳолатҳо "чаноби" шароб гунаҳгор буд. Таврe гуфтам, таҷрибаи ҳар бегоҳи дастаи мо ба ҳочагии Калинин, хонаи раис Г.Гардиев мерафтем. Табиист, ки аз ин тараф раис мошини боркашеро ба ихтиёри мо мегузошт. Баъзе шабҳо шёда, хок то зону Чилликӯл меомадем. Шабе дар хонаи раис то дер бароҳат нишастем. Аъзамчон, Шамсиддин, Отакул, Гева, Девлох, Точмон бо мошини боркаши раис чонибн Чилликӯл роҳ пеш гирифтем. Ҳамагӣ, ба ғайр аз акаи Точмон масту аласт будем. Девлоху Шамсиддин ва Аъзамчон сари кадом мавзӯе баҳс меоростанд. Ман ҳамеша аз мушоҳидакорӣ истифода намуда, ҳамроҳонамро меомӯхтаму рӯзи дигараш, ки ҳушёр шуданд, ба онон камбудихояшонро пеши рӯяшон меовардам. Ба мушоҳида расид, ки ҳарфҳои Шамсиддин ва Девлох боло мерафт ва оҳанги таҳдид ба якдигарро мегирифт. Мешунидам, ки Шамсиддин дар гӯштии худро зӯртар медиду Девлох ҳам ҳамчунин. Ҳарфҳошон онҳоро қаноат намекунонд, ки ба ҳамдигар часпиданд. Чангу хоки рох кам буд, ки боз ин ду чанги болои мошинро хезонданд. Лаҳзае нагузашт, ки Девлох Шамсиддинро бугӣ карда афтоид. Аъзамчону ман дидем, ки онҳо шӯхӣ ие, балки чанг доранд, чудошон сохтем. Аъзамчон гуфт: «Шарм намедоред, ду марди зану кӯдакдор бача барин чанг мекунед». Аз дахони ҳарду кафк мепариду ҳамоно якдигарро маломат мекарданд. Дар ҳақиқат, Шамсиддин ва Девлох шахсони тунду тез буданд, ба эҳсосот дода мешуданд. Яъне, ҳарду худро зӯру тавоно мешумурданд ва гӯё касе онҳоро мағлуб карда наметавонист. Дар тану тӯш ҳарду як навъ доштанд, аммо эҳсос мешуд, ки дастони Девлох қавитаранд. Меандешидам, ки ин "чаноби" шароб ба чӣ корҳо қодир аст. Боз ҳамагӣ, ки 20-25 ва 30-сола будем бонси тасаллобахшиамон мешуд, ки дар оянда ислоҳ хоҳем шуд. Баъд аз ин ҳодиса мушоҳида мекардам, ки Девлох аз Шамсиддин сахт ранҷида буд. Баъдҳо, ки менишастем, онҳо бо эҳтиёт ба якдигар муносибат менамуданд. Дар миёни мо аз ҳама беш Аъзамчон чавони бафарҳангу ором ва дурандеш

буд. Ў ба оила ва рӯзгори хонаводагӣ хеле содиқ буд. Завчааш ҳам Софиябону зани ҷиддӣ маълум мешуд. Масалан, ў ҳеҷ намехост, ки шавҳараш аз меҳмонӣ дар ҳолати беҳушӣ хона биёяд. Албатта, ин чунин маънӣ надошт, ки Аъзамҷон дар оила озодӣ надошт, балки ин ҷиҳат бевосита мустаҳкамии оила мегардид. Аммо Шамсиддину Девлох ва ман ба ин ҷиҳати масъала камтар мутаваҷҷеҳ мешудем. Завчаи Девлох ҳеҷ гоҳ ҷуръати шавҳарашро танбеҳ додан намекард. Ҳамсари ман ҳам дар ин ҷода аз оилаи Девлох монданӣ надошт. Ман худамро шоҳ медидам ва бештар худамро дӯст медоштам. Бинобар ин нози зан барои ман ҳеҷ қимате надошт. Агар ноҳияе дар чеҳраи завчаам медидам: «Ту нашудӣ дигараш мешавад»,- мегуфтам. Шояд ин камбудии ман буд. Ҷавон ки будам, парвое надоштам. Шамсиддин бошад, дар осмони ҳафтум роҳ мерафт.

Торафт шӯҳрати Шамсиддин афзоиш меёфт. Дар ҳолати мастӣ сари ҷилави «Шкода» менишаст. Рӯзе духтараки зебопайкаре аз Душанбе ба назди Шамсиддин омад. Ба ҷойи ў мо духтарро меҳмон кардем. Бегоҳӣ Шамсиддин расид. Дастархон оростем. Духтар чунон зебо буд, ки дар гулӯяш обро дидан мумкин буд. Ин гуна духтари бадахшии зеборо ҳеҷ надида будам. Дар рӯзгори ҷавонии Шамсиддин бонуи нав пайдо шуд, ки Тамараро ба зинаи дуюм гузошт. Хонаи духтарак дар деҳа бадахшиҳои хоҷагии «Пахтакор» қарор дошт. Шамсиддин чунон ба он духтар ошиқ шуда буд, ки соате бе вай наметавонист. Шабе Шамсиддин хона омаду хоҳиш кард, ки бо ў хонаи духтар равем. Дӯст, ки буд, не гуфта натавонистам. Рафтем. Ду-се километр роҳ буд то он деҳа. Ба деҳа даромада будем, ки сагҳои чупонӣ ба пешвозамон баромаданд. Манзили духтарро пайдо кардем. Бубинед, ки ишқ чӣ қудрате дорад, ки як сардухтур ва шахси шинохтаро нимашаб ба деҳаи торику нообод мекашад, то ки аз ишқаш лаззат бубарад. Духтари бадахшӣ дарвозаро ба рӯямон кушод. Модару падараш хуб пазироиамон карданд. Соате дар хонаи маъшуқааш нишастему нимашаб боз роҳи Ҷилликӯлро пеш гирифтем. Табиист, ки Тамара паст

намеомад ва гӯё он духтари нозанинро намедид ва ҳамон
аз зери бағали Шамсиддин медошту роҳ мерафт. Пагоҳон
мактаб ки мерафтам, аз пешӯям Шамсиддин бо Тамара
мебаромаданд, мисли ин ки зану шӯ гардида будаанд. Бале,
хабаркашҳо навиҳои рӯзгори Шамсиддинро ба Қумсангир
мерасонданд. Аз ин ҷост, ки зани қонунии Шамсиддинро
дигар дар ҳавлии ҷиллик ӯлиаш намедидам. Афсӯс
мехӯрдаму чизе гуфта наметавонистам. Зеро Шамсиддин
дигар аз касоне набуд, ки ба насиҳати дӯстон эҳтиёҷ дошта
бошад. Рафторҳои чавонӣ ӯро ба ҷониби ишқварзиҳо кашида
буд, то он вақт ки қаноат ҳосил кунад. «Магар ишқ қаноат
дорад?», - мегуфтам дар ботин. Чавонӣ имкон намедод, ки
чавоби дуруст дарёбам. Дӯстон низ дар ҳамин андеша
буданд. Чанд муддат миёни духтари бадахшӣ ва украин
мубориза идома ёфту баъд ба фондаи духтари украин ҳал
гардид.

ҲИКОЯТИ ОХИРИН АЗ ҶИЛЛИКӮЛ

Соли нави 1963-ро ҳам дар Ҷиллик ӯл пешвоз гирифтам. Чоряки нави хониш оғоз ёфт. Рӯзгори оилавӣ якнавохт пеш мерафт. Фотима роҳраваку гапзанак шуда буд. Вақтҳои фароғат бо ӯ машғул мешудам, ҳарчанд ки хешро дар либоси падарӣ чандон эҳсос намекардам. Ширинии фарзандро ҳоло ҳам дарк наменамудам.

Пагоҳие дар хонаи муаллимон нишаста, маътали зиёд даромад будам, ки яке аз муовинҳои директор, ки бонуе аз қавми осетин буд, баидаро ба он маломат сохт, ки омӯзишгоҳро тамом кардаам, на институтро. Он рӯз гапи ҳардуямон гурехт, ҳол он ки хуб маълумот дошт, ки завҷаам аз қавми ӯст. Баъдтар фаҳмидам, ки ӯ аз бахилиаш нисбати ҳаммиллаташ чунин муносибатро раво дидааст. Худи ӯ, гӯё кадом институти педагогиеро дар Россия тамом карда, вале нусха аз диплом дар байни ҳуччатҳои ба идораи маориф пешниҳодкардааш мавҷуд набудааст...

Баъд аз таънаи он бону, ки гӯё маълумоти олӣ надорам, мавзӯи ба ягон мактаби олӣ дохил шудан ба сарам зад. Аз ин ҷост, ки китобҳои химия, физика, биология ва адабиётро ҳамеша бо худ гирифта, барои соли хониши 1963 тайёрӣ медидам. Азбаски бемории падари худро ба мушоҳида гирифта будам, мақсад гузоштам, ки дар оянда духтур шавам.

Ба ин хотир дар баъзе дарсҳои синфҳои болоӣ иштирок мекардам ва дониши омӯзишгоҳиямро такмил мебахшидам. Завҷаам ва дигар духтурони ошноям ҳам тасвия доданд, ки ба Институти тиббӣ равам. Ба ин восита мехостам, ки ҳам падарро ҳаҷоти диҳаму ҳам хешро. Аз ин ҷост, ки моҳҳои май ҳуҷҷатҳоямро барои Институти тиббӣ омода сохта, аввалҳои июн роҳи Душанберо пеш гирифтам. Дар хонаи холаам ҳам ин ниятро пазируфтанд. Пагоҳие ба даргоҳи Институти тиббӣ сар задам ва ҳуҷҷатҳоямро ба хушӣ қабул карданд. Дар ин маврид аз падар маслиҳате нагирифта будам. Аз ин рӯ, Тоскалъа рафтам ва қиблагоҳро огоҳ сохтам, ки мехоҳам духтур шавам. Падар ҳарфҳоямро шунидан замон, «кори хуб накардӣ писарам. Ин ҳоле, ки духтурон доранд, он ифлосие, ки онҳо сару кор мегиранд, ягон инсон чунин рӯз надорад. Рав ҳуҷҷатҳоятро аз он ҷо гиру ба ягон мактаби дигар супор...». Бо падар баҳс оростанро раво надида дуюмбора Душанбе омада ҳуҷҷатҳоямро аз Институти тиббӣ пас гирифтам. Шахси мутасаддӣ ҳеле насиҳатам кард, то ки ҳуҷҷатҳоямро нагирам. Ӯ мегуфт, ки се сол собиқаи корӣ дорам, бароямон ҳамин навъ довталабон зарурат доранд, пушаймон мешавед, гуфт дар поёни сӯҳбаташ он шахс. Ба эшон фаҳмондам, ки мефаҳмам, аммо чӣ ҳам мекардам, қиблагоҳ розӣ нест. Он рӯз дар фикри он будам, ки боз ба кучо ҳуҷҷат супорида метавонам. Мактабе лозим буд, ки он ҷо хонда тавонам. Аз Институти тиббӣ пиёда-пиёда андешакунон то назди бинои Донишгоҳи давлатӣ омадам, ки довталабони зиёде атрофи эълонномаи тахассуси донишгоҳ ҷамъ омада, ҳар кадом ихтисоси хостаашро интихоб дорад. Ман ҳам сарамро байни

-китфону сарҳои дигарон халонда, ихтисоси ба худ лозимаро байни сатрҳои эълоннома чустам. Чое хондам: «факултети забон ва адабиёти точик», имтиҳонҳояш: иншо (хаттӣ), забон ва адабиёт (даҳонӣ), таърихи СССР (даҳонӣ). Инҳо фаиҳое буданд, ки дар омӯзишгоҳи педагогӣ хуб таълим дода мешуданд. Аз чавоне чойи ҳуччатсупориро пурсидам. Ӯ чавоб дод, ки «ана ба ҳамин бино дохил шаведу бо зинаҳо қабати дуюм бароед. Он чо толори калоне ҳаст, ки ба ҳама ихтисосҳо ҳуччат қабул менамоянд». Дохили толори бузург шудаму дар гӯшае чашмам ба чавони хушандоми бурутие бархӯрд, ки ҳуччатҳои довталабони ихтисоси номбурдаро қабул мекард. Наздаш довталабе набуд. Дар рӯ ба рӯи он чавон қарор гирифта, салом арз намудаму ҳуччатҳоямро дароз кардам. Ӯ бо чеҳраи кушод ҳуччатҳоямро аз дастаи гирифту ба ҳар ҳуччат назар андӯхта, «Эҳе, Худойназар, мо ҳамсабақ будем-ку. Ман ҳам омӯзишгоҳи педагогиро тамом карда ба ин чо омадаам» гуфт. Нахустин ошноӣ бо он чавони хушмуомила, ки ҳоло на исмашро медонистаму на насабашро, майлу хоҳиши маро боз ҳам афзуд ва худро сарбаланд медидам,ки ба факултети забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатӣ ҳуччат супоридаам. Дар поёни сӯҳбат он чавонмард фаҳмонд, ки бистумҳои июл дар Душанбе бошам, зеро консултатсияҳо оғоз меёфтаанд. Ба чавон ташаккур гуфтаму сӯйи Ҷилликӯл роҳ пеш гирифтам. Шабу рӯз ба мутолиаи китобҳои дарсии адабиёт ва таърихи СССР машғул гардидам. Омодагӣ барои супоридани имтиҳонҳои қабулшавӣ ду моҳи таътили соли 1963 дар муҳити гарми Ҷилликӯл идома ёфт. Бо дӯстон нишасте омода намудаму дуо гирифтам. Бистумҳои июл ба умеди донишҷӯи факултети филологияи Донишгоҳи давлатӣ шудан пойтахт омадам.

ФАСЛИ ЧОРУМ

Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин

ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Душанбе дуӯмбора соли 1962 чун номи маркази Ҷумҳурии сотсиалистии Тоҷикистон ба расмият даромад. Аз соли 1929 то ин дам пойтахти Ҷумҳурӣ Сталинобод ном дошт. Бар асари ин ки И.В.Сталинро ба шахспарастӣ маҳкум карданд, номашро аз ҳама ҷо бардоштанд. Ҳарчанд ки ба Душанбе борҳо омадааму ҳафтаву моҳҳо зиндагӣ кардаам, акнун Душанбе маро ба сифати довталабе, ки мехоҳад донишҷӯ шаваду тақдири баъдиашро ба ҳамин шаҳр бахшад, қабул мекард. Баъд аз хатми омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб чунин орзуро дар хеш мепарваридам, аммо се сол ба касби муаллимӣ пардохтан ҳатмӣ буд. Аз ин чост, ки натавонистам соли 1960 ба мактаби олие ҳуҷҷат супорам. Албатта, барои касое, ки дипломи сурх мегирифтанд, иҷозати дохилшавӣ медоданд.

Чунин шахсон Абдукибор Гадоеву Азиз Ҳафизов ва Эмом Қурбонов буданд, вале онҳо низ як-ду солӣ муаллимӣ карда, сипас чуръати дохилшавӣ ба мактаби олиро намуданд. Масалан, Абдукибор соли 1961 ба шӯъбаи таърихи факултети таъриху филологияи Университети давлатӣ дохил шуд. Эмом дар шаҳрчаи Норак ба касби муаллимӣ пардохт. Азиз ҳам соле муаллим шуду баъд ба Институти педагогии Кӯлоб шомил гардид...

Ба ҳамин тариқ, рӯзгори душанбегии банда ба сифати довталаб поёни июли соли 1963 оғоз гардид. Хушбахтона, хонаи холаи Шарифаам, ки буд, заҳмати ҷойи хоб намекашидам. Бистуми июл консултатсияҳоямон дар бинои пазди бозори Шоҳмансур, ки акнун мактаби 65-и Душанбе он ҷо қарор дорад, шурӯъ шуданд. Он сол бинои имтиҳонқабулкунии Университети давлатӣ ҳам дар он ҷо

буд. Атрофи бино панҷара дошта, ба ҳавлии он ба воситаи дарвозаи хурдакаке даромадан мумкин буд. Рӯйи ҳавлии бино чойхонае кор мекард. Бегоҳии бистуми июл, соати ҳафт, дар саҳни ин бино довталабонро ҷамъ намуда, баъд ҳар ихтисосро ба синфхонаҳои алоҳида даъват карданд, то ки консултатсияҳо гузаронда шаванд. Марди яҳудинамои қадпасту аммо сергӯште дар даст баландгӯяк ба забони руси эълонҳоро мехонд. Шунидам, ки довталабоне, ки аз забон ва адабиёти тоҷик ба консултатсия омадаанд, ба қабати дуюм бояд боло шаванд. Дар даҳлезҳо навбатдорон довталабонро аз рӯйи тартиб ба синфхонаҳо ҷо ба ҷо мекарданд. Ман ҳам бо душворӣ аз байни маҳшари довталабон гузашта, ба толори бузурге дохил шудам. Он ҷо 100-150 довталаб менишаст. Ҳамагӣ интизори муаллими забон ва адабиёт будем. Паҳлӯи банда як ҷавони баландқомату қоқинарӯи тӯппипӯш менишаст ва ба ҳар ҷониб гап мепартофт. Ба дарунӣ дилам мегуфтам: «Ин бача шаҳрӣ будагист, ки ин қадар бочуръатона ҳарф мезанад». Дар ҳамин андеша будам, ки марди олуфтае, ки ҳеҷ ба довталаб шабоҳат надошт, ба толор ворид гардид. Пеш аз ҳама ҷавони паҳлӯи ман будагӣ аз чой хест ва дигарон ӯро пайравӣ намуданд. Довталабон рост истода маъталӣ он буданд, ки кай муаллим салом мегӯяд ва ичозати нишаст медиҳад. Он марди босалобат ба ин сӯву он сӯи толор чанд лаҳза нигаристу бошитоб дар қатори охири толор рафта нишаст. Довталабон ҳоло ҳам бо ин ҷавон овора буданду бо ногоҳошон «муаллим»-ро гусел мекарданд, ки муаллими асосӣ кайҳо болои минбар қарор гирифта, оромона вазъияти довталабонро ба мушоҳида мегирифт. Вақте ки довталабон қарор гирифтанд, муаллим салом доду аз аҳли толор савол кард, ки марҳамат ҳар касе, ки саволе оид ба адабиёти тоҷик дошта бошад, метавонад пурсад. Саволҳо бештар ба мавзӯи тарзи навиштани иншо бахшида шуданд. Муаллим дар назарам аз довталабон метарсид, ки ҳеле эҳтиётқорона ҳарф мезад. Дар назарам муаллим иӯҳдабаро менамуд. Охир ин чӣ навъ муаллими университет аст, ки батарс-батарс ба

ҷурсишҳо ҷавоб медиҳад. Тарзи сӯҳбати муаллими консултатсия ба ҷавони паҳлӯям ҳам хуш наомад, ки ба китфаш як маро заду «ҷӯра, чӣ ном дорӣ?»- гуфта савол кард. «Худойназар»,-гуфтам. «Ман Моҳирхӯҷа ном дорам»,- гуфту дасташро сӯям дароз кард. Мо даст додему гӯё аз ҳамон нахустконсултатсия аҳди дӯстӣ бастем. Баъд аз ним соат консултатсияҳо поён ёфтанд. Довталабони зиёде рӯйи ҳавлии бино баромада ҳар кадом кӯшиш мекард, ки зудтар дарвозаи камбарро гузарад. Ману Моҳирхӯҷа паҳлӯи ҳам мерафтем ва мехостем ба дарвоза наздик шавем, ки довталаби лоғарандому зардинае телазанон пеш рафтанӣ шуд. Табиист, ки дуи моро низ тела карда гузаштанӣ шуд, ки Моҳирхӯҷа бо ӯ даст ба гиребон шуд. Он довталаб нисбат ба Моҳирхӯҷа майдатару камқуввattар бошад ҳам, дасти зӯрӣ мебардошт. Аммо он лаҳза садҳо довталабон аз пушти сари мо шитоб доштанд, хоҳу нохоҳ мо ҳам дар ҳамон мавҷ гирифтор шудему бо душворӣ сари кӯча баромадем. Дигар он довталаби зардинаи чангарароро надидам, фақат аз дур «хай, хай» гуфтанашро мешунидему бас. Моҳирхӯҷа ҳам паст намеомад, балки мегуфт: «Сағерара як муштуш мезадум мемурд. Як майда чоидор боз зӯрӣ нишон медиҳаде». Ботини ман мегуфт: «Диққат надеҳ, ин бача ҳам шаҳрӣ аст». Мо ду довталаби тозаошно то назди маҳзаи кунҷи бозор омадему то бегоҳии дигар хайрухуш намудем. Моҳирхӯҷа чониби олами бачаҳо рафту ман ба самти Нагорний роҳ пеш гирифтам. Ҳамин тариқ, ҳар бегоҳӣ ба консултатсия меомадаму рӯзона ба кӯли Комсомол рафта, ҳам оббозӣ мекардаму ҳам китоби адабиёт мехондам. Аввали моҳи охири тобистон оғози имтиҳонҳои қабул буд.

Имтиҳони аввалаамон иншо шуд. Довталабони иншонависро ба ҳамон толори маҷлисгоҳ шинонданд. Мавзӯъҳоро ба тахта нависонданд. Ман ба зудӣ «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавиро интихоб намудам. Синфро муаллими қоқинаи баландқомате назорат мекард. Иншои баъзеҳоро медид, чоеро аз навиштаҳо ислоҳ менамуд. Мавзӯи ҳомбурда бароям душворие пеш намеовард. Бовар

доштам, ки ба баҳои «панҷ» менависам, зеро дар омӯзишгоҳ аз иншо «аъло» гирифта будам. Баъд аз ду-се кас иншоямро ба муаллим супоридаму бо ифтихор бозори Шоҳмансурро тамошо карда, як коса борщ ҳам хӯрдам. Ду-се рӯз сипарӣ шуду дар тахтаи эълонҳои рӯйи ҳавлӣ натичаи иншоҳо баромад. Дар рӯ ба рӯи исмам баҳои «хуб»-ро диданду андак нороҳат гардидам. Чаро «хуб», чаро «аъло» не, худ ба худ савол медодам. Андешаҳоям тасаллоям медоданд, ки «ой бача, ин ҷо омӯзишгоҳ нест, ин ҷо Университет аст. Муаллимони ин ҷо нисбат ба муаллимони омӯзишгоҳ босаводу чиддитаранд. Ин ҷо талабот сахт аст. Гузашта аз ин дар як ҷой ҳашт ҳуччат омадааст. Яъне аз ҳашт довталаб якеашро мегиранд. Ҳафттои дигараш бо сарҳои хам ҳуччатҳояшонро пас мегиранду то соли дигар бо орзуҳошон рӯзгор мебинанд». Бо андешаҳоям бахс оростан нахостаму ба Нагорний рафтам. Язнаам савол кард, ки чӣ баҳо гирифтам. «Чор»,- гуфтам. «Э,зӯр-ку. Дар Душанбе чоргирӣ осон нест»,-гуфта базавқ хандид. Акнун ба имтиҳони даҳонӣ бояд чиддӣ тайёр мешудам. Чор рӯзи дигар адабиётро гӯё об намудам. Дар назарам ба ҳама саволҳои барномаи мактабӣ омода шуда будам. Аз ҳамдарсони омӯзишгоҳиям Эмом Курбоновро дидам, ки довталаби факултети химия буд. Рӯзи имтиҳони аввалро супориданаш мухлисиаш кардам. Имтиҳонаш аз фанни химия буда, дар қабати якуми бино сурат гирифт. Эмом, ки дар Нораки интернатсионалисти муаллим буд, бонуи аврупоиеро ҳам аз ҷумлаи сохтмончиёни аз шаҳрҳои Россия омада ба занӣ гирифта буд.Ӯ сару либоси ачоибе дар бар дошт. Почаҳои шалвараш ҷунон танг буданд, ки бе обу собун шабона онро кашида наметавонист. Мӯйи сараш хам аз доираи меъёри довталабӣ берун ба назар мерасид. Аз ин ҷост, ки сару либоси носози Эмом боиси таваҷҷӯҳи комиссияи имтиҳоноти қабул мешаваду дар ин замина чанд саволе бароянд медиҳанд, ки дар ҷавоб забонаш лол мемонад. Бинобар ин, Эмоми дипломи сурхдор аз химия баҳои ғайриқаноатбахш гирифт. Бо вуҷуди ин ӯ ҳеҷ парвое надошт, ки боиси ҳайронии ман

гардид. Хатмкардагони омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб зиёд ба назар мерасиданд. Хайрулло Сирочев, Абдуқодир Умаров, ки як сол қабл аз камина он даргоҳро хатм карда буданд, ба шӯъбаи филология даъвои довталабӣ доштанд. Тафовут дар он буд, ки ҳам Хайрулло ва ҳам Абдуқодир дар либоси аскарӣ ба консултатсияву имтиҳонҳо меомаданд.

Рӯзи имтиҳони дуюм ҳам расид. Даҳ кас ба қабати дуюм даъват шудем. Синфхонае буд, дар кунҷи чапи бино, ки довталабонро ба он ҷо барои супоридани имтиҳони забон ва адабиёти тоҷик медаровардаанд. Саволнома гирифтаму ба мизе нишастам. Ду савол аз адабиёт буду як савол аз забон. Навбатам омаду назди ду муаллим, ки якеаш аз ҷинси латиф буд, нишастам. Саволҳои адабиётро ҷавоб додам, аммо он бону ба посухҳои ман беэътиноӣ зоҳир намуда, механдид ва ба муаллими паҳлӯяш мегуфт, ки ҳеҷ балоя намедонад. Сипас муаллими забон ба пурсидан оғоз намуд. Чанд саволи иловагӣ доданду «Хай, писари нағз шумо се сол таҷрибаи корӣ доштед, баҳои «миёна» кифоя аст»,-гуфта дар варақаи имтиҳониам «се» гузоштанд. Баҳс кардан нахостам, зеро худам муаллим будам ва чунин амалро як навъ «беадабӣ» медонистам. Баъде, ки рӯйи ҳавлӣ баромадам, ба исми муаллимони баҳогузошта зеҳн мондам: Қаххорова Н. ва Ҳалимов С. Табиист, ки ҳарду муаллим ҳам бароям ноошно буд. Чашмам ба писари тағоиаи Наврӯз –Султон хӯрд, ки зери токи ангур нишаста, маро интизорӣ мекашид. «Чӣ шуд»,- гӯён пурсид. Ғамгинона «се» шуд, гуфтам ба хешбачаам, ки тоза бахши таърихи факултети мазкурро тамом карда буду дар кадом нашриёте ифои вазифа менамуд. Ба назарам мехост бо ягон роҳ ба ман ёрӣ расонад, аммо гапаш намегузашт. Умуман, мавзӯи «тағо» доштан барои ман ноошно буд. Ҳол он ки миёни довталабон мешунидам, ки «тағоҳошон» хуб даводавӣ мекардаанд, то ки ба чиянҳошон баҳои баланд гузоранд. Султон бо шунидани «се» каме асабӣ шуда, як каллаашро ба сӯйе тоб доду гуфт: «Ҳеҷ гап не. Имтиҳони таърихро сахт бихон, вагарна аз конкурс намегузарӣ». Аммо медонистам, ки барои

ман барин довталабони аз истеҳсолот омада конкурс таъсир наметузошт. Муаллимони имтиҳонгир ҳам ин чихатро хуб медонистанд. Ба ин хотир, барои моён «се» кифоя мегуфтанду ба чиянҳои худ «чору панҷ» мегузоштанд. Имтиҳони таърих оғоз ёфт. Вақте ки ба бино медароеду ба дасти рост мегардед, синфхонае ҳаст, ки он ҷо имтиҳони таърихро қабул менамуданд. Деворҳои синфхона бо харитаҳои ҳархела орову торо ёфта буд. Саволҳоям хеле осон ба назар хӯрданд. Саволи аввалам Иван Грозний, дувомаш Ҷанги Бузурги ватанӣ буд. Саволи сеюмаш дар ёдам намондааст. Ба ҳар навъе ки буд ба ҷавоб додан омода шудам. Раиси имтиҳони таърих марди нуронис буд, ки «Асоев, хезед»,- гуфта варақаамро назди ду муаллим гузошт. Ҳарду хуб пурсиданд. Махсусан, якеаш, ки марди саркалон ва фарбеҳе буд, бисёр сахт моҳу солҳои ҷараёни ҷангро мепурсид. Ман нотарсона ҷавоб медодам, вале боз дар чеҳраи пурсандаҳо аломати норозигиро ба мушоҳида мегирифтам. Муаллими ҷавонтараш, ки лаҳҷаи бароям ноошно дошт, «Хай, як се монем»,-мегуфт, аммо каллакалонаш «не, не намешавад, ин бача бетайёрӣ омадааст»,-гӯён баҳс мекард. Ман гоҳ ба инаш нигоҳ менамудаму гоҳе ба дигараш. Тақдирам ҳал шудан дошт. Ниҳоят муаллими каллакалонаш ғалаба карду «ду» монданӣ шуданд. Ҳамин лаҳза буд, ки раиси имтиҳонот ҳамон марди нуронӣ даромаду назди мизи ман қарор гирифта, «Чӣ гап аст, чаро ин бачаро як соат пурсида истодаед?»,-гуфта паҳлӯи ин ду муаллим нишаст. Онҳо якравӣ намуда, раисро қонеъ кунонданӣ мешуданд, ки «ду» гузоранд. Раис аз ҷояш баланд шуду «шарм намедоред, ин бача се сол муаллимӣ кардааст, наход ки бо баҳои «се» намедонад, гиред баҳои мусбат монед»,-гӯён ба ҷояш рафта нишаст. Дар дил гуфтам, хайрияте раис дахолат кард, вагарна ин ду муаллими берахм баҳои ду мемонданду бо ҳамин тақдири довталабиам ҳал мегардид. Онҳо дигар баҳсе наороста, баҳои «се» монданду имзо карданд ва варақаро пешам партофтанд. «Ана маданият»,- гуфтам дар дил, «боз ин чанобон муаллимони

Университети давлатианд. Варақаро ба сарам ҳам мезаданд ҳеҷ ҷойи шубҳа набуд». Он рӯз тақдири довталабон ба лутфи онон иртибот мегирифт, меандешидам вақти ба даҳлез баромадан. Боз Султон варақаро аз дастам гирифту баҳои «се», имзоҳои Темурхонову Боқиевро дида, ҳардуро дар ғоибшон ҳақорати сахте дод. Фақат гуфт: «Ҳардуяш савод надоранд. Темурхоноваш ба ғайр аз хронология чизе намедонад». Ман хомӯшона паҳлӯи Султон қадам мезадаму меандешидам, ки ачаб омодагие ба имтиҳонот, ҳамааш се шуда истодааст. Барои муаллим айб буд, ки баҳои се мегирифт. Боз худро тасалло медодам, ки хайр, ду нагирифтаам-ку. Се ҳам баҳои мусбат аст, хоҳанд нахоҳанд дохил мешавам. Ин муҳим аст. Дониш баъд пайдо хоҳад шуд. Як имтиҳони дигар боқӣ монд, ки аз забони русӣ диктант буд. Боз ба қабати дуюм даъват шудем. Муаллими коматбаланди як чашмаш олус матнеро дикта кард. Баҳои онро эълон надоштанд, фақат рӯзи мандат фаҳмидам, ки «чор» будааст. Ба ҳамин тариқ, натичаи имтиҳонҳои қабулро бо ду «чор»-у ду «се» ҷамъбаст намудам. Баъд аз чанд рӯзи ба поён расидани имтиҳонот эълон шуд, ки фалон рӯз барои аз мандат гузаштан ҳозир шавем. Мандат дар қабати дуюм, дар утоқи кафедраи адабиёт мегузашт. Сараввал маро даъват карданд. Дар хоначаи хурде чор-панҷ муаллими баҳайбат менишаст. Ҳеҷ кадомашро намешинохтам. Даромадан замон ба ҳайати комиссияи мандатӣ салом арз доштa, рост истодам ва маътали саволҳошон шудам. Дар дасти якеаш ҳуҷҷатҳои довталабон буд. Ҳуҷҷатҳо ва натиҷаи имтиҳонҳои маро барои ҳозирин эълон карду сипас гуфт: «Рафиқ Асоев, шумо ду чору ду се доред ва дар истеҳсолот се сол кор кардаед. Ҳарчанд ки баҳоятон паст аст, комиссия шуморо ба хондан дар шӯъбаи ғоибона тавсия менамояд». «Бубахшед муаллим, ман барои шӯъбаи ғоибона ариза надодаам, балки рӯзона мехоҳам бихонам»,- ҷуръат намуда гуфтам. Акнун раис чизе гуфтанӣ буд, ки муаллими сарсафеди айнакие ба раис эътироз нишон дода гуфт: «Турсунбой, ин бача дуруст даъво мекунад. Охир

нишояш «чор» аст-ку. Ин бача дар шӯъбаи рӯзона бояд хонад». Дигарон ба зудӣ муаллими босалобати айнакиро дастгирӣ карданд. Раис ноилоч «хайр, рафиқ Асоев, табрик шумо ба шӯъбаи рӯзона қабул шудед» гуфт. «Ташаккур»,- гуфта баромадам. Довталабони зиёде гирдам карданду саволборон намуданд, ки чӣ мепурсанд. Дохил шудӣ ё не?- аз ҳама беш Моҳирхӯча савол медод. Хурсандиам ҳадду канор надошт. Дар назарам сарам ба осмон мерасид. «Хайрият, ҳамон сарсафеди айнакӣ дастгириам кард, ки донишчӯи рӯзона шудам»,- гӯён бо андешаҳоям рӯйи ҳавлӣ баромадам. Султон хушҳол шуд, ки дохил гардидам. Якчон бозор даромада, борши украинӣ хӯрдем. Султон, ки шахси воқеъбину ростгӯй буд, сирри «бесоҳибиам»-ро ифшо сохт. Гуфт: «Ту бо қувваи худ ин баҳоҳоро гирифтӣ. Он чору панчҳо ҳама бо ёрии тағоҳо ба даст омадаанд. Ман кӯшиш намудам, ки тағогӣ кунам, вале нохалафон гапамро нагирифтанд. Хайр, ман барои онҳо кӣ ҳастам, як корректор...». Ба хешбачаам изҳори ташаккур намудам, ки ақаллан дар ҳар имтиҳонам меомаду соатҳо зери ангурҳои бино менишаст. Шояд бесоҳибиам беҳтар аст, мегуфтам дар дил. Чӣ лозим баҳое, ки ба тавассути касе гирифта мешавад. Падидаи муҳим он буд, ки донишчӯ шудам ва бо сари баланд назди оилаву хонадони падарӣ рафта метавонам. Бо ҳамин рӯҳия аввалан хостам қиблагоҳро шод созам ва баъд ба Чилликӯл рафта хайру хуш кунам. Падар хеле шод шуд ва ҳатто ашки шодӣ сар дод. Муаллимони Тосқалъа як-як хона омада, падарро табрик мегуфтанд. Шояд Камол Умар дар гӯшае аз муваффақияти писари Асо Содиқ хун мегирист. Донишчӯи ягона Университети давлатӣ шудан ифтихор дошт. Ин орзу на ба ҳар кас муяссар мегардид. Ду-се рӯз бо падару бародарон монда, сипас роҳи Чилликӯлро пеш гирифтам. Дӯстони чилликӯлиам ҳам табрику офарин гуфтанд. Ба ин муносибат Давлат Бердиевич зиёфат орост. Рӯзе қабл аз сафари Душанбе хонаи раиси Гардиев рафтем. Раис ҳам изҳори хушӣ намуда, моро бо нону намак қабул намуду бароям роҳи сафеду сарбаландӣ

орзу кард. Ба хулосае омадам, ки то дар Душанбе хоначае пайдо намудан завчаам бо Фотима дар Ҷилликӯл мемонанд. Бердиеву акаи Точмон дилпурам сохтанд, ки аз ҳолашон бохабар мешаванд. Шамсиддин ҳам дар мавриди рӯзгори оила ёрӣ хоҳад расонд. Сиюмҳои август Ҷилликӯлро паси сар гузошта, худро ба Душанбе расондам. Хобгоҳ гирифтан нахостам, балки муваккатан манзили зист хонаи холаамро маъкул донистам. Як рӯз қабл аз оғози дарсҳо ба бинои таълимӣ рафтам, рӯзу соати дарсҳоро ёддошт кардам, чанд дафтари садварака харидам, хулоса ба дарсҳои Университет ҳаматарафа омодагӣ гирифтам...

ФАКУЛТЕТИ ТАЪРИХ ВА ФИЛОЛОГИЯ

Факултете, ки банда соли 1963 донишчӯи он гардидам, бо ҳамин унвон шинохта мешуд. Факултет бо ҳамин ном дар сохтори Университети нахустини чумҳурӣ, ки соли 1948 бо қарори ҳукумати давр ва имзои сарвари он И.В.Сталин таъсис гардида буд, сабт ёфтааст. Он дорои шӯъбаҳои таърих, забон ва адабиёти точик ва шӯъбаи шарқшиносӣ буд. Ман ба шӯъбаи забон ва адабиёти точик дохил гардидам, ки бо номи шӯъбаи филологияи точик низ шинохта мешуд. Ҳамон сол 75 нафар довталабонро барои таҳсил дар ин шӯъба қабул карданд. Шӯъбаи ғоибона ҳам дошт.

Бинои факултет дар кӯчаи Островский 8, рӯ ба рӯи бозори «Зеленый»(ҳозира «Шоҳмансур») қарор дошт. Бино аз ду қабат иборат буд. Дар қабати якум идораи деканат, кафедраи забони форсӣ ва арабӣ, дафтари ташкилоти партиявӣ ва комсомолӣ чойгир буданд. Дар ин қабат ду-се синфхона беш набуд. Кафедраҳои забони точикӣ, адабиёти классикӣ ва советӣ дар ошёнаи дуюм қарор доштанд. Толори мачлис ҳам дар ҳамин қабат буд. Ду самти даҳлези дарозрӯяро синфхонаҳо ишғол менамуданд. Бино дар ду смена донишчӯёнро ба таълим фаро мегирифт. Дар

бастu пагоҳӣ шӯъбаҳои забон ва адабиёти точику шарқшиносӣ мехонданд. Дар шӯъбаи таърих ва факултети забон ва адабиёти рус соати дуи рӯз дарсҳо оғоз меёфтанд. Садорати факултет аз як нафар декан, муовини декан оид ба таълим ва диспетчер танзимгар иборат буд. Шӯъбаҳо ба асоси кафедраҳо фаъолият менамуданд. Масалан, шӯъбаи шарқшиносӣ ду кафедра дошт: форсӣ ва арабӣ. Дар шӯъбаҳои дигар ҳам ду-се кафедра амал мекарданд. Дар шӯъбаи мо кафедраҳои забони точикӣ, адабиёти классикӣ ва адабиёти советӣ мавҷуд буданд.Дар факултет ташкилотҳои партиявӣ, комсомолӣ ва профсоюзӣ амал менамуданд.Ба ибораи дигар, шахсоне ба сифати парторгҳ, комсорг ва профсоюз фаъолият доштанд. Ташкилоти комсомолӣ ҳамон мақомеро дошт, ки ташкилоти партиявӣ миёни кормандони факултет анҷом медод. Яъне, дар факултет парторг ва комсорг баъд аз декан мавқеи аввалдараҷа доштанд.Ташкилоти профсоюзӣ чандон шиноҳта набуд. Ҳамин сохтор дар гӯрӯҳҳои академӣ риоя мегардид. Ҳар гурӯҳ комсоргу профорг дошт. Ҳокимони мутлақи донишҷӯён дар гурӯҳҳо ин ду нафар ҳисоб меёфтанд. Аз нигоҳи сиёсӣ сардори гурӯҳ дар итоати комсорг буд, ҳарчанд ки ин меъёр ичро намешуд, балки ҳарфи сардор байни донишҷӯён таъсири бештар дошт.

Дар шӯъбаи мо ду гурӯҳи курсҳои якум -«А» ва «Б» ташкил гардид. Комсорги факултет донишҷӯи соли сеюм Қурбонов Маҳмуд, ки хатмкардаи омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб буд, дар гурӯҳи «А» Сирочев Хайруллоро сардор таъин намуд, бо ин далел, ки эшон аз сафҳои Армияи сурх ба сифати коммунист баргашта буд. Хайрулло маро ба вазифаи комсорги гурӯҳ пешниҳод намуд. Вай маро аз омӯзишгоҳ мешинохт. Пӯшида нест, ки ҳамон даврои ҳам маҳалбозиву чӯрабозӣ мавҷуд буд. Сардори гурӯҳи «Б» Амиршо Мунавварови колхозободӣ, ки тачрибаи аскарӣ дошт, пазируфта шуд. Комсорги ин гурӯҳ Арчабеков Ҳайит интихоб гардид.

Ҳар гурӯҳ сиву панч нафар донишҷӯро дар бар мегирифт.

Ба ҳамин тариқ, ҳафтаи аввали таҳсил вазифаҳо дар гурӯҳҳо тақсим гардиданд. Ҳафтаи нахуст буд, ки мағлиси курсҳои якум таҳти раёсати декани факултет баргузор шуд. Фаҳмидам, ки деканамон дотсент Турсунбой Неъматзода будаанд, ҳамон шахсе, ки мехостанд маро ба шӯъбаи ғоибона гузаронанд. Мудирони кафедраҳоро ҳам муаррифӣ намуданд: мудири кафедраи забони тоҷикӣ дотсент Додоҷон Тоҷиев, мудири кафедраи адабиёти классикӣ дотсент Шарифҷон Ҳусейнзода, мудири кафедраи адабиёти советӣ Соҳиб Шӯҳратиевич Табаров буданд. Мудирони кафедраҳои шӯъбаҳои шарқшиносиву таърихро низ ба донишҷӯён ошно сохтанд, ки аз онҳо исми Ҳилол Каримовро шинохтам, чун аз алифбои эшон савод бароварда будам. Аз мудирони шӯъбаи худамон номи Ш.Ҳусейнзода, ки китоби «Адабиёти тоҷик барои синфи ҳашт»-ро ҳанӯз дар омӯзишгоҳ хонда будам, боиси таваҷҷӯҳам гардид ва дар дил гуфтам, хайрият дар интихоби тахассус хато накардаам. Бубинед ду муаллифи китобҳои таълимӣ ин ҷо дарс мегӯянд.Шояд муаллифони дигар китобҳо ҳам ин ҷо буданду намешинохтамашон.

Метавон гуфт, ки дар синни бисту дусолагиам донишҷӯйи мактаби олӣ гардидам. Ҳафтаи якум дарсҳои «Назмшиносӣ», «Фолклори тоҷик» ва «Таърихи партияи коммунисти» назаррас буданд. Махсусан, дарси «Назмшиносӣ», ки дотсент Ш.Ҳусейнзода мегузашт, дар назарам хеле чиддӣ менамуд. Рӯзи мағлиси шиносшавӣ аъзоёни комиссияи мандатиро дар шахси Ш.Ҳусейнзода, Д.Тоҷиев ва С.Табаров шинохтам. Зинда бод чунин комиссия мегуфтам дар ботин, ки дар мавриди банда аз адолат кор гирифт. Дарси фолклор ҳам хотирмон буд. Муаллим соати аввал худро дотсент Воҳидҷон Асрорӣ муаррифӣ намуд. Ҳарчанд исми ҳама муаллимон дар ҷадвали дарсӣ зикр ёфта буданд, то шурӯи дарс ва эшонро аз наздик дидан дар шинохташон мушкилӣ мекашидам.

Ҳар муаллим даҳ-бист номгӯи адабиёти иловагӣ тавсия менамуд. Лексияи муаллимонро бо вергулу нуқтаҳояш

...кардам. Барои дониши иловагӣ дар китобхонаи марказии Университет, ки дар дохили бинои асосӣ чойгир буд, худро номнавис намудам. Бинои асосӣ яке аз зеботарин иморатҳои шаҳр буда, дар хиёбони Ленин 17, қомат рост мекард. Илова бар ин, китобхонаи бузурги «Фирдавсӣ»-ро ҳам пайдо карда, китобчаи хонандагиашро гирифтам. Бинои факултет қироатхонаи худро надошт. Мешунидам, ки толори спортиро ба қироатхона табдил доданианд.

Чунон ки гуфтам, аз нахустин рӯзҳои донишчӯй бо Моҳирхӯча унс гирифтам. Мо як ҷо менишастему мегаштем ва ба китобхонаҳо мерафтем ва як ҷо дар ошхонаи бозори «Зелений» ғизо хӯрдем. Панҷ-шаш рӯз баъд Хайрулло бо мо ҳамроҳ гардид. Даҳ рӯз дарс хонда бошем ҳам, ҳоло на ҳамаи ҳамдарсонро мешинохтам. Боз ман, ки хобгоҳ нагирифтам, табиист, ки духтарону бачаҳои гурӯҳамро чандон намешинохтам. Дар ин ҷода Моҳирхӯча фаъолтар буд. Ҳафтаи якум аллакай духтаронро ном ба ном мешинохт. Мешунидам, ки якеашро Гулрухсор ном мегирифту дигарашро Қурбоной, Сабоҳат, Мӯътабар ва Хосияту Рафоат. Инҳо ҳамагӣ духтарони гурӯҳи «А» буданд, ки Моҳирхӯча ба онҳо унс гирифта буд. Аз ҳафтаи нахусти таҳсил ҳамарӯза баъд аз дарс барои пайдо кардани адабиёти тавсияшуда китобхонаи «Фирдавсӣ» рафта, то соати 11-и шаб ба мутолиа ва ёддошт намудани сарчашмаҳо дода мешудам. Соатҳои 12-и шаб хонаи холаам мерафтам, то ки шабамро рӯз намоям. Хайрият, ки хушдомани холаам ҳамеша ҳаққи ғизои бегоҳии маро нигоҳ медошт. Сатҳи зиндагиам хеле паст буд. Аз ҳеҷ кучо ёрдам намедидам, бинобар ин фақат нони чоштро дар ягон ошхонаи арзоннарх хӯрда, дигар кӯшиш мекардам, ки масрафи беҷо надошта бошам.

Се ҳафтаи таҳсилро паси сар карда будам, ки пахта эълон намуданд. Университет ба ноҳияи Шаҳритуз сафарбар шуд. Сару либоси саҳроиро омода сохта, бо ҳамдарсон ба автобусе нишастему чониби Шаҳритуз ҳаракат намудем. Барои Университет тахминан 100-150 автобус фиристода буданд.

Назму низоми харакати автобусхо ба сатҳи баланд назорат мешуд. Сафарбарӣ ба пахтачинӣ, ки дар заминаи қарори Бюрои Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон шиёда мегардид, хеле чиддӣ ба назар мерасид. Аз Душанбе то Шаҳритуз роҳи панҷ-шаш соата буд. Вақте ки ба сарҳади ноҳия расидем, намояндагони хоҷагиҳо факултетҳоро бо худ мегирифтанд ва тақсимот ба ин колхозу ба он совхоз сурат мебаст. Факултети моро ба совхози «Тоҷикистон», ки дар сарҳади Афғонистон қарор дошт, бурданд. Соатҳои панҷи бегоҳӣ назди идораҳои совхоз ва мактаби миёнааш поён шудем. Шахсони мутасаддии Университет, ки се-чор рӯз қабл ба он ҷо рафта омодагӣ гирифта буданд, ҳар шӯъбаро дар биноҳои алоҳида ҷо ба ҷо мекарданд. Чанд синфхонаи мактабро ба шӯъбаи мо доданд. Дар ҳар хона 15-20 касӣ чой гирифтем. Ману Хайрулло, ки вазифа доштем, дар ин самт даводавӣ менамудем. Махсусан, барои духтарон шароити хубтарро таъмин кардани мешудем. Он бегоҳ маркази совхози «Тоҷикистон» ба шаҳр ё бозори серодаме табдил ёфт. Сардории штаби факултетро Рустам Ҷӯраев ном муаллими шӯъбаи мо ба ӯҳда дошт. Дар паҳлӯи эшон чавоне, ки рӯзи аввали консултатсия ба толор даромаду ин сӯву он сӯ назар андохта, сипас пушти сари ҳама рафта нишаст, қарор дошт, ки вазифаи мудири хоҷагиро адо менамуд. Исмаш Рачабалӣ буда, чанд соле дар Университети Ленинград таҳсил карда, бо кадом сабабе ба факултети мо интиқол гирифта буд. Рустам Ҷӯраев ҳам дар Ленинград курси аспирантура гузашта, бо Рачабалӣ шинос шудааст ва акнун, ки сардори штаб таъин гардидааст, Рачабалиро ба ин вазифаи равғанӣ пешбарӣ намудааст. Воқеан, дар зоҳир Рачабалӣ ҳеч гоҳ ба донишҷӯ шабеҳ набуд, балки бо як дидан гумон мерафт, ки ӯ ягон устод ва ё шахси мансабдори Университет аст. Бо ташаббуси ӯ барои донишҷӯён хӯроки шом омода шуда буд. Панҷ-шаш дег бақар-бақар мечӯшид, самоворҳои чой ҳам чандто қаторак буғ мебаровардаанд. Дастаи ҳунарии факултет консерт нишон дод. Он шаб ҳама ба раксу бозӣ дода шуданд.

Фаъолони факултет ба назорат масруф буданд, то ки мӣёни донишҷӯёну чавонони шаҳрак чангу чидол сар назанад. Пеш аз хоб ба ҳар донишҷӯ як фартук доданд ва боз ваъда карданд, ки як рӯз баъд фартуки дуюмро ҳам медиҳанд. Роҳи тӯлонӣ хастаам карда буд, ки барвақт ба хоб рафтам. Субҳ, соати панҷ донишҷӯёнро аз хоб хезонданд. Сачоқро бо дандоншӯяку собун дар даст, ҳар кадом лаби чӯй ва канали сероб қаторак шудем. Сипас нонушта бо хлебу канд рафинад сурат гирифт. Соат шаш нашуда буд, ки бригадирҳо бо мошинҳошон назди хобгоҳҳои мо қатор шуданд. Акнун тақсими гурӯҳҳо сурат гирифт. Ҳар бригадир ду-се гурӯҳиро барои худ интихоб мекард ва серпахта будани заминҳоямонро таъриф менамуд. Қартаҳои замини пахта аз маркази совхоз чандон дурӣ надоштанд. Шояд, як-ду километр рох буд. Бо вуҷуди ин донишҷӯёнро ба воситаи мошинҳои боркаш то сари замин интиқол медоданд. Роҳбари гурӯҳи мо муаллими чавоне таъин шуд, ки бо ӯ ҳини ҳуҷҷатсупорӣ ошно гардида будем. Исмашро Абдуннабӣ Сатторов гуфтанд. Аз нахустин соатҳои пахтачинӣ шахси чиддиву бофарҳанг буданаш маълумам гардид. Ӯ бисёр ором ва бамантику адабӣ сӯҳбат мекард. Лаҳзаҳои пахтаро баркашидан ба дафтараш килоҳоро менавишту офарин мегуфт. Ҳеҷ баландгӯяӣ ва дағалӣ зоҳир намекард. Гоҳе байни қаторҳои пахта даромада, мушт-мушт пахта чида ба фартуки донишҷӯён меандохт. Шахси шармгин ва эҳтиёткор буд. Баъзан назди духтарон ҳам мерафт ва ба оиҳо кӯмак мерасонд. Духтарони гурӯҳ ба ӯ дар ботин ошиқ шуда буданд. Аллакай, фаъолияти кашшофии духтарҳо муайян сохта буд, ки роҳбари мо мучаррад аст. Бисёр медидам, ки ӯ бештар паҳлӯи Гулнисо қарор мегирифт ва оромона сӯҳбат меоросту боиси таваччӯҳи донишҷӯёни зирак мегардид. Ин ҳаҳзаҳо мушоҳидачии чиддӣ Моҳирхӯча буд. «Бубин»,-мегуфт,- «муаллим духтари моро кадрит дорад». Ман мегуфтам, ки Моҳирхӯча ба ин чизҳо диққат надех, Гулнисо бадахшӣ аст, пахта чида наметавонад, бигузор муаллим ёриаш расонад, то ки бегоҳӣ дар летучка росташ намоянд». Хубии маъракаи

пахтачинӣ дар он буд, ки донишҷӯён ба ҳамдигар аз наздик ошно мешуданд, ҳамзамон баъзе муаллимонашонро мешинохтанд. Гузашта аз ин, пахтачинӣ донишҷӯро ҳаматарафа тарбият менамуд, одамшиносаш мекард, захматталабаш менамуд ва ниҳоят барои дар оянда ҳамчун донишҷӯ мондан омодааш месохт. Донишҷӯёни курсҳои болоӣ ба мо мегуфтанд, ки «ҳоло шумо студент нестед, ин маъракаро паси сар намоед, баъд студенти ҳақиқӣ мешавед». Онҳо дуруст мегуфтанд, зеро агар донишҷӯ аз ин маърака саркашӣ менамуд, фармони хоричшавиашро таъчилан миёни донишҷӯён қироат мекарданд. Ҳатто вазирону мансабдорони давлатӣ баҳри фарзандҳошонро аз пахта озод кардан кӯшиш надоштанд. Бесабаб нест, ки пахтачинии дастҷамъиро «маъракаи сиёсӣ» меномиданд, то ки чашми баъзе нописандону бемасъулиятон тарсад.

Пахтачинӣ дар совхози «Тоҷикистон» идома меёфт. Рӯзе гурӯҳи мо бо гурӯҳи таърихшиносон омезиш ёфту ба як бригада рафтем. Чунин шуд, ки ҳини ҷӯякгирӣ донишҷӯён на аз рӯйи гурӯҳ, балки ҳар кӣ аз кучо ки мехост, ҷӯяк мегирифт. Яъне, донишҷӯёни таъриху филология омехта шуданд. Банда, ки аз овони чавонӣ фақат бо андешаҳоям карор доштам, бо сари хам пахта мечидаму худро дар Ҷилликӯл назди Фотимаву завҷаам медидам, дар фикри он будам, ки чӣ рӯзгоре доранд ва дар чӣ ҳоланд. Боз худро назди падари беморам медидам, ки ҳанӯз ҳам месулфид. Ёди хиёбонҳои Кӯлоб мекардаму ҳамдарсони омӯзишгоҳиям, ки чи духтарону чи писарон ба чор гӯшаи минтақа тақсим шуда буданд. Боз андешаҳоям мегуфтанд, ки ҳолам дар Душанбе чӣ мешавад. Бехонагӣ, зану фарзанд, масъулияти падарӣ мавзӯъҳое буданд, ки мудом дар сарам чарх мезаданд. Пурсиши донишҷӯе, ки дар пахлӯям карор дошту механдид, андешаҳоямро парешон сохту бо эшон даст додам ва худро шиносондам. Он чавони гандумгуну бурутӣ ва чингиламӯй ҳам худро муаррифӣ кард: Ман Қурбон ном дорам. Дар курси дуюми таърих мехонам. Аз Фархор ҳастам. «Ҳа, ҳа, Фархор гуфтӣ. Он чо хешу акрабои падарам

зиндагӣ меқунанд»,- гуфтам ба вай. Баъд аз Қурбон пурсидам, ки деҳаи Арча, Попедаро медонад. Карим Худойқулро мешиносад, раиси Қаюмро чӣ. Духтараш Адолат дар дасти писари аммаи ман Абдуғаффор Умаров аст». «Ҳа, ҳа, медонам. Карим Худойқул магазинчӣ аст. Раиси Қаюмро ҳам ҳуб мешиносам. Падарам онҳоро ҳубтар медонад». Бо ҳамин сӯҳбат дар майдони пахта дӯсти наве пайдо намудам. Минбаъд якдигарро медидем ва аҳволпурсӣ мекардем. Вакте ки Қурбон бо Абдукибор ҳамдарси омӯзишгоҳӣ буданамро фаҳмид, дӯстии мо мустаҳкамтар гардид. Абдукибор ду курс аз ман боло дар шӯъбаи таърих мехонд ва комсорги гурӯҳ ҳам буд. Қурбон низ ҳамчунин. Яъне, мо аз чумлаи фаъолони факулет будем. Гузашта аз ин, дар факултет як даста хатмкунандагони омӯзишгоҳи педагогӣ, монанди Шокиров Барот, Қурбонов Маҳмуд, Пиров Хоркаш, Ҳикмат Иззатов, Раҳматшо Каримов, Ҳаким Ойматов таҳсил мекарданд, ки ҳамагӣ иттифоқ будему ба хотири омӯзишгоҳи Кӯлоб якдигарро мепазируфтем. Ба ин даста, Хайруло Сирочев, Абдуқодир Умаров, банда ва боз чанд тани дигар тоза илова шуданд, ки ин чиҳат барои Қурбон бетаъсир намемонд. Шояд ҳамин муҳит буд, ки ӯ бо ман дӯстиашро торафт қавӣ менамуд.

Дар гурӯҳи мо ду-се бачаи андак саркашу танбал шомил буданд, ки дар чараёни пахтачинӣ духтаронро ба худ чалб сохта, боиси кам чидани пахта дар гурӯҳ мешуданд. Хайрулло, ки чавони тануманде буд, дар якчоягӣ бо ману Сайдалӣ Муртазоқулов, Моҳирхӯча, Ҳабибулло Солеҳов одоби онҳоро медод. Масалан, бегоҳӣ, вакте ки мошин барои интиқол додани гурӯҳ меомад, аввалтар аз ҳама Додобоеву Эсанов Султон, Абдуллоев А. ва боз ду-се донишчӯи дигар ба мошин боло мешуданд ва нописандӣ зоҳир мекарданд. Мо мачбур мешудем, ки онҳоро зада фароварда духтаронро болои мошин барорем. Чунин амали мо боис шуд, ки чашми онҳо тарсид ва дигар пешдастӣ намекарданд. Албатта, ба таги дил мо - донишчӯёни тачрибадору аскаридида ва калонсолтарро ҳакорат медоданд.

вале ключе намеёфтанд. Дар гурӯх пахтачинҳои мохир мисли Сайдали, Абдукодир, Ҳабибулло, Гулбӣ, Сабоҳат, Амирҷо, Додарҷон буданд, ки 70-80 килой пахта мечиданд. Ман чандон пахтачиниро дӯст намедоштам, аммо ҳисоби миёнаи гурӯҳро таъмин мекардам. Танбалҳо ҳам доштем. Гулрухсор хеле кам пахта мечид. Ӯ байни чӯякҳо ба мисраъбофӣ машғул буд. Гузашта аз ин, аз Комсомолобод, ки буд, бори нахуст буттаи пахтаро медид. Аз 15-20 кило зиёд чида наметавонист. Доимо баъд аз як фартук чидан байни чӯякҳо ба хоб дода мешуд. Шоира шудани буд, кӯшиш менамудем дар номаш аз ҳисоби дигарон кило гузаронем, то ки дар штаб чангаш накунанд. Гулрухсор рафторҳои кӯдакона ҳам дошт. Ҳар гап, ки ба забонаш меомад, беистиҳола баён медошт. Ҳеҷ дӯст намедошт, ки писаре гапаш партояду изҳори ишқ кунад. Ин ҳолатҳо аз дағалӣ истифода менамуд ва чавони «ошиқ»-ро миёни донишҷӯён шармсор месохт. Чунин муносибатро ба муаллимон ҳам раво медид. Чоште назди тарозуи пахтачинӣ чамъ шудему ба навбат пахтаҳои чидаамонро ба табелчӣ месупоридем. Рустам Ҷӯраев, ки сардори штаб буд, назорат мекард. Гунаҳои Гулрухсор ба он дарача сурхча буданд, ки чашми ҳар бинандаро мекафониданд. Муаллим Р.Ҷӯраев, ки каме шахси шӯхтабиат буд, ба Гулрухсор муроҷиат намуда гуфт: «Гулрухсор, шумо ана ин фартуки пахтаро зератон монда шинед». Гулрухсор бадқаҳр шуду гуфт: «Э, чихелӣ малимӣ. Фартука дар зери худут мон». Гулрухсор, албатта, лутфи муаллимро ба маънии манфӣ фаҳмида буд. Муаллим суп-сурх шуду дигар бо Гулрухсор баҳс наорост. Ман, ки онсӯтар меистодам, Гулрухсор наздам омаду «дидӣ Худойназар, и малим чӣ гуфт. Маданият надорае...». Ман вазъияти Гулрухсорро дида, гуфтам: «Ту муаллимро нодуруст фаҳмидӣ. Ӯ бечора хост, ки ба ту илтифот нишон дихад. Монда шудай ва болои фартуки нарм бинишинӣ». Гулрухсор боз асабитар шуду «аку ту ҳам пушти малима метирӣ, комсорги охӣ, метарсӣ, брае»,- гӯён чониби духтарон рафт.

Ҳанӯз ҳам дар ихтиёри совхози «Точикистон» будем. Рӯзе моро ба самти сарҳади Афғонистон бурданд. Қариҳои пахта барои чинишни мошин тайёр буданд. Аммо бригадир мехост, ки пахтаро бо даст чинанд. Хеле бозавқ пахта мечидем, ки якбора чангу бод хест ва дақиқа ба дақиқа шиддат гирифт ва торафт даҳшатовар шуд, ки дигар аз буттаҳои пахта маълум мешуду на пахтачинҳоро дидан мумкин. Рег сару гардан ва чашмҳомонро пӯшонд. Баъзе духтарони нозукро бо фартукҳои пахташон чанд метрй гел медод. Қиёмат шуд, хулоса. Бачаҳои паҳлавончусса дарҳол ба ёрии духтарон омаданд ва зери шипанге чамъ шуда, ба якдигар худро печондем, то ки қувваи шамол бароя афтондан зӯраш нарасад. Ба ҳамин минвол ду-се соат бо боду баъд бо борон мубориза бурдем. Хайрият, ба касе осебе нарасид. Он лаҳза дилам ба Гулрухсори нозукандом сӯхт, ки дар гӯшае зонувонашро оғӯш гирифта меларзид. Сабоҳати майдача низ ҳолаш аз Гулрухсор беҳ набуд. Пахтачинии онрӯза ба поён расид. Аз штаб таъчилан мошин равон карданд. Вақте ки ба қароргоҳамон расидем, касе якдигарро намешинохт. Чеҳраи ҳама як хел маълум мешуд. Дигар ба қошсиёҳ менамуду на зардинамӯ, балки чеҳраҳо бо реги сарҳад андова шуда буданд. Баъзеҳо ду-се рӯз бистарй гардиданд. Онҳоро сармо зада буд. Пеш аз ҳама Гулрухсоря мо бистарй гардид. Шоирони оянда факултет Аскар Ҳаким, Гулназар, Ҳочимурод, Сайдалй Маъмур, ки як курсу ду курс болотар аз мо мехонданд, ба аёдати Гулрухсор меомаданд. Ин чавонони эчодкор аз маҳфили «Адибони чавон» буданд, ки дар факултет таҳти роҳбарии Соҳиб Табаров амал менамуд. Ин чунин маънй дошт, ки аз Гулрухсор умед доштанд ва бовариашон буд, ки шоири хубе хоҳад шуд.

Ногуфта намонад, ки ин дастаи шоирони шӯъба дар пахтачинй чандон маҳорат нишон намедоданд. Одатан байни замин чамъ меомаданду баҳси шеъру шоирй меоростанд. Миёни ин даста Гулназар Келдй хеле фурӯтан буд. Ором сӯҳбат менамуд ва баъзан шарм фарояш мегирифту мисраҳои сохтаашро гум мекард. Гулрухсор, ки аз як духтараки деҳотй

беш набуд ва рафторхои қишлоқӣ ҳоло бо ӯ буданд, боиси таваччӯҳи дастаи эчодкорон мегардид. Он рӯзҳо ҳама духтарони гурӯҳ Гулрухсорро эҳтиёт мекарданд. Қурбоной, Зӯхро, Рафоат бештар атрофи Гулрухсор чарх мезаданд. Моҳирхӯчаи дӯсти банда низ мудом бо духтарони ноябурда сӯҳбат мекард ва ҳам сари ашъори ҳоло носохти Гулрухсор даъвои мунаққидӣ менамуд. Гоҳе Шоҳҳайдар Ёдгории кадучигӣ низ шеър бофтанӣ мешуду боиси таваччӯҳи Моҳирхӯча мегардид. Аҳмадчон Холмуродов ном чавони аштӣ, ки ҳанӯз ҳам дар либоси ҳарбӣ мегашт, бо хунукгуфториаш мачлиси байни Гулрухсору Моҳирхӯча ва Шоҳҳайдарро хароб месохт. Гулрухсор асаби мешуду «гум шае»,- мегуфт ба Аҳмадчони «мунаққид». Пахтачиний дар гурӯҳи мо бо шӯру магал, сӯҳбату шеърхониҳо мегузашт. Хандаи умумии мо ба дуриҳо рафта мерасид. Дар назарам ҳама сухандон буданд. Бесабаб ин ихтисосро интихоб накардаанд. Боз ҳам банда аз мушоҳидакорӣ кор мегирифтам. Роҳбари мо ҳам, ки чавони адабиётдӯст буду аллакай дар чодаи нақди адабӣ баъзе навиштаҳояшро рӯи чоп оварда буд, аз дур ба баҳси ҳамдарсони ман гӯш медоду механдид ва ба Гулнисои мо чӣ ҳарфҳое иброз медошт. Медидам, ки муносибати муаллим ба ҳамдарси мо торафт ранги чиддӣ мегирифт, ки инро ҳини хӯроки чошту вақти бар кашидани пахта назди тарозу ошкор сохтан чандон душворӣ надошт. Ин лаҳзаҳо аз ҳама падидаи чашмрас нигоҳ аст, нигоҳҳое, ки якдафъаӣ ба ҳам бармехӯранду сипас рӯ ба замин меоранд, то ки пеши пояшонро бубинанд. Албатта, духтарон кайҳо аз сирри муаллиму ҳамдарсашон пай бурда буданд, ки «оҳиста, оҳиста язнаамон омада истодааст»,- мегуфтанд сӯйи ҳамдигар назари дуздона дӯхта. Ҳаршаба мулоқотҳои пушти дарахти муаллимро бо ҳамкурсамон ба мушоҳида мегирифтам. Баъд аз хӯроки шом муаллим бо баҳонае назди хонаи духтарон пайдо мешуду фақат бо як нигоҳ мефаҳмонд, ки берун барояд. Мо ба чунин рафтори муаллиму ҳамдарсамон мамониат зоҳир намекардем, зеро онҳо ба якдигар арзанда буданд. Ҳардуяш ҳам зебочеҳраву

шармгин буданд. Чавонӣ кардан барои арзандаҳо чойи айб надошт. Бегоҳие баъди нони шом «Лайливу Мачнун» ба мулоқоти навбатӣ рафтанду дуртар аз қароргоҳ пушти дарахте ба сӯҳбатҳои ширину тақдирсоз машғул шуданд. Ману Хайрулло, Моҳирхӯчаву Сайдалӣ, Сайдамир, Шаҳбоз, Чӯрабек ва дигар бачаҳои паҳлавончусса рӯйи ҳавлӣ кадом масъалаи ташкилиро ҳал мекардем, ки чавони шахриннамое бо сумкаи пур пайдо шуду аз Гулнисо суроғ кард. Ҳамхонаҳояш гуфтанд, ки «Ӯ хозир ҳамин ҷо буд, камтар сабр кунед, зуд чеғаш мезанем». Табиист, ки духтарон медонистанд, ки Ӯ дар кучост. Аммо он чавони шаҳрӣ тағйири чеҳра карду бехотир чониби он боғча, ки «Лайливу Мачнун»-ро бо шоху баргҳояш панаҳ менамуд, рафт ва онҷоро болои сӯҳбаташон ошкор намуд. Мо низ аз акиби чавони шаҳрӣ рафтем, то ки муаллимамонро дифоъ намоем. Чавони шаҳрӣ чанд сухане ба духтар гуфту аз гиребони муаллим гирифт ва заданӣ шуд, ки Хайрулло чавонро тарафи худ кашид ва хост, ки адабашро диҳад. Ин лаҳза духтари шармсор оби дида рехту чониби қароргоҳ давид. Муаллим аз мо хоҳиш кард, ки ба чавони шаҳрӣ кордор набошем: «Бачаҳо, хоҳиш, назанед». Мо сухани муаллимро фаҳмидему ба чавон иҷозат додем, ки роҳи омадаш пас гардад. Чавон шитобон назди духтар омада, бо асабоният дастовези овардаашро ҳаво доду дар ҳамон торикии шаб роҳи омадаашро пеш гирифт. Ин ҳодиса сирри «Лайливу Мачнун»-и моро ифшо сохт ва ҳатто дар штаб ҳам маълум шуд, ки акнун сардориаш ба Ӯҳдаи Маисур Бобоҳонов буд. Ҳамоне ки каминаро аз дугирӣ дар имтиҳони таърих начот бахшид. Акнун шинохтамаш. Ӯ низ маро шинохта буд, ки медиду андак табассуми маънидоре мекард. Шояд гуфтанӣ мешуд, ки вай одамшиноси хубест. Шояд. Аммо худо накунад, ки дар он шинохташ хато содир шавад, мегуфтам дар дил. Боварии вайро ба ҷо оварданам ҳатмӣ буд. Ба ин хотир, ҳамчун комсорги гурӯҳ фаъолият нишон медодам, то ки сардори штабро ба шубҳа наорам.

Пахтачиниии факултет дар хочагии «Точикистон» идома

меёфт. Торафт зикӣ фишорам меовард. Ба завчаам нома навишта тақозо намудам, ки телеграммае фиристад, то ки маро барои чанд рӯз аз кори саҳро озод кунанд. Баъд аз панч-шаш рӯз телеграмма ба мазмуни ин ки падарам бемор аст, расид ва роҳи Чилликӯлро пеш гирифтам. Ба деҳаи Узун расидам, ки шом шуд. То Чилликӯл даҳ-понздах километр дар пеш буд. Дигар илоче надоштам ба ғайр аз ин ки роҳро пиёда тай намоям. Сари роҳ деҳаҳои туркманнишин бо сагҳои чӯпониашон пешвозам мегирифтанд. Ҷавонӣ имкон дод, ки дар ду-се соат худро соатҳои даҳи шаб ба хона расонам. Аэбаски моҳи октябр ба охир мерасид, тасмим гирифтам, ки дигар ба Шаҳритуз бармагардам. Зеро сеюм-чорумҳои ноябр донишчӯёнро дар чашн ба Душанбе мебурданд. Ҳафтае боз дар ҳалқаи дӯстони чилликӯлиам мондам. Чанд нишасте сурат гирифт. Дар чашни ноябрӣ бояд дар факултет мешудам. Иштирокамон дар расми гузашти ноябрӣ ҳатмӣ буд. Ба ин хотир чоруми ноябр чониби Душанбе ҳаракат кардам. Ҳамин рӯз ҳамдарсонамро аз Шаҳритуз оварда буданд, назди бинои факултет пур аз раскладушкаву матрасу анҷомҳои донишчӯён буд. Анҷомҳои маро Хайрулло бо худ оварда будааст. Ҳар донишчӯе, ки дар шахр иқомат менамуд, бояд мошине киро мекарду чизу чораашро мебурд. Ман анҷомҳоямро пуштора кардаму ба хонаи холаам рафтам. Шашуми ноябр ҳаммомҳои шаҳрро донишчӯёни ришрасида пур карда буданд. Ҳама барои ид омодагӣ мегирифт. Дар тангкӯчаи Телман ҳаммоме буд, ки ба он чо рафтам ва Хайруллову Абдуқодирро ҳам бо худ гирифтам. Ин ҳаммом, ки дар гӯшаи ноаёне қарор дошт, камодамтар буд. Пагоҳии ҳафтум бо либосҳои идона назди факултет ҳозир шудам. Ҳамдарсонамро дидам, онҳо хушҳол буданд, ки аз заҳмати саҳро халос шуданду дар чайбҳошон миқдоре пул доранд ва метавонанд сару либосашонро нав созанд ва ҳам чанд филми хиндиро дар «Ватан»-у «Ҳаштуми Март» тамошо кунанд. Он рӯз тамоми тангкӯчаву хиёбонҳои шаҳрро қатори мактаббачаҳо, донишчӯёни мактабҳои олӣ ва кормандони

муассисаҳои илмиву фарҳангӣ пахш намуданд. Садои мусиқӣ ва рақсу бозӣ дар авҷ буд. Ҳама шодӣ мекарданд. Муаллимони мо чо-чо шакли доираро гирифта сӯҳбат менамуданд. Соат ҳашт шуд, ки амри ҳаракати қатори донишҷӯёни Университети давлатӣ сурат гирифт. Аз назди факултет ба кӯчаи Лоҳутӣ баромадем, сипас ба кӯчаи Стандартная (ҳоло Турсунзода) ворид шуда, сари хиёбони Красний Партизан (ҳоло хиёбони М.Турсунзода) маълал мондем. Дар ин кӯча гоҳе роҳ мерафтему гоҳе меистодем. Ҳаракат мунтазам сурат намегирифт. Қатори мо то стадиони "Спартак" омаду ба самти чап гашт ва чанд дақиқа истод. Ин кӯча ба хиёбони Ленин мебаромад. Соати нуҳуним зер шуд, ки тезтар бояд ҳаракат кард. Ичозат шуд, ки ба дасти чап гардему барои аз Майдони Ленин гузаштан омодагӣ бигирем. Масофаи сад метрро то майдон гоҳ медавидему гоҳе меистодем.Бист метр то ҳадаф монда буд, ки тез ҳаракат кардан лозим шуд. Соҳиб Табаров, ки мелангид, медидам, ки ба дигарон худро мерасонд ва кӯшиш менамуд, ки назми қаторро вайрон накунад. Дохили майдон шудем ва рӯ чониби минбар гардондидем ва дидем, ки сарварони Ҷумҳурӣ -Ҷаббор Расулов, Низорамо Зарифова, Махмадулло Холов, Абдулаҳад Қаххоров, Нусратулло Абдулҳақов, М.Бобоев ва дигар аъзоёни Ҳукумат он чо рост истода даст меафшонанд. Мо ҳам дастҳомонро ба чапу рост авлонч дода, гузаштем. Диктор: «Ҳоло дар майдон муаллимону донишҷӯёни Университети давлатии Точикистон дохил гардиданд. Зинда бод чавонони бунёдкору эчодкори советӣ»,- гуфта моро шодбоши намуд. Назди Почтаи марказӣ омадема, як уфи дароз сар додему «хайрият, халос шудем»,- гуфтем дар дил. Байраку дигар транспарантҳои чашниро, ки дар дасти донишҷӯёни курси якум буд, фармудем, ки ба бинои факултет бубаранд ва ба комендант бисупоранд. Ин рӯзҳо кори фаъолони факултет зиёд мешуд. Баъдан бо Хайруллову Моҳирхӯча ва дигар ҳамдарсон сайри шаҳр кардем, ки дар ин чода Моҳирхӯча фаъолтар худро нишон дода, ба ин сӯву он сӯ назар андохта, ба духтарон гаппаронӣ менамуд.

Дахуми ноябр дарсҳо дубора оғоз ёфтанд. Як ҳафта ҳонда *булем*, ки боз пахтачиний эълон карданд. Ин дафъа ба колхози «Съезди XXII КПСС», ки ба шаҳр наздик буд, сафарбар шудем. Шароити бади доштем. Хочагй ҳеч омодагй барои қабули донишчӯён нагирифта буд. Ҳаво бороний шуд ва хатто барфи аввал ҳам ба минтақа омад. Боз ҳамон дегҳои сиёху самоворҳои бақ-бақй ва хонаҳои пур аз кайку муш пешвозамон гирифт. Маъракаи дуюми пахтачиний даҳ рӯз беш идома наёфт, зеро барф омаду замини пахтазорро пӯшонд. Гумон намекунам, ки ин дафъа донишчӯён ба хочагй фоида оварда бошанд, балки зарар шуд, чунки аксари рӯзҳо боронй омаданд ва аз ҳисоби хочагй гизо хӯрданд. Ба ҳамин тариқ, поёни ноябр дарсҳо аз нав оғоз ёфтанд.

Соли 1963 гуруснагй саросари Давлати Советиро фаро гирифт. Нон намерасид. Зимистони ин сол барвақт омад. Махсусан, моҳҳои декабр-феврал барф чунон баланд буд, ки аз «Олами бачаҳо» то бозори «Зелений» пиёда омадан душвориҳо дошт. Роҳи пиёдагард яхи каб-кабуд буд. Дарсҳоямон баъди чошт буданд, соати ҳафти бегоҳ ба охир мерасиданд. Азбаски дар мағозаҳо нон то дер намемонд, ҳар рӯз як донишчӯро навбатдор мемондем, то ки барои хобгоҳбудагон нон бихарад. Навбат барои хлеб то 50-60 метр тӯл мекашид. Чандин одамон таги пой мемонданд. Даҳшате буд. Мардум ба дод омада бошанд ҳам, даҳон кушода наметавонистанд. Ҳама пиняҳоий Н.С.Хрушевро хақорат медоданд. Норозигй табақаҳои чомеаро фаро гирифта буд. Соли 1963 мушкилтарин сол дониста мешуд.

ИМТИҲОНОТИ НАХУСТ

Ҳарчанд ки донишчӯён аз нигоҳи иқтисодй мушкилот доштанд, хондан мехостанд. Дар ҳамин рӯҳия гурӯҳи мо нимаи дуюми моҳи январи соли 1964 чун дигар ҳаммаслакони хеш санчишу имтиҳонҳои зимистонаро пешвоз гирифт. То ин рӯз дарсҳои амалй аз «Назм-шиносиву», «Фолклор», «Мукаддимаи забоншиносй» ва

ғайра идома ёфт. Ман бештар фанҳои «Назмшиносӣ» ва «Фолклор»-ро муҳим медонистам. Муаллим Саъдоншо Имронов аз «Назмшиносӣ» дарси амалӣ мегузашт ва хеле шахси донишманд буд. Ҳар шеърро бо маъниву вазну қофияву радифхояш дар тахта мефаҳмонд. Шабу рӯзро дар китобхона мегузаронидам. Донишҷӯёни соли дуюм моро метарсонданд, ки аз Ш.Ҳусейнзода баҳо нагирем, донишҷӯ намешавем. Воҳимаи ин муаллим ҳамдарсонамро ҳам фаро гирифта буд. Аз ин ҷост, ки аз ин фан 143 зиҳофро аз ёд кардам. Бегоҳихо дар синфхонаҳои бино ҷамъ меомадему шеър таҳлил мекардем, саволу ҷавоб менамудем. Дар назарам ба ҳама саволҳои «Назмшиносӣ» омода шуда будам. Санҷишхоро гирифтему имтиҳони аввалamon «Назмшиносӣ» дар кабинети рақами 15 баргузор шуд. Ба имтиҳон даромадан аз рӯйи алифбо буд. Табиист, ки банда якум шуда вориди синфхона гардидам. Ш.Ҳусейнзода бо ассистенттонаш Назира Қаҳҳорова ва С.Имронов менишаст. Қавораи муаллим чунон гирифтагӣ буд, ки гӯё барфу боронро интизор бошад. Домулло ба ман аз зери айнак нигаристу пурсид:

-Фамилияат чист?

-Асоев

-Гир билетро

Боздабона як билетро бардоштаму саволҳояшро аз назар гузарондам ва ба худ бовар кардам, ки онҳоро медонам. Лаҳзаи ошной бо саволномаҳо чанд маротиба Н.Қаҳҳорова «рақами билетатон чанд»,-гуфта пурсидааст, аммо ман нашунидаам. Гӯё хушам ба сарам омаду 14 гуфтам. Ӯ нависонд, вале эҳсос шуд, ки қаҳраш омада буд ва лабонаш мечунбиданду бас. Табиист, ки мегуфт: «Афтат хушк шавад, аввал рақами билетро гӯй, баъд саволҳоро бихон». Дар мизи аввал нишастам. Барномаеро ҳам С.Имронов наздам гузошту худаш баромада рафт. Дах-понздаҳ дақика нишастам, ки муаллим исмамро ба забон оварда, то ки барои ҷавоб додан ба саволҳоям наздаш нишинам. Батарс-батарс рӯ ба рӯи Ш.Ҳусейнзода ва Н.Қаҳҳорова карор гирифтам.

Аз муаллими дарсҳои амалиам, ки дар дафтарчааш ба ҳар донишҷӯ баҳо мегузошт ва ман фақат чору панҷ мегирифтам, дарак набуд. Гоҳе тарафи дари даромад менигаристам, ба умеди ин ки С.Имронов ҳам дар чавоб додаанам иштирок намояд. Саволи якум, ки назариявӣ буд, дар чойи нишастам чавоб додам. Муаллим аз болои айнакҳояш гӯшам медоду чеҳрааш кушода мешуд. «Хайрияте»,- мегуфтам дар дил. Табъи муаллим рӯ ба беҳбудӣ меовард. «Шуд, саволи дуюмро гап занед»,- амр кард Ш.Ҳусейнзода. Чавоби саволи дуюм ҳам қаноатмандаш сохту чанд саволи иловагӣ дод ва чавоби мусбат гирифт. Пушти дари кабинет ҳамдарсон чамъ омада, маъгали он буданд, ки тақдири ман чӣ мешуда бошад, баҳои мусбат мегирам ё не. Хайрулло, ки сардор буду назму низомро назорат мекард, чанд маротиба «онсӯтар равед, гап назанед, ки муаллим асабӣ мешаваду имтиҳонро қатъ карда баромада меравад»,- мегуфт ба донишҷӯёни тарсону ларзон. Саволи сеюм таҳлили маъноии ду мисраъ шеъре буд, ки дар ҳарду мисраъ калимаи «оина» меомад. Шеърро бурро хондам, тақтеъ кардам, вазнашро ёфтам. Муаллим «дуруст, дуруст»,- гуфту якбора пурсид: «Хайр, акнун гӯед, ки калимаи «оина», ки ду бор омадааст, дар мисраи аввал чӣ маънӣ дорад ва дар мисраи дуюм ба кадом маъно омадааст». «Маънии аввалаш предмет аст, яъне оина аст»,- чавоб додам. «Дуруст, писарам, акнун маънии дуввумаш чӣ будааст»,- гуфт домулло. Ба андеша рафтам. Муаллим бо мисолҳои гуногун маро фаҳмонданӣ мешуд, ки «оинаи дуюм маънии дину ойин, расму русумро дорад, гӯё охир, чӣ шуд ба ту»,- гуфта таҳдид мекард. Чунон гаранг шудам, ки ҳеч чиз ба сарам намеомад. То ин лаҳза Н.Қаххорова дар дафтарча номи фану исми муаллиму таърихи рӯзро нависонда назди Ш.Ҳусейнзода гузошта буд. Муаллим савол медоду ручкаашро болои чойи баҳомонӣ гузошта, маъгали чавоби мусбати ман буду баҳо гузоштан. Дарк намудам, ки муаллим баҳои «панҷ» мондан мехост, аммо чавоби саволи сеюм қаноатмандаш насохт. Бинобар ин, бо асабоният садо баланд кард: «Ой, ту, охир ин қадар хуб

ҷавоб додӣ, наход ки як калимаи оддиро надонӣ, баро гум шав, дафъ шав»,- гӯён аз наздаш пешам кард. Ман саросемавор берун баромадам, ки дафтарчаи имтиҳонамро аз пушти сарам партофт. Сарамро паст гирифтам, дафтарча аз болои сари донишҷӯён парвозкунон ба тирезаи дахлез бархӯрд. Дафтарчаамро бардоштаму онсӯтар рафта истодам. Ҳамдарсонам гирдам карданд: «Чӣ шуд, чаро муаллим ин кадар асабонӣ шуд, дафтарчаатро ҳатто ба берун андохт»,- гуфта саволборонам намуданд. Шунида мешуд, ки донишҷӯён байни худ мегуфтанд: «Эҳе, Худойназар, ки гашт, мо умуман баҳо гирифта наметавонем». Ҳамин буд, ки онҳо аз таги дар гурехта рӯйи ҳавлӣ баромаданд. Н.Қаххорова дарро кушода, донишҷӯёнро наёфта гуфт: «Ин донишҷӯён кучо шуданд. Чаро дигар касе даромадан намехоҳад». Ман болои батареяи марказгармии назди панҷара нишаста, дар андешаи он будам, ки «хонда натавонистам, ҳуҷҷатҳоямро гирифта меравам». Хайрулло аз пушти ҳамдарсон рафта, чанд нафарашро зӯран гирифта овард, то ки ба имтиҳон дароянд. Баъд аз ман пайи ҳам чанд донишҷӯйи дигар ноком монд. Замоне буд, ки С.Имронов пайдо шуду маро нороҳат дид, «ҳа, Худоназар чӣ шуд». Гуфтам, ки «нашуд, баҳои ду гирифтам». «Чаро ин хел, охир ту дар дарсҳои амалӣ хуб ҷавоб медодӣ»,- гӯён ба имтиҳон даромад. Чанд лаҳза баъд худи Ш.Ҳусейнзода берун баромаду аз ҳамдарсон савол кард, ки «Асоеваш кист». Ман дарҳол аз болои батарея фаромада, «ман, ман, муаллим»,- гуфтам. Ш.Ҳусейнзода аз болои айнакҳояш як маро диду пурсид: «Ба ту чӣ шуд». «Худатон дидед-ку муаллим, калимаи оинро надонистам», - фаҳмондам ба муаллим. «Ҳа, ҳа, ту баъди поён ёфтани имтиҳон як бори дигар даро»,-гуфту боз ба кабинеташ даромад. Он рӯз 18 кас баҳои ғайриқаноатбахш гирифт. Духтарон дар гӯшае оби дида мерехтанд. Вақте ки дар дохили кабинет фақат муаллимон монданд, иҷозат пурсида даромадам. Як билет боқӣ монда буду гӯё маро интизорӣ мекашид. Ш.Ҳусейнзода «гир билетро»,- гуфт. Билетро

бардоштам ва хостам, ки ба миз нишинам. Муаллим гуфт: «Нашинед, аз қоятон чавоб диҳед». Саволи аввалро хонда будам, ки Ш.Ҳусейнзода чунин изҳор дошт: «Медонам, ки ту саволҳои якуму дуюмро медонӣ. Саволи сеюмро хондам ва дар тахта навиштанӣ шудам, ки домулло ичозат надода: «Шеърро хонед ва шифоҳӣ тактеъ намуда, вазну қофияашро пайдо кунед»,-гуфт. Супоришашро ичро намудам. Қаноатманд шуду ба дафтарчаам баҳо гузошт. Аз тарс нигоҳ накардам, ки чӣ баҳое монд. Ташаккур гуфта ба даҳлез баромадаму саросемавор дафтарчаи имтиҳониамро кушодам, ки чашмам ба «уд» бархӯрд. Табъам хира шуд. Хайрулло аз пешорӯям баромаду пурсид, ки чӣ баҳо гирифтам. Ба ӯ дафтарчаро нишон додам. «Хайр, ҳеч гап не, дигарҳояшро хубу аъло супориданат лозим меояд»,- гӯён тасаллоям медод. Ҳамдарсонам ҳам ба ин баҳо розӣ набуданд, чунки аз тайёрии ман ба имтиҳонҳо хуб огоҳӣ доштанд. Натичаи имтиҳони нахуст рӯҳафтодаам кард. Тарзи пурсиш ва баҳогузории Ш.Ҳусейнзода маъқулам нашуд. Дили нохоҳам ба имтиҳони дуюм омодагӣ гирифтам, ки фолклори точик буд. Ин имтиҳон дар синфхонае, ки дар паҳлӯи кафедраи адабиёти советӣ қарор дошт, баргузор гардид. Имтиҳонгир дотсент Воҳид Асрорӣ буд. Ҳафт нафарро якбора даъват карданд. Саволномаҳоро гирифтему сари мизҳо нишастем. Ҳарчанд ки навбати аввал аз ман буд, Рафоат Инъомчонова пешдастӣ карду барои чавоб додан назди муаллим нишаст. Чавобҳояш ба В.Асрорӣ маъқул наомаду бо асабоният ӯро аз синфхона пеш кард. Маро даъват кард. Медидам, ки В.Асрорӣ хеле қаҳролуд менамуд. Палтояш дар сари китф ба ин сӯву он сӯ роҳ мегашту сигарет дуд медод. Саволҳоямро медонистам. Акнун ба саволи аввал чавоб доданро шурӯъ намудам, ки «ба саволи дуюм гузаред»,-гуфт. Саволи дуюмро акнун сар кардам, ки муаллим гуфт: «Ин саволро намедонӣ, саволи сеюматро сар кун». Хулосаи муаллим он шуд, ки саволи сеюмро ҳам намедонам. Маро ҳам бо асабоният гусел кард. Баъди ман дах-поиздах донишчӯи дигарро ноком эълон намуд.

Тақрибан ҳама он 18 каси аз «назмшиносӣ» «неуд» гирифтагӣ аз фолклор ҳам сазовори «неуд» шуданд. Дар деканати факултет чунин натиҷаро падидаи манфӣ дар фаъолияти таълимии муаллимон ҳисобиданд. Вале касе ҷуръат надошт, ки ба Ш.Ҳусейнзодаву В.Асрорӣ сари мавзӯи марбута сӯҳбат орояд. Имтиҳони сеюмам «Таърихи Тоҷикистон» буд. Муаллимамон ҷавони хушсимое бо номи Асламшо Раҳматуллоев. Ӯ ҳамон Асламшое буд, ки омӯзишгоҳи Кӯлобро соли 1955 хатм карда, сипас шӯъбаи таърихи ҳамин факултетро ба поён расонда буд. Ин ҷо низ ӯро чун писари Низорамо Зарифова мешинохтанд. Вокеан, ӯ хеле хуб дарс медод. Дониши хуб дошт. Дар консултатсияҳо саволборонаш мекардем, аммо ҳеҷ гоҳ аз ҷавоб намегурехт. Гӯё ин имтиҳонро ҳам хуб тайёр карда будам, аммо боз ҳини ҷавоб додан муаллимро қаноатманд сохта натавонистам. Муаллим оромона гуфт: «Писари нағз, каме хонда баъд биёед». Бо сари хам аз синфхона баромадам. Аз худам бештар ҳамдарсонам дар тааҷҷуб мемонданд. Онҳо мегуфтанд: «Охир, мо ҳайрон аз онем, ки вақти саволу ҷавоб ба билетҳо Худойназар ҳама саволҳоро медонаду вақти ҷавоб гуфтан дар назди муаллим лол мемонад». Худам ҳам ҳеҷ сирри имтиҳонсупориро дар факултети номбурда намефаҳмидам. Намедонам имтиҳони чорум доштем ё не, вале дар дафтарчаам як баҳои «уд» доштаму ҷойи баҳои ду фанни дигар бо имзои муаллим холӣ буд. Рӯзҳои бароии имтиҳонҳо ҷудокардаи деканат ба поён расид. Ду ҳафта таътил эълон карда шуд. Ҳамдарсоне, ки натиҷаҳои мусбат доштанд, хона ба хона рафтанд. Мо қарздорон, тақрибан бист кас, бояд дар имтиҳонҳои иловагӣ иштирок мекардем. Аз вазъияти бади имтиҳонсупории банда Султон Наврӯзов ва дигар шиносҳоям аз омӯзишгоҳи Кӯлоб огоҳ шуданд. Қурбон, Абдукибор, Барот, Ҳаким дилбардориам мекарданд, ки «ҳеҷ гап не, вақти иловагиро барои дуюмбора имтиҳон супоридан дурусттар истифода кардан лозим меояд». Ҳайрулло ба хонаашон нарафт, балки бо ман монд. Моҳирхӯҷа, Гулрухсор ва чанд тани дигар аз ҳамдарсонам

мухлисони ҳамешагиам буданд. Имтиҳонҳои иловагӣ ҳам оғоз ёфтанд. Дар имтиҳони фолклор зиёд азиятам надоданд. Андаке пурсиданду баҳои «хуб» гузоштанд. Имтиҳони таърихи Тоҷикистон аз тарафи бегоҳ сурат гирифт. Ситам Раҳими арабшинос, ки Асламшо Раҳматуллоевро хуб мешинохт, чизеаш гуфт, ки нопурсида баҳои «хубам» монд. Бо вуҷуди ин, аз натиҷаи имтиҳонҳои нимсолаи аввал қаноатманд набудам. Дар дил мегуфтам: "Шояд ҳоло ба усули имтиҳонсупории факултет хуб ошно нестам". Пас чӣ сабаб аст, ки ба ҷавобҳоям муаллимон қаноат ҳосил намекунанд. То хеле ба ин саволи хеш ҷавоб пайдо кардан мехостам. Натиҷаи нохуби имтиҳоноти нимсолаи аввали курси якум боис шуд, ки дар таътил на ба аёдати падар рафтаму на ба дидори фарзанду оила расидам.

Понздаҳуми феврали соли 1964 дарсҳои нимсолаи дуюм оғоз ёфтанд. Баъзе фанҳо боз идома ёфтанду дарсҳои наву ноошно дар таҳсилам илова гардиданд. Яке аз онҳо фан «Муқаддимаи адабиётшиносӣ» ном дошт. Муаллимаш Худоӣ Шарифов буд, ҳамоне ки рӯзи аввали консултатсия дида будамаш. Муаллим ҷавону шармгин буд. Мазмуни лексияашро монанди Ш.Ҳусейнзода мехонд ва баъзе ҷойҳояшро мефаҳмонд. Равшан буд, ки ӯ чандон таҷрибаи дарсгӯӣ надорад. Боэҳтиёт сухан мекард ва ҳарфҳояш хеле номафҳум ба назар мехӯрданд. Муаллим, ки аз адабиёти назариявии русӣ истифода менамуду мазмуни лексияашро тартиб медод, ҷумлаҳояш душворфаҳм мебаромад. Ӯ канда-канда мазмунро қироат мекард. Ба духтарон нигоҳ намекард. Маълум буд, ки аз онҳо шарм медошт. Бо андак луқмае чеҳрааш тағйири ранг мекард. Аммо муаллим донишманд менамуд. Ба умеди натиҷаи хуб ба даст овардан дар имтиҳоноти тобистона ва ҷамъбасти соли нахусти донишҷӯӣ ба дарсҳо ҷиддитар машғул шудам. Соатҳо дар китобхонаи ба номи Фирдавсӣ нишаста супоришҳои муаллими «Таърихи партияи коммунистӣ» дотсент Аҳмадовро ба дафтари садвараҷае ёддошт менамудам. Лозим меомад, ки ҷанде аз асарҳои доҳии пролетариати ҷаҳон

В.И.Ленинро ёддошт намоям. Ҳамчунин сарчашмаҳои иловагӣ оид ба «Муқаддимаи забоншиносӣ» низ зиёдеро пеш меовард. Фанҳои дигаре монанди забони русиву англисӣ ва дарсҳои амалии забон доштам, ки чандон душворӣ намекашидам. Дарси «Таърихи ҳизб» барои ҳамаи курсҳои якум муштарак мегузашт. Толори калони факултет аз шӯъбаҳои форсиву арабӣ ва таъриху филология пур мегардид. Дотсент Ахмадов болои минбар қарор мегирифт ва лексияи омодасохтаашро мехонд. Садояш хеле паст буд. Ду-се қатори аввал шояд муаллимро мешуниду дигарон ё ба хоб мерафтанд, ё ба корҳои дигар машғул мегардиданд. Ҳарчанд ки муаллим фаннашро аъло медонист, аммо таъсирбахшиаш ба донишҷӯён камтар ба назар мерасид. Донишҷӯёне монанди Ахмадҷони гурӯҳи мо, Абдурахмон Абдуманнонову Хайрулло Афзалов аз шӯъбаи форсӣ ба муаллим саволҳо медоданду бо ин баҳона гузаштани вақтро метезониданд. Муаллим гумон мекард, ки саволҳо ба хотири донишандӯзӣ дода мешуданд, зӯр зада илман ҷавоб медод ва дар назараш шогирдонашро қаноатманд месохт. Муаллим инсони шариф буд. Ҳеҷ садо баланд намекард ва нисбати донишҷӯ эҳтиром ба ҷо меовард.

Муаллими «Муқаддимаи забоншиносиамон» дотсент Мардон Муҳаммадиев буд. Вай низ аз лексияи омодакардааш дур намерафт. Онро, ки аз рӯйи асарҳои забоншиносони русу аврупо сохта буд ҷиддӣ қироат мекарду мо менавиштем. Ӯ низ монанди Аҳмадов паст гап мезад. Ин ҷиҳат, бо вуҷуди он ки муаллим донишманд буд, дарсашро дилхушӣ намесохт, балки боиси хобамон мегардид.

Забони русиро муаллимаи хушандому зебочехрае бо номи Раҳбар Эшонхочаева мегузаронид. Муаллима зебо, ки буд, сӯҳбаташ шевову ширин менамуд. Қонуну қоидаҳои фонетикаву грамматикаи ин забонро меомӯзонд. Мавсуф сару либоси намунавӣ дар бар мекард, гоҳе бо пироҳани атлас вориди синфхона мешуду боиси таваҷҷӯҳи хоссаи мо барин донишҷӯёни зиндагидида мегардид. Бештар ба касове такя менамуд, ки забони русиро то ҷое медонистанд. Дар

ин ҷумла банда ҳам будам, ки ҳамеша сазовори баҳои баланд мегардидам. Русидоиҳои гурӯҳи мо Хайрулло, Моҳирхӯҷа, Рафоат, Қурбоной ва боз ду-се каси дигар ҳисоб меёфтанд. Гулрухсор ҳоло русии кавӣ надошт, аммо рӯз то рӯз русидониаш рӯ ба беҳбудӣ меовард. Гузашта аз ин, ӯ бо дуғат зиёд кор мекард ва маҷмӯаҳои ашъори русзабонҳоро фаровон мутолиа менамуд. Гумон мерафт, ки дар курсҳои сеюмӣ аз беҳтарин русидони гурӯҳ мешавад. Шоҳҳайдар русии шикаста дошт, зеро акнун аз деҳаи Кадучии Восеъ рӯ ба шаҳр оварда буд. Ин чи ин ҷо мегӯям ба гурӯҳи «А» тааллуқ дорад. Гурӯҳи «Б» муаллими русии дигар дошт ва миёни ин гурӯҳ Муаззам Диловаров, ки дар Душанбе мактаби миёнаро хатм намуда буд, табиист, ки дар русидонӣ аз деҳотиён бартарӣ дошт.

Бадбахтона, дар омӯзишгоҳи Кӯлоб ба ғайр аз забони русӣ забонҳои дигари ғарбиву аврупоӣ таълим дода намешуд. Банда бори аввал забони хориҷӣ мехондам, ки англисӣ буд. Муаллимамон Папуш ном дошт. Бонуи малламӯй ва хушандоме буд. Хеле ҷиддӣ дарс мегуфт. Азбаски ҷавонак менамуд, Моҳирхӯҷа бештар ғапаш мепартофт. Мегуфтанд, ки шавҳараш офитсер аст. Ҳатто медонистем, ки хонааш дар чорқабатаҳои назди автобазаи сеюм мебошад. Як камбудиаш он буд, ки ҳеҷ гоҳ сари вақт ба дарс намедаромад, балки панҷ-даҳ дақиқа таги дари дарсхона бо бонуи дигаре аз кафедраи англисӣ сӯҳбат менамуд, сипас ба синфхона ҳозир мешуд. Пас аз танаффус ҳамчунин буд. Баъзан сумкаашро болои миз мемонду худаш беруи мебаромад. Моҳирхӯҷаву Додарчон Садиров ба дохили сумка даст дароз карда, лабсурхкунаку дигар асбобҳои орову городиҳияшро мебаровардану ба лабҳои духтарои мемолиданд. Чунин дахолати шогирдонро эҳсос менамуд, вале муноқиша намекард. Андаке худро нороҳат медиду бас. Дарси хуб медод, вале мо бештар ба тамошояш машғул мегардидем.

Нимсолаи дуюм дарсҳои амалии «Таърихи ҳизб» оғоз ёфтанд. Муаллим Тошхӯҷаев буд. Ӯ яке аз шогирдони

профессор Мулло Эркаев худро муаррифй намуд. Ҳарчанд ки мо ба саволҳои барномаи семинарй омода мешудему нақл мекардем, муаллим дақиқаҳо саволҳоро ба тарзи худ шарҳу эзоҳ медод. Нутқаш буррову равон буд. Ба дарси зинда эҳ чиддй муносибат мекардем. Саволу чавобҳо ба он дараҷа тезу тунд мешуданд, ки чй хел гузаштани вақтро намефахмидем. Лахчаи муаллим каме ба тарзи гуфтори точикони Бойсун ва Сурхондарёи Ӯзбекистон монандй дошт. Мухимаш он буд, ки муаллим Тошхӯчаев фанни Таъриҳи Партияи коммунистиро олй медонист ва кӯшиш менамуд, ки шогирдон ҳам дар чодаи донишандӯзй аз фанни номбурда карор бигиранд.

Дар соли аввал дарси тарбияи бадан ҳам буд. Ду муаллима асосй дарс мегуфтанд, ки якеаш Каграмонов ном дошту дуюмаш Васканян. Каграмонов аз гимнастика машк медоду Васканян бокс ёдамон медод. Ба духтарон муаллимае машғул буд. Толори спортй дар қабати дуюми бинои биологхо қарор дошт. Ҳатто аз оббозй санчиш доштем, ки дар ҳавзҳои Кӯли Комсомол амалй мешуд. То ки санчиш аз ин навъи варзиш супорида шавад, шогирдро лозим буд, ки масофаи сад метрро дохили ҳавз қулочак зада, дар вақти таъиншуда шино кунанд. Пагоҳие курси моро ба он чо бурданд. Духтару писарон омехта шудем. Нормаи духтарон 50 метр буду аз писарон 100 метр. Баъд аз писарон духтарон бояд санчиш месупоридand. Табиист, ки духтарони мо анчоми оббозй надошта, бо шалворҳои почаҳояш резиндор ба ҳавз медаромаданду қулочак мекашиданд. Гулрухсор, ки дар умраш ҳавзро надида буд, вақте ба об даромаду чанд метр ба пеш ҳаракат намуд, бехотир ғарқ шуд. Муаллим саросемавор ба бачаҳо амр кард, ки ӯро начот диҳанд. Мо чанд кас даромада Гулрухсорро, ки чанд қулт об ҳам фурӯ бурда буд, болои дастҳо бардошта, ба соҳил баровардем. Бо ҳамин санчишсупории духтарон поён ёфт. Ба ҳамин монанд аз навъҳои бозии волейболу баскетбол ва футбол санчиш месупоридем. Гурӯҳи мо дар бозиҳои волейболу баскетбол маҳорат нишон медод. Махсусан, Хайрулло баскетболро хеле хуб бозй мекард. Ин санчишҳо

дар стадиони «Динамо», паҳлӯи Вазорати корҳои дохила кабул карда мешуданд.

Бояд гуфт, ки хизматрасонӣ дар бинои таълимӣ ба ӯҳдаи донишчӯён буд. Яъне, синфхонаву даҳлезҳоро донишчӯён мешустанд. Ба ҳар гурӯҳ синфхонаҳои муайян вобаста мегардид. Ин амалро ҳамашаба профорги гурӯҳ назорат менамуд. Тартиб чунин буд, ки ҳар бегоҳ як писару як духтар навбатдор таъин мешуд. Писар партаҳои дарози сиёҳро мебардошту духтар бо чӯроб аввал меруфт ва баъд бо чӯблатта мешуст. Обро ҳам писар аз рӯйи ҳавлӣ меовард. Синфхонашӯйии ҳамашаба баъд аз соатҳои 9-10 сурат мегирифт, зеро то ин дам донишчӯён дар синфхо дарс тайёр мекарданд. Ин фаъолиятро худхизматрасонӣ меномиданд. Хубии чунин хидмат дар он буд, ки донишчӯён ҳеҷ гоҳ ба коғазандозиву ифлос намудани синфхонаҳо рох намедоданд. Мефаҳмиданд, ки дар ғайри чунин риояшавии тозагӣ, заҳматашон дучанд хоҳад шуд. Низоми хубе буд... Ман дар рӯйхати навбатдорӣ бо духтаре бо номи Мӯътабар Бобохочаева, ки аз Исфара буд, номнавис шуда будам. Як синфи калонро бояд мешустем. Обаш меовардам, курсиҳоро мебардоштам, то ки ӯ ба шустан оғоз кунад. Вай каме рафторхои вахшиёна дошт. Масалан, агар ногаҳон бадани писаре ба бадани ӯ дака хӯрад, вай бехотир чунон дод мезад, ки гуё ҳодисае рух дода бошад. Ман, ки ин рафтори Мӯътабарро медонистам, ҳини фаршшӯӣ мехостам андаке азияташ диҳам. Аммо ӯ хоҳиш менамуд, ки ба даҳлез барояму ҳаму рост шудани вайро ба мушоҳида нагирам. Майлаш мегуфтаму мебаромадам. Мӯътабар духтари сергӯшту бузургчуссае буд, чӯблаттаро гирифта зӯр зада, ба шустани фарш оғоз мекард. Ин ҳолат оҳистакак бехотир ба синфхона медаромадаму гӯшае аз доманашро мекашидам, ӯ доду фарёд зада, чӯбу латтаро ба як сӯ ҳаво медоду болои фарш сари зону менишаст ва рӯяшро бо ҳарду дасташ пинҳон менамуд. Ин лаҳза аз синфхонаҳои дигар духтарону писарони фаршшӯӣ чамъ меомаданду ба ҳоли Мӯътабар механдиданд. Ҳарфи қабеҳаш «афтат хушк шавад, Худойназар», буд.

Албатта, чавонӣ ҳар хел рафторро мепазирад. Ӯ намерафтад, балки рӯзи дигар, бозавқ амали маро назди духтарон кисса мекарду бо ханда сари овози якдигарро мегирифтанд. Аз ханда хандаи таҳтидиливу чарангосӣ аз Гулрухсор буд. Баъзан Мӯътабар ба Хайрулло мурочиат карда мегуфт: «Сирочовчон, маро бо Худойназар навбатдор намон, ки шӯхихои бечо мекунад». «Хайр, дигар шӯхӣ намекунад»,-мегуфт Хайрулло ба Мӯътабар...

Сессияи тобистона ҳам омад. Хайрият, ки ҳамаи имтиҳонҳоямро бо баҳои «чор» ва «панҷ» чамъбаст намудаму роҳи Вахшонзаминро пеш гирифтам. Завчаам акнун дар Чилликӯл не, балки дар маркази ноҳияи Колхозобод, касби лаборантиашро анчом медод. Болотар аз идораи ҳукумат хонаеро ба ихтиёраш гузошта буданд. Тобистони соли 1964 воҳимаи бемории «халера» чумҳуриро пахш карда буд. Одамон меваро дар оби ҷӯшондагӣ мешустанд, баъд истеъмол менамуданд. Барои бадарро шӯстан, ҳатто аз оби ҷӯшондагӣ истифода мекарданд. Медидам, ки завҷаам пиёзу гашничро ҳам бо оби ҷӯшон мешуст. Ман парвое надоштам. Вале ҳамсарам, ки аз аҳли тиб буд, ба овозаҳо бовар мекарду меъёрҳои тавсияшударо дар мавриди касалии «обпартояк» риоя менамуд. Фотимаро ба кӯдакистон мебурдем. Мутаассифона, дар Колхозобод дӯстон надоштам. Ба кучо рафтанамро намедонистам, тамоми рӯз дар боғи шаҳрӣ ба саққабозӣ дода мешудам. Гоҳе Бадриддинови мансабдори ҳукуматӣ меомаду дукаса то дер бозӣ мекардем. Ӯ аз хонаи Шамсиддин маро мешинохт. Марди хушқаворае буд. Сару либоси ғалифейи сталинӣ мепӯшид ва монанди Сталин бурут дошт. Мегуфтанд, ки дар мавриди чинси латиф устухон надорад. Дигар чое, ки мерафтам, хонаи Шаманов ном марди қазоқ буд, ки дар маркази ноҳия истиқомат мекард. Шаманов се моҳ бо ман дар касалхонаи сили Чилликӯл табобат гирифта буд. Ӯ ҳам, ки маро медид, хуш мешуд ва бехтарин гизои миллиашон -бешбармоқро бароям тайёр мекард. Таътили тобистонаи соли шасту чор бароям якнавохт гузашт. Кори

начибе, ки кардам он буд, ки китобхонаҳои минтақаро тамошо намуда, чанд адад китобҳои бадеиву адабиётшиносиро ба даст овардам. Аз китобхонаи Чиллик٧л чилди якуми Евгений Эдуардович Бертелс - «Таърихи адабиёти форс-тоҷик»-ро пайдо кардам. Оид ба забоншиносии умумӣ дастурҳои зарурӣ дарёфт намудам. Бо ин роҳ барои соли дуюми Университет омодагӣ мегирифтам.

СОЛИ ДУЮМИ ТАҲСИЛ

Баъд аз бистумҳои август омадани ҳамдарсон аз ноҳияву вилоятҳои Чумҳурӣ ва берун аз марзи он шур٧ъ мегардид. К٧чаву хиёбонҳои шахрро торафт чавонон серодам месохтанд. Дидор тоза кардан бо ҳамдарсони дуру наздик ҳаловати хосса дошт. Якдигарро ба оғуш мегирифтем, дусе р٧зи боқимондаро ба тамошои чойхои дидании Душанбе мебахшидем. Пагоҳиву бегоҳиҳо дар чойхонаи р٧ ба р٧и хобгоҳамон дар к٧чаи Айнӣ чамъ меомадем ва соатҳо лаҳзаҳое аз р٧згори як соли сипаришударо варақгардон менамудему механдидем. Ширинтарин айём барои ҳар инсон даврони донишч٧ӣ маҳсуб мешавад. Ба бинои таълимӣ даромада, чадвали дарсҳомонро ёддошт мекардем ва г٧ё худро ташнаи илм медидем ва хоҳиши он доштем, ки дарсҳо зудтар оғоз ёбанду аз донишҳои тоза баҳравар шавем.

Р٧зи аввали сентябри соли 1964 асосан бо шиносшавӣ бо муаллимону донишч٧ёни соли аввал ба поён расид. Акнун мо аз курсҳои якум зинае болотар қарор мегирифтем. Донишч٧ёне монанди Моҳирх٧ча, Додарҷон, Ч٧рабек, Шоҳҳайдар ва боз ду-се каси дигарро дар назди синфхонаҳои курсҳои аввал бештар дидан мумкин буд. Ба ибораи дигар, онҳо ба шикори духтарони курсҳои як баромада, баъзе аз онҳоро ба дом худ андохтанӣ мешуданд. Чунин амалро писарҳои курсҳои сею чор ҳам анҷом медоданд. Дар ин самт ман худро ором медидам, зеро зану фарзанд доштам, ҳарчанд ки касе аз ҳамдарсон бовар

намекард. Дар мавриди духтарони мо низ чунин амалҳои ошиқона дар курси дуюм ҳам идома ёфт. Мо чанд духтар доштем, ки воқеан ҳар чавон орзу менамуд ба висоли онҳо расад. Инҳо Гулрухсор Сафиева, Хосият Шафиева, Рафоат Инъомҷонова, Сабоҳат Исмоилова, Зӯҳро Рауфова, Қурбоной Саидова, Мӯътабар Бобохочаева буданд. Аз ҷумла хохишмандони Хосият, Қурбоной ва Сабоҳат зиёд буданд. Баъзе писарҳои курси сеюми таърих ба ин духтарон наздик шуданӣ буданд. Гулрухсор, ки соли аввал деҳотинамо буд, ҳамчун духтар чандон боиси тавваҷҷӯҳи писарон шуда наметавонист. Гузашта аз ин, Гулрухсор рохгардиҳои мардона дошт ва дар сару либос ва худро орову торо додан кӯшиш намекард. Ним соли аввали таҳсил дар курси якум ӯ тақрибан бо сару либоси деҳотӣ мегашт. Оҳиста-оҳиста дар шахсияти Гулрухсор тағйирот ба мушоҳида мерасид. Нимсолаи дуюм аз пироҳани тоҷикӣ даст кашида, ба либоси аврупоӣ одат намуд. Мӯйҳои парешонро низ ба тартиб даровард, зеро ӯро лозим меомад, ки дар баъзе маъракаҳои фарҳангие, ки дар заминаи шеъру шоирӣ сурат мегирифт, иштирок намояд. Гулрухсор аз нахустин рӯзҳои таҳсил хешро шинохтанӣ мешуд. Ба ин хотир, худро ба шинохти чеҳраҳои фарҳангӣ зад, то ки хешро шинохта тавонад. Моҳе як маротиба маҳфили «Адибони чавон» дар факултет баргузор мегардид ва ӯ миёни аъзои ин маҳфил, ки си-чил кас буданд, шеърҳои шогирдонаашро қироат менамуд ва боиси баҳои муаллимонаш Ш.Ҳусейнзода, С.Табаров, В.Асрорӣ ва амсоли онон мегардид. Яъне, Гулрухсор ба сифати як духтари эҷодкору умедбахш, албатта боиси тавваҷҷӯҳи бачаҳо буд. Табиист, ки гоҳе ба ӯ изҳори ишқ мекарданд, вале Гулрухсор ба зудӣ он падидаро аз худ дур меандохт ва тарзе муносибат менамуд, ки дигар он чавон сари мавзӯи ишқу ошиқӣ ҳарф огоз намекард. Аммо духтарони дигар чавонӣ кардан мехостанд ва торафт сафи домодшавандахои гурӯҳи моро афзоиш медоданд, ки баъдтар аз натичааш огоҳ хохед шуд.

Нимаи дуюми сентябр мачлиси комсомолии факултет

баргузор шуду Хайрулло Сирочеви ҳамдарси банда комсорги факултет интихоб гардид. Дар курси дуюм ба ин вазифа новил шудан боиси ифтихори гурӯҳ дониста мешуд. Хайрулло дар ин вазифа донишҷӯи арзанда буд, ҳарчанд ки на ҳамаи муаллимон ӯро мехостанд. Пӯшида нест, ки ин чо низ ибтикори хатмкунандагони омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб нақш дошт. Табиист, ки баъд аз понздаҳумҳои сентябр овозаи маъракаи пахтачинӣ кӯчаву бозор ва муҳити мактабҳои олиро фаро мегирифт. Аз ин рӯ, дарсҳо ҳам чандон назму низом надоштанд. Аз нигоҳи психологӣ чи муаллиму чи донишҷӯ рӯзи эълони пахтаро интизорӣ мекашид. Бо рӯҳияи имрӯз эълон мекунанду фардо даҳрӯзаи аввали сентябрро паси сар мекардем.

Бисту якуми сентябр омаду сафари пахта боз чониби Шахритуз сурат гирифт. Ин сол факултети таъриху филологияро ба хочагии «Ломоносов» бурданд. Шӯъбаи филологияву таърихро дар маркази хочагӣ ва шӯъбаи шарқшиносиро ба деҳаи Сайёд, ки як километр поёнтар аз марказ қарор дошт, чо ба чо карданд. Раиси ин хочагӣ Талбак Садриддинов ном дошта Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ буд. Ӯ марди миёнақад буда, як дасташ аз дигараш кӯтоҳтар ба назар мерасид. Ба гумонам як дасташ маъюб буд. Галифейи сталинӣ дар бар дошт. Тӯпии сохти Фарғона дар сар ва мӯзаҳои хироми офитсерӣ дар пой мекард. Марди ором ва камгапе буд. Аъзоёни хочагии номбурдаро асосан муҳочирини ноҳияи Сангвор ташкил медоданд. Деҳаҳои ӯзбекнишину қирғизнишин ҳам дошт. Точиконе ҳам аз Ҷиргатол муҳочир омада буданд, ки баъзеҳошон қавораи қирғизӣ доштанд. Гурӯҳи моро ба бригадаи Лочин Нуров тобеъ сохтанд, ки эшон низ Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ буд. Қавораш ба қирғизҳо шабоҳат дошт. Лочин аз нахустин рӯзҳо ба духтарону писарони мо унс гирифт ва бехтарин қартаҳои заминаи пахтаро ба ихтиёри гурӯҳ гузошт. Дар ҳар чошт илова ба хӯроке, ки аз штаб мерасид, ғизои алоҳида бо нонҳои сап-сафеду кулчаҳои ширӣ, хатто себу анору тарбузу

харбуза ҳам меовард. Ҳафтае як бор дар хонае аз мансабдорони деҳа зиёфат меорост. Майдонҳои пахтаро ба ихтиёри мо медоду аъзоёни хоҷагӣ рӯ ба бозорҳои Қӯрғонтеппаву Душанбе меовард. Пахтаро, тақрибан, донишҷӯ мечид. Аъзоёни хоҷагӣ, ки лимӯю анори зиёде парвариш мекарданд, маъмулан омадани донишҷӯён буданд, ки ин ҷиҳат аз назари роҳбарони хоҷагиву ноҳия ва вилоят пинҳон наmemонд.

Чордаҳуми октябри соли 1964 нони чошт мехӯрдем, ки радиои Маскав дар ахбори худ шунавонд: «Дар Маскав пленуми ғайринавбатии партияи коммунистӣ баргузор шуд, ки дар он масъалаи шахсӣ вобаста ба фаъолияти котиби генералӣ Н.С.Хрушев баррасӣ гардид. Пленум рафиқ Н.С.Хрушевро ба сабаби беморӣ аз вазифаи Котиби якуми КМ КПСС озод ва ба чояш Л.И.Брежневро таъин намуд». Мо ҳамагӣ қошуқҳомонро ба косаҳо задан гирифтем. Рақсу бозӣ сурат баст. Мардуми хоҷагӣ низ изҳори шодӣ мекард. Сарнагун сохтани Н.С.Хрушев падидаи мусбат буд. Ҳафтае нагузашту маводи хӯрока фаровон гардид...

Чоруми ноябр марҳаллаи аввали чиниши пахта ба поён расиду Душанбе омадем. Мисли порсола як ҳафта хондему факултетро барои пахтачинӣ ба ноҳияи Орчоникидзеобод бурданд. Хоҷагии Қаро Дӯст пешвозамон гирифт, ҳарчанд ки соли 1961 Қаро Дӯстро ба асари зиёд нишон додани миқдори пахта ҳабс карда буданд, байни мардум хоҷагиро бо номи ӯ иртибот медоданд. Дар деҳае аз ин хоҷагӣ автобусҳо истоданд. Синфхонаҳои мактаби миёнаро ишғол намудем. Ин ҷо низ Рачабалӣ Ғафуров бахши хоҷагӣ, яъне дегу косаро дар ихтиёр дошт. Қартаҳои замини пахта дар гирду атрофи деҳа чойгир буданд. Аз ин чост, ки ҳар пагоҳӣ бо пойи худ сари замин ҳозир мешудем. Чанд рӯз офтобӣ шуду баъд борону барф оғоз ёфт. Бегоҳиҳо гулхан меафрӯхтему гирди он раксу бозӣ мекардем. Дар шӯъбаи форсӣ Мирзомат (Корча) Баротов аз шаҳри Кӯлоб мехонд. Ҳамдарси мо буд. Ӯ бисёр чангара менамуд. Ҳақиқатро меҳост талаб кунад. Ба ин хотир бад будани сифати хӯрок

вайро асабӣ сохту бо Рачабалӣ Ғафуров даст ба гиребон шуд. Мирзомат нисбат ба Рачабалӣ бақувват баромаду дар шоҳидии ман ӯро болои линчаҳои орду пиёзу картошка ба пушт хобонда бурӣ кардан хост. Ману Сайдалӣ ва Сайдамир чони Рачабалиро харидем. Воқеан, сифати хӯрокҳо хеле паст буд. Табиист, ки ин чо гуноҳи мудири хочагӣ ба назар мерасид.

Чунон ки гуфтам, соли дуюми таҳсил баъзе ҳамдарсонам ба ишкварзӣ дода шуданд ва якеаш духтареро аз курси якум таги чашм намуда буду ҳамашаба мулоқоташон миёни пахтазор амалӣ мешуд. Духтараке аз ҳамин курс сари маро гарм мекард. Мехост, ки ман ҳам бо ӯ монанди он ду кафар бегоҳиҳо дар байни пахтазор мулоқот кунам. Тачриба нишон медод, ки дар чавонӣ карданҳо духтарҳо фаъолтар мебошанд. Пӯшида наметонд, ки ҳар духтар дар баробари хондан мехост, ки панҷ солаш барабас нараваду писари арзандаеро ба домӣ худ андозад ва ниҳоят бо ӯ издивоҷ бандад. Дар ин чода аз эҳтиёткорӣ истифода бурда, намехостам, ки ба осонӣ гирифтори ишқи духтаре шавам. Фақат боре дилам ба он духтар сӯхту баъди торик шудан ба мулоқоташ рафтам. Дар гӯшае аз пахтазор нишастему ба осмон назар андӯхтем ва ҳаракати моҳу афтидани ситорахоро тамошо намудем. Чӣ шуд, ки ӯ худ аз худ беҳуш гардиду болои замин афтид. Тарс фароям гирифту ба молиши қалбаш дода шудам. Он сӯтар, ки ҳамдарсам бо дӯстдоштааш сӯҳбат мекард, аз ҳолати мо огоҳ шуда, саросемавор наздамон омаданд. Дидам, ки андак ҳолаш хуб шуд, ӯро бо духтари ҳамдарсаш гузошта, мо ду писар кароргоҳамон омадем. Вакте ки ба хонаи хобамон даромадем, бачаҳо аллакай аз пинҳонкории дуи мо огоҳ будаанд, ки кадомеаш гуфт: «Ҳа, мачнунҳо омадед. Лайлиҳотон кучо шуданд?» Мо, ки гунаҳгор будем, сухани он ҳамдарси бесаликаамонро гӯё нашунидем, ба чойҳомон дароз кашидем. Ман садои таъноомези ҳамдарсамро шинохтам. Он писар ҳамшаҳри духтаре буд, ки ба ман майл дошт. Пагоҳӣ вакти нонто ду-се дафъа бо нигоҳам гуфтамаш, ки

«дамата гир, вагарна шаллоқ мехӯрӣ». Он духтарро ҳам ба мушоҳида гирифтам, ки дуздона сӯям менигаристу худро хушбахт медид. Бо вуҷуди ин, дигар ба ӯ майл зоҳир накардам. Хайрият, ки дар таътили зимистона ба ноҳияаш рафту падару модараш ӯро ба шавҳар доданд. Ба гумонам ҳамон писари ҳамшаҳриаш вазъиятро ба хонадони духтар расонду дигар барои идомаи хондан иҷозаташ надоданд. Дуруст аст, ки барои фаъолияти оншабаам аз духтарони ҳамдарсам маломат ҳам шунидам. Ду духтари гурӯҳам гуфтанд: «Мо чӣ камӣ дорем, ки бо курсакҳои як мулоқот меорӣ?» Якеаш, ки хеле зебову хушандом буд, майли банда дошт ва бисёр мехост, ки хонаашон хостгор равон кунам. Духтари хушқаворае буду содагиҳо бисёр дошт. Шоме баъд аз ғизо дар гӯшае оташ гирондему картошка пухтанӣ шудем. Боз як духтари дигар ҳам бо мо менишаст. Онсӯтар филме намоиш медоданд. Духтар фақат сари ишку ошиқӣ сӯҳбат мекард. Ман ҳам суханҳояшро «об медодам». Ҳаво, ки сардӣ дошт, оташ ҳаловат мебахшид. Ин маъракаи пахтачинӣ дигар хеҷ лаҳзаи хотирмоне надошт. Баъди дах-поздах рӯз худро дар бинои таълимӣ дидем. Боз лексия гӯш кардану дар кироатхонаҳо нишастан шурӯъ шуданд.

СИФАТИ ЧАНД МУАЛЛИМ

Домулло Ш.Ҳусейнзода шахсияте буд, ки бо рафтору гуфтор, дониш ва тарзи дарсгӯӣ аз муаллимони дигари факултет фарқ мекард. Мавсуф дар ҷодаи таълим фақат як мақсад дошт: донишҷӯро босавод сохтан. Меъёри зиндагиаш донишандӯзӣ буду бас. Манфиати шахсиро намешинохт. Исмаш ба худаш муносиб буд: Шарифҷон. Аз ин ҷост, ки дар курси дуюм боз ҳам дарси ҷиддӣ аз Ш.Ҳусейнзода шинохта мешуд. Таърихи адабиётро аз оғоз то асрҳои XII-XIV меомӯзонид. Мувофиқи одат конспекташро, ки ба хатти арабӣ буд, ба пурраги мехонд. Сарчашмаи асосиаш китобҳои Е.Бертелс, Браун буданд. Ман ҳамеша дар қатори аввал назди минбари домулло менишастам. Рӯзе мавзӯи лексияаш

осори шоирони маддоҳи асрҳои XI-XII буд. Дар бораи Манучеҳриву Унсуриву Фаррухӣ ва дигар шоирони дарборӣ ба завқ лексия мехонд. Ш.Ҳусейнзода одат дошт, ки гоҳ-гоҳе ба шарҳи баъзе лаҳзаҳои мавзӯъ дода мешуду боз рӯ ба лексия оварда, аз ҷойи таваққуфкардааш матнро идома медод. Он рӯз чунин шуд, ки ҷои таваққуф кардаашро гум кард. Чанд лаҳза болову пойини мазмуни навиштаашро ҷустуҷӯ намуд, то ки исми шоири маддоҳи лозимро пайдо намояд. Донишҷӯён қаламҳо дар даст интизори шунидани давоми лексия буданд. Ҳама ҳайрон монданд, ки ба муаллим чӣ шуд, ки ин қадар байни сатрҳои лексияаш болову пойин назар меандӯзад. Рости гап ба муаллим раҳмам омаду «Манучеҳрӣ» гӯён луқма партофтам. Домулло шунидан замон «ҳа, ҳа, Манучеҳрӣ» гуфта хондани матнро идома дод. Чанд сатр поён хонда буд, ки номи шоири даркориашро ёфт, ки Анварӣ будааст. Муаллим аз болои айнакҳояш ба ман як нигоҳи бадкаҳре карду «чаро Асо ту маро ба ғалат андохтӣ»,-гуфт. Ман дарҳол аз ҷоям баланд шуда, ба саволи муаллим чунин ҷавоб додам: «Домулло, узр мехоҳам. Дидам, ки шумо исми шоири маддоҳеро пайдо карданӣ ҳастеду он дар байни сатрҳо ба назари шумо намехӯрад. Дар дил андешидам, ки шумо азоб кашида истодаед, хостам, ки номи шоири маддоҳеро ёдоваратон шавам, афсӯс ки Манучеҳрӣ неву Анварӣ будааст». Муаллим узри маро бо таваччӯҳ шуниду баъд табассуме карда, «шин» гуфт. То ин дам, ҳамдарсонам худ ба худ мегуфтанд: «Тамом, худо гирифт Худойназара, ҳозир аз дарс зада пешаш мекунаду бо ҳамин дигар гумон аст, ки ӯро ба дарсҳояш роҳ диҳад». Баръакс онрӯза рафтори банда Ш.Ҳусейнзодаро муқобили ман нагардонд, балки минбаъд каминаро дигар хел медид ва эҳсос мекардам, ки ӯ нисбати ман хушбинӣ зоҳир менамуд. Бесабаб нест, ки дар дарсе гуфт: «Асо, ту аз кафедраи адабиёти классикӣ мавзӯи кори курсӣ гир». Ҳамон дарс номҳои Сироҷ, Шодӣ, Диловар, Назрӣ ва боз чанд ҳамдарсамро гирифт, то ки ба кафедраи он кас номнавис шаванд. Ш.Ҳусейнзода номи донишҷӯёнро дар шакли

расмиаш не, балки гоҳе исми падарро мегирифту гоҳе исми худи донишчӯро. Масалан, барои он кас Худойназар гуфтан мушкилӣ дошт, аммо Асо кӯтоҳу осонтар буд. Ҳамчунин Хайруллоро Сироч, Муаззамро Диловар ва Чӯрабекро Назрӣ ном мегирифт. Бояд таъкид кард, ки Ш.Ҳусейнзода дар ҳар гурӯҳ аз се-чор кас бешро намешинохт. Ӯ шогирдонашро дар нимсолаи аввали курси якумӣ, вакти натиҷагирӣ аз имтиҳони «Назмшиносӣ» интихоб менамуд. Ҳарчанд ки он рӯз дафтарчаи маро ҳаво дода буд, аммо дар гӯшае аз қалбаш дониш доштани маро эътироф мекард.

Дотсент Ш.Ҳусейнзода аз таҳти дил дарс мегуфт. Кас гумон мекард, ки ҳини лексияхонӣ хуни ҷигар мехӯрад. Ин қадар базавқ ва диққатҷалбкунанда мазмуни дарсро мефаҳмонд, ки ягон муаллими дигар чунин ҳунарро надошт. Ҳисси миллиаш ба сатҳи баланде қарор дошт. Мавсуф суннатгаро буд ва адабиёту фарҳанги ҳазорсолаи форсии точикиро сидқан дӯст медошту ташвиқ менамуд. Ш.Ҳусейнзода то он дараҷа пуртоқат буд, ки дафтарҳои садварақаи моро, ки аз рӯйи сарчашмаҳо навишта мешуданд, саҳифа ба саҳифа месанҷид. Дафтарҳои ёддоштии маро меписандид. Эшон донишчӯи хушхатро дӯст медошт. Он кас ба назму низоми дафтар ҳам диққат медод. Масалан, аввал номи китоб, солу ҷойи чоп, баъд фаслу бобҳо чӣ навъ аз тарафи донишчӯ навишта шудааст, боиси таваччӯҳи эшон буд. Дар курси як ва ду агар андак дониш бардошта бошам, дар асари заҳмати домулло Ш.Ҳусейнзода ба даст омада буд. Дуруст аст, ки муаллим воҳима дошт. На ҳар донишчӯ дар рӯ ба рӯяш истода метавонист. Яъне, чеҳраи зоҳирии ӯ ҳамеша ҷиддӣ буд. Хандаи ӯро кам ба мушоҳида гирифтан мумкин мешуд. Аммо фурсате мерасиду механдид, аз таҳти дил механдид, ки нотакрор буд. Махсусан, бо духтарон хеле ҷиддӣ муносибат мекард. Чунин ба назар мерасид, ки вай чинси латифро чандон хуш надошт ва гӯё дар симои онҳо макру фиребро медид. Дар ҳамин замина агар духтаре дар дарс месулфид ё ин суву он сӯ меҷунбид, боиси маломати сахти Ш.Ҳусейнзода мегардид. Бо мо

духтаре бо номи Роҳат Шаҳидова мехонд, ки одоби олӣ дошт. Зиёд сӯҳбат карданро хуш надошт ва ҳамеша ором менишасту гӯё бо андешаҳояш танҳо мемонд. Дарсҳои курси дуюми мо аз соати дуи рӯз оғоз меёфтанд.Гузашта аз ин, баъд аз моҳи март дохили синфхонаҳо гарм мешуд ва касро хоб фишор меовард. Боз муаллим, ки лексияро дикта менамуду як оҳанг ба гӯш мерасид, фишори хоб афзоиш меёфт. Ш.Ҳусейнзода ҳангоми лексияхонӣ гоҳе аз болои айнакҳояш аҳли толорро медид ва ба чӣ корҳо машғул шудани шогирдон аз назари ӯ пинҳон намемонд. Боре дар авчи лексия муаллим бехотир диктаро қатъ намуду аз болои айнак ба байни синф мутаваҷҷеҳ гардида, бо як дасташ сӯйи шогирде ишора намуд, то ки аз ҷояш хезад. Ду-се кас аз ҷойҳо баланд шуданд, ки Ш.Ҳусейнзода «не, не, ту, ту»,-гӯён амри ангуштиашро такрор мекард. Баъд духтаре ба духтари паҳлӯяш ишора намуд, ки «ҳамин?». Муаллим «ҳа, ҳа, ана ҳамон»,-гуфт. Роҳат бо тарсу ларз аз ҷояш хест.Ш.Ҳусейнзода ба ӯ чунин танбеҳ дод: «духтарам, ин ҷо дарс аст, на ҷойи хоб. Ҷойи хоб ун дунё аст, ин дунё барои заҳмат кашидан аст. Чаро ту вақти лексияхонии ман хоб меравӣ?» Ин танбеҳ барои Роҳат чунин маънӣ медод, ки «халос, хонданат ба поён расид, метавонӣ баромада равӣ». Аз ин ҷост, ки ӯ якбора шуду аз хуш рафт ва болои миз афтид. Қурбоною Муътабар, ки дар паҳлӯяш қарор доштанд: «Муаллим иҷозат диҳед, ки ӯро ба хобгоҳ барем»,-гуфта аз зери китфони духтар гирифта, кашолакунон аз синфхона баровардand. Ҳақиқат он буд, ки Роҳат умуман дар назари кас гӯё ҳамеша хоболуд маълум мешуд. Яъне гӯё чашмонашро мепӯшид. Дугонаҳояш мегуфтанд, ки ӯ дарди сар дорад ва он мудом фишораш медиҳад ва боис мешавад, ки чашмҳояшро пӯшад. Домулло ҳамин ҳолати Роҳатро дида, гумон бурдааст, ки хоб аст. Табиист, ки Ш.Ҳусейнзода аз ин танбеҳи додааш худро нороҳат дид ва минбаъд нисбати гурӯҳи мо аз чунин сахтгапиҳо даст кашид. Оре, Ш.Ҳусейнзода аз ҳар ҷиҳат муаллими нотакрор буд.

Имтиҳони қабули соли 1964-ро як даста муаллимони

боманзалати факултет қабул карданд, ки дар он хайат Ш.Ҳусейнзода ҳам буд. Рӯзи иншо барои ӯ низ синфхонаеро медиҳанд, то ки ҷараёни иншонависиро назорат намояд. Мавзуи иншо дар тахта навишта мешаваду довталабон бо навиштан шурӯъ мекунанд. Он солҳо бо супориши ҳукумат духтаронро аз ноҳияҳои кӯҳистон мачбуран ба мактабҳои олӣ меоварданд. Чанд духтаре аз ноҳияҳои Гарму Комсомолобод дар синфхона тахти назорати Ш. Ҳусейнзода менишастанду ҳарфе снёх намекардаанд. Домулло вакти байни қаторҳо гаштан ба мушоҳида мегирад, ки ду-се духтар дастҳошонро таги манаҳошон сутун зада, сатре снёх намекунанд. Ш.Ҳусейнзода ду-се бор онҳоро танбех медиҳад, то ки иншо нависанд. Аммо танбехи муаллим ба онон таъсире намебахшад, балки чунин вонамуд мекунанд, ки ҳарфҳои муаллимро намешунаванд. Ш.Ҳусейнзода болои сари духтарони кӯҳистонӣ қарор мегираду мегӯяд: «Ой, духтарҳо! Нависед, охир. Агар чизе нанависед, баҳои ду мегиред ва ба орзуятон намерасед». Яке аз духтарон дар ҷойи нишасташ ба Ш.Ҳусейнзода ҷавоби зайлро медиҳад: «Э, малим, чӣ гаранг мекунӣ, давр даври озодияй, хохи менависм, нахохм наменависм». Ш.Ҳусейнзода бо шунидани ин ҷавоб ҳамон лаҳза синфхонаро тарк мекунаду то оғози дарсҳо ба факултет намеояд. Фақат ба саволи раиси имтиҳонот, ки «домулло чӣ гап шуд, ҷаро нороҳат шудеду синфхонаро тарк намудед?», ин тавр ҷавоб медиҳад: «Агар дар тӯли ин солҳо духтари тоҷик озодиро ҳамин тур фаҳмида бошад, ман аз ин хел имтиҳонгирӣ безорам». Ин ҳодиса ба зудӣ дар Университету идораҳои болоӣ паҳн гардид. Рӯзҳои аввали сентябри соли 1964 бошад, дар доираи факултет фақат сари ин ҳодиса сӯҳбатҳо сурат мегирифт. Бадбахтона ҳамон сол писаре аз Колхозобод дохил мешавад, ки камбудии чисмонӣ дошт. Ба иборае дигар, он ҷавон дар хоҷагии Чапаев трактурист кор мекардааст рӯзе ба асари ҳодисае зери трактор монда аз сараш ҷароҳати вазнин мебардорад. Сари ҷавон тақрибан пачақ шуда буд. Баъди табобат ҳам каллааш пачақ менамуд ва рӯяш ҷо-ҷо дӯхтагӣ

буд. Он ҷавон қади паст дошта, пойҳояш ҳам қачу килеб будаид. Оғози соли хониши 1964, вақте Ш.Ҳусейнзода ба дарси «Назмшиноси» шурӯъ мекунад, якбора чашмаш ба донишҷуе мехурад, ки дар қатори аввал нишастааст сараш пачак ва рӯяш сӯзанзадагӣ менамояд. Домулло гумон мекунад, ки ин марди мачрӯҳ ягон девона аст аз бозори «Зеленый» ба ин синфхона даромадааст. Ш.Ҳусейнзода ӯро аз ҷояш хезонда, «буро, аҳмақ, ин ҷо университет аст, факултети филология аст, ин ҷо барои девонаву калу кӯрҳо ҷой нест...»,- гуфта таҳдид менамояд. Ҷавон, ки ростгӯ будааст чунин таҳқирро нисбати худ ноҷо мебинад, ба муаллим мегӯяд: «Маллим чаро ҳақорат мекунӣ, охи, ма студентм». Ш.Ҳусейнзода аз болои айнакҳояш ӯро дурусттар дидани шуда, «ҳа, ҳоло ту студент гӯй, набошад, ин ҷо ҷойи ман набудааст»,- гуфта портфели дуқулфаашро мегираду аз синфхона мебарояд. Домулло бо ҳамон қаҳру ғазабе, ки дошт ааст, назди декани факултет Турсунбой Неъматзода медарояд ва бидуни салому алейк сари декан ҳучум меорад: «Турсунбой, шумо факултетро ба девонахона табдил додаед-ку. Калу кӯрро ҳам қабул кардаед-ку. Ки ҳаст он сарпачаке, ки дар курси якум нишастааст? Аз куҷо ӯро овардӣ?» Декан хуб муаллимро гӯш медиҳад ва баъд ҳозирҷавобӣ нишон дода мегӯяд: «Домулло, охир ин донишҷӯёнро худи шумо ва С.Табарову Д.Тоҷиев, В.Асрорӣ ва Ҳилол Каримов қабул кардаед. Шумо будед-ку дар қабули имсола...». Ш.Ҳусейнзода боз асабитар шуда, идораи деканро тарк мекунаду дигар ба дарсаш дар курси як ҳозир намешавад. Дар раёсати деканат масъала мегузорад, то ки он донишҷӯро ба шӯъбаи шабона гузаронанд, вагарна ӯ аз дарс гуфтан дар курси якум даст мекашад. Декан дигар илоҷе наёфта, мачрӯҳи дарачаи дуро розӣ кунонда, ба шӯъбаи шабона мегузаронад. Он донишҷӯи бечораро минбаъд соати ҳафти бегоҳ назди бино медидем, ки дафтару китобҳояш зери бағал маътали занги шабонаҳо буд.

Тавре ки дида шуд, Ш.Ҳусейнзода табъи нозук дошт ва зебопараст буд, бенизомиро намепазируфт. Худаш ҳам ин

чиҳатҳоро риоя менамуд ва ҳамеша бо сару либоси озодаву дарзмолшуда сари вазифаи муаллимӣ ҳозир мегардид. Ду соли аввали таҳсил ба мушоҳидаам расид, ки Ш.Ҳусейнзода аз як костюму брюк беш надошт. Костюмаш хокистарӣ ҳоричӣ буд. Портфелаш ҳам сурҳчаи чарминӣ дукулфа менамуд. Эшонро ҳеҷ гоҳ бе портфел намедидам. Ин портфел ҳам таърихчае дорад. Аз мо ду курс боло марде меҳонд, ки як чашмаш гул дошту намедид. Ӯ аз ватандорони Ш.Ҳусейнзода ҳам буд. Боре домулло ба дарс меояду аз портфел матни лексияро бароварда, баъд аз поён ёфтани дарс мехоҳад дубора коғазҳояшро ба портфелаш андозад, аммо ҳеҷ наметавонад, ки якбора ду гӯшаи тасмаи портфелро ба ду қулфдонаш андозад. Муаллим чанд лаҳза шарақ-шарақ тасмаҳоро ба қулфдон задан мегирад ва ҳеҷ не ки дарояд. Он донишҷӯи ватандораш дилаш ба муаллим месӯзаду тарсида-тарсида ба Ш.Ҳусейнзода наздик шуда, оҳистакак хоҳиш мекунад: «Домулло, иҷозат диҳед, ки ман тасмаҳои портфелро ба қулфдонаш андозам». Муаллим аз болои айнак ба шогирд менигарад: мегӯяд: «Ман бо чор чашм наметавонам андозаму ту ба як чашм меандозӣ-мӣ?» Сипас, Ш.Ҳусейнзода бо асабоният портфели тасмаҳояш овезонро кашолакунон баромада ба кабинеташ меравад. Ин ҳодиса низ вирди забони аҳли факултет гардид ва борҳо он донишҷӯро гирд мекарданду мегуфтанд: «Канӣ гӯй, муаллим ба хоҳишат чӣ ҷавоб дод?» ва механдиданд. Ин воқеаро аз ҳама хубтар Барот Нозимов қисса менамуд.

Зимистони соли 1964 ҳам хеле сард омад. Роҳравҳо ях бастанду ба ҳукми тақдир Ш.Ҳусейнзода афтида, як пояш шикаст. Чанд муддат дар хона бо гипс монд. Ҳамин сол буд, ки ба эшон ордени Ленинро сазовор донистанд. Ба хотири ин ки дар хонавода ташвиш нашавад, бо пойи гипс омада дар кабинети Ҷомӣ менишаст. Мо, ки мудом дар ин қироатхона бо мутолиа машғул будем, медидем, ки бисёре аз шахсиятҳову чеҳраҳои фарҳанги барои табрики домулло меомаданд. С.Табаровву В.Асрорӣ, Ҳилол Каримов, Мақсуд Шукуров, М.Бобоҳонов ва дигар муаллимони Университет

ба кабинети Ҷомӣ даромада, Ш.Ҳусейнзодаро муборакбод намуда, як пиёлаи чойи омодасохтаи мудири кабинет Ҷӯраев Ҳайдарро менӯшиданду мерафтанд. Чоште муаллими шӯъбаи таърих Абдусамад Қодиров ҳам ба толори Ҷомӣ даромаду папкааш зери каш, хост, ки домуллоро табрик гӯяд, ки ногаҳон пояш дар зинаҳои кабинет лағжиду фукаш ба тахтаи чойи китобмонӣ бархӯрд. Папкааш аз зери бағалаш хато хӯрд. Домулло аз дохил: «Ҳа, Абдусамад, чӣ шуд? Пои ман шикастагӣ, боз ту ҳам поятро нашиканӣ»,-гӯён эшонро тасалло медод. Абдусамад аз ҷой хеста, ду даст неши бар домуллоро табрик гуфту шармгинона зуд ба қафо гашт. Воқеан, агар муаллим дар хона табрикгаронашро қабул менамуд, барои оила дарди сар оварданаш мумкин буд. Албатта, бачаҳои мо мегуфтанд, ки «домулло бисёр пухта аст, ин қадар табрикгар чой мехоҳад, зиёфат мехоҳад. Масрафи онро кӣ ба ӯхда мегирад? Ин чо бемалолтар аст, табрик мегӯяду зиёфаташро дар хонаи худаш мехӯрад». Ҳарчи дар мавриди домулло Ш.Ҳусейнзода гуфтам, бори дигар бузургии эшонро равшан хоҳанд кард. Бо ин сифати домулло поён намеёбад, балки дар фаслҳои баъдӣ низ аз эшон ёдовар хоҳем шуд.

Муаллими дигаре ҳам доштем, ки ҷавону бомаърифат буд. Исмашро Баҳриддин Камолиддинов мегуфтанд. Эшон аз забони тоҷикӣ дарси амалӣ мегузошт ва дар арафаи дифои рисолаи номзадӣ қарор дошт. Дарси эшон аз рӯйи ҳикояҳои Ҳаким Карим сурат мегирифт. Дар тахта ҷумлаҳо менавишт ва онҳоро бештар аз нигоҳи услубӣ таҳлил менамуд. Таҳлилҳояш бисёр ҷолиб буданд. Ман ин дарсро хеле башавқ меомӯхтам ва ҳатто дар оянда мехостам, ки ба ҳамин бахш ҳудро номнавис намоям. Б.Камолиддинов ҳикояи нависандаи номбурда «Мархабо, баҳор»-ро чунон мехонд, ки кас ҳаловат мебурд:

-Баҳор, боз омадӣ?

-Биё!

-Мархабо!

-Биё, ман акнун душмани ту наям.

-Биё, ман ошиқи туям, ту нозанини ман ҳастӣ!

-Баҳор, маро бубахш!

-Магар ёдат намеояд. Замоне буд, ки ману ту чангӣ шудем.

-Туро на тоб доштаму на тоқат...

Ҳамин матнро пуртаъсир қироат менамуд ва гӯё, ки ӯ худ Ҳаким Карим асту бо қаҳрамонаш сӯҳбат дорад. Қироати матни бадеӣ ҳунар мехоҳад, таъкид мекард муаллим. Шояд боваратон наояд, аммо ман чӣ навъ фарорасии вақтро намефаҳмидам. Ҳеҷ намехостам, ки занги баромад шавад, балки мехостам, ки ин муаллим бетанаффус дарс гуфтан гираду ман ҳаловати маънавӣ бардорам. Ҳамоя айём орзу менамудам, ки мисли ӯ сухандону суханфаҳм шавам. Ман, ки дар Нагорний зиндагӣ мекардаму аз кӯчаи Репин ва баъд Чехов шиёда ба дарс меомадам, борҳо медидам, ки ин муаллими чавону донишманду озода аз дасти духтарчаи се-чорсолае дошта, чониби хобгоҳи кӯчаи Репин мерафт. Бо меҳр саломаш медодам ва ӯ низ бо муҳаббат алейк мегирифт. Ин муаллими чавон рӯзҳои чаши ҳам бо ҳамон духтарчаи ширинрӯякаш мегашт. Оре, кам муаллимонро дидан мехостам. Аммо баъзе муаллимонамро ҳар рӯз ҳам, ки медидам нороҳатӣ эҳсос намекардам, балки хушҳол мешудаму худро сарбаланд медидам, ки маҳз аз онон дарс меомӯзам.

Дар ин соли таҳсил боз як фанни наверо хондем, ки «Матни классикӣ» унвон дошту то ин дам бароям ноошно буд. Ин дарсро метавон «Алифбои ниёгон» ҳам номид. Ба таъбири дигар алифбои арабиасоси форсӣ мехондем. Он баробари омадани дини мубини Ислом дар минтақа пиёда гардид. Азбаски ин алифбо 28 ҳарф дошту ба талаботи овозҳои лаҳҷаи форсии тоҷикӣ ҷавобгӯ набуд, донишмандони дунёи форсигӯ чор ҳарфи дигарро (п, г, ж, ч) ихтироъ карда болои 28 ҳарфи арабӣ зам доштанд, ки 32 то шуд. Фанни мазкур бароям бисёр дилчасп менамуд, зеро бо ин ҳуруф беш аз ҳазор сол гузаштагони мо менавиштанду мехониданд. Дар ин алифбо ҳазорҳо чилд китобу девонҳои шоирон ва асарҳои илмӣ мавчуданд. Омӯзиши алифбои мазкур имкон медод, ки ба решаҳои бобоии хеш пайванд

шавем. Рӯдакиву Фирдавсӣ ва Саъдиву Ҳофизро тавассути ин алифбо мутолиа намоем. Яъне, алифбои арабиасоси форсӣ моҳияти пайвандгарӣ дошт. Аз ин рӯ, ба фанни мазкур бисёр ҷиддиёна муносибат мунамудам. Муаллимаи ҷавону зебое ин дарсро ба ӯхда дошт, ки исмаш Мукаррама Қосимова буд. Муаллима боназокат дарс мегуфт. Кӯшиш менамуд, ки шогирдонаш хондану навиштанро ёд гиранд ва барои мутолиаи девону асарҳои илмӣ ба ин ҳуруф омода шаванд. Ба гумонам нимсолаи дуюм Мукаррама Қосимова ба рухсатии эҷодӣ рафт, ки Саид Ҳалимов ба мо дарс мегуфт. Албатта, методи дарсдиҳии ин муаллим аз муаллими собиқамон тафовут дошт. Саид Ҳалимов бештар бо луғат кор мекард. «Шоҳнома»-ро бароямон мехонд. Вай ба дарс хеле ҷиддӣ муносибат менамуд. Дар тахта менавишту аммо синфро ба мушоҳида мегирифт.

Боре ба гап машғул шудаму аз муаллим танбеҳ дидам, ки «Асозода» гуфтани Саид Ҳалимов буд. Ин чунин маънӣ дошт, ки ман бояд ба тарзи навишти муаллим диққат диҳам ва монанди ӯ нависам. Нимсолаи аввал санҷиш шуд ва сессияи тобистона имтиҳон супоридем. Баҳои банда «чор» буд, на баланд. Панҷгирҳо Муаззаму Шаҳбоз, Моҳирхуҷа, Ҷӯрабек, Хайрулло ва дигарон шиноҳта шуданд. Муҳимаш он буд, ки рӯзномаву мақолаҳои чопиро хонда метавонистам ва ҳатто аз осори Шиблии Нӯъмонӣ ба хубӣ истифода менамудам. Аммо ин хат мудом машқро тақозо мекард. Ба ҳар ҳол худро хушбахт медидам, ки соли дуюми таҳсил аз дониши тамоман наве бархурдор гардидам. Дар таътил хонаи падар рафтаму таъриф намудам, ки алифбои арабиро ёд гирифтам. Падар савол кард, ки «канӣ болои ин хоки нарм бо чӯбча Асо нависе. Дарҳол бо чӯбчае болои хок калимаи асоро навиштам, ки аз ҳарфҳои алифу сину о иборат буд. Падар эрод гирифт, ки калимаи асо бо айну сод навишта мешавад, на бо алифу син. Бо падар баҳс намудам, ки на, падар, ба мо муаллимамон асоро бо алифу син ёд додааст. Падар «Хайр, метавонӣ бори дигар аз муаллимат пурсӣ ва ё ба луғот мурочиат намоӣ. Вақтҳое ки мо дар

мадраса мехондем, асоро бо айну сод менависонданд», гуфт дар интиҳо.

Дар курси дуюм "Шевашиноси" ҳам хондем. Ин фанро якумин доктори илмҳои филология, профессор Бобочон Ниёзмуҳаммадов гузошт. Мавсуф директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ буд. Вай бо номи "Масъалаҳои шевашиносии тоҷик" монографияе руйи чоп оварда буд, ки аз болои он дикта мекард. Профессор содагиҳо ҳам дошт. Маънӣ бардоштам, ки ба дарсгӯй чандон майл надорад. Бештар мехост, ки вақти дарсро бо наклу қиссаҳое аз рӯзгори хеш ба поён расонад. "Китоби дарсӣ ҳаст. Худатон мехонетон",-мегуфт ҳамеша. Дар ҳамин замина, чӣ навъ сурат бастани чарроҳияшро қисса намуд. Б.Ниёзмуҳаммадов ба беморие гирифтор мешаваду мавзӯи амалиёти чарроҳӣ пеш меояд. Ӯро ба мизи чарроҳӣ мехобонанд, аммо миз майдагӣ мекунаду мизи дуюми чарроҳиро пахлӯи мизи аввал гузошта, баъд мехобонанду амалиёти чарроҳӣ мегузаронанд. Дар гурӯҳи "Б" донишҷӯе бо номи Султон Эсанов аз Маҳрами Конибодом мехонд. Азбаски профессор ҳам конибодомӣ буд, Султон дар ҳар дарс савол медод, то ки бори дигар сурат бастани чарроҳияшро болои ду миз вакл намояд. Профессор саволи донишҷӯи ватандорашро чиддӣ дониста, ҳар боре ки ба дарс меомад, қиссаи чарроҳиро аз нав мегуфт. Тақрибан ҳафтае як бор ин қиссаро мешунидему ба соддагии профессор дар дил механдидем. Қисса то он ҷо расид, ки профессор аз нияти Султон бохабар шуду ӯро сахтакак танбеҳ дод. Ё ин ки Б.Ниёзмуҳаммадов аз донишҷӯён савол мекард, ки оё медонанд дар Конибодом "гусел кардан"-ро чӣ мегӯянд. "Албатта, намедонед",-мегуфт худаш ва баъд ба саволи гузоштааш чунин ҷавоб медод: "узот кардан". Акнун донишҷӯи дигаре, ки пургӯй дошту номаш Аҳмадҷон буд, аз профессор мепурсид, ки муаллим, бубахшед, дар Ашти мо гусел кардан истифода мешавад, дар Конибодом чӣ метӯянд. Профессор бидуни шубҳае боз дуюмбораву сеюмбора "узот кардан",-мегуфт. Бо чунин саволу ҷавобҳои бемаънӣ дарси шевашиноси поён меёфт.

Портфели чармии бузурги дутасмадори профессорро муовини декан Миср Эшниёзов мебардошт. Маълум, ки ӯ дар арафаи дифоъ буду бе профессор комёб шуданаш амри маҳол буд. М.Эшниёзов дар бораи шеваи ҳардурии вилояти Сурхандарёи Ӯзбекистон рисолаи номзадӣ омода месохт. Ба ин хотир тамоми чараёни дарси профессор пушти толор маътал меистод. Занг, ки зада шуд, вай дарро мекушоду ба пешвози профессор омада, портфелашро аз дасташ мегирифту аз паси вай то бинои институт роҳ мерафт.

Боре профессор ҳамон китобашро кушода хондан гирифт. Мо ҳар ҳарфи кироаткардаи ӯро дар дафтарҳомон менависондем. Занги танаффус садо доду профессор барои дам гирифтан ба даҳлез баромад, аммо китобаш дар болои минбар монд. Дарси дуюм ҳам доштем. Профессор бояд лексияашро идома медод. Вақте ки баъди занг ба толор даромаду болои минбар қарор гирифт, китобашро надид ва пурсид: "Бачаҳо китобро кӣ гирифт?". Мо ҳеч чиз намедонистем. Ҳама бо сарҳои хам менишастанд. Профессор ба дохили портфел назар меандӯхт, рафи минбарро медид ва ҳеч не ки китобашро пайдо кунад. Ҳамоно саволи муаллим бечавоб мемонд. Сипас профессор гуфт: "Бачаҳо, майлаш, касе, ки китобро гирифтааст, биёрад, соядаст карда медиҳам". Донишчӯён ба якдигар менигаристанду хомӯш буданд. Профессор ним соат китобашро чуст ва баъд портфелашро бардошту баромада рафт. Дигар ба дарс наомад, балки ба Эшниёзов супориш дод, ки дафтарчаҳои моро чамъ намуда, барои санчиш гузоштан ба манзилаш, ки дар кӯчаи Академическая буд, бубарад. Эшниёзов рӯзе омаду ҳама дафтарчаҳоро чамъ карда, хонаи профессор бурд. Баъд аз як рӯз дафтарчаҳоро баргардонд, вале дафтарчаи ман набуд. Ҳарчанд ба муаллим мефаҳмондам, ки "охир, чӣ хел дафтарчаамро надода будам, ки худам онҳоро чамъ карда ба шумо додам". Эшниёзов ҳамоно худашро бегуноҳ ҳисобида маро айбдор сохтанӣ мешуд. Дигар чӣ чойи баҳс буд. Чанд рӯз баъд роҳгузаре аз пиёдагарди бозори "Зеленый" дафтарчаро меёбад ва

дохилашро хонда, онро ба суроғааш мерасонад. Котибаи декан даъватам карду дафтарчаро бароям дод. Эшниёзов, ки он чо буд, гуфтам: "Муаллим, акнун боварӣ хосил намудед, ки ман дафтарчаамро ба шумо дода будам?" Ӯ кас табассуме карда, "бале, ту дуруст мегуфтӣ. Дафтарча аз сумкаи ман афтодааст" гуфт. Бо хамин дарси шевошиносӣ поён ёфт ва санчишашро муфт гирифтем. Акнун ин тобистон дар таҷрибаи шевошиносӣ он дониши назариро дар амал бояд месанҷидем. Аз ин ҷост, ки барои бист рӯз донишҷӯёни моро ба дараи Алмосӣ бурданд. Роҳбарони таҷрибаи шевошиносӣ М.Эшниёзов, М.Норматов ва боз ким-кас дигар ҳама аз кафедраи забони тоҷикӣ таъин гардидаанд. Ман нарафтам, зеро декани барои кори комсомолӣ дар факултет маро нигоҳ дошт. Баъдан бояд ин таҷрибаро мегузаштам. Шояд хонандаи гиромӣ савол диҳад, ки китоби профессорро кӣ аз худ намуда буд. Бо гузашти вақт маълумамон гардид, ки он рӯз китобро аз болои минбар духтаре бо номи Хосият Шафиева гирифта будааст. Он китоб барои муаллиме, ки ба Хосият ҳусни таваҷҷӯҳ дошту нияти чиддӣ ҳам дар пеш буд, лозим шудааст. Мо байни худ мегуфтем, ҳеҷ гап не "Китобдуздӣ гуноҳ нест, балки савоб аст, зеро он хонда мешаваду боиси донишандӯзӣ мегардад". Бо ин қисса шиносоиҳоямро бо муаллимони соли дуюми таҳсил ба поён расонда, меравем ҷониби соли хониши 1965-66, ки хотирмон хоҳад буд.

ҲАМДАРСОН

Дар ин ду соли таҳсил банда аксаран бо Хайруллову Моҳирхӯҷа будам. Хайрулло аз вазъи иқтисодии ман огаҳ буд. Аз ин ҷост, ки ҳамеша пули нони чоштро мепардохт. Гап дар ин аст, ки ӯ муддати се сол дар қисмҳои сохтмонӣ хизмат карда буду миқдоре ҳам пули захира дошт. Ҳар сару либосе, ки барои худ харидорӣ менамуд, барои ман ҳам мегирифт. Масалан, ҳардуи мо костюму шими якхела мепӯшидем. Мисли бародарон рӯзгор доштем. Моҳирхӯҷа

дигар навъ дӯстӣ зоҳир менамуд. Ӯ аз ҳар чиҳат таъмин буд. Падару модар ва тағоҳош ёрдамаш мекарданд, кариб ки дар ҳар се-чор рӯз ба хонаашон мерафт. Табиист, ки Моҳирхӯча то ҷое шаҳрӣ буду исрофкориро хуш надошт. Ҷойи айб надорад, ки бештари маврид, ки якҷоя дар ошхонаи бозор нони чошт меҳӯрдем, боз ҳам Хайрулло пешдастӣ нишон дода, пули хӯрокро медод. Ин чунин маънӣ дошт, ки Хайрулло шахси дилвасеъ ва саховӣ буд. Шаҳбозу Ҳабибулло ҳам бо дастаи мо шарик мешуданд. Инҳо низ камбизоат маҳсуб мегардиданд. Ҳарду мактаб-интернати Сарчашмаро хатм карда буданд ва дониши забониашон хеле кавӣ ба назар мерасид. Сессияи аввалу тобистонаи курси якумро бо баҳои аъло чамъбаст намуданд. Шаҳбоз, асосан, дар хонаи апааш, ки яке аз муаллимаҳои шинохтаи минтақаи Кӯлоб маҳсуб мегардид, тарбия ёфта буд. Хушбахтона, модараш гоҳе меҳрубониаш менамуд. Язнааш Табаров ҳам додарӯсашро бе ёрмандӣ намегузошт. Бо вуҷуди ин, Шаҳбоз ҳам бо стипендия рӯз мегузаронд. Аз ҳама бачаи батарбият миёни мо маҳз Ӯро мешинохтам. Ҳабибулло каме худситоӣ менамуд ва дониш доштанашро худ ошкор кардани мешуд. Гузашта аз ин баҳсҳо меросту фақат худро ғолиб медид. Шаҳбоз донишмандтар бошад ҳам, фурӯтан буд ва ҳамеша фикру ақидаашро бо андеша изҳор медошт, то ки боиси ранҷиши хотири мусоҳибаш нагардад. Дар баҳс оростан Моҳирхӯча устухон надошт. Ба касе сар намефаровард ва гӯё ҳама илмҳоро медонист. Баҳсҳои адабиву фалсафиро мепазируфт, худро шеършиноси воқеӣ меҳисобид. Ҷӯрабек ҳам аз баҳс намегурехт, балки баъзан агар мусоҳибаш ба ақидаи ӯ розӣ нашавад, имкон дошт, ки ба воситаи зӯроварӣ ҳарифашро мағлуб созад. Муаззам монанди Шаҳбоз донишманду фурӯтан буд. Абдукодир Умаров гоҳе худро ба мавҷи баҳсгарон мезад ва бо иқтибосҳо аз Марксу Ленин ва ё ягон адабиётшиносу забоншинос фикрашро сари дигарон бор менамуд. Дар маҷмӯъ ҳама ҳамдарсони банда ба маънии воқеияш донишҷӯ буданд, худро ташнаи илм медиданд.

Бесабаб нест, ки дар курси дуюм аксари онҳо аъзоёни маҳфилҳои забоншиносиву адабиётшиносӣ ва "Адибони чавон" шуданд. Донишҷӯён аз шӯъбаи форсӣ ҳам аз ҳамдарсони ман монданӣ надоштанд. Он ҷо Абдурахмони Абдуманнои, Хайруллои Афзал доништалаб буданду мутолиаи хуб доштанд. Абдурахмон русидони асил буд ва бо гурӯҳи мо робитаи ҳамешагӣ дошт. Бо мо якҷо дарс тайёр мекард, Хайрулло низ ҳамчунин.

Ҳамдарсоне, ки ёдовар шудам, ҳамагӣ аълохон буданд. Масалан, Хайрулло Сирочев стипендияи ленинӣ мегирифт, дигарон ба стипендияи баланд сазовор шуда буданд. Духтарҳоямон: Гулрухсор, Рафоат, Хосият низ хубу аъло мехонданд. Албатта, Гулрухсор аз дигарон бартарӣ дошт. Дар гурӯҳи форсиву арабӣ Санавбар Худойдодова, Хосият Олимова ва Гавҳар Эшонхоҷаева ҳамчун аълочиёни шӯъбаи марбута шӯҳрат доштанд. Хосият Олимова ҳанӯз то Университет дар телевизион нотиқ буд. Мо бо ӯ ифтихор мекардем. Духтари ачибе буд. Одоби олии шарқиёна дошт. Санавбар - духтари муаллими забонамон Худойдод Ҳусейнов ҳам аз Хосият монданӣ надошт. Монанди Гулрухсор ҳандаи таҳтидилӣ мекард.

Бояд гуфт, ки Моҳирхӯҷа ба кафедраи адабиёти советӣ номнавис шуда, мавзӯи кори курсиаш "Рубоиёти Муҳаммадҷон Раҳимӣ" буд. Ӯ бар иловаи сарчашмаҳову асарҳои тадқиқотӣ оид ба рӯзгор ва эҷодиёти М.Раҳимӣ боз мехост, ки шоирро аз наздик бубинад ва агар имкон ёбад, ба вай ҳамсӯҳбат шавад. Мо медонистем, ки шоир ҳар рӯз дар боғ шоҳмотбозӣ мекунаду хӯроки шомро дар "Вахш" мехӯрад. Бегоҳие назди дарвозаи боғ маътал шудем, то ки М.Раҳимӣ роҳи ресторанро пеш гирад. Шоир оромона роҳ мерафту саломи муштариёнашро бо сарҷунбонӣ алейк мегирифт. Мо ба масофаи 10-15 метр аз паси ӯ мерафтем. Ману Хайрулло ба Моҳирхӯҷа эҳтиёткорона шӯхӣ мекардем, ки роҳгардӣ, тарзи салому алейкгирии қаҳрамонашро дурусттар омӯзад. Махсусан, каллаи М.Раҳимӣ диққатҷалбкунанда буд. Тухми пӯстқандаро мемонд.

Шоҳидон мегуфтанд, ки вай ҳар саҳар бо поку мӯи сарашро чаппа метарошад. Одати дигари шоир он буд, ки бисёр кам мешуд, ки ба кас даст диҳад. Агар чунин шавад, ки бо шахсе дастакй салом кунад, таъчилан об пайдо намуда дастонашро мешуст, аммо бо сачок ё дастмоли киссагиаш пок намекард, балки харду дастро озод медошт, то ки худаш хушк шавад. Ин чихатхои шоирро мо байни худ киссакунон аз акиби М.Рахимй қадам мезадем. Соати ҳафти бегоҳ буд. Шоир ба толори ресторани "Вахш" ворид шуд. Мо низ даромадем. М.Рахимй ба хеч кадом аз нишастагон назар накарда, рост чониби дарвозаи ошпазхо рафт ва дар дастшӯяки онхо дастхояшро шусту бо дастхои овезон ба мизи таги тиреза нишаст. Маълум шуд, ки ӯ доим ҳамон чо менишастааст ва бонуи хизматрасон ҳам аз ошноёни наздикаш барин менамуд. Бону Тамара ном дошта, хеле шӯху зиндадил буд. Вай ба кавми тотор махсуб гардида, зебочехра метофт. Мо андак таги дар истодем, то ки М.Рахимй чо ба чо шавад. Сипас мо низ дар як миз дуртар аз М.Рахимй нишастем. Се борши украинй фармоиш додему як чойнак чой. Шоир ҳам ба хӯроки аввал борш фармуд. Моҳирхучча хама харакатхои қахрамонашро чиддан меомӯхт. Карамшӯрборо охиста мехӯрдем, зеро шоир боз ғизои дуюм хам фармуда буд. Агар тез мехӯрдем, он чо нишастан дигар айб буд. Се карамшӯрбо фармоиш додани мо ба ин хотир буд, ки як сӯм доштем. Қимати ҳар коса борш сй тин буд. Дах тиаш барои як чойнак чой кифоя мекард. Албатта, нони хлебро зиёдтар хостем, чунки ҳамон вақтхо нонро ба нархи ғизо дохил намекарданд. Тамоми таваччӯхи мо ба хӯрокхурии шоир буд. Ногаҳон пешхизмате дар лаълй як шиша коняк, як мурғи калони табака ва салат наздамон гузошт. Ҳарсе ба як овоз "нет: нет; мы незаказывали: вы что: мы студенты: у нас денег нет: давайте забирайте обратно",-гуфтем. Пешхизмат бошад: "Нет, ребята, это вам, правду говорю, еште, еште пожалуйста",- гуфта, сипас диққати моро ба ҳучра-кабинае равона сохт, ки он чо намояндаи мардумй дар парламон, раиси хочагии Калинини Қумсангир Г.Гардиев менишасту

ба ҳоли мо механдид. Дарҳол шинохтамаш ва аз чой баланд шудаму арзи эҳтиром ба чо овардам. Эшон ишора кард, ки бемалол ғизоро хӯрем, баъд салому алейк хоҳем кард. Моҳирхӯча аллакай мурғро чанд пора намуда, ба қадаҳҳо конякро рехта буд. Ба Хайрулло нигох карда гуфт: "Хайрият, студент бошем ҳам, як кас ним кас мешиносамон". Хайрулло хушгапй нишон доду ба Моҳирхӯча чавоб дод: "Туро нашинохтаанд, ба Худойназар раҳмат гӯй, ки ба шарофаташ ғизои раисй мехӯрем". "Албатта, албатта. Ман ҳам Худойназарро дар назар доштам",-гуфт Моҳирхӯча. Ду қадаҳй бардошта як вақт бинем, қаҳрамони Моҳирхӯча кимкай баромада рафтааст. Моҳирхӯча, ки сархуш шуда буд, "нобутуш, моро ба мизаш даъват накард-ку. Худаш якуму дуюм хӯрд, сад гиром конякро ҳам бардошт, ягон зарра лутф накард",- гӯён ба шикоят пардохт. Ногаҳон дидем, ки раис тарафи мизи мо меояд. Ба эҳтиромаш аз чойҳоямон хеста, ба ӯ оғӯш кушодем. Г.Гардиев суроғаи ҳучраашро дар меҳмонхона дод ва хоҳиш намуд, ки як сари қадам даромем. Ба раис изҳори ташаккур намудему вале боз дарди сари эшон шудан нахоста, ба ҳучрааш нарафтем. Таъқиби оншабаи шоир ба фоидаи мо анчом ёфт. Ҳини сӯйи хобгоҳ рафтан фақат Моҳирхӯча сухан мекард. Худтаърифкуниро хеле дӯст медошт.

Як рӯзи дигар бо Моҳирхӯча баъди чошт аз назди идораи "Точикистони Советй" ва вазорати фарҳанг гузашта, сипас ба дасти чап чониби майдони Ленин баргаштем. Духтари хушандоме сумка бар китф хиромон-хиромон пешопеши мо мерафт. Ман, ки одатҳои иохуши дӯстамро медонистам, худро як қадам қафотар гирифтам. Моҳирхӯча тезтар қадам моиду оҳистакак аз пушти сари духтар сумкаашро кашид. Духтар ҳам, ки шоя ба чунин амали чавон омода буд, қафо гашту бо сумкааш ба сари Моҳирхӯча кӯфт. Ҳамин лаҳза аз пешорӯямон Боқй Раҳимзода баромаду табассумкунон гуфт: "Хуб шатта хӯрди-ҳа". Моҳирхӯча гӯё таъқиди Боқиро нашуниду "Ассалом муаллим",- гуфт. Боқй Раҳимзода "салом, салом",- гӯён хандаи маънидоре карду

дастҳо пасн пушт ба роҳаш идома дод.

Боре ману Моҳирхӯча ва Сайдалӣ Муртазокулов ба Университети марказӣ даромада, ба қабати боло баромадему галстуку кулоҳҳои зеборо тамошо мекардем, ки ду духтараки шаҳринамо паҳлӯи мо истода, чизи даркориашонро дар рафҳо ҷустан гирифтанд. Аз дасти чапи духтар Сайдалӣ меистод, баъд Моҳирхӯчаву ман. Ин ҷо низ ба сарам зад, ки Моҳирхӯча ягон балоро ба сарамон меорад. Дар ҳамин андеша будам, ки ӯ аз қафои Сайдалӣ даст дароз намуда, думбаи духтарро пучид. Духтар "аҳмақ" гуфту ба сари Сайдалӣ чунон зад, ки аз чашмонаш оташ парид. Сайдалӣ аз амали Моҳирхӯча, ки бехабар буд, бо духтар чанҷол бардошт, ки "Э, духтар, ту девона-ку нестӣ, чаро маро мезанӣ?",-гуфт. Духтар посух дод: "Рӯта сияҳ накун, дасти кӣ буд, ки маро пучид?" Лаҳзае, ки Сайдалӣ бо духтари чабрдида баҳс мекард, мо ба масофаи се-чор метр дуртар қарор гирифта, ба ҳоли рафиқамон механдидем. Сайдалӣ баъди чавоби духтар хост ба Моҳирхӯча чизе гӯяд, ки дар паҳлӯяш надиду моро алас-алас чуст ва дид, ки духтар механдем, ҳақорате доду «и кори ту буд-а Моҳирхӯча?»,-гуфт. Воқеан, як бари пешонии Сайдалӣ суп-сурх шуда буд. Шояд дар сумкаи духтар кадом чизи вазнин буд. Моҳирхӯча ҳодисаи ба сари Сайдалӣ омадаро ба таври худ байни ҳамдарсон қисса менамуд. Гӯё Сайдалӣ думбаи духтареро пучидааст.

Чунин бесариҳои Моҳирхӯчаро дар дарсхона ҳам ба мушоҳида гирифтан мумкин буд. Масалан, аз пушти сари духтарон нишаста, бехотир муйи сари онҳоро ба якдигар мебаст ва бонси ҳандасор гардонданӣ онҳо мегардид. Ё ба сумкаи духтарон даст андохта, коғазпораҳоро мегузошт ва дигар шӯхиҳои бачагонаро раво медид. Ҳамдарси мо Шоҳҳайдар гоҳе шеър месохту байни синф баланд-баланд қироат менамуд. Ба шеърҳои ӯ Моҳирхӯча ҳудро мунаққид эълон мекард. Дар танаффус шеъри шоирро ҳамчун мунаққид баррасӣ менамуд. Боре ҳамчун мунаққид ба Шоҳҳайдар супориш дод, ки дар бораи ачина шеъре бофад. Агар ӯ ачинаро дуруст тасвир кунад, пас шоири ҳақиқист,

вагарна не. Дигар Шохсайдар шеърхояшро намехонд.

Мохирхӯча ҳамоно аз паси қаҳрамони марказии кори курсӣ ва баъд дипломиаш М.Раҳимӣ мегашт. Ӯ фаҳмида буд, ки шоир ягон чоштро дар ошхонаи бозори назди бинои таълимии мо мехӯрад. Рӯзе соати яки рӯз М.Раҳимӣ аз дарвозаи пеёни бозор медаромаду мо ҳам пушт-пушти шоир мерафтем. Дуртар аз ӯ менишастему баробари шоир ягон чошт мехӯрдем. Баробараш мехестему то хиёбони Ленин гуселаш менамудем. Чунин рафтори мо борҳо такрор шуд. Чоште акнун пушти сари М.Раҳимӣ қарор гирифта будем, ки ӯ ногаҳон ба қафо гашту гуфт: «Ой, аҳмаққо! Чаро шумо маро ҳамеша таъқиб мекунед? Чӣ шумо магар дуздон ҳастед, ки мехоҳед киссаҳои маро биафшонед?» Ин ҳолат Мохирхӯча худро аз даст надоду ба шоир фаҳмонд, ки дар бораи рубоиёташ кори курсӣ менависаду баъзе саволҳоро мехоҳад равшан созад. М.Раҳимӣ хуб гӯш доду: «Э, бар падарат лаънат. Ту кори курсӣ нависӣ маро чӣ кор? Даф шав, дигар аз паси ман нагард...»,- гуфт. Дигар маънӣ надошт, ки ӯро то ошхона гусел намоем. Пас гаштему Мохирхӯча бо асабоният метуфт: «Рост мегӯянд, ин шоир девона аст, дидед, маро ҳақорат дод». Ману Хайрулло то бинои таълимӣ ба Мохирхӯча суханҳои тасаллоомез мегуфтем. Бо ҳамин таъқиби М.Раҳимӣ поён ёфт. Акнун Мохирхӯча мустақил М.Раҳимиро таҳқиқ менамуд.

ДАР ТАРАДДУДИ МАНЗИЛ

Тавре дар огози ин фасл иброз доштам, ҷойи хобам хонаи холаам дар Нагорний ду, ҳавлии 34 буд. Хобгоҳ барои он нагирифтам, ки оиларо аз Чилликӯл кӯчонда овардан будам. Мутаассифона, захирае надоштам. Падар 60-70 сӯм мегирифту ҳафт-ҳашт нонхӯр дошт. Аз ин ҷост, ки соли 1963, вакте ки донишҷӯ шудам, хонаи холаро инкоматтоҳ донистам. Онҳо се хона доштанд, ки аз ҳама калонашро дар ихтиёри банда гузоштанд. Нахориву хӯроки шом аз ҳисоби хонаводаи холаам буд. Ӯ худ дар фабрикаи

ҷароббофии шаҳри Душанбе кор мекарду шавҳараш дар фабрикаи шохибофӣ. Хушдомани холаам бо шавҳараш кафака мегирифтанд. Умуман шароити ин хонавода мӯътадил ба назар мерасид. Ҳамеша нону чою қандашон ва баъзан ширбиринчу гардсӯз дар наҳорӣ таҳия мешуд. Чошт хитои шӯрбо доштанд. Ҳафтае як маротиба, бештар рӯзҳои якшанбе оши палав омода месохтанд. Хушдомани холаам, аслан аз мардуми Ёхсуи Кӯлоб буд, аз ин ҷо, ки захираи калони тилло дораду Шугноваш меноманд. Оғози солҳои сӣ аз Балҷувон бо шавҳараш ба Сталинобод кӯч мебандад. Ин бону тақдири ачибу ғарибе дошт. Авлодони падараш дар замони амирӣ роҳбарони тиллои Шугнов будаанд. Деҳаи онҳоро Талбар ном мебурданд. Бо ҳукми тақдир дар Балҷувон муқимӣ мешаванд. Он даврон Балҷувони мириншин бозори бузурге доштааст, ки аз ҳама гӯшаву канори аморати Бухоро тоҷирон меомаданд. Тоҷирони афғонистонӣ низ фаъолият мекардаанд. Тоҷире ин духтари зебои балҷувониро ба занӣ мегирад. Тоҷир, ки доро будааст, хешу акрабояш не намегӯянду тақдири духтарро ба дасти афғон медиханд. Чанд соле рӯзгор мебинанд, соҳиби ду писар мешаванд ва номҳошонро Фозилу Муҳаммадмин мегузоранд. Бар асари ҳодисаи нохуше афғон кушта мешаваду ин зани ҷавон бо ду кӯдаки хурд мемонад. Ҳалимтайёр ном шахси балҷувонӣ, ки байни Балҷувону Сталинобод ба тичорат машғул будааст, бонуро ба никоҳи худ дароварда, ба Сталинобод меорад. Дар теппаи Нагорнӣ манзилеро аз худ мекунанд. Ҳалимтайёр рӯзе ба самти Балҷувон мераваду дигар барнамегардад. Мегӯянд, ки фавтид. Ин бону дар шаҳри барояш бегона бо ду писараш танҳо мемонад. Ба хотири рӯзгори бачаҳояшро гузаронидан дар фабрикае ба кор медарояд. Он ҷо марде бо номи Қориамон, аз табаои Фарғона касби шохибофӣ доштааст, ӯро ба доми хеш дароварданӣ мешавад. Бону ба хотири тарбияи бачаҳояш пешниходи Қориамонро мепазирад. Акнун Қориамон занчаашро дигар барои кор кардан ичозат намедиҳад, балки тамоми масрафи рӯзгори хонаводаро ба

ӯҳда мегирад. Соли 1963 Қориамон ва он бону беш аз шаст сол доштанд. Чунон ки дидем, ин хонадон бо ду фарҳанг омезиш ёфта буд, ҳам фарҳанги балҷувонӣ ва ҳам фарҳанги фарғонагӣ. Қориамон, ҳарчанд ки дар ватани бобояш зану фарзандҳо дошт, ба хонадони тоҷик содиқ мемонад ва дар тарбияи бачаҳои он бонуву наберахояш ҳисса мегузорад. Аз ин ҷост, ки Қориамонро писарандарҳояш бисёр эҳтиром мекарданд ва ӯро чун падари хеш медонистанд. Қориамон холаамро бисёр дӯст медошт. Исмашро шикаста намегирифт, фақат Шарифамоҳ гуфта садояш мекард. Холаам ҳам эҳтироми ӯро ба ҷо меовард ва сари вақт нону чояшро омода месохт. Ҳар якшанбе набераaш Муҳаммадёқубро, ки аввалин фарзанди холаи ман буд, сару либоси идона мепӯшонд ва бо худ ба тамошои шаҳр мебурд. Борҳо писари фарғонагиаш омад, то ки падарашро ба ватанаш бубарад, аммо меҳри хонадони балҷувонӣ барояш қимматтар буд, ки намерафт. Хоки ман дар Душанбе аст, мегуфт Қориамон. Борҳо ба мушоҳида мегирифтам, ки Қориамон кампирашро аз дӯстдорӣ рашк мекард. Баъзе хешони кампир, ки аз Балҷувону Ховалинг ба аёдаташ меомаданд, боиси рашки Қориамон мегардиданд. Махсусан, усто Қодири ховалингиро Қориамон чашми дидан надошт, ҳарчанд ки ӯ хеши наздики кампир маҳсуб мешуд. Ба назарам ҳамин дӯстдорӣ буд, ки умрашро дар ҳамин хонадон гузаронд ва дар теппаи Нагорний хок шуд. Банда дар ҳамин навъ муҳит ду соли донишҷӯиямро сипарӣ намудам. Чуноне ки мегӯянд, рӯзгор бе мунокиша намешавад. Гоҳе агар байни холааму язнаам ҷанҷоле сар мезад, гумон мекардам, ки сабабгори мунокиша ман шудаам, ҷомадонамро бардошта хобгоҳ назди Хайруллову Моҳирхӯча мерафтам. Он ҷо ҳамеша бароям ҷой пайдо мешуд.

Як шаб намегузашт, ки язнаам омада ҷомадонамро пуштора мекарду аз дастам кашолакунон боз ба хонаашон мебурд. Ман келе нозук калон шуда будам. Оиладор ҳам, ки шудам, борҳо нози занамро набардошта, қаҳр карда баромада мерафтам. Боз гиряву зораҳои завҷаам боис мешуд, ки

бармегаштам. Дар ин ду соли донишҷӯй ҳам аҳволам ҳамин буд. Ҳол он ки фақат шабро рӯз мекардаму дигар дар дарс будам, сипас то соати 11-и шаб дар китобхона.Одатан ғизои чошт ва нони шомро дар буфети «Фирдавсӣ» мехӯрдам. Сосискаву колбасаҳои болаззате дошт. Қаҳва, чой, кулчаҳои сохти фабрикаи нон, ки булочкааш мегуфтем, ҳамеша дар буфет мавҷуд буд. Соати даҳу сии шаб кормандони китобхона чанд донишҷӯеро зӯран аз толорҳо мебаровардand, ки якеаш банда будам. Аз китобхонаи «Фирдавсӣ» то манзили холаам чандон роҳе набошад ҳам, ним соат вақтро мегирифт. Дар сари хиёбони Дӯстии халқҳо, назди идораи гази иҳҳияи Роҳи оҳан кӯпруки камбаре қарор дошт, ки он ҷо шабҳо бачаҳои беадаби Нагорний ҷамъ меомаданд ва баъзеҳоро озор медоданд. Соатҳои 12-и шаб гоҳе ки ба он ҷо мерасидам, тарс фароям мегирифт ва гумон мебурдам, ки он авбошҳо лучам месозанд, китобу дафтарҳоямро ба чӯй меандозанд. Аммо, вақте нотарсона аз байнашон мегузаштам, шефашон мегуфт: «Нарасед, ин бача аз ҳамин гузар аст». Бадии кор боз дар он буд, ки корманди милиса ҳам ташвишам медод. Шабе маро манъ карду «ҳа, сағера дар ин шабӣ аз кучо меоӣ, каниӣ сумката кушо, боз кучоро дуздидӣ?» гуфт. Ба ӯ фаҳмондам, ки «мебахшед, рафиқ лейтенант, донишҷӯ ҳастам, аз китобхонаи «Фирдавсӣ» омада истодаам, дар хонаи фалонӣ зиндагӣ мекунам, холаам мешавад». Чунин рафтори милиса норохатам сохту ба хушдомани холаам шикоят намудам. Ӯ пагоҳии дигар он лейтенанти дарвозинасабро сари кӯча қарор дода, чунон ҳақораташ кард, ки милиса роҳи гурез чуст. Дигар ҳар кучо, ки медид, «ҳа, сағера, ба умеди ту шуда кариб буд, ки пагонҳоямро аз даст бидиҳам»,- мегуфт. Ба ҳамин минвол ду солгузашту дигар нахостам, ки дарди сари хонадони холаам бошам ва мақсад гузоштам, ки ба ҳар роҳе, ки ҳаст, бояд хоначае пайдо кунам ва харидорӣ намоям. Гузашта аз ин, тақдири баъдиамро ба ҳамин шаҳр бахшидаӣ будам. Ин ниятамро ба холааму язнаам иброз доштам, то ки дар наздикиҳои худашон хонаи

фурӯшӣ пайдо кунанд. Нияти манзил харидан баъди он пайдо шуд, ки завчаам панҷсад сӯм ҷамъ карда буд ва падар ҳам панҷсад сӯм фиристонданӣ шуд. Яъне дар бадали ҳазор сӯм бояд хона пайдо мекардам. Дар ин ҷода акаи Фозил ҳисса гузошт. Хоначаеро, ки сохибаш тоторе буд, дар гузаргоҳи дувоми Нагорний ёфт. Ҳавлӣ ду хоначаву ҳаммом дошт. Шояд ду сотих замин буд, на зиёд. Тотор якуним ҳазор пурсид. Акаи Фозил, ки хеле шахси пухтаву корчалон буд, нархро ба ҳазор сӯм пойин фаровард. Тобистони соли 1965 соҳиби хоначаи шахсӣ шудам. Ҳарчанд ки оила дар Колхозобод кор мекард, Фотимаро бо худ оварда будаму як сол боз бо ман дар хонаи холаам калон мешуд. Ҳамин тобистон ӯро тағояш –Толик ба Тоскалъа хонаи бобояш бурд. Боре ба аёдати падар рафтам ва байни хоку лой духтарчаи зардинаеро дидам, ки Фотима буд. Вай бо духтари падарам – Майдагул, ки тахминан ҳамсол буданд, чунон бозавқ хокбозӣ дошт, ки худаш медонисту бас. Ӯ маро аз дур диду шинохт. «Дада, дада»- гӯён чонибам давид ва баъд маро монду сӯйи хона тохт, то ки аз бобояш ҳадя бигирад. Вақташ хуш мегузашт, шароити қишлоқ маъқулаш буд. Шӯхиҳо ҳам мекардааст, ки бобояш бо навдаи тути назди хавлӣ фақат як бор дар почакҳояш задааст. Ба ҳамин тариқ, тобистони соли 1965 кӯчамонро, ки иборат аз як гилему як радиои фарсуда буд, ба Душанбе интиқол додам. Завчаам бо ихтисоси худаш кор пайдо кард. Андаке манзилро ба тартиб даровардем, ба ҳамсояҳо ошно шудем. Хонаи душанбегии мо рақами 56-ро дошт ва оби иӯшокиро аз гузаргоҳи аввал мегирифтем. Метавон гуфт, ки дар деҳае, ки ба пойтахти ҷумҳурӣ иртибот мегирифт, рӯзгор медидем. Ба ҳар ҳол сарпаноҳе доштем, ки ин барои он солҳо хеле муҳим буд.

СОЛЗОДИ ҶОМӢ

Соли 1964 башарият бо қарори махсуси ЮНЕСКО 550-солагии симои шинохтаи шеъри дунёи форсизабон –

Абдурахмони Ҷомиро пешвоз мегирифт. Ба ин муносибат чанд сол қабл чорабиниҳои фарҳангие ба нақшаҳо гирифта шудаанд. Масалан, ба чоп тайёр кардани панҷгилдаи осори шоир яке аз чунин чорабиниҳо маҳсуб мегардид. Дар ҳамин замина асарҳои мунтахаби Ҷомӣ дар панҷ ҷилд соли 1964 ба чоп расид ва ман ҳисобе пайдо намудаму он панҷ ҷилдро харидорӣ кардам. Соли хониши 1964 ба таври тантанавӣ дар бинои факултет қироатхонаи Ҷомӣ ифтитоҳ гардид.

Қироатхонаро дар толори спортӣ сохта буданд. Дар ин амал сахми бевоситаи домулло Ш.Ҳусейнзода ба назар мерасид. Соли 1963, вақте ки донишҷӯ шудам, гап-гапи сохтани чунин қироатхонаеро мешунидам. Медидам, ки Ш.Ҳусейнзода баъд аз дарс ба он толор медаромад ва то дер он ҷо мемонд. Рассомону мутасаддиён дар дохили он корҳоеро сомон медоданд. Гоҳе ба толор сар мехалондаму медидам, ки дохили он пур аз чӯбу сурату китоб аст. Рафҳои китобмонӣ месохтанд, нақшаҳои сафари шоиронро мекашиданд, симои шоирони гузаштаву имрӯзаро аз дӯконҳо харидорӣ карда ба он ҷо меоварданд. Соли хониши 1963 ба пуррагӣ факултет барои омода сохтани қироатхона заҳмат кашид. Ниҳоят, то рӯзи чашн онро омода карда, ба ихтиёри донишҷӯён гузоштанд. Хизмати арзандаи Ш.Ҳусейзода шояд баъд аз китоби «Адабиёти тоҷик барои синфи ҳашт» сохтани ҳамин қироатхона бошад. Маҳз заҳматҳои шабонарӯзии эшон буд, ки он обод гардид. Садҳо ҷилд китобу девонҳои шоиронро харидорӣ карданд. Мо ба мушоҳида мегирифтем, ки мӯйсафедоне чизе дохили матоъ зери бағал ба бинои факултет омада, Ш.Ҳусейзодаро пурсон мешуданд. Онҳо касони фарҳангие буданд, ки китобҳои нодир доштанду мехостанд ба фурӯш расонанд. Ба ин хотир, ба назди Ш.Ҳусейнзода меомаданд ва китобҳои овардаашонро аз назари ӯ мегузарониданд. Агар китоб ҷолибу нодир бошад, онро ҳатман Университет барои хазинаи Ҷомӣ харидорӣ мекард. Баъди ба таври расмӣ кушода шудани қироатхонаи «Ҷомӣ», Ш.Ҳусейнзода ҳар донишҷӯро вазифадор сохт, ки китобчаи хонандагии

«Чомӣ»-ро дошта бошад. Тасаввур кунед, ки ин қироатхона монанди «Фирдавсӣ» китобчаи хонандаҳо дошт. Нахустин мудири он- Чӯраев Ҳайдар солҳои сӣ ба асари босаводиаш чанд солеро дар маҳбас гузаронида буд. Вай ба зиёиҳои Самарқанди бостон тааллуқ мегирифт. Инсони фурӯтану бомаърифате буд. Тамоми рӯз дар хидмати донишчӯён қарор дошт. Китоб медод ва пас қабул менамуд. Дар дафтарчаи хонандагӣ рӯзи пас ғардондани китоби гирифтаро зикр менамуд. Ш.Ҳусейнзода худаш рӯйхати аъзоёни ҳамешагии қироатхонаро месанчид. Агар донишчӯе беэътиной зоҳир менамуду аъзо намешуд, ба маломати Ш.Ҳусейнзода дучор меомад.

Муҳити қироатхона чунон буд, ки донишчӯ соатҳо онро тарк карда наметавонист. Тамошои навиштачоту аксҳо ва нақшаҳо, ки дар деворҳо насб гардида буданд, соатҳо диққати касро ба худ чалб менамуд. Доир ба ҳар асри гузашта ва чеҳраҳои фарҳангиаш маълумоти фаровоне оварда шуда буд. Дар паҳлӯи акси шоир ё мутафаккир шарҳи ҳолу осори ӯ зикр мегардид. Тасвирҳои девори қироатхона донише буд, ки донишчӯ онро бе китоб ба даст меовард. Тамоми навъҳои хатти мехиву суғдӣ, настаълиқ ва ғайра намунаҳо дошт. Дар толор назму низом ба пуррагӣ риоя мешуд. Мо то он дарача ба ин боргоҳи маърифат одат карда будем, ки ҳатто даҳ дақиқаи танаффусро ҳам ба тамошои дохили он сарф менамудем. Ба ибораи дигар, дохили толор муҳити филологӣ дошт. Мегуфтанд, ки он қироатгоҳ ба 25 китобхонаҳои чаҳон робитаи фарҳангиву адабӣ дорад. Онро метавон музейи адабӣ-таърихӣ ва осорхона номид, ки аз зуҳури хат ва алифбо то шукӯҳи адабиёт ва санъати садаи XX-и точикро дар бар мегирифт.

Бояд гуфт, ки қироатхонаи «Чомӣ» махсус «Дафтари қайдҳо ва хотирот» дошт, ки таассуроти меҳмонон ва чеҳраҳои шинохтаи чи шӯравӣ ва чи берун аз он пас аз шиносой бо фонди қироатхона дар он сабт меёфт. Ин боргоҳро кабинети илмӣ ҳам меномиданд. Аз дуру наздик муҳаққиқин моҳҳо дар толори он менишастанду аз хазинааш

бахра мебурданд. Қироатхона ба ғайр аз толори умумӣ боз хонаҷаи дигаре ҳам дошт, ки хазина-фондро ташкил медод. Он ҷо Ҳилол Каримов, Д.Тоҷиев, В.Асрорӣ ва дигар шахсиятҳои факултет дар атрофи Ш.Ҳусейнзода ҷамъ меомаданду сӯҳбатҳои илмиву адабӣ мекарданд. Ҳайдар Ҷӯраев, мудом дар хизмати онҳо қарор дошт, зеро вай низ аз ҳамон насл маҳсуб мегардид. Яъне ӯ низ сарсупурдаи илму маърифат буд. Аз ин ҷост, ки дар бадали 60 сӯм то соатҳои ёздаҳи шаб ба донишҷӯён китоб медод ва баъди холӣ шудани толор аз толибилмин ба манзилаш мерафт. Дар гурӯҳи мо писаре аз Мастчоҳ мехонд. Ӯро воҳимаи имтиҳони Ш.Ҳусейнзода фаро гирифта буд, ки ҳамашаба то дер менишаст ва вазнҳои арӯзро азёд менамуд. Ӯ одатан дар мизи охири толор менишаст. Шабе ба мутолиа дода мешаваду сари миз байни китобу дафтарҳояш хобаш мебарад. Ҳайдар Ҷӯраев мебинад, ки дар толор дигар донишҷӯе намондааст, анҷомҳояшро ҷамъ мекунаду чароғҳои қироатхонаро хомӯш карда, дарро қулф менамояду аз бино баромада меравад. Чанд соат пас донишҷӯ аз хоб бедор мегардад, ки дунё торикистон аст. Аз панҷараҳои толор рӯшной намедаромад, зеро ҳама панҷарахо бо аксҳову навиштаҷот маҳкам буданд. Дар аввал гумон мекунад, ки хоб дида истодааст. Ба сараш ду-се мушт мезанад, то ки ба бедор буданаш бовар кунад. Толор барояш гӯри торикро мемонад. Тарсону ларзон аз ҷояш баланд шуда, мизҳоро кофта-кофта дари баромадро ёфтанӣ мешавад, аммо муяссараш намегардад. Чӣ кор карданашро надониста чанд дафъа «ой, мардум наҷотам диҳед, дарро кушоед, маро фаромӯш карданд»,- гӯён садо мебарорад, вале ҳеч кас ба ёриаш намерасад. То субҳ дар толори торик мемонад. Соатҳои ҳафти пагоҳӣ омадани донишҷӯён ба бинои таълимӣ сар мешавад. Аз ҷумла ман омадаму идораи комсомолиро мекушодам, ки касе дари толори «Ҷомӣ»-ро бо мушт мезад. Ман саросемавор таги дар рафта пурсидам, ки чӣ гап аст, чӣ магар Ҳайдар Ҷӯраевич шумо ҳастед? Гумон бурдам, ки мумкин қулф вайрон шудаасту ходими

илмии кабинет баромада наметавонад. Вале ба гӯшамон садои ҷонкоҳи Мирзо Боқӣ расид, ки мегуфт: «Худойназар, ин туй, кушо, ман тамоми шаб ин ҷо будам, хобам бурдааст, фаромӯшам кардаанд...» Барояш фаҳмондам, ки калид надорам, каме сабр намо, Ҳайдар Ҷӯраевич панҷ кам ҳашт мерасад. «Майлаш»,-гуфт Мирзо Боқӣ. Ҳар донишҷӯе, ки дохили бино мешуд, чӣ гап шудааст?,-гӯён савол мекард. Ҳодисаро фаҳмида, бори дигар ба содагии Мирзо Боқӣ бовар мекарданд. То омадани мудири кабинет даҳҳо донишҷӯён назди дари «Ҷомӣ» ҷамъ омада, баъзеаш аз сурохии қулф дарунро диданӣ мешуданд. Ниҳоят, Ҳ.Ҷӯраев пайдо шуду ба ташвиш афтода аз мо пурсид, ки чӣ шудааст? Магар сӯхтор аст? «Не, не»,- гуфтем ба эшон. Донишҷӯеро шаб қулф карда рафтаед. «Э, нее, ман толорро тафтиш намуда будам, ҷонзоде ба назарам наҳӯрд, боз ин донишҷӯ аз кучо пайдо шуд, шояд дузде даромадаасту роҳи баромадро наёфтааст?»,-гуфта чандин саволҳои дигарро пеш меовард. Ҳ.Ҷӯраев саросемавор дарро кушод, ки бечора Мирзо Боқӣ бо риши расидаву чашмони хузнангез дар курсие менишаст. Чӣ гуфтанашро намедонист. Ҳ.Ҷӯраев ҳам ҳайрон монда, худ ба худ мегуфт: «Наход, наход, хуб нашудааст, ин бечора ҷабр дидааст, ҳай, ҳай...». Аз сабаби он ки Мирзо Боқӣ вазну зиҳофҳои арӯзро азёдкунон, ҳатто дар дахлезҳо худ ба худ «мафоилун, мафоилун»,- гӯён роҳ мерафт, ҳамдарсон исмашро минбаъд «мафоилун» монданд. Ба ҳамин тариқ, ӯ аз «маҳбас» озод шуду қиссаи як шаби танҳоиро дар «гӯри Ҷомӣ» оғоз бахшид. Вай мегуфт, ки аҷаб торикие, соатҳо тугмачаҳои баркро кофтам, вале пайдо накардам. Агар баркро пайдо менамудам, мегуфт ӯ, хайр буд, то рӯз шудан бемалол китоб мехондам.

Бо ин ҳикояти вокеӣ боби «Ҷомӣ»-ро ба поён расонда, ба қиссаи дигари факултети таъриху филология мепардозам. Аммо хонандаи гиромиро огоҳ месозам, ки боз сари қиссаи қироатхонаи мазкур ва тақдири баъдии он бармегардем.

САДРИ НАВИ ФАКУЛТЕТ

Бахори соли хониши 1965 дар факултети таърих ва филология ба ивази Т.Неъматзода декани нав таъин шуд, ки дотсент Мансур Бобохонов буд. Акнун навбати деканй аз филологҳо ба таърихшиносон гузашт. Ду соле, ки таҳсил намудам, нақши деканамон Т.Неъматзодаро чандон эҳсос накардам. Чунин ба назар мерасид, ки ў роҳбари бепарвое аст. Ташаббускориашро ба мушоҳида нагирифтам. Шахсе буд, ки ба касе коре надошт. Вай то андозае мутеи мудирони кафедра Ш.Ҳусейнзода, Д.Точиев ва С.Табаров буд. Метавон гуфт, ки мавсуф ба ин даста мудирон бочурьатона сўҳбат карда наметавонист. Дар маъракаҳои пахтачиний ҳам деканро намедидам. Муовинаш Саъдулло Асадуллоев чиддитар менамуд. Ў тоза аз хизмати Афғонистон баргашта, мошини «Волга»-и М-21 дошт. Мавсуф марди зебочеҳрае буд. Чй шуду ўро М.Эшниёзов иваз намуд. Ин кас хам байни мудирон мустақилият надошт. Шояд ҳамин чиҳатҳо боис шуданд, ки ректори Университет профессор Рачабов Солеҳ Ашўрхочаевич бо фармони хеш шахси наверо аз шўъбаи таърих декан таъин намуд. М.Бобохонов бисёр чиддиёна муносибат менамуд. Қобилияти ташкилотчигй дошт. Байни донишчўёну кормандон сиёсаташро шинонда метавонист. Азбаски декан ба шўъбаи таърих марбут буд, мудирони кафедраҳои филология ба ў чандон фишор оварда наметавонистанд.

Банда, ки муовини комсорги факултет будам, бо декан бисёр иртибот мегирифтам. Пешакй муайян намудем, ки донишчўёни соли сеюму чорум дар кадом фабрикаву заводҳо ва сохтмонҳои бинокорй бояд дар таътили тобистона кор кунанд. Қисме аз донишчўён бо роҳҳати комсомол ба сохтмони микрорайони тозабунёди 46-ум фиристонда шуданду гурўҳе ба заводи хишти шаҳри Душанбе сафарбар гардиданд. Ба назарам филологҳо дар микрорайони 46-ум кор мекарданду таърихшиносон дар заводи хишт. Декан, ки акнун ба фаъолият пардохта буд, бандаро муваззаф сохт,

ки бо ӯ аз ҳолу аҳволи донишҷӯён хабар гирем. Ба ҳамин сабаб дар таҷрибаи шевашиносӣ иштирок накардам. Яъне, ба асоси супориши М.Бобохонов дар ин таътил дар факултет мондам. Бегоҳие огоҳам сохт, ки пагоҳӣ назди факултет бошам, то ки ба назди донишҷӯён равем. Субҳ ба бинои таълимӣ омадам, ки декан бо мошинаш бандаро маътал аст. Фаҳмидам, ки мошин натиҷаи заҳмати ӯ дар Афғонистон аст. Рӯйхати гурӯҳҳоро бо худ гирифтам. Декан маро дар паҳлӯяш шинонду чониби шаҳрчаи 46-ум ҳаракат намуд. То «Гулистон» расидему боз ба масофаи 100-200 метр пеш рафтем, ки роҳи сангфарш пешвозамон гирифт. Аз самти чап майдонҳои шолизор ба назар хӯрд. Ба ибораи дигар, ҳозира чойи ҳукумати ноҳияи марказӣ, милиса, китобхонаи Лоҳутӣ, бозори Султони Кабир ва поёнтар маркази ташхиси беморон сангзору палҳои шолӣ буд. Роҳи сангфарш идома мегирифту дар ҳарду тарафи он хонаҳои чор-панҷқабата қомат рост мекарданд. Факултети мо дар сохтмони биноҳои 46-ум ҳамкорӣ мекард. Сардори сохтмонро пайдо намуда, декан пурсон шуд, ки чӣ қадар аз донишҷӯён дар айни ҳол ба оиҳо ёрӣ мерасонанд. Ӯ рӯйхат дошт, ки аз 30-40 донишҷӯ беш набуд. Ин рақам деканро асабӣ сохту сӯйи ман як назари шубҳаангез намуд. Шояд гуфтанӣ буд, ки «комсомол», корат суст. Ин чӣ гап аст, аз як шӯъбаи саднафара ба ин теъдоди кам кор мекунанд. Ман хомӯш мондам. Баъд моро ба дохили биноҳо бурданд ва донишҷӯёнро ба мо нишон доданд. Декан бо онҳо сӯҳбат намуда, хоҳиш кард, ки масъулият ҳис кунанд. Гуё шӯъбаи филология маълумамон шуду бояд ба чойи кори шӯъбаи таърих сар мезадем, ки иборат аз курсҳои севу чор буданд. Боз ба мошин нишастему аз он гӯшаи шаҳр ба гӯшаи дигари шаҳр, ки тақрибан 7-8 километр роҳ буд, равон гардидем. Заводи хиштро пайдо намудему ба сардораш ҳамон саволеро додем, ки ба сохтмончиёни 46-ум арз доштем. Фақат як касро пайдо намудем, ки ӯ ҳам ҳамдарси омӯзишгоҳии мои Абдукибор Гадоев буд. Ӯ дар курси чор таҳсил менамуд ва вазифаи комсорги гурӯҳро ба ӯҳда дошт. М.Бобохонов ин ҳолатро диду сӯйи ман боз

нигоҳи маъниидоре фиристонд. Банда бо он худро тасалло медодам, ки шӯъбаи таърих буд. Филологҳо беҳтар масъулият эҳсос мекардаанд. Декан дигар тоқати он ҷо истодан ва сӯҳбат кардан ҳам надошт. «Рафиқ, Асоев, ин хел намешавад, донишҷӯёне, ки бемасъулиятӣ зоҳир намудаанд, ҳатман дар бюрои комсомолӣ муҳокима гарданд»,-гуфт ҳини ба бинои факултет омадан. «Ҳатман»,-гуфтам. «Оғози сентябр касонеро, ки сари вазифаҳои комсомолиашон ҳозир нашудаанд, ба бюро даъват менамоем ва ҳатто кӯшиш мекунем, ки ба онон чорабиниҳои маъмурӣ дида шавад»,- илова намудам. Ҳамин тавр ҳам шуд. Даҳумҳои сентябр маҷлиси раёсати деканат сурат гирифту он ҷо ҳама комсоргону сардорони гурӯҳ ва профоргҳо даъват гардиданд. Садри маҷлис, ки декан буд, суханро ба ихтиёри камина гузошт, то ки дар бораи корҳои донишҷӯён дар соҳтмонҳои шаҳр ахборот диҳам. Гузориши ман бисёр ҷиддиву коммунистона сурат гирифт. Табиист, ки дар ин маврид шӯъбаи таърихро танқид намудам ва таъкид сохтам, ки дар шӯъбаи марбута корҳои тарбиявӣ ба таври бояду шояд ҳал намешаванд. Ин чӣ бемасъулиятист, ки аз як шӯъбаи калон фақат як донишҷӯ дар соҳтмон иштирок кардааст. Чунин эрод ба декан маъқул нашуда бошад ҳам, ба ҳақиқатгӯии ман қоил шуд ва вақти ҳуд сухан кардан гуфт: «Ҳа, Асоев медонад чӣ гӯяд. Рост мегӯяд. Ман худам шоҳид будам. Комсоргу сардорони ин гурӯҳ аз ҷо хезед. Кучо бигоҳ мекуиед? Чӣ, шумо магар ба супоришҳои партия итоат надоред? Ин маъракаи сиёсӣ аст. Қарори ҳукумат аст. Комсомоли ҷумҳурӣ даъват кардааст. Охир солҳое буданд, ки донишҷӯёни мо ба Селина мерафтанд, наҳз кор мекарданд» ва дигар таъкидхоро бо тарзи канда-канда ва фосиладор иброз дошт. Баъд комсорги факултет Хайрулло Сирочев аз ман дида саҳттар ба мавзӯъ наздик шуд. Таҳдид ҳам кард, ки «ҳама донишҷӯёне, ки ба соҳтмонҳои таъиншуда нарафтаанд «выговор» мегиранд ва ҳам ба деканат барои аз стипендия маҳрум кардани онҳо пешниҳоди бюрои комсомолӣ ирсол мешавад». Хулоса ва қарори ин маҷлис

ба ҳама гурӯҳҳо расонида шуд. Донишчӯён чазои комсомолӣ гирифтанд. Бештар шӯъбаи таърих чабр кашид. Акнун баъзеҳошон сӯйи банда бо назари бад менигаристанду «албатта, Худойназар, ки филолог аст, таърихчиҳоро сиёҳ кардан мехоҳад»,- мегуфтанд. Баъд аз мачлис гумон доштам, ки декан маро чап мегираду аз бюрои комсомолӣ меронад. Аммо чунин нашуд, балки боз Хайрулло аз нав интихоб шуду банда ҳам дар командаи ӯ мондам. Пахта рафтем. Гурӯҳи сеюм муаллим надошт. Декан сардори штаб буд. Бегоҳие даъватам карду сардори гурӯҳи худамон таъин намуд. То ин дам чунин тачриба нашуда буд, ки тақдири гурӯҳеро дар маъракаи сиёсӣ ба ихтиёри комсоргаш ё сардораш супоранд. Мо дар заминҳои Сайёд пахта мечидем. Дуруст аст, ки баъзе ҳамдарсонам, монанди Амиршо Мунавваров, Сайдалӣ Муртазоқулов, Абдуллоев, ҳатто дӯстам Моҳирхӯча бахилӣ мекарданду дар дил аз ин ки маро роҳбар монданд, норизо буданд. Вале дар баробари роҳбариам пахта мечидам. Ҳамарӯза ҳисоби миёнаи гурӯҳро таъмин менамудам. Роҳбарии ман аз он иборат буд, ки пахтаи чидаи гурӯҳро ба ҳисоб мегирифтам. Дигар ба касе коре надоштам. Ҳамдарсонам озодона бидуни фишоре пахта мечиданд ва дар факултет чойи аввалро ишғол мекарданд. Ин чиҳат баъзе муаллимони тангназарро монанди Султон Воҳидов нороҳат месохт ва эҳсос мекардам, ки аз роҳбарии банда хушашон намеояд, балки мегуфтанд: «Сирочев, ки дӯсташ аст, ӯро роҳбар мондааст». Ин гуфта ҳам воқеият дошт. Дар ҳама кор дастгирӣ менамуд, фаъолияти ташкилотчигиамро эҳсос мекард. М.Бобохонов ҳам ба ташкилотчигии ман қоил буд. Дар мачлисҳои чамъбастӣ декан рӯйирост мегуфт: "Гурӯҳе, ки роҳбараш студент аст, аз гурӯҳе, ки таҳти роҳбарии муаллим қарор дорад, хубтару банизомтар пахта мечинад". Ин лаҳза донишчӯёни гурӯҳи сеюм дуру дароз қарсак мезаданд ва боиси шарманда сохтани гурӯҳҳои танбалу пастрав мешуданд. Маҳз ташаббуси декани нави факултет буд, ки нисбат ба солҳои пешин факултети таъриху филология дар байни факултетҳои

университет ҷойи намоёнро ишғол намуд. Дар ин ҷода ташкилотчигии комсорги факултет Хайрулло Сирочев назаррас буд.

Одатан, дар ҳар дах рӯз сардорони штаби факултетҳо иваз мешуданд. Аз ин рӯ, баъд аз дах рӯзи аввали пахтачиниӣ М.Бобохонов ҷояшро ба комсорги факултет Хайрулло Сирочев дода, худаш Душанбе рафт. Ҳамзамон муаллимон – роҳбарони гурӯҳҳо низ иваз шуданд. Бо вучуди ин, барои гурӯҳи курсҳои сеюм муаллим лозим надонистанд, балки боз маро мутасаддиӣ сохтанд. Муаллимон М.Норматов, С.Воҳидов, Р.Ҷӯраев, М.Эшниёзов, Х.Шарифов, Х.Муҳибов, М.Давлатов ва дигарон роҳбарони гурӯҳҳо буданд. Аз шӯъбаи таърих ва форсиву арабӣ низ муаллимон фаъолият менамуданд. Ҳасан Наққоши араб, Мӯъминов, Зореи ироний, Ҳасанлӣ ба гурӯҳҳои форсиву арабӣ роҳбарӣ мекарданд. Ин шӯъба дар чиниши пахта хеле фаъолият нишон медод. Барот Мирзомати кӯлобӣ то 100-150 кило пахта мечид. Аҳмадҷон Неъматови мо хам аз Барот монданӣ надошт. Аҳмадҷоиро, ки як курс аз мо боло мехонд, комбайн ном нихода буданд. Ӯ чор фартук дошт ва чор чӯякро баробар дар ихтиёр мегирифт. Чӣ хеле ки комбайни пахтачиниӣ байни каторҳо мерафту пахтаи шукуфтаро бо хавояш мекашид. Аҳмадҷон ҳам ҳамон хел пахта мечид. Зиёдчиниаш ҳам аз хамин ҳисоб буд. Аз гурӯҳи мо Гулбӣ, Сайдалӣ, Амиршо, Боғигул, Ҳайит Арчабеков пахтаи хуб мечиданд ва гурӯҳро ба чилав мебурданд. Гохе мешунидам, ки муаллимон аз ин ки декан Х.Сирочевро сардори штаб монда буд, нороҳатӣ эҳсос менамуданд. Пӯшида наменонд, ки Хайрулло сари муаллимон ҳам фишор меовард, дар шахси онҳо гурӯҳҳояшонро зери танкид мегирифт. Табиист, ки ӯро дӯст намедоштанд, вале илоч намеёфтанд. «Охир, чӣ хел мешудааст, ки студент ба муаллимон роҳбарӣ намояд»,- мегуфтанд байни худ.

Бояд икрор кард, ки дар ин ду соли пахтачиниӣ донишчӯён ба мухити хочагии Ломоносов ва бошандагонаш чунон одат карда буданд, ки гӯё дар деҳаву шаҳри хеш қарор доранд.

Раиси колхоз ҳам шахсияти шарифу ҳалол ва ба муҳаббат буд. Ҳар бегоҳ барои муаллимони хӯрокиу ҷои хобидан меёфтанд. Умуман, меҳрубонии шахсии барои муаллимон ва дигарон истироҳати мекашид. Бальзак, ронбарони кафедраро – Д.Точиев, С.Пайдаров ба ҳайати муаллимону донишҷӯён меомадаанд. Пагоҳи дар клуби ҳочагӣ, ки 50-60 нафар ҷой мегирад, хоҳиш будем, ки саломи Д.Точиевро гӯшидем. Он ҳам ташаббус нишон дода, мехост, ки ин пагоҳи донишҷӯёнро ба хоб нагзонад, то ки бармонанд ҳунарҳои ҳаминҷу барои шаҳодатнома сари вақт ҷамъ шаванд. Мо ба гуфтаҳои ҳамаи ҳозирон ба таги хӯрокхона як бедуд ҳаракатеро бо хӯрокҳо ба сарсомони кашидем, зеро медонистем, ки ҳалқи сахт хуб аст ва имкон дорад, ки борон борад. Д.Точиев аз ин ният ҳеҷ ҳоҳ шудагӣ барин гуфт: «Бачахо хеле хуб, раиси колхоз рафиқ Талбак Сафарбоевич гуфт, ки сабо намеборад». Мулаллимро, ки ҳозирон мекардем, ки ҳайи ҳам аз ҷойгоҳаш баланд шудему ҳолдагӣ ба шахтачиён гирифта, рӯйи ҳавлӣ баромадем. Мошинҳо катор будаанду раиси колхоз, чанд бригадир ва Д.Точиев бо муаллимони дигар сӯҳбат доштанду гоҳе ба осмони абрнок менигаристанд ва ташвиш доштанд, ки борон нагирад. Ҳама донишҷӯён фартухҳо сари гардан, гурӯҳ-гурӯҳ сӯҳбат карда меистоданд, ки борон оғоз гирифту баъд шиддаташро зиёд кард. Д.Точиев ин сӯзу он сӯ мерафту худ ба худ мегуфт: «Падарлаъна лаънат, раиси колхоз ҳам намедонистааст, ки борон меборад». Мо ин харфҳоро шунидему аз тахти дил ҳандидем. Д.Точиев ҳам ба раис чизе мегуфту механдид. Борон чунон шиддат гирифт, ки ҳамаро хона ба хона гурезонд. Медидам, ки Д.Точиев ҳам бо раису дигарон чониби идораи хочагӣ медавиданд, то ки тар нашаванд. Соатҳои даҳи рӯз борон басанда шуду мо ба сари картаҳои пахта ҳозир шудем. Рӯзгори донишчӯён ҳам бад набуд. Зодрӯзҳо таҷлил менамуданд. Чунин рӯзҳо бошандагони хочагӣ лутф мекарданд. Дар хонаҳошон 20-25 донишчӯро зиёфат медоданд. Аз ин меҳмондорихо духтарон босамар истифода мекарданд. Онҳо сару каллаву бадан ва либосҳояшонро одатан дар

ҳамдигар мардуми дех меистанд.

Баъде нишастҳову меҳмондориҳо ба шарофати ҳунармандони колхози «Ленинаи кирси мо Ҷӯрабек Назриев сурат мегирифтанд. Дар ин минтақа Ҷ. Назриевро чун овозхон хуш мепазируфтанд. Ва бригадир ба ӯ 500 кг пахта «тӯҳфа» кард, то ин ки ӯ фақат ҳамаду пахта нахонад.

Маъракаи пахта дар маънӣ мактаби инсоншиносӣ буд. Муаллимон бештар шогирдонро он ҷо мешинохтанд. Дар ҳамин ҳангома буд, ки ин муаллими ҷавону ин духтари зебоипайкари гурӯҳи мо аллакай издивоҷ бастанду боз як муаллими дигарамон ҳам дар ҳамин ҷода қарор дошт ва шояд баъди пахта ба якдигар ҳамсар мешуданд. Донишҷӯён ҳам кафо наменомонданд. Хайруллои комсорг ҳам духтари хушандиро ба нақша гирифт. Сайдалӣ низ дар ин самт ҳаракатҳоро мегирифт ва шояд духтари Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Карим Исмоилро ба занӣ бигирад, ки як курс аз мо поён мехонд. Ин қаҳрамонро як бор дидам, ки дар либоси галифейи сталинӣ омад ва барои духтараш як мошини чил пур аз маводи хӯрока овард. Дар сатҳи гӯшти қайла ҳам ба назар хӯрд, ки чанд тан аз ҳамдарсони Сайдалӣ ба шарофати эшон баҳравар гардидем. Дар ҳамин ҷо «маъракаи свёсй»-и соли 1965-ро пайваста ба фаъолияти деканӣ нави факултет ба охир расонда, худро боз ба бинои таълимӣ мезанам, то ки суханҳоеро оид ба ин соли таҳсил гуфта бошам.

ИДОМАИ ТАҲСИЛИ СОЛИ СЕЮМ

Тирамоҳи соли 1965 *бороне* омаду дуюмбора ба пахта сафарбар нашудем. Фанҳои нав илова шуданд, ки инҳо буданд: адабиёти классикии тоҷики қарнҳои XV-XIX, психология, таърихи фалсафа, забони ҳозираи тоҷик, педагогика ва ғайра. Адабиёти классикиро Т.Неъматзода ва Субҳон Амиркулов дарс медоданд. Анушенко таърихи фалсафаро *мехонд*, муаллими психологияамон Арда Қувватов *буду* педагогикаро Сангинова *пом бону* ба ӯхда

дошт. Дотсент Д.Тоҷиеву М.Қосимова аз забон дарс мегуфтанд. С.Амирқулов нисбат ба Т.Неъматзода дарси хуб мехонд. Таърихи фалсафаро ба забони русӣ мехондем. Шӯъбаҳои арабиву форсӣ низ бо мо якчо буданд. Тақрибан сад кас дар толори бино менишастему Анушенко лексия мехонд. Намедонам чаро, ёддошт кардани шогирдонро дӯст намедошт. Дар шӯъбаи таърих ҳам ӯ дарс мегуфт. Ба хотири ин ки домоди М.Турсунзода буд, худро бисёр босалобат мегирифт. Бештари дарсҳо аз мавзӯъ берун баромада, ба суроғаи мардум тоҷик, духтарони тоҷик ҳарфҳои носазо ва таҳқиромезро раво медид. А.Абдуманнонов, ки русии қавӣ дошт, саволборонаш мекард. Баъзан Ахмадчон Холмуродови ҳамкурси мо саволҳои номафҳумаш медод. Дарсаш, ки ҷолиб набуд, мехостанд, ки саволаш диҳанду бо ҳамин вақтро гузаронанд. Рӯзе дарсро оғоз намуду гуфт: «Занҳои тоҷик чиркинанд, сару рӯяшонро намешӯянд, рӯйи ҳаммомро намебинанд» ва дигар ҳарфҳои носазоро нисбати бонувони тоҷик иброз дошт, ҳол он ки ҳамсари худаш Фирӯза Турсунзода, ки бахши аввали таърихи фалсафаро ӯ дарс мегуфт, тоҷик буд. Анушенко марди қоматбаланду аммо Фирӯза Мирзоевна миёнақад буд. Воқеан, ӯ монанди падараш хеле зебо менамуд. Муаллимаи чиддӣ буд. Дар чеҳрааш ханда намерасид, вагарна боз ҳам зеботар мешуд. Он чеҳраи нурониву қомати тарошидагӣ табассумро тақозо медошт, афсӯс ки вай ҳеҷ намехандид ва мудом бо қаворае гирифта ба дарс ҳозир мешуду дар ҳамон шакл дарсро ба поён мерасонд. Ман пай мебурдам, ки ин бону зиндагии хуб надорад ва ҳатто шарм медорад, ки бо Анушенко ба кӯча барояд ё дар ягон маъракаи фарҳангӣ якчо нишинад. Баъзан ба мушоҳида мерасид, ки ӯро шиканча медиҳад, зеро ду-се дафъа, ки ба дарс ҳозир шуд, зери чашмонаш сиёҳ намуд. Муаллимеро мешиносхтам, ки ошиқи шайдояш буду чорае намеёфт. Чанд марди фарҳангӣ орзу доштанд, ки аз шавҳараш чудо шаваду моли онҳо гардад. Ба ӯ шогирдонаш низ ошиқ буданд, вале аз тарс ҷуръат намекарданд, ки изҳори ишқ намоянд. Бонуе буд, ки

рангуборро дӯст намедошт ва ҳама рафтору ҳаракатҳояш шарқиёна, аммо рӯзгораш аврупоӣ буд. Бархе аз дугонаҳояш бисёр кӯшиш карданд, ки аз марди аврупоӣ чудо шавад, вале ба хотири падар ин корро карда наметавонист. Гуё, вақте ки Фирӯзахон бо Анушенко баъди хатми факултети фалсафаи Донишгоҳи Ломоносови Маскав ба Душанбе баргаштаанд, Боқӣ Раҳимзода таври шӯхӣ чунин гуфтааст: «Мирзочон, акнун метавонӣ достонатро на «Арӯс аз Маскав», балки «Домод аз Маскав» ном гузорӣ». Пайваста ба ҳамин мавзӯъ, таърихи хонадоршавии Фирӯза Мирзоевнаро бо Анушенко ҳар хел шарҳ медоданд. Ҳақиқаташ он буд, ки ҳарду якҷо таҳсил мекардаанду ба ҳукми тақдир якдигарро мепазиранд ва ҳамсар мешаванд. Дигар ин ҷо сирри ниҳоние нест. М.Турсунзода, ки мудом аз дӯстии халқу миллатҳо ҳарф мезад, табиист, ки дар ин пайвандгарӣ муқобилият нишон намедиҳад. Шояд Фирӯза баъдҳо пушаймонӣ кашида бошад, аммо ба хотири обрӯи М.Турсунзодаро нарезондану як писар доштанаш тоқат мекард. Ба ҳар навъ ки буд, Анушенко ба тоҷикон эҳтиром надошт. Аз ин ҷост, ки баъд аз се-чор лексияашро гӯш кардан, маслиҳат намудем, ки дарсашро «байкот» мекунем. Мо дар сменаи дуюм мехондем ва дарси аввал дар ҷадвал аз Анушенко буд. Тақрибан аз се шӯъба сад донишҷӯ ба бинои таълимӣ надаромадем, балки чойхона ба чойхона тақсим шудем. Занги даромад мешаваду Анушенко бо ҳамон салобаташ дарвозаи толорро мекушояд ва мебинад, ки ягон донишҷӯ нест. Сиёсаткунон ба деканат арз менамояд. Он ҷо ҳам маълумоте ба даст намеорад. Ҳайрон мешавад, ки чаро шогирдон ба дарс наомадаанд. Деканат ба ҷустуҷӯйи донишҷӯёни курси сеюм мебарояд. Ману Хайрулло, Абдурраҳмон, Гулрухсор, Шаҳбоз, Санавбар, Хосият Олимова ва чанд донишҷӯйи дигар дар чойхонаи назди бино менишастем. Аз мо савол шуд, ки чаро дарсро «байкот» кардем. Ба ҷойи ҷавоб ҳамагӣ ба идораи декан рафтем ва вазъиятро фаҳмондем, ки Анушенко бонувони тоҷик ва умуман миллатро таҳқир мекунад, бинобар ин дигар

намехоҳем, ки таърихи фалсафаро ӯ бихонад. Бочуръатона талаб намудем, ки таърихи фалсафаро бояд философи точик таълим диҳад, на шахси рус, ки Шарқро хуб намедонад. Сӯҳбат то ин чо расиду М.Бобохонов, ки дорои ҳисси миллӣ буд, шикояти моро чиддӣ қабул намуду гуфт: «Ҳоло раветон, ман ин мавзӯъро мусбат ҳал хоҳам кард». Сипас, Анушенкоро наздаш хостааст ва гуноҳашро дар каллааш бор намуда, изҳор доштааст, ки минбаъд ба дарси курси сеюм намедарояд. Албатта, барои ин ки мавзӯъ ҷанбаи сиёсӣ ба худ нагирад, беҳтар аст, ки ин фанни барои филологҳо бисёр муҳимро ягон муаллими точик гузарад. Рӯзи дигар, М.Бобохонов чанд нафари моро хост ва пурсид, ки кадом мутахассиси фалсафаро даъват намоянд. Гулрухсор гуфт: «чӣ хел муаллиме, ки боша, точик боша». Декан: «Ҳа, ҳа, ҳамту-мӣ? Майлаш, майлаш...» –гуфту моро ҷавоб дод. Ҳафтаи дигар ҳамагӣ ба толори саднафара даромада муаллими фалсафаро интизор шудем. Ҳоло намедонистем, ки кадоме аз файласуфон ба мо дарс мегӯянд. Табиист, ки академик Баҳоваддинов А ба асари серкорӣ наметавонад. Ҳамин лаҳза буд, ки ба толор Аслонов Маҳкам ном файласуф даромад. Аввалин шуда Гулрухсор қарсакро огоз намуд ва дигарон идома доданд. Мо ғалабаи комил ба даст оварда будем. Ҷо-ҷо мешунидам, ки мегуфтанд: «Курсҳои се инкилоб кардаанд». Албатта, фаъолияти мо то чое маънии инкилобӣ дошт, чунки дар он даврон шахси русро таҳкир кардан ҳеч имкон надошт. Ба чунин амал ранги сиёсӣ дода, метавонистанд ректору деканро ба ҷазои маъмурӣ кашанд. Аслонов дастури таълимии академик Баҳоваддиновро болои минбар гузошта, онро ҷо-ҷо мехонду сипас шарҳу эзоҳ медод. Мо розӣ будем ва ба воситаи саволҳо дигар муаллимро азият намедодем. Муҳимаш он буд, ки Аслонов худ хатмкардаи факултети худамон буду нутки хубу бурро дошт. Лексияашро бо завқ гӯш мекардем. Муаллим ҳам нисбати гурӯҳ муносибати бародарона менамуд. Бадбахтин Анушенко боз он буд, ки ӯ раҳбарони чумҳуриро бесавод эълон медошт. Дар рӯзи сеюми дарсаш каме дер омаду болои

минбар такя зада чунин гуфт: «Ман ҳозир аз як мачлиси ҳукуматӣ омадам. Он чо яке аз сарварони ҷумҳурӣ Маҳмадулло Холов маърӯза хонду вақти саҳифаи нави гузоришашро варақ гардондан чунин хонд: «смотри на оборот». Инро гуфту илова намуд: «Бубинед бесаводии раиси Президиуми Шӯрои Олии Точикистонро, ки таъкиди мошинисткаро нафаҳмида, гумон бурдааст, ки дар матни маърӯза чунин ҳарф вучуд дорад». Мо ба савод доштану надоштани раиси Президиуми Шӯрои Олӣ коре надоштем, аммо нисбати шахсияти точик ин тавр ақида рондани Анушенко ба нафси мо расид ва масъалаи аз дарс пеш карданашро ба миён гузоштем. «*Инқилоб*»-и мо асар карду дарсҳои ӯро минбаъд аз филологҳо бардоштанд. Дигар дуди сигори вай дар синфхонаву даҳлезҳои факултет ба машомамон намерасид. Ногуфта намонад, ки дарсдихии Аслонов нахустин ҳодисае буд, ки точик таърихи фалсафаро ба точикӣ мехонд.

Нимсолаи аввали *курси сеюм* бахши морфологияро М.Қосимова тадрис намуд. Дарсаш берун аз мазмуни лексия набуд. Даҳ ҳиссаи нуқтро бори дигар такрор мекард. Яъне, он чӣ дар омӯзишгоҳ хонда будам, дар факултети филология ҳамон такрор меёфт. Аз ин рӯ, ин чо аз забон дониши тоза набардоштам. Маълум буд, ки муаллима дониши сатҳӣ дорад ва ҳама қоидаву таҳлилҳои морфологиашро аз рӯйи асарҳои забоншиносони рус амалӣ менамуд. Яке аз ҳиссаҳои нутқ, масалан исмро бо махсусиятҳояш шарҳу эзоҳ медоду бо чумлаҳо таҳлил мекард. Қоидаи исми точикӣ ҳамон буд, ки исми русӣ дошт. Дигар ҳиссаҳои нутқ ҳам дар ҳамин сатҳ фаҳмонда мешуд. Аз ин чост, ки баъд аз дарсҳои Б.Камолиддинов, ки майли бандаро сӯйи забоншиносӣ бурда буд, бо шунидани лексияҳои М.Қосимова аз баҳри ин илм гузаштам. Вақте ки дарс тозагӣ надорад, онро гӯш кардан душвор аст. Ба ибораи дигар, дарс эҷодкорӣ мехоҳад, то ки шогирдонро ба худ ҷалб карда тавонад. Афсӯс ки бахши забони факултет, агар Д.Точиевро истисно кунам, заиф ба назар мехӯрд. Метавон гуфт, ки

дониши мактабии Шаҳбоз Кабирову Ҳабибулло Солеҳов аз баъзе муаллимоне, ки оид ба морфология дарси амалӣ мебурданд, баландтар ба назар мерасид.

Дар мавриди лексияҳои Д.Тоҷиев ақидаи банда мусбат буд. Муаллим бахши синтаксисро нимсолаи дуюм олимона дарс медод. Дуруст аст, ки синтаксиси забони тоҷикӣ ҳам тарҷумаи синтаксиси забони русӣ буд, вале Д.Тоҷиев онро чунон бомаҳорат ба мо мефаҳмонд, ки дар назарам ҳама таҳлилҳояш дорои донишандӯзӣ оид ба забони тоҷикӣ буд. Маълум, ки Д.Тоҷиев аз мактаби қавии забоншиносӣ гузаштааст ва қодир аст, ки мавзӯъро дар пайвастагӣ ба махсусиятҳои забонҳои аврупоӣ мавриди баҳс қарор бидиҳад. Фақат эҳсос мешуд, ки муаллим ба сарфу нахв (грамматика)- и суннатӣ кам таваҷҷӯҳ зоҳир менамуд, балки такягоҳаш бештар осори забоншиносони русу аврупоӣ буд. Ҷиҳати хуби дарси Д.Тоҷиев мисолҳои интихоб кардааш буд. Ба ин восита назарияро ба амалия татбиқ мегардонд. Д.Тоҷиев ҳамчун инсон нотакрор ба назар мехӯрд. Хуш мешуд, агар дар дарсҳояш духтарон дар қатори пеш нишинанд. Чунин рӯзҳо илҳоми лексияхонии муаллим меомаду бисёр базавқ дарс мегуфт. Домулло ба лексияи сохтааш камтар нигоҳ мекард, балки озод сӯҳбат менамуд. Тартиби дарсгӯии Д.Тоҷиев чунин буд, ки ҷумларо дар тахта менависонду назди қатори духтарон меистод. Бештар қатори якумро қаноатманд сохтанӣ мешуд. Дар қатори аввал шинондани духтарон ташаббуси бачаҳо буд. Мо мехостем, ки муаллим андаке бошад, бо дунёи ҷавонӣ омезиш ёбад. Одатан, дарсҳои Д.Тоҷиевро ҷуфти охир мемонданд. Дарс соати ҳафту панҷи бегоҳӣ поён меёфт. Муаллим, ки бароят фаъолиятам дар бюрои комсомолӣ маро хуб мешинохт ва медонист, ки дар теппаи Нагорний иқомат менамоям, баъд аз дарс маро огоҳ месохт, ки якҷоя меравем, зеро манзили эшон дар кӯчаи Академическая қарор дошту роҳи мо як буд. Муаллим дастҳоро ба пушти миён гирда мекарду сӯҳбаткунон бо ман мерафт. Боре пурсид: «Худойназар, ҳамин духтарҳои курси шумо худашон дар қатори аввал

мешинанд ё касе онҳоро маҷбур мекунад?» «Не муаллим. Вақте ки занг шаваду шумо бояд ба дарс биёед, онҳо худашон аз мизҳои қафо хеста пеш мешинанд. Аз дарсгӯии шумо бисёр завқ мебаранд»,- ҷавоб додам ман.

Соли сеюми таҳсил дар гурӯҳи мо ду духтари нав пайдо шуд, ки аз Университети Самарқанд ба ин ҷо интиқол ёфта буданд. Исми якеаш Зебиниссо Бобобекова ва дигараш Ҳамида Назарова. Ҳардуяш ҳам хушчеҳра буданд. Ин чиҳат Д.Тоҷиевро бетафовут намегузошт, ки бегоҳие савол кард: «Худойназар, дар гурӯҳатон ду студентка пайдо шудааст, аз кучо омадаанд?» Он чи болотар гуфтам, ба муаллим фаҳмондам. Баъдан пурсид, ки «он духтари тӯппипӯшаш кист?» «Ҳамида Назарова аст. Аз рӯи шунидам, завчаи аспиранти профессор Мулло Эркаев – Саид Талбаков мебошад»,-ҷавоб додам ба муаллим. «Ҳа, ҳа, инту гӯй»,- гуфту аз дигараш савол пеш наовард. Пай бурдам, ки Ҳамида бештар боиси таваччӯҳи домулло гардидааст. Ҳамеша то таги дарвозаашон мерафтему «хайр, Худойназар, нағз рав, боз пагоҳ мебинем»,- мегуфт. Хайрият, ки хонааш даъват намекард, вагарна аз шарм чӣ ҳам ҷавоб медодам. Муаллим сарҳади илтифотро хуб медонист. Шогирд ба ҳар ҳол шогирд аст. Аз он сӯҳбат ду-се рӯз гузашту боз дарси Д.Тоҷиев доштем. Ин бегоҳ низ муаллим хоҳиш кард, ки якҷоя хона меравем. Ман тахмин намудам, ки ӯ боз оид ба он духтар савол пеш меорад. Дар ҳиссае аз роҳ пурсид, ки «Худойназар, Мулло Эркаев ба он ном аспирант надорад-ку». «Намедонам, муаллим. Ҳамин хел мегӯянд»,-гуфтам ба эшон. Маълум шуд, ки бегоҳие вақти дар маҳаллаашон бо М.Эркаев сайру гашт кардан, аз ӯ пурсидааст, ки ба он ном аспиранте дорад ё не. Ба назарам, муаллим Саидов Талбак ном мегирад, ки М.Эркаев не мегӯяд. Шояд профессор аз нияти Д.Тоҷиев огоҳ мешаваду дониста не мегӯяд. Бо ҳамин дигар сари ин мавзӯъ сухан оғоз накард.

Муаллими психологиямон Арда Қувватов ном дошт. Эшон иштирокчии ҷанг буд. Саводаш хеле заиф менамуд. Аз кадом сарчашмаи русӣ лексия месохту маънии

тарҷумаҳояшро худаш намефаҳмид. Ҳамзамон тоҷикиаш маъно надошт. Дар ҳар ҷумлааш «мешуд» ва «мешавад» истифода мекард. Ҷумлаҳояш мантиқ надоштанд. Ҳамагиро хоб зер мекард. Хофизи шиноҳта Зафар Нозимов, ки дар баҳши форсӣ механҷу шабона тӯйгардиҳо дошт, ба қатори охири толор менишасту бемалол ба истироҳат мепардохт. Баъзан чунон хӯррок мекашид, ки Арда Қувватов мачбур мешуд, ки лексияи бесару нӯгашро қатъ намояду гӯяд: «Зафарҷон, мисле ки аз лексияи мо кайф карда истодаед?» Зафар Нозимов аз чой баланд мешуду «мебахшед, хоб нестам. Дар назаратон менамояд»,- мегуфт. Донишҷӯёни солҳои пеш ба мо мефаҳмонданд, ки вақти имтиҳон ҷумлаҳои худашро гӯед, ҳатман «аълo» мегиред. Агар донотароши кунеду адабӣ ҷавоб диҳед «ду» ё «се» беш наменомад. Ман, ки доир ба ин фан дониши омӯзишгоҳ доштам, душворие барои худ эҳсос намекардам. Бо вуҷуди ин, рӯзи имтиҳонаш машварати курсҳои болоро ба назар гирифтам ва ҳарчи ҷумла месохтам, бо услуби муаллим мувофиқат менамуд. Аз ин ҷост, ки ду-се дақиқа пурсиданду «офарин» гӯён баҳои «аълo» гузоштанд. М. Диловаров аз манбаъҳои психологӣ истифода карда, ба имтиҳон омад. Вай ҷумлаҳои мантиқан дуруст сохта, ҷавоб медод. Вале муаллим ба ӯ баҳои «чор» гузошт, ва ӯро аз «маснади» аълохоӣ фаровард.

Тақрибан, дигарон ҳам мисли ман ҷумлаҳо сохтанд, ки чору панҷ зиёд шуду ягон ду намонд. Ин чиҳат ӯро ба ташвиш оварду Одинаев Абдурразоқро, ки охир даромад, баҳои «неуд» гузошт. Ҷанҷоли донишҷӯ ба муаллим таъсир намекард. Баъд аз ду-се рӯз ба Абдурразоқ баҳои баланд монд. Тартиби имтиҳонгирии Арда Қувватов он будааст, ки ҳатман як ё ду «неуд» мегузоштааст, вагарна дар деканат сари имтиҳонгирии вай шубҳа ба амал меомадааст. Ду-се муаллими ғайритахассусии мо аз ин тарзи баҳогузорӣ кор мегирифт, ки якеаш муаллими таърихи партия Содиқов буд. Муаллимаи педагогикаамон ҳам аз Қувватов беш дониш надошт. Бонуи зебо буд, аммо аз илми педагогика

бӯй намебурд. Шогирдон мазоҳу масхараааш менамуданд. Саволаш медоданд, ҳол он ки саволро дӯст намедошт. Баяда, ки ин фанро дар омӯзишгоҳ бо ҳама нозукиҳояш хонда будам, баъзан саволаш медодам, аммо ҷавоби қаноатбахш намегирифтам. Ҳис менамудам, ки маъқулаш нестам. Доир ба ҷараёни имтиҳонгириаш баъдтар хоҳам сӯҳбат намуд.

Нимсолаи дуюм дарси адабиёти советии тоҷик оғоз ёфт, ки онро С.Табаров мехонд. Муаллим хеле донишманд буд. Аввалан аз лексияаш истифода менамуд ва баъд ба шарҳу эзоҳи он мепардохт. Даврaҳои адабиётро олӣ мехонд. Адабиёти советии тоҷикро бо адабиёти халқҳои советӣ муқоиса менамуд ва бартарии ҳар адабиётро ба мо мефаҳмонд. С.Табаров дар ҷараёни дарсаш даҳҳо номҳои шоирону адибонро ба забон мегирифт, ки бисёре аз ононро бори нахуст мешунидам. Баёни лексия соддаву равон буда, ҳеҷ нофаҳмиеро ба мушоҳида намегирифтам. Баъд аз лексияҳои Ш.Ҳусейнзода шояд дуюмин муаллим буд, ки дониши қавӣ доштанаш пӯшида наменмонд. Як ҷаҳон маъниҳо аз адабиёти русу аврупову ғарб медонист. Дарсҳои амалиашро Хайрулло Муҳибов мегузаронд. Ба асоси сарчашмаҳои пешниҳодкардаи С.Табаров ба китобхонаи «Фирдавсӣ» рафта, адабиёти иловагӣ мехондам. Қиссаву романҳои С.Айнӣ, Ҷ.Икромӣ, Р.Ҷалил, С.Улугзода, Ф.Муҳаммадиев, М.Миршакар, М.Раҳимӣ, Ф.Ниёзӣ ва даҳҳо дигаронро мехондам ва вақти дарси амалӣ ба муаллим савол медодам. Ба гумонам Х.Муҳибов изҳори хушӣ мекарду дигаронро ташвиқ менамуд, ки бештар ба мутолиаи асарҳои бадеӣ ва илмӣ машғул шаванд. Як чиҳати дарсгузории ин муаллим он буд, ки ҳамаи саволҳои семинариро худаш ба шогирдон нақл менамуд. Гӯё лексияи С.Табаровро дуюмбора мефаҳмонд. Вай ҳини сӯҳбат фақат ба шифт менигарист. Ҳеҷ ба рӯйи шогирдон назар намеандӯхт. Ман гумон мебурдам, ки аз донишчӯён шарм медорад. Боре Гулрухсор шӯхӣ карда гуфт: "Муаллим, дар гурӯҳи мо ин қадар духтарҳои зебоянд, ҷаро шумо ба шифт

менигаред?" Муаллим чизе нагуфт, фақат табассуме карду бас... Ба ҳамин минвол, баҳори соли 1966 ҳам расид. Баъзе санчишҳо оғоз ёфтанд. Маъракаи омодагӣ ба имтиҳоноти тобистона авҷ мегирифт...

НОМЗАД БА ПАРТИЯ

Бинобар ин ки аз оғози фаъолияти донишҷӯӣ ба корҳои ҷамъиятии факултет иштирок мекардаму комсорги гурӯҳ интихоб шуда будам, нимсолаи дуюми соли 1964 котиби ташкилоти партиявии факултет Д.Тоҷиев ба дафтараш даъватам намуд ва масъалаи ба сафи партияи коммунистӣ аъзо шуданамро ба миён гузошт. Азбаски чунин пешниҳод ногаҳон сурат гирифт, ба эшон гуфтам, ки аъзои партия шудан масъулият дорад ва ман ҳоло барои номзад шудан омода нестам. Д.Тоҷиев раддияи бандаро қабул накарда, супориш дод, ки ду тавсиянома аз ду аъзои партия ва тавсифномаи комсомоли Университетро таъҷилан гирам. Сипас изҳор дошт, ки тавсифномаи аввалро худи ӯ медиҳад. Барои тавсифномаи дуюм ба Ҳақназар Назаров, ки аз рӯйи корҳои ҷамъиятӣ ошно шуда будам, мурочиат кардам. «Майлаш, ман шуморо то чое мешиносам. Албатта, тавсиянома медиҳам»,- гуфт. Аз бюрои комсомолии факултет тавсифнома гирифта, онро дар комитети комсомолии Университет тасдиқ кунондам. Моҳи феврали соли 1964 маро якдилона ба номзадии партия қабул намуданд. Вақти қабул ҳеч гуна эроде ба миён наомад, ҳол он ки Султон Воҳидов, ки муаллими кафедраи адабиёти классикӣ буд, бояд саволу эродҳо аз чониби донишҷӯёни коммунист ва аъзоёни дигари партия гардид. Акнун масъулияти ҷамоатчигиам дучанд шуд. Ногуфта намонад, ки дар ташкилоти партиявии факултет донишҷӯёни коммунист хеле зиёд буданд. Дар гурӯҳи мо Х.Сирочев, А.Умаров аз сафҳои Армияи советӣ ба сифати аъзои партия омада буданд. Дар гурӯҳу шӯъбаҳои таъриху форсиву арабӣ низ коммунистони донишҷӯ ба мушоҳида мерасиданд.

Метавон гуфт, ки нисфи аъзоёни ташкилоти партиявии факултетро донишҷуён ташкил медоданд. Ҳарчанд ки номзади партия будаму як сол таҳти назорати ташкилоти партиявӣ қарор доштам, бисёре аз супоришҳоро боварам мекарданд ва дар ҳама маҷлисҳо даъват мешудам. Фақат ҳоло ҳуқуқи овоз додан надоштам. Маҷлисҳои партиявӣ бисёр ҷиддӣ мегузаштанд. Масъалаҳои ҷанҷолӣ ҳам баррасӣ мешуданд. Ҳама ҷамъомадҳо аз тарафи шаб, баъд аз соати хафт, сурат мегирифт. Боре дар эълони маҷлиси пӯшидаи партиявӣ масъалаи шахсӣ буд. Донишҷуёни коммунист, аксаран намедонистанд, ки он масъала ба чӣ шахсияте тааллуқ мегирад. Коммунистон Д.Тоҷиев, Ҳилол Каримов, С.Табаров, М.Бобохонов, Т.Неъматзода, Ш.Ҳусейнзода, Мақсуд Шукуров , В.Асрорӣ ва дигарон сӯйи ҳамдигар бо шубҳа менигаристанд. Тафовути ин маҷлис дар он буд, ки намояндаи ташкилоти партиявии университет дар садорат қарор дошт.

Дар ҷараёни маҷлис фаҳмидам, ки фаъолияти шахсии коммунист Соҳиб Табаров баррасӣ мешудааст. Зироат Шарифова ном бону ба Университет аз болои С. Табаров арз кардааст, ки гӯё дар ғайри хоҳишаш зӯран таҷовуз кардааст. Ҳатто муддате дар истирохатгоҳи Қриму Ялта якҷоя буданашро тазаккур дода, муаллим С.Табаровро ҳамчун шахси бадахлоқ муаррифӣ намуда буд. Мақсади бонуи «бегуноҳ» он буд, ки С.Табаровро барои ахлоқи ношоистааш аз Университет пеш кунанд. Ҳар кадом аз коммунистон, ки бо С.Табаров солҳо ҳамкорӣ доштанду Зироат Шарифова аз шогирдони собиқаашон буд, сари мактуби шикоятии ӯ изҳори ақида менамуд. Дар мактуб омада буд, ки С.Табаров бонуро ба «Волга»-и М-21 борҳо савор карда ба дараи Варзоб бурдааст, хона харида додааст, ба ҷояш мақолаҳои илмӣ навиштааст, то ки ӯро ба маъшуқаи худ табдил диҳад. Сабаби хонахаробиашро ҳам аз С.Табаров медид. Баъзе коммунистон аз ахлоқи бади шогирдашон ҳарф мезаданд. Чунин ба назар мерасид, ки он бонуи зебо бо муаллимони дигаре ҳам ишқварзӣ карда будааст. Махсусан,

Д.Тоҷиев чанд дафъа китфак зада гуфтанӣ мешуд, ки барои он бонуи беадаб С.Табаровро, ки яке аз таъсисдиҳандагони Университет асту чеҳраи шинохтае, мазаммат намудану ба ҷазои партиявӣ гирифтор сохтан аз рӯйи адолат нахоҳад буд. Баръакс, Мақсуд Шукуров ба С.Табаров савол дод, ки «Соҳибҷон, ман ҳам монанди мошини шумо мошин дорам, аммо чаро занони зебо дар мошини ман неву дар мошини шумо мешинанд?» С.Табаров боҷуръатона чунин ҷавоб дод: «Мақсудҷон, дар мошини ман аз ин навъ бонувон зиёд мешинанд». Соат 11-и шаб шуда бошад ҳам, баҳси партиявӣ идома меёфт. Раиси комиссия, ки дар асоси мактуби шикоятии Зироат Шарифова чанд ҳафта тафтиш бурда буд, аксҳоеро аз истироҳаттоҳи Ялта нишон дод, ки ҳарду нимбараҳна дар соҳили баҳр бадан месӯзонданд. Раис ба С.Табаров мурочиат карда пурсид, ки эшон ба аксҳои мавҷуда чӣ мегӯянд? С.Табаров аз ҷой баланд шуда гуфт: «Ин аксҳоро сохтаанд, мантаж кардаанд, ман ҳеҷ гоҳ бо он бону лаби баҳри Сиёҳ нарафтаам, балки ин аксҳоро ташкилкунандагони мактуби шикоятӣ таври сунъӣ сохтаанд, то ки маро шармсор кунанд. Аммо донетон, ки ҳама далелҳои дар мактубомада бӯҳтони маҳзанду бас. Медонам, ин мактубро Раҷабов Солеҳ ташкил кардааст». Мақсади мачлис он буд, ки С.Табаров ҳамчун коммунист ба гуноҳаш иқрор шавад. Вале С.Табаров ҳама далелҳоро рад мекард. Ӯ ба мачлис мефаҳмонд, ки чӣ навъ ба гуноҳи содирнокардааш қоил мешавад? Бӯҳтон аст, бӯҳтон, мегуфт вай ҳар дафъае, ки ба вай ҳуҷум оварданӣ мешуданд. Ман, ки акнун курси дуюм мехондаму дар бораи С.Табарову дигарон тасаввуроте надоштам, эҳсос намудам, ки мачлис ба ду гурӯҳ тақсим шуда буд. Гурӯҳи аввал, коммунистоне ба шумор мерафтанд, ки аз ректор, ки солҳо бо С.Табаров дар муовиза аст, сушориш гирифтаанд. Ба гурӯҳи дуюм Ш.Ҳусейнзода, Д.Тоҷиев, Ҳ.Назаров, Мардон Муҳаммадиев ва донишҷӯёни коммунист шомил мешуданд. Аксари донишҷӯёи С.Табаровро бегуноҳ медонистанд, ки дар он чумла ману Ҳайрулло ва Абдуқодир ҳам будем. Чунин

ташкилдиҳандагони номаи бону зӯр мезаданд, далел меоварданд, аз тӯҳмат кор мегирифтанд, аммо натиҷаи дилхоҳ ба даст намеоварданд. Гурӯҳи дуюм дар шахси Д.Тоҷиеву дигарон чуръати дифоъ кардани С.Табаровро зоҳир наменамуданд. Шояд аз ректор хавф мебурданд. Нафаҳмидам, ки Ҳилол Каримов, ки чанд маротиба навбати сухан мегирифт, тарафдори кадом гурӯҳ буд. Ӯ духела ҳарф мезад, на ин сӯву на он сӯ. Ба дил мегуфтам: «Ана инаш хеле пухта ва дипломат будааст, ки аз рӯйи меъёри на сих сӯзаду на кабоб амал менамояд». Мардон Муҳаммадиев, ҳарчанд ки нотиқ набуд, равшан изҳор дошт, ки С.Табаров ҳеҷ гуноҳе надорад, балки он бону худаш чандон зани чиддӣ нест. Н.Назаров ҳам канда-канда сухан гуфта, дар маҷмӯъ С.Табаровро тарафдорӣ намуд. Соат яки шаб шуд. Ҳамоно бахс тезу тунд сурат мегирифт. Дар синфхонаҳо ҳам донишҷӯ намонд. Баъзе аз онон пушти дарвозаи толор шояд чараёни маҷлиси партиявиро ба мушоҳида мегирифтанд. Дар бинои таълимӣ фақат «маҷлисбозон» монданд. Ин ҳолатро С.Табаров эҳсос карду ниҳоят аз ҷайбаш ҳуҷҷатеро бароварда, ки он аз ғайри фаъол будани эшон ҳамчун мард шаҳодат медод. Ҳуҷҷат мӯҳри духтурхонаеро доро буд. Ранс ва садорат ҳуҷҷатро даст ба даст мегардонданд. Онҳо ҳайрон монда буданд. Намедонистанд, ки ба Рачабов Солеҳ рафта чӣ мегӯянд. Панҷ соати маҷлис ба фоидаи С.Табаров ҳалу фасл гардид. Хулоса чунин шуд, ки далелҳои дар мактубомада тасдиқ нашуданд. С.Табаров ғолиб омада буд, ки лангон-лангон баромада рафт. Ҳамон шаб соати ду ба хона расидам. Дар як соли номзадӣ ба чунин маҷлисҳои гулгулаандоз борҳо шоҳид шудам. Гоҳе сари мавзӯе фикри хешро иброз медоштам ва камбудиҳои факултетро ошкор месохтам. Ҳамин буд, ки баҳори соли 1965 бандаро ба сафи партияи коммунисти қабул намуданд. Акнун худро ҳамчун донишҷӯи пешрав тасаввур мекардам ва ҳамеша аз фаъолиятмандӣ кор мегирифтам.

«ИМКОНИЯТ БОШАД, БОЛНИТСАИ ДУШАНБЕ БАРЕН»

Ин сарлавҳа аз як порча хатчаи қиблагоҳам ба сифати унвони ҳикояи фавқ интихоб гардид, ки охирҳои соли 1965 барои банда фиристонда буд. Он порча бо қалами ларзони падар ин тавр таҳрир ёфтааст: «Аз номи падарат ба писарам ва Зоира ва Фотима салом. Баъд аз якуми октябри соли 1966 имконият бошад, омада болнитсаи Душанбе барен. Содиқов». Шакли таҳрири қиблагоҳ нишон медиҳад, ки хатча дар бистари беморӣ иншо шудааст. Калимаҳо ба ангуштони ларзон сурат бастаанд.

Хонандаи гиромӣ аз таърихи бемории падар огоҳанд, ки ҳанӯз соли 1957 дар шаҳри Кӯлоб оғоз гирифта буд. Дар ин муддат беморӣ гоҳе рӯ ба беҳбудӣ меоварду гоҳе инкишоф мекард. Ба ин хотир, борҳо дар шифохонаи Кадучӣ ва маркази ноҳияи Восеъ бистарӣ гардид, аммо ба пурраги сиҳат наёфт. Махсусан, баъд аз сари модар падар ба душвориҳои рӯзгор бештар рӯ ба рӯ шуд ва шароити номусоиди оилавӣ нагузошт, ки вай сиҳат ёбад. Аз ин ҷост, ки Асо Содиқ баъд аз соли 1962, тақрибан, аз кори педагогӣ даст кашида, бо нафақаи гурӯҳи сеюми маҷрӯҳӣ баромад. Банда соле дусе бор ба аёдаташ мерафтам ва чанд рӯзе, ки дар хонадони падар мемондам, дар хидматаш қарор мегирифтам. Шабҳо ҳама ба хоб дода мешуду ман назди бистари падари бемор нишаста, дасту пойҳояшро молиш медодам. Баъзан болои пойҳои падар хобам мебурд. Чунин шабу рӯзҳо падар хушҳол буд, ки ҷонаш андак роҳат мекард. Дар ҳар сафарам, қиблагоҳ аз ду-се рӯз беш намегузошт, ки наздаш бошам, балки мачбурам месохт, ки аз пайи хонданам шавам. Тавре дар шурӯи ин ҳикоят гуфтам, моҳи октябр хатчаи номбурдаро гирифтаму рӯзи якшанбе ба Тоскалъа рафтам. Падар дар хоначае танҳо пуштиқӣ болои кати оҳанӣ хоб буд. Нафаскашиаш бо хурроккашиаш омехта садо медод. Дастонашро гирифтам, ки ҳарорат дошт.

«Худойиазарчои омадӣ»,- гӯён савол кард. «Бале, падар, хатчаатон расид. Омадам, ки шуморо ба ягои шифохонаи

Душанбе барам»,- гуфтам. Дастамро сахт зер кард ва гуфт: «Раҳмат, Худойназарҷон. Ман он хатчаро навиштаму баъд пушаймон шудам, зеро фаҳмидам, ки он боиси ташвишат мешаваду ба хонданат халал мерасонад. Хайр, чӣ илоч. Бемории ман сиҳат намеёбад. Шушҳоям тамом шудаанд. Ба тақдир тан медиҳаму рӯзи охирини ҳаётро интизорӣ мекашам. Ба хулосае омадам, ки дигар ба ягон шифохона наравам. Фоида надорад. Кор аз кор гузаштааст. Модарат ҳар шаб наздам меояду ба ҳолам механдад. Вақти рафтанаш боз табассум мекунад, сӯям даст мегардонаду «малим биё, чӣ худата азоб медиҳӣ, биё ман худам нигоҳубинат мекунам, ба умеди зани чавону бачаҳот нашав, охир, онҳо бача ҳастанд, қадри падарро аз кучо медонанд...» мегӯяд. Барои ҳамин Худойназарҷон, дигар маро наҷунбон, фақат хон, фикри маро накуну ба Душанбе рав. Ҳаволаи ман ба Худо...». Ин суханҳо гуфту аз ду гӯшаи чашмон оби дида сар дод. Баъд хоҳиш намуд, то ки пойҳояшро аз зону поён сахт-сахт молиш диҳам. Каме роҳат ёфт, ки боз суханашро идома дод: «Холназар ҳеч парвое надорад. Ягон бор наздам намедарояд. Хонаеро чудо кардаасту фақат худро мебинаду медонад. Ҳарчизро баҳона карда бо додаронаш чанг мекунад. Сохибназар-ку аз бемории ман истифода бурда тарафи хона намеояд. Бо Холназар ҳар рӯз дастбагиребон аст. Ман ин чо чон меканаму онҳо рӯйи ҳавлӣ занозанӣ мекунанд. Медонанд, ки ман аз чоям хеста наметавонам. Фақат он чанд рӯзе, ки ту меой, роҳат мебинаму бас...» Шикояти падар вокеият дошт. Чумъахон, албатта, дар хидмати падар қарор мегирифт, аммо боз корҳои хонаро ҳам анчом медод. Мӯсо ҳоло хурд буд ва бемории падарро чандон равшан эҳсос намекард. Муҳим он буд, ки падар аз зани наваш шикояте надошт, балки ба ӯ раҳмат мегуфт. Гузашта аз ин, падар аз ин бону се духтарча бо номҳои Майдагул, Саодат ва Файзигул дошт, ки байнашон яксоливу дусолӣ тафовут мавҷуд буд. Падар ҳар дафъа «Чиёнгул» гуфта садояш мекард. Дарҳол пайдо мешуд ва хоҳиши падарро анчом медод. Он рӯз падарро хеле лоғар дидам. Сулфа хеч оромаш намегузошт. Пеш аз сафари

Душанбе бори дигар илтичо намудам, то ки розӣ шаваду ба Душанбе хонаи худ биёрамашу баъд ба шифохона бистариаш созам. Вале розӣ нашуд, зеро рӯзе гӯшам бод ёфт, ки ба падар мӯйсафедони деҳа мегуфтанд: «Маллим, ба Душанбе рафтанат зарурат надорад. Бехтар аст, ки дар хонаи худат бимонӣ». Вақте ки падар аз хоҳиши хатчааш даст кашид, он шунидаҳо ба ёдам расиду дигар бо падар баҳс наоростам. Илова ба ин, падар дар вазъе қарор дошт, ки интикол доданаш ба Душанбе ғайри имкон буд. Ҳарчанд ки падарро дар моҳҳои охири ҳаёташ медидам, масъулияти донишчӯй мачбурам месохт, ки бо дили реш-реш роҳ сӯйи Душанбе пеш гирам. Имтиҳонҳои зимистониро супоридаму дар таътил боз ба дидори падари беморам расидаӣ шудам. Охирҳои феврал буд. Дарвозаи ҳавлии хонаи падариро кушодам, ки онро кӯчбастагӣ дидам. Чанд лаҳза ҳайрон мондам. Намедонистам, ки падар ин дафъа ба кучо кӯч бастааст. Ҳамсояи дар ба дарамон бобои Табар ном дошт. Тасоддуфан завҷаи ӯ холаи Рокия аз саҳни ҳавлиаш мебинад, ки ман дар ҳавлӣ қарор дорам, садо бароварда, ки «Худойназарчон, отата хешош омада бо мошини таъчилӣ ба Фархор бурданд. Фақат Холназар ин чо мондааст. Ӯро аз мактаб пайдо карданат мумкин аст...». Раҳмат, гуфтаму ба мактаб рафтам. Аз муаллиме фаҳмидам, ки Холназар дар кадом хонае чой менӯшид. Ӯро пайдо карданд. Накл кард, ки охирҳои ноябр чиянҳояш — Абдуғаффору Шералӣ бо як нафар духтур мошин оварда, отама ба Арчаи Фархор бурданд. Баъд аз ду-се рӯз ду мошини боркаш оварда, кӯчро бо мойиндараму кӯдакҳо бор карданд. Ҳамон рӯз ба Холназар хабар додаанд, ки падарро дар шифохонаи хочагии «Коммунизм», ки дар деҳаи «Победа» қарор дорад, бистарӣ сохта, ба табобаташ оғоз кардаанд. Холназар, ки дар қисми хочагии мактаб бо дастгирии бародархонди падарам – М.Нуруллоев кор мекардааст, дар Тоскалъа мемондааст. Ман тасмим гирифтам, ки дарҳол роҳи Арчаро пеш гирам. Холназар ҳам хоҳиши рафтан кард. Якчоя ба Арча омадем. Сараввал шифохона даромадам. Дар утоқе қиблагоҳ худаш

танҳо бистарӣ буд. Маро дидан замон духтуре расида омаду худро муаррифӣ намуд. Исми эшон Қурбон Раҳимов буд, ки дар интиқоли падар аз Тоскалъа ба Арча ҳисса доштааст. Маълум шуд, ки қиблагоҳро ба воситаи занбар овардаанд. Ҳарорататаш баланду ба пой хестану роҳ гаштанаш душвор будааст.Қурбон Раҳимов қиссаашро идома бахшида, «шукри Худо баъд аз сӯзандоруҳои ду-се дафъаӣ вазъаш рӯ ба беҳбудӣ овардааст»,- гуфт дар интиҳо. Ба ӯ изҳори миннатдорӣ баён карда, сипас хостам духтури табобатиашро аз наздик бубинам. Қурбон маро назди духтур бурд, ки русзани меҳрубоне буд. Вақте фаҳмид, ки ман донишҷӯи соли сеюми Университети давлатиам, кушоду равшан дар бораи касалии падар изҳори ақида карда, хулоса бароварда, ки ҳарду шуш дар марҳалаи тамомшавианд, аммо қалби бемор қавӣ аст. Бемор аз ҳисоби бақувватии қалб ва гурдаву ҷигар зиндагӣ дорад. Баъд аз сӯҳбати духтур боз назди бистари падар ҳозир шудам. Пурсид: «Хай, Худойназарҷон, духтурро диди? Чӣ мегӯяд?» Дар ҷавоб гуфтам, ки бемориаш рӯ ба беҳбудӣ овардааст. Ягон моҳ баъд хеле хуб мешавад. Падар бо чашмони калону меҳрангезаш сӯям маънидорона зеҳн монду гуфт: «Бачам, мефаҳмам, ки ту маро тасалло доданӣ. Дарди ман дигар табобат надорад. Эҳсос мекунам, ки ду паҳлӯям бехи холӣ шудааст...». Ман аз чайбам як қитъа аксамро бо Фотима бароварда ба падар нишон додам. Ӯ бо диққат моро дид ва гуфт: «Фотимаро ҷаро наовардӣ, як бори дигар медидамаш». Ваъда додам, ки дафъаи дигар ҳатман меорам. Падар аз он хушҳол буд, ки наберадор шуда буд,- мегуфтам дар ботин. Бегоҳ ҳам шуда буд. Падар хоҳиш кард, ки ӯро аз духтур ҷавоб гираму якҷоя хона равем. Як шаб бо ман бошад. Духтур розӣ шуд. Қурбон Раҳимов мошинро оварду падарро ба хона бурдем, ки дар деҳаи Арча, он ҷо ки апааш – Гулчеҳраву чиянҳояш иқомат мекарданд. Чияни падар – Абдуғаффор, ки домоди раиси хоҷагӣ - Ҷӯрахон Қаюмов буд, лутф карда ҳавлии хуберо дар ихтиёри падар гузошта буд, ки ду хона дошт. Сабаби ба Арча кӯч бастани падар он будааст, ки дар Тоскалъа аз қавму хешу

табораш касеро намедид ва худро миёни бегонагон эҳсос мекард. Дар Фархор бошад, апаи Гулчеҳрааш, амакбачаву фарзандони онон зиндагӣ мекарданд. Дар поёни умр падар мехост, ки дар халқаи хешу табораш бошад. Гузашта аз ин, дар деҳаи "Победа" дах-понздах оила аз Момайи, зодгохи киблагоҳ менишастанд, мисли Худойкул Карим, ки шавҳари аммаи Чиёнгул буд, бобои Гадо, бачаҳои бобои Ҳомид - Қаландару Файзалӣ ва дигарон. Дар хочагии Карл Маркс амакбачааш -акаи Сайид, дар маркази ноҳия - духтару писари амакаш, ки чое аз онон ном гирифта будам - Бибичону Ҳикматулло ва дигарон. Ҳамаашон баъди ин ки аз кӯч бастани Асо Содиқ огоҳӣ ёфтанд, ба аёдаташ меомаданд ва гӯё неруи тозааш мебахшиданд, ки чанд моҳи дигар умр бинад. Чанд рӯзе, ки назди падар будам, меҳмонони зиёде ба аёдаташ омаданд. Бо онҳо сӯҳбат карданро хуш дошт, вале дарди шадиду сулфаи пайи ҳам имконаш намедод, ки бештар омадагонро наздаш маъталсозад, балки мегуфт: «Раҳмат, фалонӣ, миннатдор, дигар ташвиш нашавед, ман хуб хастам». Пагоҳие, ки сӯйи Душанбе бояд харакат мекардам, боз бо ёрии Курбон Раҳимов киблагоҳро ба шифохона бурдам. Ӯро чиддӣ табобат кардани буданд. Ногуфта намонад, ки Шамсиддин Сайфиддинови дӯстам акнун сардухтури ноҳия буду худаш суратҳои шуши падарро дид ва гуфт: «Худойназар, афсӯс, ки шуши тарафи чапи падарат ба куллӣ тамом шудааст шуши тарафи рост ҳам рӯ ба тамомшавӣ дорад. Як-ду моҳ беш бо ин шуш ҳаёт дида наметавонад». Падар ҳам ин чиҳатро медонист ва мондани рӯзҳои бошумораширо пай мебурд.

Душанбе омадаму аз пайи рӯзгори донишчӯӣ шудам, аммо ҳеч бемории падар аз пеши рӯям дур намерафт. Моҳи май расид. Санчишҳо шурӯъ шуданд. Барои супоридани имтиҳоноти тобистона омодагӣ мегирифтам. Нимаҳои дувуми моҳи май, бародарам Соҳибназар, ки дар сафҳои Армияи Советӣ хизмат мекард, рухсатӣ омад. Хостам, ки бо баҳонаи Соҳибназарро ба Арча ҳамроҳӣ кардан, бори дигар аз ҳолу

ахволи падари беморам хабар бигирам. Ду-се рӯз бо Сохибназар мондам. Тақрибан 25-умҳои май буд. Падар аз ман пурсид, ки имкон дорад, ки рухсатии Сохибназарро барои дах-понздах рӯз ба воситаи сардухтури нохия дароз вамоям. Кӯшиш мекунам, гуфтам ба падар ва ба Фархор рафта бо Шамсиддин маслиҳат намудам. Ӯ, ки аз вазъияти падар огоҳӣ дошт, ба зудӣ ҳуччат сохта, ба коммиссариати нохия хабар расонд, то ки ба қисми ҳарбии Сохибназар хабар расонад. Падар аз ин ибтикори банда бисёр хушҳол шуд. Падар дигар намехост табобат бигирад. Аз ин ҷост, ки дар хона бистарӣ буд. Ду-се шабе, ки наздаш мондам, то субҳ пойҳои устухонгардидаашро молиш медодам. Ӯ гӯё дар оташ месӯхт. Нолиш мекард, худ ба худ чизҳое мегуфт. Дастҳоям монда шуда бошанд ҳам, молишро идома медодам. Дар назарам охирин рӯзҳояш мерасид, ки мегуфт: «Апаи Ҷиён дар хобам даромад, ҳамеша мурдагон ба хобам медароянд. Очат ҳам хеч оромам намегузорад, тезтар биё",- мегӯяд... Ман дар ботин мегиристаму худ ба худ меандешидам, ки «модар маро гунаҳгор месозад, ки гӯё намегузоштаам, ки отам ба наздаш равад. Ӯ хоначаи хуберо дар паҳлӯяш омода сохтааст ва нахустин ишқашро интизорӣ мекашад...». Шабҳо гӯё ман ҳам бо падар беморӣ мекашидам. Холиназар ҳамоно дар Тоскалъа мезисту падари дар бистари марғбудаашро фаромӯш карда буд. Сохибназар ҳам чандон вазъи нохинчори падарро ҳис наменамуд. Ман мехостам, ки боз ду-се рӯзи дигар назди падар бимонам. Падар бошад, ҳар лаҳзае, ки ба хуш меомад, «Худойназарчон, ман бех шуда истодаам, рав, аз пайи имтиҳонҳоят шав»,-мегуфт. Ноилоҷ пагоҳии сиюми май омодаи сафари Душанбе шудам. Вақти хайрухуш қиблагоҳ дастамро сахт зер карду «рав, рав, Худойназар, ман иншооллоҳ нагз мешавам»,-гуфт. Рӯйи ҳавлӣ баромадам, ки аз пушти сар садои падарро шунидам: «Худойназар, як ин ҷо биё»,- гуфт. Ман дубора аз роҳам пас гашта, поёни пойҳои падар дар рӯ ба рӯяш қарор гирифтам. Дар хона каси дигаре набуд. Қиблагоҳ чашмҳояшро калон кушода, нерӯяшро ҷамъ намуду гуфт:

«Худойназар, зиқ нашав, рӯзҳои охирини ҳаётро дида истодаам. Бинобар ин васиятамро ба ту мегӯям. Аноргулро баъд аз хатми мактаби миёна ба додари М.Нуруллоев деху сипас ба мактаби олӣ дохилаш кун. Ман дар касса 800 сӯм дорам, ки барои гузаронидани маъракаҳоям сарф намоед. Дар бисотам як гови чӯшӣ бо гӯсолааш дорам, ки барои мойиндарат бо кӯдакҳояш монад. Дигар, ба хотири се духтарчаам аз ин хона ҳеҷ чиз нагиред. Ин хонаро барои мойиндаратону хоҳарчаҳотон диҳед». Падар ин суханҳоро мегуфту ман ашк мерехтам. «Ота, ин хел нагӯед. Шумо наметмиред, ҳоло бақувватед»,- мегуфтам. «Не, не, Худойназар, ман мемирам, аммо ту хон ва тавонӣ ҳама бародаронатро хонон, хайр бачам, акнун рав, рав, ки имтиҳонҳои тобистонаат сар шудааст, қафо намон рав, рав, бачам, зиқ нашав, дувӣ ба ҳеҷ кас вафо накардааст. Ман 56 сол умр дидам, ҳол он ки бобот 40-сола буд, ки мурд. Ту хушбахт ҳастӣ, ки рӯйи падарро дидӣ, ман чеҳраи падарамро дар ёд надорам. Хайр, бачам, акнун рав». Бори охир дастамро фишурду қатрахои ашкашро нигоҳ дошта натавонист. Гиря дар гулӯ дар монду, «Хай, ота, ман чанд рӯз баъд гашта меоям»,- гуфтам ва бори дигар чеҳраи падарро дидам, ки бинияш гӯшҳояш борик ба назар расиданд. Оре, ин охирин дидор ва охирин сӯҳбат бо падар буд. Душанбе омадаму ба мутолиа дода шудам. Бегоҳии сеюми июн рӯйи ҳавлӣ нишаста китоберо мутолиа менамудам, ки хаткашон дарвозаро заду баъди ба коғазе имзо гузоштанам, телегромро ба дастам дод. Матни телегром чунин буд: «Умер отец: срочно приезжай? Абдуғаффор». Чанд лаҳза шах шудам. Намедонистам чӣ кор кунам. Пойҳоям гапамро намегирифтанд. Ларза баданро фаро гирифт. Завчаам пайдо шуду телегромро хонд ва садои гиря бароварда. Дар сарам зад, ки телегромро чияни падарам Абдуғаффор аз маркази ноҳия фиристодааст. Шом шуда буду соат сӯи ҳашти шаб ҳаракат дошт. Ба завчаам гуфтам, ки «ман рафтам». У ҳам мехост бо ман равад, аммо Фотимаро бо кӣ мемонд? Дигар ин ки маълум набуд, ба кадом восита дар ин шабӣ ба Фархор

мерасам. Саросемагӣ ба он дарача буд, ки холааму язнаамро ҳам надидам. Аз Нагорный то хиёбони Айнӣ давидам, то ки ба хонаи декани факултет М.Бобохонов занг занаму иҷозати рафтан гирам. Бадбахтона рақами телефонашро намедонистам. Аз ин ҷост, ки боз ба қафо гашта, бинои факултет даромада, ба воситаи дарбон кабинети деканро кушода рақами телефонро, ки зери шишаи муовини декан гузошта шуда буд, гирифта, хонаи М.Бобохонов занг задам. Ҳамсараш ало гуфтанд. «Мебахшед, муаллима, Мансур Бобохоновичро мумкин аст». Сонияе нагузашту декан «лаббай»,- гуфт. «Ассалом, муаллим, ман Асоев, падарам дар Фархор вафот кардааст, иҷозат медодед, ки равам»,- гуфтам бо овози гирифтаву ларзон. М.Бобохонов: «Ҳа, ҳа, афсӯс, афсӯс, рафиқ Асоев, равед, равед, афсӯс...»,-мегуфт. «Раҳмат»,-гуён гӯшакро гузоштаму ҷониби ДОК, ки мошинҳо ба самти Кӯлоб аз он ҷо мерафтанд, рох пеш гирифтам. Соат нӯҳи шаб шуд. Ягон мошин манъ намекард. Ба ин сӯву он сӯ медавидаму обӣ дидаам шаш қатор мерехт. Ним соата даводавиҳо барбод рафт. Якбора дар фикрам амаки Абдукаримов, ки дар матбааи аввал кор мекард, зад. Ӯро ҳатман хабар кардан лозим буд, зеро солҳои 1941-45 дар Момайӣ бо падарам муаллимӣ мекардаасту дар хонаи мо иқомат доштааст. Эшон падарро акахон гирифта буд. Баъди ба Сталинобод омадан дигар акаашро надида буд. Рӯзҳои наздик ният дошт, ки ба аёдати акахони бемораш меравад. Соатҳои даҳи шаб ба чопхона расидаму аз сари кӯча ба Абдукаримов занг задам, то ки берун барояд. Чанд дақиқа гузашту ӯ ҳозир шуд. Худамро ба гарданаш ҳалқа занондаму «акахонат мурд, отам вафот кардааст, рафтан лозим»,-гуфтам. Ин ҳарфҳо шуниду садои «акамой»-ро дар назди чопхона сар дод. Чанде аз ҳамкоронаш атрофаш ҷамъ шуданду афсӯс хӯрданд. Соат аллакай даҳуними шаб шуд. Дигар ҳеҷ чорае наёфтему ба Нагорний омадем. Шабро рӯз кардему соатҳои шаши пагоҳи худро ба майдони ҳавоӣ расондем. Ҳавопаймо чониби Фархор соати 11 парвоз дошт. Чор тараф хардуямон медавидем. Пилоти русе моро ба ин

ҳол диду «чӣ гап аст?»,- гуфта савол дод. Телегромро ба дасташ додам. Хонду «ой, ой, как жалко»,-гуфта дуи моро тарафи ҳавопаймои АН –12, ки соати ҳафт ба Кӯлоб почта мебурд, кашола карда, савор карду ба пилотҳо чизе гуфту пас гашт. Соати ҳафту ним дар майдони ҳавоии Кӯлоб пиёда шудем. Ба таксие нишастему «вокзал» омадем ва таксии дигареро пайдо намудем, ки Фархор мерафт.Ду одам дошт. Мо ҳам пушти сари ронанда нишастем. Соат ҳашти саҳар буд. Вақте ки то Қурбоншаҳид расидем, дар дурохагӣ даҳ-дувоздаҳ марду занони ҳамсояҳои тосқалъагиамон маътали мошин буданд, ки дар байнашон Маҳмадалӣ Нуруллоев, Файзулло, холаи Рокия бо шавҳараш бобои Табар ва дигарон ба назар хӯрданд. То сарҳади Фархор, ки аскарони сарҳадчӣ меистоданд, чанд километр монду дар фикр задам, ки амаки Абдукаримовро чӣ навъ мегузаронам. Ман ҳуччати донишчӯӣ ва ҳуччати ноҳияро доштам, аммо сафари ӯ, ки таъчилӣ сурат гирифт, ичозатномаи сарҳадро надошт. Вақте ки ба пост расидему тафтиши шиносномаҳо оғоз шуд, Абдукаримов, ки майдахел буд, зери пойҳои мо худро чой кард. Аскар сар-сарӣ дохили мошинро диду ичозати гузаштан дод. Пули Ёхсуро паси сар кардем ва Абдукаримов дубора худро рост гирифт. Расо соати нӯҳи пагоҳӣ ба мурдахона расидем. Таксӣ назди дарвоза қарор дода буд, ки Абдукаримов «акамой»-гӯён худро ба ҳавлӣ андохту баъд болои часади акахонаш хам шуда, сару рӯйи падари бечонро бӯса заду оби дида рехт. Ман ҳам бо ӯ ва бародаронам ҳамовоз шудам. Худойқул Карим, ки язнаи падар мешуд, маро онсӯтар бурда лаҳзаи чонкании падарро қисса намуд: «Сураи Ёсинро чанд дафъа хонда будам, ки дасту поҳояшро худаш рост кард. Асо бисёр хушрӯ чон дод»,- гуфт ӯ. Лаҳзае баъд ҳамсояҳои тосқалъагиамон ҳам расиданд. Холаи Рокия аз сари кӯча "акамой"- гӯиро шурӯъ намуд. Маҳмадалӣ Нуруллоев ҳам талх мегирист. Ҳама хешу ақрабои падар болои часад қарор гирифтанд. Яке "акамой" мегуфту дигаре "тагомой" нола менамуд. Холназару Соҳибназар,Ҷумъахону Аноргул ва банда "отамой" мегуфтем. Чеҳраи падар гӯё

табассум мекард. Соати 11-и рӯз буд, ки ҳамсарам, ки ба воситаи ҳавопаймо то Фархор парвоз карда буд, ногаҳон пайдо шуд. Сару либоси миллӣ дар бар дошт. Медидам, ки сахт мегирист. Чоруми июни соли 1966 хонаи Асо Содиқ мотамсаро шуд. Мардум хеле зиёд ҷамъ омад. Мӯйсафедон тақозо доштанд, ки дандонҳои сунъии падар канда шаванд. Розӣ шудем. Аммо, вақте дидам, ки аз амбӯри механикӣ кор гирифтанӣ шуда, ду-се бор даҳони маҳками падарро кушодан хостанд, азобҳои ҳафт-ҳаштсолаи падар пеши рӯям омаданду гуфтам. «бас аст, нарасед. Ҳеҷ гуноҳе содир намешавад. Монед бо ҳамон дандонҳои сунъияш ба хок супурда шавад». Мӯйсафедон дигар чизе нагуфтанд. Соати 12-и рӯз ҷасадро шустанд. Писаронаш иштирок кардем. Падар фақат пӯсту устухонҳояшро ба хок мебурд. Аз ӯ гӯшт намонда буд. Абдукаримов бадани акахонашро ҳамоно навозиш мекард. Пеш аз ин ки ҷасадро ба кафан бигиранд, рӯяшро маҳкам кунанд, фарзандонашро болои сараш ҷамъ оварданд, то ки охирин маротиба бо чеҳраи мурдаи падар дидор тоза намоянд. Акнун сари кафанро баста буданд, ки як амакбачаи падарам, ки дар Гулистон иқомат мекард, "акамой" гуфта пайдо шуду хоҳиш намуд, ки ресмонро кушоянду бубинад, аммо дер шуда буд. Бинобар ин аз болои кафан сару рӯи акаашро навозиш карду бас. Садои салоти ҷаноза баромаду тобути падарро бардоштем. Болои ҷаманзоре садҳо ҷаноазахонҳо ҷамъ омада буданд. Бо поён ёфтани ҷаноза боз тобут бардошта шуд. Мазори Арча падарро қабул намуд. Падар худ васият карда будааст, ки гӯрашро пахлӯи апаи Ҷиёнгулаш бикананд. Байни гӯрҳояшон як-ду метр фосила дошт. Ҳаво хеле тафсон ҳам буд. Ҳама расму русум ичро шуду хона омадем. Бале, марги падар ҳам монанди модар дар соли сеюми донишҷӯиям сурат гирифт. Тобистони соли 1958 ҳам дар курси сеюм мехондам. Мисле ки соли сеюми донишҷӯй бароям барор намеовард.

Аз рӯи нақли бародарону хонавода, маълумам гардид, ки сеюми июн аз тарафи саҳар падар омодагӣ ба сафари ҳамешагӣ мегираду писаронашро ба ҳар сӯву ҷониб

мефиристад. Ҷумъахонро барои овардани Холназар Тосқалъа равон мекунад. Соҳибназарро хам бо кадом супорише аз хона бадар месозад. Ба Мӯсо иҷозат медихад, ки оббозӣ равад. Тақрибан дар хона аз фарзандон касе наемонад. Соатҳои дуи рӯз ғизои охирин металабад ва сипас ба язнаҳояш бобои Умару бобои Худойқул мегӯяд, ки аз кат болои фарш пойинаш кунанд. «Соатам омад»,- гуфта дасту пойҳояшро рост мекунаду аз Худойқул Карим, ки давроне якҷо мадраса мехонданд, хоҳиш мекунад, ки «Ҳазрати Ёсин»-ро қироат кунад. Ба ин маънӣ, лаҳзаҳои охири ҳаёти падарро ҳеҷ кадом аз писарон ба мушоҳида гирифта натавонистанд.

Маъракаи ҳафти падарро додему роҳи Душанберо пеш гирифтам. Имтиҳонҳо оғоз ёфта буданд. Имтиҳони нахуст аз «Педагогика» буд. Ман либоси азо доштам. Саволномаҳоям душворӣ надошт. Ҷавоб додам, аммо муаллима Сангинова баҳои «уд» гузошт. Чизе нагуфтам, аз ҷой хеста, ба даҳлез баромадам. Ҳамдарсон натиҷаро дида асабӣ шуданд. Ман парвое надоштам, аммо аз дохили синфхона садои Гулрухсорро шунидам, ки бо Сангинова ҷанҷол мекард: «Маллима, охир шумо ягон зарра дил доред? Худойназар навакак падарашро гӯрондааст. Наход касе, ки омӯзишгоҳи педагогӣ тамом кардааст се сол дар мактаб дарс гуфтааст, педагогикаро ба баҳои се донад». Сангинова хомӯш менишаст. Худам сабаби чунин муносибати ноинсофонаро нисбати хеш мефаҳмидам. Муаллима саволдоданҳои маро чандон намепазируфт, зеро ба ин восита чанд маротиба бесаводиаш ошкор гардида буд. «Хайр аст»,- гуфтам дар ботин ва роҳи хонаро пеш гирифтам. Аз имтиҳонҳои фанни педагогика М. Диловаров боз ҷабр дид. Муаллима, ки саводи казой надошт, ҷавоби дурусти донишҷӯро фаҳмидан наметавонист. Боз хам М. Диловаров ба ҳиммати Сангинова аз стипендияи аълохон маҳрум гашт. Бо хушдомани холааму язнаам ва акаи Фозил маслиҳат карда, бо чор-панҷ кило гӯшт ҳамсояҳоро нон додам, то ки рӯҳи падарро ором нигоҳ дошта бошам. Дар вазъияти

азодорӣ имтиҳонoти тобистонаи соли 1966-ро ҷамъбаст намуда, донишҷӯи соли чорум шудам.

МОҶАРОИ ҲАМДАРСОН

Оғози таҳсили соли чорум факултети таъриху филологияро тақсим карданд. Дар заминаи шӯъбаи таърих факултети таърих таъсис ёфт. Сарвараш дотсент М.Бобохонов таъин гардид. Акнун факултети мо филология ном дошт. Шӯъбаҳои форсӣ ва арабӣ низ дар сохтори факултети филология боқӣ монданд. Декани ин факултет Мукаррама Набиевна Қосимова пазируфта шуд. Акнун дар бинои таълимӣ се факултет фаъолият мекард. Факултети филологияи рус низ ин ҷо буд.

Комсорги факултет Х.Сирочев интихоб шуд. Банда низ дар ҳайати бюрои комсомолӣ мондам. Се ҳафта ҳовдем ва баъд ба хоҷагии Ломоносови Шаҳритуз пахтачинӣ рафтем. Мудири хоҷагӣ донишҷӯи соли сеюми арабӣ Сафаров Муҳоҷир муаррифӣ шуд. Камина муовини эшон будам. Сарошпазамон донишҷӯе аз курси якуми филология, ки тоза аз аскарӣ омада буд, таъин гардид. Ҳамдарсони ман, ки аз ҳама курсҳо баланд шуморида мешуданд, саҳнаи толори маҷлисгоҳи хоҷагиро барои рахти хоб интихоб карданд. Шӯъбаҳои форсиву арабӣ чун ҳамеша дар деҳаи Сайёд ҷой гирифтанд. Сардори штаб Рустам Ҷӯраев буд. Эшон вазифаи аввали партиявиро дар факултет ба ӯҳда дошт. Муаллимон Саид Ҳалимов, Султон Воҳидов, Миср Эшниёзов, Алиакбар Мӯъминов ва дигарон ба гурӯҳҳо роҳбарӣ мекарданд. Х.Сирочев чун комсорг ҷилави факултетро дар даст дошт. Аслан ин сол ҳам сардори штаби асосӣ ӯ буд. Дар ҳар даҳ рӯз сардори штаб иваз мешуду Хайрулло мемонд.

Даҳ рӯзи аввали пахта ҷамъбаст шуду аз кассаи хоҷагӣ пули донишҷӯёнро гирифтам. Чунин рӯзҳо ҳамчун ид дар факултет шиноҳта мешуд. Дар хӯроки шом оши палав мепухтанд. Раксу бозӣ сурат мегирифт. Чанд ҳазор сӯм бо

ман буд, то ки баъд аз шом ба сардорон тақсим намоям. Ба ин хотир, ба хонаи дарун, он чо, ки маводи хӯрока нигоҳ дошта мешуду шабҳо хучраи истироҳатии ман ҳам буд, даромада, барои тақсими пул омодагӣ гирифтам. Ҳамин лаҳза садои Додарчон Садиров ба гӯшам расид, ки бо сарошпаз ҷанчол мекард. Берун баромада мехостам Додарчони ҳамдарсамро ором намоям, ки ӯ як мушт ба бинаш сарошпаз зад. Сарошпаз ҳам паст наомаду шатае ба байни похои Додарчон андохт. Додарчон ду даст дар байни по додгӯён чониби хобгоҳашон рафт. Гумон кардам, ки хеч гап намешудагист ва боз ба хоначаи худ даромадам. Акнун ду-се сардор наздам қарор гирифта, мехостанд имзо гузошта, пули гурӯҳашонро гиранд, ки садои ғулғулаиоки Ҷӯрабек Назрӣ баромад. Маълум шуд, ки тамоми курси чор бо сардории Ҷӯрабек барои одоби ошпазро додан омадаанд. Ман вазъиятро нохуб эҳсос карда, ба зудӣ сарошпазро ба хоначаи худ даровардам, то ки ҳамакаса назанандаш. Худам дудаста дарро дошта аз ҳамкурсонам хоҳиш намудам, ки ҷанг накунанд, сарошпаз гуноҳе надорад, худи Додарчон айбдор аст. Бо вучуди ин Ҷӯрабек зӯран дохили хона шуду сӯйи сарошпаз муште андохта буд, ки ӯ бо мӯзаҳои дар пойбудааш байни поҳои Ҷӯрабек зад. Сарошпаз, ки аскарӣ дида буд, хеле пухтаву чолок барои ҳучум ба бачаҳои мо омодагӣ мегирифт. Ӯ худро кунчи хона ба девор такя дода, ҳар кадоме, ки сари вай мушт меандохт, шаттаи ӯро мехӯрд. Ҳабибулло Солеҳов ҳам, ки як шатта хӯрда буд, фақат бо дасти росташ хай-хай карда мегуфт: «Афсӯс, ки номи ту ҳам Солеҳов аст. Агар ҳурмати ҳамфамилиягит намешуд сарата мешикастам». Хайрият, Хайрулло аз куҷое пайдо шуду бо муаллимон бачаҳои курси чорумро ором карданд. Ҳамон бегоҳ аз штаби университет раиси иттифоқҳои касаба Фозил Тоҳиров меҳмони мо буд, ки ӯ низ дар оромсозии донишгӯён ҳисса гирифт. Вакте ки муштзаниву шатгаандозӣ шурӯъ шуд, ман ҳалтаи пулро маҳкам медоштам. Агар ҳалтаи пул бо ман намебуд, хеч кадом ба хонача даромада наметавонист. Додарчон ҳамоно болои рахти хобаш нолиш

мекард. Ҷӯрабеку Ҳабибулло ҳам якшаттай хӯрданд. Солеҳови сарошпаз ғолиб омада буд. Баъд аз як соат дар майдони назди идораи хочагй филми ҳунарие бояд намоиш дода мешуд. Ман фаҳмидам, ки ҳамдарсонам ҳини намоиши филм Солеҳовро «мурданак заданианд». Бояд чорае мечустам, то ки ҷанги гурӯҳй сар назанад. Ба Солеҳов гуфтам, ки пинҳон шаваду ба тамошои филм наравад. Розй шуд, ҳарчанд ки тарсе надошт, зеро медонист, ки зӯраш ба ҳар ҷангара мерасид. Худам барои тамошои филм рафтам. Дидам, ки Ҷӯрабек, Сайдалй, Ҳабибулло, Шаҳбоз, Моҳирхуча, Сайдамир, Амиршо ва боз чанд каси дигар дар гӯшае «суханронй»-и Ҷӯрабекро гӯш доранду сари тасдиқ мечунбонданд. Амиршо ҳам чизе мегуфту таҳдид мекард. Дарк намудам, ки ӯ шайтонй дорад ва бачаҳоро ба муқобили Солеҳови ошпаз хезонданй аст. Наздашон рафтаму гуфтам: «Чй магар, боз шатта хӯрданиед. Охир, аллакай се касат байни поҳотона дошта мегардед, магар кифоя намекунад, ки боз ҷамъ омадеду бо як кас ҷанг карданй ҳастед? Шарм намедоред? Агар ин қадар зӯред, биёед ман Солеҳовро меорам ва ҳар кадомат, ки зӯр хастй ба майдон мебарой ва як ба як муштзанй мекунед». Дархол Ҷӯрабек розй шуд. «Биёр ӯро, ман аввал бо ӯ мечангам»,-гуфта мухобот кард. Гуфтам: «Ҷӯрабек, худата шарманда насоз. Он бача туя мезанад». Воқеан, сарошпаз қоматбаланду дастдароз буда, дар пояш мӯза дошт ва маълум мешуд, ки муштзани хубест. Ҷӯрабек сар нафароварду «рав биёрш, ун номарда, мебинй чй тавр болои хокӯда мехобонамаш»,-гуфт. «Майлаш, Ҷӯрабек, ҳозир меорамаш»,-гуфтаму Солеҳовро, ки байни тахтаҳо панаҳ буд, садо задам. Ӯ мардона сӯйи мо омад. Гуфтам: «Солеҳов, ту розй хастй, ки бо ин бачаҳо як ба як бичанги». Вай нотарсона як қадам ба пеш монду «марҳамат, қадомаш аввалтар мехоҳад, ки зарби мӯзаи маро бичашад»,-гуфт. Ҷӯрабек наздик шуду ба насиҳати сарошпаз даромад. Ӯ эҳсос кард, ки ҳарифаш курси як бошад ҳам, зӯр менамояд. Дигарон ҳам ба насиҳат даромаданд. Бо ҳамин мочарои ҳамдарсонам бо сарошпаз поён ёфт...

Бегоҳие баъд аз нони шом хостам аз ҳоли ҳамдарсонам хабар гирам, ки дар дахлези идораи хочагӣ донишҷӯе доду фиғон мекарду дар гарданаш духтаре савор буд. Наздиктар рафтам, ки духтарони курси худро дидам, ки пушти сари Асрор Бобоев, гоҳе «их»-гӯёну гоҳе «чу, чонвар»,-гӯён ӯро зӯран тела медоданд. Духтари «аспсавор» медонед кӣ буд?- Гулрухсор. Дар назарам духтарҳомон Рафоат, Мӯътабар, Зӯҳро, Гулбӣ, ки «асп»-ро тела медоданд, сарҳуш маълум шуданд. Маро, ки диданд, «ана, Худойназар омад, сар диҳед ӯро, ки омад»,- гуфтанд. Асрор бошад «Худойназар, маро начот деҳ, ин духтарон маъюбам карданд, намедонам имшаб ба инҳо чӣ бало задааст»,- гӯён ёрӣ мехост. Ман духтаронро парешон намуда, Гулрухсорро аз болои «асп» фаровардаму гуфтам: «Айба намедонед? Чӣ шуд ба шумоён?» Духтарон хандаи қиқироси сар дода, худро ба хонаашон заданд. Мӯътабари исфарагӣ чунон аз ин бозӣ ҳаловат бурда буд, ки дудаста болишташро мезаду ба ҳаво чанг мехезонд. Вақте ки ба хонаи онҳо даромадаму ба чехраи ҳар кадомаш мутаваҷҷеҳ шудам, дидам, ки чашмони онҳо мисли чашмони гурба шӯъла мезананду ба ман ҳам ҳучум карданӣ мешуданд. Фақат Гулбӣ ҳушёр буд, ки сӯи онҳо «ношгритоне, вино, ки хӯрден, баъд сари бачаҳо савор мешен, хок ба сари шумо барин духтарое...»,-гуфта маломатшон мекард. Каме ба ҳоли духтарон хандидаму ба ҷойи хоби бачаҳомон сар задам, ки ба ҳоли Асрор механдиданд. Гардани ӯро мепалмосиданд, ки «ҳароҳате нагирифта бошад». Якеаш мепурсид: «Асрор, хай, чӣ хел, Гулрухсор вазнин буд ё не»? Асрор гуфт, ки «агар Худойназар пайдо намешуд, маро ба ҳамон ҳол то даруни хонашон мебурданд». Чавонӣ чунин рафторҳоро мебардорад. Он шаба «аспсаворӣ»-и Гулрухсор ҷузъе аз лаҳзаҳои чавонӣ буд.

Даҳрӯзаи дувум дар клуби нохия ҷамъбаст шуду аз комитети комсомолии Ҷумхурӣ намояндагон омада, чанде аз донишҷӯёнро бо ифтихорномаҳо тақдир карданд. Аз ҷумла Сайдалӣ Мустафокулови гурӯҳи мо низ ба ин мукофот ноил гашт. Вале чӣ шуд, ки Амиршоҳ ногвое андохту боис гардид,

ки Сайдалӣ ифтихорномаро байни толор пора-пора карда ба сӯе андохт. Ин ҳодиса аз назари намояндагони марказ беруи намонду рафтори Сайдалӣ чанбаи сиёсӣ гирифт. Онҳо ба факултету комсоргаш таҳдидҳо карда, амр намуданд, ки Мустафоқуловро аз сафи комсомол ронанд. Ин амал маънии аз Университет рафтани ӯро низ дошт. Даводавиҳои Ҳайрулло натичаи дилхоҳ доду Сайдалӣ бечазо монд. Чанд рӯз баъд маълум гардид, ки Амиршо ба Сайдалӣ таъна задааст, ки азбаски Хайрулло кӯлобӣ аст, махз ифтихорномаро ба ӯ додааст. Сайдалӣ, ки «хуни кӯлобӣ» дошту ин мардум бо нанги номус буда, ҳеч гоҳ таҳқири ночоро намепазиранд, дар шоҳидии даххо доништӯён мегӯяд: «Агар ман бо пахтачинии моҳир буданам ба ифтихорнома ноил нашуда бошаму балки ба хотири ин ки комсорг кӯлобӣ аст, ба ман ифтихорнома медода бошанд, ана ин ифтихорнома»,- гӯён онро дарронда болои фарш меандозад. Афсӯс ки Амиршоҳи мо борҳо миёни ҳамдарсон иғво меандохт, шояд ин чиҳат дар хунаш омезиш ёфта буд. Хеле чавони дарундор ва бӯйғингап ба назар мехӯрд. Агар ягон ҳамдарсаш панҷ мегирифту ӯ не, зуд иғво мебардошт ва «панҷ»-ро «ҳалол» намеҳисобид. Ман ҳамеша аз ӯ эҳтиёт мешудам. Мутаассифона, ба иғвои ӯ Моҳирхӯча, Сайдалӣ, Додарҷон, Ҷӯрабек ва ҳатто Ҳабибулло бовар менамуданд.

Одатан, ҳамасола дар маъракаи пахтачинӣ аз чумлаи духтарон барои ошпазии муаллимон як нафар сафарбар мешуд. Чанд рӯзи аввал ин вазифа ба ӯҳдаи духтари Карим Исмоил, ки дар курси сеюм мехонду бо Сайдалии мо аҳди дӯстӣ дошт, гузошта шуда буд. Ман, ки дар бахши хочагӣ масъули сифати фаъолияти ошпазҳо будам, ба сабаби ин ки муаллимон шикоят намуданд, ӯро озод карда ба ҷояш ҳамдарси худам Зебуниссо Бобобековаро гирифтам. Ин амали банда ба нафси Сайдалӣ расиду мавзӯъро дигар хел шарҳу эзоҳ дод. Гумон мекунам, ки дар ин ҷо низ фаъолияти Амиршо таъсири худро гузошта буд. Махз бо иғвои Амиршо тамоми ҳамдарсон ба мукобили ман баромаданд. Даъвошон ин буд, ки «Худойназар ҳеҷ сол

пахта намечинад, гоҳе роҳбари гурӯҳ мешаваду гоҳе мудири хоҷагӣ». Дар ин даъво баъзе муаллимон, монанди Султон Воҳидов даст дошт. Аз ин ҷост, ки мачлиси гурӯҳ даъват намуданду тақрибан ҳама ҳамдарсонам, пеш аз ҳама Сайдалӣ, Моҳирхӯҷа, Додарҷон, Ҷӯрабек, Шаҳбоз, Ҳабибулло, Ҳайит Арчабеков ва ҳатто духтарон: Гулрухсор, Гулбӣ, Зӯхро, Рафоат дастҷамъӣ аз сардори штаб Рустам Ҷӯраев талаб намуданд, ки аз худи пагоҳ сар карда, ман ба сахро баромада бо онҳо пахта чинам. Ман вазъиятро фахмида гуфтам: «Ҳеҷ гап не, аз пагоҳ ман бо шумоён пахта мечинам. Аммо гап дар чойи дигар аст, ки гуфтан намехоҳед». Сайдалӣ сар хам карду чизе изҳор надошт. Дар чунин мачлисҳо нотиқ Моҳирхӯҷаи дӯсти худам буд, ки маро дар паҳлӯяш миёни қаторҳои пахта дидан мехост. Ӯ низ ба иғвои баъзеҳо дода шуда, аз курси сеюмӣ бо ман чандон лутф надошт, ки сабабашро ин чо гуфтан намехоҳам. Инсон бояд аз шубҳа кор нагирад, балки ба ақли солими хеш такя намояд. Ба ҳамин тариқ, дах рӯзи дигар то поёни маъракаи пахтаи соли чоруми таҳсил монда буд, ки банда фартук гирифта, бо гурӯҳам ба пахтачинӣ шурӯъ намудам. Аэбаски ҳамдарсонам нисбати банда амали ночавонмардона зоҳир карданд, сардори штаб, котиби ташкилоти партиявӣ Р.Ҷӯраев худро нороҳат диду маро барои ба Душанбе интиқол додани пулҳои чамъшудаи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» муваззаф сохт ва ҳам гуфт, ки метавонам дуюмбора бознагардам. Яъне даъвои ҳамдарсонам фақат як рӯз таъсир пайдо карду бас. Имсол ҳам пахта начиндам, чӣ хеле, ки гурӯҳ даъво менамуд. Рости гап, аз ҳамдарсонам, ба хусус аз Моҳирхӯҷаву Сайдалӣ, Шаҳбоз ва Гулрухсор то чое ранҷидам. Онҳо низ нодуруст рафтор карданашонро хуб фахмиданд. Баъд аз баргаштани ман ба Душанбе онҳо бонси маломату таънаҳои курсҳои поёнӣ шудаанд. Дар гурӯҳи мо буданд писарону духтароне, ки аз муваффақияту аълохонии ҳамдарсе хурсанд нашуда, балки аз бахилӣ ва ҳасадхӯрӣ кор мегирифтанд. Намедонам чаро ҳамеша ба ман бахилӣ зоҳир менамуданд.Як сабабашро худам

мефаҳмидам, ки барои дӯст буданам бо Хайрулло зоҳир мегардид. Сабаби дигараш ба назарам он буд, ки аксари муаллимон дӯстам медоштанд, зеро ман ҳеҷ беадабие нишон намедодам, гапи муаллимро намегардондам, бо муаллим баҳс намеоростам ва донотарошӣ наменамудам. Сигарету носро ёд надоштам. Шароб ҳам тақрибан истифода намекардам. Баъзе духтарон баъд аз он ки оиладории маро фаҳмиданд, душманам гардиданд. Аз ин ҷост, ки баркасд ба шавҳар мебаромаданд. Ман кай мефаҳмидам, ки дар курси якумӣ ҳамаи бачаҳоро байни худ тақсим кардаанд. Ман ҳам насиби якеаш гардида будам, ҳол он ки боз дуи дигар ҳам орзуи бандаро доштаанд. Якеаш нома навишту чунин изҳори ишқ намуд: "Тоқии сарат мешавам, ба осмон барой аз пойҳоят медорам, ягона ишқам туӣ" ва ба ҳамин монанд суханбозиҳо... Ба ҳавлиам сар заданд, завқаамро диданд, ки аз онҳо зеботар аст, духтарчаамро ба ҷойи падараш навозиш карданд. Баъд аз ҳар сарзаданҳо модари Фотима худро нороҳат медид ва гоҳе оби дида сар медод, ҳол он ки гуноҳе надоштам, балки ба завқаам содиқ будам. Шояд ягона гуноҳам он буд, ки хеле барвақт оиладор шудам, вагарна ман ҳам мисли баъзе ҳамдарсонам дар ҷодаи ишқварзӣ карор мегирифтам. Даҳумҳои ноябр бо анҷом ёфтани маъракаи пахтачинӣ дарсҳо оғоз ёфтанд. Дарси ҷиддиямон аз «Таърихи адабиёти советии тоҷик» буд, ки С.Табаров онро ба ӯҳда дошт. Чун ҳамеша дарсҳои эшон ҷолиби диққат ва пурмӯҳтаво буданд. Имтиҳоноти зимистонӣ расид. Ассистенти С.Табаров дар ин имтиҳон Х.Муҳибов буд. Соати нӯҳ имтиҳон оғоз шуду аз муаллими асосӣ дарак набуд. Аввалин шуда саволномаеро бардоштам. Баъд аз понздаҳ дақиқа назди Х.Муҳибов нишастам. Ҳарчанд ки ба саволҳояму саволҳои иловагиаш ҷавоб медодам, ӯ худаш ба таври худ ба онҳо ҷавоб мегуфт. Ниҳоят, баҳои «уд» гузошт. Дафтарчаамро ба чайб задаму баромада хобгоҳ назди ҳамдарсонам рафтам. Сари роҳ Гулрухсорро дидам, ки бо қадамҳои калон-калон сӯйи бинои таълимӣ шитоб дошт. Саросема пурсид: «Супоридӣ?» Гуфтам: «Оре, уд». Ӣ хел

«уд, охир дар дарсҳои амалӣ ҳамеша баромад мекардӣ-ку? Ӯ чихелӣ муаллимай? Худи С.Табаров мепурсид, ҳеҷ гоҳ баҳои сеят наметмоид, балки баланд метмонд». «Хайр, уд, уд-дия. Баҳо меъёри дониш нест»,-гуфтам ба Гулрухсори хайрхоҳ.

Х.Муҳибов баъди гӯш-додан ба ҷавобҳои ман, ки нахустин будам, дигаронро шунида, пушаймонӣ мекашад, ки «Ба Асоев ноҳақ «уд» мондаам». С.Табаров ҳам, вақте ки ба дафтарча имзо монданӣ мешавад, ба Муҳибов эрод гирифта «ин бача нағз мехонд-ку, чи хел шуд, ки баҳои миёна гирифтааст?»,-мегӯяд. Х.Муҳибов иқрор мешавад, ки дар муқоиса ба ҷавобҳои баъдӣ Асоев тафовут мекард, вале бо «уд» қаноат карду норозигӣ баён нанамуд, ман ҳам чизе нагуфтам»,-мегӯяд ба С.Табаров. Гулрухсор, ки донишҷӯи барои С.Табаров соҳибэҳтиром ҳисоб меёфт, боҷуръатона ба рӯи муаллим нигоҳ карда мегӯяд: «Муаллим, ба Худойназар ноҳақ «уд» мондед, ӯ аз бехтарин донандаи адабиёти муосир аст. Тамоми сарчашмаҳоро мехонад. Ба дарсҳои амалӣ низ фаъолона иштирок мекард. Ӯро аз нав даъват намуда, пурсидан лозим. Ба ҳамои бача ҳама муаллимон ҷабр мекунанд»,-мегӯяд Гулрухсор бо оҳанги таҳдид. Сипас аз Гулрухсор хоҳиш мешавад, ки маро дубора барои супоридани имтиҳон биёрад. Дар хобгоҳ будам, ки Гулрухсор омада, аз номи С.Табаров маро ба имтихони такрорӣ даъват кард. Ман гуфтам: «Ҳеҷ гоҳ намеравам. Донишам «уд» будааст, боз чӣ зарурат дорад, ки онро тағйир дод. Баъд хоҳем дид, ки «уд» чӣ маъной дорад. Аз як гӯшаи адабиёти советӣ Х.Муҳибов мекашад, аз гӯшаи дигараш ман. Мебинем, ки кӣ пештар ба марра мерасад»,-гуфтам шӯхиомез ба Гулрухсор. Чанд рӯз баъд Х.Муҳибов дар даҳлез диду хоҳиш кард, ки дубора имтиҳон супораму «уд»-ро ба баҳои баланд табдил диҳам. «Не, муаллим, ман чунин одат надорам. Шумо дониши маро дуруст муайян кардед. «Миёна» ҳам баҳо аст, ҳеҷ бадӣ надорад. Нороҳат нашавед, муаллим»,- гуфтаму роҳамро идома додам. Хушбахтона, имтиҳонҳои дигарам дар курси чорумӣ «хубу аъло» чамъбаст

ёфтанд. Ҳамин сол буд, ки дар конфронси апрелӣ бо маърӯзае баромад намудам, ки мудирони ҳамаи кафедраҳо, аз ҷумла С.Табаров ҳам бодиққат гӯш доданд. Мунавварови Амиршо дар мавзӯи «Ленин дар Шӯроб» маърӯза кард, ки роҳбари илмиаш С.Табаров буд. Бо поён ёфтани маърӯза ба Амиршо савол додам, ки «Магар Ленин дар Шӯроб буд, ки маърӯза ҷунин номгузорӣ шудааст». Ӯ ҷавоб дода натавонист ва ба ҷойи шогирдаш С.Табаров посух дод. Ба дарунӣ дилам гуфтам: «Охир, шогирди панҷмондаатон балора намедонад-ку». Шояд С.Табаров маънии саволи маро фаҳмид, ки баъди конфронс пурсид: «Шумо дар кадом ихтисос?» Гуфтам: «*Бахши адабиёти классикӣ*». Ҳамин тавр, имтиҳонҳои соли ҷорумӣ ҷамъбаст шуданд.

ЛАЙЛИВУ МАҶНУНШАВИИ ҲАМДАРСОН

Тирамоҳи соли 1963, вақте ки донишҷӯ шудем, гурӯҳи мо хеле дӯстона рӯзгор медид. Махсусан, баъд аз маъракаи аввали пахтачиниро паси сар намудан миёни писарону духтарон ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстиву рафоқат ривоҷ гирифт. Аз ин ҷост, ки моҳе як бору ду бор зодрӯзҳоро баҳона карда, ҷамъ меомадем. Дар ин ҷода, ҳамдарсамон Моҳирхӯҷа хеле ҳисса мегузошт. Чунон ки ҷое арз доштам, мо дастачамъӣ хонаи онҳо мерафтем, ки аз шаҳр ба масофаи панҷ-шаш километр дар деҳаи Чимтеппаи ноҳияи Ленин қарор дошт. Падару модари Моҳирхӯҷа ба хотири фарзандашон ба ҳамдарсонаш бо як муҳаббати хосса муносибат мекарданд. Ба назарам дар он хонадон Моҳирхӯҷа дӯстдошта менамуд. Падараш марди деҳқонсирату зардина буд. Эҳсос мешуд, ки калони хонаводаи Моҳирхӯҷаанд. модараш, муаллимаи шинохтаи ҷумҳурӣ Султонова маҳсуб мешуд. Баъзан, ҳафтае як бор дах-бист касӣ шуда меҳмони ин хонадон мегардидем. Он вақт намефаҳмидам, аммо ба ин теъдод донишҷӯёнро обу нон додан масрафи гароне дошт. Моҳирхӯҷа таъоиҳои кушодадасте дошт, ки барояш ҳама чизро таъмин

менамуданд. Мехмонй дар ин хонадон аз он чихат чолиб менамуд, ки духтарону писарон шаб он чо мемоидем. Ёдам хаст, шабе рахти хоби моро дар як хонаи бузурге андохтанд. Мо хамагй монанди додарону хоharон паҳлуи хам мехобидем. Дигаронро намедонам, вале банда хамин тавр тасаввур менамудам. Шӯхихои мо рафторҳои кӯдаконро мемонд. Чунин шабхо боз хам шӯхихои ночоро худи Мохирхӯча раво медид. Чарогро хомӯш мекарду сипас бо бахонаи чойи хоби худро пайдо кардан, аз як сар чи духтару чи писарро мекашид. Ин амал ба духтарои хуш меомад ё не, гиррос мезаданд. Шояд чунин шабхо аз болаззаттарин шабхо барои баъзеҳо шинохта мешуд. Табиист, ки баъзе хамдарсони банда аз хамин навъ шабхову нишастанхо дар чодаи «дукӯша» шудан қарор гирифтанд. Ошноии соли аввал соли дуюм инкишофи сифатй диду соли сеюми тахсил ба чуфтшавии чанд тан аз хамдарсон табдил ёфт. Ногуфта намонад, ки ду-се духтари мо аз миёни аспирантону донишчӯёни солҳои болоиву шӯъбаҳои дигар ошики худро пайдо намуданд. Масалан, Хосиятбону аспиранти кафедраи забон Мадияброҳим Норматовро пазируфт, Қурбоной ба донишчӯи шӯъбаи таърих Абдукибор Гадоев унс гирифт. Роҳат шоир Сайдалй Маъмурро писандид. Гулрухсори шоира бошад, чавони конибодомиеро бо номи Неъматчон, ки хатмкардаи факултети геология буд, интихоб намуд. Дӯсти банда Хайрулло бо хучандидухтаре, ки Тӯтй номаш буду як зина аз мо поён мехонд, дил баст. Сайдалй Муртазоқулов тавре ишора кардам, аз соли дуюмй ба духтари Карим Исмоил аҳду вафо баст. Ҳайит Арчабеков ба Боғигул, соли аввали тахсил хамсар гардид. Мохирхӯча Зӯхробонуи дарвозиро ба домаш андохт. Тавре ки мебинем, Лайливу Мачнуиҳои гурӯҳи мо аз курси якумй ба ишкварзй оғоз бахшида, бо гузашти моҳу соле ба ҳамдигар дар як болишт сар монданд. Ба гумонам нахустин тӯйи арӯсй аз Ҳайитбою Боғигул буд, ки дар ошхонаи парҳезии рӯ ба рӯйи «Олами бачахо» дар кӯчаи Лохути баргузор шуд. Ин тӯй бо номи «тӯйи комсомолй» расмият пайдо кард. Ба ин

маънӣ, дар ин тӯй намояндагони ташкилоти комсомолии Университет ширкат варзиданд. Ба ин хотир, тамоми аҳли гурӯҳ чандсӯмие ҷамъ намуданд, то ки ёрии молие барои он ду чавони навхона расонда бошем. Дастаи ҳунарие бо ибтикори Ҳасанлии озарӣ хизмат расонд. Дар ошхонаи пархезӣ ба ғайр аз ҳамдарсон даъватшудагон аз факултету дигар мактабҳои олӣ иштирок намуданд. Ҳайиту Боғигул пахлӯи ҳам қарор гирифтанд. Боғигул чиддӣ худро медиду Ҳайит бо каме табассум ҳамдарсони нуктасанҷашро ба мушоҳида мегирифт. Медонист, ки мо дар ботин чи гапҳое дар мавриди шаҳу арӯс мегӯем. Котиби ташкилоти комсомолии университет Карим Абдулов маъракаро бо ҳарфҳои расмӣ оғоз бахшид. Чанд тан аз аъзоёни бюрои комсомолӣ бо раисашон сари мизи алоҳидае нишастанд, ки дар он миён ҳамкурси мо –Рачабалӣ Ғафуров ҳам буд. Ҳамоне, ки дар маъракаи пахта ёдоваш гардидам. Табиист, ки аз ҷумлаи муаллимонамон чанд нафаре иштирок карданд. Писарони гурӯҳ боз ҳам Моҳирхӯча, Додарчон, Сайдамир, Амиршо, Сайдалӣ ва дигарон фаъол буданд. Пӯшида нест, ки дар тӯйи арӯсии ҳамкурсамон то қадри имкон шароб нӯшидем. Дар гӯшае ба назарам расид, ки Ҷӯрабек, Моҳирхӯча ва Додарчон бо Рачабалӣ сӯҳбати тезутундеро ба воситаи дастпаррониҳо оғоз карданд. Лаҳзае нагузашту Рачабалӣ дар доираи ҳамкурсони номбурдаам ба кӯча баромаданд. Азбаски банда яке аз фаъолони факултет будам, аз паси онон баромадам. Ҳамон бегоҳ бори аввал костюми замши ҷигарӣ дар бар карда будам. Берун баромадан замон дидам, ки ҳамдарсонам ба Рачабалӣ дарафтоданду бо мушту лагад ӯро задан гирифтанд. Ноилоҷ худро байни онҳо андохта, дудаста пеши роҳашонро гирифтанӣ шудам. Аз сару рӯи Рачабалӣ хун мешорид. Ниҳоят вайро болои асфалт афтондаанд. Ин лаҳза Хайруллову дигарон расида омаданду Рачабалиро наҷот додем. Аммо ӯро то хобгоҳ бардошта бурданд, зеро беҳуш буд. Вақте хостам тугмаҳои костюмамро андозам, ягонтоаш набуд. Ҳарсе тугма канда шуда буд. Хайрият бачаҳо инсӯву онсӯро кофтанду тугмаҳои

махсуси костюми замшро ёфтанд. Бо вучуди ин Рачабалӣ худро гунаҳгор медонист, чунки зиёд шароб нӯшида буд. Аз ин чост, ки бачаҳое, ки хуншораш сохта буданд, атрофаш ҷамъ омаданду узри якдигарро қабул намуданд. Хайрият, ин ҳодисаи нохуш аз муҳити хобгоҳу гурӯҳ берун бароварда нашуд. Аз тӯйи арӯсии Ҳайиту Боғигул ҳамин қадар хотира дар ёдам мондааст.

Тӯйи арӯсии дигаре, ки хотирмон буд, ба Қурбоною Абдукибори ҳамдарси омӯзишгоҳиям иртибот мегирифт. Агар фасли солҳои омӯзишгоҳии бандаро бодиққат хонда бошед, он ҷо аз Абдукибору дӯстдоштааш Парчамо Қурбонова сухан мерафт, ҳарчанд ки дар соли охири омӯзишгоҳ миёни онҳо дилхунукие ба мушоҳида мерасид. Аммо баъд аз хатми омӯзишгоҳ Парчамо ба факултети забон ва адабиёти Институти педагогии ба номи Т.Г.Шевченко дохил шуд ва Абдукибор ҳам баъд аз як соли касби муаллимӣ ба шӯъбаи таърихи факултети таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистон шомил гардид. Онҳо якдигарро медиданд, вомехӯрданд, филмҳоро дар театрҳои Душанбе якҷоя тамошо мекарданд. Яъне, Абдукибору Парчамо муносибатҳои дар омӯзишгоҳ оғоз шудаашонро дар муҳити Душанбе аз нав барқарор намуданд. Гузашта аз ин, бо омадани банда ба Университет робитаи онҳо қавитар шуд. Чанд боре эшонро ба хонаи холаам меҳмонӣ даъват кардам. Бо Абдукибор ба хобгоҳи институт мерафтем ва бо Парчамову Қаҳҳори ҳамдарси омӯзишгоҳиямон соатҳо менишастем, дар шаҳр гаштугузор менамудем. Гумон доштам, ки ин дафъа Абдукибору Парчамо ҳатман як болишт мехаранд. Тахминам хато баромад. Рӯзе ба дарс ҳозир шудам, ки Қурбоной гуфт: «Худойназар дар бинои марказӣ як бача саломат фиристод. Ҳардуятон дар омӯзишгоҳи Кӯлоб хонда будаед». Ман дарҳол пурсидам: «Як бачаи ҷандумгуни лоғар, ки номаш Абдукибор аст». Қурбоной ҳасдиқ намуд, ки бале ва илова кард: «Як бачаи сияҳак аст, ки дар курси сеюми шӯъбаи таърих меҳондааст». Банда суханамро идома дода ба Қурбоной гуфтам: «Ту

эҳтиёт бош, ки Абдукибор лайлие дорад, боз нашавад, ки ту дар байни онҳо дароиву корашонро хароб созӣ». Қурбоной хандаи маънидоре карду рафт. Ҳамин тариқ, Абдукибору Қурбоной ду сол ҳамдигарро «шинохтанд». Масъалаи ба хонаи духтар хостгор фиристодан ба миён омад. Бародарони Абдукибор аз Фархор омаданд. Аз Душанбе Темур Муҳиддинов, Раҳматшо Каримов, Туғон Тауров, Қурбон Бобоев, Ғафуров ва банда роҳи Орҷоникидзеободро пеш гирифтем. Аввалҳои ноябр буду борон меомад. Меҳмононро ба хушӣ пазируфтанд. Падари Қурбоной, ки касби қассобӣ дошт, ба ин издивоҷ чандон розӣ набуд. Аммо модараш бо ҳарду даст қарсак мезад, то ки зудтар тӯй баргузор шавад. Баҳсу мунозираҳои зиёде бо падари духтар сурат гирифт. Хулоса, рӯзу соати тӯй муайян гардид. Издивоҷ ногузир буд. Ба ҳукми тақдир Қурбоной рӯзҳои хомилагӣ медид, Абдукибор дар курси охир мехонду мехост, ки ҳарчи зудтар акди никоҳаш бо ҳамкурси банда ҷомаи амал пӯшад. Оре, дуруст фаҳмидед, Абдукибори коммунист дигар илоҷеро намедид. Кор аз кор гузашта буд. Моҳе сипари шуду дар хонадони ин ду чавон духтарчае таваллуд ёфт, ки исмашро Заррина гузоштанд. Бо ибтикори камина дар ҳамсоягиам хонаеро ҳамчун ичора барои Абдукибор пайдо кардам. Акнун ҳамсоягони дарбадар будем. Бештари вақтҳо якчо хӯроки шом медидем. Дар ин миён рӯзи якшанбее Парчамо ба суроғам омаду талх гиря кард ва гуфт: «Охир ин чӣ беадолатӣ аст, ки бори дигар дар курси охир ман аз дӯстдоштаам бенасиб мегардам». Ин сӯҳбат замоне сурат гирифт, ки холо Абдукибор бо Қурбоной акди никоҳ набаста буд, балки дар чодаи ишқварзӣ қарор дошт. Албатта, чанд дафъа Абдукиборро огоҳ сохтам, ки орзуи Парчаморо барбод назанад. 9 ором менишаст ва чавоби қаноатманд намедод. Вале хуб дарк менамудам, ки Қурбоной сахтакак дӯсти солҳои кавчавонии бандаро доштааст ва гумон буд, ки гирбони ӯро сар дихад. Парчамо ба тақдир тан доду баъди хати ба Кӯлоб баргашт. Ҳар вақт ки Парчаморо медидам, ишкам бо ин духтари рӯймоли сафеддор, ки мудом

бо чашмонаш ҳарф мегуфт, тоза мегардид. Баъдҳо Қурбоной бо ин ғалабааш маро «табрик» мегуфт. Худам ҳам ба ин духтар қоил шуда будам...

Бо мо духтари дигаре мехонд, ки худ шаҳрӣ буд. Аз нахуст рӯзҳои таҳсил ба ӯ чи писарони ҳамдарсу чи аз курсҳои болоӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мекарданд. Ӯ андаке содагиҳо дошт, ки ба ҳар ҳамсӯҳбаташ бовар менамуд ва худ тақозо мекард, ки писар хосттор фиристад. Бачаҳо ин чиҳатро медонистанду ба ӯ ваъдаҳо медоданд, ки ҳамин ҳафта хостторҳояш дарвозаи падари вайро мекӯбанд. Аммо ҳеҷ не ки чунин шавад. Он гоҳ ӯ ҳарфҳои чавони дигареро мепазируфту ҳамонро мегуфт, ки бо писари аввал арз дошта буд. Боз ҳам фиреб мехӯрд. Дар ин муддат чавоне аз шӯъбаи таърих пайдо гардид, ки духтарро воқеан дӯст медошт. Чанд дафъа вохӯриҳо карданд ва байни худ орзуҳошонро арз намуданд. Чавон ҳам арзанда буд. Қоматбаланд, аълохон ва марди зебое маълум мешуд. Чи шуду аспиранте дар байни онҳо даромад ва ниҳоят духтарро ба доми хеш андохт. Ҳамдарси камина он дуро хеле муқоиса кард, тахлил намуд, дурнамои онҳоро пеши назар оварда ва худ ба худ гуфт: "он донишҷӯ, акнун дар курси чор мехонад, то ки ӯ дар рӯзгораш шӯҳратёр мегардад, ин марди аспирант дифоъ мекунад, муаллим мешавад, минбаъд ба вай дасти ёрӣ дароз мекунад" ва ғайра. Дунёи ботиниаш ӯро фахмонд, ки беҳтар аст, аспирантро интихоб намояд. Дугонаҳояш ҳам ба ҳамин ақида буданд. Дар мухити факултет дар мавриди ишқи он чавон ба ҳамдарси мо ғапу ғашчаҳо падид омаданд. Ҳамдарсони чавон ба дифои ҳамкурсашон баромаданй шуда, дар рӯзномаи «Қуллаҳои дониш» мақолаеро бо номи «Ишқ дар сари роҳмонда» рӯйи чоп оварданд, ки албатта муаллифон ясиҳошонро дигар карда буданд. Мақола пур аз дарду ранҷ ғиздагй буд. Аммо шоҳидон равшан фахмиданд, ки кахрамонони он кистанд. Бале, чавоне, ки ишқаш дар кавкароҳ монда буд, баъд аз хатми Университет яке аз ходимҳои сарҳадиро барои касби муаллимй интихоб намуд, то ки дигар ишқашро набинаду бехуда насӯзад. Боз

ҳам тақдир ғалаба ба даст овард ва духтар хато ҳам накарда буд. Туйи ин ду сиюми июни соли 1968 бо шукӯҳу шаҳомати хосса сурат гирифт. Маъракаи арӯсии Гулрухсору Неъматчон 24-уми августи соли 1968 дар кӯчаи 40-солагии Октябр сурат гирифт. Қисме аз ҳамдарсон иштирок намудем. Ҳамчунин ҳамдарсони дигарам — Муаззаму Гулбӣ ҳам баъд аз хатм издивоҷ намуданд.

САРНАВИШТИ ФАРЗАНДОНИ АСО СОДИҚ ВА ИҚЛИМОҲ

Баъд аз сари падар хостам, ки васияти ӯро дар мавриди сарпарастии фарзандонаш амалӣ созам. Хонаву дари падариро пурра ба ихтиёри модарандарам бо се духтарчааш гузоштам. Холиазарро аз Тоскалъа ба Фархор назди Шамсиддини сардухтур бурдам, то ки дар оянда ба хотири мазори қиблагоҳ фархорӣ шавад. Сардухтур маслиҳати хуб дод. Ӯро ба курси семоҳаи рентгенологӣ ба Душанбе фиристод. Бо поён ёфтани курс дар назди касалхонаи сили ноҳия ба ин касб дода шуд. Ӯ ҳам соли 1968 бо духтари балчувонис издивоҷ кард. Муваққатан дар деҳаи «Победа» ичоранишин гардид.

Баъд аз дафни падар Сохибназари аскар ба қисми ҳарбиаш, ки дар Кировободи Озарбойҷон қарор дошт, баргашт. Моҳи майи 1967 аз ӯ мактуб расид, ки тотордухтареро дӯст медораду агар розӣ бошам, ӯро бо худ Тоҷикистон биёрад. Дарҳол ба номаш чавоб гуфта, таъкид сохтам, ки овардани тотордухтар ба ин ҷо маъқул надорад. Дар ҳеҷ сурат ӯро саргардон насозад. Тобистон расиду бетоҳие рӯйи ҳавлиам Сохибназар бо бонуе, ки дар даст кӯдаки сенамак дошт, пайдо гардид. Ин меҳмонӣ чунон ногаҳонӣ буд, ки намедонистам ба ӯ чӣ гӯям. Фаҳмидам, ки Сохибназар Мадинабонуро пойлоҷ овардааст. «Чавонӣ кардан масъулият дорад», — гуфтам дар дил. Пагоҳии дигараш аз Сохибназар савол кардам, ки чӣ нақша дорад, дар кучо зистан мехохад? Ӯ чавоб дод, ки ба Кӯлоб рафта,

он чо ба ягон коре машғул мегардад. Маслиҳаташ додам, ки дар Душанбе монад, ин чо пойтахт аст ва бо онаш аврупой будан чандон назаррас нест. Аммо гӯш надоду роҳи Кӯлобро пеш гирифт. Ягон ҳафта зиндагӣ карданд, ки Мадинабону забон бароварду аз чангу хархаша кор гирифт. Соҳибиназар бо Мадинаи дӯстдоштаашу нахустписараш Рустам Кӯлобро иқоматгохи хеш қарор дод.

Чумъахон соле, ки падар фавтид, дар синфи дахум мехонд. Вале бо сабаби бемории қиблагоҳ тақрибан мактабро намерафт ва дуруст хонда ҳам наметавонист. Директори мактаби ба номи Некрасов Алам Раҳимов, ки бо завчаи чияни падарам-Абдуғаффор хешу таборӣ дошт, хоҳиши бандаро ба замин намоянду барои Чумъахон шаходатнома омода сохт. Сипас ба Кӯлоб рафт ва се моҳ аз тарафи комиссариати ҳарбӣ дар курси ронандагӣ хонд. Ин муддат дар хонаи тағоям иқомат менамуд. Баъдан соли 1968 ба аскарӣ даъват шуд. Зимистони соли 1970 аз аскарӣ баргашту хост Кӯлоб равад, аммо нагузоштам, балки бо лутфи муовини сардори ГАИ-и шаҳри Душанбе –Сафарали Гулов кормандаи назорати роҳҳо таъин гардид. Ӯ, ки ҳуччати ронандагӣ дошту хизмати аскариро анчом дода буд, барои идораи марбута мувофиқ ба назар хӯрд. Ҳамин тариқ, Чумъахон душанбегӣ шуд. Ин соле буд, ки бо кӯшишҳои пайдарҳами завчаам дар микрорайони 46-ум сехонагӣ гирифтему ҳавлии Нагорнийро ба ихтиёри Чумъахон гузоштем.

Дар мавриди васияти қиблагоҳ бояд илова намуд, ки Аворгул гапи маро гӯш надоду хонданӣ меравам гуфт. Чунон ки дар китоби «Афғонистони шоҳӣ» ишора намудам, ӯ донишчӯйи шӯъбаи савдои факултети иқтисодии университет гардид. Табиист, ки то омадани Чумъахон ӯ бо мо якчо мезист. Мӯсоро, ки дар синфи шаши мактаби Некрасов мехонд, ба воситаи роҳхати духтурон ба мактаб-интернати табобатии ноҳияи Ленин интиқол додам. Ҳар рӯзи шанбе ӯро гирифта хона меовардам. Акнун се таи аз фарзандони падар дар Душанбе қарор гирифтанд. Мақсади

банда он буд, ки инҳо маълумот:: университетӣ бигиранду сокини пойтахт бишаванд...

СОЛИ ОХИРИ ТАҲСИЛ ХОТИРМОН БУД

Июни 1967 бо чамъбасти соли чоруми донишчӯй ба курси панчум гузаштам. Оғози июлро ба мутолиа дар китобхонаи «Фирдавсӣ» бахшидам. Дар таътил ният доштам, ки рисолаи дипломиамро ба поён расонам. Тавре дар ҳикоятҳои пешин ишора рафт, Ш.Ҳусейнзода шогирдонро барои кафедрааш худаш интихоб менамуд. Баъд аз ин ки имтиҳонамро аз адабиёт супоридам, амр намуд, ки аз кафедраи адабиёти классикӣ мавзӯи кори курсӣ бигирам. Одатан, рӯйхати мавзӯъҳои корҳои курсиву дипломиро чоп карда, пушти дари кафедра мечаспонданд. Ҳар кас метавонист мавзӯи дилхоҳашро интихоб карда, дар рӯ ба рӯи он исмашро бо гурӯҳаш зикр намояд. Мавзӯъҳоро хеле санчида, сипас «Ғазалиёти Ҳилолӣ»-ро барои кори ояндаи илмӣ интихоб кардам. То курси чор дар атрофи ҳамин мавзӯъ корҳои курсӣ навиштам. Роҳбарам Субҳон Амирқулов буд. Соли чорум мехостам мавзӯи ғазалиёти ишқии Ҳилолиро инкишоф дода, баъдан ба рисолаи дипломӣ табдил диҳам. Аммо рӯзе Аскар Ҳаким, ки як сол аз ман боло мехонд, даъвогари мавзӯи «Ғазалиёти ишқии Ҳилолӣ» шуда, зӯран онро аз ман кашида гирифт. Аскар ба ин далел мехост Ҳилолиро кор кунад, ки худ шоиршаванда буду ғазалиёти ишқии Ҳилолиро дӯст медошт. Ба гумонам, барои мавзӯи номбурдаро ба Аскар додан Ш.Ҳусейнзода ҳам розӣ буд, зеро С. Амирқулов аз ман хоҳиш намуд, то ки ягон мавзӯи дигарро барои рисолаи дипломӣ интихоб намоям. Вале барои мавзӯи мақбулеро интихоб карданам дер шуда буд. Номгӯйи мавзӯъҳои дипломӣ тақрибан соҳиб доштанд. Фақат мавзӯи «Ҳачв дар эҷодиёти Аҳмади Дониш»-ро касе банд насохта буд. Чӣ илоҷ гуфтаму онро гирифтам. Бо роҳбарам маслиҳат намудам, баъзе сарчашмаҳоро бароям

доданд. Вай барои дилпур сохтанам мавзӯъро ҷолиб шуморид. Ҳол он ки ман ба Аҳмади Дониш чандон майл надоштам. Аслан таваччӯҳам бештар ба назария ва адабиёти советӣ равона шуда буд. Аммо сухани Ш.Ҳусейнзодаро шикаста натавонистаму худро ба гурӯҳи тахассуси адабиёти классикӣ нависондам. Хоҳу нохоҳ мавзӯи мазкурро дифоъ карданам ногузир буд. Аз ин ҷост, ки «Асарҳои мунтахаб»-и Аҳмади Донишро аз қироатхонаи Ҷомӣ барои тобистон гирифтам. Ҳарчи он ҷо аз ҳаҷву мутоиботи маорифпарвар ба чашм мехӯрд, ёддошт менамудам. Барои ба назарияи ҳаҷв ошно шуданам «Шеър-ул-Аҷам»-и Шиблии Нӯъмониро дар «Фирдавсӣ» чанд рӯз мавриди мутолиа қарор додам, ки он ҷо бо истилоҳи «Ҳиҷо» меомад. Шабҳо то дер рӯйи ҳавличаам нишаста Аҳмади Дониш мехондам. Гоҳе ба тамошои бозии дастаи футболи «Энергетик» мерафтам.

Бисту панҷуми июли 1967 дар хонадони банда писаре ба дунё омад. Як ҳафта гузашту ҳамоно дӯстонам Қурбону Саидҷон, Тағай, Хайрулло, Шаҳбоз ва дигарон ном меҷустанд. Ба муносибати номгузорӣ ба нахустписар.бегоҳие дӯстони номбурдаро дар ҳавлӣ ҷамъ овардам. Ҳар кадом исми зебое ёфта буду бо маслиҳат мехостанд якеашро интихоб намоянд. Болои кат дастурхон густурдем. Баъд аз ғизо гуфтам: Акнун ҳар кадом исми пайдокардаашро мегӯяду ман интихоб мекунам". Қурбону Хайрулло, Тағай, Шаҳбоз номҳои ба худ маъкулро гуфтанд, вале бехотир Саидҷон Аҳмадов, ки аллакай шӯъбаи форсиро хатм карда буд, гуфт: "Парвиз". Дар назарам ин ном тамоман нав расид, ки эълон доштам: "Дар ин озмун Саидҷон ғалаба ба даст овард, ба ман ҳам ин ном хуш омад, аз ин баъд Парвиз ба дафтари хонаводаи Худойназар сабт хоҳад шуд". Бо қарсаки дурударозе исми «Парвиз» пазируфта шуд, ки муаллифаш Саидҷон буд. Акнун Фотима додарчае дар паҳлуи худ дошт ва хушҳолӣ ҳам мекард, ки «бозичаи зинда» дорад.

Дар ҳамин рӯҳия таътили тобистона поён ёфту дарсҳо оғоз шуданд. Имсол тачрибаи педагогӣ доштем. Барои ду моҳ ба мактабҳо фиристода шудем. Мактаби рақами 15

насиби банда гардид. Ман, ки таҷрибаи сесолаи муаллимӣ доштам, мушкилие пеш намеомад. Муаллимаи мактаб Турсунова дар ду дарсам иштирок карда, баъд бо боварии том синфҳои нӯҳ ва даҳро ба ихтиёрам гузошт. Дар мактаби номбурда фарзандони чеҳраҳои шинохтаи шаҳр ҳам мехонданд. Масалан, Фирӯза Амонова, Робия Латифова, Бобоқулова ва боз чанд талабаи дигар аз ҳамин табақа дар синфи нӯҳ таҳсил мекарданд ва то ҷое худнамой нишон медоданд. Вале баъд аз ду-се дарс ором шуданд ва ҳеҷ гуна беадабӣ намекарданд, балки дар танаффусҳо ба атрофам ҷамъ меомаданд ва саволҳо медоданд. Дар муддати як моҳи таҷрибаомӯзӣ онҳо маро аз муаллимони асосиашон кам намедонистанд. Роҳбари таҷрибаам Асадулло Сӯфиев буд, ки тақрибан ба мактаб намеомад. Гоҳе муаллима Турсунова аз шогирдонаш мефаҳмид, ки муаллими таҷрибаомӯзашон чӣ хел аст. Муаллимаи хубе буд. Умуман ин мактаб аз беҳтаринҳо маҳсуб мешуд. Гузашта аз ин, директораш завҷаи раиси шаҳри Душанбе Маҳмадназаров буд. Бонуи босалобате менамуд. Сару либосаш олӣ, роҳгардиаш хосса ва гуфтораш ҳам фарккунанда ба чашм мехӯрд. Чунин хислатҳо ӯро боз ҳам зеботар намоиш медод. Тақрибан ҳама муаллимонаш дар сатҳи баланди донишмандӣ қарор доштанд. Мутаассифона, таҷрибаи педагогии мо ба сабаби иштирок дар маъракаи пахтачинӣ 15-умҳои октябр қатъ гардид. Курсҳои панҷумро ба шаҳрчаи Қубодиён бурданд. Мактаби миёнаро «забт» намудем. Роҳбарамон муаллими чавон ва ҳам язнамулломон М.Норматов буд. Азбаски шароити мактаб бароям мутобиқ наомад, ҳавлии падарарӯси Аъзамҷон Азизовро, ки сардори маркази пахтақабулкунии Қубодиён буд, ҳамчун қароргоҳи хеш қарор додам. Мавсуф Юнусов ном дошта, аз чеҳраҳои фарҳангиву сиёсии давр буд. Завҷааш ба миллати тотор тааллуқ мегирифт. Банда, ки бо домодашон ҳанӯз дар Чилликӯл ошно будам, барояшон сазовори эҳтиром гардидам. Ин хонадон муҳити аврупой дошт. Ҳуҷраеро дар ихтиёрам гузоштанд. Хӯроки субҳу шомро он ҷо медидам. Рахти хоб озодаву ба назму

низом буд. Хушдомани Аъзамҷон, ки тоҷикро мемонд, мисле ки домодаш меҳмонаш бошад, тарбиятам менамуд. Бегохиҳо Юнусов дер ҳам, ки хона меомад, бандаро бо сӯҳбатҳои ширинашу зиндагишиносиаш масруф месохт. Аз ин рӯ, ин маърака бароям мушкилиеро пеш намеовард.

Майдонҳои пахта дар доманакӯҳ қарор доштанд. Мо, ки курси панҷ будем, чандон ба амрҳову супоришҳои роҳбарамон итоат надоштем. Гузашта аз ин, М.Норматов ҳамсари ҳамдарси мо буд ва табиист, ки намехост бо мо сахтдаҳанӣ зоҳир намояд. Яъне, мо озодона пахта мечиндем ва аз пушти килои бисёр намедавидем. Ҳаркӣ чӣ қадар ки мехост, мечид. Дар ин понздаҳ рӯз банда байни қаторҳо бо андешаҳоям будам. Орзуҳое дар сарам мезаданд. Медидам, ки дар Афғонистонаму шаҳрҳои онро тамошо дорам. Онсӯтар ки андешаҳоямро мебурдам, мошинсавораму ҷониби дараи Варзоб шитоб менамоям. Гоҳе худро дар толорҳои илмӣ тасаввур мекардам ва гоҳе хешро дар либоси дотсентиву профессорӣ чустуҷӯ менамудам. Ҳама орзуҳоям ширину ояндабахш маълумам мешуданд. Афсӯс ки ин ҳама орзу буданд на чизи дигаре.

Чашни Ноябр ҳам омаду моро Душанбе оварданд ва бо ҳамин таҷрибаи педагогиамон поён ёфту боз дарсҳои муқаррариамон оғоз гардиданд. Фанҳои «Назарияи адабиёт», «Адабиёти халқҳои СССР», «Забоншиносии умумӣ», «Таърихи забон», ки баъзеаш дар нимсолаи дуюми курси чорум шурӯъ шуда буданд, тавассути муаллимон-дотсентон С.Табаров, Нечаева, Р.Ҷӯраев ва Р.Додихудоев сурат гирифтанд. Дарсҳои махсусу семинарҳо ҳам доштем. С.Табаров дарси «Назарияи адабиёт»-ро аз рӯйи лексияҳои китобшудааш қироат менамуд. Пайваста ба ҳар мавзӯву тезисҳояш даҳҳо исми адабиётшиносонро мегуфт. Гоҳо чунин ба назар мерасид, ки ҳаштод дар сади матни лексияро исмҳо ташкил медоданд. Дониши аврупоиву ғарбиаш равшан буд. Гӯё дар гузашта илми назарияи адабиёт вуҷуд надошт, балки ин илм хоси замони нав ва дунёи ғарб аст. Тақрибан аз назариячиёни форсӣ ном намегирифтанд. Ба

ин хотир, дарси муаллим мураккаб ба назар мехӯрд. Р.Ҷ ӯраев забоншиносии умумиро ба воситаи тезис – карточкаҳо мефаҳмонд. Эшон низ ягон забоншиноси суннатиро ном намебурд, аммо дарси хуб медод. Худаш аз мактаби забоншиносии Ленинград баҳравар шуда буд. Маълум буд, ки ӯ тахассусашро хеле хуб медонад. Р.Додихудоев хатти мехиву паҳлавиро ба мо ёд медод. Аз «Корномаи Ардашери Бобакон» порчаҳо мехононд. Бисёр муаллими чиддӣ буд. Ҳарчанд ки аз мардуми Бадахшон маҳсуб мегардид, дар суханаш ягон шикастагии забони точикӣ ба мушоҳида намерасид. Хеле зебо ва ширин сӯҳбати точикӣ менамуд. Шахси адолатхоҳ ва ҳам хайрхоҳе буд. Донишчӯи бетаваччӯҳро хуш надошт. Муаллима Нечаева «Адабиёти халқҳои СССР»-ро аъло аз бар карда буд. Муаллифи «Абай»-ро дӯст медошт, Абдулло Қаххорро мепазируфт, Чингиз Айтматов ҳаловаташ мебахшид. Ӯ шогирдро мачбур месохт, ки аз адабиёти бадеии халқҳои Осиёи Миёна асарҳо мутолиа намояд. Вай тарзи пурсиши ба худ хос дошт. Китоби «Абай»-ро наздаш мегузошт ва аз донишчӯ мепурсид, ки дар фалон саҳифа кадом лаҳзаи хотирмонро ба мушоҳида гирифтааст. Агар шогирд китобро хонда бошад, ҳатман он чузъиёти бадеиро накл менамуд. Нимсолаи аввали соли панҷуми таҳсил фанҳои номбурдаро бо баҳои «аъло» супоридам. Бароям он чиз ҷолиб буд, ки ду соли охир стипендияи баланд мегирифтам ва ба ин восита рӯзгори хонаводаро таъмин менамудам. Дар баробари ҷамъбасти имтиҳоноти зимистона мусаввадаи рисолаи дипломиамро оид ба мавзӯи «Ҳачв дар эҷодиёти Аҳмади Дониш» ба итмом расонида ба роҳбари илмиам супоридам. С.Амиркулов ба зудӣ хонда баргардонд ва ичозати чопи мошинкаашро ҳам дод. Дар байни дах рӯз рисолаи дипломиро мукова кунонда ба кафедра овардам. Баъзе муаллимони кафедра ҳайрон аз он буданд, ки чӣ навъ чор-панч моҳ пеш аз мӯҳлат рисоларо ба шоён расондам. Нимсолаи дуюм ба ғайр аз як-ду дарсҳои ихтисосу семинарӣ дигар фаннеро намехондем. Тақрибан бекор будам. Аз ин рӯ, ба рӯзномаи «Комсомоли

Тоҷикистон» рафта, ба сифати мусаҳҳеҳ пазируфта шудам. Муҳаррираш Нур Табаров буд, муовинаш Бахтиёр Муртазоев ном дошт. Кори ман дар дохили бинои матбааи аввал аз тарафи бегоҳ шурӯъ мегардид. Соатҳои 12-и шаб, вақте ки рӯзнома иҷозати нашрро мегирифт, хона меомадам. Ҳамроҳам Гуля ном яҳудизане кор мекард. Мо тамоми матни рӯзномаро бодиққат мехондем. Агар дар Маскав ягон маҷлиси расмие сурат мегирифт, то соатҳои ду-сеи шаб менишастем, то ки бахши ахбороти сиёсиро «ТоҷикТА» омода месохт. Ба ҳама ин заҳмат 60-сӯм маош мегирифтам, ки пули калон буд. Рӯзҳое ҳам мешуд, ки соати чор ба кор бояд мерафтам. Аз ин ҷост, ки курси махсуси баъзехоро ношунида мемондам. Дарси семинари махсусро аз адабиёти классикӣ Султон Воҳидов мегузашт. Мавзӯъ осори маърифатии Ҷомӣ буд. Ҳар кас доир ба ин ҷиҳати эҷодиёти Ҷомӣ маърӯза тайёр карда, сипас байни ҳамдарсон мехонд. Маърӯзаи банда «Тамсил дар осори Ҷомӣ» ном дошт. Навбат омаду онро хондам ва баъзе фикру мулоҳизаҳои хешро баён сохтам, ки ба муаллим хуш наомаду гуфт: «Ту ҳоло студент ҳастӣ. Ҷи лозим фикри шахсиатро гуфтан». Сухани муаллимро барои худ таҳқир донистаму ба эшон мурочиат карда гуфтам: «Муаллим, мебахшед, агар тавонед ба пешниҳодҳои ман ҷавоб гӯед, агар не, доир ба ин мавзӯъ фикри шахсиатонро изҳор доред. Ман мехоҳам, ки аз Шумо дониши ҷомишиносӣ гирам». Ҳарфҳои ман ба ӯ сахт расиду изҳор дошт: «Маҳмаддоной накунед». Ин сухан мисли корде буд, ки ба ҷонам халид ва аз ҷой хестаму гуфтам: «Муаллим шумо саводи кофӣ надоред, ки дар курси панҷ дарс диҳед, метавонед баромада равед. Мо дигар шуморо гӯш кардан намехоҳем». Хайрулло Сирочев, Гулрухсор ва дигарон маро дастгирӣ карданду гуфтанд: «Муаллим агар шумо баромада наравед, мо мебароем». С.Воҳидов суп-сурх шуду портфелашро бардошта рафт. «Бало зад»,—гуфтам дар ботин. «Ҳоло ба Ш.Ҳусейнзода шикоят мекунад, ки Асоев гуфтанӣ шогирд ӯро таҳқир намудааст. Он вақт аз курси панҷум бо Университет хайрухуш хохам кард». Се-чор

дақика гузашту Ш.Ҳусейнзода портфели тасмадораш ба даст ба синфхонаи мо даромада, дар чойи С.Воҳидов нишаст ва гуфт: «Минбаъд ин дарсро ман ба шумо мегузарам». Чунин ба назар расид, ки ҳамаамон оҳи сабӯке кашидему барои шунидани ҳарфҳои олимонаи мудири кафедраи адабиёти классикӣ омода гардидем. Доим интизор будам, ки Ш.Ҳусейнзода маро сарзаниш мекунад. Вале гӯё ягон ҳодисаи ғайричашмдоште нагузаштааст, Ш.Ҳусейнзода фақат дарс мегуфту бас. «Офарин»,–гуфтам дар дил ба ин чеҳраи воқеии илми адабиёт. Оре, Ш.Ҳусейнзода С.Воҳидовро, ки зӯран бораш карда будаид, хуб мешиноҳт ва аз доишпаш огаҳӣ дошт. С.Воҳидов маро чашми дидан надошт, аммо илоҷ намеёфт. Шояд худ хайрон буд, ки чаро Ш.Ҳусейнзодае, ки шӯхрататш чумҳуриро пахш намудааст, як шогирдро натавонист, ки дар ҷояш шинонад, то ки бори дигар ба рӯйи муаллимаш надавад. Эҳсос мекардам, ки Ш.Ҳусейнзода чунин рафтори бандаро писандид, зеро ӯ худ муаллимони камсаводро хуш надошт. Бароям торик монд, ки чаро Ш.Ҳусейнзода ба гурӯҳи мо тамоман муносибаташро тағйир дод. Гоҳе табассум менамуд, вақти ҳозирғоиб ба исмҳои гӯшхарош эрод мегирифту мегуфт: «духтарам, хоҳиш, вақте ки ба шавҳар баромадед, фомилияатонро дигар кунед». Ин таъкид ба Элчизаи Мамадакова дахл дошт, ки на номи худаш маъқулаш буду на исми падараш. Шӯҳӣ карда исми Гулрухсорро Сафӣ мегирифт. Маро Асо меномиду Хайруллоро Сироҷ... Мо аз табассуму хандахои домулло ҳаловати маънавӣ мебурдем.

Ш.Ҳусейнзода бисёр лексияро чиддӣ ва бомасъулият мехонд. Дар синф пашша пар намезад, сулфа набуд, нафаскашӣ хам хеле ором сурат мегирифт. Рӯзе дари синф як кушода шуду боз пӯшида. Ин амал ду-се бор такрор ёфта, боиси халалдор гардидани ҷараёни дарси муаллим шуд. Дафъаи чорум ё панҷуми даркушой буд, ки Ш.Ҳусейнзода аз пушти каси дарро кушода нигоҳ кард ва ӯро ба кафо гардонда ба дарунн синф даъват намуд. Марде буд қоматбаланду пахлавонҷусса. Муаллим дар шоҳидии

мо ба ӯ мегуфт: «Бар шадарат лаънат, аблаҳ, охир ба ту кӣ ҳуқуқ додааст, ки дари маро панҷ маротиба мекушоиву менӯшӣ? Ту инсон-мӣ ё гов? Ту хар ҳастӣ» ва дигар суханҳои кабеҳро ба рӯйи он мард мезад. Ҳар лаҳзае, ки гунаҳгор мехост ба муаллим узрашро гӯяд, Ш.Ҳусейнзода боз ба ҳуҷум мегузашт. Ниҳоят, он мард гуфт: «Молим, ба номи худо, ки ман набудам». Фақат як бор даратонро боз кардам, ки узр мехоҳам, молим». Азбаски он мард «муаллим» нагуфта, «молим» талаффуз менамуд, мо дарк намудем, ки помирист. Ман ӯро мешинохтам. Он бечора Олуболу Боқиев ном муаллим аз шӯъбаи таърих буд, ки қариб ба ман вақти дохилшавӣ баҳои «неуд» мемонд. Яъне, Ш.Ҳусейнзода тобу тоқати беназмиву бетартибиро чи дар дарсу чи дар бинои таълимӣ дидан надошт. Соле, ки М.Қосимова декан шуд, баъзан ба дахлез баромада, бо пошнаи пой тақ-тақкунон дарсҳоро назорат менамуд. Дар мачлиси партиявие Ш.Ҳусейнзода ба декан эрод гирифта, хоҳиш кард, ки тарзи роҳгардиашро дар бинои таълимӣ тағйир диҳад. Ин чӣ гап аст? «Тақ-тақ, тук-тук... Ин чо бинои таълимӣ аст ё бозори Зеленый?»,—гуфт. Танбехи Ш.Ҳусейнзода боиси он гардид, ки декан ба кабинеташ даромада оби дида сар дод. Муаллим ана ҳамин хел хислатҳои аҷибу начибро доро буданд, ки ба назарам аз бузургии эшон шаҳодат медод. Бо сабаби серкорӣ курси махсуси Раҳим Мусулмонкуловро шунида натавонистам. Вақти санҷиш гирифтан фаҳмид, ки ман оиладор ҳастаму дар рӯзнома мусаҳҳеҳам, чизе нагуфт, мисли баъзе муаллимон таъна ҳам назад, балки аз санҷишаш гузаштам. Моҳи май поён ёфту имтиҳоноти давлатӣ шурӯъ шуданд. Ду имтиҳон доштем: дифои рисолаи дипломӣ ва коммунизми илмӣ. Дар рӯйхати дипломдифоъкунандагон аввалин будам. Мукарризам дотсент Т.Неъматзода таъин гардид. Рисоларо даҳ рӯз қабл аз дифоъ ба мавсуф додам. Ранси имтиҳоноти давлатиамон аз Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Рачаб Амонов буд. Рӯзи ҳимоям расид. Дар байни чор-панч

рисола, аз банда аввалин буд, аммо мукарризам Т.Неъматзода пайдо намешуд. Рисолаи дуюму сеюму чорум дифоъ гардиду шитобон мукарриз омад. Ким-чиро бахона карду сарзаниши Ш.Хусейнзодаро бардошт. Бемасъулиятии Т.Неъматзода табъамро хира сохт, илҳомамро кушт. Роҳбари илмиам хеле худро нороҳат ҳис мекард. Ниҳоят, раис бандаро барои нуктаҳои асосии рисоларо баён намудан ба минбар даъват кард. Ду-се саволи иловагӣ ҳам шуд. Сипас мукарриз дар бораи ҳалли мавзӯи рисола чанд дақиқа сӯҳбат намуду дар хулосааш гуфт: «Рисолаи мазкур ба баҳои «хуб» арзанда аст». Албатта, ман ба ин баҳо розӣ набудам, аммо аз фурӯтанӣ кор гирифтаму бо мукарриз ба мусоҳиба напардохтам. Гумон доштам, ки комиссияи имтиҳонот давлати баҳои худро мегузорад, вале натича нишон дод, ки баҳои мукарризро дуруст донистанд. Фотима бо холааш бароям гул оварда буд, ки табрикам намуд. Табиист, ки табъам хира шуд. Бо вучуди ин Фотимаро сихкабобхӯрӣ бурдаму шахрро тамошо додам ва дар дил ба мукарризи бемасъулияте, ки рисоларо нахонда натичагирӣ карда буд, лаънат хондаму дилам ҳам аз комиссияи босалоҳият монд. Роҳбарам бештар азият кашид ва гуфт: «Нодуруст «хуб» гузоштанд. Рисола ба «панҷ» меарзид. Неъматзода нахонда гап зад. Ин хуб нест...». Дигарон ҳам бо шунидани натича норозигӣ изҳор намуданд.

Чанд рӯз баъд имтихони коммунизми илмӣ ҳам сурат гирифт. Имтихонгирандагон Ҷамолов ва Шарифов ном муаллимон аз кафедраи «Коммунизми илмӣ» буданд. Натичаи ин имтиҳон «аъло» эълон гардид. Даҳумҳои июни соли 1968 метавон гуфт, ки университетро тамом кардам. Мувофики таксимоти Вазорати маориф бояд дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» фаъолиятамро идома медодам. Вале ман орзуи дигаре доштам... Мо, ки 38 нафар факултетро хатм кардем, фақат ду касро ба кафедраҳо гирифтанду бас. Инҳо Шодӣ Асроров ва Шахбоз Кабиров буданд. На Сирочов, на Диловаров, на дигару дигарро сурог ҳам накарданд. Ин ду кас, воқеан арзанда буданд.

Диловарову Сирочевро ҳам метавонистанд, дар назди кафедраҳо нигоҳ доранд. Банда даъвое надоштам, зеро дипломам на сурх, балки оддӣ буд. Дар тӯли панҷ сол се адад «уд» доштам ва чанд дафъа муовинони декан хоҳиш карданд, то ки онҳоро аз нав супорам, вале розӣ нашудам. Меъёри банда ҳамоно баҳои баланд меъёри дониш набуд. Баҳо падидаи нисбӣ аст ва на ҳамеша ба дониш мувофиқат мекунад. Бинобар ин, худро нороҳат намедидам, аз ин ки дипломи «сурх» нагирифтам, ё дар ягон кафедра пазируфта нашудам. Болотар ишора кардам, ки 38 нафар тамом намудем. Дуруст аст, ки 75 кас соли 1963 сари мизи дониш̌ӣ нишастем. Вале тартиб чунин буд, ки писарони хизмати аскарӣ накардаро ба сафҳои Армияи Советӣ даъват менамуданд. Агар Гулнисоро истисно кунем, ки ба сабаби шавҳар карданаш дар шӯъбаи ғоибона мехондагӣ шуд, 21 нафар писарони гурӯҳи моро ба аскарӣ гирифтанд, ки баъди хатми хизмат ду курс аз мо поёнтар қарор гирифтанд. Бо вуҷуди ин, онҳоро ҳамчун ҳамдарсони хеш мешинохтем ва ба чамъомадҳомон даъватшон мекардем. Падидаи муҳим он буд, ки баъзе духтарон, ки дар курсҳои яку ду ва се ба шавҳар баромаданд, боз ҳам ба истиснои Гулнисо, хонданро тарк нагуфтанд, балки кӯдакдор ҳам ки шуданд, дар шӯъбаи рӯзона таҳсилро идома доданд. Масалан, Боғигул, то ки Университетро тамом кард, соҳиби се кӯдак шуда буд. Қурбоной ҳам духтарча дошт ва ғайра...

Охирҳои июн нишасти дастачамъие ташкил додему сипас ҳар кадом аз пайи кору зиндагии хеш гардидем. Баъзеҳо ба ноҳияҳояшон баргаштанд, бархе дар шаҳри Душанбе мукимӣ шуданд, монандӣ Хайрулло, Ҷӯрабек, Муаззам ва Гулбӣ, Гулрухсор, Шаҳбоз, Шодӣ, Асроров, Моҳирхӯча, Зӯҳро, Хосият, Роҳат, Қурбоной, Зебуннисо, Абдуқодир, Ҳамида ва муаллифи ин сатрҳо. Аз ҳамдарсони шӯъбаҳои форсиву арабӣ – Абдурахмон Абдумаинонов, Санавбар Худойдодова, Хосият Олимова низ дар пойтахт монданд.

Ба ҳамин тариқ, барои банда ва ҳамдарсонам охирин таътили донишҷӯӣ моҳи июл буда, моҳи август аллакай

ҳамчун мутахассиси дипломдор бояд ба ҷойҳои корӣ худ ҳозир мешудем. Бинобар ин, ба ҳамдигар роҳи сафед талабидему ҳар кадом дар ҷодаи тақдирҳои нав қарор гирифтем.

ЛАБОРАНТИ КАЛОН

Чунон ки гуфтам, бояд дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ба фаъолият мепардохтам. Вале мехостам, ки ба ягон муассисаи илмӣ ба кор қабул шавам. Ба ин мақсад, аввалан ба дафтари директории Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ Носирҷон Маъсумӣ мурочиат намудам. Мавсуф чанд саволе аз шахсиятам кард ва «ҷой надорем», гуфт. Моҳирхӯҷа, ки ба шӯъбаи фалсафаи академия рафта буд, банда низ хостам, ки бо ӯ якҷо бошам. Назди мудири шӯъбаи таърихи фалсафа Ашӯр Ғаффор даромадам. Эшон хоҳишамро рад накард, вале «баъдтар мурочиат намоед» гуфт. Бо ҳамин саргардонихо моҳи август поён ёфту сентябр оғоз шуд. Ният доштам, ки ба шӯъбаи фалсафа равам. Аз ин рӯ, 2-юми сентябр барои билети партиявиамро аз қайди ташкилоти партиявӣ баровардан ба факултет рафтам. Акнун факултети филология дар бинои сеошёнаи назди хонаи маишии «Садбарг» қарор дошт. Тавре қаблан арз намудам, бинои собиқаи факултетро ба мактаби 65 табдил доданд. Дар бинои нав се факултет ҷой мегирифт: филологияи тоҷик, рус ва хукук. Ҳар факултет ошёнаи худро дошт. Факултети филология дар қабати дуюм ҷойгир буд. Назди бинои ноябрда расидам, ки аз дарвозаи он домулло Д. Тоҷиеву С.Табаров пойӣ шуданд. Мо дар рӯ ба рӯйи якдигар қарор гирифтем. Салом додам. Эшон «Ҳа, Худойназар, ин ҷоҳо гаштӣ? Тинчӣ-мӣ?», –гуфта пурсиданд. Ман оромона бо андак табассум гуфтам: «Тинчӣ, тинчӣ, мехоҳам билетамро аз қайд бароварда ба Академия равам. Философ шудан мехоҳам». Ҳамин лаҳза С. Табаров ба ҳамсафараш гуфт: «Додоҷон, ту дар кафедраат ҷой дорӣ-ку. Ҳамин касро гиред-чӣ. Д. Тоҷиев «майлаш, Соҳибҷон»,

гуфту аз дастам гирифта, «не, не ихтисосатро тағйир надех. Биё бо ман, лаборанти кафедраи забон мешавӣ»,– гӯён то ошёнаи ду кашолаам кард. Ба кафедра ворид шудам. Касе аз муаллимон ба назар нахӯрд. Ҷойи лаборант, ки назди машинкаи чоп менишаст, холӣ буд. Домулло маро ба он ҷо шинонду як варақ коғази сафедро наздам гузошта дикта кард.: Ректору Таджикского госуниверситета, профессору Раджабову С. А.». Идомаи ариза он шуд, ки маро ба сифати лаборанти калони кафедраи забони тоҷикӣ бояд қабул намоянд. Имзо мондам. Домулло аризаамро аз дастам гирифту гуфт: «Ту ин ҷо шин, ба ҳеҷ кучо нарав, ман ҳозир меоям». Ман назди мошинка 20–25 дақиқа нишастам. Д. Тоҷиев саросемавор даромаду «акнун ин аризаро ба шӯъбаи кадрҳо бурда супор ва нагоҳ омада дар кафедра шин»,–гуфту баромада рафт. Аз паси ӯ ман ҳам баромада, мувофиқи амри домулло аризаро ба шӯъбаи кадрҳо, ки дар пушти бинои асосии Университет, дар қабати аввал қарор дошт, супоридам. Мудири шӯъбаи кадрҳо аризаро боддикат хонду «Хорошо: поздравляю: теперь вы университетский работник. Ладно идите, работайте»– гӯён гуселам кард. Тақдирро бинед, ки хонаи панҷ сол хондаам бо ишораи С. Табарову лутфи Д. Тоҷиев гӯё дуюмбора хуш омадедам мегуфт. Шояд яке аз рӯзҳои хушбахттарини банда ҳамон рӯзе буд, ки ин домуллои мӯҳтарам маро ба Университети давлатии Тоҷикистон баргардонд. Хурсандиам ҳадду канор надошт. Тасаввур кунед, ки акнун бо олимони шинохтаи ҷумҳурӣ Д. Тоҷиев, Ш. Ҳусейнзода, С. Табаров, В. Асрорӣ, Ҳилол Каримов дар як муҳити таълимиву илмӣ ифои вазифа менамудам. Аз чунин ранг гирифтани тақдир ифтихор мекардам ва садҳо шукр аз худо доштам, ки Д. Тоҷиеву С. Табаровро ба ёрии як чавони такрибан «бесоҳиб» фиристод. Ман такягоҳе надоштам. Панҷ сол, ки хондам худам бо худам будам, мисли баъзе ҳамдарсонам аз дастгирии «тағову амак» ва ё ҳамшаҳри мансабдоре баҳравар набудам. Аз ин нуқтаи назар яке аз танҳои танҳоҳо миёни ҳамдарсон ман будам. Шояд дуои

падар, ки сӯйи сарбаландиҳо даъватам медошт, дар шахси махсусан Д. Тоҷиев аён гардид, ки хатмкардаи бахши адабиётро ғайримаъмулӣ ба кафедраи забон пазируфт. Бархе аз аъзоёни кафедра низ хайрон буданд, ки чӣ навъ мудирашон адабиётшиносро овардааст. Масалан, М. Норматов ҳеҷ намехост, ки ман он ҷо кор кунам. Аммо Д. Тоҷиев аз банда забоншинос тарбия кардани буд. Ҳатто «Забон ва услуби «Ғуломон»-ро ҳамчун мавзӯи рисолаи номзадӣ бароям пешниҳод намуд. Вале дар дил орзуи адабиётшинос шудан доштам. Соҳаи нақди бадеӣ маъқулам буд. Рӯзе ҷуръат карда ба домулло С. Табаров орзуямро арз доштам. Эшон каме ба андеша дода шуданду сипас гуфтанд: «Майлаш, худам ягон мавзӯъ медиҳам кор мекунӣ». Шояд хамон соат буд, ки С. Табаров сарпаристиамро дар ҷодаи илм ба рӯҳда гирифт. Дар ҳамин замина, бори нахуст гуфт: «Маҷмӯаи «Насими сир»-и Раҳим Ҷалил тоза аз чоп баромадааст. Оиро ду-се бор хонеду тақризе навишта биёред, ман мебинам». Он лаҳза, дафъатан, ҳаю не нагуфта, баъди мутолиаи маҷмӯаи номбурда изтироб фароям гирифту ба ҳузури домулло рафтам. Эшон болои диван менишасту рӯзномаву мачаллаҳоро варақгардон мекард. Ба домулло фаҳмондани будам, ки ҳоло аз рӯҳдаи навиштани тақриз баромада наметавонам. Ӯ якбора гӯё таркиду гуфт: «Чи кор мекуни набошад? Дигарон чи хел навишта истодаанд ё газет намехони?» Банда дигар даҳон кушода натавонистаму хайру хуш намуда, даргоҳи эшонро тарк намудам. Шаб дар танҳой мондаму дар ҳаҷми шаш саҳифа тақризчае омода сохта, ба домулло пешкаш кардам. Дигар таги дарашон маътал нашуда, зуд худохофизӣ кардаму сари вазифаам ҳозир гардидам. Субхи дигар С. Табаров ба факултет омаду маро даъват намуда, «маколаатон бад нест гуфт. Ман таҳрир кардам. Тозанавис карда ба ягон газета баред», гуфт. Тақризро бознавис намуда, бо маслиҳати Р. Мусулмонқулов ва хатчаи домулло ба кадом рӯзномае додам, ки ба зудӣ чоп шуд. Ин нахустин тақризам буд, ки

бароям роҳи мақоланависиро фарох сохт. Албатта, он нахусттақриз қиммате надошт, вале илҳоми тозаам бахшид.

Тақризи дуюмам «Дарси қаҳрамонӣ ва фидокорӣ» унвон дошт, ки бистуми апрели соли 1969 дар саҳифаи адабии «Комсомоли Тоҷикистон» чоп шуд. Ба маслиҳати Р. Мусулмонқулов фишурдаи рисолаи дипломамро бо номи «Ҳачвиёти Аҳмади Дониш» дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» ба нашр расондам (29.IV. 1969).

Аз даробароҳои С. Табаров ба кафедраи забон домулло Д. Тоҷиев чизеро пай бурд, ки ҳар бор «Худойназар, ҳамон «Ғуломон» -ро як туф кунем», мегуфт. Ман ҳамоно омода набуданамро ба кори илмӣ баҳона меовардаму «Домуло дар ин ду соли наздик имтиҳонҳои номзадиамро аз англисӣ ва фалсафа супорам, баъд сари мавзӯи рисолаи номзадӣ маслиҳат хоҳем кард»– ҷавоб медодам ба эшон.Д. Тоҷиев боз ҳам исрор менамуд: «Ту аввал мавзӯъро банд кун, имтиҳонҳои номзадӣ халал намерасонанд, балки оид ба мавзӯат кам-кам мавод ҷамъ меорӣ, ту гапи маро не нагӯй...». Ман посух медодам: «Домулло мефаҳмам, ки шумо ба ман бисёр илтифот доред, ҳоло дар кафедра хастанд-ку ҷавонҳое, ки мавзӯъ надоранд. Масалан, Шаҳбоз, Аҳмадҷон, Ҳуснигул. Намешавад, ки аввал ба инҳо мавзӯи номзадӣ диҳед». «Не, корат чӣ ба Шаҳбозу дигарон. Ман ба ту гуфта истодаам на ба каси дигаре, хуб фикр кун, дер мешавад, аз ҳозир ту бояд ба кори илмӣ бипардозӣ», таъкид менамуд Д. Тоҷиев. Ман имрӯзу пагоҳ гуфта, ба дарсҳои фалсафаву англисӣ мерафтам, реферат менавиштам, китоби Ян Рипкаро аз англисӣ ба русӣ бармегардондам. Домулло С. Табаров ҳам ба ҳолам намемонд. Ҳар ҳафта супоришҳои нав медод, маҷмӯаи дигареро барои тақриз кардан пешниҳод менамуд.

Рӯзе С. Табаров пурсид, ки романи «Мирзо Ризо»-и Ҳабибулло Назаровро хондаам ё не. Беандешона ҷавоб додам: «Дар шакли китоб, ки чоп шуд, хоҳам хонд». Муаллим бо асабоният «ҳар чор номераи Садои Шарқ»-ро ёбеду ба ин роман чизе нависед»,– гуфта супориши тоза

дод. Баъдан ҳар дафъа, ки медид «ҳамаи номераҳоро ёфтед? Ба хондан шурӯъ кардед?»– гӯён мепурсид. Ман чавоб додам, ки «се номераашро ёфтам, аммо рақами иҷҳашро пайдо накардам». Домулло дарҳол маро ба хонааш даъват намуда, ба завчааш Ванда Витолдовна Яблонская, ки забони точикиро озод медонист, фармуд, ки рақами иҷҳи «Садои Шарқ»-ро пайдо кунад. Муддати даҳ-понздаҳ рӯз ба мутолиаи романи мазкур масруф шуда, тақризи калоне омода сохта, баъд аз таҳрири С. Табаров дар рӯзномаи «Точикистони Советӣ»(13.05.1969) чоп гардид. Чунин шуд, ки мақолаҳои банда пайи ҳам рӯйи нашр меомаданд. Дар доираҳои фарҳангӣ баъзан савол мекардаанд, ки ин «Асоеваш кист, ки исмаш дар рӯзномаҳо ба чашм мехӯрад?».Баъд аз чопи «Ҳачвиёти Аҳмади Дониш» шунидам, ки дар толори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ Расул Ҳодизода, ки худ Аҳмади Донишшинос буд, аз чанд фарҳангӣ дар мавриди камина маълумот хостааст. Ҳол он ки мақола ба хотири он буд, ки пули сарфкардаамро барои рисолаи дипломӣ ба даст орам. Кам ҳам не, 25 сӯм ҳаққи қалам гирифтам. Албатта, дар ин самт ҳамдарсонам Р. Мусулмонқулов–Асадулло Саъдуллоев, Шоҳмузафар Ёдгорӣ, Ғуломҳайдаров дастгириам мекардаанд. Ҳамчунин бо лутфи С. Табаров шоири хушсалиқа Ғоиб Сафарзода низ ҳамеша дар чопи тақризчаҳоям ҳамдастӣ нишон медод. Чунонки мегӯянд, хуб ё бад оҳиста- оҳиста тақризнавис мешудам. Аммо ин чиҳатҳо ҳеч ба фаъолияти лаборантиам халал намерасонданд. Кӯшиш менамудам, ки кори кафедраро ба назму низом дарорам. Стенде ташкил дода, дар он рисолаву китобҳои Д. Точиев ва дигар мақолаҳои муаллимони кафедраро гузоштам. Дари кафедра ҳамеша ба рӯйи донишҷӯён боз буд. Навбатдорӣ дар кафедра ба назм даромад. Назорати дарсҳои муаллимон ранги чиддӣ гирифт. Дарсшиканӣ кариб ки ба мушоҳида намерасид. Аз ин чост, ки чи Д. Точиеву чи декан Вохид Асрорӣ, ки тоза интихоб шуда буд, аз камина розӣ будаанд. Декан дар

маҷлисҳои раёсат фаъолияти бандаро ҳамчун намуна муаррифӣ мекард. Ҳамин тариқ, дар байни лаборантҳои факултет шӯҳрат пайдо намуда, боиси эҳтиромии умум гардидам. Ҳамин заҳматҳо буд, ки домулло Вохид Асрорӣ қабули ҳуҷҷатҳои довталабони соли 1969-ро ба ӯҳдаи камина вогузошт. Маъракаи номбурда масъулият дошт. Барои қабули ҳама ҳуҷҷатҳои довталабон як худам будам. Довталабон чи ба шӯъбаи филология ва чи ба шӯъбаҳои форсиву арабӣ хеле зиёд меомаданд. Аз соати нӯҳи пагоҳӣ то панҷи асри сафи навбатгирон кам намешуд. Ҳамин сол аз нав иҷозат доданд, ки ба шӯъбаи шарқшиносӣ духтарон қабул шаванд. Мегуфтанд, ки ин иҷозат ба хотири духтарони калоншавандаҳо сурат бастааст. Воқеан ҳамон сол духтари Боқӣ Раҳимзода, чияни Ҷаббор Расулов, духтарҳонди Низорамоҳ Зарифова ба шӯъбаи шарқшиносӣ ҳуҷҷат супориданд. Пагоҳие як довталаб ҳуҷҷатҳояшро аз мӯҳрича дароз кард, ки исму насабаш бароям ошно намуд. Ҳамадов Султон, хатмкардаи мактаби миёнаи ба номи Кирови шаҳрчаи Ҷилликӯл. Ба чеҳраи писар назар андӯхтаму пурсидам: «Бачаи акаи Ҳамад мешавӣ? Ту Султон хастӣ ки дарсат дода будам». Ӯ хайрон - хайрон сӯям нигариста баъд ба хотираш омад, ки солҳои 1961–1963 муаллимаш будам. Ҳуҷҷатҳояшро ба шӯъбаи филология қабул намуда, «ба падарат салом расон», гуфтам. Султон хурсанд аз он буд, ки хатман дохил мешавад, охир, ҳуҷҷатҳояшро муаллимаш қабул кард- ку. Ба як чой хафт-ҳашт кас ҳуҷҷат супорида буд. Метавон гуфт, ки ҳама факултетҳои университет озмуни калонро талаб менамуд.

Комиссияи филологҳо ёздаҳ аъзо дошт: Б. Камолиддинов, Файзалӣ Нағмонов, М. Норматов, А. Каримов, Маҳмуд Давлатов, Х. Муҳибов, А. Неъматов, Султон Вохидов, Назира Каххорова, Кимё Шукурова, Азиз Каримов. Раиси комиссия дотсент Б. Камолиддинов ва банда котиби масъул будам. Эҳсос менамудам, ки ба раис чандон маъқул нестам. Аз ин чост, ки ҳар чизро баҳона намуда, сӯрдагирӣ мекард. Ман он вакт киву чиро намефаҳмидам.

аммо мешунидам, ки баъзе муаллимон мегуфтанд: «Ин чи хел адолат аст, ки дар байни ёздаҳ аъзо чор касаш аз Ашт мебошанд». Маълумам гардид, ки Б. Камолиддинов, М. Норматов, А. Неъматов ва С. Воҳидов аз як ноҳия буданд. Ҳама ҳуҷҷату корҳои хатти, ки ба дасти банда мехӯрд, медидам, ки воқеан ин чор аъзо баъзе корҳои ғайриқонуниро дар мавриди тафтиши иншоҳо анҷом медоданд. Ҳеҷ фаромӯш намекунам, вақте ки як одами домулло С. Табаров, ки исмаш Гадоев буд, аз иншо баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифт, ки комиссия ва раиси он огоҳ буд. Ман ҳаққи тафтиш надоштам, балки ҳуҷҷатнигор будаму бас. Аммо медонистам, ки домулло ба Х. Муҳибов ишора намуда буд. Ба гумонам С. Табаров ба котиби масъули Университет Субҳон Мухторов мавзӯъро арз дошта буд, ки вай бандаро хосту иншои Гадоевро талаб намуд. Албатта, роҳи ислоҳашро медонистанд, аммо Б. Камолиддинов қатъиян рад кард. «Дар ҳеҷ сурат ман баҳоро ислоҳ намекунам», – гуфт. С. Мухторов дар шоҳидии ман ба Б. Камолиддинов чунин гуфт: «Рафиқ Камолиддинов айб не, ки хоҳиши муаллиматонро рад мекунед?» Камолиддинов бо далелҳо хост С. Мухторовро қаноатманд созад, вале ӯ дигар гӯш надода, ба ман мурочиат карда супориш дод, то ки варақаи имтиҳонии Гадоевро аз нав тартиб диҳам. Ҳамин шуду радияи Б. Камолиддинов қабул нагардид, балки он бача баҳои мусбат гирифту раиси комиссияи филологҳо шармсор шуд. Чунин ҳолат ба Султон Ҳамадов ҳам рух дод. Ба ҳамаи аъзоён гуфтам, ки ҳамин бача талабаи мактабии банда аст. Ҳеҷ гумон надоштам, ки ӯро низ ноком мекунанд. Фаҳмидаму ба синфи имтиҳонгирон даромадам. Сари роҳ мизи М. Норматову Ф. Наҷмонов қарор дошт. Аз Наҷмонов пурсидам, ки Ҳамадов чӣ шуд? Ӯ табассум карду гуфт, «нашуд, ду шуд». Хайрият ҳоло ба варақа баҳои «ду»-ро нагузошта буданд. Хоҳиш кардам, ки баҳои мусбат монанд, вале М. Норматов не мегуфт. Ба раис мурочиат кардам. Баъд аз таънаву маломати зиёде як баҳои «миёна» гузоштанд. Метавонистам, ки баҳоҳои қалбакиашонро ифшо

созам, аммо боз истиҳола менамудам. Султон аз иншо баҳои «чор» дошт, ки бисёр муҳим буд. Инсофро бинед, ки довталабе, ки иншоро ба чор навиштааст, аз имтиҳони даҳонии адабиёт мехоҳанд «дуяш» гузоранд, то ки одамҳои седори худашон дохил шаванд. Ба ҳар навъ ки буд, дар фазолияти банда ҳеҷ камбудие рух надод. Ҳуччатҳо назму низом доштанд. Комиссияи марказӣ аз кори банда каноатманд буд. То 15-умҳои сентябр ҳисоботи қабулро супоридаму ба рухсатӣ баромадам. Рӯзгори оила ҳам сарташвиш буд. Хонаҳоро таъмир кардан лозим меомад. Дар пеш зимистон қарор дошт. Ташвиши дигар он буд, ки холаи Рӯзигулам аз бемории саратони ҷигар вафот кард. Бо ҳамсараму холаи Шарифаву язнаам Кӯлоб рафтем. Чил рӯз қабл, вақте ки ҷарроҳӣ шуда буд, ба ёдаташ рафтам. Ҷарроҳаш дӯсти солҳои наврасиам Иноят Муродов буд. Ӯ маро дидан замон ба дафтараш даъват кард ва гуфт: «Холаат дарди бад дорад. Саратони ҷигар аст. Мо чойи ҷароҳаташро кушодему аз сари нав дӯхтем. Яъне, барои амалиёти ҷарроҳӣ зарурат набуд. Бинобар ин, корд, ки хӯрд чил рӯзи дигар пояш умр бинад». Холаам, ки аз мизи ҷарроҳӣ хеста буд, гумон дошт, ки сиҳат мешад. Афсӯс, ки баъди чил рӯз вафот кард. Фарзандонаш–Музаффару Саъдӣ, Моҳира, Маҳбуба, Гулнора бо падарашон Ҳусейн Ғафуров фақат билои сари мозору ҳамсар нола менамуданду дигар илочеро намедиданд. Хеле чизон рафт. Мансуф Намояндаи халқ дар парлумони тумкурӣ. Муаллимони ихтисосгиноидода ва мудири шӯъбаи таълимии мактаби миёнаи ба номи Ленини шаҳри Кӯлоб буд. Хайфи одамеи гуфтему ба хок супорадемаш. Рӯзи шанбеи 6-уми октябр ва рӯзи дафнаш ӯро ба дафтари топшурӣ банда сабт гардид. Андешидам, ки бо ин барои сабт ва дарогати сарбаргии аълочи мадрасаи банда шуд. Рӯзи дафн пурсидам, ки кист аз пешкомони мактаб. «Дар ин лаҳза ҳамаи ҳамкорони. Чанд қадре мекоҳиданд, ки ягонаи мудири 38- солаи мо буд.

Пагоҳии соли 1969 офтоби шуду банда ва чанде Ноябр дамидаҳои дубора ба шаҳрамон сафарбар шудем. Аз

ҷумла бандаро низ ба гурӯҳе сардор таъин намуданд. Чоруми декабр ба Душанбе баргаштем. Як рӯз баъд ба аёдати домулло С. Табаров рафтам. Сӯҳбатамон сари мавзӯъҳои адабиёт идома дошт, ки занги телефон садо зад. Домулло гӯшакро бардошту «майлаш, майлаш»,– гуфта гӯшакро гузошт. Боз дар ҷояшон нишастанду гуфтанд: «Худи ҳозир бо Раҳим Қубодиён меравем». Андак баъд аз банда савол кард, ки хоҳиши рафтан дорам ё не? Ман гуфтам: «Агар шумо хоҳетон, меравам, як тамошо карда бармегардам». Баъд муаллим боз савол доданд, ки «келин дар кор аст ё дар хона?» Ҷавоб додам: «Ҳоло дар корхонааш аст, то чор кор мекунад». Домулло мехостанд, ки ба завҷаам хабар диҳам, ки Қубодиён меравам. Домулло мошини «Волга»-и М-21-ро ба ҳаракат даровард. Маро аз паҳлӯяшон шинонданд. Дар хиёбони Айнӣ рӯ ба рӯйи поликлиникаи 4 мошинро нигоҳ доштанд, то ки ба ҳамсарам хабар расонам. Сипас сари роҳ хонаи Раҳимчон даромада палави сергӯштро хӯрда, роҳи Қубодиёнро пеш гирифтем. Раҳимчон духтараш Ситорабону ва хусурбачаашро, ки дар курси панҷи арабӣ мехонд, бо худ гирифт. Домулло маҳкам чилави мошинро медошту 80–100 километр дар соате газро зер мекард. Сӯҳбат дар тамоми чараёни роҳи сесоата хомӯш намешуд. Бештар домулло ҳарф мезад ва хушгуфторӣ менамуд. Сафарамон чунон ҳаловатбахш буд, ки надонистем чӣ навъ соати панҷи бегоҳӣ таги дарвозаи хусуркалони Раҳим қарор гирифтем.

Ду рӯз дар меҳмонии авлодони завҷаи Раҳим ва шогирдони С. Табаров мондем. Раиси хоҷагии Телман – Шарифов дар чанд нишасти мо ҳамроҳӣ кард ва чи хеле ки мегӯянд: «ҷаҳти самарқандӣ» намуду дар вақти муайяншуда гурехт. Домулло қартабозии «девятка» ва «бисту як»-ро хуш дошт. Ман, ки «бисту як»-ро намедонистам, ёдам доданд. Рӯзи 6-уми декабр ҷонибе Душанбе ҳаракат кардем. Табиист, ки муаллим сӯҳбат менамуду ману Раҳим дониш меандӯхтем. Домулло ду навъ ҳарф гуфтанро мепазируфт. Яке ин ки шӯхиши ҳандаомез мекард ва дуюм ин ки аз дунёи илм сухан менамуд. Даҳҳо исмҳои олимони ҷаҳонро аз ёд

медонист. Тарчуман ҳоли оноиро бо заҳматҳои илмиашон барои мо ҳисса менамуд. Бехотир дар ҳиссае аз шоҳроҳи Даҳанакиик ва Душанбе садои гӯшҳароше баромаду боис шуд, ки домулло мошинро ба як тарафи роҳ гираду нигоҳ кунад. Як баллони пеш ҳавояшро фашшосзанон мебаровард. Мо – ду шогирд баллони дигарро аз пушти мошин фаровардем. Ба радиатор оби нав андохтем. Домулло ной ба гази мошин монду ҳаракатро идома дод. Чанд километр пеш рафтем, ки якбора мошин аз ҳаракат монд. Маълум шуд, ки ман ба радиатор об андохтаму фаромӯш кардам, ки даҳанаки онро сахт намоям. Дар натича ҳама об буғ шуда мебарояду боиси аз ҳаракат мондани мошин мешавад. Ин ҳолатро пеш аз ҳама Раҳим фаҳмида буд, ки савол дод: «Даҳанаки радиаторро монда будӣ ё не?». Ман бо шунидани чунин савол дар сарам зад, ки маҳкам кардани онро аз ёд баровардаам. Домулло як ҳандиду «э афандиҳое», гуфту баъди об рехтан боз пеш рафтем. Соатҳои ҳашти бегоҳӣ ба Душанбе расидем. Дар чараёни ҳамон сафар С. Табаров ба дуи мо супориш дод, ки дар бораи 60- солагии Боқӣ Раҳимзода китобчае омода созем. Домулло гуфтанд, ки ба воситаи Ҷамъияти «Дониш»-и чумҳурӣ имкони чопаш ҳаст. Таъкид намуданд, ки аз 40 саҳифаи мошинка зиёд нашавад. Бо Раҳим маслиҳат намудем, ки чӣ бояд кард. Вакти кам монда буд, аммо супориши домуллоро ичро накарда ҳам намешуд. Ба ин хулоса омадем, ки мусаввадаи рисоларо ман месозаму Раҳим таҳрир мекунад.

ДАФНИ АКАДЕМИК БАҲОВАДДИНОВ

Аловаддин Баҳоваддинов яке аз файласуфони шинохтаи советӣ буд. Доир ба таърихи фалсафа рисолаву монографияҳо дошт. Мавсуф аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо рутбаи капитанӣ баргашта буд. Донишчӯён аз рӯйи дастури таълимии эшон «Аз таърихи афкори фалсафии халки точик» имтиҳон месупориданд. Директории Институти фалсафаро ба ӯхда дошт. Аъзои Комитети Марказии Партияи Комунистии Тоҷикистон буд. Метавон гуфт, ки яке аз сутунҳои мустаҳками илми точик

махсуб мешуд. Вақтҳои охир, бинобар ин ки хонааш таъмир мешуд, дар бӯстонсаро рӯз мегузаронид. Дӯстону ҳамкоронаш ҳам ба аёдаташ мерафтанд ва ашон соатҳо сари мавзӯъҳои илмӣ сӯҳбат меоростанд. Аз ин ҷост, ки фавти ашон нагаҳонӣ дар бӯстонсаро сурат мегирад. 23-юми феврали соли 1970 радиои ҷумҳурӣ хабар дод, ки академик Баховаддинов Аловаддин Маҳмудович дар синни 59-солагӣ аз ҷаҳон даргузашт. Пайваста ба вафоти ӯ миёни фарҳангиён фикру акидаҳои гуногунро шунидан мумкин мешуд. Қисса карданд, ки марҳум рӯзи 22-юм бо Бердиев Абдукодир, Султонов Шукури ҷонишинаш, боҷааш Нӯъмонов ва ду- се каси дигар дар бӯстонсаро чанд соате ба бозии биллиард ва шоҳмот машғуф мешавад. Чун мавсуф шахси ҳарбӣ ҳам буд, рӯзи Армияи Советиро бо ҳамроҳонаш сидқан ҷашн мегирад. Табиист, ки он ҷо аз шаробу коняк истифода менамоянд.

Нишасти ҷашниашон хеле тӯл мекашад. Соатҳои яки шаб А. Баховаддинов аз сари миз баланд шуда, «шумо ҷавонон нишинед, ман рафта каме истироҳат кунам», -гуфта ба хотири андаке сабук шудан ба ҳаммом медарояд. Мисле, ки худро бад эҳсос мекунаду аз ташт-вана берун мебарояд. Аммо беҳуш шуда болои фарш меафтад. Ҳарчанд ки таъчилан табибон сӯзандору мегузаронанд, дармон наёфта, балки як дафъа ҷашм мекушояду чон медиҳад. Шоҳидон ҳамчунин мегуфтанд, ки марҳум солҳо ба бемории қанд гирифтор будааст. Вале маргаш бар асари сактаи дил сурат бастааст.

Пагоҳии 24-ум дар толори хурди Университети давлатӣ тобути марҳум ба хотири видоъ гузошта шуд. Тамоми кӯчаву хиёбонҳои шаҳрро байраҳҳои сиёҳи поёншуда фаро гирифт. Яъне, дар шаҳр мотам эълон гардид. Ману домулло С.Табаров дар назди меҳмонхонаи «Вахш» ба бонуи русе рӯ ба рӯ омадем, ки сару либоси нимкола дошту андаке майзада ба назар мехӯрд. Ӯ С.Табаровро дидан замон наздик шуду гуфт: «Сохиб Шухратиевич! А мне можно пойти попрашатся с Аловиддином?» Домулло исмашро гирифту «да, да, конечно, объязательно, идите, никто вам не запрещает»: -

гуфт. Он бону ларзон-ларзон чониби бинои Университет рохашро идома дод. Баъдан, домулло ба ман фахмонданд, ки ин зан завчаи аввалаи марҳум буд, ки дар асари майзадагй чудо шудаанд. С. Табаров барои он бонуро хубтар шиносондан изҳор дошт: "Вакте ки Баҳовадцинов дар чанги Олмон буд, завчааш махсус «паёк»-и офитсерй мегирифт. Намедонам, чаро у майзада шуд. Ҳатто баъзан маст гардида, ба чуйборхо меафтид. Аммо марҳум ба хотири ин ки коммунист буду чеҳраи шиноҳта, барои чудо шудан чуръат намекард. Аз ин ҳодиса котиби аввали комитети маркази Чаббор Расулов огоҳ шуда, Баҳовадциновро ба наздаш хонда, ичозат медихад, ки акди никоҳашро бо завчаи майзадааш қатъ намояд. Сипас самарқандихо ба чунин маслиҳат омаданд, ки хохари Фотех Ниёзй—хамон Софаеро, ки дар романи «Вафо» оварда шудаасту шавҳари украиниаш баромада рафта буд, ба Баҳовадцинов ҳамсар созанд".

Он рӯз тамоми донишчӯёну кормандони Университети давлатй барои видоъ омаданд. Соатҳои дувоздаҳунимй рӯз тобути академик Баҳовадциновро нахуст шуда Ч. Расулов, А. Қаххоров, М. Холов, Н.Абдулҳақов, Эргашев бардоштанд. Ҳамагй аъзоёни Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон буданд. Сипас дар сари хиёбони Ленин тобутро ба мошини боркаши қолинпече гузоштанд. Дар атрофи часад завчааш, духтараш ва дигар хешу табараш бо либосҳои сиёҳ нишастанд.

Таваччӯҳи бандаро Софабону чалб кард. Зани зебое будааст ва худ табиб. Ба чеҳраи азодори он бону менигаристаму гуфтаҳои шоҳидони рӯзгори академикро пеши назар меовардам. Донишчу будаму баъзан ба боги истироҳатии Ленин мерафтам. Дар гӯшае сари мизе академик А. Баҳовадцинов, Муҳаммадчон Раҳимй ва боз чанд тани дигарро ба мушоҳида мегирифтам, ки аз фарҳангиёни шиноҳта буданд. Онҳо соатҳо шохмот мебозиданд. Маълумам буд, ки шоир М. Раҳимй зиндагии мучаррадй дошт, вале ба ин академик чй шудааст, ки

бештари вақташро болои тахтаи шоҳмот мегузаронад? Мешунидам, ки пагоҳӣ барвақт академик баъди шустушӯи сару рӯй кулоҳашро бо палтояш аз мехи даҳлез мегирифтааст шитобон берун баромада, роҳравон палтояшро мепӯшидааст, то ки Софабону нафаҳмаду таъқибаш накунад. Ҳатто аз ҳамшаҳриёни академик борҳо шунидам, ки мегуфтанд: «Аловаддин ҳайф шуд, ҳамон зани русаш бехтар буд. Ин Софа хеле азияташ медиҳад, либосхояшро намешӯяд ва ғизо ҳам барояш омода намесозад...». Акнун ин бонуи «дар ботин хурсанд» азо дошт. Назараш ба тобут буду андешаҳояш сари молу давлати академик қарор дошт. Дар фикри он буд, ки мошини «Волга»-и 24-ро, ки ягон километр роҳ нагаштааст, чӣ бояд кард. Дар дил мегуфтам, ки кам бузурге дидам, ки рӯзгори хонаводагии хуб дошта бошад, балки онҳо аз қадимулайём дарбадар будаанду танҳоӣ мекашидаанд. Бо чунин андешаҳо ба кӯчаи Чехов расидем. Ману Раҳимчон паҳлӯи ҳам мерафтем. Оре, мо гулчанбарҳоро шумурдем, ки 89-то буданд. Ду қадам аз мо пеш қатори чорнафариро М. Турсунзода, Ф. Ниёзӣ, Ш.Ниёзӣ, Б.Раҳимзода ва Нарзуллоев Ибодулло Қосимович ташкил медоданд. Ману Раҳим фосиларо байни бузургон нигоҳ дошта «суханчинӣ» менамудем. Устод М. Турсунзода ду дастро пушти миёни халқа карда буду бо он сеи дигар сӯҳбат менамуд ва гоҳе порчаҳое аз шеърҳояшро қироат мекард. Кӯчаи Чехов ба поён расиду ба хиёбони «Дӯстии халқҳо» ворид шудем. То қабристони шаҳрӣ сад метр роҳ монда буд. Хамин даҳза М. Турсунзода каме гардан сӯйи Ф. Ниёзӣ гардонда гуфт: «Фотеҳчон, ин роҳи охирин, ҳа?» Фотеҳ ҳарфи М. Турсунзодаро нафаҳмиду чунин ҷавоб дод: «Не, домулло, ҳоло боз он тараф мегардем». М. Турсунзода хандиду гуфт: «Э, Фотеҳчоне, гапи маро нафаҳмидӣ». Баъдан ҳамроҳонаш якчоя шуда ба ҳоли Ф. Ниёзӣ хандиданд.

Гури академик Баховаддиновро аз дарвозаи даромад ба масофаи панҷоҳ метр дарунтар дар самти рости роҳ канда

буданд. Қабр таври аврупой чоркунча ба назар расид. Шахсони мутасаддӣ тобутро бо бандҳо фаровардand ва аз болояш хок гардонданд. Ба ибораи дигар, академикро на ба тарзи мусулмонӣ, балки таври христианӣ ба хок супориданд. Наздикони марҳум байни худ норизогӣ мекарданд, аммо ба далели ин ки академик аъзои Комитети Марказӣ буд, эроде пеш оварда наметавонистанд. Оре, он даврон тартиб чунин буд... 25-уми феврал дар бинои таълимӣ С. Табаров, Д. Точиев, Р. Мусулмонқулов ва ду-се каси дигар академик А. Баҳоваддиновро ёдоварӣ намуда, афсӯсҳо хӯрданд. Махсусан, С. Табарову Д. Точиев, ки Баҳоваддиновро хуб мешинохтанд, дар бораи эшон қиссаҳои ачиб мекарданд. Хулосаашон он буд, ки ӯ аз оила баҳра набурд...

ДАР СӮҲБАТИ БОҚӢ РАҲИМЗОДА

Тавре ки гуфтам, бо супориши домулло С.Табаров ману Раҳим 60-солагии шоири халқӣ Боқӣ Раҳимзодаро бо рисолачае бояд пешвоз мегирифтем. Ҳарчанд ки маводи кофӣ дар даст буд, мехостем, ки ба худи шоир аз наздик ошно шавем, ба сӯҳбаташ бирасем ва ҳамзамон баъзе лаҳзаҳои рӯзгори мавсуфро равшан созем. Ба ин хотир, мебоист ҳамшаҳри шоир Эргаш Шоевро истифода менамудем. Мувофиқи маслиҳати қаблӣ 29-уми марти 1970, ки ба якшанбе рост меомад, бояд ҳарсе соати ёздаҳ назди кинотеатри «Ватан» чамъ мешудему ба аёдати Боқӣ Раҳимзода, ки дар дармонгоҳи ҳукуматӣ табобат меёфт, мерафтем. Расо соати ёздаҳ ба он ҷо ҳозир шудам, ки аллакай Эргаш маъмали мо буд. Вале аз Раҳим дарак нашуд. Ним соат интизор шудему сипас ба манзилаш занг задем. Телефонро худаш бардошту узр хост, ки ба кадом коре банд шудааст худи ҳозир ба роҳ мебарояд. Ману Эргаш сӯҳбаткунон то бинои «Главпочтамт» рафтем, то ки Раҳимро он ҷо пешвоз бигирем. Раҳим ҳам расид, вале боиси маломати Эргаш гардид. Оиҳо бо якдигар суханзаниҳо карданду сипас ба воситаи троллейбуси рақами як худро то

Институти тиббӣ расондем. Аз истгоҳ то дармонгоҳи ҳукматӣ андак роҳ пиёда қадам задем. Боқӣ бемории қандашро табобат кардани будааст. Вақте ки ба саҳни шифохона дохил гардидем, дуртар Боқиро дидем, ки бо Зуҳуршо Раҳматуллоев дастҳо паси пушт қадам мезад. Сеи мо наздик ба онҳо шуда, салом арз намудем. Боқӣ саломи моро алейк гирифту аз Зуҳуршо савол кард, ки ин чавонон киҳоянд? Зуҳуршо чавоб дод, ки «шогирдонат, шогирдонат». Баъдан Боқӣ ба чеҳраи мо синчакунон назар карду фақат Эргашро шинохт. Ману Раҳимро аз рӯйи мақолаҳоямон мешинохтааст, зеро доир ба ашъори эшон мақолаҳо чоп кунонда будем. Саҳни дармонгоҳи ҳукматӣ, ки боғистонеро мемонд, зери дарахтон, сари мизе қарор гирифтем. Банда бори нахуст бо Боқӣ сари як миз менишастам. Бисёр душвор буд бо шахси бемор оид ба рӯзгору эҷодиёташ сӯҳбат кардану саволҳо додан. Аз ин чост, ки мо фақат Боқиро медидему суханҳояшро гӯш мекардам. Мавсуф, ҳар лаҳза ба мо мегуфт: «Чӣ хел ҳастед? Ба омаданатон раҳмат». Ин илтифот чанд маротиба аз чониби Боқӣ такрор шуд.

Эргаш ба Боқӣ гуфт, ки мо барои 60-солагиатон китобчае навиштанием. Шоир изҳори хушӣ карду аммо чизе нагуфт. Ин ҳолат Раҳим ба Боқӣ саволеро пеш оварду хост, ки то чӣ андоза дуруст будани ояро аз худи шоир фаҳмад. Раҳим саволро таври зайл гузошт:

-Муаллим ҳамон як тангаи аз падар мондаатонро ба Юлиус Фучик додаед ё ин овоза аст?

Боқӣ табассуми ширине карду гуфт:

-Не, ман як вақт ба Фофонова шӯхӣ карда будам, ӯ бошад, сухани маро чиддӣ дониста, ҳамин хел навиштааст. Ин гап рост нест, хулоса намуд Боқӣ. Ба ҳар ҳол шоир вобаста ба нияти мо бетаваччӯҳӣ накард, балки ваъда дод, ки баъди аз шифохона баромадан ба манзилаш сар занему қиссаҳои ачибу хотирмоне аз сарнавишташ бишнавем. Ин ҳарфҳо чунин маъно ҳам дошт, ки хаста шудаанду метавонем рухсат шавем. Ҳамин тавр ҳам кардем. Боқиро он чо мондему худ бо таассуроти тоза аз сӯҳбати эшон дармонгоҳи ҳукматиро

пушти сар гузоштем.

Ҳамон навъе ки дар ҳикояти пештара ишора намудам, сохтани мусаввадаи рисола ба ӯҳдаи банда буд. Аз ин ҷост, ки ҳафтае дар «Фирдавсӣ» нишастаму дастнависи онро ба поён расондам. Баъд аз таҳрири Раҳимҷон чопи мошинка ҳам гардид. Акнун мавзӯи чопаш пеш омад, ки ягон нашриёт розӣ намешуд. Ёздаҳуми августи соли 1970 бо Раҳимҷон хонаи Боқӣ Раҳимзода рафтем, то ки дар мавриди чопи китобча мусоидат намояд. Вале шоирро дар ҳавлиаш пайдо накардем. Духтараш Сурайё, ки дар курси дуюм мехонд, пешвозмон гирифт ва бисёр хост, ки то омадани Боқӣ интизор шавем. Раҳим хатчаеро барои эшон навишта буд, ки занги телефон баромаду Сурайё гӯшакро бардошт. Маълум буд, ки шоир занг мезанад. Духтараш ба ӯ чизе гуфт, ки Раҳимро ба назди телефон даъват кард. Раҳим ҳолу аҳволи шоирро пурсид, сипас мақсади ба ҳавлии эшон сар заданашро арз намуд. Боқӣ ваъда дод, ки ба ягон нашрия занг зада дарди моро сабук хоҳад кард. Намедонам шоир ҳамкорӣ кард ё не, аммо рисола дар нашриёти "Маориф", ки шӯъбааш дар паҳлӯи бинои Вазорати маориф, дар кӯчаи Куйбишев қарор дошт, рӯйи чоп омад, ки моҳи октябри соли 1970 буд.

Аммо ба сабаби бемории шоир ҷашни 60-солагии ӯ ба 26-уми декабри соли 1970 гузаронда шуд. Ба ин муносибат дар шумораи ҳамонрӯзаи рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» мақолаи Раҳим ва банда ба нашр расид. Он бегоҳ толори театри Лоҳутӣ пур аз мухлисону ҳаводорони Боқӣ Раҳимзода буд. Домулло С.Табаров, М.Давлатов, Х.Мухибов ва камина дар як қатор чой гирифтем. Андактар домулло Ш.Ҳусейнзода ҳам омад ва дар паҳлӯи С.Табаров нишаст.

Садри мачлис М.Турсунзода буд. Чаиде аз роҳбарони ҷумҳурӣ низ ҳузур доштанд. Табрикномаи Комитети Марказиро котиби идеологӣ–Ибодат Раҳимова қироат намуд. Сипас ҷилави суханро шоир М.Миршакар ба ихтиёр гирифт. Мавсуф хотираҳояшро дар бораи чӣ навъ дар заводи ахтаи Сталинобод бо Боқӣ баркашӣ карданашоиро қисса

намуд. Тақрибан аз ҳама муассисаҳои фарҳангӣ, ҳатто хоҷагиҳои Ҷумҳурӣ намояндаҳо барои табрики шоир омада буданд. Дар толор як даста бонувони шоираву шашмақомхонҳо менишастанд, ки М.Турсунзода ҳаман ононро болои саҳна даъват карда, монанди аскарбачаҳо қатор монд. Баъд М.Турсунзода хушсӯҳбатӣ карда, ба Боқӣ гуфт: «Боқиҷон, ман медонам, ки ба шаст даромадиву ҳеҷ аз бӯйи ҷинси латиф сер нашудӣ. Акнун ин бонувон дар ихтиёрат, ҳарчи ки мехоҳӣ, метавонӣ анҷом диҳӣ». Боқӣ монанди қумондоне, ки аскарҳояшро назора мекарда бошад, қатори бонувонро як ба як дид ва баъд онҳоро бӯсидан гирифт. Вақте ки навбат ба Гулрухсор расид, ӯро аз пешонаш бӯсиду илова намуд: "Ин духтарам аст". Аҳли толор қарсак мезаданду М.Турсунзодаву аҳли раёсат механдиданд. Воқеан, чашни шоир аз ҳар ҷиҳат хотирмон тачлил гардид. Бахши консертӣ ҳам дошт, аммо домулло С.Табаров, ки майли рафтан кард, ман ҳам бо эшон толорро тарк гуфтам.

ЛАҲЗАҲОЕ АЗ РӮЗГОРИ ФАКУЛТЕТ

Соли 1970 дар саросари Давлати Советӣ соли чашнӣ эълон гардид. Ин соле буд, ки В.И.Ленин садсола мешуд. Ба ин муносибат як соли тамом Университет бо факултетҳояш омодагӣ гирифт. Ба ин хотир, дар кабинети ба номи Ҷомӣ, ки акнун аз бинои назди бозор ба ин ҷо интиқол ёфта буд, аз 23-юм то 25-уми март, конфронси илмӣ сурат гирифт. Домуллоҳон адабиётшиносони факултет С.Табаров, Ш.Ҳусейнзода, В.Асрорӣ ва дигарон гузоришҳои илмӣ доданд. Банда низ оид ба мавзӯи «Образи В.И.Ленин дар романи «Шӯроб»-и Раҳим Ҷалил» маърӯза кардам. Он чӣ ки аз ин мачлис хотирмон ба назар расид, баҳси доманадори Ш.Ҳусейнзода бо В.Асрорӣ сари калимаи «фардбайт» буд. Баҳс дар заминаи маърӯзаи профессор В.Асрорӣ оид ба «фардбайт» падид омад. В.Асрорӣ дар поёни маърӯзааш пешниҳод намуд, ки фардбайт ҳамчун истилоҳи нави адабиётшиносӣ қабул карда шавад.

Профессор Ш.Ҳусейнзода бошад ба В.Асрорӣ мефахмонд, ки пешниҳоди ӯ зарурат надорад, зеро чунин истилоҳ дар адабиётшиносӣ мавҷуд аст, «читур мешавад, ки боз аз нав онро қабул намоем»,– таъкид намуд Ш.Ҳусейнзода. Аммо В.Асрорӣ ду пой дар як мӯза андохта, даъво менамуд, ки пешниҳодаш дастгирӣ ёбад. Садри маҷлис С.Табаров аз ҷой баланд шуда, ба ҷонибдории профессор Ш.Ҳусейнзода баромада, аз ҷумла чунин хулосаи илмӣ бароварда: «Фард дигар чиз асту байт дигар чиз». Оҳанги суханронии С.Табаров ба қаҳру ғазаб табдил ёфта, В.Асрориро тарзе муаррифӣ намуд, ки оддитарин чизро намефаҳмад. Баъди ҳарфҳои С.Табаров В.Асрорӣ хомӯш монду сигор дар дода дуди хешро бо дуди баҳси Ш.Ҳусейнзодаву С.Табаров омезиш дода, пуф кард. Мо чавонон медидем, ки домуллохо ҳар кадом роҳи баромади худро аз толор дар алоҳидагӣ меҷустанд.

Бахшида ба 100-солагии Ленин 28-уми апрел, ки ба шанбе рост меомад, маҷлиси тантанавӣ баргузор шуд. Рӯйи саҳнаи толори марказӣ ректори Университет Раҷабов С.А., намояндаи Комитети Марказӣ, котиби якуми Комитети партиявии шаҳри Душанбе – С.Пӯлодов ва дигар роҳбарону деканҳо қарор гирифтанд. Ректор ба забони русӣ чанд ҳарфе гуфт, сипас суханро ба С.Пӯлодов дод. Мавсуф таъкид дошт, ки ба муносибати 100-солагии В.И.Ленин 150 нафар муаллимону кормандони Университет ба медали «Барои ҳимояи Ленинград» сазовор дониста шудаанд. Дар ин ҷумла аз факултети филология ёздаҳ нафар ба саҳна даъват шуда аз дасти Пӯлодов медал гирифтанд. Бештаринҳо ҳайрон аз он буданд, ки исми С.Табаров хонда нашуд. Шахсе, ки 21 соли умрашро дар Университет сипарӣ намудааст ба ин муносибат рисолае бо номи «Симои адабиёт» ба медали ҷашнӣ қадр нагардид. Табиист, ки чунин рӯйхатҳо ба ҷонибӣ ректор ва атрофиёнаш тартиб меёфтанд. Муносибати ректор бо С.Табаров маълум буд. Гузашта аз ин, вақтҳои охир декани факултет В.Асрорӣ баъзан дар

мачлисхо бо С.Табаров дастбагиребон мешуд. Албатта, то маъракаи чашни 100-солагии Ленин ректор дар мавриди С.Табаров баъзе тӯҳматҳоро пешбинӣ карда буд. С.А.Рачабов ҳукуқдони пуртачрибае менамуд ва медонист, ки чӣ навъ С.Табаровро аз медалгирӣ маҳрум намояд. Бо супориши вай духтареро аз курси якум, ки 13 қарзи академӣ дошт, бар пойи С.Табаров бастанд. Аз номаш аризаи шикоятӣ сохтанд, ки гӯё С.Табаров аз 9 чизе талаб кардааст. Мавзӯъ дар мачлиси партиявии факултет баррасӣ шуд ва боз ҳам С.Табаров бегуноҳ баромад. Маъмурият ноилоҷ духтаракро аз Университет ронд. Бо вучуди ин, он мухокима ва аризаи шикоятии донишчӯ ба фаъолияти С.Табаров доғ овард ва боис шуд, ки ба 9 медал надиҳанд.

23-юми декабри соли 1970 мачлиси кушоди партиявии факултет сурат гирифт. Одатан, бо гуноҳи декану котиби ташкилоти партиявӣ мачлисҳо мудом баҳсноку серчанҷол мешуданд. Мавзӯи асосии мачлиси партиявӣ тақдири кабинети Чомӣ буд. Профессор Ш.Ҳусейнзода бо як сӯзу гудоз ҳозириноро мефаҳмонд, ки имтиҳоноти зимистона оғоз меёбаду то ҳол кабинети Чомӣ ба фаъолият надаромадааст. Тасаввур мешуд, ки баъди ба бинои нав кӯч бастани факултет ду соли хониш паси сар мегардиду роҳбарият дар пайи обод сохтани кироатхонаи мазкур набуд. Ш.Ҳусейнзода чиддан таъкид сохт, ки дар ин маврид «ҳеч кас диққат надода истодааст». Мавсуф чунон дилсӯзона харф мезад, ки гӯё ягон чизи наздикашро аз даст дода бошад. Вай боҷуръатона декани факултет В.Асрорӣ ва котиби ташкилоти партиявӣ М.Давлатовро мазаммат кард ва ҳатто суханҳои ношуниданиро дар васфашон иброз дошт. В.Асрорӣ ҳам паст намеомад, балки ба ҳучум мегузашт ва худи Ш.Ҳусейнзодаро айбдор медонист. Ҳамон рӯз домулло се маротиба ба минбар баромад, то ки чиддияти мавзӯъро раёсати мачлис дарк карда бошад. Асрорӣ ҳамоно харфи худ такрор менамуд ва торафт боиси ба асаби Ш.Ҳусейнзода расидан мегардид. Сипас, домулло бори охир аз чой баланд шуду ба коммунистон мурочиат карда гуфт: «Ой,

коммунистон, охир ягон чиз гӯетон!». Аммо коммунистон «ба даҳон об гирифта буданду» ором менишастанд. Ин лаҳза Ш.Ҳусейнзода ба қафояш як назар андӯхту Неъматзодаро дид, ки бо профессор М.Болтаев якчо нишаста сӯҳбати худро дорад, гуфт: «Ой, Неъматзода! Ба даҳонат қурут гирифтай, ки хомӯш нишастай?» Ин ҳарфи домулло ҳамаро хандонду маҷлис ҳам бенатиҷа поён ёфт.

Домулло Д.Тоҷиев бемории қанд доштанду дар портфелаш ҳамарӯза ду-се донай себи он вақт машҳури ғармиро нигоҳ медошт. Фурсати танаффус якеро аз портфелаш мебароварду кордчаеро аз ҷайбаш гирифта, себро пӯст меканд ва дар ҳузури дигарон оромона тилим-тилим мехӯрд. Аммо одати ба касе аз он порчае доданро надошт. Чоште домулло ба дарс рафт. Ману Эргаш даҳони портфелро кушодему як дона себи ғармиро бароварда бо ҳаловат нӯши ҷон намудем. Д.Тоҷиев аз дарс омаду аз рӯйи одати пешакӣ даҳони портфелро кушоду ба дохилаш як назар андӯхта себеро бароварду ва сӯйи ман, ки назди мошинка нишаста, ба чопи мақолае машғул будам, муроҷиат карда, савол дод: «Худойназар, як себамро касе гирифтааст, ту-ку нестӣ?» Эргаш ҳам ки он лаҳза менишасту рӯзномаеро аз назар мегузаронд, чониби банда назар карду бехотир хандид. Домулло: «Ҳа, Эргаш чаро механдӣ? Ё гапам нодуруст-мӣ?»–гуфт. Мо ҳарду суп-сурх шудему аз домулло узр хостем, ки себашонро хӯрда будем. «Ҳеҷ гап не, майлаш, хӯрдед нагз кардед»,–гуфт Д.Тоҷиев. Он лаҳза аз шарм худро ба кучо заданро намеёфтам.

Профессор Д.Тоҷиев дар фаъолияти мудириаш ба ҳаман аъзоёни кафедра бовари надошт. Вай хуб дарк менамуд, ки баъзеҳо орзуи мудиршавӣ доштанду маъмали он буданд, ки кай домулло вазифаро месупорад. Таътили соли 1970 ба истироҳат рафтанӣ шуданду дар маҷлиси охирин гуфтанд: «Ман ба табобат мераваму то омаданам ҳарчи Худойназар мегӯяд, ҳамонро кунед...» Ҳама аъзоёни кафедра сӯйи якдигар менигаристанду аз ин рафтори домулло тааҷҷуб мекарданд. Банда ҳам худро ноҳинчор ҳис намудам. Воқеан,

домулло ҳама супоришҳоро ба ман мефармуд, ҳатто тақсими вагрузкаи муаллимонро ба ихтиёри камина вомегузошт. Ҳамон сол мӯҳлати мудирии Д.Тоҷиев поён меёфт. Ин ҳолатро баъзе аъзоёни кафедра медонистанд, ки бо декан В.Асрорӣ ва ректор Раҷабов С. маслиҳат карданду аз якуми августи соли 1970 дотсент Худойдод Ҳусейновро иҷрокунандаи мудири кафедраи забон таъин намуданд. Ачибии кор дар он буд, ки ҳама шогирдони домулло Б.Камолиддинов, М.Норматов, М.Қосимова, К.Шукурова, С.Ҳалимов ба ин табаддулоти ногаҳонӣ гӯё розӣ буданд. Х.Ҳусейнов лоиҳаи фармонро бароям нишон доду хоҳиш намуд, ки ҳуҷҷатҳои тақсимоти соатҳоро омода созам, то ки бо эшон якҷоя онро ба ҳар муаллим барои соли хониши 1970–71 тақсим намоем. Чунин рафторро дар мавриди шахсияте, ки ҳама аъзоёни кафедраро тарбия кардааст, дорои унвонҳои илмӣ гардондааст, ҷабру беадолатӣ дониста, супориши мудири «нав»-ро иҷро намекардам, балки мегуфтам: «Муаллим, саросема нашавед, ҳоло вақт бисёр аст, акнун август огоз ёфтааст» ва дигар баҳонаҳоро пеш меовардам. Медонистам, ки ин амали нотавонбинона дар набудани домулло сурат гирифтааст ва Д.Тоҷиев ҳеҷ гоҳ ба чунин фармон итоат нахоҳад кард, балки чорае хоҳад андешид. Пагоҳие Х.Ҳусейнов бандаро ба оши палави мудирӣ даъват намуд. Шояд эҳсос кард, ки бе лаборант корҳои мудириаш чомаи амал намепӯшанд. Чошт дар боғи истироҳатии вокзали Роҳи Оҳан даҳ-понздаҳ кас аз ҷумлаи муаллимони факултет ҷамъ омаданд. Зиёфат аз ҳисоби «мудири нав» Х.Ҳусейнов сурат мегирифт. Дар ду кат ҷойгир шудаванд. Ошпаз Набиҷон Саттории буд, ки дар кафедраи Ш.Ҳусейнзода ифои вазифа менамуд. Тақрибан ҳамаи аъзоёни кафедраи забон он зиёфатро хӯрданд. Шиорҳо медоданд, ба мудири нав муваффақият орзу мекарданд. Мансаб ачаб падидаест. Инсонҳоро гоҳе муттаҳид месозаду гоҳе парешон. Аммо ман боз ҳам сари шогирдони Д.Тоҷиев меандешидам, ки чаро то ин дарача бевафой зоҳир менамоянд. Зиёфат олӣ буд. Акнун

Х.Хусейнов метавонист, ки ба фаъолият бипардозад, вале ҳеҷ ак аз ҳаёи бандаро дар ҳолаи бевафоӣ нисбат ба домулло Д.Тоҷиев, ки хубиаш расида буд, карор бидиҳад. Бистуми августи профессор Д.Тоҷиев сари вазифаи мудирӣ ҳозир шуд. Дар кафедра маро танҳо дида аз таксими соатҳои муаллимон савол кард, ки то кучо расидаам. Фахмидам, ки домулло аз табаддулоти Худойдод Ҳусейнов иттилоъ надорад. Сипас кетаи мудиршавии ватандорашро барояш арз доштам. Ў чанд даҳза аз ман монду боз пурсид, ки аз ин ходиса декан кист? Гуфтам, ки оре. Асрорӣ маро даъват кард ва бо фармоиши ректор ошноям сохт, то ки бо Х.Хусейнов ҳамкорӣ намоям. «Номаъқул кардаанд», – гуфту шитобзада аз кафедра баромад. Баъд аз як соат омаду гуфт: «Рачабов фармонро тағйир дод. Биёр ҳуччатҳоро. Соатҳоро дукаса таксим кунем». Домулло дасту остинро боло заду каламаи сиёҳро ба даст гирифт ва ба таксими соатҳои муаллимон шурӯъ намуд. Ин даҳза оқи сабуке кашидаму хайрият адолат галаба кард, гуфтам дар ботин. Ба гумонам аз фаъолияти таъқибии Д.Тоҷиев мухолифинаш огаҳ ёфтанд, ки ду рӯз ягонтоаш ба кафедра ҳозир нашуд. Баъдан маълум шуд, ки ҳамон рӯз Д.Тоҷиев на ба назди декан ва на ба ҳузури ректор, балки ба кабули раиси Совети Вазирони Ҷумҳурӣ Абдулаҳад Қаҳҳоров, ки ҳампахриаш буд, меравад. Мавсуф ба ректор занг зада мегӯяд, ки ба профессор Д.Тоҷиев гараз нагирад, монад, ки дар вазифааш кор кунад. С.А.Рачабов, ки хеле рохбари болотарс маҳсуб мешуд, ҳамон лаҳза фармонро дар бораи Х.Ҳусейнов бекор менамояд. Чанд рӯз дар даҳлезу кафедрахо ба мудиршавии Х.Хусейнов механдиданд. Боз ҳамонҳое бештар вайро назоҳ менамуданд, ки зиёфаташро бо иштиёҳо нӯши чон карда буданд. Гохе ба чехраи шогирдони домулло менигаристаму хайфи чавонмардӣ мегуфтам, ба онон. Баъд аз ифшои ин ходиса меҳру муҳаббати Д.Тоҷиев нисбати банда даҳчанд гардид.

Фарҳод Зикриёев ном чавон, ки дар Институти Кирови Ленинобод муаллим буд, рисолаи номзадиашро ба кафедра оварда. Домулло харду нусхаро ба ман дода, хохиш намуд,

ки ба Б.Камолиддинов, Х.Ҳусейнов, А.Каримов ва дигар аъзоёни кафедра дихам, то ки онро хонанду ба мухокимааш омодагӣ гиранд. Як мох гузашту хондагихо иттилоъ додand, ки метавонем, рисоларо мухокима намоем. Аммо домулло тайёр набуд. Ҳар вакт ки сухан аз рисолаи Фарход оғоз мекардам, вай гапро ба дигар сӯ кашола мекард. Яъне, Д.Точиев холо намехост, ки рисола баррасӣ шавад. Фарходи бечора хар рӯз меомаду аз ман навъъҳро фахмидани мешуд. Дилам ба ӯ сӯхту рӯзе бо домулло дар танхоӣ монда хохиш намудам, ки рисоларо барои баррасӣ иҷозат дихад. Д.Точиев чанд лаҳза ба ин сӯву он сӯ нигариста «хайр майлаш, ту ки мехохӣ, гир нусхаи аввалро ба портфели ман андоз», -гуфт. Хушхол аз он будам, ки домулло сухани лаборанташро нашикаст. Сипас гуфтам: «Домулло набошад, барои рӯзи сешанбе эълон нависам». «Бале, эълонро нависе, мухокима мекунем», -гуён портфелашонро бардошта рафтанд. Таъчилан Фарходро ёфтам. Ӯ тамоми рӯз дар чойхонаи назди факултет менишаст. Хурсандии сохиби рисола хаду канор надошт. Гуфтам: «Фарходчон, акнун раведу барои 10-12 дакика хулосаи рисоларо омода созед ва хини мухокима харчи метӯянд бахс наороед, балки гӯед, ки хатман ислох менамоям. Хама гап дар дасти домулло аст. Эшонро ман розӣ мекунам, ки коратонро тавсия кунанд». Сешанбе хам омад. Х.Ҳусейнов чидди сӯхбат мекард. Б. Камолиддинов эродхо мегирифт. А.Каримов бошад, аз рӯйи дониши ленинградиаш харфхо мезад. Ба назарам М.Норматову М.Қосимова ва дигарон хам фикрхояшонро иброз доштанд. Абдурахмон Латифович Бухоризода, ки пахлуи Д.Точиев менишасту сигор дуд медод, пахонда бошад хам, аз нигохи «эхтимологӣ» чанд эродеро лозим дид. Д.Точиев хамаро гӯш медоду дар айни замон акнун рисоларо чо-чо варақгардон мекамуд. Пешакӣ домуллоро омода сохта будам, ки Фарходро дастгирӣ кунад. Навбат ба раиси мачлис, профессор Д.Точиев омад. Ҳарчанд ки рисоларо дуруст мутолиа накарда буд, захматхои илмии Фарходро кадр намуд ва дар нитиҳо хамагонро бовар кунонд, ки рисола арзанда аст ва мешавад, ки онро барои дифоъ тавсия намоем.

Дигар ба ҳеҷ кадом аз аъзоёни кафедра ҳукуки иловаҳо надод ва бо ҳамин Фарҳод ба орзуяш расид. Аъзоёни кафедра парешон шуданд. Ману Фарҳод ва домулло мондем. Тавре ба Фарҳод ёд дода будам, ба Д.Тоҷиев изҳори ташаккур кард. Банда ҳам як кори хайрро анҷом додани домуллоро таъкид сохтам. Домулло худро хушҳол медид. Ҳарчанд ба як пиёла чой даъваташ намудем, розӣ нашуд. Фақат гуфт: «Фурсати чойнӯшӣ меояд». Азбаски қиссаи домуллоҳо дар пеш хоҳад буд, ин ҳикоятро поён бахшида, ҷониби рӯйдодҳои дигаре аз сарнавишти хешу факултет мешавам...

ОМОДАГӢ БА АСПИРАНТУРА

Метавон гуфт, ки ду соли лаборантӣ омодагӣ ба аспирантура ҳам буд. Ду имтиҳони номзадиро аз фалсафа ва забони хориҷӣ супоридам. Фақат маъқули он будам, ки кай дар кафедраи адабиёти советӣ барои аспирантура ҷой медиҳанд. Мавзӯи рисолаи номзадиро пинҳонӣ аз Д.Тоҷиев бо С.Табаров муайян намудам. Соли аввали лаборантӣ домулло С.Табаров супориш дод, ки аз каталоги китобхонаи «Фирдавсӣ» даҳ-бист номгӯй фишурдаи рисолаҳои номзадиро ба ӯ пешкаш кунам. Ду-се рӯз вақтамро дар шӯъбаи каталог гузаронда, амри домуллоро анҷом додам. Мавзӯъҳо гуногун буданд. Аз ҷумла, проблемаи инъикоси бадеии шахси коргар дар насри бадеӣ бойси таваҷҷӯҳи С.Табаров гардид. Ин мавзӯъ дар адабиёти муосири тоҷик таҳқиқ нашуда буд ва ҳам мавзӯи ҳозиразамон ба назар мерасид. Бо домулло ба ҳамин хулоса омадем, ки «Симои синфи коргар дар насри бадеии тоҷик»-ро банд созем. Ин чунин маънӣ дошт, ки фурсат ёфта, оид ба мавзӯи мазкур маводи адабиву назариявӣ ҷамъ намоям. Дар ин муддат ҳарчи дар мавриди фаъолияти синфи коргари тоҷик буду тоза рӯйи чоп меомад, ҷамъ менамудам. Ҳикояву очерк, повесту романҳои адибони тоҷикро аз нигоҳи таҳқиқи адабиётшиносӣ мутолиа менамудам.

Домулло С.Табаров рӯзе гуфт, ки соли хониши ҳафтод

мӯҳлати аспирантии Барот Нозимов ба поён мерасаду ҷойи он, ки назарияи адабиёт буд, холӣ мешавад. Аз моҳҳои май сар карда ҳуҷҷатҳоро барои дохилшавӣ ба аспирантура тайёр карда, аввалҳои сентябри 1970 ба мудири шӯъбаи аспирантура Галина Сергеевна супоридам. Дар як ҷой худам танҳо будам. Каси дигаре ҳам, ки дар паҳлуям қарор мегирифт, намегузашт, зеро банда ду имтиҳони номзадӣ супорида будам ва бидуни озмун дохил мешудам. Фақат як имтиҳони дохилшавӣ аз таърихи Партияи Коммунистӣ месупоридаму бас. Ҳамон сол аз факултет мо – аспирантшавандаҳо се кас будем – Эргаш Шоев аз кафедраи забон, Тағай Ҳомидов аз кафедраи забони форсӣ ва камина аз кафедраи адабиёти советии тоҷик. Нимаи дуюми сентябр тайёриро барои супоридани имтиҳони таърихи Партияи Коммунистӣ сар кардам. Он ду низ дар ҳамин ҷода қарор доштанд. Мо якҷоя саволу ҷавоб менамудем. Барои ба баъзе саволҳо ҷавоби дурусту илмӣ гирифтан ба мутахассисони ин соҳа сӯҳбат менамудем. Масалан, кӯчаи Амиршоев хонаи Абдукибор мерафтем, ки аз ин фан дар Институти тиббӣ дарс мегуфт. Раиси имтиҳоноти қабул мудири кафедраи таърихи Партияи Коммунистӣ профессор Мулло Эркаев буд. Қаноти рости бинои Марказии Университет, ки ҳоло китобхона қарор дорад, марбути кафедраи номбурда буд. Кафедра кабинет – қироатхонаи худро дошт, ки сӣ-чил кас ба як нишаст ҷой мегирифт. Имтиҳон ҳамин ҷо гузашт. Имтиҳонгирҳо Моёншо Назаршоев, Арда Қувватов ва боз аъзои дигари кафедраи номбурда буданд. Маро М.Назаршоев хуб мешинохт, чунки дар омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб фанни мазкурро худаш дарс медод. Натичаи имтиҳонам «чор» шуд, ҳарчанд ки «панҷ»-ро интизорӣ доштам. Бо ҳамин банда аспиранти рӯзонаи кафедраи адабиёти советии тоҷик гардидам. Фармон ҳам баромад, вале Д.Тоҷиев иттилоъ надошт. Чоште назди бинои таълимӣ касеро интизорӣ мекашидам, ки профессор Д.Тоҷиев омаду баъди аҳволпурсӣ гуфт: «Худойназар, ман медонам, ки бачу кач дорӣ, ба ин 60 сӯми лаборантӣ рӯзат нахоҳад гузашт. Ман бисёр фикр кардаму бароят кори нағз

ёфтам. Дар шаҳр директори мактаб мешавӣ». Ман домуллоро то охир гӯш додаму баъд гуфтам: «Домулло, ташвиши беҳуда кашидед, ташаккур ба ҳама лутфу меҳрубонихоятон, ки нисбати ман зохир менамоед, аммо ҳамин рӯзҳо ба шумо гуфтанӣ будам, ки ба аспирантура дохил шудам ва вазифаи лаборантиро месупорам». Домулло хайрон монду «майлаш, кори нағз шудааст, табрик мекунам»,–гуфт. Сабаби бароям кори нав ёфтани Д.Тоҷиев ба он хотир буд, ки ӯро баъзе аъзоёни кафедра фишор меоварданд, ки чаро ду сол боз адабиётшинос вазифаи лаборантии кафедраи забонро банд мекунад, бехтар аст, ки ба ҷояш ягон ҷавони орзуи забоншиносӣ доштаро тарбия намоем. Борҳо дар ғайби домуллову банда аз иғвоандозҳои кафедра, ки асосиаш М.Норматов буд, мешунидам. Баъзан ба воситаи дигарон маро гӯшрас мекарданд, то ки ҷойро барои одами маъқули онҳо холӣ намоям. Барои ин даста, фақат шахси худашон лозим буд, монанди оне, ки донишҷӯёни бахши арабӣ номашро «исми нимҷон» гузошта буданд. Гап дар ин аст, ки ин муаллими ҷавон дар курси якуми арабӣ дарси амалии забонро мегузашт. Дар дарсе сари категорияҳои исм бахс меорояду ба шӯхии донишҷӯе бовар карда, исмҳои мӯйсафед, пиразанро «исми нимҷон» меномад, ба ин далел, ки онҳо пир шудаанду дер ё зуд мемиранд. Ба ҳамин восита пешниҳод менамояд, ки ба категорияҳои исм, категорияи нав – исми нимҷонро илова кардан лозим аст. Дар танаффус донишҷӯён садо баровардаанд, ки ин муаллим бесавод будааст, вагарна мӯйсафеду пиразанро исми нимҷон наменомид. Ёлам хаст, ки он соат ӯро баъзе ҳамшахриҳояш шиноида хуб ҷанг карданд. Вай бо дасташ аракҳои пешониашро тоза мекарду мегуфт: «Охир, он бачаҳо маро гаранг карданд. Ин қадар саволҳо медиҳанд, ки мондан гирад. Ниҳоят нафахмида пешниҳоди он донишҷӯро тасдиқ намудам ва бойси хандасор гардидам». Минбаъд ӯ ҳамчун муаллими «исми нимҷон» маъруф гардид. Ин мавзӯъ дар мачлиси кафедра низ мавриди бахс қарор гирифт. Аз ҳама беш вайро Аликбар Мӯъминов



Қиблагохи Худойназар - Асо Содиқ,
солҳои 50-ум



Фарзандон: Холназар, Мӯсо, Худойназар, Комрон - набераи марҳум ва Ҷумъахон дар сари қабри Асо Содик

мазоҳу масхара менамуд. Ба ҳоли ин ассистенти ҷавон дили кас месӯхт. Тасаввур кунед, ки ҳамин навъ хатмкардаро дар кафедра гирифта монда буданд. Албатта, бе ёрии сарвари факултет чунин хатмкардагони камдониш ба кафедраҳо мононда намешуданд. Дар ин ду соли лаборантӣ аъзоёни кафедраи забонро хеле хуб шинохтам, ки ду-се касаш саводи казой надоштанд, балки аз доираи китоби дарсии синфи панҷ беш намедонистанд. Масалан, Рустам Ҷӯраев хеле донишманд буд. Аммо баъди ин ки аз Афғонистон бо тавсифномаи дигархелтар ба кафедра баргаштанӣ шуд, ӯро пеш аз ҳама ҳамшаҳриёнаш хуш қабул накарданд, гӯё ки вай хиёнати сахте содир намудаасту ба онҳо таъсири манфи меоварда бошад. Медидам, ки чӣ навъ М.Норматов, Б.Камолиддинов, С.Воҳидов, Т.Неъматзода аз саломи Рустам Ҷӯраев мегурехтанд. Ман ин ҳолатро хуб эҳсос менамудам. Боре Р.Ҷӯраев гуфт: «Худойназар, майлаш ман В.Асрориро бо С.А.Рачабов мефаҳмам, вале ба ҳамшаҳриёни худам чӣ бало задааст, ки аз ман мегурезанд?». «Дунё ҳамин аст»,–гуфтам ба муаллими дӯстдоштаам Р.Ҷӯраев. «Оре, оре, дунё ҳамин будааст»,–гӯён хулоса мекард. Ҳамин шуд, ки Р.Ҷӯраевро ба Институти Кӯлоб «весилка» карданд.

Ба ҳамин тариқ, фаъолияти лаборантии банда дар кафедраи забони тоҷикӣ якуми ноябри соли 1970 қатъ гардид. Акнун аспиранти соли аввал шудаму бештар дар китобхонаҳо менишастам. Аммо ду моҳ таҳсил дида будам, ки январи соли 1971 аз Вазорати геологияи СССР даъватнома барои кори тарҷумоӣ дар Афғонистон расид. Чунон ки хонандаи гиромӣ иттилоъ дорад, қиссаи он дар китоби «Афғонистони шоҳӣ» инъикос гардидааст...

Оғози мусаввада – Пансионати Истаравшан, 13.06.02.
Поёни мусаввада – Душанбе, Турдиев, 47, 30.10.02.

Мундарича

Мукаддима....3

Фасли аввал

Деха. Овони тифливу бачагй. Момайй....8
Асо – фарзанди Солик....12
Исмимох – духтари Тохирбой....16
Дехаи Чинисой....18
Нахустмактаб....25
Муаллими солҳои ҷанг ва баъди он чй касе буд....29
Ба Шоҳназар чй шуд?....41
Моҷароҳое аз рӯзҳои зиндагй....45
Қиссаи охирини Чинисой....56
Вотунқалъа....61
Сангигӯр....69
Хари бури ҳангй....81
Марти соли 1953....86
Хонобод....95
Сафари Сталинобод....106
Хазони соли панҷоҳу панҷум....114
Мактаби Хонобод....119

Фасли дуюм

Шаҳр. Даврони навчавонй. Кӯлоб....126
Соли аввали таҳсил дар омӯзишгоҳи педагогй....129
Тоскалъа....144
Соли дуюми таҳсил дар омӯзишгоҳ....148
Ҷангҳои дастай ва тан ба тан....157
Як моҳи кӯҳнавардй....166
Рӯзу моҳе, ки дӯсташ намедорам....177
Соли сеюми таҳсил....196
Лаҳзаҳо аз дарсҳои муаллимони омӯзишгоҳиям....209
Соли чоруми таҳсил....218

Фасли сеюм

Вахшонзамин. Овони чавонӣ. Сафар ба Вахшонзамин.....232
Мактаб-интернати Ворошиловобод.....234
Чилликӯл.....249
Нахустфарзанд.....262
Моҷарохои Сохибназар.....264
Лахзаҳое аз рӯзгори чилликӯлӣ.....268
Қиблагох ба Чилликӯл омад.....274
Боз дар мактаби Чилликӯл.....277
Қиссаи Шамсиддин.....281
Ҳикояти охирин аз Чилликӯл.....286

Фасли чорум

Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин. Шаҳри Душанбе.....289
Факултети таърих ва филология.....297
Имтиҳоноти нахуст.....311
Соли дуюми таҳсил.....323
Сифати чанд муаллим.....328
Ҳамдарсон.....340
Дар тараддуди манзил.....346
Солзоди Ҷомӣ.....350
Садри нави факултет.....355
Идомаи таҳсили соли сеюм.....361
Номзад ба партия.....370
«Имконият бошад, болнитсаи Душанбе барен».....374
Моҷарои ҳамдарсон.....385
Лайливу Мачнуншавии ҳамдарсон.....393
Сарнавишти фарзандони Асо Содиқ ва Иқлимох.....399
Соли охири таҳсил хотирмон буд.....401
Лаборанти калон.....411
Дафни академик Баҳовалдинов.....420
Дар сӯҳбати Боқӣ Раҳимзода.....424
Лахзахое аз рӯзгори факултет.....427
Омодагӣ ба аспирантура.....434

Худойназар Асозода

ДОСТОНИ ЗИНДАГӢ

Муҳаррир: И. Раҳимӣ
Саҳифабанд: Б. Чабборова
Рассом: *Ч. Косимова*

Ба матбаа 20.12.2005 супурда шуд. Ба чопаш 10.04.06 имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Чузъи чопӣ 28. Когази офсет. Чопи офсет.
Адади нашр 200. Супориши 77

Нашриёти «Девашгич»
ш. Душанбе, хиёбони «Дустии халкхо», 47
Тел: 223-56-66, 227-61-47
E-mail: devashtich@tojikiston.com